Ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ва қисми зиёди масоҳати Помир (бо номи ноҳияи Помир) то ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Туркистон (30.04.1918) ба ҳайати вилоятҳои Самарқанду Фарғонаи кишвари Туркистон ва Тоҷикистон ҷанубӣ ва марказӣ бо номи Бухорои Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ ба ҳайати аморати Бухоро дохил буданд[21]. Сохтори судии ин давлатҳо чун замони томустамликадорӣ як хел набуд. Аморати Бухоро давлати динӣ-меросӣ буд. Аз ин рӯ, сохтори судӣ ва меъёри ҳуқуқии шариати исломӣ ҳамчун манбаи асосии шарҳдиҳии қозигӣ дар ин ҷо дар зери таъсири амир ва ашхоси рӯҳонӣ буд. Дар кишвари Туркистон бошад, сохтори судӣ дар асоси «Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон», ки соли 1886, қабул шуда буд ва дигар қонунҳои умуми империӣ амалӣ мегардид[31]. Ташкили ҳокимияти подшоҳӣ ва сохтори судии он дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони тоинқилобӣ мувофиқи Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон сурат гирифта буд. Дар асоси ин Низомнома ҳокимияти ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ муттаҳид шуда буданд, ки ин ҷиҳати хоси ташкили идоракунии Россияи подшоҳӣ дар кишварҳои миллӣ буд. Кишварро генерал - губернатор идора мекард, ки вайро бевосита императори Россия таъйин ва аз вазифа озод мекард. Ба вилоятҳо губернаторони ҳарбӣ, ба уездҳо сардорони уездҳо бо маъмурияти дахлдори маъмурию политсиягӣ роҳбарӣ мекарданд. Дар дастгоҳи кишвар тамоми вазифаҳои давлатиро ҳарбиён ишғол мекарданд. Дар тартиботи судии Туркистон тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Дар Туркистон ва ҳудуди тоҷикистонии империяи Россия ду сохтори судӣ: судҳои империӣ ва маҳалии- қозигӣ амал мекарданд. Сабаби ин гуна шакл гирифтани сохтори судии Туркистон ва аз ҷумла шимоли Тоҷикистон, бениҳоят пурзӯр будани таъсири анъанаҳои исломии қонуну қонунгузориҳо, диндор будани аҳолии мусалмони кишвар, чуқур реша давондани анъанаҳои ҳуқуқии шариат ва бениҳоят нуфузи зиёди ахлоқӣ доштани табақаи рӯҳониёни кишвар буд. Ҳамаи инро ҳукумати подшоҳӣ дар таъсиси сохтори судии худ ба инобат гирифта буд. Аз ин рӯ, додгоҳҳои қозигиро бекор накарданд. Россия аз асри XVI сар карда дар қаламрави худ ба анъанаҳои исломии судӣ дучор шуда буд ва таҷрибаи муайяни сохтории онро дошт. Ҳукумати подшоҳӣ натавонист, ки дар масъалаи органҳои судӣ анъанаҳои ҳуқуқӣ ва ҷазомуқарраркунии маҳаллиро тамоман аз байн барад. Бинобар, органҳои судҳои кӯҳна-додгоҳҳои қозигӣ ва муфтиҳо нигоҳ дошта шуданд, вале ҳуқуқу ваколати онҳо маҳдуд карда шуд. Додгоҳҳои қозигӣ фақат ҳамон корҳои ҷиноиеро дида мебаромаданд, ки ба масъалаҳои никоҳ, талоқ, тақсими мерос, ҷанҷолҳои оилавӣ, бадахлоқӣ, андоз, маҷбуриятҳо дар байни аҳолии маҳаллӣ дахл дошта бошад. Тамоми корҳое, ки характери сиёсӣ ва ё зидди давлатӣ чи дар иқтисодиёт ва чи дар сиёсат дошта, ба ихтиёри судҳои давлатӣ вогузошта мешуд.

Аввалин қарори ҳукумати подшоҳӣ бобати таъсиси судҳои маҳалли (судҳои қозигӣ) «Лоиҳаи муваққатии идоракунии вилояти Туркистон» аз 6 августи соли 1865 буд. Мувофиқи лоиҳа қозиҳоро намояндаи маъмурияти ҳукумати подшоҳӣ Губернатори ҳарбӣ таъйин мекард. Қозиҳо дар байни аҳолии мусалмон вазифаи судиро дар асоси шариат ба амал мебароварданд ва аз қарори баровардаи худ нисбати маҳаллиён дар назди губернатори ҳарбӣ ҳисобот медоданд[16]. Лоиҳаи муваққатиро 11 июли соли 1867 «Лоиҳаи низомномаи идоракунӣ дар вилоятҳои Ҳафтрӯд ва Сирдарё» иваз намуд. Мувофиқи ин лоиҳа, ки ба ҳукми қонун надаромад, аммо ҳамчун қонуни асосии идоракунии Туркистон то соли 1886, яъне то қабули «Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон» татбиқ мешуд, тағйир додани мавҷудияти як қатор ташкилотҳои додгоҳҳои қозигӣ ба инобат гирифта шуда буд.

Лоиҳа вазифаи қозикалон, қозӣ-аскар ва раисро барҳам зада, суди ягона, қозиро ба вуҷуд овард. Қозӣ ба муддати 3 сол «интихоб» мешуд. Лоиҳа инчунин дар ҳар қитъа ваколати қозигиро муқаррар карда, анҷумани қозигиро ҷорӣ намуд. Мувофиқи ин лоиҳа дар ҳамаи шаҳрҳои маркази уездҳо мебоист ҳабсхонаҳо амал мекарданд. Соли 1867 дар асоси лоиҳаи Низомнома тартиботи «интихоботи» қозиҳо ҷорӣ карда шуд,яъне ба тариқи овоздиҳӣ таъйин кардани ду номзад ба вазифаи қозигӣ,ки синашон на кам аз 25 сол бошад.

Лоиҳа ду дараҷаи суди қозигиро ба миён овард. Дар дараҷаи аввал, ҳалли корҳое, ки даъвояшон то 100 сӯм буд ва дар дараҷаи дуюм ҳалли даъвоҳои аз 100 сӯм боло. Ба ақидаи Ш. Розиқов «Қозиҳои маҳаллӣ (судҳои қозигӣ) метавонистанд парвандаҳои даъвоии то 100 сӯмро муҳокима кунанд, вале анҷуманҳои қозиҳо парвандаҳои даъвоҳои аз 100 сӯм боло ва ҷиноиеро, ки суди подшоҳӣ худ онҳоро маҳкумшаванда намешуморид»[11]. Дар асоси нишондоди лоиҳаи Низомнома ҳокимияти судӣ аз судҳои қозигӣ бийӣ, судҳои уездӣ, органҳои идоракунии вилоятӣ, комиссияҳои судҳои ҳарбӣ ва сенати ҳукмрон иборат буд [2].

Тағйироти дигаре, ки дар сохтори судии қозиёти Туркистон ворид гардид, «Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон» аз 12 июни соли 1886 ба тартиб даровarда шуд, ки аз 1 январи соли 1887 дар амал татбиқ гардид. Мувофиқи ин низомнома қозиҳо, судҳои халқӣ ва судҳои уездҳо судҳои оштидиҳанда номида шуданд. ду системаи судӣ амал мекардагӣ шуд: системаи судҳои умумиимперӣ :1) судҳои оштидиҳанда, судҳои вилоятӣ ва сенати ҳукмрон; 2) системаи судҳои маҳаллӣ, ки онҳоро судҳои халқӣ меномиданд. Ин система ҳам ду дараҷа дошт. Дараҷаи якум судҳои халқӣ (қозиҳо ва бийҳо) ва дараҷаи дуюм анҷуманҳои судҳои халқӣ. На камтар аз иштироки ду се судҳои ноҳия анҷумани судҳои халқӣ (қозиҳо) даъват карда мешуд.Анҷумани судҳои халқиро роҳбари уезд даъват мекард. Инчунин мувофиқи зарурат бо фармони губернатори ҳарбӣ анҷумани фавқулодаи судҳои халқӣ даъват карда мешуд. Тарафҳои ба қарори судҳои қозигӣ норозӣ метавонистанд, ки ба анҷумани судҳои халқӣ мурочиат кунанд [19].Ҳукм ва қарори қозиҳоро мумкин буд ба роҳбари уезд шикоят кард, бо нишондоди мавқуф гузоштани иҷроиши кадом ҳукм ваё қарор шикоят пешниҳод кардан барои тафтиш ба анҷумани судҳои халқӣ. Анҷумани судҳои халқӣ расман мегузашт, аммо онҳо баъзан ҳукм ваё қарори қозиҳоро бекор мекарданд. Дар бораи анҷуманӣ судҳои ҳалқӣ Н. Лыкошин маълумоти хуберо ба қалам додаст.Танҳо дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон 5 анчумани судҳои халқӣ (қозиҳо) амал мекард. Мувофиқи низомнома дар уездҳо судҳои оштидиҳанда ва дар вилоятҳо судҳои вилоятӣ таъсис дода шуд [10].

Бо қонун 2 июли соли 1898 боз ислоҳоти системаи судии Туркистон «Дар бораи тағйири судҳо дар Туркистон ва вилояти Дашт (Степной)» гузаронида шуда, низоми судии он ба уставҳои соли 1864 мутобиқ - наздик карда шуда, судҳои оштидиҳанда, судҳои округӣ (ба ҷойи судҳои вилоятӣ) палатаи судҳо таъсис дода шуданд, ки то октябри соли 1917 амал кардаанд [17]. Танҳо дар уезди Хуҷанд дар чаҳор қитъаҳо суди оштидиҳанда ва судяи оштидиҳандаи корҳои оштидиҳии шаҳри Хуҷанд амал мекард [25]. 28 январи соли 1899 ҷадвали қитъавии судҳои оштидиҳандаи кишвари Туркистон таъсис дода шуд. Дар асоси нишондоди ин ҷадвал дар уезди Хуҷанд як қитъаи суди оштидиҳандаи уездӣ дар шаҳри Хуҷанд амал мекард [14]. Баъдтар чуноне ки дар боло қайд кардем, дар уезди Хуҷанд чор судҳои қитъагӣ: ду суди оштидиҳанда ва ду тафтишотӣ амал мекардагӣ шуд.

Тибқи сарчашма ва адабиёти бадастомада маълум гардид, ки таърихи таъсиси қитъаҳо маълум нест. Танҳо аз соли 1868 мавод дар БМДҶТ бобати қитъаҳои судҳои оштидиҳандаи уезди Хуҷанд маҳфуз аст [24].

Ба минтақаи якуми судҳои оштидиҳандаи уезди Хуҷанд :1) шаҳри Хуҷанд; 2) ноҳияҳои Қистақӯз, Ғӯлакадоз, Унҷӣ, Нов, Чапқулуқ, Исфара, Баксасберген, Арал ва Ғончӣ; 3) деҳаи Сретенский; 4) хати роҳи оҳан аз истгоҳи Хилково то чақрими 10 роҳи байни Хуҷанд-Веревкино дохил мешуданд.

Ба минтақаи дуюми шуъбаи суди уездии тафтишотии Хуҷанд ҳамон қитъаҳои судҳои оштидиҳанда дохил буданд.

Ба минтақаи сеюми суди оштидиҳандаи уезди Хуҷанд :1) шаҳри Уротеппа ва ноҳияҳои атрофи он шаҳр; 2) вилоятҳои Шаҳристон, Ирҷар, Савот, Масҷоҳ, Дален; 3) деҳаи Черняево; 4) истгоҳи Черняево ва Спасский то истгоҳи купруки роҳи оҳани Сирдарёро дар бар мегирифт.

Минтақаи чаҳоруми суди уездии тафтишотии Хуҷанд ҳам ҳамин минтақаҳоро дар бар мегирифт [28].

Дар хусуси таърихи шаклгирии қозиёти ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистон чизе гуфтан корест мушкил. Чаро ки дар адабиёти таърихӣ санаи таъсиси қозиёти ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистони тоинқилобӣ чизе дарҷ нашудааст. Танҳо аз соли 1870 мавод дар БМДҶТ бобати 17 судҳои халқии шимоли Тоҷикистон маҳфуз аст [30]. Аммо гуфтан мумкин аст, ки аз соли 1867 мувофиқи лоиҳаи "Низомнома дар бораи идоракунии вилоятҳои Ҳафтрӯд ва Сирдарё», ки давраи омӯзиши мавзӯи тадқиқотист, додгоҳҳои қозигӣ дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, ки ба 4 қитъа (пристава), 26 волосту 178 ҷамоати деҳотӣ дорои қариб 400 ҳаз. аҳолӣ тақсим шуда буданд [6], дар баробари судҳои оштидиҳанда мавҷуд буданд ва амал мекарданд. Чаро ки лоиҳаи низомнома бобати тамоми қозиёти кишвари Туркистон татбиқ шуда буд ва ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, чуноне ки дар боло қайд кардем, мутобиқан ба ҳайати вилоятҳои Сармарқанду Фарғонаи кишвари Туркистон дохил буданд ва фаъолияти онҳо - қозиҳо мутобиқ ба лоиҳаи низомнома ва аз соли 1886 мутобиқ ба низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон ва дигар қонунҳои умумиимперӣ сурат гирифта буд. Ҳамаи қонунҳои ҳукумати подшоҳӣ,ки дар Туркистон ва ҳудуди Тоҷикистонии Империяи Россия амал мекарданд ва ба воситаи органҳои судӣ татбиқ карда мешуданд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешуданд. Ба гурӯҳи якум он ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқӣ ва қонунҳое дохил мешуданд, ки характери умумимперӣ доранд, яъне барои тамоми империяи Россия дахл доштанд ва ҳамчун нормаҳои ҳуқуқӣ амал мекарданд ва истифода мешуданд. Ин ҳамон қонунҳое буданд, ки сарфи назар аз мансубияти миллӣ, нажодӣ ва диниашон барои тамоми шаҳрвандони Роосия дахл доштанд ва ба воситаи органҳои судӣ ва адлияи русӣ татбиқ карда мешуданд. Ба гурӯҳи дуюм қонунҳое дахл доштанд, ки танҳо барои генерал-губернатории Туркистон бароварда шуда буданд ва истифодаи онҳо фақат дар Туркистон роиҷ буд.

Баъди забти Осиёи Миёна аз ҷониби Россия ва барпо шудани низоми идоракунии мустамликавӣ, аз ҷумла органҳои суд ва дигар органҳои ҷазодиҳӣ, чи дар сарзамини Россияи подшоҳӣ ва чи дар кишвари Туркистон чунин қонунҳо амал

мекарданд: «Маҷмӯи қонунҳои гражданӣ», «Устав дар бораи векселҳо» (1835), «Маҷмӯи қонунҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноӣ ва муслиҳӣ" (1866), «Таъсисоти қонунҳои судӣ» (1886), «Устави судӣ» (1868), «Устав дар бораи ҷазоҳое, ки судҳои оштидиҳанда муқаррар кардаанд» (1865). Аксарияти маҷмӯи қонунҳо вобаста ба шароити вилоятҳои кишвари Туркистон бобу қисмҳои алоҳидаро дар бар мегирифтанд, ки ба қонунҳои дахлдор иловаю тағйирот ворид мекарданд ва онҳо пеш аз ҳама ба манфиати дигар халқҳои маҳаллӣ равона шуда буданд. Чунин ҳолатро ба таври мушаххас дар ҳар кадом қонун ё фармони ҳукумати подшоҳӣ дидан мумкин аст, ки масъалаҳои додрасии судҳои оштидиҳанда ё судҳои маҳаллӣ-қозиҳоро танзим медоданд [20].

Дар Туркистон, аз ҷумла шимоли Тоҷикистон, қозиҳо амалияи судиро дар асоси шариати исломӣ, ки дар «Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон» (1886), инчунин указҳои ҳукумат ва қарорҳои вазорати корҳои дохила, вазорати ҳарбӣ, вазорати адлия, ки ба қонунҳои махсус дохил буданд, ба амал мебароварданд. Инчунин фармонҳои генерал- губернатор ва губернаторони ҳарбӣ, аз он ҷумла фармонҳои гуногуни ба табъ расидаи онҳо дар бораи таъйин шудани шахсони мансабдор, ки барои Туркистон равона шуда буданд, ҳукми қонунро дошта, иҷроишашон барои маҳаллиён ҳатмӣ буд. Яъне ҳуқуқҳои империӣ ба воситаи қонунҳо муқаррар ва амалӣ карда мешуданд. Акнун тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсиву маданӣ, ки ҳадафҳои Россияро дар Туркистон ҳимоя мекарданд, дар доираи қонунҳои ҷории давлатӣ баррасӣ мегардиданд. Тавассути қонунҳои умумидавлатӣ ҳама гуна масъалаҳои идоракунии фаврӣ ва пахш намудани муборизаи миллӣ-озодихоҳии халқҳои муқимиро ҳал кардан мумкин буд.

Ҳукумати подшоҳӣ чун замони амирӣ маҳаллиёнро аз одитарин озодиҳои умумишаҳрвандӣ маҳрум месохт. Масалан, мувофиқи «Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон» генерал-губернатор ҳуқуқ дошт «Маҳаллиёни аз ҷиҳати сиёсӣ хавфнокро» бе ҳукми суд аз кишвар то 5 сол бадарағa карда, дар мавриди содир кардани ҷинояти вазнин ташаббускорону иштирокчиёни шӯришро аз рӯйи қонунҳои замони ҳарбӣ ба суд диҳад. Губернаторони ҳарбӣ бошанд, мувофиқи салоҳдиди худ - бе ҳеҷ як ҳукми суд ё бо хабари сардорони уездҳо, метавонистанд маҳаллиён ва маъмурони маҳаллиро то як моҳ ба ҳабс гиранд. Сардорони уездҳо бошанд, дар навбати худ, маҳаллиёнро барои итоат накардан ва амру фармонҳои ҳукуматдорон ва гуноҳҳои алоҳида то 7 рӯз ҳабс кунанд ё аз онҳо 15 сӯм ҷарима ситонанд. Ноибони сардорони уездҳо ва приставҳои қитъаҳо метавонистанд ҷунинҳоро то 3 рӯз ба ҳабс гиранд ё то 5 сӯм ҷарима биситонанд [9]. Инчунин дар "Низомномаи муваққатӣ дар бораи идоракунии вилояти Закаспий "омадааст,ки сардорони уездҳо метавонистанд маҳаллиёнро то 1 моҳ ҳабс кунанд ё то 30 сӯм ҷарима ситонанд. Ноибони сардорони уездҳо ва приставҳои қитъаҳо метавонистанд то ду ҳафта ба ҳабс гиранд ё то 10 сӯм ҷарима биситонанд [3].

Чунин қонунҳо ба органҳои идоракунии мустамликавӣ, барои он ки маҳаллиёнро бо ҷурму баҳонаи аз ҷиҳати сиёсӣ беҳуқуқ будан худсарона ва бе ҳукми суд ҷазо диҳанд, имкониятҳои бепоён медод. Россияи подшоҳӣ дар муҳокимаи корҳои ҷиноии маҳаллиён ҳам аз қонунҳои умумидавлатӣ ва махсус барои маҳаллиён, ки ҳамчун замима ба қонунҳои асосӣ қабул мешуданд, истифода мебурд. Судҳои давлатӣ инчунин бо хоҳиши тарафҳои даъвогар корҳоеро дида мебаромаданд, ки ба судҳои оштидиҳанда дахл доштанд. Маводҳо доир ба уезди Хуҷанд собит месозанд, ки даъвоҳои корҳое, ки бо иштироки ҳукуматдорони рус содир шудаанд, инчунин даъвои баҳсҳои байни аҳолии муқимии маҳаллӣ, ашхоси ғайри маҳаллӣ ва миёни маҳаллиёни халқҳои гуногун дар асоси меъёрҳои дахлдори «Маҷмӯи қонунҳои гражданӣ» ва аз рӯйи «Устави мурофиаи судии гражданӣ», ҳал карда мешуданд [27] .Масалан, судҳои оштидиҳандаи қитъаҳои 1 ва 2-юми уезди Хуҷанд дар давоми солҳои 1904 - 1905 974 кори шаҳрвандиро дида бароманданд, ки бештар аз нисфи корҳои муҳокимакардаи онҳоро ташкил медоданд [26]. Албатта ин аз он шаҳодат медиҳад, ки худи мурофиа ё шаҳодати корҳо дар ҳузури ҳукуматдорони рус маънои онро дошт, ки тарафҳо майл доштанд барои ҳимояи манофеи худ аз қонунҳои умумӣ ҳам истифода баранд. Бинобар, судҳои халқӣ-қозиҳо, судҳои оштидиҳанда ва дигар судҳои умумидавлатӣ ҳам корҳои ҷиноӣ ва ҳам корҳои шаҳрвандиро дида мебаромаданд.

Баъди дар Туркистон, аз ҷумла дар шимоли Тоҷикистон, паҳн гардидани ҳуқуқи империӣ ва барқарор шудани низоми мустамликавӣ доираи амали шариати исломӣ маҳдуд мешавад. Чунин ҷазоҳо, монанди зинда ба зинда гӯронидан, сангсор кардан, аз манора партофтани маҳкумон, дасту пойро буридан, ба равғани доғ ғутондан, гӯшу биниро буридан, чашмонро кофта гирифтан ва монанди инҳо, ки қозиҳо татбиқ мекарданд, бекор карда шуданд, мегӯяд С. Сулаймонова [18]. Ин вазъият ба он алоқаманд буд, ки ҳукумати подшоҳӣ ба зимаи қозиҳо асосан муҳокимаи корҳои гражданӣ хусусан корҳои оилавӣ: никоҳ, талоқ, мерос, ҷанҷолҳои оилавӣ ва ҳамсояҳоро монда буду, фаъолияти онҳоро дар муҳокимаи корҳои ҷиноӣ ва баровардани ҳукм ҳам маҳдуд карда буд. Ба додгоҳҳои қозигӣ татбиқи танҳо ду ҷазоро иҷозат дода буд: 1) ҳабс кардан ба муддати на зиёда аз 1 солу 6 моҳ; 2) ҷарима муайян кардан то 300 сӯм [15] .Барои татбиқи ҳамин ҳадди ҷазо ҳам судҳои қозигӣ ҳолатҳои ҳадди ҷазоро намедонистанд. Намедонистанд, ки барои ҷи судшаванда 1 моҳ ва барои ҷи 1, 5 сол ё барои кадом ҷиноят 1 сӯм ва барои кадом 300 сӯм. Ғайр аз он то соли 1907 ба қозиҳо иҷозат дода шуда буд, ки назди генерал-

губернатор бо дархости ба Сибир бадарға кардани ашхоси хавфнок дароянд, вале баъдан ин имтиёзи онҳо бекор карда шуд.

Албатта, номуайяние, ки аз вазъияти зикршуда ба миён меомад, хусусан дар корҳои ҷиноие, ки қозиҳо баррасӣ мекарданд, яъне онҳо аз рӯйи кадом ҷинояти конкретӣ маҳкум карда ва ҷаримаи пулӣ ситонида метавонистанд, кадом вақт ҳадди камтарин ва кадом вақт ҳадди бештарини ин ду намуди ҷазоро татбиқ намоянд, ин имконият медод, ки қозиҳо худсариҳо кунанд.

Ҳукумати подшоҳӣ фаъолияти судҳои халқӣ-қозиҳоро дар татбиқи моликият ба заминро ҳам маҳдуд карда буд. Дар асоси қонун 10 июни соли 1900 ва моддаи 235«Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон» ба қозиҳо татбиқ кардани мусодираи қитъаи заминро байни сокинони маҳаллӣ, агар арзишаш аз 300 сӯм зиёд набошад, муқаррар намуд [29]. Мувофиқи низомнома ҳама баҳсу даъвоҳои миёни аҳолии маҳаллиро оиди қитъаи замини арзишаш бештар аз 300 сӯм судҳои давлатӣ дар асоси қонунҳои умумӣ ва махсуси ҳукумати подшоҳӣ баррасӣ мекарданд.

Дар моддаи 255 низомнома гуфта мешуд, ки аҳолии маҳаллии деҳот ба заминҳое ҳуқуқ доранд, ки мулки бобоияшон буду дар асоси урфу одатҳои маҳаллӣ онро мунтазам истифода ва ихтиёрдорӣ мекарданд.

Чуноне ки гуфтем, тартиботи интихоботи қозиҳо ҳоло дар лоиҳаи «Низомномаи идоракунӣ дар вилоятҳои Ҳафтруд ва Сирдарё» соли 1867 муайян гардида буд. Низомнома (1886) тартиботи интихоботи қозигиро тағйир дод,қозиҳо аз ҳар 50 соҳибхона як нафар интихоб мешуданд. Ба вазифаи судӣ ду нафар интихоб мешуд : судя ва номзад ба он.Тасдиқ шудани онҳо аз губернатор вобаста буд,дар сурати тасдиқ нашудан интихоботи нав гузаронида мешуд. Онҳо ҳеҷ гоҳ азму хоҳиш ва манфиатҳои халқи заҳматкашро ба инобат намегирифтанд, зеро ба ин вазифа намояндагони ҳақиқии меҳнаткашон қозӣ интихоб карда намешуданд. Одатан онҳое қозӣ интихоб мешуданд, ки намояндагони табақаи дорои ҷамъият буданд. Дар ин бора гуфтаи устод Айнӣ ҷолиб ва боиси зикр аст. Чун, ки ҳеҷ таърихнигор беҳтар ва фозилтар аз устод Айнӣ вофиқ аз рӯзгори амирӣ ва нигориши ҳақиқати ҳол набуд ва нест: «...интихобшаванда аввал пули бисёреро харҷ карда, ҳокими уезд, пристав ва дигар амалдорони подшоҳиро дар интихоботи худ розӣ мекард ва баъд аз он боз маблағи калоне сарф намуда, оқсақолони маҳалла ва деҳаҳоро мехарид, ки онҳо интихобкунандагони ӯ буданд. Пас аз ин тайёрӣ, он каси қозишаванда номзадии худро дар интихобот мегузошт ва бешаку шубҳа мегузашт» [1]. Материалҳои бойгонӣ доир ба уезди Хуҷанд низ харида шудани интихоботи қозигиро собит месозанд. Дар соли 1903 шаҳрвандони волости Ғулакандоз дар бораи харида шудани интихоботи 50 нафараи суди халқии ҳамин волост ариза нависонданд. Дар натиҷаи гузаронидани тафтишот маълум гардид, ки пеш аз интихоботи суди халқӣ Абдуқуддус Халифаев вазифаи қозигиро аз 10 то 30 сӯм харидааст[23]. Албатта, хоҳ қозиҳои Туркистони мустамликавӣ бошанд, хоҳ қозиҳои амирӣ, маблағи ба ин кор сарф намудаи худро яке бар даҳ карда, аз аҳолии меҳнаткаш меситониданд.

Хулоса, ҳамаи ин гарчанде имконияти заминасозӣ ва баҳри манфиати синфи истисморгар хизмат кардани қозиҳоро инкор намекард, вале мавқеи онҳоро хеле суст карда буд. Додгоҳҳои қозигӣ маҷбур буданд тавре амали худро ба роҳ монанд, ки он ба ҳадафҳои иқтисодӣ ва сиёсии Россияи подшоҳӣ дар кишвари Туркистон, аз ҷумла шимоли Тоҷикистон мухолиф набошад. Аз ин рӯ, он соҳаҳои ҳаётӣ ҷамъиятие, ки ба асосҳои ҳукумати подшоҳӣ иснод намеоварданду, вале барои оромии тартиботи ҷамъиятиву сиёсӣ ва тобеияти мустақилона ёрӣ медоданд, бо ҳукми қозиҳо аз рӯйи анъанаҳои миллӣ ҳаллу фасли худро меёфтагӣ шуданд. Яъне дастгоҳе ба вуҷуд оварда шуда буд, ки хукмронии бевоситаи ҳукумати подшоҳӣ ва феодалони маҳаллиро таъмин карда метавонистанд ,ва ин усул ба воситаи қонунҳои империӣ, нормаҳои ҳуқуқӣ ва қонуниро гирифта буд. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани додгоҳҳои қозигӣ ҳам барои ҳукумати подшоҳӣ ва ҳам барои бойҳои рӯҳонӣ аҳамияти калон дошт. Онҳо дар идора кардани кишвар худро шарик мешумориданд ва сохтори империяро ҳимоя мекарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Айнӣ С. Қозиҳо пеш аз октябр // Болшевики Ғарм.- 1949. - 5 феврал
2. Буриев И. Б. Судебные институты государственности досоветского Таджикистана. - Душанбе: Ирфон, 2010.- С. 102.
3. Временное положение об управлении Закаспийской областью // Свод законов Российской империи. - М; 1899, Т.2, ль. 1.- С. 231-234.
4. Гафуров Б.Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби дуюм. - Душанбе: Ирфон, 1998.- Саҳ. 168.
5. Гордиенко А. А. Создание народно-советского государства и права и их революционно-преобразующая роль в Хорезме и Бухаре. - Тошкент: из-во САГУ, 1959. -С. 9; ИноятовТ. Суды Советского Узбекистана в борьбе с феодально-байскими пережитками. - Ташкент: Из-во САГУ, 1958.- С.5.
6. История таджикского народа. - М; 1964, т.2, Кн.2.- С. 135, 140, 141.
7. Лыкошин Н. Казии (народные судьи) Бытовой очерк оседлого населения Туркестана. Русский Туркестан. Сборник.-т.1. Приложение к газете «Русский Туркестан».-Тошкент, типография "Русский Туркестан." 1899.- С.19.Лыкошин Н.Русский Туркестан,Сборник .-т,1892.-С. 52.
8. Маджлисов А. Каратегин накануне установления Советской власти.- Сталинабад: Таджгосиздат, 1959.- С.27-74; Маҷлисов. О. дар бораи қозиҳо //Тоҷикистони Сурх.- 1951.-12 декабр.
9. «Положение об управлении Туркестанским краем» // Свод законов Российской империи. – М., 1910. Т.2.- ль. 2, стр. 15,16,44,64.

10. «Положение об управлении Туркестанским краем» //Свод законов Росийской империи- С - Петербург, 1982. Т.2, раз. 2, стр 17-28; Сулайманова Х.С. Уголовное право дореволюционного Туркестана. Материалы к истории Советского государства и права Узбекистана. - Ташкент, 1958, С. 28-30
11. Разыков Ш. К истории Советского суда в Таджикистане. - Сталинабад :Таджикгосиздат, 1960.- С. 25.
12. Разыков Ш. К истории советского суда в Таджикистане.- Сталинабад: Таджикгосиздат, 1960. -С.9-34; Расулев А. Создание и развитие Советского суда в Узбекистане.- Тошкент; Госиздат Уз ССР, 1957.- С.8.34.
13. Расулев А. Создание и развитие Советского суда в Узбекистане. - Ташкент: Госиздат Уз ССР, 1957.- С. 9.
14. Собрание узаконений и распоряжений Правительства издаваемое при правительствующем Сенате.-С-Петербург: Типография правительствующего Сената, 1899.-С. 1682-1688.
15. Сулайманова Х.С. Собрание сочинений . - Ташкент, 1967. Том. 1 Раз. 1. - С. 62.
16. Сулайманова Х.С. Создание и развитие Советского суда в Туркестанской АССР (1917-1927). - Ташкент, 1954.- С.9-10.
17. Сулайманова Х.С. Создание и развитие Советского суда в Туркестанской АССР (1917-1927). - Ташкент, 1954.- С.13.
18. Сулайманова Х.С. Уголовное право дореволюционного Туркестана. Материалы к истории Советского государства и права Узбекистана. - Ташкент, 1958.- Стр. 63
19. Тахиров Ф. Становление советского права в Таджикистане. - Душанбе, 1987. - С. 25.
20. Тахиров Ф.Становление советского права в Таджикистане.- Душанбе, 1987.- С. 26.
21. Уразаев Ш. З. Туркестанская АССР и ее государственно-правовые особенности. – Ташкент: Госиздат УЗ ССР,1958.-С. 78.
22. Фиолетов Н. Судопроизводство в мусульманских судах (суды казиев) Средней Азии //Новый Восток.- 1928 № 23-24.- С. 205-209.
23. ЦГАРТ Ф. 1, оп. 1,д.397, Л. 10 - 12.
24. ЦГАРТ Ф. И 18, оп. 1,д.2,
25. ЦГАРТ Ф. И 21, И 22, И 31, И 32.
26. ЦГАРТ Ф. И 21, оп. 1, д.76
27. ЦГАРТ Ф. И 21, оп.3, д. 25, Л.1.
28. ЦГАРТ Ф. И 29, оп. 1, д. 18, Л. 9-10
29. ЦГАРТ Ф. и 32, оп. 1, д.3
30. ЦГАРТ Ф. И 41, оп. 1, д.1;ф.И 76,оп.1,д.1;Ф.И 57,оп.1,д.1;Ф.И 67,оп.1,д.1;Ф.И 62,оп.1,д.1;Ф.И 45,оп.1,д.1;Ф.И 73,оп.1,д.1;Ф.И 79,оп.1,д.1;Ф.И 60,оп.1,д.1;Ф.И 84,оп.1,д.1;Ф.И 186,оп.1,д.1;Ф.И 59,оп.1,д.1;Ф.И 78,оп.1,д.1;Ф.И 188,оп.1,д.1;Ф.И 53,оп.1,д.1;Ф.И 66,оп.1,д.1;Ф.И 37,оп.1,д.1.
31. Шодиев И. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX - нач. XX вв.) Автореф. дис… канд. юрид. наук. - Душанбе, 2009.- С. 41.

**СУДЫ _- КАЗИАТЫ ТУРКЕСТАНА В 1867-1917 ГОДЫ**

Данная статья посвящена изучению истории формирования и деятельности судов-казиатов в дореволюционном Туркестане. До сих пор серьезно не изучена история судов - казиатов как одного из важнейших частей административно-правовой структуры государств Средней Азии, которые действовали очень долгое время – до 20-ых годов XX столетия. Поэтому изучение и рассмотрение данной проблемы имеет очень важное научное и нравственное значение.

**Ключевые слова:** административно-правовая структура государств Средней Азии, дореволюционный Туркестан, суды-казиаты, история формирования и деятельности судов-казиатов.

**COURTS TURKESTAN IN 1867-1917 YEARS**

This article is devoted to the study of the history of the formation and activities of the courts in the pre-revolutionary Turkestan. Still not seriously studied the history of the courts as one of the most important parts of the administrative and legal framework of the States in Central Asia which acted very long time - up to 20-ies of the XX century. Therefore the study and consideration of the given problem has a very important scientific and moral value.

**Key words:** administrative and legal structure of the Central Asian States, the pre-revolutionary Turkestan, the courts, history of formation and activities of the courts.

**Сведения об авторе:** ***Х. З. Аслонов*** – аспирант Таджикского национального университета

# НИГОРАҲОИ ШӮЪБАИ МАРДУМШИНОСӢ ДАР ОСОРХОНАИ ВИЛОЯТИИ БА НОМИ «АВАСТО»

***А.С.Саидмуминов, С.Самиева***
**Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Осорхонаи таъриху кишварщиносии вилояти Хатлон соли 1980 таъсис дода шуда, соли 1982 дари худро ба руйи тамошобинон боз намудааст. Пас аз 30 соли мавҷудияташ осорхона бо ғамхории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барои сохтмон ва ба истифода додани биноиз наву замонавии он 8 милион сомонӣ ҷудо гардид. Ин буд, ки дар муддати муайянгардида осорхона ба истифода дода шуд. Осорхонаи таъриху кишваршиносии вилояти Хатлон ба номи Авасто бо қарори раиси вилояти Хатлон таҳти рақами 322 аз 30 ноябри соли 2011 дар заминаи Осорхонаи таъриху кишваршиносии вилояти Қӯрғонтеппа таъсис ёфта, муассисаи мустақил аст. То имрӯз хазинаи осорхона 2676 нигора дошта, дар ҳашт шӯъба нигоҳ дошта мешаванд. Яке аз шӯъбаҳои ниҳоят бойи он бо теъдоди 519 нигора ин шӯъбаи мардумшиносӣ (этнографӣ)[5] мебошад.

**Едгориҳои мисгарӣ** - таърихи чандин сола доранд. Нигораҳои аз мис сохташуда, ки аз ҳунари волои мардуми Хатлонзамин дарак медиҳад, дар гушаи мардумшиносӣ маҳфузанд. Мисгарони хатлонӣ аз қадимулайём ба ин ҳунар даст зада, бо ҳунари волои худ диққати ҳазорон одамонро ба худ ҷалб менамоянд. Дар ин гӯша кӯза,

[5] Этнография-аз калимаи Юнонии «Этнос»-халқ, «граафос»-омӯхтан мебошад.

офтоба, самовар (офтоба-чойҷуш) ва дигар ёдгориҳо маҳфузанд ва ба намоиш гузошта шудаанд. Ин асбобҳо маҳсули дасти мисгарони вилоят мебошанд.

**Ёдгориҳои дуредгарӣ -** ҳунари кандакорӣ яке аз ҳунарҳои мардумии аҳолии Хатлонзамин ба ҳисоб меравад, ки таърихи ҳазорсола дорад. То имрӯз дар масҷидҳо ва дигар муассисаҳои ин вилоят санъати кандакорӣ васеъ истифода мегардад. Ин аст, ки устоҳои кандакори вилоят усто Ҳусайн, усто Ҳисорӣ ва садҳо нафари дигар ҳамеша бо ҳунари худ вирди забонҳо ҳастанд. Дар осорхона ҳунари дастии ин устоҳои маъруф нигоҳ дошшта мешаванд. Аз ҷумла, дар хазинаи осорхона табақ, қошуқ, уғурча, кафшҳои чубин, шамшери чубин ва амсоли инҳоро, ки аз ҳунари волои устоҳои вилоят дарак медиҳанд, дидан мумкин аст.

**Ҳунари кулолгарӣ** - ин санъати ҳунар низ дар баробари мисгудозӣ ва кандакорӣ таърихи ҳазорсола дорад. То давраи шӯравӣ аксарияти ашёҳои кулолгарии мардуми ин водӣ маъруфу машҳур буданд. Ҳунармандон дар ноҳияҳои алоҳидаи он ҳаёт ба сар мебурданд. Ин аст, деҳаҳо оҳиста-оҳиста номи ҳунармандонро мегиранд.[6] Ба ин намуди ҳунар дар баробари мардҳо занҳо низ даст доштанд. Гушаи мардумшиносии ин осорхона кӯза, хурмаҳои ҳархела, чағдег, офтоба, хурмаи ширпопӣ ва дигар асбобҳои рӯзгорро, ки аз лой сохта шудаанд, дар худ нигоҳ медорад. Ин аз санъати волои мардуми Хатлон дарак медиҳад. Дар кӯҳистон кулолӣ асосан касби занон аст. Онҳо коса, кӯза, хурма, табақ, тағора ва ғайраҳо месохтанд.

Зарфҳои кулолӣ зарфҳои ҳам гилӣ ва ҳам чинии сир, ки одатан дар зери сираш нақшу нигор дошт, дар як қатор ноҳияву деҳаои Хатлон истеҳсол карда мешуданд. Хусусан моли зарфсозони Кулобу Ховалинг, инчунин деҳаҳои Доробӣ, Шехмизон, Кулолон дар хушсифатӣ ном бароварда буданд. Вале зарфҳои чинигии бесир, ки дар дастгоҳи оддии кулолӣ тайёр карда мешуданд, аксаран шакли хуб доштанд ва ба қатори ашёҳои санъати бадеӣ дохил мешуданд. Зарфҳое, ки занони кӯҳистон бе дастгоҳи кулолӣ, яъне дастӣ тайёр мекарданд, ҳарчанд аз ҷиҳати шакл чандон мукаммал набошанд ҳам, хело зебо мебаромаданд. Тоҷикзанҳои кӯҳистони Муъминобод, Ховалинг ва Балҷувон зарфҳои худро бештар ба гили сурх зинат дода, гул мепартофтанд.[1] Занони ҳунарманд бо чунин тарз кулолгарӣ мекарданд:хоки кулолро майда карда онро дар зарфе андохта об рехта омехта мекарданд, ки шакли лойи андоваро мегирифт. Баъд аз як шабонарӯз лойро ба берун бароварда мехелиданд. Акнун занҳои кулолгар то ба як миқдори муайян онро гирифта шакли зарфро аз лой месохтанд. Баъди он, ки хушк мешуд, адади зиёди чунин косаҳоро дар як ҷой гузошта ба гирду атрофи он ҳезум ё тапак (саргини хушккардашудаи гов)-ро ҷамъ сохта оташ мезаданд. Баъд аз он ки оташи ҳезум хунук мешуд, косаҳоро аз зери хокистар мегирифтанд. Агар баъзе аз онҳо нисбатан хом хелида мешуд, дар оташ кафида ду- се қисм мешуд.

**Ёдгориҳои оҳангарӣ -** бисёранд касоне, ки онҳоро бо исми хоси ҳунарашон ба забон оварда, оҳангар номгузорӣ менамоянд. Дар вилоят корхонаҳои оҳангарӣ хеле зиёданд, ки дар онҳо ҳунармандони халқӣ хизмат мекунанд ва ашёҳои ниёзи мардумро омода месозанд. Масалан, дос, бел, табар, мех ва ғайра. Исми устоҳои оҳангар -усто Сафаралӣ, усто Ятим, усто Азим (аз ноҳияи Ховалинг), усто Саймумин, усто Ином, усто Аваз, усто Почо аз ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ то имрӯз вирди забонҳо мебошанд.

**Хурокҳои миллӣ -** мардуми тоҷик, алалхусус минтақаи Хатлонзамин аз қадим бо хурокҳои хоси худ машҳуранд. Аз ҷумла кочӣ[7], палов, қурутоб, ширбиринҷ, шакароб, ширрӯған, ширбат, нашоиста, тезакоб, фатирмаска, кичирӣ хӯрокҳои миллии мо ба ҳисоб мераванд. Дар деҳаи Мазори Ҳазрати Султон момаи Алоҳида, дар деҳаи Хонақо момаи Гулшанбӣ, дар деҳаи Шехмизон момаи Рузигул, дар деҳаи Доробӣ момаи Файзигул хӯроки кочиро хеле хуб омода мекарданд. Дар гӯшаи мардумшиносӣ рассом бо маҳорати баланд зани тоҷикро дар сари дегдони нонпазӣ намоиш додааст.

**Ҳунари гулдузӣ -** аҳолии Хатлонро дар арсаи байналмиллалӣ ошно месозад. Ин намуди ҳунар хоси мардуми Хатлон аст ва онҳо бо даврӣ, пешоина хонаҳои худро оро медоданд. Онҳо аз пилла ва пахта ришта тайёр намуда, онро ба рангҳои ҳархела ранг карда куртаҳои чакан, тоқӣ, руймолҳои миён барои мардҳо медӯхтанд. Дар яке аз гӯшаҳои осорхона ҳунарҳои гулдӯзии дастии мардуми Хатлонзамин ба тамошо гузошта шудааст. Дар ин гӯша чодарҳое овезон мебошанд, ки осори санъати мардуми Хатлон мебошад.

**Ҳунари заргарӣ** - яке аз ҳунарҳои қадимаи мардуми тоҷик ба шумор меравад, ки бо он асосан мардҳо шуғл меварзанд. Онҳо барои занҳо асбобҳои зебу зиннат тайёр менамоянд. Ҳоло ба ҳунари заргарӣ занҳо низ машғул ҳастанд.

---

[6] Масалан деҳаи Кулолони ноҳияи Ховалинг.

[7] Мансуб ба Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ. Кочӣ таърихи кӯҳан дорад, ки дар байни аҳолии кухистони Ховалинг машҳур мебошад. Мардум ин хурокро ба Султон Увайси Қараӣ мансуб медонанд. Зеро дар вақти яке аз муҳорибаҳо гуё Ҳазрати Муҳаммад (с) дандони муборакаш мешиканад. Аз руйи дустдорӣ ва эътиқод ба динни ислом Султон ҳама дандонҳояшро мешиканад. Баъд аз ин дигар хурокҳои сахтро хурда наметавонад. Пайваста аз ин хурок истеъмол менамояд. Бо сабаби оне, ки оромгоҳи Султон Увайси Қаранӣ дар деҳаи Мазори Ҳазрати Султони Ховалинг ҷойгир аст, калонсолон ва кампирони деҳаҳои Ховалинг аз ин хурок васеъ истифода менамоянд.

Дар ин гӯша маводи тайёри заргарони хатлонӣ - зиреҳ, ҳалқаҳои гуногун, дастпона, бозубанд, тумор, қулфи гиребон нигоҳ дошта мешавад, ки ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

**АДАБИЁТ**

1. Мендельсон Е.С. Ремесленное производство и торговля в Афганистане 19- нач. 20 вв. Ташкент. Фан. 1983. стр. 28.

**ОТДЕЛ НАРОДНЫХ ЭКСПОНАТОВ В ОБЛАСТНОМ МУЗЕЕ ИМЕНИ «АВЕСТА»**

В данной статье авторами подвергнуты изучению и рассмотрению экспонаты музея «Авеста» в Хатлонской области Республики Таджикистан. В данном музее в основном хранятся народные изделия, приготовленные народными умельцами Хатлонской области.

**Ключевые слова:** музей народных промыслов «Авеста», экспонаты музея «Авеста», народные умельцы, ювелирные изделия, народное рукоделие, кузнец.

**DEPARTMENT OF FOLK EXHIBITS IN THE REGIONAL MUSEUM IN THE NAME OF «AVESTA»**

In this article, the authors explore and review the exhibits of the Museum «Avesta» in the Khatlon province of Tajikistan. In this Museum mostly stored popular products made by folk masters of Khatlon region.

**Key words:** Museum of folk crafts «Avesta», the exhibits of the Museum «Avesta», folk craftsmen, jewelry, folk handicraft, blacksmith.

**Сведения об авторах:** ***А.С.Саидмуминов*** – докторант КТГУ им.Носира Хусрава
***С.Самиева*** – соискатель КТГУ им.Носира Хусрава

# ВИЖАГИҲОИ АСОСИИ МЕЪМОРИИ СОСОНИЁН

***Саид Муҳаммадризо Мухтори Ҳусайнӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Дар баррасии ҳунар ва фарҳанги Эрони бостон метавон ба қадимати ҳунар ва санъати чандинҳазорсолааш пай бурд (ҳудуди 5000 сол п.а.м) ва онро дар зумраи конунҳои оғози шаҳрсозӣ, муҳандисӣ, садсозӣ, кишоварзи ва ғайра донист. Рустоҳои манотиқ ва баъзе шаҳрҳои эронӣ дар гӯшаву канори ин сарзамини паҳновари таъриху ҳунар, меъморӣ ва фарҳанги ин марз ва бумро, ки гоҳе то ақсои нукоти бурунмарзӣ нуфуз ёфта, (маобид, қалъа, коххо, оташкадаҳо ва биноҳои шоҳӣ бархурдор аз токҳои зарбӣ ва анвои ҳилолҳо ва айвонҳо) ба намоиш мегузорад.

Меъмории Эрон шиносномаи муътабари мардуми ин сарзамин аз дуртарин замони таърих аст. Одоб ва русум, маросими мазҳабӣ, руҳия, аҳлоқиёт, андеша ва ақидаи инсонҳо дар меъмории Эрон инъикоси возеҳ дорад. На танҳо дар биноҳои азим ва осори кучак ҳам ин инъикосро метавонем дарёбем. Оташкадаҳо ва деҳкадаҳои шоҳӣ, ки дар гузашта дар саросарии ин ҳита ҷо ба ҷо рӯида буд ва нишонаҳои пароканда ва фарсудае аз онҳо дар гӯша ва канор ба ҷо монда аст. Боре аз фарҳанги меъмории Эрон дар хеш нуҳуфта аст.

Профессори фаронсавӣ Ондара Гидори дар бораи меъмории Эрон чунин мегӯяд: Дар сохтмонҳои аслии меъмории Сосонӣ ҳам монанди Ҳахоманишиён коххои шоҳаншоҳӣ буд ва асроре доштанд, ки монанди онҳо шоҳаншоҳро дар "оподонои" худ монанди худое, ки аз осмон фуруд омада нишон диҳанд. Ин барномаи корашон буд, аммо роҳи ҳилаҳои меъмории Ҳахоманишин барои Сосониён зоҳиран пурхурӯҷ ва пешрафтнопазир будааст. Зимнан дар меъмории Эрон, чи дар даврони бостонӣ ва чи дар даврони исломӣ, намодгарой, ки ашкол ва таҷриде аз табиат мебошад, пайваста дар осори таърихӣ ва фарҳангӣ ба чашм мерасад. Дар ин миён чашмандозҳо, кӯҳҳои азими пурбарф, чалгалҳои васеи дурахшон, мусталзам эҷоди биноҳои мутаносиб бо он шукуҳ ва азамат будааст. Ҳамчунин русто ва ободиҳои Сосониён маъмулан барфарозу баланде ва мушарраф бар дашт ва боғ бино мешуданд. Меъмории Эрон дорои вижагиҳоеанд, ки дар муқоиса бо меъмории кишварҳои дигари ҷаҳон аз арзиши бахусус бархурдор аст, вижагиҳое чун: тарроҳии муносиб, муҳосиботи дақиқ, тарзи дурусти пӯшиш, риояти масоили фаннӣ ва илмӣ дар сохтмон, айвонҳои рафеъ, сутунҳои баланд ва таъиноти гуногун ҳар яке дар айни содагӣ маъруфу шукӯҳи меъмории Эрон аст.

Дар зебоӣ ба мафҳуми меъморонаи он, низ аглаб бар ин бовар будаанд, ки манзури асли меъмори эҷоди сохтмонҳои зебое будааст ва ин ки меъмор интикод аз меъмори заруратан мебоист меъёри марбут ба зебоӣ буда бошад.

Меъмори ҳунари сохтмон ва ҳунаре аз ин биноҳост. Ҳам ҷазви ҳунарҳои зебо ва ҳам ҷазви ҳунарҳои синоӣ аст, яъне бояд ҳам раоят зебоӣ ва ҳам раоят судманде бар табақаи манзуре, ки аз сохтмон доранд, бинмоянд. Дар сохтмон бояд дар дараҷаи аввал, беҳдошт, ороиш ва роҳатӣ, ҳаво ва рӯшноӣ ва дар дараҷаи дувум зебоии берунӣ ва дохилӣ ба таносуби шаҳр ва обу ҳаво риоя гардад. Дар меъморӣ низ монанди сойир ҳунарҳо ба баёни эҳсосот мепардозанд, аз сохтмони як калисо ва масҷид эҳсоси тараҳҳум ва адолат ва аз сохтмон як коҳи такбир аёният намоён аст. Ҳунари меъморӣ пайваста ба халк чунин биноҳое мепардозад, ва маобиди мазҳабӣ монанди калисо погду ва масҷид ва биноҳои суд ҳама монанди: бору, бурҷ, дарвоза, пил, таътир,омӯзишгоҳ, меҳмонхона, гармоба, варзишгоҳ,бозор манозил монанди коҳ, ва ғайра.

Сосониён дар заминаи меъмории Эрон мавқеияти марказии муҳиме доранд, зеро аз шаклҳои юнонӣ эъроз карда, ба тарҳҳои сохтмони Ҳахоманишӣ бозгаштанд. Бо ин тафовут ки сабки Ҳахоманишинӣ сутунҳои "танаи дарахтӣ" ва низ бузурги ҳимол ва сақф, сабки баланди сабки Ҷамшед, ҷойи ҳудро сақфҳои гирди зарбӣ, ки маъмул ба кор бурдан оҷори пухта дар меъморӣ буд, дод. Долони сақф қабл аз дар вуруди дар меъмории Ҳахоманишӣ, ки имрӯз ҳам дар хонаҳои эронӣ ба сурати даҳлез ё айвони сутундор дида мешавад, дар коххои давраи Сосонӣ ба сурати айвони шоҳнишин боз кохҳои тоқи қасрӣ ва фирӯз обод даромад ва гунбаде бар пояҳои се гӯш аҷри рӯйи онро пӯшонидааст.

Силсилаи Сосонӣ охирин ҳукумати пеш аз исломии Эрон аст. Сосониён ҳукумати молӣ таъсис карданд, ки муттако ба дину моле ва тамаддуне буд, ки шояд аз ҷанбаи эроният дар саросари таърихи эрон назир надоштааст. Сохтмонҳои аслии меъмории сосонӣ ҳам монанди Ҳахоманишиён кохҳои шоҳӣ буд. Аммо роҳи ҳилаҳои меъмории Ҳахоманишӣ барои Сосониён зоҳиран пурҳазина ва пешрафта нопазир будааст. Зеро баландии тирҳои чӯбӣ ҳадди аълое доранд, ки дар давраи Ҳахоманишӣ аз он истифода шудааст. Бинобар ин, ҳатто дар сохтмонҳои шоҳӣ ҳам, меъмории тоқдорро, ки дар давраи Ҳахоманишӣ бе шак меъмории шинохташудае буд, ривоҷ доданд. Меъмории Сосонӣ сирфан коххо нест, балки меъмории хонаҳои мардум ва аз ҳама муҳимтар меъмории оташгоҳҳо ва маобир ва баъзе биноҳои ёдмонӣ, корвонсарой ва қалъаҳоро шомил мегардад. Оташгоҳҳо ва маобид пас аз коххо бештари ин осори меъморӣ ба ҷойи монда аз даврони Сосонӣ ҳастанд. Валекин аҳамият ва вижагии меъмории коххо таврест, ки бояд баррасӣ ва мутолеаи онҳо дар садр қарор гирад.

Беҳтарин шеваи тоқ задан дар биноҳои меъморӣ шакл дар меъмории эронӣ ва ҳатто меъмории ғарбӣ, аз они Сосониён аст. Баъзе аз усули меъмории Сосонӣ буд, ки роҳеро барои тараққии меъмории готикӣ дар Аврупо боз кард, дар маҷмӯи ҳунари меъмории ин давра ягонагӣ ва пайванди хосе дида мешуд. Асоси меъморӣ гунбад аст ва айвону тоқнамоҳо, утоқҳо ва тоқҳои гаҳвораҳое, ки аглаб дар атрофи як ё чанд ҳаёт қарор гирифтаанд. Ҳунарҳои гаҷ барои мавзӯи як коре ва наққошии деворе, тазиёнат биноҳои сосониро шомил мешаванд.

Аз вижагиҳои меъмории сосонӣ, таъқид ва гунбадҳои таволӣ, гунбади мубтанӣ бар ним гунбадҳо ва утоқҳои мураиъ шакле, ки гунбади меъмории сосонӣ дар ҳукми як саросари вуруди бузург ба утоқ мурабии гунбаддор буд. Аз муҳимтарин вижагиҳои меъмории сосонӣ мафҳуми фазост. Ба ибороти дигар фазо дар меъмории сосонӣ маҷзоӣ ба кор рафтан, яъне деворҳои онро тавҷеҳ ва тафсир мекард. Меъмории сосонӣ нуктаи муқобили меъмории румӣ буд, ки дар он дастрасӣ ба як фазои фиребанда ва пӯё аз маводи аслӣ ба шумор меомад. Дар меъмории сосонӣ асли такорун дар бахшҳои мухталифи сохтмон маъмул будааст.

Ба таври куллӣ дар бораи меъмории Сосонӣ бояд гуфт, ки: меъмории ин аҳд бар асоси меъмории бумӣ ва навоҳии хушки марказӣ ва шарқи Эрон бунёнгузорӣ шудааст.

**кох:** Меъморони кох дар ниҳояти дурандешӣ ва салобати пайваста саъй доштанд азамат ва салтанати шоҳонро дар маърази диди мухотаб ва авом қарор диҳанд, то ҳар чӣ иктидори фармонравоён афзун шавад, мутеъ будани мардум тасбит гардад. Бинобар ин азамати меъморӣ ва шукӯҳи биноҳо дарвоқеъ ҳузури салотин буд, ки авом дар тӯли рӯзгор ва гоҳе шабона равият мекарданд. Ба иборате ҳузури шоҳ ва қудрати ӯро пайваста бо тамом ҳусн менамуданд.

**Кохи сарвистон:** яке аз зеботарин биноҳои Сосонист, ки дар Ҷануби шаҳри Сарвистон қарор дорад. Ин маҷмӯа, ки қадимтарин гунбади аҷри кушурро дар худ ҷой додааст аз бошукӯҳтарин кохҳои Сосонӣ аст, ки дар он замон муқаддас будааст.

**Кохи Фирӯзобод:** Кохи Фирӯзобод аз биноҳое аст, ки дорои комилтарин тарҳ ва равшантарин таркиб аст. Кохи мазкур дар наздикии чашмаи обӣ сохта шуда, оби он аз васати ҳавз фурон мекунад. Ин навъи меъморӣ дорои реша ва асли маҳаллист ва то имрӯз дар ин сарзамин ҳифз шудааст.

**Оташкада**: Бо таваҷҷуҳ ва аҳамияти давраи ҳукумронии Сосониён ва таъсири бисёри ин давра дар рушд ва такомули фарҳанг ва ҳунари Эрон ва соири мамолик бавижа меъморӣ ва аносири вобаста ба он дар манобеи мухталиф ишороти зиёде ба шаҳрҳо, коххо, оташкадаҳо ва дигар биноҳои давраи Сосонӣ шудааст. Ба унвони мисол аз оташкадаҳои Фирӯзобод, Озоргушнасиб (оташи мӯъбадон дар тахти Сулаймон), Озарфарнаби (оташи низомиён ва артишдорон), наёсар (сини кошон ва даличон), оташкадаи Боку, қасри Ширин дар Дамғон, оташкадаи тепаи Мил (дар масири Райва Ромин), оташкадаи азими Истахр (масҷиди Сулаймон) ва ғайра ёд шуда, вале мутаассифона аз оташкадаи озар барзин мухр (оташи кишоварзон) камтар ёд шудааст, ки нигоранда ба шарҳи иҷмолии он мепардозад.

Оташкадаи Озарбарзин мухри яке аз азимтарин чаҳор тоқҳои Сосонӣ мебошад, ки бар баландии иртифоти шимоли рустои раванд 50 километрии ғарби Сабзавор, дар яке аз зеботарин манотикӣ чуғрофӣ ба сурати андаке бо умдаи масолеҳи санги чинӣ худнамоӣ мекунад. Барои дастрасӣ ба биноҳои мазкур дарҳои боҳайбатанд ва тақрибан даст наёфтани дар пеши рӯ дорем, ки дар болои он пуштаи санги муҳибе бо иртифоъ 100 метр аз бистари рӯдхона сар барафрошта ва чаҳор тоқи маъруф ба хонаи дев бо ҳолати аз сукут ва азамат мушарраф бар рӯдхона ва ҳавоили пуштисангӣ бо чашмандози васфнопазир устувор шудааст. Оташкадаи Озарбарзин яке аз муҳимтарин биноҳои даврони ҳукумати Сосонӣ буд, ки дар ки дар навъи худ камназир ва махсуси табақаи кишоварзон будааст.

Маъмулан иморати оташкада иборат аз бинои гунбади дорои чаҳор тоқ буд, ки иморатҳои изофии дигар дар гирдогирди он вуҷуд дошт ва ғолибан дорои боғе низ будааст. Оташкадаҳои асри Сосонӣ, муртакиб аз васату сукуи баланд ва бар рӯйи он чор тоқи маҳалли оташдон қарор доштааст. Дар замони мо ҳам оташкадаи Боку ҳамин шаклро дорад. Шакли бинои оташкадаҳо дар ҳар ҷо яксон буда, оташдон дар васати маъбад қарор дошта пайваста узри макдис дар он месӯхтааст. Маъмулан ҳар оташкада ҳашт даргоҳ ва чанд утоқ ҳашт гӯша доштааст. Намунае аз ин бино ҳамакнун дар шаҳри Язид пойдор аст, ки аз оташкадаҳои бостонӣ буда, дар замони фатҳи исломиён ба масҷид табдил ёфтааст.

**Корвонсаро:** Кадимати бинои корвонсаро ба давраи ҳахоманишиён мерасад, ки бо тамоми имконоти лозим дар фосилаи ҳар чаҳор фарсанг дар масири убури корвонҳо барои истироҳати шабона месохтанд. Аз замони Сосониён теъдоди маъдуди корвонсаро боқӣ мондааст ки улгуи корвонсароҳои баъдӣ дар давраи исломӣ қарор гирифтааст. Аз қадимтарин корвонсароҳои Эрон метавон аз корвонсарои дарвозаи гаҷӣ номбурд. Пояҳо ва бахше аз деворҳои ин корвонсаро, ки бо санг ва оҳак сохта шудаанд, ҳанӯз боқӣ аст.

**Калисо:** Бо таваҷҷуҳ ба ин ки дини расмии Сосониён зардуштӣ буд ва ойин ва санадҳои зардуштӣ бо пуштувонаи давлат тамоми кишварро фаро гирифта буд, дар гӯша ва канори ин сарзамин ормониён бо гароиши мазҳаби зардуштӣ ва ойини меҳрпарасти ва низ масеҳӣ вуҷӯд доштанд ки монанди соири зардуштиён дар анҷоми маросимҳои мазҳабӣ фаъолият доштаанд.

Дар давраи Сосонӣ муҳимтарин макони ибодат оташкадаҳо буд, ки дар ҷойҳои мухталифи ҷомеаи эронӣ аз аҳамияти хосе бархурдор буд. Бо вуҷуди оташкадаҳо, ки вижаҳое, аз меъмории Сосониро ба худ ихтисос дода буд вуҷуди чанд калисо барои ақаллияти ҷомеаи Сосонӣ мушоҳида шудааст. Аз он ҷумла, метавон ба намунаҳои зер ишора кард. Девори сохтмонҳои Сосонӣ зебо, беназир ва намунаҳои Сосонӣ аз тарҳҳои ҳандаса ва низ тарроҳии пайкараӣ, назири анвои ҳайвонот ташкил мешуд. Сосониён аз санг низ кам истифода мекарданд ва намунаҳои он дар коҳи сангии Бешопур баргирифта аз санъати портӣ дар оташкадаи Бешопур дар маҳалли мушоҳида мешавад.

**Карҳи калисо**: Дар ноҳияи Бабачики Шаҳристони Чолдрони ҷанубӣ воқеъ аст, Карҳи калисо. мазори Тодеуси муқаддас яке аз ҳаворони Исои масеҳ аст. Ба истиноди манобеи таърихӣ бахше аз онҳо пайрави дини зардуштӣ будаанд ва бархе низ оини меҳрпарастӣ доштанд. Калисои Тодеус аввалин калисое аст, ки ба дастури мубашширин ва ҳаворини масеҳӣ дар дунё сохта шудааст. Ин калисо аз муътабартарин ва пурнақшу нигортарин калисои арманиҳо дар Эрон аст ва аз шуҳрати ҷаҳони бархурдор аст.

**Калисои санати Стефанус:** Дар 12 километрии ғарби Чалфа, воқеъ дар рустои матрукии ба номи дараи шом воқеъ аст. Номи калисо баргирифта шуда аз номи Стефанос шаҳиди аввали, роҳи масеҳият мебошад. Сабки меъмории он талфике аз шеваҳои мухталифи меъмории ашконӣ ва румӣ аст ки ба шеваи арманӣ низ маъруф мебошад. Ин дар мавзее пур аз дарахтон ва дараи сарсабзе воқеъ шуда, ҳисори сангие, ки биноро иҳота кардааст. Айвон бар рӯйи ҳашт сутун бо сарсутунҳои зебо ва гунбади барфарози он ва тоқҳои барҷаста, фаришта, салиб, комилан бадеъ ва бешак аз шоҳкориҳо мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Ондра Гидор(1358). Ҳунари Эрон. Тарҷумаи Беҳрузи Ҳабиби. Теҳрон. Интишороти донишгоҳи молӣ
2. Барвас Олсавип (1371). як таъвири навин дар меъмори. Тарҷумаи Парвизи Фирузи. Теҳрон. Интишороти китобсаро.
3. Раки Анволо(1928), (беҷо, бино)
4. Кристин Сан. Артур(1352). Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсами, Теҳрон. Нашри нигоҳ.
5. Гришман Римон (1370). Ҳунари Эрон "Ашкони ва Сосони" Тарҷумаи Баҳром Фарҳуши, Теҳрон,(бино).
6. Маҷаллаи Ҳунар ва мардум, Ҳурдод 1352, шумораи 128, беҷо, бино.
7. Хнор Мартин Ч. (1367) сабкшиноси ҳунари меъмори дар сарзаминҳои исломи. Тарҷумаи Парвиз В. Теҳрон, интишороти илми ва фарҳанги.
8. http:www.wikipedia.org


### ОСНОВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ АРХИТЕКТУРЫ ПЕРИОДА САСАНИДОВ


Традиции и методы строительства Ирана являются очень познавательной и интересной темой для изучения и рассмотрения. Архитектура Ирана имеет свои особенности, которые отличают ее от архитектуры других стран мира. Подходящий материал, точное измерение и расчет, правильная форма закрывания крыш, соблюдение норм и правил строительства считается отличительной чертой иранской архитектуры.



**Ключевые слова:** архитектура Ирана, архитектура периода Сасанидов, форма строения святинь, Центральная и Восточная часть Ирана.


### THE MAIN FEATURES OF THE ARCHITECTURE OF THE PERIOD OF THE SASSANID


Traditions and methods of construction of Iran are very informative and interesting subject for study and review. Architecture Iran has its own characteristics that distinguish it from the architecture of other countries of the world. Suitable material, accurate measurement and calculation, the correct form of the closing roofs, observance of norms and rules of construction is considered the hallmark of Iranian architecture.



**Key words:** architecture of Iran, the architecture of the Sassanid period, the shape of the building святинь, Central and Eastern part of Iran.



**Сведения об авторе:** ***Саид Мухаммадризо Мухтори Хусайни*** – соискатель Института философии политологии и права АН РТ

## ҚИЁМИ КОВА ВА ПОДШОҲИИ ФАРИДУН ДАР МУТУНИ ТАЪРИХӢ

*Маҳин Аҳбобӣ*
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ**

**Коваи оҳангар.** Дар «Авесто» аз Кова сухане ба миён наомадааст. Дар мутуни таърихӣ, Кова нахустин бор дар китоби таърихнигорони давраи исломӣ аз ҷумла «Шоҳнома» ва «Таърихи Табарӣ» падидор мешавад. Дарвоқеъ, Фирдавсӣ ва таърихнигорони дигар, таърихи худро бар асоси «Худойнома»-и давраи Сосониён бино ниҳодаанд. Кристиансен дар мавриди «Худойнома» чунин назар дорад: «Дар давраи Сосониён таърихи бостонӣ бо дидгоҳи он давра баррасӣ мешуд. Устураҳо комилан заминӣ шуда ва ба қаламрави инсонӣ даромада буданд, бе он ки ҷанбаҳои хаёлӣ ва афсонавори онҳо комилан зудуда шавад. Ба унвони намуна дар «Худойнома» таҳаввули Заҳҳок аз мори сесари устурaӣ ба шакли шоҳи инсонгунаест, ки бар шонанаҳояш ду мор рӯида буданд. Вале ин вижагӣ дар мутуни дини боқимонда аз суннати рӯҳониён дида намешавад» (5, с.36 )

Он чи мусаллам аст, Худойномаҳо тавассути дарбори Сосонӣ тадвин ва навишта шудаанд. Эҳтимолан таърихи ғайридарборӣ низ вуҷуд дошта, ки дар он ба қаҳрамонон, паҳлавонони ғайридарборӣ ва мардумӣ низ аҳамият дода мешуд ва аз шуҷоатҳо, азхудгузштагиҳои онон дар мубориза бо зулму таҷовузи бегона ва ҳамкорӣ ва кӯмаки онон ба шоҳон, дар муборизаи матолибе омада буд. Аммо дар «Худойнома» дар дарбори Сосонӣ нақши ин қаҳрамонон камранг шудааст.

Дар мавриди достони «Хурӯҷи Коваи оҳангар зидди Заҳҳок», дар манобеи таърихӣ ихтилофоте вуҷуд дорад. Дар «Таърихи Табарӣ» ва «Таърихи Балъамӣ» омадааст:

«Пас аз дусад сол бедодгарӣ ва қатли ҷавонон, марди оҳангаре аз аҳли Исфаҳон бо номи "Кова", ки писаронаш барои морони шонаи Заҳҳок ба қатл расида буданд, ба ҳаяҷон омад. Ба қасри Заҳҳок рафт ва аз зулми ӯ нолид. Заҳҳок дастур медиҳад, танҳо фарзанди боқимондаи ӯро озод кунанд ва дар муқобил аз Кова мехоҳад, ки гувоҳи додгустарии ӯро имзо кунад. Аммо Кова санадро пора кард ва ба шаҳр омад, хурӯшид ва пешбанди чармини оҳангарияшро бар чӯбе савор кард ва парчаме барафрошт ва мардумро бар мухолифат ва пайкор бо Заҳҳок фаро хонд, мардум ӯро ҳамроҳӣ карданд. Кова халифаи Заҳҳок дар Исфаҳонро кушт. Заҳҳок барои саркӯби шӯриш аз Табаристон (Дамованд) лашкар мефиристд, Кова эшонро шикаст медиҳад. Ӯ шаҳрҳоро як-як гирифт, то ба Рей расид. Фаридун аз насли Ҷамшед ба ёрӣ омад ва Кова ӯро пазируфт ва сипоҳро ба ӯ дод». (1. с138-139; 2.с103-105)

Аммо достони «Набарди Кова бар сардари вуруди кохи Афшинҳо» бо ривояти «Шоҳнома», «Таърихи Балъамӣ» ва «Таърихи Табарӣ» каме мутафовит аст. Дар қисмати боло ва дур то дури сардари кох ҳабдаҳ доираи кандакоришуда вуҷуд дорад, ки дар ҳар доира лаҳзаи набарди тасвиршуда, ки дар онҳо ду марди савори пирӯз ва як ҷанговари афтода дар зери суми аспон тасвир шудааст (8.с23).

Дар ҳақиқат ин нигораҳо шомили ҳабдаҳ набарди Кова ва Фаридун бо ҳокимони вилоёти дастнишондаи Заҳҳок мебошанд. Ду савори пирӯз Кова ва Фаридун ҳастанд ва нафари савум афтода зери суми аспон низ ҳокими дастнишондеҳи Заҳҳок аст. Мардони савор дар ҳамаи доираҳо яксон мебошанд, фақат дар ҷузиёт ва афзори ҷангӣ ва либос дар баъзе аз доираҳо тафовуте вуҷуд дорад. Дар як ҳолат ба ҷойи ҷанговари афтода, мор ё аждаҳои печутобхӯрдае тасвир шуда, ки ҳамон Заҳҳок аст.

Ин нишон медиҳад, ки Кова ва Фаридун аз ибтидои қиём бо ҳам ва дар канори якдигар буданд ва бо ҳам шаҳрҳоро пас мегиранд ва Заҳҳокро шикаст дода, ба банд мекашанд. Ин матлабест, ки дар китобҳои таърихӣ ба он ишора нашудааст ва ё ба амд чашмпӯшӣ шудааст.

**Мавқеияти геополитикии Эрон дар минтақаи Хазар.** Қабл аз фурӯпошии Шӯравӣ, Эрон аз аҳамияти зиёде дар тақсимбандии дугонаи ҷаҳон бархурдор буд. Пас аз фурӯпошии Шӯравӣ ва зуҳури давлатҳои ҷадид дар шимоли Эрон ва дар соҳили баҳри Хазар агарчи Эрон аз қудрати минтақавии бештаре нисбат ба онҳо бархурдор аст, аммо дигар аҳроми истифода аз муодилоти қудрати байни Амрико ва Шӯравиро аз даст додааст. Аз тарафи дигар ин таҳаввул бо ҳазфи як таҳдиди амниятӣ барои истиқлол ва тамомияти арзии Эрон ҳамроҳ будааст.

Бо таваҷҷуҳ ба шароити ҷадиди кишварҳои Осиёи Марказӣ бо воситаи фосила, ки байни онҳо эҷод шудааст, ба хотири вазъияти ҷуғрофӣ ҷиҳати фаъол шудан дар иқтисоди байналмилалӣ дунболи мукаммали(комили) хориҷӣ мегарданд. Эрон метавонад ин комилкунанда бошад. Мавқеияти геополитикии Эрон пас аз фурӯпошии Шӯравӣ дучори таҳаввул шуд, ки метавон ба мавридҳое аз ин таҳаввулот ишора кард:

1. Тағйири мавқеияти Эрон ба муносибтарин масири транзити нефт ва гази кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ба бозорҳои ҷаҳонӣ.
2. Тағйири нигариши Шӯравӣ ба самти нигаришҳои иқтисодии Русия нисбат ба Эрон.
3. Тақсими Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамсояи қудратманди Эрон.
4. Интиқоли пойгоҳҳои Амрико аз Эрон ба ҷумҳуриҳои тоза истиқлол ёфта боис шудааст, мавқеияти Эрон дучори таҳаввулоте гардад.
5. Тағйири нигоҳи Шӯравии собиқ ва таваҷҷуҳи он ба обҳои гарми ҷануби Эрон.

Ин ки Эрон қабл аз фурӯпошии Шӯравӣ ҷойгоҳи беҳтаре дар касби мавқеият байни ду абарқудрат бархурдор буд ва бо таваҷҷуҳ ба мавқеияте, ки дар ҷилавгирӣ аз нуфузи коммунист ва дар булукбандии Шарқу Ғарб дошт, Эрон имтиёзоти иқтисодӣ ва сиёсии хубе аз Ғарб метавонист бигирад. Баъд аз фӯрупошии Шӯравӣ ин мавқеиятро надорад, аммо бо таваҷҷуҳ бо боз шудани фазои Хазар барои кишварҳо ва ширкатҳои европоӣ ва вуҷуди манбаи нефт ва газ дар Хазар, Эрон метавонад ҷойгоҳи муносибе дар Хазар ва муодилоти иқтисодии ҷаҳон ба даст оварад. Ба шарте ки муваффақ шавад ба маҳалли транзит ва интиқоли манбаи Хазар табдил шавад. Ҳамчунин, баҳри Хазар бо ҳаёти табии минтақаҳои зиёде аз Эрон пайваст хӯрдааст. Лизо, Эрон манфиатҳои ҳаётии худро дар Хазар мутааддид ва гуногун медонад.

Дар тақдири манбаи нефт ва гази баҳри Хазар зоҳиран сиёсат ва иқтисод бо ҳам даромехтаанд. Дар муқоиса бо соири манбаи умда нефт ва гази ҷаҳон, манбаи нефт ва гази минтақаи баҳри Хазар бисёр бештар аз он чи ки лаёқат ва онро доштаанд, мутаассир аз манфиатҳои мутафовити давлатҳои мухталиф будаанд. Ба иборайи дигар, сарнавишти ин манбаъ танҳо бар мабнои манфиатҳои иқтисодӣ таъйин намешавад, балки ҳамвора омеза аз манфиатҳои иқтисодӣ ва манфиатҳои сиёсии таъйинкунандаи шакли ниҳоии ихтисоси манбаъ дар ин минтақа будаанд. Дарвоқеъ ин аҳамият ба мизоне аст, ки барои бархе аз кишварҳо паёмадҳои ношӣ аз тасаллут бар манбаи ин минтақа аз манфиатҳои иқтисодии ҳосил аз он арзиши бештаре дорад. Дар чунин шароит, равшан аст, ки кишварҳои ҳарду тараф ин муодила, яъне ҳам кишварҳои минтақавӣ, ки ин манбаро дар ихтиёр доранд ва ҳам соири кишварҳои дигар ба ҳар далел манфиатҳое барои худ дар минтақа мутасавир ҳастанд ва чандон дар равобити байналмилал мушкилкушо нестанд, набояд гузошт, ки дар умури дохилии кишварҳои минтақа дахолат намоянд ва ин минтақаро барои худ бозори судгирӣ қарор диҳанд ва кишварҳои минтақа мебоист дар сояи дӯстӣ ва сулҳ ба минтақаи қавӣ ва қудратманд ва мушатаркулманофеъ табдил шаванд ва аз мавқеиятҳои кишварҳои бузурги минтақа, монанди Эрон ва Русия истифода бибаранд.


**АДАБИЁТ**

1. Амир Аҳмадиён Баҳмор. Ҷуғрофиёи Евро Осиё. Фарҳанги андеша. №9 Муассисаи таҳқиқот ва улуми инсонӣ, 1383.
2. Амири Аҳмадиён Баҳром. Шаклгирии арсаи ҷадиди геостратегия дар Осиё. Фаслномаи мутолиотии Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, №52, 1384.
3. Камп Ҷефри. Ҳокови Роберт. Ҷуғрофиёи стратегияи Ховари Миёна. Ҷ.1. Мафоҳим ва масоил. Тарҷумаи Саидмеҳдии Ҳусейнӣ Матин. Чопи аввал. –Теҳрон: Пажӯҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ, 1383.
4. Камп Ҷефри ва Ҳокови Роберт. Ҷуғрофиёи стратегияи Ховари Миёна. Ҷ.2. Мафоҳим ва масоил. Тарҷумаи Саидмеҳдии Ҳусейнӣ Матин. Чопи аввал. –Теҳрон: пажӯҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ. 1383.
5. Луру Поскол. Тувол Франсуа. Калидҳои геополитика. Тарҷумаи Садуқ. –Теҳрон: Маркази чоп ва интишороти Шаҳид Биҳиштӣ, 1381.
6. Мовинати пажӯҳишҳои равобити байналмилал. Дипломатияи ҳастаӣ: 678 рӯз мудирияти буҳрон. –Теҳрон: Маркази таҳқиқоти стартегия, 1385. Чопи аввал
7. Муҷтаҳидзода Пирӯз. Ҷуғрофиёи сиёсӣ ва сиёсати ҷуғрофиёӣ. –Теҳрон: Интишороти Самт, 1381.
8. Маер Ричард. Даромади нав бар ҷуғрофиёи сиёсӣ. Тарҷумаи Мирҳайдар бо ҳамкории Саидяҳё Сафавӣ. -Теҳрон, 1379.
9. Минои Меҳдӣ. Даромаде дар геостратегӣ. –Теҳрон: Пажӯҳишкадаи мутолиоти роҳбурдӣ, 1386.
10. Муҳаммадризо Дабирӣ. Режими ҳуқуқии баҳри Хазар ба унвони мабное барои сулҳ ва тавсеа. Фаслномаи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз. Интишороти Баҳор, 1377.
11. Саидато Тағавӣ. Режими ҳуқуқии дарёи Мозандарон. Моҳномаи иттилооти сиёсӣ иқтисодӣ. №345, урдибиҳишти 1387.
12. Саидкозими Пурардибилӣ. Режими ҳуқуқии баҳри Хазар. Тавсеаи манобеъ ва хутути энергӣ. Фаслномаи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз. №21, 1377.
13. Ғуломризо Сарофи Яздӣ. Дар бораи режими ҳуқуқии дарёи Мозандарон. Моҳномаи иттилоотӣ, сиёсӣ иқтисодӣ. №345-346, урдибиҳишти 1387.
14. Муҳаммадмеҳдии Кариминиё. Режими ҳуқуқии баҳри Хазар. Моҳномаи «Равоқи андеша». №25, 1382.


**СОТРУДНИЧЕСТВО ИРАНА С ГОСУДАРСТВАМИ КАСПИЙСКОГО РЕГИОНА**


В данной статье автор рассматривает перспективы сотрудничества Исламской Республики Иран с государствами Каспийского региона, так как Иран как и другие прибрежные государства заинтересован в освоении нефтегазовых месторождений Каспия. Иран заинтересован в сохранении и закреплении участия в добыче и транспортировке энергоресурсов.



**Ключевые слова:** усиление позиций Ирана на Каспии, азиатский рынок, транзитный центр региона, активное участие, международная деятельность.


**IRAN'S COOPERATION WITH THE STATES OF THE CASPIAN REGION**


In this article the author considers the prospects of cooperation of the Islamic Republic of Iran with the States of the Caspian region, as Iran like other coastal States interested in development of oil and gas deposits in the Caspian. Iran is interested in maintaining and securing the participation in the extraction and transportation of energy resources.



**Key words:** strengthening the position of Iran in the Caspian sea, the Asian market, and a transit centre in the region, the active participation of international operations.



**Сведения об авторе:** ***Мехдии Хоксор Кухангu*** – соискатель Таджикского национального университета

# НАҚШ ВА МАҚОМИ РӮЗНОМАИ «ПАЁМИ АЛА-ТОО»ДАР АФКОРИ ТОҶИКОНИ ҚИРҒИЗИСТОН

***Фарида Абдуҷалилова***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

«Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё ки забон надорад. Яъне қавми берӯзнома мисли одами безабон аст»[8]. Ин сухан фикри устод Айнист, ки зарурати аслии минбардориро тавассути матбуот ё худ журналистика, баҳри ифшои норасоиҳои худ ва расидагӣ ба онро ифода мекунад. Ба ин далел «забони гуё»-и ҳамқавмони дар ҳудуди сарзамини Кирғизистон муқимбудаи мо, ки зери унвони «Паёми Ала-тоо» ба табъ мерасад.

Сарпарастии ин нашрияи моҳвораро Иттиҳодияи тоҷикони Қирғизистон ба уҳда доранд. Ҳарчанд тоҷикони Қирғизистон иттиҳоди худро ҳанӯз соли 1993 бо роҳбарии яке аз шахсиятҳои маъруфи тоҷиктабори Қирғизистон, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Қирғизистон, академик Абдуҳалим Раҳимҷонов таъсис доданд ва онро ба номи устод Рӯдакӣ ниҳоданд, вале имкони чопи нашрия 15-сентябри соли 2008 фароҳам омад. Бо ин Иттиҳодияи тоҷикон дар тулии фаъолияти худ ба дастовардҳои хеле арзанда, дар айни замон муҳиму зарурӣ, ноил гардидааст. Суханони собиқ Президенти Қирғизистон Аскар Акаев, чун табрикот ба муносибати ташкили Иттиҳодияи тоҷикон гуфта шудааст, ҷолиби таваҷҷуҳ аст: «Ҳангоме, ки дар хусуси ин нияти неки шумо хабар расид ман ба худ гуфтам: «Илоҳо рӯҳи шоир-файласуфи бузург Рӯдакӣ, ки осораш ба фарҳанги 35000 нафараи тоҷикони Қирғизистон поя гузоштаву мероси гаронбаҳояш на танҳо халқи Шаркро, балки тамоми дунёро хушнуд месозад, шод бошад»».

Вақте ба анъанаи минбардории матбуотӣ назар мекунем, барои тоҷикони Кирғизистон чопи «Паёми Ала-тоо» падидаи нав нест. Ҳанӯз дар замони Шӯравӣ дар ноҳияи Қадамҷо (аниқтараш ҷамоати Учқурғон) рӯзномаи тоҷикӣ бо номи «Байроқи мусобиқа» (1957-1961) нашр мегардид, ки муҳарририи онро Шарифҷон Абураззоқов (Уҷқурғонӣ) бар ӯҳда дошт. Баъд аз давраи соҳибистиқлолии Қирғизистон боз ҳамин мардум нашрияи озоде таҳти унвони «Мавҷи Исфара» аз соли 1993 то 1995 нашр мекарданд. Журналистону қаламкашон дар рӯзномаву маҷаллаҳои Қирғизистону Тоҷикистон аз ҳаёту фаъолият ва камбуду норасоиҳои тоҷиктаборони қирғизистонӣ бо мақола ва навиштаҳои публисистӣ баромад мекарданд. Аз ҷумла, мутарҷим, нависанда ва журналист Мирзоҳалим Каримов солҳои зиёдест (аз солҳои 80-ум асри гузашта то ҳол), ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ проблемаи тоҷикони ин сарзаминро мегузорад, бартарафкуниро нишон медиҳад ва аз манфиати эшон тарафдорӣ мекунад. Ҳоло низ ӯ иқдоми хайрхоҳонаи худро давом дода, яке аз ташкилкунандагони фаъоли маҷаллаи фарҳангии «Адаб» аст ки забонҳои форсӣ, русӣ ва қирғизӣ дар Бишкек аз ҷониби сафорати Эрон дар Қирғизистон, чоп мешавад. Асосан аз адабиёти форсу тоҷик бо забонҳои зикршуда матолиб нашр мекунад. Аз ҷониби коршиносон баҳои баланд гирифта, ба ҳар як оилаи қирғизистонӣ расонидани онро зарур мешуморанд. Мирзоҳалим Каримов бошад, дар кори он мухаррир ва тарҷумонро адо дорад. Ҳамчунин яке аз мушовирони газетаи «Паёми Ала-тоо» низ ҳаст.

Аммо «Паёми Ала-тоо» дар сарнавишти тоҷикони ин давлат саҳифаи наве кушода бо махсусиятҳои худ фарқ мекунад. Яке аз чунин вижагӣ дар чопи он аз ҷониби ҷамъияти тоҷикон сарпарастӣ гардидани он аст. Яъне самти фаъолияти худро махсус ба тарғиб, инъикос ва муаррифии фарҳанг, расму оин, забон, таърих ва дар маҷмӯъ бурду бохти тоҷикон қарор додани нашрия мебошад. Пайдоиш он аз як тараф имконияти молии тоҷикони хештаншинос бошад, аз ҷониби дигар зарурати таърихӣ ва талаби замон буд, ки тоҷикони муқими Қирғистон солҳо дар орзуи он буданд. Дар фазои иттилоотии кишвари Қирғизистон арзи вуҷуд кардани рӯзномаи тоҷикии «Паёми Ала-тоо», ки аз ҳаёти онҳо мегӯяд, тӯҳфаи арзанадае барои онҳо буд. Ин аст, ки онҳо бо самимияти хос аз тавлиди он хушнудӣ мекарданд: «Тифлаки навзодам «Паёми Ала-тоо»! Иҷозат фармо, ки туи азизро бо қадамҳои аввалинат табрик гӯям. Медонӣ, дар ин айёми саид бароят чӣ таманно карданиам? Ту, ки рамзи зебоӣ ҳастӣ ва ният кардаӣ, ки илму фарҳангро тарғиб намоӣ, дар бораи одаму одамгарӣ, дӯстии халқҳо мақолаҳо дарҷ кунӣ, боварӣ дорам, ки дар баробари он

---

[8] Овози тоҷик, 15 августи соли 1924

нидоҳои моро ба дигарон низ мерасонӣ...» (Паёми Ала-тоо №4, 25 декабри соли 2008).

Имрӯз моҳнома рисолати худро назди муштариён ва хонандагонаш муваффақона иҷро карда истодааст. Як майдони бисёр ҳам муносибе, ки дар он орзуҳои эшон акс ёфта, онҳоро ба хештаншиноси орияти миллӣ даъват месозад, мубаддал гаштааст. Яке аз ҳадафҳои пешгузошта ва самтҳои асосии нашрия маҳз аз ҳамин нуқта маншаъ мегирад, ки поёнтар дар ин бора сухан хоҳем гуфт.

Ҳоло мехоҳам доир ба сохтор ва шакли он чанд ҷумла баён дорем. Дар аввали таъсисаш сардбири онро Мирасрор Аҳроров иҷро мекард, ки ба иллати кӯч бастан аз Бишкек ба Тошканд аз вазифа рафт. Баъдан ин масъулиятро Қодиршоҳи Мурувват ба дӯш мегирад, ки то ба ҳол ин кори пурзаҳматро адо дорад.Мудири тиҷорӣ Зафар Юсуфов, мусаҳҳеҳ Истодаой Турсунова ва Дизайнер- Болтабеков Мақсад мебошанд. Дар Вазорати адлияи Ҷумурии Қирғизистон таҳти рақами 1447 сабти ном шудааст. Шиораш «Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст» мебошад. Ба ҳайати мушовараащ як қатор шахсиятҳои маъруфи муқими Қирғизистон ва шахсони масъули ҷамъияти тоҷикон шомиланд. Мисли Равшанбек Собиров- раиси ҷамъият, Асомиддин Саидов- сафири Тоҷикистон дар Қирғизистон, Абдуҳалим Раҳимҷонов- академик, Мирзоҳалим Каримов- нависанда ва журналист ва ғайраҳо. Афзудани адади нашри ҷарида аз ду ҳазор ба се хазор аз он шаходат медихад, ки ниёз ба он ҳам бештар мешавад. Аз нигоҳи молиявӣ онро асосан Равшанбек Собирови тоҷиктабор ва Субҳонқул Мардонқулов тоҷири муваффақ таъмин мекарданд.

Вақте аз рӯйи шароит ва имкониятҳо мантиқан андеша мекунем, бояд ба ин амали ташаббускорони он аҳсант хонд, зеро аз гушаҳои гуногуни Қирғизистон ҷалби тоҷикон ба навишатан ва расонидани ҷарида ба онҳо корест басо мушкил. Қариб дар тамоми саҳифаҳои шумораҳои «Паёми Ала-тоо» дида мешавад, ки бораи манотиқи тоҷикнишини ин давлат маводҳо нашр шуда ва худи мардуми он деҳот ҳамкории зич бо нашрия доранд. Аз ҷумла муаллимони синфҳои тоҷикӣ, ки табиист онҳо сатҳи забондониаш хубтар аст ва ин чиз бевосита мусоидат мекунад, ки бе монеа фикри худро ба қоғаз бирезанд. Бозтоби ҳаёти тоҷирон ва дигар соҳибкасбоне, ки дар ҷодаи худ ба чизе даст ёфтаанд, ба ин тарз ном ва шарафи миллати тоҷикро ҳимоя менамоянд, мадди назар нест. Пайваста навиштаҷоти рӯҳбаландкунанда ва манфиатовар дарҷ гаштаву бовар ҳаст, ки мегардад. Ин хизматест бузург дар роҳи нишон додани тавоноии аслии як миллати худогоҳу бофарҳанг. Заҳматҳо ва кушишҳои сарбадири феълии рӯзнома- Қодиршоҳи Мурувват боиси хушнудӣ ва дастгирист.

Ташкилотчигӣ дар кори он ва таъминоти молӣ барои ҳар расонаи ахбор ва моли журналистика, яке аз омилҳои муҳими фаъолият аст.

Иқтисоди ҳама гуна воситаи ахбор заминаи аввалиндараҷаи поиши он ба ҳисоб меравад. Дар бастагӣ ба ин нафарони ҳимматбаланде, ки дар таъмини молии он саҳим ҳастанд, барои устувориаш мавқеи ҳалкунанда доранд. Бо ин аз Равшанбек Собиров бояд ёдовар шуд, ки ӯро метавон муассис ҳам ном гирифт. Албатта, на ҳар кас қудрати чунин иқдоми хайр ва миллатдӯстонаро дорад.

Инчунин моҳнома ба ғайр аз кормандони штатии худ як зумра нафарони рушанфикрро ба хам оварда, барои боз ҳам амиқтар кардани сатҳи касбият аз нигоҳи эҷодӣ ва нигоҳ доштани робитаи дӯстии онҳо мусоидат менамояд. Аз ҷумлаи онҳо метавон Сиёвуш, Мирзоҳалим Каримов, Шоистаи Равшан, Саидазим Пулодӣ, Очил Аюбзода, Шарифҷони Учқурғонӣ ва дигаронро ном гирифт, ки пайваста бо навиштахои хеш саҳифаҳои «Паёми Ала-тоо»-ро зеб медиҳад. Мирзоҳалим Каримов бо навиштаҳои гуногунпаҳлӯяш ба забони қирғизӣ, Шоистаи Равшан бо осори бадеиву фароғатӣ, Шарифҷон Учқурғонӣ бо шеърҳову дигар навиштаҳои насрӣ, Очил Аюбзода бо қиссаҳояш ва ғ. муаллифони он доимӣ ҳастанд.

Ба ин мазмун «Паёми Ала-тоо» як майдони мусоида барои ҳамтабoрони рушанфикри мо дар ин сарзамини бегона, ки то битавонанд афкори худро ба забони модарӣ ба дигарон бирасонанд.

Усули дигаре, ки нашрия аз он кор мегирад, ин ба воситаи мухбирони ҷамоатӣ ҷамъ овардани матолиби чопӣ мебошад, яъне аз манотиқи тоҷикнишини Қирғизистон ба воситаи мардуми маҳаллӣ дастрас карданӣ иттилоот оид ба кору зиндагии онҳо. Ин усули кор барои дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ қуллай аст. Суҳробҷони Эргашзод, Авринисо Юлдошова, Дилором Дадахонова, Хуҷахон Мурзаев, Абдулҳай Абдукаримов, Шоҳидҷон Аҳмадхуҷаев, Дилангез Гулова, Ҳурматхонӣ Ҳакимзода, Муҳаммадалии Фаридунфар, Миродил Фаёзиддиновро дар ин радиф шинохтан равост. Онҳо аз тамоми минтақаҳои тоҷикнишин мавод омода

кардаву чоп намудаанд. Монанди Уҷкурғон, Андарак, Ҳайдаркон, Лайлак, Қаросу, ки дар ин ҷойҳо тоҷикон муҳити ба хос дошта, гурӯҳан зиндагӣ мекунанд.

Бояд гуфт, ки ҳамин гуна тарзи маводгунунӣ аз матбуоти Шӯравӣ боқӣ монда, бо номи мухбирони коргару деҳқон ёд мешуд. Ҳамин минвол то имрӯз 29 шумораи он ба дасти хонандагон ва ҳаводорони ҷарида расидааст. Банда, ки доир ба тоҷикони Қирғизистон кори илмӣ дорам, ба ин восита қариб ҳамаи шумораҳои газетаи номбурда ба даст овардам. Саволе, ки дар ҳамбастагӣ ба он пайдо мешавад, ин хоҳад буд, ки «Паёми Ала-тоо» то куҷо метавонад, чун сарчашма ба тадқиқотчиёни таърих ва умуман, зисту рӯзгори тоҷикони ин сарзамин мавод бидиҳад? Дар ҷавоб ба ин савол бояд гуфт, ки ҳар касе онро мутолиа мекунад, то ҳади лозима метавонад, дар бораи минтақаҳои тоҷикнишин, вазъи мактабҳои тоҷикӣ, шахсиятҳои шинохтаи байни онҳо, таърихи муқимшавӣ, тарғиби дӯстӣ, шуғлу машғулият, нақши тоҷикон дар пешбурди соҳаҳои гуногун, фарҳанг, урфу одат, пешвоз аз ҷашнҳои миллӣ, мисли Наврӯз ва нақши Созмони миллии тоҷикон ба номи Рӯдакӣ маълумот гирад. Маҳз ҳамин хусусият хизмати кормандони моҳвора баҳри муаррихон аст, аз он ҷумла барои банда.

Дар маврид зикри ҳамин нукта муҳим аст, ки яке аз хусусиятҳои барҷастаи маводи пулисистӣ (журналистика) ин аҳамияти оҷилиро аз даст дода, чун манбаъи омӯзиши як замони муайян боқӣ мемонад. Нашрияи номбурда низ барои омӯзиши ҳолати имрӯзаи тоҷикони Қирғизистон хизмат хоҳад кард. Агар онро бо меъёрҳои муосири журналистика муқоиса намоем, натиҷа ин хоҳад буд, ки дар «Паёми Ала-тоо» иттилоот аҳамияти деркӯҳнашавӣ дорад яъне оҷилияти хабарӣ чандон мавқеъ надорад ва мақсади асосӣ тариқи маводҳои таҳлиливу тафреҳӣ ба тарбияи афкори тоҷикӣ ва муносибатҳои муътадили миллӣ равона шудааст.

Аммо аз аҳамияти таърихии ҷаридаи мазкур ёдовар шуда, аз ёд набояд баровард, ки дар зиндагии муосир чӣ нақш дорад дар чӣ оянда фазое месозад? Вижагии дигарро аз он ҷиҳат метавон асоснок кард, ки муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Қирғизистон дар саҳифаҳои он мақоми махсус дорад. Фаромӯш набояд кард, ки ин расона ҳамчун обзори дипломатияи мардумӣ баромад мекунад. Таҷриба нишон дод, ки Иттиҳоди тоҷикони Қирғизистон чун бо истифода аз дипломатияи мардумӣ ба бисёре аз нофаҳмиҳо ибтидо бахшидааст. Ҳатто он ҳолатҳое, ки гуфтушунидҳои расмии байнидавлатӣ қодир набуданд, вале гуфтушуниди мардумӣ пеши роҳи онро гирифт. Ҳамин тавр, нақши нашрияи мазкур барои ба вуҷуд овардани афкоре, ки рӯҳияи дӯстиро тарғиб мекунад, назаррас аст.

Чӣ тавре аз навиштаҳои он бармеояд, дар баробари инъикоси анъана, фарҳанг ва маданият боз ба ду ҷиҳати аҳамият медиҳад: 1) Баррасӣ кардани проблемаҳои ҳаётии тоҷикон ва ҳаллу фасли онҳо, монанди норасоии китобҳои дарсӣ барои мактабҳои тоҷикӣ, таъмирталабии мактабҳои мазкур, вайронии минтақаҳои тоҷикнишин, камбудии ҷойи кор ва ғ. Дар ин замини зикри ҳамин нукта муҳим аст, ки чанд мактаби тоҷикӣ ва чанд марказҳои фарҳангӣ, гузоштани номҳои тоҷикӣ ба кучаву дигар ташаббусҳоро маҳз бо кӯшиши созмони миллии тоҷикон сурат гирифтааст, ки дар саҳифаҳои нашрия инъикоси худро ёфтаанд. 2) Нигаҳдорӣ, парвариш ва бедор кардани хештаншиносӣ, ҳувияти тоҷикӣ ва ҳисси баланди миллӣ дар рафтору амали ҳар тоҷики қирғизистонӣ, бавижа насли наврас ва ҷавонон ба воситаи тарғиби забони модарӣ, чопи эҷодиёти адибони классикӣ ва шоирони тоҷиктабору тоҷикзабони Қирғизистон, ёдоварӣ аз адабиёти ҳазорсолаи тоҷику форс ва ҳоказо.

Назар ба қавли тоҷикони муқимӣ, ин нашрия алакай асари худро ба диду назари онҳо гузоштааст. Мавлонҷон Абдуразоқов раиси маркази фарҳангии тоҷикони деҳшӯрои Учқурғон ба радиои Озодӣ гуфта буд, ки «дар тероторияи Учқуғон зиёда аз сӣ ҳазор тоҷик аст. Ба ду- се газет халқи мо муҳтоҷ аст. Нав худшиносӣ пайдо карда истодаанд. «Паёми Ала-тоо» халқи моро шуурнокӣ ва худшиносашонро бардошт. Ин як байроқи мубориза мо буд, барои худшиносии миллатамон». Назар ба қавли ӯ дар Учқурғон зиёда аз 30 фоиз тоҷикон зиндагӣ мекунанд. То ин дам онҳо зери таъсири шадиди фарҳанги узбекӣ қарор доштанд, ки дар назди сарҳади Қирғизистону Узбакистон ҷойгир аст. Мавқеи сармуҳаррири он Қодиршои Мурувват низ дар ин масъала рӯшан аст. Тавре, дар сӯҳбате ба бахши тоҷикии радиои «BBC» гуфта буд «аз тариқи ин нашрия мехоҳем эҳсосоти ватандорӣ, дӯст доштани забону фарҳангро дар қалби онҳо бедор кунем, зеро барои насли бузургсол мушкил аст ба ин масъала рӯ овардан, аммо ҷавононро метавонем дар рӯхияи забони модарӣ ва таъриху фарҳанги миллӣ тарбият кунем». Ҳамин тавр ин

навча ниҳоли боғи маърифат дар шакл гирифтани афкору шинохти аслияти тоҷикони кишваре нақши бориз дорад.


АДАБИЁТ

1. Ҷӯраев Ф. Аз Истаравшан то Ала-тоо/ Ф. Ҷураев -Бишкек, 2008.
2. Рахимджонов А. Таджики Киргизистана / А. Рахимджонов Б. Марасулов. –Бишкек, 2007.
3. Рахимжонов А. Совет дружбы / А. Рахимжонов Ф. Джураев. -Бишкек, 2007.
4. Фарҳод Д. Тоҷикони Учқурғон/ Д.Фарҳод, С.Пулоди. –Хуҷанд, 1998.
5. Бобохонов М. Тоҷикони ҷаҳон/ М.Бобохонов, -Душанбе, 2001.
6. Искандаров С. Аз лалки то лалйк/ С. Искандаров //Минбари халк, 2006, 9 декабр.
7. Каримов М. Ала тоо хабарлары/ М. Каримов// Паёми Ала-тоо 29 ноябр, 2009 с.
8. Собиров Р. Паёми шодбоши/ Р. Собиров //Паёми Ала-тоо.



**РОЛЬ И МЕСТО ГАЗЕТА «ПАЁМ АЛА -ТОО» В ОБЩЕСТВЕННОМ МНЕНИЕ ТАДЖИКОВ КИРГИЗИИ**

Данная статья имеет исследовательский характер и посвящена деятельности общественного объединения таджиков Кыргизстана по пропаганде и увековечению таджикских традиций и обычаев в целом. Наяду с этим также отмечается и роль данного объединения в национальном самосознании таджиков, живущих за пределами Таджикистана.

**Ключевые слово:** таджики, культура, Киргизия, газета.

**THE ROLE AND PLACE THE BULLETIN «PAYUM IS ALA -TOO «IN PUBLIC OPINION OF THE TADJIKS OF KIRGHIZIA**

It is article has research character and the way of life; culture is devoted by reflection on newspaper pages "Payum is A-too" and to be Tadjiks of Kirgizstan and a merit public pauperization of Tadjiks of this country after propagation and perpetuating of the best Tadjik customs, traditions and as a whole mentality of this nation. And a number with it such the role of this association in national consciousness of foreign Tadjiks differs also.

**Key word:** the Tadjiks, culture, Kirghizia, newspaper.



**Сведения об авторе:** ***Фарида Абдуджалилова*** - аспирантка кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета ТНУ. Телефон: **907-94-69-62**


# СОСТОЯНИЕ ПРОСВЕЩЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В БУХАРСКОЙ НАРОДНОЙ СОВЕТСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ (1920-1924 ГГ.)


***Зарифов Насимджон***

**Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни**


Современный Центральный, Южный и Юго-Восточный Таджикистан, известный под названием Восточная Бухара, накануне установления Советской власти состоял из следующих бекств: Гиссарского, Курган-Тюбинского, Бальджуанского, Кабадианского, Кулябского, Каратегинского и Дарвазского [1]. Эта территория до политического переворота в Бухаре (1920 г.) находилась под властью Бухарского эмирата, который считался одним из наиболее отсталых аграрных государств. Более 90% всего населения эмирата было занято в сельском хозяйстве. Причем подавляющая часть земли и скота были сосредоточены в руках эмира, его чиновников, баев и духовенства. Еще отсталой частью эмирата была Восточная Бухара. Она была отделена от эмирата высокими горными хребтами, была полностью оторвана от железнодорожных и иных путей сообщения с другими районами эмирата, отсутствовали промышленные предприятия.

В культурном отношении также Восточная Бухара была самой отсталой частью эмирата, здесь не было ни русско-туземных, ни новомодных школ, функционировали традиционные старометодные мактабы и медресе.

Народное образование Восточной Бухары развивалось гораздо медленнее, чем в северных районах республики. Это объясняется еще тем, что народная революция в Бухаре произошла в сентябре 1920 года, а Советская власть в Восточной Бухаре была установлена только в 1921 году [2].

После свержения власти эмира и установления Советской власти? учитывая отсутствие государственной системы народного образования, безграмотность и темноту населения, еще в первой своей Декларации Временное революционное правительство БНСР объявило, что «…в области народного образования ставит своей задачей проведение бесплатного обучения, снабжение всех учащихся одеждой, обувью, учебными пособиями, создание сети яслей, детских домов, клубов, библиотек, народных домов, клубов для взрослых» [3].

С целью организации централизованного управления народного образования в БНСР 15 сентября 1920 года был организован Назират просвещения [4]. 25 октября 1920 г. состоялось организационное заседание школьного отдела при Назирате просвещения БНСР. При этом отделе было создано 4 секции: школьная, учетная, научная и воспитательная.

Но, в связи с увеличением объема работы, уже в 1923 г. при Назирате Просвещения БНСР дополнительно были организованы вакуфный, финансовый, хозяйственный, издательские отделы и отдел национальных меньшинств. При школьном отделе были созданы ряд секций, которые занимались составлением программ, переводом и изданием

учебников, учебных пособий для школ и курсов и налаживанием системы дошкольного воспитания [5].

Развитие народного образования в БНСР, в том числе районах Восточной Бухары, началось с перестройки старой школьной системы. 25 ноября 1920 г. согласно постановлению Народного назирата просвещения БНСР мечети отделялись от государства, а школа от мечетей [6]. Государство освободило учащихся от обязательного религиозного обучения. Образование и воспитание были изъяты из ведения духовных учреждений и переданы в ведение Нарназпроса и его отделов на местах. В результате проведенных мероприятий за короткое время в республике было создано 73 школы. В Бухарском вилояте, насчитывалось свыше 10 школ, где обучалось более 1000 учеников. Кроме того, в столичном вилояте было открыто 2 детдома и 6 интернатов [7].

Одновременно по всем вилоятам республики была проведена перепись детей школьного и дошкольного возраста и неграмотных взрослых. Народный назират просвещения принял решение о создании массовых начальных школ, единых по своей структуре, программе и плану занятий. Но, в силу ряда объективных и субъективных причин в первые годы Советской власти эта задача не была полностью осуществлена.

Своеобразие и сложность обстановки в различных районах республики порождали большое разнообразие в методах преподавания и планировании школьной работы. Большинство преподавателей этих школ составляли лица, получившие подготовку на 1 - 4-месячных подготовительных учительских курсах.

С сентября 1920 г. по первой половине 1921 года во многих районах БНСР, прежде всего в западной части были организованы местные отделы народного образования, занимавшиеся строительством новых школ, подбором педагогических кадров и контролированием деятельности школ [8].

15 марта 1921 года в Душанбе создаётся отдел народного образования [9]. и в качестве помощи правительство БНСР направило в Восточную Бухару 12 учителей - инструкторов и учебное пособие [10].

Среди исследователей по поводу даты организации отдела народного образования в Душанбе существуют разногласия. В некоторой литературе ошибочно организация отдела народного образования в Душанбе указана в июле 1921 года [11], тогда как в том же месяце состоялся съезд работников народного образования [12].

В июле 1921 года в Душанбе прошел съезд работников просвещения. На съезде были рассмотрены вопросы открытия школ, курсов по ликвидации неграмотности, подготовительных курсов для учителей, а также реформа старых школ и другие вопросы, касающиеся системы народного образования [13].

Образование городского отдела народного просвещения в Душанбе, а также съезд работников просвещения стали почвой для дальнейшего развития народного образования в районах Восточной Бухары. Хотя в первые годы строительства советская система народного образования в БНСР не отвечала еще предъявленным ей требованиям. Развитие народного образования требовало длительной и упорной работы, многие объективные и субъективные причины, всячески препятствовали просвещению народных масс. Кроме того, нормальной работе школ мешало нестабильное положение населения в регионе. В частности во многих газетах и журналах того периода отмечается, что в ряде мест «родители учеников под влиянием мулл и ишанов агитировали своих детей в том, что учеба в новой советской школе является поганой (запрещенной законом шариата), в результате чего дети не посещали школу» [14].

Школьная сеть в БНСР определена 8 сентября 1922 г., согласно постановлению Совета Народных Назиров, состояла из 57 школ и интернатов, 2 учительских института, 11 курсов ликбеза, 3 педагогических курсов. Общее количество учащихся в них составляло 3563 человека, в том числе 3157 школьников [15].

Согласно официальным данным в 1923/1924 учебном году на территории Восточной Бухары было всего 2 интерната контингентом учащихся в 35 учащихся. Других школ просто не существовало [16]. Но, согласно другим источникам с 7 ноября 1924 года в Восточной Бухаре функционировало 7 советских школ, 4 из которых были интернатами [17]. Другой историк приводит данные, что весной 1921 года существовало 5 школ с 600 учащихся [18]. По мнению Авзалова Х. в 1923/1924 учебном году в Кулябе, Каратегине, Душанбе и Гарме также существовали 4 интерната [19].

Вышеприведенных данные, если с одной стороны свидетельствуют о разных противоречащих сведениях, о количестве советских школ действующих в Восточной Бухаре, то с другой стороны показывают, что до образования Таджикской АССР в этом направлении не было достигнуто значимых результатов.

13 августа 1923 года ЦК БухКП провел расширенное совещание ответственных работников просвещения по вопросу о развитии народного образования. Совещание отметило, что Народный назират просвещения не уделяет должного внимания развитию начальных школ, и указал на необходимость быстрейшей организации начального образования [20]. Согласно этому постановлению доля государственных ассигнований на народное просвещение в бюджете БНСР увеличилось с 5,64% в 1922-1923 г. до 21% (865 тыс. руб. зол.) в 1923-1924 г. [21].

Обучение девочек в условиях Бухарской Народной Советской Республики считалось одним из труднейших вопросов, так как большинство населения, находившегося под влиянием религии, не желали обучать своих дочерей в новых советских школах. Но, несмотря на все это в БНСР были открыты школы для девочек, хотя их было очень мало.

Если в первые годы советской власти в Бухаре работали 3 женские школы, то в 1923-1924 учебном году там функционировали уже 5 женских школ, где обучалось 306 учениц [22]. Но в Восточной Бухаре, не было ни одной школы для девочек.

В целях подготовки специалистов для БНСР ЦК БКП и правительство БНСР поставили перед Назиратом просвещения вопрос о необходимости открытия в Москве Бухарского дома просвещения.

Большую роль в этом деле сыграл секретарь ЦК РКП (б) В. В. Куйбышев, хорошо знавший положение в Бухарской республике. По его инициативе ЦК РКП (б) принял постановление о создании в Москве при представительстве БНСР школы для детей трудящихся Бухарской республики. 23 марта 1923 г. Совет Народных Назиров БНСР вынес решение об учреждении в Москве Бухарского дома просвещения [23].

В начале 1924 года в ведении Бухдомпроса находилось уже 172 учащихся [24]. Деятельность этого учреждения во многом способствовала созданию новых, советских кадров, необходимых Бухарской республике, в частности ее органам народного образования. Также в 1922 году БНСР были организованы два института просвещения, охватившие 167 студентов и 2 курса по подготовке учителей в количестве 200 слушателей [25]. На территории Восточной Бухары первый подготовительный курс для учителей был открыт в апреле 1921 года по инициативе областного назирата просвещения в Душанбе [26]. В начале учебы количество студентов было 40 человек, а к окончанию 3-х месячных курсов осталось только 25 слушателей [27]. Это свидетельствует о том, что не все слушатели педагогических курсов заканчивали их. Подобные курсы были открыты в Каратаге для 50 слушателей, где обучение шло на узбекском языке [28]. Также 25 августа 1923 года ЦИК КП Бухары поручил Назиру просвещения БНСР М. Саиджонову, открыть в Восточной Бухаре педагогические курсы для 100 человек [29]. К сожалению, об открытии данных курсов точная информация в архивных документах отсутствует. Только Ходжимухамедова Х. без указания источника отмечает, что такие курсы были открыты при ЦИК Восточной Бухары [30].

В 1924 году ЦИК Восточной Бухары для нужд школ выделил 39.409 рублей [31]. Во всей БНСР в 1923/1924 учебном году число учителей доходило до 3000 человек [32], такая цифра для многонациональной республики была очень мала.

Одна из важнейших задач в области народного просвещения в БНСР была ликвидация неграмотности взрослого населения. Правительство БНСР ещё в сентябре 1920 г. предложило Назирату просвещения развернуть борьбу с неграмотностью взрослого населения путём широкой организации школ для взрослых. В январе 1921г. в БНСР насчитывалось 68 курсов по ликвидации неграмотности (правда половина из них бездействовала) [33]. В конце 1923 года в республике были организованы 21 курс по ликвидации неграмотности, охватившие 865 человек, на этих курсах работало 43 учителя [34].

В марте 1924 года при БухЦИКе были созданы комиссии по ликвидации неграмотности, а в апреле 1924 г. правительство БНСР издало декрет «Об обязательной учебе в школе ликбеза». Пункты по ликвидации неграмотности создавались как в городе, так и в кишлаке. Всего было организовано 12 ликпунктов охвативших 1572 человека [35].

В Восточной Бухаре было очень мало курсов по ликвидации неграмотности. По объективным и субъективным причинам они долго не смогли просуществовать. Весной 1921 года в Гисарском, а затем и в других вилоятах начали функционировать курсы по ликвидации неграмотности [36].

Как видно после установления Советской власти в БНСР проделана большая работа. В том числе была организована новая система народного образования, сильно отличавшаяся от старой Бухарской системы обучения. Другим преимуществом новой (советской) системы просвещения было то, что впервые для низших слоев населения организована бесплатная учеба, с другой стороны новая система оказовала материальную помощь им. Открылись первые педагогические институты, которые в дальнейшем превратились в крупные научные учреждения. Наряду с большими достижениями в области народного просвещения также имелось много недостатков.

Ограничение интересов таджикского народа началось с притеснения его языка. 11 марта 1921 года решением СНК БНСР узбекский язык был объявлен официальным языком в республике [37]. Таким образом, таджикский язык который тысячелетиями являлся официальным государственным языком под давлением и при поддержке советских партийно-государственных чиновников БНСР потерял статус государственного языка. Этот процесс не мог не повлиять на систему просвещения.

В газетах, журналах и архивных документах хранится сотни жалоб и протестов населения, подтверждающих ограничения прав таджиков. К примеру, в газете «Овози точик» были опубликованы статьи Аминзаде «Школа на родном языке» [38], Б. Вализаде «К сведению просвещения и культуры Таджикистана» [39], Рустои «Как обманывают таджиков» [40], «Вопрос языка в школе» [41].

В них говорится, прежде всего, об открытом протесте населения-таджиков по поводу обучения их детей на узбекском языке, о давлении узбекских работников партийных правительственных органов на таджиков, принудительный процесс узбекизации таджикского населения.

Обидно то, что в деле узбекизации таджикских школ участвовали не только чиновники тюркского происхождения, но и высокопоставленные таджикские начальники перешедшие на сторону пантюркизма. К ним можно отнести Абдулло Рахимбаева,

Абдурауфа Фитрата, Файзулло Ходжаева. К примеру Абдурауф Фитрат учился в Турции и в 1921 в БНСР занимал пост комиссара (назыра) Наркомпроса. Особенно во время его руководства за счет таджикских школ количесто тюрко-узбекских школ гораздо увеличилось [42].

В 1922 году против узбекизации таджикских школ и давления протюркских чиновников в городе Бухаре во главе с Аббосас Алиевым – одним из прогресивных просветителей и ярым врагом пантюркизма поднялось народное волнение. Джалол Икрами – свидетель этого волнения пишет: «Помню, что Аббас Алиев со своими товарищами поднял восстание. Поднял на ноги все школы и жителей гузаров, и на улице провел митинг. Цель восстания заключалась в переводе Бухарских школ на таджикский язык. После этого случая большинство школ Бухары были переведены на таджикский язык обучения».

Со слов Дж. Икроми становится ясно, что "жители всех гузаров поднялись на ноги", видно, что восстание было большое. С уверенностью можно сказать, что поднятие бунта Аббосом было направлено против пантюркизма и узбекизации таджикских школ. После этого случая в августе-сентябре 1922 года Аббос Алиев был направлен в Москву в Коммунистический университет трудящихся Востока. Как пишет Мухаммаджон Шакури для Аббоса Алиева это действие был как одним из способов наказания. К сожалению, после бунта школы в которых обучение было на таджикском языке под влиянием пантюркизма были переведены повторно на узбекский язык обучения.

В БНСР по вине пантюркистов и узбекских национал – шовинистов захвативших основные правительственные посты, таджики до 1922 года учились на турецком языке, а после этого года на узбекском языке, что нанесло большой ущерб национальному самосознанию таджиков и весьма отрицательно сказывалось на качестве образования. Только после национально-территориального размежевания и образования Таджикской АССР были созданы условия для повсеместного открытия советских школ с таджикским языком обучения, издания учебников и учебных пособий на родном языке.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Юсупов Ш. Положение женщин в Восточной Бухаре в конце XIX начале XX века. / Ш.Юсупов Известия отд. Общественных наук АН Таджикской ССР, 1963. -№ 1(32). – С. 45.
2.Набиева Р. История таджикского народа (на таджикском зыке). / Р.Набиева. Ф.Зикриёев. М.Зикриёева – Душанбе, 2011.– С. 36-41.
3.Ходжимухамедова Р. И. Первые годы строительства советской школы в Таджикистане./ Р. И. Ходжимухамедова. – С.167.
4.Каширина Т. В. Ленинский принцип в создании органов просвещения в Таджикистане 1924-1932. – Душанбе: «Дониш», 1982. – С.29.
5.Ходжимухамедова Р. И. – С.167.
6.Уралов А. Из истории развития народного образования в БНСР (1920-1924 годы) //Общественные науки в Узбекистане. / А.Уралов .1961.- № 3. – С.25.
7.Там же
8.Там же
9.Волошук Н. З. Дирӯз, имрӯз, фардо ./ Н. З. Волощук. //Мактаби совети, 1974. -№10, – С. 4.
10.Обидов И. Очерки мухтасари таърихи маорифи халқи Тоҷикистон. / И.Обидов. – Душанбе: «Ирфон», 1965. – С. 20.
11.Ходжимухамедова Р. И. Первые годы строительства советской школы в Таджикистане. Научные труды аспирантов. ДГПИ имени Т.Г. Шевченко. / Р. И. Ходжимухамедова. – Душанбе, 1966 г. – С.169.
12.Обидов И. Очерки мухтасари таърихи маорифи халқи Тоҷикистон./ И.Обидов. – С. 20.
13.Там же.
14.Кадиров А. Муаллимон дар мубориза барои мустаҳкам намудани музаффариятҳои револютсия октябр. / А.Кадиров. // Мактаби Советӣ, 1967.- №2. – С. 7-10.
15.Там же, – С. 26-27.
16.Шукуров М. Р. Очерки таърихи ташаккули маданияти сотсиалистии тоҷик./ М. Р. Шукуров. – С.181. а так же смт. История таджикского народа. Т. V. – С.348.
17.Иркаев М. Расцвет народного образования в советском Таджикистане. / М. Иркаев и друг. – Душанбе, 1987. – С.17.
18.История культурного строительства в Таджикистане. – Душанбе 1979. – С. 25.
19.Афзалов Х. Таърихи педагогикаи тоҷик. / Х.Афзалов. – Душанбе, 2002. -С.100-101.
20.Уралов А. //Общественные науки в Узбекистане./ А.Уралов 1961. -№ 3. – С.27.
21.Там же, – С. 24-25..
22.Там же, – С.24-25.
23.Там же, – С.27.
24.Там же.
25.Убайдуллоев Н. Таҳаввулоти сиёсии солҳои 1917-1924 ва дигаргуниҳо дар соҳаи маориф./ Н.Убайдуллоев //Фарҳанг. -2010. – №3-4. – С.22.
26.Хоҷимуҳаммедова Х. Баъзе маълумотҳо оиди ташкили мактаби совети дар Тоҷикистон ./ Х.Хоҷимуҳаммедова. //Мактаби Советӣ, 1964. -№3. – С.50.
27.Убайдуллоев Н. //Фарҳанг. 2010. – №3-4. – С.22.
28.Хоҷимуҳаммедова Х. //Мактаби Советӣ. / Х.Хоҷимуҳаммедова. 1964. -№3. – С.50.
29.Хуҷҷатҳо оид ба таърихи маорифи халқи РСС Тоҷикистон // Мактаби совети, 1967. -№3, – С. 55-57. ПА ТФ. ИМЛ Ф.62. оп.1. д.83. л. 77-79.
30.Хоҷимуҳаммедова Х. Баъзе маълумотҳо оиди ташкили мактаби совети дар Тоҷикистон./ Х.Хоҷимуҳаммедова //Мактаби Советӣ, 1964, №3. – С.50.
31.Обидов И. Аз таълими ибтидой ба маълумоти миёнаи умумӣ./ И.Обидов. – Душанбе, 1986. – С. 41.
32.Уралов А. //Общественные науки в Узбекистане./ А.Уралов. 1961. -№ 3. – С.28-29.
33.Пирумшоев Х. Убайдуллоев Н. и друг. Донишгоҳи омӯзгорӣ дар масири таърих. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – С. 41.
34.Убайдуллоев Н. //Фарҳанг. 2010. – №3-4. – С.23.
35.«Овози тоҷик» №2, аз 14.07.1925. – С.4.
36.«Овози тоҷик» №42, аз 17.08.1925. – С.1.
37..«Овози тоҷик» №74, аз 20.12.1925. – С.5.
38.«Овози тоҷик» №2, аз 24.09.1925. – С.2.

39.Ҳотамов Н. История таджикского народа (на таджикском зыке). / Н.Ҳотамов. – Душанбе. 2007. – С. 321.
40. Муҳаммадҷон Шакурӣ Фитнаи инқилоб дар Бухоро. Аббос Алиев. / Ш. Муҳаммадҷон. – Душанбе: «Шуҷоиён», 2010. – С.111.
41.Ҷ. Икромӣ. Он чӣ аз сар гузашт./ Ҷ. Икромӣ. // Садои Шарқ.–2006.–№3.–С.39-40.
42.Там же

## СОСТОЯНИЕ ПРОСВЕЩЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В БУХАРСКОЙ НАРОДНОЙ СОВЕТСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ (1920-1924 ГГ.)

В данной статье расматривается состояние просвещения таджикского народа в период сушествования БНСР. Автор на основе материалов периодической печати, путем критического метода и сопостовительного анализа освещает уровень развития просвещения таджикского народа в 1924-1929гг.

**Ключевые слова:** культура, народное образование, система образования, учитель, Народный комиссариат просвещения, комиссар.

## CONDITION OF EDUCATION OF THE TAJIK PEOPLE IN THE BUKHARA NATIONAL SOVIET REPUBLIC (1920-1924 GG.)

In this article the condition of education of the Tajik people during BNSR existence is considered. The author on the basis of periodicals materials by a critical method and the comparative analysis shines a level of development of education of the Tajik people in 1924-1929gg.

**Key words:** culture, national educations, education system, teacher, National commissariat of education, commissioner.

**Сведения об авторе:** ***Зарифов Насимджон*** – соискатель ТГПУ им Садриддина Айни

# Ҳ У Қ У Қ – П Р А В О

## ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ҲАМЧУН КАФОЛАТИ ДАВЛАТИИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН

*Ҷаҳонгир Саъдизода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони муосир риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз ормонҳои асосии давлатҳои ҷаҳон гардидааст. Ҳар як давлат вобаста ба сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии халқаш кӯшиши пиёда намудани амалҳоеро доранд, ки онҳо тавонанд дар таъмини ормонҳои асосии давлатҳо (ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон) саҳм гузоранд.

Баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон аз ҷумлаи амалҳои пиёданамудаи давлатҳо, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Зеро 3 декабри соли 2012 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» [1] қабул карда шуд. Мувофиқи барномаи мазкур баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон яке аз мақсадҳои асосии он маҳсуб меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 1-и Сарқонун давлати ҳуқуқбунёд эълон гардидааст. Таърихи инсоният нишон медиҳад, ки роҳи дигари беҳтари ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вуҷуд надорад. Роҳи ягона ва бебозгашт эъмори давлати ҳуқуқбунёд аст.[2] Зеро яке аз талаботҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд кафолати ҳифзи ҳуқуқи инсон аст, ки он натанҳо бо роҳи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки ҳуқуқи инсонро поймол мекунанд, балки бо роҳи маънавӣ, яъне баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон низ анҷом дода мешавад. Бинобар ҳамин ҳам давлат барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон дар байни аҳолӣ чораҳои заруриро меандешад. Аз қабили:

1) Ба роҳ мондани сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;
2) Ҷорӣ намудани таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ин фаъолияти давлат оид ба андешидани тадбирҳо баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон ва ғ. мебошад, ки дар қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва анҷом додани дигар амалҳо ифода меёбад. Дар Тоҷикистон барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон базаи мукаммали қонунгузорӣ ҷой дорад: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (1.03.2005), «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (20.03.2008), «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1.02.1996), «Дар бораи гурезаҳо» (10.05.2002), «Дар бора маориф» (17.05.2004), «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (19.03.2013) ва ғ.

Инчунин, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳо қабул шудаанд, ки мавқеи инсонро дар ҷомеа устувор гардониида, ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд. Аз қабили: Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 09.04.1997 сол), «Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» (таҳти № 2, аз 1.12.1999с.), «Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ва ғ. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор барномаҳои дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуҳлат, ки бевосита ба инкишофи фарҳанги ҳуқуқи инсон равона шудаанд, тасдиқ гардидааст. Аз қабили: «Барномаи Системаи давлатии омӯзиши соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.06.2001 тасдиқ гардидааст, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2012 тасдиқ гардидааст, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Инчунин, халқ низ дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон нақши назаррас дорад. Чунончи 6 ноябри соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарқонуни худро қабул намуд, ки он аз ҷониби халқ дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. Дар дебочаи он аз номи тамоми халқи Тоҷикистон чунин омадааст: «Мо халқи Тоҷикистон … озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, … ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем».[3]

Қайд кардан ба маврид аст, ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулкардаи давлат дар соҳаи ҳуқуқи инсон маҳз ба хотири баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон дар байни аҳолӣ мебошад. Агарчанде ки дар худи қонунҳо ин суханон пешбинӣ нашуда бошанд, лекин аз мазмуни (рӯҳи) онҳо бармеоянд. Аз тарафи дигар, аҳолӣ, яъне шаҳрвандони Тоҷикистон низ бо роҳи ҳуқуқэҷодкунӣ, яъне иштирок дар раъйпурсӣ метавонанд санаде қабул намоянд, ки заминаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон гардад. Қабули Сарқонуни нави Тоҷикистон ба ин мисол шуда метавонад. Дар он аз ҷумла омадааст:

1) Инсон ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд;

2) Ҳуқуқи инсон фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллиро муайян мекунад;

3) Мақсаду мазмун ва татбиқи қонунҳоро бояд ҳуқуқи инсон муайян намояд[4] ва ғ.

Яъне дар ҷараёни ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон натанҳо давлат, балки халқ низ иштирок мекунад. Илова ба ин, қайд кардан ба маврид аст, ки худи андешаи ҳуқуқи инсон, эҳтиром гузоштан ба он, қадру қимат ва озодӣ дар байни аҳолӣ ташаккул ёфтааст. Дар натиҷаи ин тадбирҳо дар тафаккури аҳолӣ андешаи «волоияти ҳуқуқи инсон» пайдо мешавад.

Волоияти ҳуқуқи инсон маънои онро дорад, ки дар ҳама самту фаъолият бояд ҳуқуқи инсон дар мадди аввал гузошта шавад, фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ба манфиати инсон равона шуда бошад.

Барои оммавӣ намудани андешаи «волоияти ҳуқуқи инсон» чӣ омил таъсир мерасонад? Ба ин суол ҷавобҳо гуногунанд.

Ба андешаи Е.М. Павленко барои он ки эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун асоси демократия ба анъана табдил ёбад, зарур аст, ки шаҳрвандон худашон ҳуқуқу озодиҳояшонро дарк кунанд, дар соҳаи мазкур донишҳои муайян дошта бошанд, ҳуқуқ ва шаъну шарафи дигар шахсонро эҳтиром гузоранд, ҳамчунин дар бахши ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо малакаю маҳорат дошта бошанд. Зеро, ба ақидаи муаллиф «воқиф будани инсон аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ унсури муҳими фарҳанги ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад.[5] Дар назарияи ҳуқуқи инсон андешаҳои ба ҳамин монанд низ ҷой доранд. Чунончи, В.В. Загородский қайд мекунад: «имрӯз маълум мегардад, ки ҳалли муваффақонаи масъалаҳо дар бахши ҳуқуқи инсон бе баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа… номумкин аст. Дар алоқамандӣ бо ин - қайд мекунад муаалиф – фарҳанги ҳуқуқиро мумкин аст ҳамчун яке аз заминаҳои муҳим ва шароити зарурии ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шахсият баррасӣ намуд»[6].

Ба ақидаи баъзе муаллифон «давлати ҳуқуқӣ дар замони муосир ин зинаи олии инкишофи озодӣ… мебошад». Ба андешаи онҳо «афзалияти ҳуқуқи инсон нисбати давлат нишонаи аввалиндараҷа ва муайянкунанда мебошад, ки дигар аломатҳои таъминкунандаи ҳуқуқи инсон ба он алоқаманд мебошанд». Зеро «мақсади давлати ҳуқуқбунёд ин таъмини ҳудуди озодии фард, дахлнопазирии ҳудуди озодӣ, ки бо ҳуқуқ муайян шудааст, манъ будани истифодаи чораҳои маҷбурсозии ғайриҳуқуқӣ мебошад»[7].

Ба андешаи мо яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон, яъне дар тафаккури аҳолӣ ҷойгир намудани андешаи «волоияти ҳуқуқи инсон» ин сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аст. Ин ақидаро Т.В. Касаева ва Т.В. Милушева дастгирӣ намудаанд. Чунончи, муаллифон қайд мекунанд, ки «сиёсати ҳифзиҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи шаъну шарафи инсон бе таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, фаъолияти пурсамари мақомоте, ки бо ҷиноят ва ҳуқуқвайрокуниҳо мубориза мебаранд… таъсирбахш намешавад».[8] Бинобар ин, ба ақидаи онҳо «барномаи давлатии мушаххаси баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳокимият зарур аст»[9], ки ин аз нақши баланди сиёсати давлатӣ дар бахши ҳуқуқи инсон гувоҳӣ медиҳад.

Как отмечается в правовой литературе режим недискриминации основывается на одном из основополагающих принципов международного публичного права — принципа суверенного равенства государств, и поскольку государства обязаны уважать суверенное равенство друг друга, а также все права, присущие суверенитету, и в том числе уважать правосубъектность других суверенных государств, постольку каждое государство имеет право свободно выбирать и развивать свою политическую, экономическую и культурную систему[9]. Таким образом, нарушение режима недискриминации следует рассматривать как нарушение принципа суверенного равенства государств.

Необходимость соблюдения режима недискриминации предусмотрено в п. 1 ст. 4 Соглашения между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Французской Республики о взаимном поощрении и защите инвестиций и п. 2 ст. 2 Соглашении между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Республики Казахстан о поощрении и взаимной защите инвестиций.

Преференциальный режим - это правовой режим, согласно которому государство предоставляет в отношении иностранных хозяйствующих субъектов определенного государства льготы и преимущества (преференции) по сравнению с иностранными хозяйствующими субъектами других государств. Преференциальный режим обычно устанавливают государства с развитой экономикой в отношении хозяйствующих субъектов развивающихся стран или государства - бывшие метрополии в отношении хозяйствующих субъектов государств - своих бывших колоний. К примеру, во Франции действует упрощенный режим регистрации юридических лиц с алжирской и сенегальской «национальностью», в Великобритании установлены упрощенные условия для предпринимательской деятельности кипрских и австралийских компаний[10].

Подводя итог, хотели бы подчеркнуть, что в основе разграничения разновидностей правовых режимов находится та или иная группа лиц, чей правовой статус берется за основу для сравнения с правовым статусом иностранных лиц, принадлежащих к данному государству. При применении режима недискриминации сравнение производится с «усредненным» общепринятым режимом, предоставляемым основной массе других иностранных лиц на территории данного государства. Нарушением этого режима будет являться ущемление в правах лиц, принадлежащих к одному иностранному государству, их индивидуальная дискриминация по сравнению с лицами из других иностранных государств. Национальный режим пользуется сравнением с правовым статусом местных (отечественных) физических и юридических лиц. Этим он отличается от режима наибольшего благоприятствования, который предлагает производить сравнение с правовым статусом лиц из других иностранных государств. Однако в отличие от режима недискриминации сравнение идет не с «усредненным» общепринятым режимом других иностранцев, а с наиболее благоприятным и «продвинутым» режимом, которым пользуется хотя бы одно иностранное государство. Опираясь на факт предоставления такого благоприятного режима одному из иностранных государств, другое иностранное государство, получившее доступ к режиму наибольшего благоприятствования, вправе претендовать на распространение всех имеющихся правовых возможностей на собственные физические и юридические лица. Преференциальный режим связан с получением дополнительных индивидуальных льгот и привилегий, которыми могут пользоваться лица, принадлежащие лишь к одному данному иностранному государству или ограниченной группе иностранных государств.

Резюмирую все вышеизложенное о правовых режимах иностранной предпринимательской деятельности, считаем, что на территории Республики Таджикистан в отношении предпринимательской деятельности иностранных хозяйствующих субъектах действует режим наибольшего благоприятствования, поскольку для всех иностранных хозяйствующих субъектов независимо от государственной принадлежности действуют единый порядок и условия осуществления предпринимательской деятельности на территории Республики Таджикистан, которые однако отличаются от порядка и условий осуществления предпринимательской деятельности отечественными хозяйствующими субъектами.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Алексеев С. С. Теория права / С. С. Алексеев - 2-е изд. -М.: БЕК, 1995 - 311с.
2. Матузов Н.И., Малько А.В. Правовые режимы: Вопросы теории и практики / *Н.И. Матузов, А.В. Малько* // Правоведение. - 1996. - № 1. - С. 17.
3. Шамсумова Э.Ф. Правовые режимы (теоретический аспект) : автореф. дис. ... канд. юрид. наук / *Э.Ф. Шамсумова* - Екатеринбург, 2001. - 24с.
4. Родионов О.С. Механизм установления правовых режимов российским законодательством: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / *О.С. Родионов* - Саратов, 2001. - 27с.
5. Иващенко Н.С. Правовой режим в налоговом праве / *Н.С. Иващенко // Вестник Российской правовой академии. - 2006, - № 5. - С. 69-71*
6. Ануфриева Л.П. Международное частное право. В 3 т. Т. 1. Общая часть / Л.П. Ануфриева - М.: БЕК, 2000. - 288 с.
7. Звеков В.П. Международное частное право: курс лекций / В.П. Звеков - М.: Изд. группа НОРМА-ИНФРА, 1999. 686с.
8. Асосков А. В. Правовые формы участия юридических лиц в международном коммерческом обороте (новые имена) / А. В. Асосков - Статут, 2003. 348 с.
9. Лукашук И.И. Международное право: учебник / И.И. Лукашук - М.: БЕК, 1996. - 367с.
10. Ларина Н.И., Кисельников Л.А. Региональная политика в странах рыночной экономики: учебное пособие / Н.И. Ларина, Л.А. Кисельников - М.: Экономика, 1998. 172 с.


**ПРАВОВОЙ РЕЖИМ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ИНОСТРАННЫХ ХОЗЯЙСТВУЮЩИХ СУБЪЕКТОВ НА ТЕРРИТОРИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**


В настоящей статье автор анализирует законодательство Республики Таджикистан с целью определить правовой режим иностранной предпринимательской деятельности в Таджикистане. В результате проведенного анализа законодательства Республики Таджикистан об иностранной предпринимательской деятельности автор приходит к выводу, что на территории Таджикистана в отношении иностранной предпринимательской деятельности действует режим наибольшего благоприятствования.



**Ключевые слова**: Правовой режим, иностранная предпринимательская деятельность, иностранные хозяйствующие субъекты, законодательство Республики Таджикистан, национальный режим, режим наибольшего благоприятствования.

**LEGAL REGIME OF BUSINESS FOREIGN ECONOMIC ENTITIES ON THE TERRITORY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In this article the author analyzes the legislation of the Republic of Tajikistan to determine the legal status of foreign business in Tajikistan. As a result of analysis of the legislation of the Republic of Tajikistan on foreign business activity, the author concludes that in Tajikistan on foreign business activity operates most favored.

**Key words:** Legal regime, foreign business activities, foreign entities, the legislation of the Republic of Tajikistan, national treatment, most-favored treatment.

**Сведения об авторе:** ***А.Пулатов*** – соискатель юридического факультета ТНУ.Телефон:**98-107-10-78**

# НИГОҲЕ БА ТАБАИЯТ ВА ИҚОМАТГОҲ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЭРОН

***Муҳсини Доробӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баррасии ин мавзӯъ чунин аҳамият дорад, ки ба муҷиби усул ва қавоиди байналмилалӣ дар боби осори ҳуқуқӣ дар иқоматгоҳ ва табаияти кадом қонун салоҳияти расидагиро дорад ва салоҳияти додгоҳ дар Эрон нисбат ба даъвое, ки дорои унсури хориҷӣ аст, чигуна бояд эҳроз шавад? Бинобар ин, бояд мушаххас шавад, ки кадом низом ё низомҳои ҳуқуқӣ бояд бар даъвои матрӯҳа дар додгоҳи ҳукумат дошта бошад.

Равшан ва ошкор аст, ки дар интихоби қонуни салоҳиятдор қозии додгоҳ озодии амал надорад ва наметавонад худсарона ва бино ба назари шахсии худ ва бар асоси салиқаву бардошти фардӣ рафтор ва бархӯрд намояд.

Ба ин ҷиҳат, ки дар ҳар кишваре усул ва қавоиде вуҷуд дорад, ки додгоҳ ва қозиро мулзам медорад, ки пас аз ташхису таъйини навъи даъвои қонуни муайяншуда тавассути қонунгузорро иъмол намояд.

Дар ин ҳолат қозӣ бо огоҳӣ медонад, ки дар миёни қавонини кишварҳои мухталиф, ки ҳатто метавонад ва мумкин аст қонуни кишвари худро солеҳ бидонад.

Дар ин ҳолат он чӣ дар қавоиди ҳуқуқи байналмилалӣ аз аҳамияти хосе бархурдор аст, масъалаи табаият ва иқоматгоҳ аст.

Лозим ва ёдоварӣ аст, ки интихоби қонуни салоҳиятдор манут ба таъйини авомили муртабит бо табаият ва иқоматгоҳ аст ва додгоҳи марҷаи расидагӣ ибтидо бояд дар хусуси табаият ва таъйину таколиф намояд ва баъд аз он қонуни салоҳиятдорро дар замони муқаррар ва муносиб иҷро намояд, ба унвони мисол «агар як фард дорои табаияти олмонӣ ва дар ҳоли ҳозир муқим дар кишвари Фаронса бо таваҷҷуҳ ба мусофират ба Эрон дар кишвари Эрон қувват кунад дар ҳоле, ки амволу дороиҳояш мисол дар кишвари Эрон қувват кунад дар ҳоле, ки амволу дороиҳояш мисол дар кишвари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аст. Дар ин ҳолат он чӣ дар низоми ҳуқуқии салоҳиятдор матраҳ мешавад, баҳси табаият, иқоматгоҳ ва маҳалли вуқӯи амволу тарака ва дороиҳои мутаваффӣ аст».

Дар ин мисол зикр шудааст, ки дар боло возеҳ ва ошкор аст, ки ҳар системаи миллии ҳуқуқӣ барои ин масъала ҳукми хос ва ҷудогонае дорад.

Ба таври мисол мумкин аст як системаи миллии ҳуқуқиро тобеи қонуни миллӣ бидонад, ки воҷиди салоҳият бошад ва дар ҳолати дигар қонуни маҳалли вуқӯи амволро воҷиди салоҳият бидонад. Лозим ва ёдоварист, ки дар кишварҳое, ки аҳволи шахсиятро тобеи қонуни миллӣ медонанд, ибтидо бояд табаияти афродро мушаххас кард.

Дар масоили марбут ба ҳуқуқи тааҳудоти қарордорӣ – маҳалли интиқоди қарордод, ё ақд ва ё маҳалли анҷоми амал ва дар мавриди масоили марбут ба амволи омили муҳим ва таъсиргузор мебошад.

«Дар қонуни кишвари Эрон барои ин ки мушаххас шавад, ба унвони мисол ҳар шахс, ё ҳар фарде чигуна аз амвол мерос мебарад? Ба ин масъала бармегардад, ки қозиву додгоҳи кишвари Эрон барои ташхиси мавзӯъ бояд ба қонуни миллӣ руҷӯъ кунад, ки ин маворид дар қонуни мадании кишвари Эрон зикр шудааст. Бинобар ин, омили табаият асари қатъӣ доштаву хоҳад дошт».

Чунончи мулоҳиза мешавад дар ин мисол аз як тараф, вуҷуди авомили иртибот монанди табаият, иқоматгоҳ ва аз тарафи дигар вуҷуди қавоиди иртибот монанди қоидаи табаияти ҳуқуқ аз қонуни миллӣ мутаваффӣ, ё қонуни иқоматгоҳи мутаваффӣ ва ё қонуни маҳалли вуқӯи мотарак, таъйин хоҳад кард, ки кадом низом ва ё низомҳои ҳуқуқӣ саранҷом бояд бар ин даъвои ирсӣ ҳукумат дошта бошад.

Дар масоили марбут ба тааҳудоти қарордодӣ омили иртибот мумкин аст «маҳалли инъиқоди ақд» ё «маҳалли иҷрои тааҳҳуд» бошад, ҳамчунонки дар элзомоти хориҷ аз қарордод, омили иртибот иборат аст аз «маҳалли анҷоми амал» ва дар масоили марбут ба режими амвол, омили иртибот иборат аст аз «маҳалли вуқӯи мол».

Диққат дар вижагиҳои системаҳои ҳуқуқӣ ин нуктаро равшан месозад, ки авомили иртибот дар кишварҳои мухталиф осори мутафовуте доранд ва ин ки дар масъалаи бахусус кадом омил иртиботи қатъият дорад, ба қавоиди иртибот, ё қавоиди ҳалли таорузи кишваре, ки даъво дар додгоҳи он матраҳ аст, бастагӣ дорад.

Масалан, агар дар зиндагии байналмилалӣ ин суол матраҳ бошад, ки оё фалон фард ворис аст ва аз маторак ирс мебарад ё на, ҷавоби масъала манут аст, ба ин ки

даъво дар додгоҳи кадом кишвар матраҳ бошад ва қоидаи иртиботи кадом кишвар иҷро шавад.

Агар ин масъала дар додгоҳи Эрон матраҳ бошад, чун қозии эронӣ бояд тибқи қоидаи иртиботи Эрон ба масъала расидагӣ намояд, пас барои ташхиси ин ки фарди мазбур ворис аст ё на, бояд ба қонуни миллӣ руҷӯъ кунад ва ба ҳамин ҷиҳат омили иртиботи табаият асари қатъӣ хоҳад дошт, дар ҳоле, ки агар ҳамин масъала дар додгоҳи кишвари дигарӣ (масалан, англисӣ) матраҳ бошад, қозии он кишвар ҳам бояд ба муҷиби қоидаи иртиботи кишвари худ ба масъала расидагӣ намояд

Ба ин тартиб агар як даъвои марбут ба ҳуқуқи ирсия дар додгоҳи кишваре матраҳ бошад, ки тибқи қоидаи иртиботи он кишвар ирсияи манқул тобеи қонуни иқоматгоҳи мутаваффӣ ворисияи ғайриманқули тобеи қонуни маҳалли вуқӯи мотарие аст, дар он сурат бар ҳасби ин ки мавзӯи мотараки манқул ё ғайриманқул дар байн бошад, омили иртиботи «иқоматгоҳ», ё омили иртиботи маҳалли вуқӯи мотарак «қатъият» хоҳад дошт, ҳамчунонки агар масъалаи ташхиси аҳлияти фард барои издивоҷ матраҳ бошад, посух манут аст, ба ин ки даъво дар додгоҳи кадом кишвар матраҳ бошад ва кадом қоидаи иртибот аъмол гардад.

Агар ин мавзӯъ дар додгоҳи Эрон, ё Фаронса матраҳ бошад, омили иртиботи «табаият асари қатъӣ хоҳад дошт, ҳол он ки дар додгоҳи Англия нисбат ба ин мавзӯъ омили иртиботи иқоматгоҳ қатъият хоҳад дошт, зеро системаи ҳуқуқии Эрон ва Фаронса қонуни салоҳиятдорро нисбат ба аҳлияти афроди қонуни миллӣ медонад, дар ҳоле, ки системаи ҳуқуқии англисӣ қонуни салоҳиятдорро нисбат ба ин масъала қонуни иқоматгоҳ медонад.

Аҳамияти мутақобили табаият ва иқоматгоҳ дар системаи таорузи қавонин. Баррасии иҷмолии системаҳои миллии таорузи қавонин равшан месозад, ки дар вазъи феълӣ ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ омили аслии иртибот дар системаи ҳуқуқии англисӣ ва амрикоӣ нисбат ба масоили марбут ба аҳволи шахсияти иқоматгоҳ аст, дар ҳоле ки омили мазбур дар системаи ҳуқуқии Эрон ва кишварҳои Аврупоӣ нисбат ба ин масоил табаият мебошад.

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки то қарни нуздаҳум аксари кишварҳои ҷаҳон қонуни иқоматгоҳи шахсиро ба унвони қонуни ҳоким бар вазъият ва аҳлияти ашхос қабул карда буданд ва дуруст аз ин қарн ба баъд аст, ки бо тадвини қонуни мадании Фаронса дар соли 1804 ки онро «Куд Нопмонӣ» меноманд. Омили иртиботи табаият ҷойгузини омили иртиботи иқоматгоҳ мешавад.

Ба наҳве, ки тамоми кишварҳое, ки ба таври мустақим ва ё ғайримустақим аз қонуни мадании Фаронса иқтибос кардаанд, асли салоҳияти қонуни миллиро нисбат ба мавзӯоти марбут ба аҳволи шахсият пазируфтаанд.

Вале алорағми таҳаввули мазбур асли салоҳияти қонуни иқоматгоҳ дар ҳуқуқи англисӣ ва мамолики Скандинавия ифо гардида, нисбат ба масоили шахсӣ ва хонаводагӣ, омили иқоматгоҳ ба унвони омили асосии иртибот боқӣ мондааст.

Дар бисёре аз мавзӯоти монанди «вазъияти ашхос», «ҳуқуқи ирсия» ва «аҳлият барои издивоҷ» нуқтаи аслии талофӣ дар кишварҳои дигар ба шумор меравад.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин ки ҳамакнун дар системаи ҳуқуқии Фаронса ва кишварҳое, ки ба таври мустақим ва ғайримустақим қонуни мадании Фаронсаро пазируфтаанд, тамоил бар он аст, ки муҷаддадан ба асли иқоматгоҳ бозгашт намоянд ва ба ҳамин ҷиҳат иқоматгоҳ ба унвони омили умдае дар ҳуқуқи байналмилали хусусӣ матраҳ гардидааст.

Дар натиҷаи ин таҳаввули ҷадид байни системаи ҳуқуқии Эрон ва системаи ҳуқуқии Фаронса дар мавриди нақши табаият ва иқоматгоҳ тафовути умдае ба вуҷуд омадааст. Иллати тафовут ин аст, ки дар системаи эронӣ ҳалли таоруз нисбат ба вазъият ва аҳлияти ашхос ва ҳамчунин нисбат ба ҳуқуқи ирсият қонуни давлат воҷиди салоҳият аст.

Дар мавориде, ки қонуни давлат матбӯи фарди қобили иҷро набошад, қонуни Эрон ба унвони қонуни додгоҳ, яъне қонуни додгоҳӣ, ки даъво дар он матраҳ аст, иҷро мегардад ва бинобар ин нақше барои иқоматгоҳ дар системаи таорузи қавонини Эрон пешбинӣ шудааст. Ҳол он ки дар системаи таорузи қавонини Фаронса қоидаи аъмоли қонуни иқоматгоҳ ба унвони як қонуни сонавӣ мавриди қабул воқеъ шудааст.

Тавзеҳи он ки системаи фаронсавӣ агарчӣ монанди системаи эронӣ усулан мубтанӣ бар омили иртиботи табаият аст ва ба муҷиби он қонуни давлат матбӯи фард бар аҳволи шахсияти ӯ ҳукумат дорад.

**Таорузи авомили иртибот.** Пас аз равшан шудани аҳамияти табаият дар системаи ҳуқуқии Эрон ва аҳамияти иқоматгоҳ дар системаи ҳуқуқии кишварҳои дигар акнун бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ дошта бошем, ки сирф донистани ин матлаб, омили аслии иртибот дар системаи ҳуқуқии Эрон, табаият ва дар системаи ҳуқуқии хориҷии иқоматгоҳ аст, барои ҳалли масоили матрӯҳа кофӣ нест, зеро омили иқоматгоҳ дар ҳуқуқи англисӣ бо онҷӣ аз он дар ҳуқуқи Эрон ва ё кишварҳои урупоӣ истинбот мешавад, тафовут дорад. Натиҷаи тафовути системаи ҳуқуқӣ дар бораи авомили иртибот навъе аз таоруз аст, ки онро истилоҳан таорузи авомили иртибот меноманд.

Моддаи 1002–юми қонуни мадании Эрон ки дар таърифи иқоматгоҳ муқаррар медорад: Иқоматгоҳи ҳар шахсе иборат аст, аз маҳалле аст, ки шахс дар он ҷо сукунат дошта маркази муҳими ӯ низ дар он ҷо бошад. Аз моддаи 102 қонуни мадании Фаронса иқтибос шудааст. Ин тарзи тафаккур, ки иқоматгоҳро маркази

муҳими умури шахс медонад, дар бисёре аз кишварҳо, ки аз қонуни мадании Фаронса мустақиман ё ғайримустақиман таъсир пазируфтаанд, дида мешавад.

Дар қавонини баъзе аз кишварҳои аврупоӣ дар таърифи иқоматгоҳ илова бар маркази муҳими умур унсури маънавӣ, яъне «қасди иқомат» низ ғунҷонида шудааст. Дар системаи ҳуқуқии англисӣ ва кишварҳое, ки аз ин система мутаассир шудаанд омили иртиботи иқоматгоҳ печидагии бештаре дорад, ба наҳве ки ироаи таъриф муталаққӣ аз иқоматгоҳ тақрибан ғайримумкин аст.

Дар ин системаи ҳуқуқӣ барои ба даст овардани иқоматгоҳ ду тариқа вуҷуд дорад. Яке иқоматгоҳи интихобӣ, яъне маҳалле, ки падар ва эҳтимолан модари шахс зинафъ дар замони таваллуди вай дар он ҷо мустақар будааст.

Бинобар ин, сирф ин ки қавоиди иртиботи ду кишвар омили иртиботи воҳидеро ба кор баранд ва масалан қонуни иқоматгоҳро ҳоким бидонанд, кофӣ нест, балки бояд бидонем, ки истилоҳи ҳуқуқии иқоматгоҳ дар ҳар системаи ҳуқуқӣ ба чӣ маънӣ ба кор рафтааст.

Ҳамин амр ба дараҷаи хафифтаре дар мавриди табаият ҳам содиқ аст, аз ин рӯ, ҳоизи аҳамияти бисёре аст, ки маълум шавад барои таъйини омили иртиботи табаият ва иқоматгоҳ чӣ қонуне бояд маноти эътибор бошад.

Қонуни ҳоким бар таъйини табаият ва иқоматгоҳ. Чунонки қаблан ишора шуд, яксон будани омили иртибот дар қавоиди иртиботи ду ва ё чанд кишвар таорузи қавонинро мунтафӣ намесозад, зеро мумкин аст омили иртиботи мазбур дар кишварҳои мухталиф тафсирҳои мутафовут дошта бошад.

Масалан, агар мавзӯи муайян ба мӯҷиби қавоиди иртиботи кишвари «алиф» ва кишври «бе» тобеи қонуни миллӣ ва ё қонуни иқоматгоҳ бошад, мумкин аст ба воситаи ин ки истилоҳи ҳуқуқии табаият ва ё иқоматгоҳ дар кишвари «алиф» ба як маънӣ ва дар кишвари «бе» ба маънии дигаре ба кор рафта бошад, таорузи авомили иртибот ба вуҷуд ояд.

Дар мавриди ин ки таорузи авомили иртибот яке аз масодиқ «таорузи тавсифҳо» аст, ё қисми мустақил ва ҷудогонае мебошад, назароти мухталифе вуҷуд дорад. Баъзе аз муаллифон монанди Бартин ва Нибоет бар ин ақидаанд, ки таъини омили иртибот ва таъйини масодиқи дастаҳои иртибот яксонанд ва таҳти унвони тавсиф ва табақабандии фазоӣ қарор мегиранд.

Ба андешаи баъзе аз дигарон монанди Каҳн ва Валф таорузи авомили иртибот аз масодиқи таорузи тавсифҳо нест, балки масъалаи мустақил ва ҷудогонае аст, ки беҳтар аст хориҷ аз масъалаи таорӯзи тавсифҳо мавриди мутолиа қарор гирад.

Ин нукта қобили таваҷҷуҳ аст, ки сарфи назар аз ин ки кадом назария пазируфта шавад, роҳи ҳалли қазия аз лиҳози қонуни ҳоким яксон нест. Яъне асл ин аст, ки барои таъйини омили иртибот ва ё таъйини навъи даъво тавсиф бояд ба қонуни додгоҳӣ, ки даъво дар он матраҳ аст, руҷӯъ намуд.

Дар ин баҳс аз лиҳози нақши умдае, ки омили табаият дар системаи эронӣ ҳалли таоруз дорад, ибтидо қонуни ҳоким бар таъйини иқоматгоҳро мутолиа хоҳад кард.

Қонуни ҳоким бар таъйини табаият. Дар мавриди омили иртиботи табаият мавқее, ки нисбат ба масъалаи қонуни давлат матбӯи шахси воҷид салоҳият будаву зинафъи як табаият дошта бошад, мушкили таъриф ва таъйини табаият пеш нахоҳад омад, зеро зинафъ ё тобеи давлати Эрон аст ва ё тобеи давлати хориҷӣ.

Дар сурати нахуст, тибқи моддаи 6-и қонуни мадании Эрон вазъият ва аҳлият, ҳуқуқи ироаи ӯ тобеи қонуни Эрон хоҳад буд ва дар сурати дуввум, тибқи моддаи 7-и қонуни маданӣ аҳволи шахсият ва ҳуқуқи ироаи ӯ мутеи қавонин ва муқаррароти он давлати хориҷӣ хоҳад буд.

Қаламрави аъмоли қонуни додгоҳи марҷаи расидагӣ. Ҳар гоҳ додгоҳи марҷаи расидагӣ бо фарде мувоҷеҳ бошад, ки беш аз як табаият дорад, вале яке аз табаиятҳои ӯ табаияти давлати матбӯи қозӣ аст, додгоҳ бояд ӯро тобеаи давлати матбӯи худ маҳсуб намояд ва табаияти хориҷии ӯро ба тавре талаққӣ кунад, зеро мутобиқи усули ҳуқуқи байналмилал ҳар давлате дар таъйини ин ки чӣ касоне атбои он давлат маҳсуб мешаванд, дорои истиқлол ва ҳокимият аст.

Бинобар ин, ҳар гоҳ дар мавриди аҳволи шахсияти фарде, ки ҳам тобеи Эрон ва ҳам тобеи давлати хориҷӣ аст, масъалае дар додгоҳи Эрон матраҳ шавад, додгоҳ бояд ӯро табааи Эрон бишносад ва қонуни Эронро аъмол намояд.

Ин тарзи тафаккур, ки барои таъйини табаияти табаа мазоифе, ки яке аз табаиятҳои ӯ табаияти давлати матбӯи қозӣ аст, бояд ба қонуни муқаррарии додгоҳ, ё қонуни додгоҳи марҷаъи расидагӣ руҷӯъ намуд, роҳи ҳалле аст, ки дар ҳамаи кишварҳо пазируфта шудааст, зеро ин ҳаққи мусаллами ҳар кишвар аст, ки таъйин кунад, чи касоне бар ҳасби қонуни он кишвари табааи ӯ ба ҳисоб меоянд ва чӣ касоне бегона талаққӣ мешаванд.

Ин роҳи ҳал на танҳо дар мавриди табаиятҳои мазоифи тавлидӣ, яъне табаиятҳои мазоифи ношӣ аз таорузи асли хун ва асли хок аъмол мегардад, балки дар мавриди марбут ба табаиятҳои мазоифи иқтисодӣ, яъне табаиятҳои мазоифи ношӣ аз издивоҷ, ё касби табаияти ҷадид бо ҳифзи табаияти собиқ низ қобили аъмол аст, чунонки моддаи 989-и қонуни мадании Эрон муқаррар медорад, «ҳар табааи Эронӣ, ки бидуни риояти муқаррароти қонуни табаияти хориҷии таҳсилкарда бошад, табаияти хориҷии ӯ табаияти Эрон шинохта мешавад».

Чунонки қаблан ишора шуд, ҳар гоҳ зинафъ беш аз як табаият дошта бошад, вале яке аз табаиятҳои ӯ табаияти давлати матбӯи қозӣ бошад, бидуни шак бояд табаияти ӯро мутобиқи қонуни додгоҳӣ, ки даъво дар он матраҳ аст, муайян намуд.

Ҳоло ин суол матраҳ мешавад, ки агар ҳеҷ кадом аз табеиятҳои ӯ табияти давлати матбӯи додгоҳ набошад, барои таъйини табеияти ӯ ба кадом қонун бояд руҷӯъ намуд?

Фарз кунем, фарде, ки мутобиқи қонуни табаияти Фаронса ба воситаи таваллуд аз падари фаронсавӣ табаи Фаронса ва мутобиқи қонуни англисӣ ба воситаи таваллуд дар қаламрави Англия табаи англисӣ маҳсуб мешавад, дар Эрон, ки маҳалли иқоматаш мебошад фавт мекунад ва масъалаи тақсими тараҷаи ӯ байни ворисон дар додгоҳи Эрон матраҳ мегардад.

Медонем, ки мувофиқи моддаҳои 8 ва 967 қонуни мадании Эрон ҳуқуқи ирсиятии бегонагони тобеи қонуни давлати матбӯи онҳо аст. Вале дар ин фарз чун мутаваффӣ ҳам тобеи Фаронса ва ҳам тобеи Англия аст, додгоҳи эронӣ қабл аз аъмоли қоидаи эронии ҳалли таоруз ибтидо бояд мушкили табаияти мазоифро ҳал кунад.

Ба ибораи дигар, баҳс бар сари таъриф ва таъйини табаият мутаваффӣ аст ва додгоҳ бояд яке аз ду табаияти мутаваффиро ба унвони табаияти ҳуқуқии ӯ тарҷеҳ диҳад. Бинобар ин, додгоҳ бо ин суол мувоҷеҳ аст, ки барои таъйини табаияти ҳуқуқии мутаваффӣ аз ин қавонини зер кадом қонунро бояд маноти эътибор қарор диҳад? Қонуни Фаронса, қонуни Англия ва ё қонуни Эрон?

Бар хилофи фарзи собиқ яъне фарзе, ки дар он яке аз табаиятҳои зинафъи табаияти давлати матбӯи қозӣ бошад, дар ин фарз беҳтар аст аз аъмоли қонуни додгоҳ, яъне қонуни табаияти Эрон сарфи назар кунем ва барои таъйину таърифи табаияти ҳақиқӣ ба қонуни хориҷӣ руҷӯъ намоем.

Қонуни ҳоким бар таъйини иқоматгоҳ. Дар мавриди омили иртиботи иқоматгоҳ низ мавқее, ки нисбат ба масъалае қонуни иқоматгоҳ воҷиди салоҳият бошад ва кишварҳои зинафъ дар мавриди иқоматгоҳ таърифи воҳидеро пазируфта бошад, додгоҳ бо мушкили таъриф ва таъйини иқоматгоҳ мувоҷеҳ нахоҳад шуд. Мушкили таъйини иқоматгоҳ замоне пеш меояд, ки қавонини ду ё чанд кишвар дар мавриди иқоматгоҳ тафсирҳои мутафовуте дошта бошанд. Дар чунин мавриде барои таъйини иқоматгоҳи зинафъ гоҳо қонуни додгоҳ ё қонуни дигари хориҷӣ ё қонуни сабабро бояд аъмол намуд.

Дар хусуси ин ки омили иртиботи иқоматгоҳро тибқи чӣ қонуне бояд таърифу таъйин намуд, роҳи ҳалли усуле, ки дар системаи ҳуқуқии кишварҳои аврупоӣ пазируфта шуда, аъмоли қонуни муқарраран додгоҳ аст.

Додгоҳи англис дар масоили марбут ба таъйини авомили иртибот маъмулан ҳамон аслеро, ки дар масоили марбут ба тавсифҳо риоят мекунанд, амал менамоянд, ба ибораи дигар қонуни англисро ба унвони қонуни матбӯи додгоҳ ба мавқеи иҷро мегузоранд.

Ҳамон тавр ки дар мавриди омили иртиботи табаият гуфта шуд, дар мавриди омили иртиботи иқоматгоҳ низ мавқее, ки масъалаи иҷрои қавоид ва таъсисоти ҳуқуқии Эрон матраҳ бошад, барои таъйини иқоматгоҳ аз лиҳози байналмилалӣ бояд ба қонуни Эрон ба унвони қонуни додгоҳе, ки даъво дар он матраҳ аст, руҷӯъ кунем. Ба ибораи дигар, барои ин ки маълум кунем, чӣ касоне муқими Эрон ҳастанд, бояд ба муқаррароти қонуни Эрон муроҷиа намоем. Чаро ки аз лиҳози байналмилалӣ касе метавонад муқими Эрон маҳсуб шавад, ки шароити онро тибқи қонуни Эрон дошта бошад.

Бинобар ин, агар филмасал бихоҳед, маълум кунем, ки як олмонӣ дар Эрон иқоматгоҳ дорад, ё на, набояд ба қонуни Олмон руҷӯъ кунем, балки бояд шароитеро, ки қонуни Эрон муқаррар доштааст, мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳем. Агар мутобиқи қонуни Эрон битавон ӯро муқими Эрон маҳсуб намуд, дигар ба ин масъала, ки оё қонуни Олмон чунон ҳаққеро барои ӯ қоил аст, ё на, набояд таваҷҷуҳе кард ва баръакс, агар мутобиқи қонуни Эрон муқими Эрон маҳсуб нашавад, дигар мутобиқи қонуни Олмон наметавонад дар Эрон иқоматгоҳ дошта бошад.

Агарчи барои таъйини омили иртибот усулан бояд ба қонуни додгоҳе, ки даъво дар он матраҳ мешавад, руҷӯъ намуд, вале дар мавориде, ки иттифоқ меафтад, ки иқоматгоҳ ба унвони як омили иртибот мундариҷ дар қоидаи ҳалли таорузи муқаррари додгоҳ матраҳ намешавад, балки ба сурати як омили иртиботи мундариҷ дар қоидаи ҳалли таорузи кишвари хориҷӣ зоҳир мегардад.

Ба унвони баъзе аз ҳуқуқдонон чун дар ин фарз низ таъйини омили иртиботи иқоматгоҳ дар интихоби қонуни салоҳиятдор таъсир дорад, тибқи усули куллии ҳоким бар масъалаи тавсифҳо барои таъйини иқоматгоҳи зинафъ бояд ба қонуни додгоҳ руҷӯъ намуд. Вале ба назар мерасад, ки дар чунин мавориди беҳтар аст, барои таъйини иқоматгоҳ ба қонуни сабаб ё қонуни хориҷӣ руҷӯъ шавад.

Масалан, дар додгоҳи Англия масъалаи ирсияти манқули фардӣ матраҳ мешавад, ки тибқи тафсире, ки ҳуқуқи Англия аз иқоматгоҳ дорад, иқоматгоҳаш дар Фаронса ва тибқи тафсире, ки ҳуқуқи Фаронса аз иқоматгоҳ дорад, иқоматгоҳаш дар Англия мебошад.

Мутаваффии амволи манқул дар Англия баҷо гузоштааст ва додгоҳи Англия бояд ворисаи ӯ ва мизони саҳмулирсии онҳоро мушаххас намояд. Аз он ҷо ки тибқи қоидаи таорузи қавонини Англия таракаи манқул тобеи қонуни охирини иқоматгоҳи мутаваффӣ аст, пас қозии Англия бояд ба қонуни Фаронса руҷӯъ кунад, аммо чун мутобиқи қонуни Фаронса иқоматгоҳи мутаваффӣ дар Англия қарор дорад, додгоҳи Англия мумкин аст дар ин фарз ба ҳамон наҳв, ки додгоҳи Фаронса тасмим хоҳад гирифт, раъй диҳад, яъне қонуни Англияро аъмол намояд.

Аз лиҳози системаи ҳуқуқӣ Эрон низ агар масъалаи таъйини омили иртибот мундариҷ дар қоидаи таорузи хориҷӣ матраҳ гардад, қоидатан бояд қонуни иҳолакунандаро маноти эътибор донист. Масалан, агар масъалаи ҳуқуқи ирсияи як англис, ки дар Эрон фавт кардааст, дар додгоҳи Эрон матраҳ гардад, қозии эронӣ ҳасбулқоида бояд барои таъйини иқоматгоҳи мутаваффӣ ба қонуни англияӣ руҷӯъ намояд, зеро мутобиқи моддаи 7 ва 967 қонуни мадании Эрон ҳуқуқи ирсияи бегонагон тобеи қонуни давлати матбӯи онҳо аст ва чун мутаваффӣ англияӣ аст, бояд қонуни англияро аъмол намуд, вале бо руҷӯъ ба қонуни байналмилалии Англия маълум мешавад, ки аз лиҳози ҳуқуқи байналмилалӣ таракаи манқул тобеи қонуни иқоматгоҳи мутаваффӣ аст.

Бо ин тартиб дар масъалаи таракаи манқул як англис, ки дар Эрон фавт кардааст, агар мутобиқи қонуни Англия мутаваффии муқими Эрон маҳсуб шавад, дар натиҷаи иҳолаи қонуни Англия ба қонуни Эрон, қозии эронӣ барои таъйини ворисаи мутаваффӣ ва ташхиси мизони саҳмулирси онҳо ба муқаррароти қонуни мадании Эрон дар боби ирс руҷӯъ хоҳад кард, аммо агар мутобиқи қавонини Англия иқоматгоҳи мутаваффӣ дар Англия бошад, дар он сурат, масъалаи иҳола матраҳ нахоҳад шуд ва қозии эронӣ барои таъйини ворисаи мутаваффӣ ва мизони саҳмулирси онҳо ба қавонини дохилии Англия дар боби ирс руҷӯъ хоҳад кард.


**АДАБИЁТ**

1. Муҳаммад Насирӣ. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. -Теҳрон.1382.
2. Саидалӣ Шойгон. Ҳуқуқи мадании Эрон, ҷилди аввал, -Теҳрон, 1339.
3. Diccy and Morris. The Conflict of Laurs, London, 1980.
4. A.W. Scott. Private international Law. Conflict of Laurs, 1979.
5. Наҷодалӣ Алмосӣ. Таорузи қавонин. Интишороти Донишкадаи ҳуқуқ ва улуми сиёсии Донишгоҳи Теҳрон, 1340.
6. Dicey and Morris op.cit.,p,29; F. Rigaux: op. cit.,p, 292.



**ВЗГЛЯД НА ГРАЖДАНСТВО И МЕСТОЖИТЕЛЬСТВО В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА ИРАНА**

Данная статья посвящена изучению системы международного права Исламской Республики Иран в части определения гражданства и местожительства иностранных граждан, проживающих в Иране, или проживающих на временной основе. В Конституции Исламской Республики Иран констатируется то факт, что она создает условия для расширения международных отношений, а также стремится к построению единой нации во всем мире.



**Ключевые слова:** Конституция Исламской Республики Иран, гражданский Кодекс Исламской Республики Иран, гражданские права и свободы, местожительство, гражданство, международные отношения.



**OPINION ON NATIONALITY AND RESIDENCE IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL LAW, IRAN**

This article is devoted to the study of the system of international law of the Islamic Republic of Iran in terms of determining the nationality and residence of foreign nationals residing in Iran, or living on a temporary basis. In the Constitution of the Islamic Republic of Iran stated the fact that it creates conditions for expansion of international relations and seeks to build a single nation around the world.



**Key words:** Constitution of the Islamic Republic of Iran, the civil Code of the Islamic Republic of Iran, the civil rights and liberties, residence, citizenship, international relations.



**Сведения об авторе:** ***Мухсини Дороби*** – соискатель Таджикского национального университета


# ВАЗЪИЯТИ ТОБЕИЯТИ ШИРКАТҲОИ ТИҶОРӢ ДАР ҲУҚУҚИ МИЛЛӢ ВА ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***(ҳуқуқи татбиқӣ байни ҳуқуқи Эрон ва ҳуқуқи Аврупо)***


***Ҷавод Сафдарӣ Кӯҳнашаҳрӣ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Истилоҳи «тобеияти ширкатҳо», ки ҳам дар ҳуқуқи миллии кишварҳо ва ҳам дар равияи байналмилалӣ ба он пардохта шудааст, мафҳуме мавриди мунокиша аст. Иллати ин амр ин аст, ки қонунгузорон таърифе аз ин истилоҳ ироа накардаанд. Ба ҳамин далел аст, ки гоҳ дар ин ки ширкат битавонад тобеияте дошта бошад, тардид шудааст.

Чунончи «додгоҳи таорузот», ки дар Фаронса ба ихтилофот миёни додгоҳҳои қазоӣ ва идорӣ дар хусуси салоҳият расидагӣ мекунад, дар раъйи маъруфи худ мавсум ба Маюл, Арбуно ва Ширко, содира дар 23-юми ноябри соли 1959 таъйини тобеияти ширкатро амре мавриди талаққӣ мекунад. Яъне ҳар додгоҳе аъм аз идорӣ ё қазоӣ, ки ба дархости як ширкат расидагӣ мекунад, метавонад онро бар асоси муқаррароти қонунӣ ё ойинномаҳои қобили аъмол ба қазия таъйин кунад.

Ин тарзи талаққӣ ба ин маънӣ аст, ки дар мавриди ширкатҳо тобеият масдоқ надорад. Қабл аз он ҳам, девони кишвари Фаронса дар раъйи 25-уми июли соли 1933 худ қоил ба ду навъи тобеият барои ширкат шуда буд. Як тобеият, ки бар асоси муқаррароти ҳуқуқи маданӣ ва хусусӣ муайян мешавад ва як тобеият, ки мубтанӣ бар ҳуқуқи умумӣ аст.

Тафаккури охир бо ин пешфарз иброз мешавад, ки тобеият як робитаи сиёсиву маънавӣ аст, ки шахсро ба як давлат муртабит мекунад. Ин пешфарз, ки рӯзгоре тарафдороне доштааст, имрӯз мабнои таъйини тобеияти ширкат нест. Ширкат,

дарвоқеъ як мавҷуди моддае аст ва тобеияти ӯ аз ҷинси тобеияти ашхос ҳақиқӣ нест. Ҷустуҷӯи тобеияти ширкат чизе ҷуз ин нест, ки бубинем ширкат бо чӣ низоми ҳуқуқии миллӣ дар иртибот аст.

Ба дигар сухан, масъала дар таъйини тобеияти ширкат ин аст, ки ташкил, ҳаёт ва инҳилоли ширкат тобеи чӣ қонуне аст ва ҳуқуқи ӯ бо таваҷҷуҳ ба чӣ қонуне таъйин мешавад.

Натиҷаи ин тарз талаққӣ ин аст, ки аввалин барои таъйини тобеияти ширкат бояд ба дунболи як малоки иртиботи моддӣ буд ва на як малоки маънавӣ, сониян, бар хилофи он чӣ дар хусуси тобеияти ашхоси ҳақиқӣ мисдоқ дорад. Қозии хориҷӣ метавонад фориғ аз мулоҳизоти сиёсӣ, ки дар тасмимгирии ӯ дахолат надорад, тобеияти як ширкатро муайян кунад.

Бо ин талаққӣ, ки таъйини тобеияти ширкат ба мафҳуми таъйини низоми ҳуқуқии миллӣ аст, ширкат бо он муртабит аст, ки тобеияти ширкатро бояд дар ду ҳавзаи баҳси ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷустуҷӯ намуд. Ҳавзаи таорузи қавонин ва ҳавзаи вазъияти бегонагон.

Дар чорчӯби баҳс таорузи қавонини масъала ба ин тартиб қобили тарҳ аст, ки ба чӣ малоке бояд мутавассил шавем, то аз миёни қавонини миллӣ, эҳтимолан солеҳ, қонуни муносибе, ки бар ташкил, ҳаёт ва инҳилоли ширкат ҳукумат карданро интихоб кунем? Ин қонунро, ки бар сохтори ширкат ҳукумат мекунад, истилоҳан «қонуни ширкат» меноманд. Наҳваи таъйини ин қонун дар ҳуқуқи миллии кишварҳо мутафовут аст.

**Ҳуқуқи англосокин.** Дар ҳуқуқи англосокин малоки таъйини қонуни ширкат, маҳалли ташкили ширкат аст, ки иқоматгоҳи ширкат низ талаққӣ мешавад. Қонуни маҳалли ташкил ба тамоми масоили марбут ба мавҷудияти ширкат ҳукумат мекунад, дуруст ташкил шудааст? Ҳудуди аҳлияти ӯ чист? Оё дар ҳоли ҳаёт аст, ё мунҳал шудааст? Ин система, ки дар ҳуқуқи Ҳуланд низ мавриди амал аст, қонуни ширкатро қонуни маҳалли сабти он талаққӣ мекунад, сарфи назар аз ин ки ширкат дар чӣ маҳалле фаъол аст.

**Ҳуқуқи Фаронса.** Ҳуқуқи Фаронса аз миёни малокҳои маҳол ташкил ва иқоматгоҳ, ё маркази идории ширкат, малоки охирро тарҷеҳ додааст. Ба муҷиби моддаи 210-3 қонуни тиҷорати феълӣ ва низ моддаи 1837 қонуни маданӣ: «Ширкатҳое, ки маркази идории онҳо дар сарзамини Фаронса воқеъ аст, тобеи Қонуни Фаронса ҳастанд»

Тафсир маъмулан мавриди пазириши ин модда ин аст, ки ҳар ширкате, ки маркази идории он дар сарзамини Фаронса нест, тобеияти фаронсавӣ надорад, балки алалусули тобеиятӣ дорад, ки қонуни кишвари маҳалли иқомат ширкати онро муайян мекунад. Равияи фазоии Фаронса дар таъйини қонуни Фаронса ба унвони Қонуни Ширкат дар фарзе, ки иқоматгоҳи ширкат дар кишвари Фаронса воқеъ будааст, тардид накардааст.

Мабнои ин тафаккур ин аст, ки «Ширкати шахсиятии мустақил аз шарикон маслиҳати таҷоруб ҳукм мекунад, ки ба ин шахсияти ҳуқуқии мустақил тобеияте ато шавад, ки қонуни кишвари маҳалли иқомати ширкатро муайян мекунад».

Дар мавриди мавзеи ҳуқуқи Фаронса зикри се нукта лозим ба назар мерасад. Нуқтаи аввал ин аст, ки он чӣ қонуни Фаронса ва қабл аз он равияи фазоии ин кишварро ба тарҷеҳ қонуни иқоматгоҳи ширкат барои таъйини тобеияти он савқ додааст, вуҷуди шахсияти ҳуқуқии ширкат аст.

Агар ширкат шахсияти ҳуқуқӣ надошта бошад, ки ширкатҳои амалӣ чунин ҳастанд – қонуни ҳоким бар ширкат қонуне аст, ки режими ҳуқуқии оми таорузи қавонин роҷеъ ба қарордодҳо, яъне қонуни мунтахаби тарафайнро муайян мекунад;

Дуюм ин аст, ки ин система дар мавриди ширкатҳое, ки дар кишвари Фаронса иқоматгоҳ доранд, аъмол мешавад, ҳаргоҳ ширкате дар хориҷ аз Фаронса иқоматгоҳ дошта бошад, тобеияти ширкатро қонуни кишваре муайян мекунад, ки иқоматгоҳ дар он воқеъ аст.

Масалан, агар ширкате дар Англистон иқоматгоҳ дошта бошад, ҳуқуқи Фаронса қонуни ин кишварро солеҳ барои таъйини тобеияти ширкат талаққӣ мекунад. Пас, агар маҳалли ташкили ин ширкати муқими Англистон, масалан кишвари Ҳуланд буда бошад, ин ширкат дорои тобеияти Ҳуландӣ, яъне тобеи қонуни маҳалл ташкил хоҳад буд. Нуктаи саввум ин аст, ки равияи фазоии охири Фаронса ба самт ва сӯе нишон медиҳад, ки барои таъйини қонуни ширкат иқоматгоҳи ҳуқуқии ширкатро малок қарор диҳад.

Яъне иқоматгоҳе, ки ҷиддӣ аст ва на ғайривоқеӣ. Дар чунин вазъи аз назари ҳуқуқӣ ғайримумкин нест, ки як ширкати ташкилшуда дар Англистон, дар Фаронса иқоматгоҳи воқеӣ дошта бошад ва дар натиҷаи ашхоси солис, масалан, мақомоти молиётӣ – ширкатро тобеи қонуни Фаронса талаққӣ мекунанд. Бинобар ин, зоҳиран дар амал чунин нест, чун ин амр мумкин аст, дар низоми тиҷорати байналмилал эҷоди ахлол кунад.

Ба ҳар ҳол дар системаи ҳуқуқии Фаронса қонуни кишвари маҳалли иқомат на танҳо бар ташкил, балки бар тарзи амали ширкат, ихтиёроти мудирон ва масъулияти онон бар эътибори авроқи баҳодорӣ, ки ширкат мунташир мекунад ва низ бар инҳилоли он ҳукумат мекунад.

Ҳуқуқи Эрон. Дар ҳуқуқи Эрон тобеияти ширкатҳо ҳаргиз аз ин зовия мавриди баҳс қарор нагирифтааст ва танҳо дар баҳси ҳуқуқи бегонагон ба он пардохта шудааст, ки мо низ баъдан ба он хоҳем пардохт.

Суоле, ки матраҳ мешавад, ин аст, ки бо ин масъала дар ҳуқуқи мо чӣ гуна бояд бархӯрд шавад? Ба иборати равшантар суоли қобили матраҳ ин аст, ки қонуни ҳоким бар ширкати тиҷорӣ чӣ қонуне аст? Оё ширкатро бояд тобеи қонун қарор дод.

Як назар метавонад ин бошад, ки ширкатро бояд монанди ҳар қарордоди дигар, бидуни таваҷҷуҳ ба шахсияти ҳуқуқӣ, ки дар қолаби он фаъолият мекунад, бар асоси қавоиди ом ҳалли таоруз, тобеи қонуни маҳал асноди он, яъне тобеи қонуни маҳалли ташкил ва ба таъбире маҳалли ташкил ва ба таъбире маҳалли таъсиси ширкат талаққӣ кунем. Ин назар, ки ба назарияи англисии маҳалли ташкил наздик аст, метавонад бар моддаи 968 Қонуни маданӣ устувор бошад.

Ба мӯҷиби ин модда «таахудот ношӣ аз ақдҳои тобеи қонуни маҳалли вуқӯи ақд аст». Мушкилии ин назария ин аст, ки вижагии ширкати тиҷориро аз назар дур медорад.

Вижагӣ ин аст, ки ширкати тиҷорӣ, ки як қарордод аст, дар айни ҳол як шахси ҳуқуқӣ низ ҳаст. Дарвоқеъ қонунгузории мо ширкати тиҷориро ҳатто дар фарзи адами сабт ва адами риояти муқарраротӣ қонуни тиҷорат роҷеъ ба ташкил ва тарзи амали ширкатҳо, шахси ҳуқуқӣ ва мушахассан ширкати тазоминӣ талаққӣ мекунад. Чӣ гуна метавон чунин мавҷуди ду ваҷҳеро аз ҳайси ташкил, тарзи амал ва инҳилоли тобеи қонун мавриди интихоби тарафайн қарор дод? Ширкати тиҷорӣ дар айни ҳол мавҷуде аз мустақили шарикон аст, ки худ пас аз эҷод дар муқобили ашхоси солис дорои ҳуқуқ ва таахуддот аст ва ин ашхос метавонанд аз тавофуқи миёни шарикони кӯчактарин иттилоъ надошта бошанд.

Тобеияти ширкат дар ҳуқуқи дохилии кишварҳо. Мутолиаи системаҳои ҳуқуқии дохилӣ нишон медиҳад, ки барои таъйини тобеияти ширкатҳо дар ин мафҳум дар назарияи умда аъмол мешавад. Назарияи маҳалли ташкил ва назарияи иқоматгоҳи ин ду назария гоҳ ба мавозоти назарияи дигаре аъмол мешаванд, ки ба назарияи назорат маъруф аст. Тавзеҳи ин назариёт мавзӯи ин баҳс аст, ки ҳоло ба он мепардозем.

а) Назарияи маҳалли ташкил: Ба муҷиби ин назария ширкат тобеияти мамлакатеро дорад, ки дар он ҷо ташкил шудааст. Ин назария, ки дар Англистон ва кишварҳое, ки аз ҳуқуқи ин кишвар иқтибос кардаанд, аъмол мешавад, замоне дар Фаронса низ тарафдороне доштааст

Ин назария бар асл «эҳтироми байналмилалӣ ба ҳуқуқи муктасиб» устувор аст, ки ба муҷиби он ҳуқуқи таҳсил шуда, тахти ливои қонуни кишвари маҳалли ташкил метавонад дар мамлакат ё мамолики баъдӣ, ки ширкат мумкин аст, ба онҳо нақли макон кунад, идома ёбад.

Дар гузашта, эроди умдае, ки ба ин ақида ворид мешавад, ин буд, ки чун замони дақиқи ташкили ширкат муайян нест ва ширкат як дафъа ташкил намешавад, балки мароҳили мухталифе аз ҷумлаи танзими асоснома, таахуди саҳҳом, таслими овардаҳо ва ғайраро бояд пушти сар гузошт, то ташкил шавад.

Маълум нест, барои тай кардани ин мароҳил, ки зарурӣ аст, ширкат дар чӣ мароҳилае ташкил мешавад. Ин эрод дар ҳоли ҳозир, ки дар ағлаби кишварҳо бартараф шуда, ширкат то замоне, ки ба сабт нарасад, шахсияти ҳуқуқӣ пайдо намекунад. Дар Англистон ба унвони мисол, маҳалли ташкили ширкат маҳалле аст, ки ширкат дар он ба сабт расидааст.

Қонуни тиҷорати Эрон низ дар таъйини тобеияти ширкат ҳамин назарияи иқоматгоҳро пазируфтааст. Маазолик дар таъйини тобеияти эронӣ ширкат ва таъйини тобеияти як ширкати ғайриэронӣ дучори таззоди фикрӣ аст. Дарвоқеъ моддаи 1 Қонуни сабти ширкатҳо мусаввиби 1310 муқаррар мекунад, ки «ҳар ширкате, ки дар Эрон ташкил ва маркази аслии он дар Эрон бошад, ширкати эронӣ маҳсуб мешавад».

Ҳамон тавр ки мулоҳиза мешавад, ин модда барои таъйини тобеияти эронии ширкат вуҷуди ду малоки маҳал ташкил ва иқоматгоҳро лозим дидааст.

Аммо моддаи 591 Қонуни тиҷорати мусаввиби 1311 танҳо як малок барои таъйини тобеияти ширкат муқаррар кардааст ва он малок иқоматгоҳ аст. «Ашхоси ҳуқуқӣ тобеияти мамлакатеро доранд, ки иқоматгоҳи онҳо дар он мамлакат аст», ё таваҷҷуҳ ба ин ки моддаи 590 Қонуни тиҷорат иқоматгоҳи шахси ҳуқуқиро маҳалле медонад, ки идораи шахси ҳуқуқӣ дар он ҷо аст, бояд натиҷа гирифт, ки аз назари Қонуни тиҷорати Эрон таъйини тобеияти ширкат бо малоки маркази аслӣ анҷом мешавад.

Ба ин тартиб агар қозии эронӣ бихоҳад маълум кунад, ки ширкат эронӣ аст ё хориҷӣ бояд ба моддаи як қонуни сабти ширкатҳо руҷӯъ кунад, вале агар бихоҳад ба таъйини тобеияти ширкате мубодират кунад, ки ғайриэронӣ аст, бояд ба қонуни тиҷорат руҷӯъ кунад, бо ин кайфияте, ки он қобили тасаввур аст.

1. Ширкати дар Эрон ташкилшуда, дар Эрон маркази аслӣ дорад. Ин ширкат эронӣ аст;

2. Ширкати дар Эрон ташкил нашуда, дар Эрон маркази аслӣ дорад. Ин ширкати хориҷӣ аст ва барои таъйини тобеияти он бояд малоки маркази аслӣ дар назар гирифта шавад.

3. Ширкати дар Эрон ташкилшуда, вале дар хориҷ аз Эрон маркази аслӣ дорад: Ин ширкат ҳам аз диди қонуни сабти ширкатҳо ва ҳам аз нигоҳи қонуни тиҷорат хориҷӣ аст ва тобеи кишваре аст, ки дар он ҷо маркази аслӣ дорад.

4. Ширкати дар Эрон ташкилнашуда, лекин дар Эрон иқоматгоҳ дорад. Таоруз миёни қонуни тиҷорат ва қонуни сабти ширкатҳо танҳо дар ин фарз эҷоди мушкил мекунад. Аз диди қонуни сабти ширкатҳо ин ширкат эронӣ нест, зеро маҳалли

ташкили он дар Эрон набудааст. Аз диди қонуни тиҷорат ин ширкат эронӣ аст, чун маркази идории он дар Эрон воқеъ аст.

Агар қозии эронӣ бихоҳад дар мавриди тобеияти ин ширкат тасмим бигирад, дучори мушкил мешавад. Агар қонуни сабти ширкатҳоро малок қарор диҳад, ин ширкат бояд хориҷӣ талаққӣ шавад, аммо чӣ гуна метавон тобеияти хориҷии уро муайян кард? Қонуни сабти ширкатҳо ба ин суол посух медиҳад. Қонуни тиҷорат ҳам ширкатро тобеи кишвари муқири маркази аслӣ талаққӣ мекунад.

Аз тарафе дигар қозӣ наметавонад ба баҳонаи таоруз дар қавонин ё сареҳ набудани қавонин тасмимгирӣ накунад ва бояд дар мавриди тобеияти чунин ширкате изҳори назар кунад. Чӣ тасмиме бояд бигирад? Ба назари мо он ҷо ки қонуни тиҷорат бо таваҷҷуҳ ба таърихи тасвиби он бар қонуни сабти ширкатҳо ворид аст, қозӣ бояд тобеияти ширкатро бо таваҷҷуҳ ба моддаи 590 қонуни тиҷорати Эрон муайян карда, ширкатро эронӣ талаққӣ мекунад.

Ба ҳар ҳол ҳамон тавр, ки дидем, назарияи иқоматгоҳ ба мавозоти назарияи маҳалли ташкил дар Фаронса ва кишварҳое, ки аз ҳуқуқи ин кишвар иқтибос кардаанд, мавриди иҷро аст. Аммо бар ин назар низ эродоте ворид аст ва коройии он дар баъзе мавориди зер суол рафтааст, чӣ дар Англистон, чӣ дар Фаронса ва чӣ дар Эрон, дар мавориди хос албатта назарияи дигаре ба он тарҷеҳ дода шудааст ва он назария контрол аст.

Илова бар ин, дар заминаи сармоягузории мустақим низ малоки контрол малоки ташхиси тобеияти ширкат талаққӣ мешавад. Ширкате, ки дар Фаронса иқоматгоҳ дорад, вале таҳти контроли ашхоси бегона аст, аз диди муқарраротрочеъ ба сармоягузории мустақими хориҷӣ талаққӣ мешавад. Системаи контрол ҳамчунин дар заминаҳои хусусисозии муассисоти иқтисодӣ, давлатӣ, малокияти муассисоти матбуотӣ атои имтиёз роҷеъ ба хадамоти умумӣ ва ғайрӣ мавриди аъмол аст. Малоки контрол албатта дорои сувари мухталифе аст? Гоҳ контрол бо таваҷҷуҳ ба мизони оро дар маҷомеи умумӣ бо ҳайати мудира арзёбӣ мешавад.

Гоҳ бо таваҷҷуҳ ба фоизи қобили мулоҳизае аз ҳаққи роъй. Дар ҳуқуқи Эрон низ дар қавонини мутаффариқа назарияи контрол мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Яке аз ин қавонин қонуни бонкдории мусавваби 1324 аст, ки табсараи як моддаи 4-и он муқаррар мекард: «Банкҳое, ки дар Эрон таъсис, вале пеш аз 49 дар сади саҳоми онҳо мутааллиқ ба атбои бегона бошад, аз лиҳози ин қонун бонки хориҷӣ талаққӣ мешавад», ин табсара баъдан дар банди моддаи 31-и қонуни бонкӣ мусавваби 1351 ҷой гирифт, ба ин иборат: «Ҳар бонке, ки беш аз 40% сармояи он мутааллиқ ба ашхоси ҳақиқии атбои хориҷӣ ё ашхоси ҳуқуқии хориҷӣ бошад, аз назари ин қонун бонк хориҷӣ маҳсуб мешавад ва бояд таҳти унвони бонки хориҷӣ ба сабт бирасад». Дар банди мавриди баҳс зимни он ки 40% ва на ба 40% тағйир ёфта, тавзеҳи муфиде низ дода шудааст.

Роҳи ҳалли ҳуқуқи байналмилалиро бояд дар равияи қазои девони байналмилалии додгустарӣ ҷустуҷӯ кард, ки дар ин иртибот ду раъйи умдае содир кардааст. Раъйи аввал марбут аст ба ширкати барқ. Ин ширкат дар соли 1911 дар шаҳри Торонтои Канада ба сабт расида буд ва маркази аслии он низ дар он ҷо буд. Вале ба манзури эҷоди як системаи тавлид ва тавзеи нерӯи барқ дар шаҳри Котолониёи Испания теъдоди ширкатҳои вобаста ташкил дода буд, ки баъзе дар Конодо ва баъзе дар Испания дорои марказ сабт шуда буданд.

Дар соли 1936 ширкатҳои вобастаи муҳимтарин қисмати ниёзҳои барқи шаҳри Котолониёро таъмин мекарданд. Бино бар иддаои давлати Белгия чанд сол пас аз аввалин ҷанги ҷаҳонӣ аксари сармояи ширкати мазкур ба тобеини кишвари Белгия тааллуқ гирифт, чизе ки Испания муддаӣ буд, Белгия тавонист собит намояд.

Дар соли 1948 се нафар аз соҳибони испании авроқи баҳодори мунташиршуда тавассутти ширкат, ки тавониста буданд, аслу манофеи авроқи худро дарёфт кунанд, аз додгоҳ дар Испания судури ҳукми варшикастагии ширкатро тақозо карданд. Дар 12.02.1948 додгоҳ ҳукми варшикастагии ширкатро ба хотири адами пардохти манофеи авроқи баҳодор содир кард ва ба ин тартиб амволи ширкат тавқиф шуд, мудирони мунтахаби ширкат аз кор барканор шуданд ва ба ҷои онҳо мудирони испониёӣ қабул шуданд. Муддати зиёде нагузашт, ки ин иқдомот ба ширкатҳои вобаста низ нуфуз пайдо кард.

Ширкати Барселона дар додгоҳҳои Испания шикоёт ва эътирозоте матраҳ кард, ки ба баҳонаи он ки хориҷ аз муҳлатҳои эътироз ба раъйи варшикастагӣ будааст, мардуд эълон шуданд.

Давлати Белжик ибтидо дар соли 1958 ва сипас дар соли 1963 алайҳи давлати Испания ба ҳимояи дипломатия аз соҳибони саҳоми ширкат даъвои ҷуброни хисороти онҳоро, дар девони байналмилалии додгустарӣ матраҳ намуд.

Дар соли 1953 давлати Испания иродоти мухталифе ба даъвии Белгия ворид кард. Яке аз ин иродот ин буд, ки давлати Белгия наметавонад ба нафъи саҳҳомдорони Белгияии ширкат, ки дар Канада ба сабт расидааст, тарҳи даъво кунад ва тарҳи даъвои хос кишвари матбӯи худи ширкат аст, ки дорои шахсияти ҳуқуқӣ ва дар натиҷа соҳибҳуқуқ ва тааҳудоти мустақил аз саҳҳомдорон аст, зеро иқдомоти давлати Испания алайҳи худи ширкат анҷом шудаву на алайҳи шарикони ӯ.

Девони байналмилалии додгустарӣ даъвии Белгияро мардуд эълон кард. Дар параграфҳои мухталиф ва бахусус параграфҳои шумораи 80-81 раъйи хулоса чунин омадааст.

Тардид нест, ки ширкат дар Канада ташкил шуда ва иқоматгоҳи асосномаи он дар ин кишвар аст. Ташкили ширкат бар асоси қонуни Канада ношӣ аз интихоби

озоди муассисон будааст ва зарфи беш аз панҷоҳ сол тобеи ин қонун боқӣ мондааст. Ширкати иқоматгоҳ, ҳисобдорӣ ва дафтари саҳҳомдоронро дар Канада ҳифз кардааст. Тайи солҳои мутамодӣ ҷаласоти ҳайати мудира дар Канада баргузор шудааст.

Номи ширкат дар дафтар сабти номи молиётдиҳандаҳои идораи молиёти Канада мавҷуд аст. Бадин тартиб байни ин ширкат ва Кишвари Канада чунон робитаи наздик ва доимӣ эҷод шудааст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ оғози фаъолияти тиҷории ширкат дар хориҷ аз ин кишвар онро тазъиф намекунад, зеро ин фаъолият мунтабиқ бо асосномаи ширкат аст. Девон, илова бар ин чунин истидлол мекунад, ки: Канада солҳои мутамодӣ ҳимояти дипломатикии ширкатро бар уҳда гирифтааст ва агарчи дар як мақтаъ замоне намояндагӣ аз тарафи ширкатро канор гузошта, лекин ихтиёри намояндагиро аз даст надодааст.

Зимни ин ки давлати Испания низ ба вуҷуди ин намояндагӣ муътариф аст, тағйири рафтори давлати Канада ба ҳар далел, ки бошад, ҳаққи ҳимояи дипломатияи кишвари дигареро тавҷеҳ намекунад.

Бардошти баъзе муаллифон аз мавзеи девон дар робита бо пазириши даъвои ҳимояти дипломатияи давлати Амрико аз ширкатҳо ин аст, ки агарчи девон дар пазириши даъвои матрӯҳа аз ҷониби Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бар муоҳидаи соли 1948 ва мувофиқномаи такмилии соли 1951 такя кардааст, лекин ҳамин, ки дифоъ аз ҳуқуқи соҳибони саҳҳоми як ширкати ташкилшуда дар Италияро пазируфта, нишон аз чархиши мавзеи девон аз интихоби системаи контрол ба зиёни системаи маҳал ташкил ва иқоматгоҳ дорад, ки дар парвандаи Барселона пазируфта буд. Аммо мулоҳизаи дақиқтар нишон медиҳад, ки он чи девон дар таваҷҷуҳи қабули дархости Амрико дорад, тавофуқи тарафайн дар муоҳидаи соли 1948 ба ин аст, ки ба ихтилофоти онҳо дар робита бо нуқзи муоҳида дар девон расидагӣ хоҳад шуд. Параграфи 48 раъй ба хубии ин нигаришро тавзеҳ медиҳад: «Тарафайн ба салоҳияти девон дар ин қазия бар асоси параграфи як аз моддаи 134-и асоснома ва моддаи 34 муоҳидаи дӯстӣ, тиҷорат ва киштирони муаррихи 2-юми июни соли 1948 байни Иёлоти Муттахидаи Амрико ва ҷумҳурии Италия аъзон доранд.

Ин модда ба шаҳри зер тадвин шудааст: «ҳар навъ ихтилоф миёни тарафайн дар робита бо тафсир ё иҷрои муоҳида ҳозир буруз кунад ва тарафайн натавонанд онро ба сурати эрзокунанда аз тариқи дипломатия ҳал кунанд, назди девони байналмилалии додгустарӣ тарҳ хоҳад шуд, магар ин ки тарафайн мувофиқат кунанд, ихтилоф аз тариқи мусолиматомези дигаре ҳаллу фасл шавад».

Пас дар ин қазия тарафайн усулан ба салоҳияти девон эрод нагирифтаанд. Ва девон тавофуқи тарафайнро мабнои салоҳияти худ қарор дода, ба дунболи ин нарафтааст, ки бар асоси қавоиди умумӣ ҳоким бар тасмимоти девон, барои қабули ҳимояти дипломатияи кишвари Амрико аз саҳҳомдорони ширкат малоки таъйини тобеият, маҳалли ташкили ширкат аст, ё тобеияти саҳҳомдорон.

Девон бо таваҷҷуҳ ба адами эътироз ба салоҳияти тавассути тарафайн худро бениёз ба пардохтан ба ин нукта талаққӣ кардааст. Иттифоқан яке аз қазот ба номи оғои Увдо мавзеи умумии девон дар робита бо радди ҳаққи давлат матбӯи саҳҳомдорон ба тарҳи даъво дар девонро мавриди таъкид қарор дода, сароҳатан ба раъйи Барселона Тарокшен ишора мекунад. Вай дар назари инфиродии худ чунин мавзеъгирӣ мекунад, ки: «Бо тарҳи ин даъво Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хостаанд аз тобеини худ ба унвони саҳҳомдорони ширкати итолиявӣ ҳимоят кунанд, дар ҳоле, ки дар раъйи Барселона Тарокшен содира дар 1970 ҳуқуқи саҳҳомдорони ширкат аз ҳавзаи амали ҳимояти дипломатия дар маънии он дар ҳуқуқи байналмилалии умумӣ мутамоиз шудааст.

Пас ба назари ин қозӣ, девон бар асоси ақидаи классикии худ мебоист даъвии ширкатро напазирад. Мафҳум ба гуфтаи қозӣ ин аст, ки мавзеи девон дар раъйи ин ширкат дар мавзеи умумӣ ва куллии девон дар парвандаи Барселона тағйире эҷод накардааст. Агар девон дар парвардаи мазкур ҳам ба салоҳияти худ раъй дода, решаи ин салоҳиятро дар тавофуқи тарафайн ёфтааст.

Бо ин кайфият ин ақидаи баъзе муаллифон, ки девон бо иттихози мавзеи мунъакис дар раъйи мазкур барои таъйини тобеияти ширкат худро ба теорияи назорат наздик кардааст, дуруст ба назар намерасад ва мавзеи усулии девонро бояд ҳанӯз дар ҷиҳати радди системаи контрол талаққӣ кард, магар дар фарзе, ки саҳомдорон ба далели элзоми қонуни кишвари мизбон ҷорае ҷуз ташкили ширкат бар асоси қонуни ин кишвар надошта бошанд.

Дар ин фарз мавзеи девон чунонки дар парварда матраҳ шудааст, ин аст, ки кишвари матбӯи саҳомдорон метавонад алайҳи кишвари мизбоне, ки ҳуқуқи саҳҳомдорони табааи ӯро риоят накардааст, тарҳи даъво кунад. Ин мавзеъ, албатта ба мавзеи конвенсияи Вашингтони мусаввабй 1945 наздик аст, ки маркази Иксидро барои ҳаллу фасли ихтилофот роҷеъ ба сармоягузорӣ эҷод кардааст.

Моддаи 25 (б) ин Конвенсия тарҳи даъвои як ширкати тобеи қонуни кишвари мизбонро дар сурате, ки саҳҳомдорони он хориҷӣ бошанд, ба тарафи давлати мизбон пазируфтааст. Аз назари Конвенсия чунин ширкате, ки ба сабаби ташкил бар асоси қонуни кишвари мизбон тобеи ин кишвар аст, метавонад бо қабули кишвари мизбон ба лиҳози тааллуқи сармояи ширкати хориҷиён ва назорати он тавассути онҳо тобеи як кишвари бегона бошад, алайҳи давлати мизбон дар маркази иксид иқомаи даъво кунад.

Дар маҷмӯъ метавон чунин гуфт, ки мавзеи усулии девони байналмилалии додгустарӣ дар ҳоли ҳозир адами пазириши системаи контрол аст. Ин мавзеъ бо

мавзеи кишварҳои муҳиме чун Белжик ва Фаронса ин тавр ки дидем, дар таоруз аст. Мавзеи кунунии кишвари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико низ бар мабнои теорияи назоратӣ устувор аст. Ин мавзеъро бахусус дар баёнияи Алҷазоир мавсум ба баёнияи ҳаллу фасл мушоҳида бо Эрон дар 29-уми январи соли 1941 мунъақид кардааст. Ба мӯҷиби моддаи ин баёния ҳар ширкате, ки 50 дар сади сармояи он мутааллиқ ба тобеини амрикоӣ бошад, амрикоӣ талаққӣ шудааст. Ин ҳамон теорияе аст, ки амрикоиҳо таҳти унвони «теорияи манофеи асосии амрикоӣ» матраҳ мекунанд.

Истилоҳи тобеияти ширкатҳои тиҷорӣ, ки рӯзгоре тавассути уламои ҳуқуқ ва равияи қазоӣ инкор мешавад, имрӯз дар мафҳуме мутафовут бо тобеияти ашхоси ҳуқуқӣ, вале ба таври қотеъ мавриди пазириш аст. Он чӣ дар ҳуқуқи дохилии кишварҳо ва чӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди низоъ аст.

Малокҳои қобили тасаввур албатта, мутаадиданд: маҳалли иқомати ширкат, маҳалли ташкили он, тобеяти шарикон ва маҳалли он, тобеияти шарикон ва маҳалли баҳрабардорӣ ва фаъолияти ширкат.

Аз миёни ин малокҳо, маҳалли баҳрабардорӣ ба танҳоӣ мавриди қабул қарор нагирифтааст, зеро малоке аст, ғайримутмаин ва дар фарзе, ки ширкат дар кишварҳои мухталифе фаъолият мекунад, ғайри қобили иҷро аст, ё баръакс, маҳалли ташкил ва маҳалли иқомати ширкат ба унвони малокҳои аслӣ ва собит ба тартиб дар кишварҳои англосокин ва аз тарафи дигар кишвари Фаронса ва кишварҳои монанди Эрон, ки аз ҳуқуқи ин кишвар иқтибос кардаанд, аз тарафи дигар мавриди таваҷҷуҳанд. Ҳамзамон дар ин кишварҳо ба малоки тобеияти шарикон, ё малоки контрол тобеияти шарикон, ё малоки тобеияти шарикон, ё малоки контрол, ба хусус дар мавриди хос таъйини ҳуқуқи ширкат дар муқобили давлате, ки эҳтимолан ҳуқуқи ӯро тазйиқ кардааст, матраҳ мешавад.

Аммо дар ҳуқуқи байналмилал роҳи ҳалли воқеан шаффоф вуҷуд надорад. Девони байналмилалии додгустарӣ, ки масъаларо зимни расидагии даъвои ҳимояти дипломатияи давлатҳо мавриди баррасӣ қарор додааст, посухи шаффофе, ки мавзеи куллии ӯро мушаххас кунад, ироа надодааст. Дар ду даъвои «Барселонатрокшен», ки дар ин мақола ба онҳо ишора шуд, девон ду тасмими мутафовут иттихоз кардааст, дар яке малоки контролро, ки давлати Белгия матраҳ намудааст, рад кардааст.

Дар дигаре, баръакс, ин малокро барои таъйини ҳаққи Амрико ба ҳимояти дипломатия аз саҳомдорони амрикоии ин ширкат пазируфтааст, аммо барои тавҷеҳи тасмими худ ба тавофуқоти тарафайн истинод кардааст ва на ба вуҷуди як қоидаи куллии байналмилалӣ, ки девон мукаллаф ба табаъият аз он будааст. Ин аст, ки метавон гуфт, мавзеи куллии девони ҳамон раъйи Барселона аст, ки ҳамон тавр, ки гуфтем малоки контролро рад мекунад, аммо дар таъйини тобеияти ширкати малок маҳалли ташкилро бо малоки иқоматгоҳ ва чанд малоки дигар ҷамъ мекунад, то мухотабро қонеъ кунад, ки байни кишвари Канада ва ширкат робитаи воқеӣ мавҷуд аст.

Дар маҷмӯъ аз матолиби матруҳа дар ин мақола метавон чунин натиҷа гирифт, ки он ҷо ки тобеияти ширкат дар баҳси таорузи қавонин матраҳ аст ва лозим аст ташкил, ҳаёт ва инҳилоли ширкат бо таваҷҷуҳ ба қонуни як кишвар мавриди баррасӣ қарор гирад, малоки таъйини тобеияти ширкат маҳалли ташкил ва маҳалли иқомат (дар ҳуқуқи Фаронса) аст. Лекин он ҷо ки зарурати таъйини ҳуқуқи ширкат матраҳ аст, ба малоки назорат аст, ки кишварҳои муҳиме чун Шветсия, Фаронса, Англия, Амрико муътақид ба он ҳастанд ва ба назар мерасад, ки дар оянда низ матлуби онҳо ва дигар кишварҳо бошад.


**АДАБИЁТ**

1. Посбон Муҳаммадризо. Ҳуқуқи ширкатҳои тиҷорӣ. Ҷилди аввал, -Теҳрон: Самт, 1375.
2. Насирӣ Муҳаммад. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. –Теҳрон, 1372.
3. Носирӣ Муртазо. Ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ. –Теҳрон, 1383.
4. Cachard, Olivier, Droit dy commerce internotional, 2008.
5. Charlesworth and Morse (1991) «Company Law», Ed. Sweet and Maxwell / Stevens
6. Le Cannu, Paul. (2003), «Droit des sccietes.


**ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ИНОСТРАННЫХ КОМПАНИЙ В НАЦИОНАЛЬНОМ И МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ**

***(применительно к иранскому и европейскому законодательству)***


В данной статье автором подвергнут рассмотрению правовой статус физических, юридических лиц и государства на примере иранского и европейского законодательства..В связи с открытием границ и увеличением экономического оборота растет и количество правовых связей граждан и юридических лиц с иностранными субъектами. Субъекты права находясь на территории другого государства, в процессе различных правоотношений не всегда правильно оценивают свой правовой статус, что может повлечь негативные последствия для обеих сторон. Для снижения возможности наступления таких последствий, субъекты должны знать содержание своего правового статуса и статуса своих партнеров.



**Ключевые слова:** международное право, особенность правового регулирования договоров, стороны договора, система правовых норм, регулирование отношений между участниками договора.


**THE LEGAL POSITION OF FOREIGN COMPANIES IN THE NATIONAL AND INTERNATIONAL LAW**

***(in reference to the iranian and european law)***


In this article the author subjected to review the legal status of individuals, legal entities and state on the example of the Iranian and European legislation..In connection with the opening of borders and the increase in economic turnover grows and the number of legal relations of citizens and legal entities with foreign entities. The legal entities in the territory of another state, in the process of different types of relationships are not always properly

evaluating its legal status that may result in negative consequences for both sides. To reduce the possibility of such consequences, the actors should be aware of the contents of their legal status and the status of their partners.
**Key words:** international law, a feature of the legal regulation of agreements, parties to a contract system of legal norms that regulate the relations between the parties to the Treaty.

**Сведения об авторе:** ***Джавод Сафдари Кухнашахри*** – соискатель Таджикского национального университета

# ТАФОВУТҲОИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ МАНҚУЛ ВА ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ВА АҚСОМИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ЭРОН

***Алиризо Сонеӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мабҳаси марбут ба амвол ва моликият ва тақсимбандии он ва осори ҳуқуқие, ки бар он бор аст, аз ҷумла мабҳасҳои пураҳамияте мебошад, ки дар кишварҳои мухталиф таваҷҷуҳи вижае ба он шудааст. Зеро амвол ва моликият аз ҷиҳати моликияти хусусӣ ва моликияти давлатӣ дорои аҳамият мебошад, ки бо ҳокимият ва амният ва адолати иҷтимоии ҳар кишваре иртиботи танготанге дорад ва баста ба сиёсатҳои ҳар кишваре метавонад аз ҳайси шароити қонунӣ ва ташрифоти он мутафовит бошад. Дар ин мақола саъй шуда, ки ба таври хулоса ба мабҳаси амвол ва тафовутҳои манқул ва ғайриманқул ва ақсоми ғайриманқул бар асоси қонуни феълии Эрон пардохта шавад.

Амвол ҷамъи мол аст ва дар луғат ба маънии хоста, амлок, асбоб, коло, сарват ва ҳар чизе ки дар тамаллуки касе бошад ё дар тасарруф ва яди касе бошад, гуфта мешавад[1]. Ҳамчунин мол аз калимаи Юнонӣ (Melon, Malon) ва луғати лотинии (Malum) муштақ шудааст. Дар арабӣ онро феъли мозии мол, ямил ва мело шумурдаанд. Чун мол тарафи майл ва хоҳиш аст[2]. Музофан он ки мол мафҳуми эътиборӣ ва нисбӣ дорад[3]. Дар истилоҳ мол иборат аст аз чизе, ки арзиши иқтисодӣ дошта бошад ва қобили тақвим ба пул бошад. Бинобар ин, ҳуқуқи молӣ монанди ҳаққи таҳҷир ва ҳаққи шуфъа ва ҳаққи соҳиби аломати тиҷорӣ ҳам мол маҳсуб мешавад[4] ва низ дар истилоҳи ҳуқуқӣ ҳар чизе ки инсон метавонад аз он истифода кунад ва қобили тамаллук ҳам бошад, мол аст[5] ва ё ба чизе мол гуфта мешавад, ки қобили доду ситад бошад, барои он арза ва тақозо матраҳ буда ва битавон онро ба пул арзёбӣ намуд[6].

Ҳамчунин аз назари ҳуқуқӣ ба чизе мол мегӯянд, ки дорои ду шарти асосӣ бошад: 1) муфид бошад ва ниёзеро бароварад, хоҳ он ниёз моддӣ бошад, ё маънавӣ; 2) қобили ихтисос ёфтан ба шахс, ё миллати муайяне бошад[7].

Шореҳини қонуни мадании Эрон ҳуқуқи молӣ, ки яке аз муҳимтарин ҳуқуқи ашхос мебошадро ба айнӣ ва дайнӣ тақсим менамоянд. Ҳуқуқи айнӣ ба ҳуқуқе гуфта мешавад, ки мавзӯи он айни хориҷист ва худ ба ҳуқуқи айнии аслӣ ва ҳуқуқи айнии табаӣ тақсим мешавад, ки ниҳоятан ҳуқуқи айнии аслӣ мустақилан ба ашё тааллуқ мегирад ва қонуни мадании Эрон дар моддаи 29 муҳимтарин ҳуқуқи айнии аслиро моликият, ҳаққи интифоъ ва ҳаққи иртифоқ донистааст. Ҳуқуқдонон моликиятро комилтарин ҳаққи айнии аслӣ муаррифӣ кардаанд[8]. Ва ҳаққи дайнӣ иборат аст аз ҳаққе, ки шахсе нисбат ба дигаре пайдо мекунад, ки соҳиби ҳаққи дайнӣ метавонад анҷоми кор, мавриди тааҳҳуд ё ваҷҳеро аз ӯ бихоҳад[9].

Яке аз муҳимтарин мабҳасҳои ҳуқуқӣ дар ҳавзаи ҳуқуқи хусусӣ мабҳаси марбут ба амвол аст, ки дорои осори ҳуқуқии фаровон мебошад. Қонунгузории Эрон дар моддаи 11 қонуни маданӣ[10] амволро ба ду қисми манқул ва ғайриманқул тақсим кардааст. Албатта, бо таваҷҷуҳ ба соири моводи қонуни мадании Эрон метавон панҷ тақсим барои амвол дар назар гирифт:

1. Аъён ва манфиятҳо.
2. Амволи мислӣ ва қимӣ.
3. Амволе ки истифода аз он бо бақои айн имкон дорад ва амволе ки масрафи он муҷиби аз байн рафтани айни мол мешавад.
4. Амволи манқул ва ғайриманқул.
5. Амволе ки дорои молик аст ва амволе, ки молики хос надорад[11].

Манқул дар луғат ба маънии ҷобаҷо шуда ва нақл дода шудааст[12]. Мақсуд аз ин авмол куллияи ашёи моддии хориҷист, ки қобилияти нақлу интиқолро аз маҳалле ба маҳалли дигар дорад, хоҳ ба худи худ битавонад ҳаракат кунад ё нерӯи хориҷӣ қодир бошад, ки маҳалли онро бидуни харобӣ тағйир диҳад[13].

Ба илова бар он куллияи дайнҳо аз қабили қарз ва самани мабиъ ва молуличораи айни мустаъҷара аз ҳайси салоҳияти маҳкамаҳо дар ҳукми манқул аст. Ҳатто агар мабиъ ё айни мустаъҷара аз амволи ғайриманқул бошад[14]. Амволи ғариманқул ҳам дар истилоҳи ҳуқуқӣ ба моле, ки аз ҷой ба ҷойе қобили интиқол набошад: монанди замин ва маъдан гуфта мешавад. Аам аз ин ки истиқрори он зотӣ бошад ё ба воситаи амали инсон ба наҳве, ки нақли он мусталзими харобӣ, ё нуқси худи мол, ё маҳалли он шавад.[15]

Албатта, дар моддаи 12-и қонуни мадании Эрон дар зимни таърифи моли ғайриманқул бахше аз анвои онро ҳам муайян кардааст ва бо таваҷҷуҳ ба моводи 17

ва 18-и қонуни маданӣ чаҳор нав амволи ғайриманқул дар қонуни маданӣ пешбинӣ шудааст:

а) Амволи ғайриманқули зотӣ.

б) Амволи ғайриманқул ба лиҳози амали инсон.

в) Амволе дар ҳукми ғайриманқул.

г) Амволи тобеи ғайриманқул.[16]

Албатта қабл аз он ки ихтисосан ба амволи ғайриманқул пардохта шавад, лозим аст, ки осори тақсими амвол ба манқул ва ғайриманқул баррасӣ шаванд, ки ба таври хулоса иборатанд аз:

1. Хориҷиён наметавонанд дар Эрон озодона амволи ғайриманқулро таҳсил ва тамаллук кунанд. Дар ҳоле ки барои амволи манқул чунин маҳдудияте вуҷуд надорад[17]. Тибқи моддаи 8-и қонуни мадании Эрон (амволи ғайриманқул, ки атбои хориҷӣ дар Эрон бар тибқи аҳдҳо тамаллуқ карда ё мекунанд аз ҳар ҷиҳат тобеи қонунҳои Эрон хоҳад буд). Моддаи 8-и қонуни мазкур нишон медиҳад, атбои бегона дар Эрон амволи ғайриманқулро бар тибқи аҳдҳо тамаллуқ мекунанд ва ҳар бегонае бидуни собиқаи чунин аҳдҳое наметавонад моли ғайриманқулро дар Эрон соҳиб шавад ва дигар он ки қонунҳо ва муқаррароти хосе дар ин маврид вуҷуд дорад, аз ҷумла қонуни мусаваби 16 хурдоди 1310 ш. Маҳдудиятҳоеро дар ин робита барқарор сохтааст, ки муҳимтарин маҳдудияти пешбинишуда он аст, ки бегонагон фақат барои сукунат, санъат ва тиҷорат метавонанд амволи ғайриманқулро тамаллуқ намоянд ва ҳаққи тамаллуки амлоки зироатиро надоранд.[18]

2. Наклу интиқоли амволи ғайриманқул бояд бо санади расмӣ анҷом гирад.[19] Вале дар мавриди амволи манқул танзими санади расмӣ усулан зарурат надорад[20]. Албатта, баробари муқаррароти хос порае аз амволи манқул ҳам (монанди кашдиҳо) ба лиҳози аҳамият дар мақоми наклу интиқол мисли амлок ниёз ба ташрифоти сабт доранд[21].

3. Истифода аз ҳаққи шуфъа ихтисос ба амволи ғайриманқул дорад[22].

4. Барои расидагӣ ба даъвоҳое роҷеъ ба ғайриманқул додгоҳе солеҳ аст, ки моли ғайриманқул дар ҳавзаи он воқеъ шудааст.[23] Ва дар соири даъвоҳо усулан бояд ба додгоҳи маҳалли иқомати муддао-алайҳ муроҷеа шавад[24].

5. Қонуни оини додрасии маданӣ аз тасарруфи моли ғайриманқул ҳимояти махсус карда ва ба ӯ иҷоза додааст, ки ба истиноди ҳамин тасарруф рафъи музоҳимати касоне, ки ба тасарруфоти вай таҷовуз кардаанд, бихоҳад, бидуни ин ки маҷбур бошад моликияти худро дар додгоҳ исбот кунад[25].

6. Ҳаққи иртифоқ махсуси амволи ғайриманқул аст[26].

7. Мутобиқи банди 1 моддаи 2-и қонуни тиҷорат фақат хариду фуруши амволи манқул аз аъмоли тиҷорӣ аст ва касе ки ба муомилоти амволи ғайриманқул машғул аст, ҳар чӣ қадар ҳам ки муомилоти пурдаромад бошад, тоҷир маҳсуб намешавад, магар ин ки қонун доду ситади ғайриманқулро дар заминаи вижае тиҷорат бидонад. Монанди сохтан ва фурӯхтани биноҳои баландошёна[27].

8. Чунончи мавзӯи иҷроия моли манқул бошад, маъмури иҷро моли манқулро таҳвили маҳкум-ул-лаҳ медиҳад ва бо танзими суратмаҷлис иҷро поён мепазирад. Дар ҳоле ки агар моли мавзӯи иҷроия ғайриманқул бошад, ниёз ба интиқоли милк ва сабти он дар дафтари асноди расмӣ дорад[28].

9. Завҷ аз тамоми амволи завҷа ирс мебарад ва завҷа дар сурати фарзандор будани завҷ $\frac{1}{8}$ аз айни амволи манқул ва $\frac{1}{8}$ аз қимати амволи ғайриманқул аам арса ва аъён ирс мебарад[29].

Ҳол дар ин қисмат ба таври иқтисод ба вижагиҳои амволи ғариманқул мепардозем:

1. Амволи ғайриманқули зотӣ: ин қисм аз амволи ғайриманқул мунҳасир ба арозӣ аст. Албатта, бояд донист, ки калимаи арозӣ ё замин фақат ба рӯйи замин итилоқ намешавад, балки аъмоқи заминро ҳам шомил мешавад. Бинобар ин, нафақат сатҳи замин, балки куллияи он чи дар аъмоқи замин ҳам мавҷуд бошад, аз қабили хок, санг ва маъданҳо ҷузъи амволе маҳсуб мешаванд, ки зотан ғайриманқул мебошанд[30].

2. Амволе ки ба воситаи амали инсон ғайриманқул шудаанд. Мелоки ташхиси ин амвол ин аст, ки қаблан манқул буда ва мустақиман ё ба таври ғайримустақим ба замин ҳисоб шуда бошанд. Ба тавре ки натавон ҳамлу нақл намуд, магар ин ки дар худи мол ё маҳалли он харобӣ ҳосил ояд[31]. Ин амвол дар моводи 13 то 16-и қонуни маданӣ мунъакис шудааст. Бинобар ин, он чи мулсақ ба бино ё замин шудааст, ғариманқули табаист ва тобеи вазъи мавҷуд аст ва ҳар гоҳ аз замин ё бино ҷудо шавад, манқул аст[32]. Бинобар ин, барои амволи ғайриманқул ба лиҳози амали инсон, шароите лозим аст:

а) Зотан манқул бошад.

б) Ба кор рафтан дар замин ва сохтмон.

в) Эҷоди нуқс ё харобӣ дар сурати ҷудо кардан[33].

3. Амволе ки дар ҳукми амволи ғайриманқул ҳастанд: Ин амвол, амволи манқулест, ки қонун ба воситаи ихтисос ёфтан ба амали зироат онҳоро дар ҳукми амволи ғайриманқул қарор медиҳад. Агар чи дар сифати манқул будани онҳо зоҳиран ҳеҷ тағйире ҳосил нашуда бошад. Ин амвол ба воситаи ихтисосёфтан ба зироат ҷузъи милк маҳсуб шуда ва аз назари салоҳияти маҳкамаҳо ва тавқифи амвол дар ҳукми худи замин маҳсуб мешавад. Манфиати умдае, ки аз ин тақсим ҳосил

мешавад, ин аст ки байни моли манқул ва як моли ғайриманқул, ки лозимаи якдигар мебошанд, робитаи маҳкаме эҷод мегардад ва онҳоро тақрибан ҷудонашуданӣ аз якдигар менамояд. Ба наҳве ки натавон хоҳ ба воситаи тавқиф ва хоҳ ба воситаи тақсим онҳоро ҷудо намуд ва ило мумкин аст, лоақал то муддате ҳар як бидуни дигаре ғайриқобили истифода бимонад[34].

4. Амволе ки тобеи амволи ғайриманқул ҳастанд: Қонуни мадании Эрон дар моддаи 18 ҳуқуқи айнӣ, ки мавзӯи он моли ғайриманқул мебошад, монанди ҳаққи интифоъ, ҳаққи иртифоқ ва ҳамчунин даъваҳои роҷеъ ба амволи ғайриманқулро аз назари салоҳияти додгоҳҳо тобеи амволи ғайриманқул қарор додааст. Ин даста аз амвол, ки тобеи амволи ғайриманқул мебошанд, иборатанд аз:

а) Ҳаққи интифоъ аз амволи ғайриманқул, монанди умро, руқбо ва сукно. Вале ҳаққи интифоъ аз амволи манқул тобеи амволи манқул мебошад.

б) Ҳаққи иртифоқ монанди ҳаққи убур, ҳаққи маҷро ва ақсоми дигар аз ҳуқуқи иртифоқ.

в) Ҳаққи ҳарим.

г) Ҳаққи таҳҷир дар замини мавод.

д) Ҳаққи васиқа нисбат ба моли ғайриманқул хоҳ қазоӣ бошад монанди ҳаққи ношӣ аз боздошти амволи ғайриманқул ё қарордодӣ монанди ҳаққи муртаҳин ё интиқолдиҳанда дар муомилот бо ҳаққи истирдод, ки ба ин тартиб куллии ҳуқуқи айнӣ бар амволи ғайриманқул тобеи ғайри манқул мебошад[35].

е) Даъвоҳое роҷеъ ба амволи ғайриманқул аз қабили тақозои халъият, рафъи музоҳимат, тасарруфи унвонӣ ва ҳамчунин даъвоҳои мутолибаи хисорати мутаваҷҷеҳ ба моли ғайриманқул ва уҷратул мисли он. Зеро ин даъвоҳо агарчи мутолибаи хисорат ва мавзӯи он манқул аст, вале роҷеъ ба моли ғайриманқул мебошад[36].

**Хулоса.** Ҳуқуқи молӣ иборатанд аз айнӣ ва дайнӣ. Айнӣ худ ба айни аслӣ ва айнии табаӣ тақсим мешавад. Қонуни мадании Эрон дар моддаи 11 амволро ба манқул ва ғайриманқул тақсим кардааст ва ақсоми амволи ғайриманқул иборатанд аз:

1. Амволи ғайриманқули зотӣ.
2. Амволе ки ба воситаи амали инсон ғайриманқул шудаанд.
3. Амволе ки дар ҳукми амволи ғайриманқул ҳастанд.
4. Амволе ки тобеи амволи ғайриманқул ҳастанд.

## АДАБИЁТ


1. Деххудо Алиакбар. Луғатномаи Деххудо. Интишороти донишгоҳи Теҳрон. Чопи дуввум аз давраи навин. ч.3, 1377, -С.3377 ва ч.13, с.19984.
2. Ҷаъфарии Лангарудӣ Муҳаммадҷаъфар. Ҳуқуқи амвол. №52, -С.35.
3. Котузиён Носир. Ҳуқуқи маданӣ. Муомилоти муаваз, тамликӣ. -С.108.
4. Ҷаъфарии Лангарудӣ Муҳаммадҷаъфар. Темринологияи ҳуқуқ. Интишороти китобхонаи ганҷи дониш. Чопи 19, 1387, -С.595.
5. Адл Мустафо. Ҳуқуқи маданӣ. Интишороти тоҳо. Чопи2, 1385, -С.31.
6. Маданӣ Саидҷалолудин. Ҳуқуқи маданӣ. Ҷ.1. Интишороти пойдор. Чопи 1. –С.160.
7. Котузиён Носир. Давраи муқаддимотии ҳуқуқи маданӣ, амвол ва моликият. Нашри додгустар. Чопи 4, 1380, -С.9.
8. Сафоӣ. Ҳуқуқи маданӣ. Ҷ.1, -С.228-229.
9. Маданӣ Саидҷалолудин. Ҳуқуқи маданӣ. Ҷ.1 Муқаддимот ва куллиёти амвол ва ҳуқуқи молӣ, вақф. Интишороти Пойдор. -С.167.
10. Қонуни маданӣ. Нашри дидор. Чопи 43, 1387, -С.21.
11. Котузиён Носир. Давраи муқаддимотии ҳуқуқи маданӣ, амвол ва моликият. Нашри додгустар. Чопи 4, 1380, -С.33-34.
12. Деххудо Алиакбар. Луғатномаи Деххудо. Интишороти донишгоҳи Теҳрон. Чопи дувум аз давраи навин. Ҷ.14, 1377, -С.21696.
13. Котузиён Носир. Давраи муқаддимотии ҳуқуқи маданӣ, амвол ва моликият. Нашри додгустар. Чопи 4, 1380, -С.57.
14. Моддаи 19 ва 20-и қонуни маданӣ ва низ Ҷаъфарии Лангарудӣ Муҳаммадҷаъфар. Темринологияи ҳуқуқ. Интишороти китобхонаи ганҷи дониш. Чопи 19, 1387,-С.598.
15. Моддаи 12-и қонуни маданӣ.
16. Маданӣ Саидҷалолудин. Ҳуқуқи маданӣ. Ҷ.1 Муқаддимот ва куллиёти амвол ва ҳуқуқи молӣ, вақф. Интишороти Пойдор. -С.180-181.
17. Котузиён Носир. Давраи муқаддимотии ҳуқуқи маданӣ, амвол ва моликият. Нашри додгустар. Чопи 4, 1380, -С.46-47.
18. Оинномаи истимлоки атбои хориҷӣ мусаваби 5 нуҳи 1327 ва тасвибномa роҷеъ ба истимлоки атбои хориҷӣ мусаваби 13.7. 42 ва оинномаи иҷроии тасвибшудаи мазкур мусаваби 5.5.44.
19. Моддаи 47-48-и қонуни сабки аснод ва амлоки Эрон мусаваби 26,121310 бо ислоҳот ва илҳоқоти баъдӣ.
20. Котузиён Носир. Амволи моликият. -С.47.
21. Маданӣ Саидҷалолудин. Ҳуқуқи маданӣ. Ҷ.1 Муқаддимот ва куллиёти амвол ва ҳуқуқи молӣ, вақф. Интишороти Пойдор. -С.189.
22. Моддаи 808-и қонуни мадании Эрон.
23. Моддаи 23-и қонуни ташкили додгоҳҳои умумӣ ва инқилоб дар умури маданӣ. Мусаваби 21.1.79
24. Моддаи 21-и қонуни ташкили додгоҳҳои умумӣ ва инқилоб дар умури маданӣ. Мусаваби 21.1.79
25. Котузиён Носир. Давраи муқаддимотии ҳуқуқи маданӣ, амвол ва моликият. Нашри додгустар. Чопи 4, 1380, -С.47.
26. Моддаҳои 93 то 135-и қонуни мадании Эрон.
27. Котузиён Носир. Давраи муқаддимотии ҳуқуқи маданӣ, амвол ва моликият. Нашри додгустар. Чопи 4, 1380, -С.47. Ҳамчунин моддаи 4-и қонуни тиҷорат мусаваби 13.2.1311.
28. Маданӣ Саидҷалолудин. Ҳуқуқи маданӣ. Ҷ.1 Муқаддимот ва куллиёти амвол ва ҳуқуқи молӣ, вақф. Интишороти Пойдор. -С.190-191.
29. Моддаи 946-и қонуни маданӣ мусаваби 1307 ва ислоҳии соли 1387.
30. Адл Мустафо. Ҳуқуқи маданӣ. Интишороти тоҳо. Чопи 2. 1385, -С.34.
31. Адл Мустафо. Ҳуқуқи маданӣ. Интишороти тоҳо. Чопи 2. 1385, -С.34-36.
32. Қоузиён Носир. Қонуни маданӣ дар назми ҳуқуқи кунунӣ. Нашри мизон. -С.38.

33. Маданӣ Саидҷалолудин. Ҳуқуқи маданӣ. Ҷ.1 Муқаддимот ва куллиёти амвол ва ҳуқуқи молӣ, вақф. Интишороти Пойдор. -С.83-182.
34. Адл Мустафо. Ҳуқуқи маданӣ. Интишороти тоҳо. Чопи 2, 1385, -С.37.
35. Маданӣ Саидҷалолудин. Ҳуқуқи маданӣ. Ҷ.1 Муқаддимот ва куллиёти амвол ва ҳуқуқи молӣ, вақф. Интишороти Пойдор. -С.197-198.
36. Имомӣ Саидҳасан. Ҳуқуқи маданӣ. Интишороти китобфурушии исломия. Чопи 19 Ҷ.1. 1377, -С.34-35.

**ПРАВОВЫЕ РАЗЛИЧИЯ ДВИЖИМОГО И НЕДВИЖИМОГО ИМУЩЕСТВА В ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН В ЧАСТИ НЕДВИЖИМОГО ИМУЩЕСТВА**

В данной статье автором рассматриваются правовые различия движимого и недвижимого имущества в правовой системе Исламской Республики Иран в части недвижимого имущества. Существуют различные способы классификации вещей. Одной из наиболее значимых и распространенных является разделение вещей на движимые и недвижимые. Недвижимые вещи являются объектами гражданских прав и их правовой режим и условия оборота подчиняются особым правилам, установленным законодательством.

**Ключевые слова:** материальные и духовные блага, деление вещей на движимые и недвижимые, сделки с недвижимостью, субъекты гражданского права, правовые отношения, понятие недвижимости.

**LEGAL DIFFERENCES OF MOVABLE AND IMMOVABLE PROPERTY IN THE LEGAL SYSTEM OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN IN THE PART OF THE IMMOVABLE PROPERTY**

In this article the author considers the legal differences of movable and immovable property in the legal system of the Islamic Republic of Iran in the part of the immovable property. There are different methods of classification of things. One of the most important and common is the separation of the things on movable and immovable. Real objects are the objects of civil rights and their legal regime and conditions of turnover subject to special rules established by the legislation.

**Key words:** material and spiritual benefits, division things on movable and immovable, the real estate transaction, the subjects of civil law, the legal relations, the concept of real estate.

**Сведения об авторе:** ***Алиризо Сонеи*** – соискатель Таджикского национального университета

# ТАЪСИРИ РИШВА БАР ИҚТИСОД ВА АМНИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Арсалон Ашрофӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Ба таври куллӣ бахши хориҷии иқтисод ҳамвора аз таҳоҷуми ришвахорон дар амон набудааст. Ин ҷурм марзҳои иқтисоди миллиро дар навар дида ва дар тору пуди иқтисод ва таҳоҷуми байналмилал низ русух намудааст. Ба гунае, ки созмонҳои иқтисоди байналмилалӣ дар тавсияҳои худ аз ришва ба унвони муҳимтарин мафосиди молӣ ва идорӣ ва монеи ҷиддӣ барои эътимод ва итминони байналмилалӣ дар мубодилот ёд кардаанд ва тарҳҳое барои мубориза бо он ироа додаанд.

Сармоягузории хориҷӣ, ки бахши хориҷии иқтисоди ҳар кишвар бо он вобаста аст, дарвоқеъ заминасози тавсеаи бозаргонии байналмилалӣ аст ва нақши муҳиме дар зиндагии иқтисодии кишварҳо ифо мекунад. Манобеи ҳамгуфте, дар кишварҳои хориҷӣ сармоягузорӣ мешавад, ки метавонад ба далели вуҷуди нерӯи кори арзонтар дар он кишварҳо ё баҳрабардорӣ аз манобеи дохилии онҳо бошад. Сармоягузорӣ дар кишварҳои тавсеаёфта ва дар ҳоли тавсеа ба ангезаҳои мухталиф сурат мегирад. Дар мавриди кишварҳои дар ҳоли тавсеа сармоягузории хориҷӣ унсури қобили мулоҳиза дар иқтисоди миллии онҳо ба ҳисоб меояд, ки дар бисёре мавридҳо шароити онро амалан сармоягузорони хориҷи таъйин мекунанд. Дар боби қавонии сармоягузорӣ бояд гуфт, ки имрӯз тақрибан ғайриқобили тасаввур аст, ки бидуни касби муҷавиззи мақомот ва мурофеи дохилӣ, битавон дар кишваре сармоягузорӣ намуд. Кишваре, ки дар он сармоягузорӣ сурат мегирад, яъне кишвари мизбон мабнои ҳуқуқии сармоягузориро танзим мекунад. Дар асл қавонини дохилӣ ба наҳви яксон дар мавриди сармоягузорӣ ба василаи итбои дохилӣ ё хориҷӣ қобили эъмол аст. Дар айни ҳол кишварҳои сармояпазир мумкин аст ба маҳдудиятҳое барои сармоягузории хориҷӣ, бахусус аз лиҳози ҳавзаҳои фаъолият қоил шаванд [1].

Содирот аз муаллифаҳои асосӣ ва аз аҷзои аслӣ ва лоянфаки тавсеаи иқтисоди ҳар кишвар ба ҳисоб меояд ва ҳамчунин обзори аслии иқтисоду мамолик аст. Баъзе иқтисоддонҳо то он ҷо пеш рафтаанд, ки содиротро «муҳаррики рушд ва тавсеаи иқтисод» донистаанд [2].

Содирот ба унвони яке аз аҷзои ташкилдиҳандаи тавлиди нохолиси дохилӣ, худ далеле бар вуҷуди рақобат дар кишварҳо, бар сари қимат ва кайфият аст. Дар мавриди кишварҳои дорои фасод – ё фасоди каму зиёд – содирот низ ба нухбаи худ мутағайир ва дар ҳоли навасон аст. Қобилияти тағйири содирот дар кишварҳои мазкур метавонад, нишонае барои мизони фасоди мавҷуд дар кишвар ва лузуми таваҷҷуҳ ба ин масъала бошад [3].

Яке аз барномаҳои муҷримон барои интиқоли даромадҳои қонунӣ ба кишварҳои дигар, истифода аз канали содирот ва воридот аст. Пардохти ришва низ бар содирот ва воридот муаассир аст ва ба унвони як аҳроми ғайриқонунӣ дари бисёре аз гурӯҳҳои ғайриқонуниро дар ин масир боз мекунад.

Баъди содирот аксар фаъолиятҳое, ки аз ҷониби муҷримин сурат мегирад, аввалан бештар бар колоҳои Лукос ва атиқа мутамарказ аст ва сонияи, даромадҳои ҳосил аз ин навъи содирот ба дохили кишвар боз намегардад. Дар натиҷа ҳамаи ин

фаъолиятҳо, адами таодул дар бахши хориҷи иқтисод ва ба дунболи он муҷиби бесобитӣ дар иқтисоди дохилӣ хоҳад буд [4].

Туҷҷор дар амри содирот ва воридот дорои озодии ихтиёри комил нестанд. Давлат дар аз ҳар сол феҳристе аз молҳое, ки вуруди онҳо ба василаи ашхос озод аст, эълон менамояд, ки ба унвони саҳмия маъруф аст. Тибқи ин сурат мизони молҳое, ки мумкин аст ворид шавад эълон мегардад ва бо таваҷҷуҳ ба мизон, эҳтиёҷ ва ҳимоят аз тавлидоти дохилӣ, давлат ҳаққи ба унвони суди бозоргонӣ, ки баста ба навъи маҳсулот мутафовут аст аз воридкунандагон дарёфт мекунанд. Илова бар он, ифтитоҳи эътибор барои пардохти баҳои маҳсулоти воридотӣ нисбат ба баъзе аз аҷнос озод аст ва нисбат ба баъзе аз аҷнос тобеи шароити хосе аст.

Роҷеъ ба судури маҳсулот маъмулан тасҳилоте дар назар гирифта мешавад ва содиркунандагон молҳои эронӣ мавриди ташвиқ қарор мегиранд, вале мавзуфан арзи ҳосиле аз фурӯши молҳои содиротиро ба яке аз бонкҳои миҷоз бифурӯшанд [5].

Сиёсатгузорони иқтисодӣ дар Эрон, иқдомоти хуберо барои ҳимоят аз содиркунандагон иттихоз намудаанд, аз ҷумла тақ нарх шудани арз, интихоби содиркунандаи намуна, таъмини моли содирот бо кормузди муносиб,тасдиқи сандуқи ҳимоят, ҷоизаи содиротӣ ва аз ҳама муҳимтар, ҳизфи молиёт аз содирот.

Зерсохти аслии сармоягузории хориҷӣ ва ҳамчунин содирот ва воридот, қарордодҳои тиҷорӣ байналмилалӣ [6] аст. Мавзӯи ришвахӯрӣ дар ин қарордодҳо аз қадимулайём вуҷуд доштааст. Ба унвони мисол қарордоди соли 1919 байни Эрон ва Англия намунаи бозори фасод аз дастгоҳи идории Эрон пас аз машрутият аст.

Мавзӯи ришвахирӣ дар қарордодҳои тиҷории байналмиллалӣ, ҳамчунон вуҷуд дорад ва манщаи баҳсҳои мутааддид дар сатҳи ширкатҳои тиҷории байналмилалӣ ва ниҳодҳои тиҷории байналмилалӣ аст.

Ҳамчунон ки гуфта шуд, дидгоҳе дар байни иқтисоддонон вуҷуд дорад, ки фасод ва ришвахӯриро барои рушд ва тавсеаи иқтисодӣ зарур медонанд, дар байни пораи ҳуқуқдонон низ ин дидгоҳ вуҷуд дорад.

Бурун Опти ҳуқуқдони фаронсавӣ дар мақолае дар 1987 мелодӣ таҳти унвони «Пародокси ришва аз манзури ҳуқуқи тиҷорат» баён медоранд, ки падидаи ришва як таноқиси воқеӣ аст, ки аз ин ҷиҳат, ки ҳамзамон ҳам мавриди нафъ ва инкори ҳамагӣ аст ва ҳам дар тамоми ҷаҳон шойеъ аст. Эшон бо нақди назари касоне, ки муътақиданд, ки ришва мухолифи назари умумӣ аст, менависад: «Ин мухотира ангезае аст, ки ба як низоми ҳуқуқӣ, мисли Фаронса асле аз назари умумиро нисбат диҳем, ки ба муҷиби он иртикоби ришва дар равобити тиҷории байналмилалӣ осори ҳуқуқии қарордодҳоро зоил месозад. Дарвоқеъ аз баррасии ҳуқуқии амалӣ мо он чӣ бештар эҳсос мешавад, инъитоф нисбат ба ин амал аст, инъитофе, ки ношӣ аз ахлоқи фардӣ ва иҷтимоӣ дар масоиле аз қабили зино, сақти ҷанин ё бозии вақтозмоӣ дучори тағйир ва таҳамул шуда, масъалаи ришва низ ба ҳамин сарнавишт мубтало шудааст ва бинобар он, агар қонунӣ будани он ҳанӯз дар ҳавзаи ҳуқуқи умумӣ ворид нашудааст, аммо ғайриқонунӣ будани он низ муайян нест» [7].

Истидлоли ин ҳуқуқдони фаронсавӣ пазируфта нест ва шоеъ будани як амали муҷримона ва ноҳинҷори иҷтимоӣ, сабаби зоил намудани қубҳи ахлоқӣ ва қонунии он ба шумор намеояд. Лекин сарфи назар аз саҳеҳ ё ғалати мабонӣ, суханони номбурда ҳикоят аз воқеияти ба ном фасоди шадид дар қарордодҳои тиҷории байналмилалӣ дорад, ки таҳти унвонҳо ва исмҳои мухталифе аз қабили комиссия, даллолӣ, намояндагӣ, қарордоди восита, тавсия, кӯмаки фаннӣ ва ғ. дар ҷараён буда, сабаби қанор рафтани мавозини ахлоқӣ ва қарордодҳои тиҷории байналмилалӣ мешавад. Дар мувоҷеҳа бо ин мушкил, ду роҳи ҳал вуҷуд дорад, яке ин ки ҳаммонанди Оқой Иптӣ пардохти ришва ва ҳазинаҳои аъмоли нуфуз дар мақомоти маҳаллӣ дар ростои бастани қарордодҳои тиҷориро ба унвони амри одӣ ва равияи ҷорӣ дар ин қабил муомилот пазируфта ва бар он мухри таъйид бизанем, ё ин ки равиш ва равияе эҷод шавад, ки муомилоти тиҷории байналмилалӣ дар муҳити солим ва орӣ аз фасод сурат гирад.

Сиёсати ҷиноии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аз як сӯ бар ҷанбаҳои ахлоқӣ ва арзиши мубориза бо ришвахӯрӣ таъкид мекунад ва аз дигар сӯ, коҳиши ҳазинаи фаъолиятҳои тиҷорӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсияро, ки маркази аслии фасод ва аъмоли нуфузҳои нораво аст, дар бар дорад.

Дар ин робита «Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тавсеаи созмони молӣ» дар соли 1997 конвенсия таҳти унвони «Конвенсияи мубориза бо ришвахӯрии маъмурони умумӣ хориҷӣ дар муомилоти тиҷори хориҷӣ [8]» ба тасвиб расонид.

Дар кишвари Эрон бо таваҷҷуҳ ба ин ки конвенсияи мазкур, пас аз пайвастан ва тасвиби маҷлиси Шӯрои исломӣ, қонунӣ ва лозимуливро аст. Бо таваҷҷуҳ ба нигоҳи фарҳангӣ ва мазҳабии ҳоким бар қонунҳо ва падидаҳои ҳуқуқӣ ва ин ки яке аз бандҳои сиёсатҳои куллии низом дар чашмандози бистсола дар уфуқи 1404 ҳ.ш. таомули фаъол бо ҷаҳон дар тамоми заминаҳо, ҳампайвандӣ ва асарбахшӣ дар сатҳи иқтисоди ҷаҳонӣ аст ва яке аз дигар бандҳои он ҳузури таъсиргузор дар бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва мушорикати фаъол дар тақсими кори байналмилалӣ аст ва дар барномаҳои чаҳорум ва панҷуми тавсеа низ рушди бозаргонии хориҷӣ мавриди таъкид аст, бинобар ин, меҳалабад, ки ришва мақомҳои давлатии хориҷӣ ва мақомҳои созмонҳои умумии байналмилалӣ дар қавонини дохилӣ низ ҷурмангорӣ шавад ва замонати иҷрои муносибе барои он лиҳоз гардад.

Дар зимни ихлол дар амри транзити маҳсулот ва сода кардани тиҷорати ғайриқонунӣ ҳам аз ҷумлаи мавридҳое аст, ки ришва ва фасоди молӣ таъсири зиёде дар пайдоиши онҳо доранд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки мушкили фасод дар ҳамлу нақли ашё дар ағлаби кишварҳо вуҷуд дорад, барои ҳалли он комиссияи иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид конвенсияе бо унвони Конвенсияи байналмилалии ҳамоҳангии назорати марзҳоро тарроҳӣ ва барои узвият ба кишварҳои узви СММ пешниҳод кардааст, ки ба мӯҷиби он, тамомии созмонҳое, ки дар озод кардани маҳсулот нақш доранд, муваззаф ҳастанд зери назари гумрук амал кунанд. Илова бар мавридҳои гуфташуда, ришва худ заминасози анҷоми ҷурмҳои дигаре ҳаст, ки ба сурати мустақим ё ғайримустақим бар амният таъсиргузоранд. Ба унвони мисол, ҳар гоҳ шахси маҷбур ба пардохти молиёти гумрукии сангине бошад, дар бисёре мавридҳо тарҷеъ медиҳад бо пардохти маблағи камтари ришва ба маъмури гумрук аз зери бори пардохти аворизи гумрукӣ шона холӣ кунад ва дар марҳалаҳои баъдӣ барои раҳоӣ аз ҳазинаи амалиётии ришва ба қочоқи мол даст занад. Дар ин ҷо аворизи гумрукии сангин заминасозӣ иртикоби ҷурми ришва гардидааст ва ҷурми ришва низ заминасози ҷурми қочоқӣ молу маҳсулот шудааст. Дар вазъи қарордодҳои тиҷорӣ чи миллӣ ва чи байналмилалӣ ҳамин мавзӯъ вуҷуд дорад.

Ҷонсон ва Любатон дар таҳқиқоти худ ба ин натиҷа расидаанд, ки вақте фасоди молӣ густариш меёбад, фаъолияти ғайриқонунӣ, монанди қочоқ низ густариш пайдо мекунад. Густариши қочоқ ва боиси коҳиши даромадҳои давлат мешавад. Вақте ки даромади давлат коҳиш пайдо кард, давлат барои ҷуброни он ночор ба афзоиши нархи молиёт мешавад ва афзоиши нархи молиётӣ ҳам боиси фишори молиётӣ бар бозаргонон мегардад. Онҳо дунболи роҳи ҳалҳалхое мегарданд, то аз ин вазъият наҷот ёбанд, ки ришва яке аз ин роҳҳо аст [9].

Вақте фасод ва ришвахӯрӣ дар ҷомеае зиёд шавад, бисёре аз дарёфткунандагони ришва, ки намехоҳанд ба сурати мустақим аз ҷониби ришвадиҳандагон мавриди шиносой воқеъ шаванд, воситаҳои пайдо мекунанд, ки ин воситаҳо низ тибқи моддаи 593 қонуни муҷозоти исломии Эрон муҷрим ва қобили муҷозот ҳастанд.

Қобили зикр аст, ки бахши севуми иқтисод, ки ба он «иқтисоди пинҳон» [10] мегӯянд, зоидаи фасоди идорӣ ва ришвахорӣ аст. Воситагарӣ, даллолӣ ва мавридҳое аз ин қабил низ дар ин бахши иқтисод ҷой мегирад. Вақте дар як муҳити идорӣ ришвахорӣ афзоиш ёбад ва кормандони олирутба ришва бигиранд, кормандони поинтар низ ташвиқ ба анҷоми ин ҷурм мешаванд. Ба ин васила, ба сурати воситаи занҷираи ҷиҳати гирифтани ришва мешаванд ё ин ки худ дар радифи ришвагирандагон ворид мешаванд.

Бо таваҷҷуҳ ба он чи гуфта шуд натиҷа мегирем, ки ришва ба унвони намунаи ошкори ҷурмҳои иқтисодӣ таъсири амиқе бар амнияти дохилӣ ва хориҷии як мамлакат ва низ бар иқтисоди байналмилалӣ дорад. Ришва раванди содирот ва воридотро хатчадор месозад, дар қарордодҳои сиёсӣ ва тиҷоратии байналмилалӣ асаргузор аст ва нархи ҷурмҳои байналмилалиро боло мебарад.

Харҷи фасод ва ришвахорӣ дар ҷомеа бештар гардад, дараҷаи эътимоди шаҳрвандон нисбат ба давлатҳо коҳиш пайдо мекунад ва ҳар гоҳ ин мавзӯъ ҷанбаи байналмилалӣ ба худ бигирад, илова бар эҷоди мушкил дар равобити сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳо, ҷомеаи ҷаҳониро дучори рукуди сиёсӣ ва иқтисодӣ месозад. Ба ҳамин хотир дар тӯли таърих сахттарин муҷозотҳо барои фарди ришвахор дар назар гирифта шудааст ва кишварҳо илова бар ҷурм шинохтани ин кори палид ва зишт дар қонунҳои дохилии худ, дар сатҳи ҷаҳонӣ низ иқдомотеро барои мубориза бо ришвахор ва пешгирӣ аз ин ҷурм ба амал овардаанд, ки намунаи он Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид барои мубориза бо фасод мусавваби 2003 аст. Ришва дар бахши дохилӣ ва хориҷӣ ва низ дар бахши умумӣ ва хусусиро ҷурм ба ҳисоб овардааст ва дар моддаҳои 16 ва 21 худ ришвахории мақомҳои давлатии хориҷӣ ва низ ришвахории бахши хусусиро ҷурм донистааст ва пешгирӣ аз ришвахориро вазифаи тамомии кишварҳои узви конвенсия медонад.

## АДАБИЁТ


1. Масъуд Торамсарӣ. Ҳуқуқи боазргонии байналмилалӣ / Масъуд Торамсарӣ. –Теҳрон: Ширкати чоп ва шари бозаргонии вобаста ба муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ, 1379. - 300 с.
2. Мурочиат шавад ба пир, моя, «рушди иқтисодӣ»; тарҷумаи Алӣ Муҳаммади Фотимии Қумӣ, созмони интишорот ва омӯзиши инқилоби исломӣ, 1369. -С. 76.
3. Ҳамид Ризо Ҳусайнпур. Баррасии асари фишорбахши умумӣ бар рушди иқтисоди дар кишварҳои мунтахаби ховари миёна / Ҳамид Ризо Ҳусайнпур, 1387. -С. 57.
4. Иброҳими Ҳодиён. Пулшавӣ ва асороти иқтисодии он / Иброҳими Ҳодиён // Мундариҷа дар маҷмӯаи суханрониҳо ва мақолоти ҳамоиши байналмилалии мубориза бо пулшавӣ. -Шероз, 1382. - С.182-183.
5. Ҳасани Сутудаи Теҳронӣ. Ҳуқуқи тиҷорат / Ҳасани Сутудаи Теҳронӣ. –Теҳрон: Нашри додгустар, 1376. -ч.4. -С. 22.
6. Калоивом. Ашмитуф. Ҳуқуқи тиҷорати байналмиллалӣ / Калоивом. Ашмитуф; тарҷумаи Беҳрӯзи Ахлоқӣ ва созмони мутолиа ва тадвини китоби улуми инсонӣ. -Теҳрон: Самт, 1378. -ч.1. -С.1.
7. Муҳаммад Ҷавод. «Ришва ва эъмоли нуфуз дар қарордҳои байналмилалӣ» / Муҳаммад Ҷавод Шариати Боқирӣ. Сайти иттилоърасонии Додгустари остони Теҳрон. -С.3.
8. Convention on combating Bribery of foreign Public Officials international Business Transactions.
9. Муовинати барномарезӣ ва умури иқтисодии вазорати бозаргонӣ. Таҳлили фасоди молӣ, иқтисодӣ ва бозаргонӣ. -Теҳрон, 1386. -С. 20


## ВЛИЯНИЕ КОРРУПЦИИ НА ЭКОНОМИКУ И МЕЖДУНАРОДНУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ


В данной статье автор рассматривает влияние коррупции на экономику и международную безопасность. На протяжении всей истории взяточничество традиционно существовало в нескольких формах, В наше время наиболее распространенными формами проявления коррупции являются взяточничество, подкуп государственных и общественно-политических деятелей, чиновничества, незаконный протекционизм и др. Особенно широкие масштабы коррупция приобретает в кризисных

ситуациях, в периоды разложения социально-политических режимов, падения общественных нравов, а также во время резких перемен в политике, во время усиления борьбы со взяточничеством.Коррупция искажает развитие бизнеса, уменьшает эффективность государственного управления, стимулы к инвестициям, сдерживает экономическое и политическое развитие, порождает социальное неравенство, а также вносит определенную нестабильность в политический процесс. Особую опасность коррупция представляет в сферах, от которых зависит повседневная жизнедеятельность.

**Ключевые слова:** взяточничество**,** коррупция, проявления коррупции, формы коррупции, кризисные ситуации, безопасность.

**THE IMPACT OF CORRUPTION ON ECONOMIES AND INTERNATIONAL SECURITY**

In this article the author examines the impact of corruption on the economy and international security. Throughout the history of bribery traditionally existed in several forms, In our time, the most common form of corruption is bribery, bribery of public and political figures, the officials, illegal protectionism and other Especially large scale corruption becomes crisis periods decomposition of socio-political regimes, the fall of social mores, as well as during abrupt changes in policy, while strengthening the fight with взяточничеством.Коррупция distorts business development, reduces the effectiveness of government incentives for investment, holding back the economic and political development, generates social inequalities, and makes a certain amount of instability in the political process. The particular danger of corruption is in the areas depends on everyday life.

**Key words:** corruption, corruption, corruption, corruption, crisis situations, security.

**Сведения об авторе:** ***Арсалон Ашрофи*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

## НАҚШИ ПОРЛУМОНҲО ДАР МУБОРИЗА БО ФАСОДИ ИДОРӢ

***Беҳном Акбарӣ***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Порлумонҳои саросари дунё аз 13 то 16 октябри соли 2002 тайи нишасте дар Маҷлиси авоми Канада “Созмони ҷаҳонии порлумонҳои ҷаҳонии зидди фасод” – ро ташкил доданд. Дар ин нишаст ниҳодҳои муташаккил аз намояндагони мунтахаби мардум фасодро ба унвони бузургтарин таҳдид барои ормони демократии истиқлол муаррифӣ карданд. Фасод на танҳо ба унвони таҳдиде барои демократия, балки омили тазалзули тавсеаи иқтисодӣ, нақзи адолати иҷтимоӣ ва тахриби эътимод дар ниҳодҳои давлатӣ талаққӣ шуд. Илова бар ин, фасод дар бисёре аз кишварҳо афзоиш ёфта, ва ба таври фазояндае дар ҳоли табдил ба падидаи фарогир аст. Дар ҷое, ки демократия ҳоким бошад, шаҳрвандон намояндагонро ба манзури тайини чорчӯби ҳуқуқӣ барои мубориза бо фасод ва назорат бар иҷрои он интихоб мекунанд. Ин нукта ба он маъно нест, ки фасод ба далели заъф ё камкории порлумон ба вуҷуд меояд, балки далоили он мутааддид ва печида аст ва бар ин асос пешниҳод мешавад, ки порлумон нақши роҳбурди асосӣ дар мубориза бо фасод ифо кунад. Асосан дар низомҳое, ки қувваи муҷрия мустақиман интихоб намешавад, порлумон ба абзори мустақими шаҳрвандон барои эъмоли нуфуз бар қувваи муҷрия табдил мешавад, яъне ҷойе, ки бештарин фасод дар имрӯз, мавҷуд аст бештари талошҳо дар ҷиҳати мубориза бо фасод бар бахшҳои иҷроӣ ва қазоии ҳукумат мутамарказ мешавад. Дар ин мақола ба баёни он чи рӯй медиҳад, шомили ҳама масъулиятҳои аслии ҳокимиятии порлумон (қонунгузорӣ, назорат) ва кӯшишҳо тавсеаи хатти машҳои зидди фасод хоҳем пардохт. Ин кӯшишҳои бояд намояндагӣ шавад, масоили марбут ба таъмини молию сиёсии ҳизбу низоми ахлоқии порлумонро мушаххас созад, чорчӯбҳои порлумонии байналмилалии мубориза бо фасодро тақвият кунад.

Қабл аз ин ки ба ташреҳи нақшҳои қонунгузор дар мубориза бо фасод бипардозем, фаҳми шароите, ки фасодро ба унвони “сӯистифода аз (TI), ки бояд дар рӯяи порлумон мабнои амал қарор гирад, лозим ба назар мерасад”. Бонки ҷаҳонии Созмони шаффофияти байналмилал дар баррасии падидаи фасодро ҳамчунин “дар мавриди қудрати умумӣ, дар ҷиҳати манофеи хусусӣ” таъриф кардаанд ва фасод падидаи ҷаҳонист.

Решаҳо, навъшиносӣ ва ҳазинаҳои фасод. Фасоде, ки реша дар заъфи ниҳодҳои умумӣ дорад ва ба далели фақр ташдид мешавад, иборат аст аз сӯистифодаи мақомоти умумӣ аз қудрати худ дар ҷиҳати интиқоли манофеи умумӣ ба нафъи худ. Аз сӯйи дигар мавзӯоти мухталифе низ, монанди тиҷорати афрод ҷиҳати дастёбӣ ба манофеъ, амвол ва хадамоте, ки ба наҳви қонунӣ дар дастрас нестанд ё камёб ҳастанд, муртакиби фасод мешаванд. Ин падида метавонад дар ашколи мутанаввее сурат гирад, ки аз фасоди идорӣ ва ришва то ихтилос ва аз кулоҳбардорӣ то фасоди ҷузъӣ мутағайир аст. Фасод дар муҳите рушд мекунад, ки мустахдимини давлат ба далели пардохти кам ё номуназзами дастмузд (ё ҳар ду), адами бимаи дармонӣ ва ғайра, ангезаи кофӣ барои кор надоранд ва сохторҳои посухгӯ заиф кор мекунанд. Авомили мутааддиди дигаре, ки эҳтимоли фасодро афзоиш медиҳанд, иборатанд аз набудани созкорҳое барои тазмин, посухгӯӣ ва шаффофияти ҳукумат (яъне ҳайатҳои

назорат, аҳзоби мухталифи фаъол, расонаҳои мустақил, интихоботи озод ва мунсифона); сохторҳои заиф барои иҷрои қавонин (аз қабили пайгарди муассир, ниҳодҳои тахассусии зидди фасод ва ниҳоди қазоии мустақил ва тавонманд); набудани чорчӯбҳои назоратӣ (қонунгузорӣ, маҷмӯаи муқаррароти рафторӣ ва муқаррароти ҳисобрасӣ); сутӯҳи поини таҳсилот ва савод; идороти давлатии ғайримутахассис (таҳмил барои мутолиаи бештар, р.к.: гузориши Созмони шаффофияти байналмилал дар хусуси вазъияти фасод дар нуқоти мухталифи дунё, хешвандгуморӣ ва аъмоли нуфуз) дар айни набудани рақобати бахши хусусӣ дар таъмини хадамот. Ин авомил муртабит ба якдигаранд ва мунҷар ба чархаи хатарноки зимомдории бад фасоду фақр мешаванд (ба ҳар ҳол авомили пешгуфта бархе аз заминаҳои муҳимми тадобири зидди фасодро низ мушаххас месозанд). Ин тадобир бояд қудрати аъмоли густурда ва васеъ дошта, дар пайи афзоиши озодии иттилоот посухгӯ ва шаффоф бошанд. Баъд аз мутолиаи дақиқ дар заминаи як кишвари хос чунин талошҳое метавонад шомили ислоҳи бахши умумӣ бошад: лузуми мушорикати бештари ҷомеаи маданӣ расидан ба рақобати рӯзафзун дар таъмини маҳсулот ва хадамоту зарурати тақвияти ниҳодҳои назоратӣ. Ба ҳар ҳол, агар талош бар зидди фасод аз сӯйи иродаи сиёсии ҳоким мавриди ҳимоят қарор нагирад, ба нудрат ба натиҷа мерасад.

Ҳатто агар битавон иродаи сиёсиро барои амалӣ намудани ислоҳоти зидди фасод таҷҳиз намуд, ағлаби ин ҳимоятҳо дар мувоҷеҳа бо мавонеъ беасар мешаванд. Барои мисол, қонунгузорон ба наҳви қобили таваҷҷуҳе дар мавқеиятҳои иртикоби фасод қарор мегиранд. Ин мавқеиятҳо барои тазмини интихоби муҷаддади худ (хариди раъй, таъмини молии номашрӯи ҳизб) ё касби манфиати молии хусусӣ аз тариқи шуғлашон (бархе комиссияҳо аз қабили комиссияҳои тахсиси эътиборот, ки мустаиди ришва бошанд) падид меоянд. Дар як таҳқиқ чунин натиҷагирӣ шудааст, ки вуҷуди ихтилофҳои густурда ва ниҳодҳои тахассусӣ ва тавонманд барои ҳимоят аз тасмими қонунгузор ва ҳамчунин аъмоли фишор ва тадовуми иродаи сиёсии зимомдорони кишвар дар мубориза бо фасод зарурист. Бинобар ин, возеҳ аст, ки танҳо дар сурате хатти машҳо ва ислоҳоти зидди фасод қарини муваффақият хоҳанд шуд, ки аз рӯйкарди куллнигар пайравӣ кунанд. Решаи далоилро баррасии порлумонҳо дар рӯёрӯйӣ бо решаҳо густурда кунанд ва ниҳодҳои зеррабтро шомили ҳайати давлат, порлумони ҷомеаи маданӣ ва бахши хусусӣ ба ҳам пайванд диҳанд, фасод ва низ печидагии иқдомоти зидди фасод ночоранд ба таври комил нақшҳо ва абзорҳои мубтанӣ бар қонуни асосии худро ба кор гиранд ва масъулиятҳояшонро дар вазъи қавонин ва назорат бар талошҳои зидди фасоди миллии муассир ифо намоянд.

Бегумон, нақши аслии порлумон қонунгузорист, ки ба беҳтарин ваҷҳ пазируфта шуда, мушобеҳтарин нақши порлумон дар миёни кишварҳост. Порлумонҳо, ки фақат ба сабаби қавонини асосӣ ва дигар қавонину муқаррароти муртабит маҳдуд мешаванд, дорои салоҳияти вазъи ҳар навъи қонун ҳастанд ва бинобар ин, метавонанд чорчӯби ҳуқуқии лозим барои ҷилавгирӣ ва мубориза бо фасодро эҷод кунанд. Ба илова, порлумонҳо метавонанд бо эҷоди ангезаҳое барои ташвиқи рафтори муносиби бахши хусусӣ ва низ режимҳое барои мудирияти хадамоти молӣ ва умумӣ, шаффоф ва посухгӯйӣ дар бахши давлатӣ бар тақвияти садоқат дар ҳукумат, таъйини ҷанбаи васеътар аз мубориза бо фасод, мутамарказ шаванд. Бинобар ин, ба ҳар мизон ки қавонин беҳтар мушкили фасодро ҳал кунанд, порлумонҳо дар сурате ки ба хубӣ манофеи шаҳрвандонро мунъакис намоянд ва тавассути нерӯҳои дигар таҳти таъсир қарор нагиранд, метавонанд ба унвони бахше аз роҳи ҳал мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд ва метавонанд бахши зарурӣ дар дар маҷмӯаи хатти машҳо ва иқдомоти кишвар дар мубориза бо фасод бошанд. Агар фақат қавонин мелок мебуд, фасод ба роҳатӣ қобили решакан кардан буд. Ҳамон тавр ки дар як баррасӣ нишон дода шудааст, ба нудрат фиқдони муқаррароти зидди фасод боиси тавақкуфи чунин талошҳое мешуд ва ағлаби кайфияти заиф тадвин ва набудани замонати иҷрои чунин қавонинест, ки бояд мавриди таваҷҷуҳи вижа қарор гирад. Қонун бояд маҷмӯае аз усули асосӣ, аз қабили риояти меъёрҳои ҳуқуқи башарро ба баёне шаффоф ироа диҳад, эътибороти гузиниширо коҳиш диҳад ва мутобиқ бо шароити дохилии аҳдофи пешгуфтаро дунбол кунад. Дар қонуни маданӣ ва низ қонуни кайфарӣ порлумонҳо ба таври хос бояд бархе масоили муртабит бо фасод, аз қабили таоризи манофеъ, хешовандгуморӣ ва муқаррароти бо ин васф, мурури замонро дар иттихози замон дар иттихози иқдомоти танбеҳӣ зарурӣ ва низ тақвияти муҳити идорӣ ва иҷтимоӣ дар мухолифат бо фасод мавриди таваҷҷуҳ қарор

диҳанд. Заъфи машрӯияти қавонин баста ба чигунагии вазъи онҳо ва мизони қобили қабул будани фароянди интихоботӣ таъйин мешавад. Ба илова, агар умум ва порлумонҳо аз ҳазинаҳо ва манофеи анҷоми чунин коре беиттилоъ бошанд, қонунгузорӣ наметавонад мабнои муносибе барои мубориза бо фасод маҳсуб шавад. Афзун бар ин, давлат ба хубӣ қодир аст порлумон ё бархе аз намояндагони порлумонро барои ҷилавгирӣ аз вазъи баъзе қавонин, тахти фишор қарор диҳад. Дар ниҳоят, порлумон маҷбур аст бар иҷрои муқаррарот тавассути қувваи муҷрия назорат кунад.

Ҳамчунин порлумонҳо метавонанд бо анҷоми дигар роҳи ҳалҳои масъулиятӣ, аз қабили посухгӯ намудани давлат барои мубориза, бо фасод аз тариқи мушорикати муассир, тарҳрезӣ, аъмоли назорати порлумонӣ аз тариқи комиссияҳои зидди фасод, ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҳисобрасии олӣ ва тақвияти фазои самимии расонаҳо таҳаққуқ ёбад.

Аз он ҷо, ки сиҳати умури молӣ маркази талошҳои зидди фасод ба шумор меояд, тамаркузи мустақим бар нақши порлумон дар чарха будҷа муҳим аст. Чархаи буҷа, ки давлат, бахши умумӣ, ҷомеаи маданӣ ва қонунгузорро дар бар мегирад, шомили чаҳор марҳала аст: таҳияи пешнавис, тасвиб, иҷро ва ҳисобрасӣ. Дар аксари кишварҳо назорати ниҳоии буҷаи миллӣ бар уҳдаи порлумон аст, ки метавонад масъулияти танзими буҷаро ба давлат тавфиз намояд. Ин “ихтиёри молӣ”–и давлатро ба ахзи молиёт ва масрафи он дар роҳҳои хос, тазмини мудирияти ва ироаи гузориши муназзам барои илзоми давлатҳо мулзам мекунад. Ихтиёри молӣ яке аз муассиртарин абзори порлумон барои илзоми давлатҳо ба посухгӯийист Ҳамчунин ин ихтиёр абзорҳоеро барои аъзои порлумон ба манзури расидагӣ ба ин ки чӣ гуна ва чӣ миқдор даромад ҳосил мешавад ва масраф мешавад, пешбинӣ мекунад. Ба маҳзи ин ки будҷа тахсис ёфт, порлумон ва комиссияҳои тахассусиаш (аз қабили комиссяҳои муҳосиботи умумӣ) натоиҷи ҳисобрасиро, ки тавассути ниҳодҳои ҳисобрасии олӣ таҳия шудаанд, баррасӣ мекунанд ва тавсияҳоеро барои буҷаи соли оянда ироа медиҳанд. Ин чархаи буҷа барои тазмини шаффофият ва посухгӯйӣ бояд се шартро бароварда намояд: аввалан бояд ихтиёри тахсис ва харҷи буҷа ба наҳви мунзабит ва шаффоф ба василаи порлумон вогузор шуда бошад, сониян, бояд шароите барои меъёрҳои шаффофи таъмини махориҷ, иҷрои онҳо ва натоиҷи ихтиёрот, ихтиёроте муҳиманд. Аммо ҳатто дар мамлакатҳои пешрафта аъзои порлумон ба далели аз даст додани фурсати нуфузи худ дар хусуси мавзӯоти молӣ ва буҷаӣ ибрози таассуф мекунанд. Ин ихтиёрот бар ҳасби муқаррароти қонуни асосӣ дар хусуси нақши порлумон ва дигар авомили мутағайир аст. Тибқи маъмул ҳаҷми зиёди пул тавзеъ мешавад, ки иттилооти коршиносӣ ва ҷомеъ дар хусуси аъмол ва истифодаи он дар ихтиёри қувваи муҷрия аст. Муқаррароти молӣ ба наҳви бисёр печида қарор мегирад, ки мудирияти молӣ ба самти ҷараёни мудирияти нақдӣ савқ меёбад. Ин масъала бояд ба манзури таҳлили муассир пеш аз оғози соли молӣ пайгирӣ шавад. Дастрасӣ иттилооти саҳҳеҳ, мувассақ ва бамавқеъ метавонад таҳлилу арзёбии муносиби лавоеҳро имконпазир созад. Фаъолиятҳои сиёсӣ ва равобити қудрат миёни қувваҳи иҷроӣ ва қонунгузорӣ ва миёни ҳукумату мухолифон, охирин мутағайири муҳим маҳсуб мешавад. Ба ин далоил намояндагони порлумон талош мекунанд, то аз наҳваи корбурд ва истифода аз манобеи умумӣ огоҳӣ ёбанд, дар истифода аз ин манобеъ дахолат кунанд ва масоили молӣ ва ҳар навъ масъалаи муҳимми дигарро ба иттилои афроди ҳавзаи интихобияи худ бирасонанд.

Ин талоши намояндагон ба таври мустақим ба дигар аъмоли назоратии порлумон шомили коргузорони порлумонӣ (монанди ҳисобрасон ва маъмурони бозрасӣ), гузориши иҷроии лозимулиҷро марбут ба бархе амалкардҳо ва пешрафти кор, бо ихтиёри пурсиши аланӣ аз вазир роҷеъ ба амалкардҳои вазоратхона мунтаҳӣ мешавад. Ҳамчунин ин назорат шомили салоҳияти таҳқиқ дар мавриди пешрафти анҷоми кор ва умури созмонӣ бо дархости мадорик ва шавоҳид (маъмулан тавассути комиссияҳои порлумонӣ) ва баррасии он ба таври комилан шаффоф ва ҳамоҳанг бо дигар ниҳодҳо мешавад. Дар бархе кишварҳо низ порлумонҳо аз салоҳияти баррасӣ ва тасвиби интисоби бархе мақомоти кишвар бархурдоранд. Ин аъмоли порлумонӣ бисёр мутағайир буда, дар низомҳои порлумонии дорои сохторҳои назоратии комилан мушобеҳ қолабҳои созмонии мутафовите ба худ мегирад. Дар ин замина ду абзори назоратӣ аз аҳамияти вижае бархурдор аст: ниҳодҳои олии ҳисобрасӣ ва комиссияҳои зидди фасод.

Ҳар қадар печидагии ҳукумат ба далели ҷаҳонишудан аз як сӯ ва тақсиму тамаркуззудойии ихтиёрот аз сӯйи дигар афзоиш ёфта, густураи муқаррароти молии нозир ба таъмини буҷаи умумӣ васеътар шудааст, ниёз ба коршиносон, имконоти

тахассусӣ, коргузорҳои тахассусии таҳқиқотӣ ва ҳисобрасии порлумонӣ дар бисёре аз маворид, нақшу иртиботи онҳо бо комиссияҳои назоратӣ (SAT s)-и кишварҳо афзоиш ёфтааст. Намунаи боризи ин коргузориҳо масъулияти олии ҳисобрасии порлумонист. Ҳарчанд нақши ин муассисот, бавижа дар инзомҳои мухталифи ҳукуматӣ ба наҳви қобили мулоҳизае мутафовитанд, аммо метавонанд бо баррасӣ ва таъйиди сиҳҳати умури молӣ, назорати қонунӣ будани сарфи ҳазинаҳо дар давлат ва баррасии пешрафти кор дар анҷоми вазоифи давлатӣ, яъне анҷоми муассири хадамоти умумӣ барои пешгирӣ аз фасод, кӯмаки қобили таваҷҷуҳе намоянд. Ин масъулон барои ифои муассири вазоифи худ бояд масъулиятҳои мушаххасе дошта бошанд, мустақил бошанд, мураттабан иттилооти ҷадид дар ихтиёри коршиносони худ қарор диҳанд ва имкони ироаи гузориш ба комиссияҳои тахассуси порлумон, монанди комиссияи умури муҳосиботӣ дошта бошанд, то битавонанд тавсияҳои лозимро ба аъзои порлумон ироа диҳанд. Афзун бар ин ниёз ба созмонҳои тахассусии пуштибонӣ, ки дорои манобеи кофӣ ҳастанд ва мустақил аз қувваи муҷрия бошанд, низ афзоиш меёбад.

Расонаи мустақил ва муроқиб ба унвони рукни чаҳоруми демократӣ метавонад то ҳадди зиёде ин иқдомоти назоратии порлумонро пуштибонӣ кунад. Расонаҳо худро дар баробари ҷомеа мулзам ба мушорикат дар мубориза алайҳи фасод медонанд ва ағлаб низ ба наҳви муассире ин амрро анҷом медиҳанд. Порлумон метавонад дар пайгирии ифшои умумии асомии кормандони фосид, таъқиби қазоии онҳо ва ифшои тахаллуфоти иқтисодӣ аз расонаҳо кӯмак гирад. Намунаи боризи чунин ҳамкории созандае дар даврони пас аз ҷанг дар Уганда дар даҳаи 1990 иттифоқ афтод. Ҳамкорӣ миёни як порлумони фаъол ва намояндамадор ва расонаҳои озоду мустақил ва дорои қудрат ба чолиш гирифтани ҳукумат ва пӯшиш додан ба парвандаҳои фасод, ба намояндагон имкон дод, то бо мавориди мухталифи кулоҳбардорӣ мубориза кунанд. Ва ин чаҳор рӯйкард ба назорат, яъне назорати молӣ, коргузории тахассусӣ, назорати умумӣ ва мушорикати расонаҳо дар канори ҳам, метавонад омили зидди фасоди бисёр нерӯманде ташкил диҳад. Ин авомил, бавижа ҳангоме коромадтар ҳастанд, ки аз ҳимояти коркунони мутахассис ва расонаи мустақил барои тазмини огоҳии комил орӣ бошанд. Бинобар ин, ин равишҳо ҳамроҳ бо салоҳияти қонунгузорӣ бахше аз абзорҳои порлумонӣ барои мубориза бо фасод маҳсуб мешаванд.

Ин шабакаҳо имкони ҳамоҳангӣ миёни иқдомоти қонунӣ, эҷоди ташаккули фаъолон дар ин замина барои мубодилаи таҷрибиёт ва равишҳои беҳтари муқобила ва ҳамчунин “шабака (GOPAC) ва созу корҳои ҳимоятии муштараки қавиро фароҳам мекунанд. Ду маврид аз ин шабакаҳо иборатанд аз: ”Созмони ҷаҳонии порлумонҳо алайҳи фасод аз як сӯ, ки ин созмони ҷаҳонӣ намунае аз як шабакаи такбӯъдӣ бо ҳадафи мубориза ва пешгирӣ аз фасод ба василаи (PNOWB) бонки ҷаҳонӣ ва тақвияти садоқат дар ҳукумат маҳсуб мешавад. Барои расидан ба ин ҳадаф шабакаеро барои интиқоли иттилоот, ироаи омӯзишҳои лозим ва созу корҳои ҳимоятии муштараки лозим барои ин манзурро фароҳам месозад. Ин созмон, ки соли 2002 таъсис шуд, то кунун натоиҷи қобили таваҷҷуҳе касб карда, дифои порлумонии бонки ҷаҳонӣ барои тақвияти мушорикати порлумонӣ ва тасмимгирӣ дар мавриди масоили минтақавӣ ва миллии зиёдеро эҷод кардааст. Аз сӯйи дигар, шабакаи тавсеа таъсис шуд. Ин шабака талош мекунад, то аз тариқи иқдомоти мухталифе шаффофият, посухгӯйӣ ва мушорикати порлумонӣ дар тавсеаи байналмилалиро афзоиш диҳад. Ба ҳамин тартиб намояндагони порлумон метавонанд бо нақшофаринӣ дар низоми дақиқи мудирияти мутааҳҳид ва баҳрагирӣ аз коршиносони хубарро мабнои амали худ қарор диҳанд, ва мудирияти ҷаҳонии фасодро маҳор намоянд.

Фасод паёмадҳое зиёнбор бар рушди иқтисодӣ ва тавсеа дорад ва ҳамчунин нишонаи заъфи созмонҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ маҳсуб мешавад. Ҳарчанд сохторҳои ҳоким дар ин амр, ки чӣ гуна намояндагони порлумон беҳтар метавонанд алайҳи фасод иқдом кунанд таъсиргузоранд, бо ин ҳол инҳо омили таъйинкунандаи аслӣ маҳсуб намешаванд, балки интизороти умумӣ дар мавариди нақши давлат ва таърихи хоси тавсеаи сиёсӣ дар ҳар кишвар низ аз авомили асаргузор дар фасоди роиҷ маҳсуб мешаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Development, in the role of parlament in curbing Corruption, op. cit. -P. 13-24.
2. Wenner Joachin. Effective Financial Scrutiny / Wenner Joachin // In The Role of Parlament in Curbing Corruption,op.cit. -P.81-90.

3. See Stapenhurst Rick. Harlament and Supreme Audit Institutions / See Stapenhurst Rick, Titsworth Jack // In The Role of Parlament in Curbing Corruption,op.cit. -P.101-108.
4. Johnston Michael. Dulding Cjalitions Parlaments, Civi Society, and Corruption / Johnston Michael / Control in The Role of Parlament in Curbing Corruption,op.cit. -P.157-172.
5. Riccardo. Political Parties / Riccardo // In The Role of Parlament in Curbing Corruption,op.cit. -P.175-184.
6. [электронный ресурс]. http:// www.Transparency.org See Kkaufmann, Daniel Transparency International.

**РОЛЬ ПАРЛАМЕНТОВ В БОРЬБЕ ПРОТИВ КОРРУЦИИ ВО ВЛАСТНЫХ СТРУКТУРАХ**

Парламент является главным институтом и основным выразителем воли народа и на его плечах лежит ответственность за борьбу с коррупцией во всех ее формах. Парламенты должны взять на себя эту задачу не только в интересах сохранения основ общественной нравственности, но и в интересах устойчивого экономического прогресса во все мире. В деле организации борьбы с коррупцией весьма важным представляется поиск ключевых партнеров. По мере объединения Европы и мира в целом эта борьба становится все более сложной и насущной. Совет Европы, его Парламентская Ассамблея и национальные парламенты должны быть на переднем крае борьбы с коррупцией.

**Ключевые слова:** коррупция, борьба с коррупцией, государственные органы по организации борьбы против коррупции, парламентыв, роль парламентов в борьбе с коррупцией.

**ROLE OF PARLIAMENT AGAINST KORRUTSII IN POWER STRUCTURES**

Parliament is the main institution and the main exponent of the will of the people and on his shoulders the responsibility for the fight against corruption in all its forms. Parliaments should take on this task is not only to preserve the foundations of public morality, but also for sustainable economic progress in the entire world. In organizing the fight against corruption is very important to find key partners. As the unification of Europe and the world as a whole, this struggle is becoming more complex and urgent. Council of Europe, its Parliamentary Assembly and national parliaments should be at the forefront of the fight against corruption.

**Key words:** corruption, fight against corruption, the public authorities for the organization of the fight against corruption, the Parliament, the role of parliaments in fighting corruption.

**Сведения об авторе:** ***Арсалон Ашрофи*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# САЙРИ ТАҲАВВУЛИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДӢ

***Абулқосими Қосимпур***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Рушд ва тавсеаи ҷомеаи башарӣ дар сояи талошҳо ва фаъолиятҳои тӯлонӣ мунҷар бар пояи қонунҳои инсонӣ шудааст, ки аз он ба унвони ҷомеаи шаҳрӣ ёд мешавад. Густариши шаҳрҳо, печидагии рӯйдодҳо, вокунишҳо ва афзоиши таъсироти мутақобили шаҳр ва шаҳрнишинон, зарурати ҳифзи низоми иҷтимоӣ ва риояти ҳуқуқи мутақобили онон, лузуми баррасӣ ва ҷустуҷӯ дар ин ҳавза шаҳрвандиро равшан месозад. Ҷомеаҳои башарӣ, шаклгирии маданият ва зуҳури қудратҳои ҳоким, ба мувозоти истилоҳи ҳукуматҳои худкома дар арсаҳои миллӣ ва фароміллӣ, дастаҷот, гурӯҳҳо, анҷуманҳо ва ниҳодҳои мухталифи мубориз (мухолиф) бо ин қудратҳо пас аз қарнҳои мубориза дар ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва марзбандии ҳуқуқи афрод ва табақот низ пешрафтҳои чашмгире доштаанд. Ин гурӯҳҳо бо вуруд дар арсаҳои мухталифи сиёсӣ ҳар чанд вақт як бор дар роҳи ҳамвор намудани таҳаққуқи ин ормон ва орзуҳои ҷомеаҳои башарӣ бо мушкилоте низ мувоҷеҳ будаанд. Ба ҳар сурат, аз тарафе кунишҳо ва вокунишҳои иҷтимоӣ ба манзури интибоқ бо муқарраroти қонунӣ ба сурати низомманд ва созмонёфта меравад, то ба унвони ҳайкали мондагор дар арсаи ҳуқуқи дохилӣ ва хориҷии кишварҳо худнамоӣ карда, дар зеҳнҳову афкор ва андешаҳои мутаваллиёни шаҳрию шаҳрнишинӣ ва қонунгузорӣ заминаро барои таҳаққуқи ин муҳим фароҳам созанд. Бинобар ин, дар ин мақола кӯшиш мешавад, ки бо таваҷҷуҳ ба таъсиси шаҳр ва баъд аз он густариши ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ба баррасии мавзӯъ пардохта шавад.

Усули ҳуқуқи башарӣ ва шаҳрвандӣ, то қарни XVIII милодӣ ба сурати комил набудааст. Ҳуқуқи бостон, ба шиддат фалсафӣ будааст. Аз ҳамин рӯ, Арасту бунёдгузор ва назарияпардози ҳуқуқи мардумони сарзамини Юнон аст. Дар Юнон ва Руми бостон, шаҳрвандон дар муқобили бегонагон қарор мегирифтаанд. Шаҳрвандон афроди озоди он сарзамин буданд, ки аз ҳуқуқи комил бархурдор будаанд. Арасту барои тавҷеҳи бардадорӣ ба табиат ва натиҷаи табиии аъмол ва рафторҳо ишора мекунад ва онро натиҷаи табиии асирӣ дар ҷанг медонад. Вай мегӯяд, ҳамон гуна ки ирс бидуни васият ба воситаи насаб ба ворис мерасад, бардагӣ низ аз волидайн ба фарзанд интиқол хоҳад ёфт. Амри дигаре, ки дар андешаи ҳоким бар Юнон аз афкори Арасту иҷро мешудааст, таносуби кайфар ва муҷозот аст. Онҳо «кайфари мутақорин»-ро низ илҳомгирифта аз табиат медонистанд. Аммо аз сӯйи дигар, афкори юнониҳо (ё беҳтар аст бигӯем отиниҳо) бо мафҳуми озодӣ дар баробари қонун бегона буд. Афкори онҳо ба шиддат ашрофизода ва табақотӣ буд ва баробарӣ дар он маъное надошт. Дар ин даврон, рӯҳониёни масеҳӣ бо ҳуккоми золим ва феодалҳо, бадтарин ҳаққӯшиҳо рух дод. Додгоҳҳо ва низоми қазоии иттиҳомӣ, шиканҷа ва анвои ҳаққӯшиҳои инсонӣ, кароматі инсониро лагадмол мекарданд. Дар ин низоми қазоӣ, асли кароматі инсонӣ ва низ бегуноҳии ӯ фаромӯш шуда буд ва касе нametавонист бо тамассук бо тафсири мазиқ аз аъмоли муҷримона, бегуноҳии худро исбот кунад. Ҳамчунин муҷозотҳои ғайриинсонӣ ва шиканҷаҳои тарзилӣ дар низоми қазоӣ ба унвони як амри маъмул талаққӣ шуда буд.

Нуқтаи атф дар таҳаввули ҳуқуқи шаҳрвандиро бояд дар таҳаввулоти Аврупо пас аз қуруни вусто ҷустуҷӯ кард. Адами риояти ҳуқуқи башар ва усули аввалияи инсонӣ дар он даврон, боис шуд, то аврупоиён ба фикри нигориш ва эъломи он биафтанд. Эъломияи ҳуқуқи башар ва шаҳрвандии Фаронса дар соли 1789 аз аввалин асноде аст, ки дар он ин мавзӯъ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Пас аз он кишварҳои дигар низ қонунҳоеро барои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони он сарзаминҳо вазъ кардаанд. Дар ин давра бо тағйирот дар ҷомеаҳо ва густариши ҳуқуқи табақоти мутавассити ҷомеа, ки хоҳони ҳуқуқи мутавассит буданд, заминаи тадвини ҳуқуқ мутазамини манофеи аксарияти ҷомеа фароҳам шуд. Инқилоби Фаронса, саноатӣ шудан ва низ истиқлоли Амрико, ин раванди тадвинро суръат бахшид ва ба ҷомеаҳои дигар низ васл дод. Пазириши ҳуқуқи зотии инсон ва озодии ҳамаи инсонҳо аз бадви таваллуд, аз осори ин давра аст. Насли дуюми ин ҳимоятҳо, раванди ҷаҳонишудани ҳуқуқи башар аст. Ин давра, бо ҳимоят аз ақаллиятҳо ва гурӯҳҳои хос ва низ ҳимоятҳои капиталистӣ дар кишварҳо, ноқисии ҳуқуқи башар шурӯъ шуд ва кам кам ба тадвини бархе асноди байналмилалӣ дар бораи бархе ақшор (ҳамчун коргарон) ва бархе ақаллиятҳои динӣ ва миллӣ анҷомид. Аммо дар насли сеюм ин ҳимоятҳо таъкид бар ҷомеияти асноди байналмилалӣ дар ҳимоят аз ҳуқуқи башар ва шаҳрвандӣ аст, ки дар он эъломияҳо, аснод ва муоҳидот имзо шуд ва милал ва давлатҳо онро тасвиб карданд.

Ба таври куллӣ се дидгоҳи асосӣ дар бораи мафҳумҳои ҳуқуқи башар ва шаҳрвандӣ вуҷуд дорад. Дидгоҳи нахуст, ки ба Контингтон мансуб аст, бар ин назар аст, ки нигоҳи умумии як кишвар бар кулли кишварҳо ғолиб шавад. Аз ин манзар, намунаи амрикоии ҳуқуқи башар бояд бар ҳамаи кишварҳо ҳоким гардад. Дидгоҳи дигарро модернистҳо доранд. Онҳо бар ин ақидаанд, ки усули ҳуқуқи шаҳрвандӣ ҷаҳоншумул аст ва наметавон аз ҳуқуқи башар марбут ба як кишвар ё ҷомеа сухан гуфт. Дар муқобил дидгоҳи постмодернҳо бо таъкид бар масоили минтақавӣ ва хусусиятҳои фарҳангии ҳар иҷтимоъ, барои ҳар кас ва ҳар ҷомеае нусхаи хоси худ мепечанд.

**Таърифи ҳақ.** Дар «Луғатномаи Деҳхудо» маъниҳои мутааддиде барои ин вожа зикр шудаанд, ки муҳимтарини онҳо аз ин қарор аст: рост кардани сухан, дуруст кардани ваъда, яқин намудан, собит шудан, ғалаба кардан бар ҳақ, мавҷуди собит ва номе аз асомии Худованди мутаол [1]. Ҳақ дар китобҳои луғавӣ ба «собит» маъно шудааст. Вақте гуфта мешавад фалон чиз ҳақ аст, яъне собит аст [2]. Вале маъниҳои истилоҳии мутафовите дорад масалан, дар маърифатшиносӣ, ҳақ ба маънои мутобиқ бо воқеъ аст. Ва вақте як ҷумла ё як ақида ва ё як динро ҳақ медонем, яъне он ақида ва ё … мутобиқ бо воқеъ мебошад ва козиб нест. Дар ин ҷо ботил низ ба маънои козиб мебошад. Як маънои дигари ҳақ, имтиёз ё насибе аст, ки барои касе дар назар гирифта шудааст, ки Шаҳид Биҳиштӣ аз он ба ҳақ боядӣ таъбир мекунад, дар ҳоле ки дар соири маъниҳо ҳақ ҳақи аслӣ аст [3]. Ин маънои истилоҳӣ дар илми ҳуқуқ корбурди бештаре дорад ва таклиф дар муқобили он маъно пайдо мекунад [4]. Вақте касе ҳақе дошта бошад, дар таҳсили дақиқи он метавон ду муаллифаро мушоҳида кард: соҳиби ҳақ; мавриди ҳақ [5]. Ба унвони мисол вақте падари ҳақ вилоят бар фарзанд дорад, падар соҳиби ҳақ аст ва мавриди ҳақ, вилоят бар сарпарастӣ аст. Бисёре аз мутафаккирон муътақиданд, ки ҳар ҷо ҳаққе аст, муаллифаи дигаре низ метавон ёфт ва он фарди дигаре аст, ки ҳақ алайҳи ӯст ва барои ӯ таклифе эҷод мекунад, ки дар мисоли мо ҳамон фарзанд аст, ки дар муқобили ҳаққи вилояти падар, вазифаҳое бар уҳда дорад. Ба ибораи дигар, ин соҳибназарон ҳамеша дар муқобили ҳар ҳақе як таклиф низ тасвир мекунанд [6]. Ба назари онҳо ҳақ ва таклиф робитаи талозумӣ доранд, ки ҳар ҷо ҳақ бошад, ҳатман таклиф ҳам хоҳад буд ва баръакс, ҳаққу таклиф аз ҳам ҷудо намешаванд. Вале ин ки дар тамоми мавридҳо вуҷуди ҳақ, ин қоидаро бипазирем, худ мубтанӣ бар ин аст, ки таклифҳои салбиро низ таклиф бидонем. Фақеҳон ва ҳуқуқдонон аз ҳақ таклифҳои мухталифие ироа додаанд. Дар фиқҳи аҳли суннат, аз ҳақ таъриф нашудааст. Фуқаҳои шиа таърифҳои гуногуне аз он баён доштаанд.

Мирзои Ноинӣ дар таърифи он мегӯяд: «Ҳақ иборат аст аз султаи заиф бар мол ё манфиат» [7]. Абдулмунаҷим Фараҷ ал-Садеҳ дар таърифи ҳақ мегӯяд: «**Ҳаққу қудрат ё султаи иродӣ,** ки қонун дар ихтиёри шахс қарор медиҳад [8]. Ҳақ иборат аст аз: султа, тавоноӣ ва имтиёзе, ки ба унвони қонун ё қоидаҳои ҳуқуқӣ, ба ашхос нисбат ба мутааллиқ ҳақ дода мешавад, ки ба муҷиби он метавонанд дар робитаҳои иҷтимоии хеш, иродаи худро ба якдигар таҳвил кунанд ва ононро ба риоят ва эҳтироми он илзом намоянд [9].

Бар ин асос дар робитаҳои фардӣ ва ҷамъии ашхос аам аз ҳақиқӣ ва ҳуқуқӣ, ҳуқуқи мутааддид мушоҳида ва мутасаввир мегардад, ки иҷмолан иборатанд аз молию ғайримолӣ, айнию динӣ, тақаддум ва тааххур, маънавӣ, марбут ба шахсият, табиӣ, мутлаку нисбӣ, мунҷазу муаллақ, муваққату доим, ҳол ва муъҷал, собиту мутазалзил, сиёсӣ, умумию хусусӣ. Ин ҳуқуқ мавлуди машрӯ муборизоти озодихоҳоне аст, ки бо илҳом аз манобеи фиқҳӣ, усулӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ дар тазод бо истибдоди худкомагон аз пой нанишастанд.

**Шаҳр.** Аз дидгоҳи ҳуқуқӣ ва идорӣ, шаҳр маҳалле (макони) аст, бо ҳудуди қонунӣ, ки дар маҳдудаи ҷуғрофиёи мушаххас воқеъ шуда, аз назари бофти сохтмонӣ, иштиғол ва соири омилҳо дорои симое бо хусусиятҳои хоси худ аст. Ба тавре ки аксарияти сокинони доимии он дар машғулиятҳои касб, тиҷорат, санъат, хадамот ва фаъолиятҳои идорӣ иштиғол дошта, дар заминаи хадамоти шаҳрӣ аз худкифоии нисбӣ бархурдоранд. Шаҳр конуни мубодилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ,

фарҳангӣ ва сиёсии ҳавзаи нуфузи перомуни худ буда ва ҳадди ақал дорои даҳ ҳазор ҷамъият аст, ё макони таҷаммуи теъдоди зиёде аз мардум бо салиқаҳо, афкору рафтор ва ғайра мутафовит мебошад [10].

**Шаҳрванд**. Дар Руми қадим атбои кишвар ба ду даста тақсим мешуданд: шаҳрвандон, яъне румиёни аслӣ, ки аз ҳуқуқ ва мазоёи бештаре бархурдор буданд ва раият, яъне ақвом ва миллатҳои дигаре ки таҳти тасаллути ҳукумати румиён буданд. Дар Юнони қадим, афроди сокин дар Юнон ду сурат буданд. Шаҳрвандони дараҷаи як, ки сокинони аслии Юнон буданд ва дараҷаи ду, ки бардагон ва ғайриюнониҳо буданд. Шаҳрванд тарҷумаи форсии Citizen аст. Дар фарҳанги Муин ва Амид, ин истилоҳ таъриф нашудааст. Дар фарҳанги «Луғати Деҳхудо» шаҳрванд ин гуна таъриф шудааст: «аҳли як шаҳр ё як кишвар ва низ омада, ки «ванд» мавҷуд дар ин вожа дар гузашта низ буда ва дар воқеъ ин вожа «шаҳрбанд» будааст. Ба маънои кассе, ки ба шаҳре банд аст. Дар асари гузашти замон, ин банд табдил ба «ванд» шудааст».

Дар фарҳанги муосир гуфта шудааст, ки шаҳрванд касе аст, ки аҳли як шаҳр ё кишвар ба шумор меояд ва аз ҳуқуқи мутааллиқ ба он бархурдор мешавад. Дар яке аз фарҳангҳои улуми сиёсӣ, шаҳрванд чунин таъриф шудааст: «Касе, ки аз ҳуқуқи маданӣ ё имтиёзоти мундариҷ дар Қонуни асосии як кишвар бархурдор аст. Вожаи ситезен, ки решаи румӣ дорад, дар форсӣ ба шаҳрванд, табаӣ, ҳамшаҳрӣ, ҳамватан, шорманд, шаҳртош, ва инсони узви иҷтимоъ тарҷума шудааст. Дар забони франсавӣ калимаи шаҳрванд Citoyen аз шаҳр меояд ва Cite аз вожаи лотинии Civitas муштақ аст. Свитас дар забони лотинӣ тақрибан муодили калимаи (Polis) дар забони юнонӣ аст, ки ҳамон шаҳр аст, ки танҳо муҷтамае аз сокинин нест, балки воҳиди сиёсӣ ва мустақил ба шумор меояд. Шаҳрванд фақат ба сокини шаҳр гуфта намешавад. Дар Рум ҳамон отин, кулли сокинон, хислати шаҳрвандиро надоштанд. Он кас шаҳрванд ба шумор мерафт, ки шароити лозим барои мушорикат дар идораи умури умумии шаҳрро доро буд. Дар забони фаронсавӣ, ғолибан, шаҳрванд дар нуқтаи муқобили раият ба кор меравад. Батадриҷ, давлат – кишвар ҷойи давлат – шаҳрро гирифт ва мафҳуми шаҳрванд ба мафҳуми давлат – кишвар вобаста шуд [11].

**Таърифи шаҳрванд.** Дар таърифи шаҳрванд метавон гуфт, ки шаҳрванд касе аст, ки ҳуқуқи фардӣ ва ҷамъии худро мешиносад ва аз онҳо дифоъ мекунад, қонунро мешиносад ва ба он амал мекунад ва аз тариқи он мутолиба мекунад, аз ҳуқуқи муайяне бархурдор аст. Медонад, ки фарди дигаре ҳам вуҷуд дорад ва дифоъ аз ҳуқуқи ӯ, яъне дифоъ аз ҳуқуқи худаш ва фарде, ки дар умури шаҳр мушорикат дорад. Пас, шаҳрванд на танҳо маънои сукунат дар як шаҳр ба муддати мушаххас, ки ба маънои маҷмуае аз огоҳиҳои ҳуқуқӣ, фардӣ ва иҷтимоӣ аст[12].

**Ҳуқуқи шаҳрвандӣ.** Истилоҳи ҳуқуқи шаҳрвандӣ аввалин бор дар эъломияи ҳуқуқи башар ва шаҳрвандии Фаронса (1789) бар пояи доктринаи физиократӣ ва тарафдорони андешаи ҳукумати омилҳои табиӣ матраҳ шуд. Тибқи моддаи 4 эъломияи ҳуқуқ, фақат қонун метавонад ҳад ва ҳудуди озодиҳоро тасбит ва мушаххас кунад ва ин марзҳо дар иҷрои ҳуқуқи табиии ҳар инсон фақат тавассути қонун метавонанд таъриф шаванд. Аз назари ин эъломия, озодӣ асл ва қоида аст ва маҳдудият бар он истисно аст. Тибқи моддаи 5-и ин эъломия «ҳар амре, ки тавассути қонун манъ нашудааст, наметавон аз анҷоми он пешгирӣ намуд ва наметавон касеро ба анҷоми он чи ки ҳукм нашуда, маҷбур сохт».

Тибқи моводи 12 ва 16-и эъломияи ёдшуда низ, замонати иҷрои риоят ва эҳтиром ба шаҳрвандӣ тавассути қудрати умумӣ матраҳ ва таъкид шудааст ки, агар замонати иҷрои ҳуқуқ таъмин нашуда бошад, ҳеҷ асаре аз қонуни асосӣ нахоҳад буд. Тибқи моводи 7, 8 ва 9-и эъломияи мазкур, озодиҳои фардӣ, аз ҷумлаи мамнуияти боздоштҳои ғайриқонунӣ ё худсарона мавриди тасреҳ воқеъ шудааст. Ба муҷиби қонуни асосии соли 1791 Фаронса, бо ироаи таърифи аз мафҳуми шаҳрванд ва ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳатто ҳаққи ирсоли шикоят алайҳи мақомот ва ҳаққи шикояти фардиро низ дар сурати аз байн рафтани ҳуқуқи ҳимоятшуда онҳо ба афрод эъто намудааст. Эъломияи ҳуқуқи башар ва шаҳрвандии Фаронса (1789) мабнои шаклгирии эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар аст, ки имрӯз муҳимтарин санади ҳуқуқи башар дар ҷаҳон талаққӣ мешавад.

**Манобеи ҳуқуқи шаҳрвандӣ.** Дар дунёи кунунӣ мавзӯъҳои ташкилдиҳандаи ҳуқуқи бунёдини шаҳрвандӣ иборатанд аз ҳаққи ҳаёт, ҳаққи озодӣ, ҳуқуқи мушорикати сиёсии баробар, ҳуқуқи бархурдорӣ аз ҳимояти қонунӣ, ҳуқуқи бархурдорӣ аз хадамоти бунёдини иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ. Тамоми инҳо, агарчи ҳадди ақал аст, вале андешамандони мухталифи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ муътақиданд, ки давлатҳо метавонанд бо таъмини озодии баён ва андеша, демократия ва рифоҳи иҷтимоӣ, ҳуқуқи башарро дар саросари ҷаҳон ба як заминаи муносиб ва қобили қабул бирасонанд. Ин ҳуқуқи андешамандонро дар давраи мухталифи таърихӣ баён дошт, то муқаррароти мудавван танзим доранд. Ин ҳуқуқ дар муқаррарот дар матнҳои сиёсӣ, мазҳабии куҳани ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла осори динии мазҳабҳои мухталиф ва қонунҳо эъломияи ҷаҳонии Куруши Кабир, эъломияҳои мутааддиди истиқлоли кишварҳо ва қонунҳои одӣ ва асосии онҳо ба дунболи мавҷи азими озодихоҳии мардумӣ ба суратҳои гуногун инъикос ёфтааст. Ҳамчунин муқаррарот ва мусаввaботи маҷмуаҳои байналмилалӣ ба монанди Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи урфӣ ва мавзӯъҳои мусаллами ҳуқуқи байналмилалии умумӣ, усули куллии илми ҳуқуқ, тасмимот ва равияҳои маҷмааҳои қонунии ҳуқуқи башарӣ, тасмимот ва равияҳои қазоии

маҳкамаҳои байналмилалӣ ва девонҳои хоси тазоӣ, омӯзаҳои донишмандони илми ҳуқуқ, аз манобеи муҳимми ҳуқуқи мазкур ба шумор меравад.

**Масодиқи ҳуқуқи шаҳрвандӣ.** Муҳимтарин ҳуқуқи шаҳрвандӣ аз бӯъди ҳуқуқи дохилӣ нозир ба шахсияти фардии шаҳрвандон ва робитаи мутақобили онон бо ҳамдигар ва ҳокимиятро метавон ин гуна баён кард: озодиҳои фардӣ монанди озодии рафтор, озодии фикру баён, озодии ҳаққи рай ва озодии интихоби шуғл.

Дар заминаи таҳаввулоти сиёсӣ - иҷтимоӣ ҳуқуқ ва имтиёзоти шаҳрвандон аз муаллифаҳои зиндагии башарӣ такомул ёфтааст. Дар низомҳои куҳани ҳуқуқӣ ва сиёсӣ омӯзаҳои маҳдуде аз ҳуқуқ ва имтиёзоти башарӣ дида мешавад. Аммо бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ин омӯзаҳои маҳдуд ба дунболи такомул ва булуғи ҷомеаи башарӣ дучори таҳаввул ва дигаргунӣ шудааст. Ба таври куллӣ, мафҳумҳои ҳақ, шаҳр ва ҳуқуқи шаҳрвандӣ аз мафҳумҳои ҷадид дар адабиёти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ аст. Таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии ҷомеаҳои башарӣ, бахусус дар Мағрибзамин ва таҳаввули низомҳои сиёсии худкома ба ҳукуматҳои машрута ва қонунӣ, тадвини қонунҳои асосӣ ва қарор гирифтани ҳуқуқ ва имтиёзоти шаҳрвандон дар қонунҳои асосии кишварҳо сароғози таҳаввули нав дар зарурати пойдории ҳукуматҳо ба риояти ҳуқуқи шаҳрвандон ва атбо дар ҷомеаҳои башарӣ маҳсуб мешавад.

### АДАБИЁТ


1. Алиакбари Деххудо. Луғатномаи Деххудо. / Алиакбари Деххудо. -Ҷ.6. -9142 с. Вожаи «ҳақ».
2. Муъҷами фуруғ-ал-луғавия. –Кум: Муассисаи ал-Нашр-ал-исломия. 1412 қ. с.193.
3. Саидмуҳаммад Биҳиштӣ. Ҳаҡу ботил дар Қуръон. / Саидмуҳаммад Биҳиштӣ. -Теҳрон: Интишороти буқъа, 1378. –С.21.
4. Тавассулӣ Ҳусейн Р.К. Дар бораи маъноҳои мухталифи истилоҳии ҳақ. Р.К. Тавассулӣ Ҳусейн. Мақолаи таҳлили ҳақ. //Маҷаллаи ҳукумати исломӣ. -1377. -№7.
5. Ҳамон ҷо. –С.73.
6. Биҳиштӣ Аҳмад Р.К. Мақолаи ҳақ ва таклиф. / Биҳиштӣ Аҳмад Р.К. //Китоби накд. Чопи 1. -№1. –С.36-37.
7. Ҷаъфарӣ Муҳаммадтақӣ. Паёми хирад. / Ҷаъфарӣ Муҳаммадтақӣ. Нашри каромат. –С.143.
8. Мирзо Муҳаммадҳусайни Ноинӣ. Мания-ал-толиб. / Мирзо Муҳаммадҳусайни Ноинӣ. Нигориши Мусо Наҷафии Хонсорӣ. –Кум: Муассисаи ал-нашр-исломӣ, 1418. –с.106.
9. Абдуллоҳ Мунаҷам Фараҷ ал-Садеҳ. Усули ал-Қонун. / Абдуллоҳ Мунаҷам Фараҷ ал-Садеҳ. –Бейрут: Дор-ал-наҳзат. –с.312 / 312/ ҳамон / с.313-314.
10. Муҳаммадмаҳдии Кариминиё. Ҳуқуқ, ҳақ ва ақсоми ҳақ. / Муҳаммадмаҳдии Кариминиё. //Фаслномаи маърифат. -№70. –с.2-3.
11. Исмоили Шиъа. Китоби муқаддаме бар мабонии барномарезии шаҳрӣ./ Исмоили Шиъа. [Захираи электронӣ] http://palapalhome.co geo-y86.blogfa.com –с.2-4.
12. Ба нақл аз мақола. Чи касе шаҳрванд аст? Гурӯҳи ҷомеа. Сайти тибиён. –Занҷон. [Захираи электронӣ] http://www.teyan-zn.ir/society.htm -See more at: [Захираи электронӣ] http://www.tebyan-zn.ir/News-Article/society/CitizenshipRights/2012/4/22/59613.html#sthash.r3AqOZWX.dpuf
13. Ваҳиди Ризоӣ. Ҳуқуқ ва рафтори шаҳрвандӣ. / Ваҳиди Ризоӣ, Насрини Зарафшон. //Муовинати фарҳангӣ ва иҷтимоии шаҳрдории калони шаҳри Табрез. –с.2-4.


### ВЗГЛЯД НА ЭВОЛЮЦИЮ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА


В данной статье автором рассматривается эволюция гражданского права. Гражданское право –это отрасль права, которая объединяет правовые ресурсы, регулирующие имущественные, а также связанные и несвязанные с ними личные неимущественные отношения, которые основаны на независимости оценки, имущественной самостоятельности и юридическом равенстве сторон, в целях создания наиболее благоприятных условий для удовлетворения частных потребностей, а также нормального развития экономических отношений.



**Ключевые слова:** права человека, гражданское право, эволюция гражданского права, развитие общества, социализация человека, правовые ресурсы.


### LOOK AT THE EVOLUTION OF CIVIL LAW


In this article the author examines evolution of civil rights. Civil law is the branch of law which unites legal resources, regulating property, as well as associated and unassociated with them personal non-property relations based on independence of the evaluation, property independence and legal equality of the parties, in order to create more favorable conditions for meeting private needs, and also the normal development of economic relations.



**Key words:** human rights, civil rights, the evolution of civil rights, community development, socialization, legal resources.



**Сведения об авторе:** ***Абулкосим Косимпур***- соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


## ШЕВАИ ДОДРАСИИ КАЙФАРӢ ДАР ЭРОНИ БОСТОН ТО ДАВРАИ ИСЛОМ


***Акбари Раҷабӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Адолат аз зеботарин вожаҳои фарҳанги башарӣ аст, ки фитрати худогунаи инсон дар тӯли таърих ҷӯёи он будааст ва дар ин роҳи ноҳамвор сахтиҳои зиёде ба ҷон харидааст. Дар таърихи Эронзамин устураҳои эронӣ саршор аз саҳнаҳои адолатварзӣ ва додгустарӣ дар миёни эрониён аст[1]. Аввалин санги бинои шахсияти ҳар миллат аз завоёи таърихии он истихроҷ мегардад. Дар миёни риштаҳои мухталифи таърих, таърихи ҳуқуқи як миллат болотарин мақомро доро аст. Зеро қисмати бузурги зарунатҳои зиндагии иҷтимоӣ дар фаслҳои қонунӣ ҷойгоҳи азимеро ба худ ихтисос додаст [2].

Дар ин мақола нигоранда дар садади баррасии сайри таҳаввули таърихии додрасии кайфарӣ аз давраи Эрони бостон, то давраи Ислом дар Эрон мебошад. Дар тамоми давраҳои таърихи Эрон ташкилоти қазоии мухталифе барои иҷрои адолат ба

вуҷуд омадаанд. Лизо, дар ростои иҷрои адолат аз назари таърихӣ марзи миёни таваҳҳуш ва тамаддун созмон ёфтани низоми ҳуқуқӣ ва эҷоди қоидаҳое ба унвони қонун дар миёни мардум аст. Бинобар ин, ин суол матраҳ мешавад, ки дар ин давра низоми додрасӣ ба чӣ сурате будааст? Ва ё ин ки дар ин давра низоми додрасӣ мудаван будааст ё хайр? Оё марҷаҳои хосе низоми додрасиро мавриди ҳимояти худ қарор медода, ё хайр?

Бинобар ин, шаклгирии низоми ҳуқуқӣ ба таври ом ва тадвини қонун ба таври хос яке аз дурахшонтарин марҳилаҳои тавсеа ва такомули ҷомеаҳои башарӣ маҳсуб мегардад. Пас дар ҳар низоми ҳуқуқӣ вуҷуди марҷаҳои додрасӣ ва ҳалли ихтилофи низоми ҳуқуқии он ҷомеаро тазмин мекунад. Лизо, метавон гуфт, ҳуқуқи додрасӣ ва қоидаҳои шаклӣ зомини иҷрои қонунҳои таъйинкунанда мебошад. Аз он ҷое, ки низоми қазоии ҳар кишвар бахши азиме аз матолиби оини додрасиро ба худ ихтисос медиҳанд, таърихчаи он метавонад моро ба фаҳм ва тасмимгириҳои беҳтар дар оянда кӯмак намояд.

Нигаҳдории ҷомеа фақат бо вазъи муҷозот барои аъмоле, ки ҷурм маҳсуб мешавад тазмин намегардад. Илова бар он, қонунгузор бояд дар садади вазъи муқаррароте бარояд, ки имкони кашфи ҷурм ва таъқиби муттаҳам ва тасреъ дар иҷрои кайфарро дар мавриди муҷрим фароҳам созад. Бинобар назари муваррихон бештари аснод ва мадорик марбут ба оини додрасии кайфарии Эрон пеш аз Ислом аз байн рафтааст[3]. Дар натиҷа, аз кайфияти додрасии он иттилоъи дақиқе дар даст нест, аммо аз осори боқимонда ва сангнавиштаҳои бадастомада чунин бар меояд, ки муҳимтарин ташаккулҳои иҷтимоӣ ва мунсаҷимтарин низоми ҳуқуқӣ дар миёни бумиёни пеш Ориёии сокини Фалот, Эрон аз они қавмҳои Иломӣ буд, ки дар минтақаҳои Хуҷистон, Форс, соҳилҳои халиҷу Форс, Луристон ва Иломи имрӯза сукунат доштаанд[4].

Низоми ҳуқуқии пеш Ориёӣ мутакӣ бар мабонии фавқи башарӣ ё «ҳуқуқи фитрӣ» буда, ки бартар аз иродаи фардӣ ё ҷамъии башар шуморида мешудааст. Ба ибораи дигар, эътиқод ба қонуни табиат ва оини дерини сипеҳр, ё тақдири илоҳӣ ва мукофоти худоӣ бахше аз фарҳанги кӯҳани пеш Ориёӣ аст. Иломиҳо нахустин қавме буданд, ки дар хоки Эрони имрӯза қариби чаҳор ҳазор сол пеш аз мелод бо таъсиси як низоми ҳуқуқии тамомаёр даст заданд. Низоми ҳуқуқии онҳо дар оғоз шифоҳӣ ва номудаван будааст. Аммо пас аз ихтирои хат дар ҳудуди 3200 сол пеш аз мелод қонунҳои Иломиҳо ба китобат даромада, ки дар ин давра ҳукмҳо ва қоидаҳои ҳуқуқӣ бо усул ва ақидаҳо ва боварҳои динӣ пайванди наздике доштааст. Аммо оқибат подшоҳи бузурги Бобул Ҳамуробӣ подшоҳи Иломро шикаст дод ва қонунҳои маъруфи вай таҳти унвони қонуни Ҳамуробӣ, ки шомили 282 модда, ки бо ҳарфҳои мехӣ бар санги сиёҳе нақш баста шударо бар робитаҳои онҳо ҳоким гардонд.[5]

Маҷмӯаи қонунҳои Ҳамуробӣ мубтанӣ бар қонунҳои ҳафтгонаи Сумариён будааст. Дар давари Ориёиён додрасӣ ва доварӣ ниҳодина набуд ва дар сатҳи боварҳои муштараки динӣ будааст [6].

Яъне эътиқод ба вуҷуди қонуни эзидӣ, ки Урдибиҳишт «дуввумин Амшоспанд» намоди он мебошад, кайфар ёфтани паймоншиканон ва хатокоронро бар ин асос қарор медодааст ва дар оини Меҳр «Метроисм» ҳамеша чеҳраи қазоӣ доштааст. Лизо, дар назди Ориёиёни нахустин ба ҷузъ савганд ба Меҳр ва Митро ва дигар эзадон огоҳиҳои судманди дигаре дар даст нест.

Қавми Мод мардуми ориёинажод буданд, ки дар Эрони Бохтарӣ дар ҳудуди 9 қарн пеш аз мелод дар минтақаҳои Озарбойҷон, Курдистон сукунат доштаанд. Ин қавм дар ибтидо фоқиди низоми ҳуқуқии мудаван будаанд, то ин ки марди бузург ва боҳуше ба номи Доёку ба густариши адл ва дод пардохт. Онҳо ба иҷрои қонунҳои худ пойбанд буданд ва эътиқод доштанд, ки иҷрои қонун ғайри қобили тағйир ва инъитофнопазир аст. Додрасӣ дар парвандаи ҷазоӣ ҳузурӣ буда ва кайфари базеҳкорон ба таносуби гуноҳ филмаҷлис баён иблоқ ва сареъ иҷро мешудааст. Дар давраи Порсиён, ки гурӯҳе аз қавмҳои Ориёӣ буданд, дар ҷануби ғарбии шаҳри Урумия зиндагӣ мекарданд, ки аз ҳамон ибтидо дорои як низоми ибтидоии ҳуқуқӣ будаанд, ки дар ҳудуди 675 сол қабл аз мелод яке аз сарони худро ба номи Ҳахоманишро ба подшоҳӣ интихоб намуданд [7].

Дар ин давра тамоми қудратҳо ва ихтиёрот, аз ҷумла қувваи қазоия зери назари шахсии шоҳ буд. Бо ин ҳол, шоҳ интихоби қозиётро ба яке аз донишмандони солхӯрда вогузор мекард ва пас аз он маҳкамаи олӣ буд, ки аз 7 қозӣ ташкил мешуд ва дар поинтар маҳкамаҳои маҳаллӣ қарор дошт, ки дар сар то сари кишвар ташкил мешуд. Қонунҳоро коҳинон вазъ мекарданд ва ҳатто то муддати зиёде кори расидагӣ ба даъвоҳоро дар ихтиёри онҳо буд, вале баъдан ба ҷуз коҳинон мардон ва занони дигар низ ба ин гуна корҳо расидагӣ мекарданд. Дар ин давра афроде таҳти унвони сухангӯёни қонун вуҷуд доштанд, ки нақши вакилони имрӯзаро ифо мекарданд [8].

Лизо, замони Куруши Кабир азимати маънавӣ асоси ҳукумат буд [9] ва дар замони Дорюш қонунҳои мутааддиде навишта шуд [10].

Пас аз ҳамлаи Искандар ва ғалаба бар сипоҳи Эрон дар соли 331 қабл аз мелод ва бо марги Дорюши III соли 330 қабл аз мелод ноҳияҳои мухталифи Эрон, аз ҷумла шаҳри Шуш ва Персполис саҳнаи тохтутози Искандар қарор гирифт[11]. Искандар дар Эрон ба масобеҳи вориси шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ расму одоби Хусравонӣ Аҷамро маъмул ва иҷро мекард.

Қавми Порт, ки Ашкониён аз миёни он бархостанд ҳукумати Эронро ба чанг оварданд. Бинобар ин, онҳо шохае аз қавми Ориёӣ буданд, ки дар шимоли шарқии Эрон сукунат доштанд ва ҳукумати худро аз соли 250 қабл аз мелод оғоз намуданд.

Дар давари Ашкониён ба далели заъфи манобеъ иттилооти зиёде аз лиҳози додрасӣ ва қонунҳои ҳуқуқӣ дар даст нест, аммо шоҳ ба унвони болотарин марҷаи қазоӣ ба шумор мерафтааст ва тафсири қонунҳо ба уҳдаи қозиёни шоҳӣ будааст[12].

Ақалияти мазҳабӣ, бавижа Яҳудиён аз як системаи қазоии махсус баҳра мебурдаанд, ки бар асоси он насб ва азли қозиёти ин ақалият ба уҳдаи раиси Яҳуд будааст[13].

Давраи Сосонӣ авҷи шукуфоии додгустарӣ дар Эрони бостон ба шумор меояд. Дар давраи Сосонӣ қудрати қазоӣ дар дасти мӯбадони Зардуштӣ буд ва ба номи қонунномаи Модиёни ҳазордастон дар саросари кишвар додгоҳҳои мутааддиде зери назари як мӯъбад тахти унвони мӯъбади мӯъбадон ба шикоятҳо расидагӣ мекарданд. Бо ин ҳол, Сосониён худ дорои маҳкамаҳои мухталифе будаанд, ки қозиёти мухталиф-ул-дараҷа дар онҳо фаъолият мекарданд [14].

Монанди мавридҳои изтирорӣ, ки навъи муҳокимаи низомӣ дар асри Сосонӣ вуҷуд доштааст ва илова бар он додгоҳи шаҳр ва додгоҳи Урф низ фаъолият мекарданд, ки дар додгоҳи Урф афроди ғайрирӯҳонӣ, ки саводи қазоӣ надоштанд, расидагиро анҷом медоданд. Зимни он ки мабнои додрасӣ дар аҳди Сосонӣ худи китоби Авесто будааст ва дар ин давра кашфи ҷурм ва дастгирии муҷрим бар уҳдаи масъули шахр будааст[15].

**Натиҷагирӣ**. Подшоҳони Эрони бостон барои додгустарӣ аҳамияти хосе қоил буданд ва ба истиқрор ва иҷрои адолат ҳимат мегумоштанд. Зеро ба хубӣ медонистанд, ки таъмини адолати қазоӣ дар кишвар барои давом ва бақои ҳукумат зарурат дорад. Дар фарҳанги кӯҳани Эрон, яъне то пеш аз таъсиси давлатҳои Мод ва Порс мафҳуми ҳуқуқӣ ва оинҳои қазоӣ бо боварҳои динӣ ва эътиқод ба интиқоми илоҳӣ пайванд доштааст, ки шоҳиди ин иртибот пеш аз таъсиси давлатҳои нерӯманди Эрон дар омӯзаҳо ва боварҳои Иломӣ аз як сӯ ва оини Меҳр аз сӯи дигар намоён буд. Вале андак андак низоми қазоӣ бо пуштибонии ҳукуматҳои мутамаркиз ба сурати амри урфӣ пазируфта шуд.

Дар давари Сосониён низоми ҳуқуқӣ комилан ранги мазҳабӣ ва шаръӣ пайдо мекунад. Нахустин қавмҳои подшоҳии Эронро аз ин ҷиҳат Пешдодиён номидаанд, ки дар вазъи қонун ва густариши адлу дод пешқадам будаанд ва шахси шоҳ мазҳари адл ва марҷаи тазалумоти умумӣ ба шумор меомад ва иродаи подшоҳ ба танҳоӣ барои судури аҳком аам аз бароат ё маҳкумият кофӣ буд ва аҳаде ҳаққи эътироз надошт. Дар таъйини мизони муҷозот ва навъ ва наҳваи иҷрои он подшоҳ аз ихтиёри комил баҳраманд буд.


## АДАДБИЁТ

1. Ҳусайни Зарринӣ ва Ҳусайни Ҳуҷабриён. Таърихи муосири дастгоҳи қазоии Эрон ва таҳаввулоти он. Ҷ.1. Нашри муовинати ҳуқуқии қувваи қазоия. –Эрон. 1388, -С.1.
2. Ҷаъфарии Лангарудӣ Муҳаммадҷаъфар. Таърихи ҳуқуқи Эрон. Нашри конуни маърифат. -С.3.
3. Охундӣ Маҳмуд. Оини додрасии кайфарӣ. Ҷ.1, Нашри вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. 1368. -С.10.
4. Амин Саидҳасан. Таърихи ҳуқуқи Эрон. Интишороти Доиратулмаорифи эроншиносӣ. –Теҳрон, 1386. -С.31.
5. Ҷаъфарии Лангарудӣ Муҳаммадҷаъфар. Таърихи ҳуқуқи Эрон. Нашри конуни маърифат. -С.100.
6. Солеҳ Алипошоҳ. Саргузашти қонун. –Теҳрон, 1348. -С.93.
7. Ровандӣ Муртазо. Сайри қонун ва додгустарӣ дар Эрон. Нашри чашма. Бобул, 1368, -С.10.
8. Гударзии Буруҷердӣ Муҳаммадризо. Таърихи ҳуқуқи кайфарӣ дар Аврупо. Интишороти маҷд. 1382. -С.15.
9. Маданӣ Саидҷаллолудин. Оини додрасии кайфарӣ. Интишороти пойдор. 1380, -С.1.
10. Боқирӣ Алиризо. Оини додрасии кайфарии се устод. Интишороти навои дониш. 1384, -С.1.
11. Амин Саидҳасан. Таърихи ҳуқуқи Эрон. Интишороти Доиратулмаорифи эроншиносӣ. –Теҳрон, 1386, -С.99.
12. Артур Кристиан Сен. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашиди Ёсамиъ. Нашри садои муосир. Ҷ.2. -Теҳрон, 1380, -С.216.
13. Аҳмади Ашраф. Қонун ва додгустарӣ дар шоҳаншоҳии Эрони бостон. Вазорати фарҳанг ва ҳунар. -Теҳрон, -С.68.
14. Ҳуҷҷатии Кирмонӣ Алӣ. Сайри қазоват дар давраҳои мухталифи таърихи Эрон. Нашри ованд дониш. 1369, -С.76-79.
15. Тавоно Алӣ. Маҷмӯаи комили оини додрасии кайфарӣ. Интишороти Хайём. 1377, -С.12.


## КАНОНЫ УГОЛОВНОГО ПРАВА В ДРЕВНЕМ ИРАНЕ


В данной статье автором на основе изучения исторических источников подвергнуты рассмотрению и изучению каноны Уголовного права в древнем Иране. Иран является страной древней и высокоразвитой цивилизации. Его обитатели одними из первых вступили на путь исторического прогресса. Народ Ирана в течение многих тысячелетий сохранял и непрерывно развивал свою культуру и оказывал благотворное влияние на другие страны заимствуя их достижения.



**Ключевые слова:** исламское возрождение, взаимовлияние культур и цивилизаций, конституционное развитие, справедливость, торжество справедливости.


## THE CANONS OF THE CRIMINAL LAW IN ANCIENT IRAN


In this article the author on the basis of studying of historical sources subjected to review and study of the canons of the Criminal law in ancient Iran. Iran is a country of ancient and highly developed civilization. Its inhabitants are among the first to take the path of historical progress. The people of Iran for many millennia maintained and continuously developed its culture, and has had a beneficial effect on other countries to borrow their achievements.



**Key words:** Islamic revival, mutual influence of cultures and civilizations, constitutional development, justice, and the triumph of justice.



**Сведения об авторе:** ***Акбари Раджаби*** – соискатель Таджикского национального университета

# НАФАҚАИ ФАРЗАНДОН ДАР ҲУҚУҚИ ЭРОН

*Сируси Тоҳирхонӣ*
**Донишгоҳи давлатии шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбоҷон**

Дар китоби нуҳӯми қонуни мадании Эрон бо унвони хонавода оиди зарурати таъмини нафақа ба хонавода дарҷ гаштааст. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки ҳадаф аз он кӯмаки аъзои хонавода дар таъмини маоши ҳамдигар мебошад. Дар ҳуқуқи мадании Эрон нафақа ба ду табақаи афрод мавриди баҳс қарор гирифтааст, табақаи аввал- нафақаи ҳамсар ва фарзандон, табақаи дуюм- нафақаи хешовандон, ки аз натиҷаи издивоҷ ба вуҷуд омадааст. Тибқи моддаи 1106 дар ақди никоҳи доимӣ, нафақаи зани доимӣ дар зимаи шавҳар мебошад. Дар моддаи 1196 қайд шудааст, ки дар равобити байни хешовандон, фақат хешованди насабӣ маҷбур ба нафақаи якдигар мебошанд. Нафақаи зан дорои аҳком ва қонуни хос аст. Тавре, ки равобити молиявии зану шавҳар танҳо дар асоси дастгирӣ устувор нест, балки ба сурати яктарафа, шавҳар вазифадор аст, ки нафақаи ҳамсари худро диҳад. Агар шавҳар аз додани нафақа ба зани доимиаш саркашӣ кунад, зан дар ин маврид метавонад мутобиқи моддаи 1111-и қонуни кишвар муроҷиат карда ва ҳаққи хешро талаб бикунад. Агар таъмини нафақа аз тарафи шавҳар бо ҳар баҳона мумкин набошад, зан мутобиқи моддаи 1129-и қонун ҳуқуқ дорад ба додгоҳ муроҷиат намуда, талоқашро талаб кунад. Дар ин маврид қозӣ фаҳмад, ки шавҳар ба зан нафақа намедиҳад, мардро маҷбур месозад, ҳамсарашро талоқ диҳад.

**Таърифи нафақа.** Нафақа дар луғат ба маънии хариди хӯрокворӣ, маош, харҷӣ, хазина… омадааст (4) аммо маънии илмии нафақа иборат аз он аст, ки «ҳар чизе, ки барои гузаронидани зиндагӣ лозим аст».

Дар моддаи 1107 қонуни Эрон дар робита ба нафақаи зан қайд гаштааст, ки нафақа яъне ҳамаи ниёзҳои маъмулӣ ва муносиб ба шароити зан ба мисли манзил, либос, ғизо, ашёи хона ва сарфи дорую дармон дар вақти бемории зан мебошад.

Мутобиқи моддаи 1204-и қонуни маданӣ оид ба нафақаи хешовандон нишон додаст, ки нафақаи онҳо аз зайл иборат аст: Хона, либос, ғизо ва ашёи манзил, ки ба таваҷҷуҳ ба вазъияти нафақадиҳанда ва нафақагиранда таъин мегардад (9-727).

Дар замони ҳозира хело мушкил аст, ки ҳамаи ашёҳои манзил ва ниёзҳои хонаводаро зикр кард, чунки бо пешрафти илму техника, зиндагӣ ҳам пешрафт мекунад ва он вақт талаботи навин ба барқ, газ, телефон, кондитсионер… ба оилаҳо заруранд, аммо қаблан онҳо зарурат надоштанд. Аз нуқтаи назари қонуни Эрон андозаи нафақаи оила мувофиқи талаботи замон мебошад.

Дар китобҳои динӣ асли нафақа фарз ва воҷиб дониста шудааст; аммо андозаи он нишон дода нашудааст ва таъини андозаи нафақа ба зиммаи қозии олии диншинос гузошта шудааст (3-573).

**Таърифи хешовандӣ.** Дар моддаи 1031-и қонуни мадании Эрон хешовандӣ аз ду қисм иборат аст: 1)хешовандии насабӣ, ки дар натиҷаи хун, яъне таваллуди яке аз дигаре, ва ё ду нафар аз як нафар ба вуҷуд меояд.

Дар ин ҷо намуди хешовандӣ мавриди баҳс қарор дорад.

2) хешовандии сабабӣ, ки дар натиҷаи издивоҷи байни зану мард ва бо хешовандони дигар ба вуҷуд меояд.

Дар ин намуди пайванд, мавзӯи нафақа ва пардохти он ба хешовандон баҳси мақолаи мо шомил нест, чунки дар моддаи 1196 қонуни мадании Эрон гуфта шудааст: Оиди додани нафақа ба хешовандон бояд байни онҳо робитаи насабӣ (хунӣ) вуҷуд дошта бошанд.

Ин робитаи насабӣ худ ба ду қисмати авлод ва падару модар, аҷдод тақсим мешаванд. Нафақаи фарзандон ба зимаи падар гузошта шудааст. Дар бораи нафақаи хешовандон маълум, ки маъмулан ҳар шахс нафақаи худро таъмин мекунад. Аммо гоҳе ҳадаф ин аст, ки аъзои хонавода, хешовандон сурати ниёз ба харҷӣ доранд ва уҳдадоранд ба ҳам нафақа диҳанд. Яъне шахси сарватманд бояд нафақаи хешованди камбизоаташро бипардозад.

Ин шароит боис мегардад, ки падару модар ва фарзандон дар ҳадди тавоноӣ ниёзҳои молиявии якдигаро таъмин кунанд то ин, ки хешовандони камбизоат барои кӯмакгирӣ муҳтоҷи шахсони бегона нашаванд.

Хубии дигари ин кор дар он аст, ки обурӯи хешованди камбизоат дар байни ҷомеа, поймол ва паст намегардад. Зеро кӯмаки хешованди сарватманд ба хешованди ниёзманд, дар ҳамаи ҷомеаҳо якамрӣ, ақлонӣ, ахлоқӣ, динӣ ва комилан пазируфташуда ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки дар ин кӯмакрасонӣ хешованди насабӣ дар мақоми аввал меистад. Дар қонун омадааст, ки ин кӯмакрасонӣ то муҳлати ниёзмандии онҳо расонда мешавад (вақте, ки соҳиби касбу кор гарданд, ин кӯмак аз байн меравад).

Дар фиқҳи имомия (шиъа) навишта шудааст, ки инфоқ (нафақа) ба падару модар ва фарзандон додани нафақа фарзу воҷиб аст. Аммо нафақа ба хешовандон ба мисли бародарон, хоҳарҳо, амак, амма, тағои хола ва авлоди онҳо мустаҳаб аст. Ин назари фиқҳ дар моддаи 1396 ҳуқуқи мадании Эрон дар як намуд омадааст (11-123).

**Нафақаи фарзандон.** Дар моддаи 1199 қонуни мадании Эрон омадааст, ки нафақаи фарзандон ба зиммаи падар аст, пас аз вафоти ӯ ё нотавониаш нафақа ба уҳдаи аҷдоди падарии кӯдак гузошта мешавад.

Дар вақти набудан ва нотавонии аҷдоди падарӣ нафақаи фарзандон ба зиммаи модар мебошад.

Дар ин моддаи қонун чанд мафҳуми муҳим мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад:

1. Дар вақти додани нафақа инро бояд зикр кард, ки фарзандон чӣ писару чӣ духтар баъди сабти издивоҷи қонунии падару модар ба вуҷуд омадаанд, барои гирифтани нафақа ҳуқуқ доранд.
2. Дар асл нафақа ба зиммаи падар аст, агар вай қобилияти супоридан, ё умуман дар қайди ҳаёт набошад, дар ин вақт ин уҳдадориҳоро бояд аҷдоди падарӣ: бобо, ё падарбузург иҷро намояд.
3. Агар фарзанд ғайриқонунӣ (бе никоҳ) ба дунё ояд, қонун вазифадор нест, ки ба ӯ нафақа диҳад. Яъне кӯдак аз ҳамаи имтиёзҳо маҳрум мешавад.
4. Дар сурати набудани падар ё аҷдоди падарӣ ва надоштани сарват, пардохти нафақа ба уҳдаи модар гузошта мешавад (1-241)

Оиди таъмини нафақаи фарзандон аз тарафи падар дар ҷойгоҳи аввал меистад. Бояд онро зикр кард, ки падар дар нафақа супоридан ба фарзандонаш масъулияти аввалиндараҷаро ба уҳда дорад. Агар падар ба ҳар далеле, ки қонун қабул кунад ӯ натавонад, нафақа диҳад, он вақт аз рӯи қонун ин вазифаро ба уҳдаи модар мегузоранд.

Дар мавридҳое, ки падар бемор, бекор ё натавон бошад, қонун нафақасупориро аз ӯ бекор карда ба уҳдаи аҷдоди падарии кӯдакон месупорад. Агар онҳо ҳам ин вазифаи ба уҳдаашон гузоштаро бо сабаби фақиру натавониашон иҷро карда натавонанд, дар ин вақт ин вазифаро қонун ба зиммаи модар ё аҷдоди модарӣ мегузорад (12-741).

**<u>Мизон ва андозаи нафақа.</u>** Дар моддаи 1204 қонуни маданӣ омадааст, ки «нафақаи ақориб (хешовандон) иборат аст аз манзил, либос, ғизо ва анҷомҳои хона ба миқдори таъмини ниёзҳо ва инчунин андозаи тавоноии нафақадиҳанда».

Чӣ тавре, ки маълум гашт, қонунгузор миқдори нафақаро амалан ва расман таъин накардааст (дар маҷмӯъ маблағгузорӣ нашудааст).

Оиди нафақадиҳӣ қонун ба ду чиз аҳамият додаст, аввал миқдори эҳтиёҷи нафақагиранда, дуюм миқдори тавоноии нафақасупоранда ба назар гирифта шуд. Дар ин маврид фарзандон метавонанд ба миқдори эҳтиёҷ ва ниёзи худ аз падар нафақа гиранд. Ва падар ҳам виҷдонан ба қадри тавоноии хеш вазифадор аст ба фарзандон ва ҳамсараш нафақа диҳад.

Нафақасупории падар дар ҳамаи замон як хел нест, агар вазъи маоши ӯ баланд гардад, маблағи нафақапардозӣ ҳам бештар мешавад.

Агар баръакс маош ва фоидааш паст шавад, маблағи нафақасупорӣ ҳам кам мегардад. Дар ин маврид оилаи вай набояд эътироз кунад.

Дар асл таъини андозаи нафақа кори бисёр сахт аст ва назари қозиёт ҳам оиди ин масъала фарқ мекунад.

Дар Эрони муосир таъини миқдори нафақа ба ду омил такя мекунад:

1. Ба шахсияти ахлоқии мард, рафтору виҷдон ва адолати ӯ вобаста аст. (10-349).
2. Шарномаи дутарафаи байни зану шавҳар ин амили муҳим аст, ки онҳо байни худ андозаи нафақаро муайян менамоянд.

Бархе аз ҳуқуқшиносони Эронӣ шартномаи байни зану шавҳаро қабул доранд ва омили асосии муҳим ҳисоб мекунанд. Ва пешниҳод намуданд, ки қозиёт дар вақти ҳукм баровардан бояд аз рӯи ин шартнома амал кунад.

Қисми дигари ҳуқуқшиносони эронӣ қайд мекунанд, ки таъини андозаи нафақа масъалаи муҳим аст, бояд шароит ва вазъи нафақасупоранда (мардро) ва нафақагиранда (зан)-ро дар назар дошт. (6-120).

**<u>Хусусияти нафақаи фарзандон.</u>** Вижагиҳои нафақаи фарзандон, ки падар бояд ба онҳо бидиҳад, чунин мебошад:

1. Нафақаи фарзандон аз рӯзи ба дунё омадан оғоз мегардад ва нафақаи зан пас аз бастани шартномаи издивоҷ шурӯъ мешавад.
2. Нафақаи хешовандон аз замони эҳтиёҷ ба ниёзи онҳо иҷро мегардад. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ниёзҳои қаблан доштаашонро (қарзи доштаашонро) ба назар намегиранд.
3. Бо мурури замон дигаргун ва беҳтар гаштани вазъи моддии хешовандон, нафақасупорӣ ба онҳо қатъ мегардад.

Дар қонуни Эрон гуфта шудааст, ки шахси нафақагиранда бояд камбизоат, нотавон, бе ҷойи кор бошад, ба ӯ метавон нафақа дод.

Ҳуқуқи маданиии Эрон қайд кардааст, ки нафақасупоранда касест, ки тавоноии маошро соҳиб аст. Дар натиҷаи нафақа супоридан зиндагиаш хароб нагардад, аз дигарон қарздор нашавад, ва вазъияти сахт ба сараш ба вуҷуд наояд, аз уҳдаи ин вазифа баромада тавонад. Ҳуқуқшиносони эронӣ бар он ақидаанд, ки фарзандон то замоне ниёзманданд, метавонанд аз падари худ нафақа гиранд.

Маълум аст, ки пас аз балоғатрасӣ ва ба кор таъмин шудани онҳо (соҳиби маош шудан) аз ин лаҳза пардохти нафақа аз тарафи падар қатъ карда мешавад. (12-131).

Пардохти нафақа дар қонуни Эрон ҳатмӣ аст. Дар мавриде, ки падар ба фарзандон ва ҳамсараш нафақа напардозад, онҳо метавонанд ба додгоҳ муроҷиат карда, ба нафъи худ ҳукм бигиранд (13-12).

Баъди ҳукми додгоҳ падар агар боз ҳам саркашӣ кунад, дар ин вақт додгоҳ мутобиқи қонун метавонад ӯро то шаш моҳ ҳабс кунад. (12-379).

Дар фиқҳи имомия (шиъа) яке аз бузургтарин гуноҳҳо ин насупоридани нафақа аз тарафи мард ба фарзандон ва ҳамсараш мебошад. Оиди вазифаҳои зан ҳам инро

қайд намуданд, ки вай уҳдадор аст ба шавҳар итоат намояд ва талаботҳои шаръии ӯро анҷом диҳад.


**АДАБИЁТ**

1. Эмоми Сайид Ҳасан. Ҳуқуқи мадании Эрон. Ҷ. 5. -Қум, 1997. -С.241
2. Ҳоирӣ, Сайдалӣ. Шарҳи қонуни мадании Эрон. Донишгоҳи Теҳрон, 1995. -С. 45.
3. Ҳумайнӣ Самуруҳулло. «Таҳрир-ал-васила». Ҷ. 3. –Қум, 1986.-С.573.
4. Деҳхудо Алиакбар Луғатнома. Фарҳангистон, 1976. -С.573.
5. Файзи Алиризо. Шаҳидди аввал, Ҷ. 2. Донишкадаи Теҳрон, 1984. -С. 44.
6. Қаҳрамонӣ Фаршед. Нафақаи ақориб дар ҳуқуқи Эрон. -Теҳрон, 1986. -С.120.
7. Камол Сайидмаҳдӣ. Маҷмӯаи қавонини ҳуқуқи Эрон. -Теҳрон, 1999. -С. 37.
8. Камол сайидмаҳдӣ Маҷмӯаи қавонини кайфари Эрон. -Теҳрон, 1990. -С.102.
9. Котузиён Носир. Қонуни маданӣ дар назми кунунӣ. Мизом, 1998. -С. 727.
10. Котизиён Носир. Ҳуқуқи маданӣ- хонавода. Ҷ.2. -Теҳрон, чопи 5-ум 1998. -С. 349.
11. Маки Шамсиддин Муҳаммадӣ. Аллум-атул-ал-димишқия. -Қум, 1996. -С.123.
12. Муҳаққиқи Ҳиллӣ. Шароел-ал-ислом-тарҷума». Ҷ.2. –Теҳрон, 1983. -С.741.
13. Мансури Ҷаҳонгир Маҷмӯи қавонини хонавода. -Теҳрон, Чопи 17, 2004. -С. 12.
14. Наҷафӣ Муҳаммад Ҳасан. Ҷавоҳир-ал-калом. Ҷ.13. –Теҳрон, 1984.- С.379.



**АЛИМЕНТЫ НА ДЕТЕЙ В ПРАВОВЫХ НОРМАХ ИРАНА**

Автор в своей статье предпринимает попытку освещать предоставление алиментов со стороны мужа своей супруге и детям. В том числе рассматривается предоставление алиментов своим родственникам.



**Ключевые слова:** законодательство Исламской Республики Иран, алименты, алиментные обязательства, правовые отношения,предоставление алиментов.



**SOCIAL SECURITY SERVICES CHILDREN LEGISLATION IN IRAN**

The researcher has been tried to represent a vital explanation for the inheritance legislation in Iran. Besides, in this article the social security services for women, children, direct and indirect relative by spouse have been narrated.



**Key words:** legislation of the Islamic Republic of Iran, child support, alimony obligations, the legal relations,the provision of alimony.



**Сведения об авторе:** ***Сирус Тохирхони*** – соискатель Государственного университета города Баку


## ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МЕРОСИ ЗАН АЗ НИГОҲИ ИСЛОМ ВА СОИРИ АДЁН


***Муҳаммади Муҳаммадӣ***

**Донишгоҳи Озоди Исломӣ, воҳиди Сорӣ, Эрон,**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Таърихи баҳс дар мавриди мероси зан тӯлонӣ аст. Муҳаққиқин ва мутахассисин, баҳсҳои фаровоне карда ва навиштаҳои зиёдеро дар ихтиёр гузоштанд. Дунёи қадим ё ба зан аслан мерос намедод ва ё агар медод, ба ӯ истиқлол ва шахсияти ҳуқуқӣ намедод. Дар баъзе аз қонунҳои қадими ҷаҳон, агар ба духтар мерос медоданд, ба фарзандони ӯ намедоданд. Бар хилофи писар, ки ҳам худаш метавонист мерос бибарад ва ҳам фарзандони ӯ метавонистанд ворисӣ моли падарбузург бишаванд. Дар баъзе аз қонунҳои дигари ҷаҳон, ки ба зан монанди мард мерос медоданд, на ба сурати ҳиссаи қатъӣ, балки ба ин сурат, ки ба мӯваррис ҳақ медоданд, ки дар бораи духтари худ низ агар бихоҳад васият кунад. Аммо дини мубини Ислом тамоми ҷонибҳои ҳуқуқии занро муроот кард, масъалаи мероси занро мунсифона табъйин намуд. Дар ин мақола мақсад дорем то мавзӯи мероси занро аз дидгоҳҳои мухталиф баррасӣ ва натиҷагирӣ намоем. Ҳар ҳукумате, ё дин ва мактабе бояд барои таъйини таклифи сарвати пас аз марги инсон барномае дошта бошад. Таърихи тамаддуни башар намоёнгари барномаҳо ва низомҳои мутанаввеи мерос мебошад.

**Ҷойгоҳи шахсияти зан дар Қуръон.** Зан аз дидгоҳи Қуръон ва Ислом дорои шахсияти волои инсонӣ аст, ки набояд воситаи хушгузаронӣ ва кайфу сафои мардон гардад. Зан он қадар бояд камол ёбад, ки натанҳо улгуи дигар занон, балки улгуи мардони мумин низ қарор гирад [1].

Чунон ки Худованд зани бо шахсият ва пок ва муқовими монанди Осия, ҳамсари Фиръавнро улгуи мардони муъмин муаррифӣ кардааст. «Ва зарабало масалан лилазина омону имраъатун фиръавн» [2].

Аз дидгоҳи Қуръон фақат ҳазрати Исо улгуи мардони ҷомеа нест, балки ҳазрати Марям (а) низ улгуи мардони мумини ҷомеа аст. «Ва Маряму ибнат умрона лати аҳсанат фараҷаҳо» [3].

Дар бисёре аз оёти Қуръони Карим дар бархурдории зан аз ҷойгоҳи шоистаи ӯ дар арсаи хонавода ва ҷомеаи инсонӣ таъкид шудааст. Бар хилофи он чи ки дар бархе дидгоҳҳо омадааст, зан унсури гуноҳ нест ва намебошад [4].

Қуръон сиришт ва нафси инсониро воҳид ва зану мардро дорои сиришт ва нафси ягона медонад. «Ё аюҳанос итағу рабаккум лази халақакум мин нафсил воҳидӣ ва халақа минҳо завҷаҳо ва биъса минҳому риҷолан касиро ва нисо»: Эй мардум аз Парвардигоратон, ки шуморо аз нафси воҳиде офарида ва ҷуфташро низ аз ӯ офарид ва аз он ду мардон ва занон бисёр пароканда кард, парво доред.[5]

Қуръон робитаи зан ва мардро бар асоси ҳақ ва таклиф мутақобил медонанд: «Ва лаҳум мислу аллазӣ алайҳина бил маъруф»: Ва монанди ҳамон вазифаҳое, ки бар уҳдаи занон аст, ба таври шоиста ба нафъи онон (бар уҳдаи мардон) аст [6].

Натанҳо дар қонунҳои исломӣ, ки дар Қуръони Карим низ занон дар канори мардон мутакаффили масъулиятҳои динӣ ва иҷтимоӣ мебошанд ва ҳарду аз дастовардҳои талоши хеш баҳраманд мебошанд [7].

Паёмбари Ислом (с) таҳсили илм ва рушд ва иртиқои илмиро бар марду зан лозим донистa: «Талабул илму фаризатун ало куллил муслим ва муслиматӣ» [8].

**Ташбеҳи мерос дар адёни гузашта.** Бо муқоиса дар оёти Қуръони Маҷид пай мебарем, ки мерос натанҳо аз қонунҳои мунҳасир ба фарди Ислом набуда, балки дар адёни гузашта низ вуҷуд дошт, ки Қуръон ин масъаларо дар мавриди ҳазрати Закариё матраҳ кардааст. Ҳазрати Закариё, ки яке аз паёмбарони Илоҳӣ буд, ҳангоме ки дар синни пирӣ даст ба дуо бардошта ва аз Худои мутаол дархости фарзанде мекунад, бо тарҳи масъала вилоят ва варосат мефармояд: Ман аз бастагонам баъд аз худам бимнокам ва аз тарафи ҳамсарам нозо ва ақим аст. Ту аз назди худ ҷонишине ба ман бибахш, ки ворисӣ ман ва дудмони Яъқуб бошад. Ҳазрати Закариё ба ҷиҳати ин ки ин моли вай баъд аз реҳлати эшон дар роҳи дуруст масраф шавад, ба даргоҳи Худованд нола кард ва аз парвардигори мутаол тақозои ворисе мекунад, ки аз дудмони худаш бошад ва битавонад бар ин амвол назорати дурусте дошта ва онро дар беҳтарин роҳ масраф намояд.[9]

**Мерос дар ҷоҳилият.** Дар асри нузули оёти мерос, бо таваҷҷуҳ ба ин қори араби ҷоҳилӣ нисбат ба зан ҳеҷ заминае барои тарҳи ҳуқуқи зан вуҷуд надошт. Дар нигоҳи онҳо зан ҷузъи дороии мард қарор дошт, ки агар шавҳар фавт мекард, худи зан монанди дигар амволи мутавафо ба мероси насиби дигар бозмондагон қарор мегирифт [10].

**Мерос дар садри Ислом.** Бо таваҷҷуҳ ба оёти Қуръони Карим амволи майид аз ду тариқ хешовандӣ ва қаробат ва низ ба сабаи ақду паймон миёни ворисон тақсим мешавад. «Валикули ҷаъално маволия мимо таракал волидони вал ақрабуна валлазина ақдат аймонакум фаъауҳум насибаҳум».[11] Барои ҳар касе ворисоне қарор додем, ки аз мероси падару модар ва наздикон мерос бибаранд ва низ касоне ки бо онҳо паймон бастаед насибашонро бипардозед. Мурод аз калимаи мавлӣ дар ояи зикршуда ҳамаи онҳое ҳастанд, ки дар оёти мерос ворис шинохта шудаанд (авлод, падар, модар, хоҳар ва ғайра). Маъноящ ин аст, ки барои ҳар як аз шумо ворисоне дар мерос будан муайян кардем, то аз амволи боқимондаи шумо мерос бибаранд[12]. Ва дар тафсири валлазина ақдат аймонакум ду навъ истидлол баён шудааст:

1. Муоҳида аз тариқи ақди издивоҷ, ки қаҳран ин маврид бо зану шавҳар мунтабиқ мешавад ва агар аз ин таъбир истифода карда дар ҳақиқат таъбири киноӣ аст. Чун дар Араб расм ин буд, вақте бо якдигар муомила ва ё муоҳида мекарданд, дар охир барои эъломи хатми муомила бо якдигар даст медоданд ва бо ин тариқ муомила ва ё муоҳидаро қатъӣ мекарданд. Лизо, мурод аз ҷумлаи мазкур ин аст, ки: касоне ки ба василаи ақд сабабияти никоҳ байни худ ва эшон эҷод карда ҷузъи ворисон ҳастанд[13].

2. Муоҳида аз тариқи ҳамсавганд шудан, ки дар ҷоҳилият расм буд, ду нафар бо якдигар ақди бародарӣ мебаст ва аҳд мекарданд, ки дар фоида ва зарарҳое, ки ба онҳо мерасад шарики якдигар бошанд ва дар тамоми лаҳзаҳои зиндагӣ, аз ҷумла ҷанг, сулҳ миёни қабилаҳо, ёру ёвари ҳам бошанд. То ҳадде метавонистанд 1,6 аз амволи якдигарро мерос бибаранд (замони ҷарира). Ин амал дар аввалҳои Ислом низ тавассути мусулмонон идома пайдо кард ва Худои таоло дастур дод, ки ин паймонро ҳамчунон ҳифз кунанд ва аз мероси худ чизеро барои онҳо васият кунанд[14].

Навъи дигаре аз муҷиботи мерос, ки дар садри Ислом буда ва дар Қуръони Карим ба он ишора шуда пайванди бародарӣ (уқувват) аст. «Иналлазина оману ва ҳоҷару ва ҷоҳаду биамволиҳим ва анфусиҳим фисабидиллоҳ валлазина ову вансиру улоика баъзаҳум авлиё баъза валлазина оману ва лимуҳоҷиру моликум мин вилоятҳим миншайъин ҳатто юҳоҷиру»[15]. Касоне ки имон оварданд ва ҳиҷрат намуданд ва бо амвол ва ҷонҳои худ дар роҳи Худо ҷиҳод карданд ва онҳо ки паноҳ доданд ва ёрӣ намуданд онҳо ёрони якдигаранд ва онҳо ки имон овардаанд ва муҳоҷират накардаанд ҳеҷ гуна вилоят (дустӣ ва тааҳҳуде) дар баробари онҳо надоред то ҳиҷрат кунанд.

Ҳангоме ки паёмбар (а) аз Макка ба Мадина муҳоҷират намуд, миёни муҳоҷирин ва амсор ақди уқуват(бародарӣ) барқарор кард. Бад-ин тартиб ҳар кадом аз онҳо, ки аз дунё мерафт, амволи ӯ ба бародари диниаш мерасид ва бо ин шева муҳоҷирин ва амсол ба далели пайванди уқуват ва бародарӣ аз якдигар мерос мебурданд [16]. Аммо ин ояи шарифа бо нузули ояи шаши сураи Аҳзоб насх гардида ва бастагони майитро ба унвони ворисӣ ӯ муаррифи кард[17].

**Мерос дар таълимоти коммунизм.** Мактаби коммунизм, ки бар асоси иштирокӣ будан ва таалluқи ҳамаи сарватҳо ба умуми миллат ва лақви моликияти фардӣ бино шудааст, билтабъ инсони коргарро дар замони ҳаёти хеш молики дастранҷи худаш намедонад, то фикре барои таъйини ворис ва молики баъдӣ шавад, балки тамоми сарватҳои асл аз кору талош ва моликияти ӯ аст. Албатта чун ин асл лақви моликияти фарди мухолифи фитрати инсонҳо буд, ҳеҷ гоҳ дар кишварҳои коммунистӣ ҷомаи амал ба худ напушид ва ба ҷои он низоми сотсиалистӣ иҷро шуд, ки қонуни меросро алоғағми мабонии фикрии хеш тасвиб карданд[19].

**Мерос дар миёни фароина (дар замони Фиръавн) ва Юнон.** Дар даврони аввали ҳокимияти Фиръавн Миср, сарвати ҳосил аз кори афрод, моликияти подшоҳ буд ва пас аз марги ҳар инсон тамоми сарвати ӯ дар ихтиёри подшоҳ қарор мегирифт. То он

подшоҳ «Бокуриюс» дар қарни VIII м. он қонунро тағйир дода ва қонуни интиқоли мерос ба бузургтарин фарзанди писарро тасвиб кард. Чунон чи ки дар Юнони қадим амвол ва сарвати инсонҳо моликияти умумии ҷомеа буд ва ҳар инсон намояндаи ҷомеа дар идораи онҳо талаққӣ мешуд. Лизо, мероси ӯ ҳам пас аз марг дар ихтиёри ҷомеа қарор мегирифт ва писари аршад намояндагии ҷомеаро дар идораи мерос мутааҳҳид мешуд. Мисриён ва Юнониён дар давраи иртиқои фарҳангии хеш ба ин натиҷа расиданд, ки наметавон дилбастагии шадиди ҳар инсонро ба амвол ва дастранҷи хеш ва фарзандони худ нодида гирифт. Бетаваҷҷуҳии ҳукумат ба ин воқеият ангезаи кор ва талошро нобуд сохт ва базри хусумат ва кинаро дар қалби мардум мекорад. Лизо, қонун интиқоли меросро ба бузургтарин писари майит пастӣ ва иҷро карданд[20].

**Мерос дар императории Рум.** Императории Рум бар асоси ақидаи падарсолорӣ мероси майитро вижаи фарзандони падарӣ дониста ва фарзандони модариро маҳрум мекарданд, то сарват аз дасти гурӯҳи аввал хориҷ нашавад. Масалан вақте модаре фавт мекард ва амволеро аз падараш мерос бурда буд, он сарват ба фарзандони худаш ба мерос намерасид, балки бародарон ва хоҳарони ӯ ворис мешуданд. Императори Рум, пас аз муддате ба ин натиҷа расид, ки бояд сарвати майитро байни ҳамаи ворисон тақсим кунад. Лизо, меросро ба таври мусовӣ байни духтар ва писар тақсим мекард[21].

**Мерос дар миёни шариати Яҳуд ва Масеҳ.** Яҳудиён бар асоси мардгароӣ қонун тасвиб карданд, ки то вақте марде аз вараса вуҷуд дорад, занон аз ҷумла ҳамсар, духтар, амма ва хола аслан мерос намебаранд ва мерос бояд байни ворисони мард тақсим шавад. Дар Таврот навишта шуда: Ва бани Исроилро хитоб карда бигӯ, агар касе бимирад ва писаре надошта бошад, моликияти ӯро ба духтараш мунтақил кунед[22]. Оини Масеҳият чун бар асоси маънавият, ахлоқ ва охиратгароӣ бино шудааст, Инҷил шариат, қонун, фиқҳи мустақил ва мушаххасро ироа накарда ва лизо, арбобони калисо масеҳиёнро ба шариати Яҳуд иrҷо доданд.

**Мероси зан аз манзари замони ҷоҳилият дар Арабистон.** Дар Арабистони замони ҷоҳилият қонунҳои мутафовите дар қабоил иҷро мешудааст. Яке аз он қонунҳо он буд, ки муқтадиртарин ва ё ҷангҷӯтарин афроди бозмонда вориси вараса мешуданд. Лизо, маъмулан занон ва кӯдакон дар он муҳитҳо аз мерос маҳрум буданд. Араби замони ҷоҳилият ба хотири заъфи ҷисмонии зан, мухолифи мерос бурдани зан буд ва то пойи марде баъдӣ дар табақот дар миён буд ба зан мерос намедод ва вақте ки ояи Мерос нозил шуд ва тасреҳ кард ба ин ки «Лиликуоли насибан мимо тарака волидонӣ вал ақрабуна валлилннисои насиб мимо таракал волидони валақрабуна мимо қул минҳо овкасра насибан мафрузо»[23] боиси таъаҷҷуби арабҳо шуд. Иттифоқан дар он вақтҳо Ҳисон ибни Собит, шоири маъруфи араб фавт кард ва аз ӯ зане бо чанд духтар боқӣ монд. Писарамакҳои ӯ ҳамаи доroии ӯро тасарруф карданд ва чизе ба зан ва фарзандони ӯ надоданд. Зани ӯ назди Расули Акрам (с) шикоят бурд. Расули Акрам (с) онҳоро эҳзор кард, онҳо гуфтанд зан ки қодир нест силоҳ бипӯшад ва дар муқобили душман биистад. Ин мо ҳастем, ки бояд шамшер даст бигирем ва аз худамон ба ин занҳо дифоъ кунем, пас сарват ҳам бояд мутааллиқ ба мардон бошад, вале Расули Акрам (с) ҳукми Худоро ба онҳо эълом кард[24].

**Мерос аз манзари Ислом.** Дар низоми ҳуқуқи Ислом ҳиссаи мероси (саҳмулмеросӣ) мард ду баробари зан аст. Албатта, дар порае аз фурӯъ ва муштақоти мавридҳои мерос саҳми мард ва зан мутафовит мешавад. Багунае ки роҳи мусовӣ ва ҳатто дар мавридҳои нодир саҳми зан беш аз саҳми мард мешавад. Ба ҳар ҳол саҳми мард ҳамвора ду баробари саҳми зан нест. Мазияти иқтисодӣ, ки дар ин ҷо ба мард таъаллуқ гирифтааст, бо таваҷҷуҳ ба мазоёи иқтисодӣ, ки дар Ислом насиби зан шуда қобили тавҷеҳ аст. Дарвокеъ, молулмерос сармояе аст, ки метавонад дар заминаҳои гуногуни иқтисодӣ ба кор афтад ва сабаби гардиши сареи чархи иқтисодии ҷомеа шавад ва барои соҳиби худ низ судовар бошад. Пас агар саҳми зан ва мард аз он мусовӣ бошад, ҳамеша ё ниме аз сармояи иқтисодӣ ва молии ҷомеа рукуд (шахшуда) хоҳад монд. Чун занон ба таври маъмул наметавонанд дар умури иқтисодӣ ҳам монанди мардон фаъол бошанд. Иллат ин ки Ислом саҳмулмероси занро нисфи саҳмулмероси мард қарор дода вазъи хосе аст, ки зан аз лиҳози меҳр, нафақа, сарбозӣ (аскарӣ) ва бархе қонунҳои ҷазоӣ, яъне вазъи хоси меросии зан маълули вазъи хосе аст, ки зан аз лиҳози меҳр, нафақа ва ғайра дорад[26].

Аз ин гузашта мард маҳориҷи фаровонеро бар ӯҳда дорад. Маҳрияи ҳамсар ва ҳазинаи зиндагӣ, аъзои хонавода, пардохти музд, корҳои зан монанди ширдиҳӣ, парастории фарзанд, хонадорӣ (дар сурате ки мутолиба кунад) ва мавридҳои дигар дар ҳоле ки бар уҳдаи зан ҳеҷ ҳазинае нест. Лизо, мард бояд посухгӯи ҳамаи ин маҳориҷ бошад. Бинобар ин, бояд таҳсили сармояи бештар дар ихтиёр дошта бошад. Дар расидани ин мақсад ё амри ҳадаф кӯмак кунад[27].

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин ки гарчи Худованд тамоми қонунҳои ҳуқуқиро баробари ҳуқуқи фитрӣ танзим ва тадвин фармудааст, то заминаи осор ва дафоини фитрӣ ва шукуфоии ганҷинаҳои дарунии ҷомеаи башарӣ фароҳам гардад. Лекин дар поёни ояи Мерос ду исм аз исмҳои Ҳусnoи Иллоҳӣ ёдоварӣ мешавад, ки ҳамоҳангии низоми ташреъ ва таквинро дар хотираҳо эҳё намояд ва он ин аст, ки дар поёни ояе ки уҳдадории бархе аз меросҳо мутафовит мебошад, фармудааст: «Инналоҳа кона алиман ҳакимо» [28]. Яъне шумо аз илм ва ҳикмати кофӣ бархурдор нестед, то рози тафовуте, ки дар ҳастаи марказии адл нуҳуфта дар он ҷустуҷӯ кунем. Лекин Худованд огоҳ ва ҳаким аст. Ҳамаи илали тасовиб ва омилҳои тафовутро ҷамъбандӣ намуда ва онҳоро бар мадори ҳикмат ба сурати маводи муътадили ҳуқуқи мерос

мефармояд, то масоил дар суннат ва монанди он аз тафрит, ҷоҳилият, куҳан ва ифрот, ҷоҳилияти ҷадид ва мурдан амон бимонад [29].

**Эроди ғарбпарастон.** Бархе аз ғарбпарастон вақте ки дар ин масъала доди сухан медиҳанд ва нағзи саҳмулмероси занро як василаи таблиғ ва ҳаёҳӯ алайҳи Ислом қарор медиҳанд, мавзӯи меҳр ва нафақаро пеш мекашанд. Мегӯянд чӣ лузуме дорад, ки мо саҳми занро дар мерос аз саҳми мард камтар қарор диҳем ва он гоҳ ин камбудро ба василаи меҳр ва нафақа ҷуброн кунем. Аз аввал саҳмулмероси занро муодили саҳмулмероси мард қарор медиҳем, то маҷбур нашавем бо меҳр ва нафақа онро ҷуброн кунем[30].

Аввалан, онҳо иллатро ба ҷои маълул ва маълулро ба ҷои иллат гирифтаанд. Зоҳиран ғарбпарастон хаёл кардаанд, меҳру нафақа маълули вазъи хоси меросии зан аст, ғофил аз ин ки вазъи хоси меросии зан маълули меҳру нафақа аст.

Сониян, он чи ки дар ин вуҷуд дорад, сирфан ҷанбаи молӣ ва иқтисодӣ аст. Бинобар ин, агар танҳо ҷанбаи молӣ ва иқтисодӣ матраҳ буд, далеле надошт меҳру нафақае даркор бошад ва ё саҳмулмероси зан ва мард тафовут дошта бошад.

Ислом ҷиҳати зиёдеро, ки баъзе табиӣ ва баъзе равонӣ аст, дар назар гирифтааст:

Аз як тараф эҳтиёҷот ва гирифториҳои зиёди занро аз лиҳози тавлиди насл дар сурате, ки мард табъан аз ҳамаи онҳо озод аст. Аз тарфи дигар, қудрати камтари ӯ аз мард дар тавлид ва таҳсили сарват. Аз ҷониби севвум, истеҳлоки сарвати бештари ӯ аз мард. Илова бар мулоҳизоти равонӣ ва рӯҳии хоси зану мард ва ба иборати дигар равоншиносии зан ва мард, ин ки мард ҳамвора бояд ба сурати харҷкунанда барои зан бошад, Ислом ҳамаи инҳоро дар назар гирифта ва меҳру нафақаро аз ин ҷиҳат лозим дошта. Ин умур зарурӣ ва лозим ба таври ғайримустақим сабаб шуда, ки бар буҷаи мард таҳмил ворид шавад. Аз ин рӯ, Ислом дастур дода, ки ба хотири ҷуброни таҳмилӣ, ки бар мард шудааст, мард ду баробари зан саҳмулмерос бибарад.

**Илали маҳрумияти зан аз мерос.**

***а) Пешгирӣ аз интиқоли сарват.*** Иллати аслии маҳрумияти занон аз мерос, пешгирӣ аз интиқоли сарвати хонаводае ба хонаводаи дигар будааст. Тибқи ақидаҳои қадимӣ нақши модар дар тавлиди фарзанд заиф аст. Модарон фақат зуруфе ҳастанд, ки дар он зарфҳо нутфаи мардон парвариш меёбад ва фарзанд ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, муътақид буданд, ки фарзандзодагони писари фавткарда, фарзандони ӯ ва ҷузъи хонаводаи ӯ ҳастанд, аммо фарзандзодагони духтарии ӯ ҷузъи хонаводаи ӯ нестанд, балки ҷузъи хонаводаи падаршавҳари духтар маҳсуб мешаванд. Рӯи ин ҳисоб агар духтар мерос бибарад ва баъд аз мероси ӯ ба фарзандони ӯ мунтақил мешавад. Сабаб мешавад, ки сарвати як хонавода ба як хонаводаи бегона мунтақил гардад.

***б) Заъфи ҷисмонӣ.*** Маҳрумияти зан аз мерос иллати дигаре низ доштааст, аз ҷумла заъфи қудрати сарбозии зан аст. Он ҷо ки арзишҳо бар асоси қаҳрамониҳо ва паҳлавониҳо буд ва як марди ҷангиро беҳ аз 100 000 одами нотавон медонистанд. Дар замони то Ислом занро ба хотири адами тавоноӣ бар анҷоми амалиёти дифоӣ ва сарбозӣ аз мерос маҳрум мекарданд[31].

**Мероси писархонда.** Арабҳои ҷоҳил гоҳе касеро писархонд қарор медоданд ва дар натиҷа он писархонд монанди як писари ҳақиқӣ ворисӣ майит шуморида мешуд. Расми писархондагӣ дар миёни миллатҳои дигар ва аз он ҷумла Эрон ва Руми қадим мавҷуд аст. Тибқи ин расм писархонда ба далел ин ки писар аст, аз мазоёе бархӯрдор буд, ки духтарони наслӣ бархӯрдор набуданд, аз ҷумла мазоёи писархонд мерос бурдан буд. Ҳамчунон ки мамнуияти издивоҷи шахс бо зани писархонд яке дигар аз ин мазоё ва осор буд, ки Қуръони Карим ин расмро низ мансух кард[32].

Дар мавридҳое, ки зан ҳамтои мард мерос мебарад, на камтар иборат аст аз:

***1. Падар ва модари майиат:*** Дар сурате ки майит фарзанд дошта бошад, ки ҳар кадом аз волидайни он 1,6 мебарад ва саҳми падар дар хусуси фарзи мазбур (мавриди зикршуда) аз моли фарзанд бештар аз саҳми модар нест.

***2. Бародар ва хоҳари модарӣ:*** Яъне бародар ва хоҳари модарӣ, ки ба андозаи мусовӣ мерос мебаранд, на бо тафовут ба тавре ки хоҳар ва модари майит муодили саҳми бародари ӯ мерос мебард, на камтар (Ояи 11 ва 12 сураи Нисо) далели ин ду ҳукм аст. Чунончи соҳиби васоили шиъа дар боби севум ва ҳаштум боби мерос «Аллаҳу вал аҷдод» Ҳукми бародару хоҳари модариро мӯътариз шудааст[33].

Мавридҳое, ки зан камтар аз мард мерос мебарад, духтар, ки камтар аз писар ва бародару хоҳари падарӣ ва модарӣ (яъне бародар ва хоҳари падарӣ ва модарии майит), ки дар ин сурат низ зан (яъне хоҳари майит) нисфи саҳми мард (яъне бародари майит) мерос мебарад. Баёни тафовути мероси падар ва модари майит, ки дорои фарзанд набошанд ва низ тафовути мероси духтар ва писар ва баёни тафовути мероси калолаи падар ва модарӣ ё падарии майиат дар ояи 11 ва 176 сураи Нисо сурат гирифтааст[34].

Албатта, гоҳе нақси мерос мутаваҷеҳи саҳми калолаи падарӣ мешавад ва дар ин маврид саҳми зан ҳамчунон маҳфуз аст ва саҳми мард маҳзуф ва маҳҷуб мебошад. Лекин ҳеҷ гоҳ нақзи саҳм мутаваҷеҳи калолаи умӣ намешавад.

Мавориде, ки саҳми зан беш аз саҳми мард мебошад:

Монанди мавриде, ки майит ғайр аз падар ва духтар ворисӣ дигар надошта бошад, ки дар ин ҷо падар 1,6 ва духтар беш аз он мерос мебарад ва монанди мавриде, ки майит дорои набера бошад ва фарзандҳои ӯ дар замони ҳаёти вай мурда бошанд, ки дар ин ҷо набераи писарӣ саҳми бештаре ва набераи духтарӣ саҳми камтаре мебарад. «Насиб ман итқаррабу билмайит». Яъне агар набераи писарӣ

духтар ва набераи духтарӣ писар бошад, дар ин ҳол он духтар ду баробари ин писар мерос мебарад. Гарчи маншаи ин тафовут ҳамон тафовути мероси духтару писар мебошад [35].

### АДАБИЁТ


1. Абдуллоҳи Ҷаводии Омурӣ. Зан дар оинаи ҷалол ва ҷамол. Интишороти Қум, с.159.
2. Қуръони Карим. Сураи Таҳрим. Ояи 11.
3. Қуръони Карим. Сураи Таҳрим. Ояи 11.
4. Қуръони Карим. Сураи Таҳо. Ояи 120.
5. Қуръони Карим. Сураи Нисо. Ояи 1.
6. Қуръони Карим. Сураи Бақара. Ояи 228.
7. Қуръони Карим. Сураи Аҳзоб. Ояи 35.
8. Қуръони Карим. Сураи Эҳқоқ. Ояи 40.
9. Макорими Шерозӣ Носир ва ҳамкорон. Тафсири намуна. Дорулкитобул исломия. Ҷ. 13.- Теҳрон, 1361ш. -С. 9.
10. Қуръони Карим. Тафсири сураи Нисо. Ояи 22.
11. Қуръони Карим. Тафсири сураи Нисо. Ояи 33.
12. Ал - мизон фи- тафсирул Қуръон. Ҷ. 4. -С.342.
13. Ал - мизон фи - тафсирул Қуръон. Ҷ. 4. -С.342.
14. Хуи Абулқосим. Албаён фи-тафсирул Қуръон. Наҷафи Ашраф. Матъабатун одоб. -Ҷ. 1. -Чопи 2, -С. 352, 1385 қ. ва Қумии Машҳадӣ, Муҳаммад ибни Муҳаммдризо. Тафсири канзул дақоиқ ва биҷури ғароиб. –Теҳрон: Вазорати иршоди исломӣ. –Ҷ. 3. -С.394, 1368 ш. ва Тафсири намуна. –Ҷ. 3, -С.368.
15. Қуръони Карим. Сураи Инфол. Ояи 72.
16. Кошонӣ Мулофатҳулоҳ. Тафсирул минҳеҷ ассодиқин фи илзомо ли мухолифим. Китобфурӯшии Муҳаммадҳасани Илмӣ. -Теҳрон, 1336ш. -Ҷ. 4. -С.224 ва Табарси Фаз ибни Ҳасан. Тафсири ҷавомул ҷомеъ. Донишгоҳи Теҳрон ва мудирияти ҳавзаи Қум. 1377 ш. Чопи аввал, Ҷ.2, -С.34-35. Қумӣ Алоҳим. Тафсири Қумӣ. Қум дорулкитоб, чопи 4, 1367 ш. –Ҷ. 1. -С.280 ва Алтамҳид фи улумур Қуръон. –Ҷ. 2. -С. 309.
17. Қуръони Карим. Сураи Нисо. Ояи 11.
18. Муҳаммадҳасани Замонӣ. Муташарифон ва Қуръон. с.464.
19. Муҳаммадҳасани Замонӣ. Муташарифон ва Қуръон. с.464.
20. Муҳаммадҳасани Замонӣ. Муташарифон ва Қуръон. с.464.
21. Муҳаммадҳасани Замонӣ. Муташарифон ва Қуръон. с.465.
22. Муҳаммадҳасани Замонӣ. Муташарифон ва Қуръон. с.464.
23. Қуръони Карим. Сураи Нисо. Ояи 7.
24. Муртазо Мутаҳарӣ. Низоми ҳуқуқии зан дар ислом. с.221.
25. Муҳаммадҳасани Замонӣ. Муташарифон ва Қуръон. с.466.
26. Муртазо Мутаҳарӣ. Низоми ҳуқуқии зан дар Ислом. Интишороти Қуми. –Ҷ.19. -С.235.
27. Қуръони Карим. Сураи Нисо. Ояи 27.
28. Қуръони Карим. Сураи Нисо. Ояи 11.
29. Муҳаммадҳасани Замонӣ. Муташарифон ва Қуръон. С.468.
30. Муртазо Мутаҳарӣ. Низоми ҳуқуқии зан дар Ислом. Интишороти Қуми. –Ҷ. 19. -С.235.
31. Муртазо Мутаҳарӣ. Низоми ҳуқуқии зан дар Ислом. Интишороти Қуми –Ҷ. 19. -С.219.
32. Муртазо Мутаҳарӣ. Низоми ҳуқуқии зан дар Ислом. Интишороти Қум. Ҷ. 19. -С.221.
33. Абдуллоҳ Ҷаводии Омелӣ. Зан дар оинаи ҷамол ва ҷалол. -С.346.
34. Муҳаммадҳасани Таботабоии Буравҷердӣ. Ҷомиул аҳодис шиъа. Ҷ. 20, с.255.
35. Муҳаммад ибни Ҳасани Ҳурри Омелӣ. Васоил шиъа. Китоби мерос. -Боби 2, аз боби мерос. Ал аху вал аҷдод.


### О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ НАСЛЕДСТВА СУПРУГЫ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИСЛАМА И ДРУГИХ РЕЛИГИЙ


В данной статье автор рассматривает некоторые вопросы наследства супругы в исламе и в других религиях. До эпохи Ислама за женщиной практически не признавалась никакая социальная роль ни в каком обществе. Религия Ислама призывает к исправлению общества и семьи и для женщины является надёжной опорой и защитой. Ислам справедливо относится к женщине, определив её права и обязанности и разработав необходимые нормы согласно Корану. В Исламе женщина имеет свои собственные права.



Ключевые слова: ислам, религия, женщина в исламе, права женщин в иламе, опора и защита, наследство, наследственные отношения, социальная роль женщины.


### ON SOME ISSUES OF INHERITANCE СУПРУГЫ FROM THE POINT OF VIEW OF ISLAM AND OTHER RELIGIONS


In this article the author considers some issues of inheritance супругы in Islam and other religions. Before the era of Islam women are virtually not recognized no social role in any society. The religion of Islam calls for correction of the society and the family and for women is a reliable support and protection. Islam rightly belongs to a woman, defining their rights and responsibilities and developing the required standards according to the Qur'an. In Islam, a woman has their own rights.



**Key words:** Islam, a religion, a woman in Islam, the rights of women in иламе, support and protection, inheritance, inheritance relations, the social role of women.



**Сведения об авторе:** ***Мухаммади Мухаммади*** – аспирант Таджикского национального университета, преподаватель Свободного исламского университета города Сори, Иран


## БАРРАСИИ ОМИЛҲОИ ДАРЁФТ ВА ПАРДОХТҲОИ БОНКӢ АЗ ЛИҲОЗИ ҲУҚУҚӢ


***Ризо Худобахшӣ***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Дарёфт ва пардохт ду рӯи як сикаанд, пардохт таҳаққуқ намеёбад магар ин ки дарёфте анҷом гирад. Ба иборати дигар, таҷассуми пардохт мусталзими таҷассуми дарёфт аст. Албатта, пардохту дарёфт аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳамвора қобили муқоиса бо талаб, ки рӯи сикааи тааҳҳуданд нест, зеро аввалан, пардохткунанда лузуман ба

дарёфткунанда бадеҳкор нест. Балки пардохт мумкин аст бидуни иваз ё дар баробари уҳдадориҳо бошад, ки фақат сабаби он эҷод шудаанд ва дар оянда таҳаққуқ хоҳад ёфт. Сонияи пардохт ва интиқол ваҷҳи лузуман мусталзими тасаввури ду шахси ҳақиқӣ ва ҳуқуқӣ муҷазо аз ҳам нест. Чаро ки бар хилофи як шахс, ки наметавонад худаш бадеҳкор ё аз худ талабгор шавад, интиқоли ваҷҳ миёни ҳисобҳои мутааддиди як шахс дар бонки воҳид, ё бонкҳои мутааддид қобили тасаввур буда ва маъмул аст. Мабҳасҳое, ки дар ин мақола баррасӣ хоҳад шуд, нишон хоҳад дод, ки баҳси дарёфт ва пардохтҳои бонкӣ, яке аз печидатарин мабҳасҳои ҳуқуқи бонкӣ ба шумор меравад. Дар зер ба баррасии омилҳои дарёфт ва пардохтҳои бонкӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ пардохта ва бад-ин манзур ба баррасии мафҳум, анво ва замони таҳаққуқи пардохтҳои бонкӣ мепардозем:[1]

**1. Мафҳум ва анвои пардохтҳои бонкӣ.** Сарфи назар аз шеваҳои марсум барои пардохтҳо ва васита ва омилҳое, ки дар таҳаққуқи пардохтҳо ифои нақш мекунанд, пардохтҳоро ба аътои муавваз ё бидуни ивази пул ё ҳар амале, ки дар мақоми иҷрои тааҳҳудоти пулӣ мавриди эҷоб ва қабул қарор мегирад, таъриф карданд. Бинобар ин, пардохт дар мафҳуми ом шомили ифои ҳар навъ тааҳҳуди бо истифода аз пул ё хадамот мешавад ва маҳдуд ба пардохтҳои бонкӣ нест. Бо таваҷҷуҳ ба ин бонк ба ҳукми қонун, танҳо ба фаъолиятҳои пулӣ, арзӣ ва бонкӣ иштиғол дорад. Масодиқи пардохтҳои бонкӣ дар муқоиса бо анвои оми пардохт маҳдуданд. Пардохтҳои бонкиро метавон аз лиҳози ҳуқуқӣ ба чаҳор даста тақсим кард:

**а) Пардохтҳое ки дар он бонк ба унвони воситаи пардохткунанда ва зинафъ амал мекунад.** Монанди он ки бонке чеки содиршуда аз сӯи муштарии худро пас аз итминон аз кифояти мавҷудии вай пардохт мекунад. Ин қабил пардохтҳо мумкин аст дар нигоҳи аввал содда ҷилва кунад. Дар ҳоле ки анҷом додани онҳо мусталзими вуҷуди қарордоди қаблӣ миёни содиркунандаи чек ва бонк аст ва доранду (зинафъ) чек низ бояд ташрифотеро, ки ба муҷиби қонун мушаххас шуда ва бонк мағлубшуда дар мубоҳиса ва мунозира ба риояти онҳост мувофиқат кунад.

Ҳамчунин пардохтҳои мазкур дар ин даста аз ҳайси доираи шумул бисёр васеанд. Ба наҳве, ки барои мисол дарёфти расидҳои хадамоти шаҳрӣ (об, барқ, газ, телефон ва ғайра) ё молиёт ва мавридҳои мушобеҳ дар ин даста қарор мегирад. Таҳаққуқи мустамари дарёфт ва пардохт дар чунин мавридҳо ниёзманди вуҷуди қарордоди дақиқ дар робитаи бонк ё бонкҳои дарёфткунанда, ширкатҳо ва муассисоти ироадиҳандаи хадамот ё мухотаби пардохт аст. Дар чунин қарордодҳо бонк дар қиболи хадамоте, ки ироа медиҳад, кормузд дарёфт мекунад ва бо таваҷҷуҳ ба миллӣ будани пул ниёзе нест. Дақиқан ҳамон пуле, ки аз тарафи пардохткунанда таслими бонк шудааст ба зинафъ пардохт шавад.

**б) Пардохтҳое, ки дар он бонк яке аз тарафайни пардохт аст.** Бад-ин маъно, ки бонк пардохткунанда ё дарёфткунанда бошад, монанди ин ки бонк ваҷҳи боризиро аз сӯи муштарӣ ба ҳисоби худ дарёфт кунад, иқдом ба пардохти вом ба муштарӣ намояд ва аз вай қасдҳои вомро дарёфт кунад. Дар баррасии пардохтҳои бонкӣ фарз бар он аст, ки мафҳуми (пардохт, дарёфт) низ шомил мешавад, зеро ба лиҳози мантиқӣ ҳар пардохте бо дарёфт ҳамроҳ аст ва агар соҳиби ҳақ аз қабули он имтиноъ кунад, мутааҳҳид ба василаи тасарруф додани он ба ҳоким ё қоимақоми ӯ иҷозат дода мешавад ва аз таърихи ин иқдом масъули хисорате, ки мумкин аст ба мавзӯи ҳақ ворид ояд, нахоҳад буд. (Моддаи 273-и қонуни маданӣ).

**в) Пардохтҳое, ки дар робитаи миёни бонкҳо анҷом мегирад.** Зинаҳо ва тасвияи байни бонкӣ, аз ҷумла шеваҳои калони тасвия ва пардохт дар робитаи бонкҳо ба шумор меравад, ки бо пайдоиш ва густариши шабакаҳои байни бонкӣ ҳар рӯз тавсеаи бештаре меёбад. Ин пардохтҳо усулан бо роҳбарӣ ва назорати Бонки марказӣ ва аз тариқи пайвастани бонкҳо ба қарордодҳои стандартӣ анҷом мегирад. Бештар аз сӯи идораи пардохтҳои Бонки марказӣ тадвин шуда ва дар ихтиёри бонкҳо қарор гирифтааст.

**г) Пардохтҳое ки дар он як бонк сирфан ба унвони воситае барои даст ёфтани муштарии бонки дигар ба мавҷудии ҳисоби худ дар бонки мабда амал мекунад.** Ба унвони мисол, вақте муштарии бонки миллат аз худпардозии бонки тиҷорат барои дарёфти ваҷҳи нақд истифода мекунад, ин навъ пардохт миёни муштарӣ ва бонки тиҷорат таҳаққуқ ёфтааст. Вуҷуди шабакаҳои байни бонкӣ тахти назорати Бонки марказӣ имкони тасаввури ин қисм аз пардохтҳоро фароҳам сохтааст. Абзоре, ки дар пардохтҳои бонкӣ мавриди истифода қарор мегирад, аз ҷиҳати моҳияти ҳуқуқии пардохт ва осоре, ки мумкин аст дар пай дошта бошад, дорои аҳамият аст. Ба унвони қоидаи пардохт ба сурати ваҷҳи нақди пардохт комилан мӯътабар маҳсуб мешавад ва агар дар мақоми ифои тааҳҳуд бошад, муҷиби сукути мутааҳҳид мегардад.[2]

Дар пардохтҳои калон ва низ дар пардохтҳое, ки муштарӣ ба ҳар далел пардохт бо абзорҳои дигаре ғайр аз ваҷҳи нақдро дархост мекунад, шеваҳои дигаре ҳамчун чек, барот, интиқоли байни бонкӣ, чеки байни бонкӣ ва мавридҳои мушобеҳ мавриди истифода қарор мегиранд.

Истифода аз дигар абзорҳои пардохт ба ҷои ваҷҳи нақд масоили ҳуқуқии адидаеро муҷиб мешавад. Барои мисол ин, ки пардохт бо истифода аз ин васоил ҷӣ замоне муҷиби сукути тааҳҳуд мешавад ва то ҷӣ ҳад бонкҳо метавонанд иқдом ба интишори абзорҳои пардохт намоянд. Ин масоил аз ҷиҳати нақше, ки пул дар иқтисоди калон ифо мекунад ва мухотироте, ки қоғазҳои қиматноки бонкӣ мумкин аст барои низоми иқтисодӣ дошта бошад, воҷиби аҳамият ба назар мерасад.

**д) Абзори пардохт.** Абзорҳое, ки дар пардохтҳои бонкӣ ба ҷои пул мавриди истифода қарор мегиранд, тамоми вижагиҳои онро надоранд. Пул василаи ниҳоии

сукути тааҳҳудоти пулӣ ба шумор меравад, ки қоидатан наметавон таҳаққуқи онро манъ кард, ё пардохти анҷомшударо ботил донист. Ба илова, пул абзори қобили интиқол аст ва ин вижагӣ дар тамоми васоили пардохтӣ, ки ҷойгузини пул мешаванд, вуҷуд надорад. Ҳамин хасисаҳо аз як сӯ муҷиб мешавад, ки онҳо ҳаргиз ҷойгузини комиле барои пул набошанд ва аз сӯи дигар, имкони сӯистифода ё иштибоҳ ва хато дар ба кортирии онҳо муҷиби тарҳи масоили ҳуқуқии мутааддиде мешавад, ки дар ин мақола ба онҳо хоҳем пардохт.

Дар куллияи робитаҳои молӣ, ки ниёзманди нақли интиқоли пул бошад, аз ҷумла дар робита бонк бо муштарӣ асл бар он аст, ки пардохт бояд бо ваҷҳи нақд анҷом гирад. Истифода аз ҳар шеваи пардохти дигаре манут ба ризоияти зинафъи пардохт аст ва усулан пардохти машрут ба ҳисоб меравад. Яъне пардохт замоне воқеан анҷом мешавад, ки муштарӣ битавонад санади содира аз бонкро ба ваҷҳи нақд табдил кунад. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ҳатто тазмини бонкӣ низ ҷойгузини ваҷҳи нақд намешавад ва чеки тазминшудаи бонк аз назари ҳуқуқӣ ваҷҳи нақд нест. Дар мавриди кортҳои хариди бонкӣ имрӯз ин равиш шакл гирифтааст, ки агар фурӯшанда кортро ба унвони василаи пардохт бипазирад, пардохт аз ин тариқ машрут ба вориз намудани ҳисоби фурӯшанда нахоҳад буд ва сирфи коста шудан аз мавҷудии дорандаи корт барои таҳаққуқи пардохт кофӣ аст. Бинобар ин, агар дар ин фосила бонк варшикаст шавад, фурӯшанда ҳаққе бар дорандаи корт нахоҳад дошт ва бояд даъвои худро ба унвони як талабгор алайҳи бонк тарҳ намояд.

**2. Замони таҳаққуқи пардохт.** Замони таҳаққуқи анвои пардохтҳои бонкӣ, яке аз мабҳасҳои қадими ҳуқуқи бонкӣ будааст. Ин баҳс, бахусус аз ҳайси иҷрои таҳаққуқ аз тарафи пардохткунанда ва низ дар мавридҳои нодире ҳамчун варшикастагии бонк зинафъ пас аз пардохти воқеӣ (ба суртаи ваҷҳи нақд) ба зинафъ аҳамият меёбад. Қадри мусаллам он аст, ки тамоми мабҳасҳо аз вуҷуди фосилаи миёни пардохт ва дарёфт ношӣ мешавад. Ин фосилаи замонӣ дар пардохтҳои суннатии бонкӣ ағлаб бисёр зиёд ва дар пардохтҳои электроникӣ маъмулан кам ва гоҳ камтар аз чанд сония аст. Ба ҳар ҳол, бояд ҳолатҳои мухталифро ҷудо аз ҳам мавриди баррасӣ қарор дод.

Дар бисёре аз қарордодҳои тиҷорӣ, дохилӣ ва байналмилалӣ байни тарафайни қарордоди аввал, барои мисол харидор ва фурӯшанда шарт мешавад, ки мутааҳҳид бояд тааҳҳуди худро, ки пардохти маблағи муайяне аст, дар фалон рӯз ва дар фалон бонк анҷом диҳад. Пардохт дар замони муқаррар мумкин аст ғайриқарордод бошад, ки дар он сурат иқдом накардани бемавқеъ барои тарафи муқобил ҳаққи фасх эҷод мекунад. Аз ин рӯ, амалкарди бонк ё бонкҳои муртабит дар чунин қарордодҳое аҳамияти фавқулода меёбад. Асари ҳуқуқии дигари ин шарт он аст, ки (анҷоми тааҳҳуд дар рӯзи муайян ва бонки муайян) муҷиби сукути тааҳҳуди шахс мебошад. Зеро мутааҳҳид ин шеваро ба унвони ифои тааҳҳуд пазируфтааст ва лизо, ҳар иддаое, ки дошта бошад бояд алайҳи бонк тарҳ шавад.

**а) Замони пардохт дар пардохтҳои дарунбонкӣ.** Дар сурате, ки бадеҳкор ва талабгор ҳарду дар як шуъба ҳисоби бонкӣ дошта бошанд, пардохт аз ҳисоби бадеҳкор ба ҳисоби талабгор замони таҳаққуқ меёбад, ки бонк мавҷудӣ (эътибор) бастанкорро афзоиш диҳад. Зеро ин амр мулозимаи мустақим бо дарёфти нақд ё костан аз мавҷудии бадеҳкор дорад ва ҳеҷ бонке қабл аз костан аз мавҷуди як шахс ба мавҷудии шахси дигар намеафзояд. Дар пардохтҳои дарунбонкии электроникӣ низ фосилаи зиёде миёни бадеҳкор кардани як ҳисоб ва талабгор кардани ҳисоби дигар вуҷуд надорад. Бинобар ин, ҳаммонади пардохти ҳузурӣ дарёфт урфан ҳамзамон бо пардохт анҷом мегирад. Дар ҳар ду навъ пардохти суннатӣ ва электроникии дарунбонкӣ, ворис шудан ба ҳисоби талабгор ба унвони пардохт аст ва иттилои талабгорро аз ин фароянд бо дарёфти мавҷудии афсурдашуда аз сӯи вай ба сурати ваҷҳи нақд шарт нест. Ҳисобҳои мутамаркази як бонк ҳам аз назари замони таҳаққуқи пардохт вазъияти мушобеҳе доранд.

**б) Замони пардохт дар пардохтҳои берунбонкӣ.** Дар сурате, ки ҳисоби бонкии пардохткунанда дар як бонк ва ҳисоби бонкии аз нафъ, яъне дарёфткунанда дар бонки дигаре бошад, барои замони таҳаққуқи пардохт ду назар метавон ироа дод:

1. Пардохт замоне анҷомёфта маҳсуб мешавад, ки ба мизони маблағи косташуда аз ҳисоби бонки содиркунандаи бонк ба бонки зинафъ бадеҳкор шавад, зеро бадеҳкор шудани бонки содиркунанда ҳамвора бар он аст, ки тамоми шароити пардохт ҳосил буда ва лизо, аз назари бонки мазкур пардохт аз сӯи шахси содиркунанда дастури таҳаққуқ ёфтааст.

Ҳамчунин анҷоми ин фароянд бар мувофиқати бонки зи нафъ бо дастури пардохти бонки содиркунанда далолат дорад, зеро то замоне, ки чунин мувофиқат ҳосил нашуда, дастури пардохти аввалия қобили руҷӯъ аст.

Аз ин ҳайс тафовути миёни робитаҳои байни бонки дохилӣ ва байналмилалӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ба унвони қоида пас аз эъломи талабгории ҳисоб зинафъ аз сӯи бонки вай ҳар даъвое аз сӯи зинафъ дар хусуси мутолибаи ваҷҳ бояд алайҳи бонки зинафъ ба амал ояд.

2. Пардохт замоне таҳаққуқ меёбад, ки илова бар тай шудани марҳилаҳои фавқ бонки зинафъ маблағеро, ки байни он бонк ва бонки содиркунанда ба ҳар тариқ муҳосиба шудааст, ба мавҷудии талабгор биафзояд. Зеро то замоне, ки маблағи мазкур ба мавҷуди афзуда нашуда чизе ба дороии зинафъ изофа нагашта то битавон гуфт, ки пардохт аз назри вай муҳаққақ аст. Яке аз осори ҳуқуқӣ қабулшудаи ҳар кадом аз ду назари фавқ дар таҳаққуқи иҷрои тааҳҳуд замоне аст, ки тибқи назари аввал мутааҳҳид бо дастури бонки хеш мабнӣ бар костани мавҷудии худ ба суди уҳдадорбуда бар фарзи қобили анҷом будани ин дастур тааҳҳуди хешро ифо

кардааст ва агар ин кор дар замони муқаррар дар қарордод анҷом шуда бошад, ин ки маблағи мазкур ба ҳар далел ғайри марбут ба пардохткунанда, ба мавҷудии мутааҳҳидуллаҳ афзуда нашудааст. Барои ӯ ҳаққи фасх нисбат ба қарордоди аслӣ эҷод намекунад, магар ин ки тарафайн ба наҳви дигаре тавофуқ карда бошанд. Барои мисол фурӯшанда зимни қарордод муқаррар кунад, ки чун маъмулан вусули ваҷҳ дар ҳаволаи тилфонӣ ду рӯзи корӣ аз таърихи иқдоми пардохткунанда ба тӯл меанҷомад, бинобар ин, шахси мазкур мулзам аст дар сурати истифода аз ин шеваи пардохт, зарфи ду рӯз қабл аз сарасид нисбат ба он иқдом кунад.

Дар ин мақола саъй гардидааст ба нақши ҳуқуқи бонкӣ дар хусуси дарёфт ва пардохтҳои бонкӣ ишора шавад ва ин ки ба лиҳози ҳуқуқи дарёфтҳо ва пардохтҳо ҳамвора қобили муқоиса бо бадеҳӣ ва талаб, ки ду рӯи сикаи тааҳҳуд ҳастанд. Бинобар ин, лозим аст ба ин манзур ба баррасии мафҳум, анво ва замони таҳаққуқи пардохтҳои бонкӣ пардохт. Пардохтро ба атои муавваз ё бидуни ивази пул ё ҳар амале, ки дар мақоми иҷрои тааҳҳудоти пулӣ мавриди эҷоб ва қабул қарор гирад ва ҳамчунин, дар ин мақола саъй шудаст ба баррасии анвои пардохтҳо ва ҳамчунин ба баррасии абзорҳое, ки дар пардохтҳои бонкӣ ба ҷои пул мавриди истифода қарор мегиранд, ишора шавад. Мисли кортҳои хариди бонкӣ, корти шитоб ва чеки тазминшудаи бонкӣ пардохта шудааст ва дар ниҳоят саъй гардида ба анвои замони пардохт дар пардохтҳои дарунбонкӣ, берунбонкӣ ва осори ҳуқуқии пазириши он иқдоми лозим ба амал ояд.

### АДАБИЁТ


1. Юсуфи Фараҷӣ. Пул, арз ва бонкдорӣ. Чопи 10. Ширкати Чопу нашри бозаргонӣ. -Теҳрон, 1347, - С.45-47.
2. Саидмаҳмуди Кошонӣ. Мабонии ҳуқуқ ва муқаррароти баҳра, зиён ва таъхир. //Маҷаллаи конуни вакилони додгустарӣ. №176.
3. Саидҷалили Ҳусейнӣ Аҷдод Ниёкӣ. Бонкдорӣ дар теория ва амал. Интишороти терма. -Теҳрон, 1386, -С.71-75.
4. Рабио Скайни. Ҳуқуқи тиҷорат, ширкатҳои тиҷорӣ. Ҷ.1. Чопи 5. Интишороти Самт. -Теҳрон, 1380, -С.101-102.
5. Мустафо Алсон. Ҳуқуқи бонкӣ. Созмони мутолиа ва тадвини кутуби умули инсонӣ. -Теҳрон, 1389, - С.135-140.
6. Муҳаммади Беҳбанд ва Маҳмуди Баҳманӣ. Бонкдории дохилӣ таҷҳизи манобеи пулӣ. Чопи 12. Муассисаи олии бонкдории Эрон -Теҳрон, 1384, -С.201-203.


### ИССЛЕДОВАНИЕ ПРАВОВЫХ АСПЕКТОВ ПОЛУЧЕНИЯ И ВЫПЛАТЫ БАНКОВСКИХ КРЕДИТОВ


В данной статье автором рассматриваются правовые аспекты получения и выплаты банковских кредитов. Кредит - это отношение между кредитором и заемщиком (дебитором) по предоставлению первым последнему определенной суммы денежных средств на условиях платности, срочности и возвратности. Кредит обеспечивает трансформацию денежного капитала в ссудный и выражает отношения между кредиторами и заемщиками. При помощи кредитования свободные денежные капиталы и доходы превращаясь в ссудный капитал, передаются за плату во временное пользование.



**Ключевые слова:** банковские кредиты, свободные денежные капиталы, ссудный капитал, трансформация денежного капитала, правовые аспекты получения и выплаты кредитов.


### STUDY ON THE LEGAL ASPECTS OF RECEIPT AND PAYMENT OF BANK LOANS


In this article the author looks at the legal aspects of obtaining and payment of Bank loans. Credit is the ratio between the creditor and емщиком (debtor) to provide the first to the last op certain amount of cash on the terms of payment, urgency and giving back. The loan provides the transformation of money capital in the loan and expresses the relations between creditors and borrowers. With the help of lending available money capital and income developing in loan capital is transferred for a fee for temporary use.



**Key words:** Bank loans, free money capital, loan capital, the transformation of money capital, the legal aspects of the receipt and payment of loans.



**Сведения об авторе:** ***Ризо Худобахши*** **–** соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


## ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ОЙИНИ ЗАРДУШТ


***Исмоил Яхкаши Фар***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Дар Эрони Сосонӣ навъи эҳтиром ва шафқат ба кӯдак дида мешавад. Писаре, ки аз никоҳи худсараи зан ҳосил мешавад, на танҳо номашрӯъ ва камҳақтар аз дигарон нест, балки метавонад пас аз булуғ, никоҳи қаблии модари хешро иҷоза диҳад. Ҳамчунин дар «Вандидод» омада ки, агар дар натиҷаи зино духтаре ҳомила шавад, мард бояд ӯро то замони вазъи ҳамл нигоҳ дорад ва агар чунин накунад ва садамае ба бача ворид ояд, мард ба ҷавобгарӣ Baodho-Varshta кашида мешуд. Он духтар ҳаққи исқоти ҷанинро надорад ва илло ӯ ва марди фосиқаш ва ҳамдастонашон ба кайфари фавқ муҷозот хоҳанд шуд[12]. Ҳамчунин яке аз хешони духтар метавонад барои ҳифзи ҳиссиёти духтар иқрор кунад, ки фарзанд мутааллиқ ба ӯст, ба ин шарт ки хонаводаи кӯдак барои ҳифзи шарофати хеш онро тасдиқ кунанд. Дар «Динкарт» омада, ки барои ҳифзи шарофати духтаре, ки мавриди таҷовуз ба унф қарор гирифтааст, фарзандаш ба унвони фарзанди ҳосил **Khatuk das**

---

[12] See Datestan-e Denik, charter 78. Ба падару модари фарзанди номашрӯъ даревак гуфта мешуд. Вандидад 9/15 ва низ.Ҷалили Дӯстхоҳ, Авасто. Ҷ. 2.- С.827 ва 984 ва наср: ҳамон ҷо,- С.300

аз маҳсуб хоҳад шуд. Низ агар марде бо зане муҷомаат кунад, ки обистании кӯдаке чаҳор моҳ ва даҳ рӯз бошад ва кӯдак бимирад, ба он мард марг арзон (лоиқи марг) аст[13].

Дар мавриди синни булуғ, ихтилофҳое дар манобеи маздоясні вуҷуд дорад. Бархе мутуни зардуштӣ синни булуғро барои зан ва мард 15 сол муайян кардаанд[14]. Албатта, аз он ҷо ки зардуштиён синни худро аз замони инъиқоди нутфа эҳтисоб мекарданд, на аз замони валодат, адади дақиқ дар воқеъ 14 сол ва се моҳ аз таърихи валодат аст. «Вандидод» аз муҷримӣ сухан мегӯяд, ки барои раҳоии рӯҳи худ бояд духтари ҷавони понздаҳсолаеро ҷаҳиз ва шавҳар диҳад[15]. Дар яке аз ривоёти китоби ривоёт духтарон дар нуҳсолагӣ номзад мешаванд[16] ва дар сездаҳсолагӣ шавҳар дода мешаванд, ба ибораи дигар, дертар аз ин мумкин аст никоҳ воқеъ шавад, аммо зудтар аз он мумкин нест. Дар манобеи дигар духтар дар 13-солагӣ тазвиҷ мешавад ва писар дар 14-солагӣ.

Садри Мансур навиштааст, ки шахсе, ки ба чаҳордаҳ сол ва семоҳагӣ бирасад, кабир маҳсуб мешавад ва дар садри «Бундаҳишн», ҳангоме ки фарзанд ба понздаҳсолагӣ мерасид, тамоми гуноҳҳояш навишта мешавад.

Ҳуқуқи зардуштӣ ибтикорҳое истиорӣ дар бораи ҳуқуқи кӯдакон дорад:

Кулли фарзандони подшоҳзан ба шавҳар мансубанд ва яке аз фарзандони чокарзан ва ситарзан ва нахустин фарзанди эвакзан бо фарзи қонунӣ мутааллиқ ба падару модарашон ҳастанд. Фарзандони подшоҳзан ҳақ доранд аз падари худ ирс бибаранд, аммо фарзандони чокарзан ва ситарзан ва эвакзан аз падари модар ирс мебаранд, на аз падари худ.

**Нигарише ба ҷойгоҳи кӯдак ва навҷавонон дар фарҳанги Эрони бостон.** Бегумон пешрафт ва дурахшандагии ҳар тӯдаи боланда ва хонаводаеро мебоист дар парвариши нерӯҳои тавонманд ва ҷавони он сарзамин ё хонавода донист, нерӯҳои парваришёфта ва омӯзишдидае, ки дар даврони кӯдакӣ дар густура ва муҳити поку беолоиш ва барномарезишуда рушду нумӯъ намудаанд. Бинобар ин, ҷомеаи Эрони бостонро, ки ба ривояти нигаришҳои бостоншиносӣ ва гуфторҳои ёрон ва душманони ин буму бар, ҷомеае ҳамроҳ бо тамоми аркони ҳақиқӣ ва бостонии ҳуқуқи башар, ҳамчун озодии фарҳанг ва забон, гиромидошти ҳуқуқи гиёҳон ва ҷонварон, гиромидошти замин ва обу оташ ва нерӯҳои табиӣ ва ғайра медонанд, мебоист дар ҳар рӯй онро густураи кӯдакгаро номид ё ҷомеае донист, ки дар миёни тамоми нерӯҳои инсонӣ, беш аз ҳама ба сармоягузории молӣ ва фикрӣ барои омӯзиш ва парвариши кӯдакон, навҷавонон ва ҷавонон ва фарзандони Эрон ва тандурустӣ, диловарӣ, доноӣ ва фарҳехтагии ин радаи вижа мепардозад. Баррасии дафтарҳо ва ривоятҳои баёдгормонда дар ин раванд, моро ба некӣ ба ин нигаришҳо маътуф месозад.

Дар миёни ишораҳое, ки дар ин бора дар навишторҳои бостонӣ бо он рӯ ба рӯ ҳастем, яке ҳам ривояти парвариш ва рушди Сиёвуш (Сиёвуш- фарзанди Ковусшоҳ) дар домани Рустампаҳлавон, пас аз марги модари Сиёвуш аст:

Ксенофон (354 - 445 қ.м.) ҳакими барҷаста ва сардори номии Юнон низ дар миёни гуфторҳои «Курушнома» бо ишора ба чигунагии ҳангомаи парвариши Куруш (Эрон дар давраи Модҳо), гӯшаҳои шоёни нигаришро дар пайванд бо гунаи омӯзиш ва парвариши кӯдакон ва навҷавонон ёдовар шудааст.

Кӯдакон ба дабистон мерафтанд, то одоб биёмӯзанд ва мураббиён ва омӯзгоронашон бештари замонҳои рӯзро дар омӯзиши онон ба сар мебурданд ва доду довариро миёни онҳо раво медоштанд, зеро миёни кӯдакон низ монанди солмандон ҳамон дуздӣ ва найранг, беадабӣ ва густохӣ, носазогӯӣ ва монанди инҳо барқарор буд. Кӯдаконро ба миёнаравӣ дар мизоҷ ҳӯ медоданд. Сабаби нигариш ба ин хислат ин буд, ки бузургтаронро бад-ин хулқ пайваста медиданд ва ночор ба ин равиш мегаравиданд. Ҳамчунин кӯдаконро гароиш ба вазифашиносӣ ва фармонбардорӣ аз омӯзгорон ва фармондеҳон медоданд ва он чи ки кӯдаконро дар баробари ин гароиш хурсанд месохт, ин буд, ки фармонбардорӣ ва анҷоми вазифашиносӣ танҳо барои кӯдакон набуд, балки бузургтарон низ мебоист арҷ ва арзиши устодон ва бузургтаронӯ ниёгони хешро бозшиносанд ва онро кори шоиста медонистанд. Ва ҳамчунин ба кӯдакон ойини хӯрок хӯрдан ва нӯшидан меомӯхтанд. Афзун ба ин, тирандозӣ ва партофтани найза низ омӯхта мешуд. Ҷавонон чун раҳсипори шикор мешуданд, ду навбат ғизо бо худ бармедоштанд. Дастае аз ҷавонон, ки дар шаҳр ҳастанд, ба ҳамон варзишҳое мепардохтанд, ки дар рӯзҳои кӯдакӣ ба он саргарм буданд.

Дар миёни ҷавонон перомуни чунин озмоишҳои ҳамовардӣ рақобат вуҷуд дорад. Бархе аз ин набардҳо ба гунаи мусобиқа дар миёни мардумон ба намоиш гузошта мешуд ва ҳадяҳо пешниҳод мешуд.

Дар пайи баррасии дафтарҳо ва навиштаҳои бостонӣ, ки баёнгари ҷойгоҳи нигариш ба кӯдакон ва навҷавонон дар фарҳанги эронӣ мебошанд, мо бар онем то дар ин ҷустор ба шиносоӣ ва тарҷумаи як гуфтори порсик (паҳлавии сосонӣ) ва дур

---

[13] Вандидод. Фарогарди 15, иборати 8, низ Ҷалили Дӯстхоҳ, Авасто.-Ҷ. 2. - С. 826.

[14] Ардат Фазрӣ ном модари сеюмин ва охирин мавъуди зардуштӣ, яъне Сушёнат аст ва сеюмин дӯшизаи 15-солае аст, ки ҳангоми таншӯӣ дар дарёчаи Ҳомун аз тухмаи Зардушт борвар хоҳад шуд ва Сушёнатро хоҳад зоид. Ҷалили Дӯстхоҳ, Авасто.- Ҷ 2. - С 906.

[15] Вандидод 14-15 ва низ 18-54: Чаҳорумин наринаи ман касе аст- хоҳ мард хоҳ зан, ки пас аз понздаҳсолагӣ куштӣ ( камарбанди махсус) бар тан бубандад, ба садраҳ (пероҳани махсус ) бипӯшад.

[16] Дар ривоёти паҳлавӣ «Озар Фарнабағ» омадааст: «Оё духтаре, ки дар нуҳсолагӣ номзад шуда метавонад, дар синни понздаҳсолагӣ аз он инсироф диҳад ва ба издивоҷи дигаре дарояд?». Р.к. Rivayat of Adur – Farnbag.n.14

аз нигариши коршиносони равоншиносии кӯдак бо номи «Андарзи кӯдакон» ё «Хешкории редакон» бипардозем.

Асли ин матн ба забони паҳлавӣ бознамонда ва мо бо судҷӯйӣ аз матни «Позанд» (дабираи авастоӣ) ба тарҷумаи он пардохтем. Аз матни номбурда ду гуна ривоят бо андаке дигаргунӣ дар даст аст. Яке «Андарзи кӯдакон» (Andarz I kotakan), ки номгузориаш гӯё ба ангезаи гуфтаи андарзи миёнаи матн аст, ки гӯяд: «Андарзи хубе кунам ба шумо кӯдакон» (Andarz I wehkenem pat Sma kotakan) ва ду дигар «Хешкории редакон» (Xweskarih I retakan) ба маънии вазифаи писаракон, ки дар дастнависи «Позанд», пеш аз «Андарзи кӯдакон» омадааст. «Андарзи кӯдакон» ё «Хешкории редакон» бар асоси чандин нусха, ки ҳама мутоахиранд, мунташир шуда ва якбора низ пеш аз ин ба порсии имрӯз (ҳамроҳ бо овонигорӣ) тарҷума гашта:

1. Antia. Ek, 1909: Pazent text,Bombay, 73-74.
2. Junker, H.F/1992: Einmtittel Persisches Schulgesprash, Sb.HAW.,Hedelbtrg.
3. Freiman, 1918: Andarz-I-kotakan, Dastur Hoshang. Memorial Volume,Bombay, 482-489.
4. Андарзи кӯдакон. Катоюн Маздопур, Чисто, с.6, ш.7-8, ш радифи 4. 1368 фарвардин ва урдубиҳишт 57-58.

«Андарзи кӯдакон»-ро мебоист омезише аз одоб ва нигаришҳои ахлоқӣ, мазҳабӣ ва иҷтимоӣ донист, ки ҳамчунон барои кӯдакони Эрони асри Сосонӣ то навҷавонони имрӯзи эронӣ аз аҳамияти зиёд бархурдор аст: «Одоби покизагии бомдодӣ, одоби динийи сари суфра, супурдани чашм ва гӯш ва дил ба омӯзаҳои дабир, арҷ ниҳодан ба раҳгузарони ошно дар роҳ, наозурдани падар ва модар ва хоҳар ва бародар ва ҷонварон, рафтор бо устод, кӯшиш дар фарогирӣ ва мизони синни омӯзиш ва ғайра».

Дар «Андарзи кӯдакон» устоди дабиристон, (чигунагӣ) хешкории (таклиф) писараконро ба ин гуна тавзеҳ додааст: «Ҳар рӯз, ба шаб, фардо, ба пеш, чу хуршед дарояд, аз бистар бархезед. Пас (аз он), хештан даст ва рӯйро ба дастшӯйӣ (як моддаи гандазо ва поккунанда барои шустушӯй) ё бо об бишӯяд. Ба ҳангом, баробар бо ойин, ба дабиристон равед. Бедаранг ба сари хушкорӣ, ки дар даст доред, биёед. Дар дабиристон чашм ва гӯш ва дил ва забонро чунон ба фарҳанг доред, ки чун шуморо аз дабиристон фиристанд, дар роҳ ҳушёрона, (бо) фарҳанг рафтор кунед. Мардум ошнои нек, ки ба пешвозу пазириши шумо меоянд, ҳар кас омада бошад (ҳар касе, ки бошад) ӯро (баробар бо) ойин намоз баред (ситоиш кунед ва арҷу эҳтиром бигзоред). Чун ба хона омада бошед, корҳоро низ ҳушёрона ва бинобар андарз кунед. Ба ҳеҷ рӯйе падар ва модарро наёзоред. Хоҳар ва бародар ва банда ва парастор ва сутурроназанед, балки хуб ва (бо) ойин доред (рафтор кунед). Носозгор набошед, балки хуб ва созкор бошед. Чун шуморо нон хӯрдан фармоянд (пеш аз он) бинӣ пок кунед ва даст бишӯед. Нон ба пеш (худ) ниҳед, биншинед «Ятаҳу ваирию» бихонед, «Ашмаҳу»-ро се (бор) бихонед ва нон бихӯред. Ҳамчун ки нон хӯрда бошед, (бо) овози оҳиста ҷойгоҳро мураттаб кунед. Об ба даст резед ва ҳам сар ба пеш (суфра) ниҳед. Ва гиёҳи испарағм (гиёҳи вижае, ки барои гиромидошти суфра ба сар мегузоштанд)- ро ба сар ниҳед. Шаробро он (андоза, ки) биёбед (ба шумо диҳанд), бихӯред ва онро, ки наёбед нахӯред. Пас аз он, агар шуморо бар сари суфра сухане бошад, се бор «Ашмаҳу» ва ду бор «Ятаҳу ваирию» бигӯед. (Гиёҳи) испарағмро бардоред ва бо овози оҳиста (бигӯед). Чун мисвокро ба ҷойи хешкори (ҷойгоҳи лавозими хусусӣ) худ баред. (Пас аз он) бино ба андарз нишинед. Хуш бихуспед (ва) ба тандуруст бархезед. Дабиристонро ҳаме ба орзу биёбед (бо орзу ва ҳадаф ба омӯзишгоҳ равед.) Як дуруд ва андарзи нек кунам ба шумо кӯдакон, ки чун аз ҳирбадистон (омӯзишгоҳ, мадрасаи мазҳабӣ) биравед, дар роҳи рост равед. Мардуми некошно, ки туро ба пазириш меоянд, ҳаммонанди сарварон бо онон дурудгӯйӣ кунед ва бо хушзабонӣ намоз баред). Чун ба хона равед, пеши падар ва модар даст бар сина (!) ба фармонбардорӣ биистед. Ҳар коре, ки туро фармоянд, бо хушёрӣ, бино бар андарз анҷом диҳед. То фармон наёбед (ба шумо иҷоза бидоданд), маншинед. Пас то нон хӯрдан фармоянд, биниро пок кунед, даст бишӯед, нон ба пеш (худ) ниҳед. «Ятаҳу» як ва се бор «Ашмаҳу» бихонед. Нон хӯред. Чун нон хӯрда бошед, дандонро пок кунед. Чаҳор бор «Ашмаҳу» ва ду (бор) «Ятаҳу ваирию» хонед. Мисвокро ба ҷое ки хешкории хуб бошад, бибаред. Хуш бихуспед ва ба тандурустӣ бархезед. Пас рӯзи дигар, фардо пеш чу хуршед барояд, даст ва рӯйро се бор ба дастшӯйӣ ҳафт бор об, баробар бо ойин хуб бишӯед.

Намози ашҳингоҳро пагоҳ баргузор кунед. Аз устод (агар) захм (задан), хорӣ, подофара (муҷозот) ба ростӣ бар ӯ гарон нахоҳад расид. Зеро дар рӯзе, ки ба дабиристон наравед, пушаймон шавед, агар ӯ шуморо танбеҳ накарда бошад, то ки синни шумо ба бист расад ва пеши доноён ва ҳирбадон ва дастурон расед ва аз шумо сухани доное (ва дониш) пурсанд, ҳар гоҳ, ки шумо посухро надонед, пас аз он мардум ба шумо бингаранд (ва) шумо бар замин !!!»

**АДАБИЁТ**


1. Газнафун. Курушнома / Газнафун; тарҷумаи Ризо Машоихӣ. Нашри улмӣ ва фарҳангӣ, 1380. Руияи 7-11.
2. Ҷалили Дӯстхоҳ. Авасто / Ҷалили Дӯстхоҳ. -Ҷ. 2.- С.827 ва 984.
3. Datestan-e Denik, charter 78.
4. Rivayat of Adur – Farnbag.n.14.

**ПРАВА РЕБЕНКА В РЕЛИГИИ ЗОРОАСТРИЗМА**

Значимость и необходимость исследования правовых систем прошлого и наследия предков является важным составляющим современного периода. Изучение и использование правового опыта предков благотворно влияет на реформирование системы права, так как развитие и мощь древних цивилизаций не обходились без развитой правовой базы. В данной статье автор на основе изучения исторического материала рассматривает права ребенка в религии Зороастризма.

**Ключевые слова:** право, правовая система предков, механизм регулирования общества, Восток, Зороастризм, поведение, деяния, права ребенка.

**THE RIGHTS OF THE CHILD IN THE RELIGION OF ZOROASTRIANISM**

The significance and necessity of the study of legal systems in the past and heritage of ancestors is an important constituent of the modern period. The study and use of the legal experience of ancestors has a beneficial influence on the reform of the system of law as the development and the power of ancient civilizations is not done without the developed legal base. In this article the author on the basis of historical research considers the rights of the child in the religion of Zoroastrianism.

**Key words:** law, legal system ancestors, the mechanism of regulation of society, East, Zoroastrianism, behavior, acts, the rights of the child.

**Сведения об авторе:** ***Исмоил Яхкаши Фар*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# УСУЛИ ҲУҚУҚИ МУҲИТИ ЗИСТ

***Бутули Некӯӣ***
**Донишгоҳи Паёми Нури Эрон**

Таърихи ҳуқуқи муҳити зист. Ба хубӣ мушаххас аст, ки манобеи муҳити зист дар шакли кунуниро бояд дар теъдоди бешуморе аз мутуни қарни нуздаҳ ва ибтидои қарни бист ҷустуҷӯ кард, ки мутаассири ҳуқуқи муҳити зист ва тафаккур дар ин замина ба даври аз дастовардҳои таърихи ҳуқуқи муҳити зист анҷом гирад, таърихи ҳуқуқ ҳамчунин метавонад ба шинохти ҳаракати такомулии имкониятҳо ва қудратмандиҳои низоми ҳуқуқӣ гузашта кӯмак кунад, монанди додани ҳаққи истифода аз баъзе сарватҳои умумӣ ва иҷоза додани хадамоти ҷадид барои ҳифзи табиат[1].

Ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи ҳамоҳанг. Ҳуқуқи муҳити зист бо таваҷҷуҳ ба ҷаҳонӣ ва ҷавон буданаш ин бартариро доро аст, ки метавонад дар саросари кураи замин аз таҷриботи қонуни коргузорон ва тафаккуротӣ, ки бартар аз низомҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вижа ҳамагӣ бо муроқибати муҳити зист муртабат ҳастанд, истифода кунад, таваҷҷуҳи хосе, ки ҷомеаи байналмилалӣ ба масоили зисти муҳитӣ таваҷҷуҳ дорад бегумон боиси зудтар анҷом шудан дар пазириши қавоиди ҳуқуқии ҷадид хоҳанд шуд афзоиши қарордодҳои байналмилалӣ дар мавриди олудагии дарёҳо ба василаи гидрокарбонатҳо, рехтани изофаҳои химиявӣ ба дарё ва… низ тамоили давлатҳоро барои муқобилаи ҳамаҷониба бомушкилӣ собит мекунад, ба ин иллат он қавонини миллӣ, ки барои иҷрои бархе аз ин қарордодҳо ба вуҷуд омада ё меоянд, дар ҳақиқат муҳтавои дастурҳои яксон ташкил медиҳанд ва илова бар ин ҳадафи ниҳоӣ ҳуқуқи муҳити зист, яке аз авомили сулҳу иттиҳод байни мардумон ва кишварҳои ҷаҳон барои зиндагии беҳтар аст.

Пас метавон гуфт, ки ҳуқуқи муҳити зист густурдагии бештаре хоҳад дошт ва аз марзи кишварҳо низ хоҳад гузашт ва бад-ин тариқ фурсатҳои мумкин барои иттиҳодро хоҳад кард, бинобар ин ҳуқуқи муҳити зист рисолати ҷаҳонӣ дорад, яъне чизе, ки муассиртарин омили таҳаққуқи иттиҳод аст, зеро олудагии ҳаво, ё об мушкилоти байналмилалӣ ба вуҷуд меоварад, ки ҳалли онҳо ниёзманди ҳамкории давлатҳо ҳуқуқдонон, донишмандон ва корбаладон аст ва ҳамчунин мавриди таваҷҷуҳи дигари риштаҳои ҳуқуқӣ аст. Бинобар ин, истифода аз равишҳои ҳамоҳанг дар чунин мавзуе, ки зоти ҷаҳонӣ дорад, метавонад созандаи марказӣ дигар дар роҳи пайдоиши ҳамкории бештар байни мардумони кураи хокӣ бошад.

Афкори умумӣ. Афкори умумии ҷаҳон низ яке дигар аз манобеи ҳуқуқи муҳити зист аст, ин афкор дар кумитаҳо, ҷунбишҳо ё муассисоти дифоъ аз муҳити зист худро нишон медиҳад, ки ҳадафашон дархост кардани иҷрои қавонин ва ё додани пешниҳоди тоза барои ҳифозати бештар аз инсонҳо ва мавҷудот аст ва аз байни онҳо метавон ба гурӯҳи сулҳи сабз, ки амалиёт барои наҷоти наҳангҳо ва пешгирӣ аз бахши олудагиҳои радиоактив анҷом дод, гурӯҳи дӯстони замин ва муассисот олзос ва бодовоз дар мавриди пешгирӣ аз олудагии байни марзҳо ишора кард.

Техникӣ будани муҳити зист омили якпорчагӣ ва ваҳдати он. Омили техникӣ будани ҳуқуқи зист кӯмаки зиёде ба якпорча шудани сареҳи он мекунад, ниёз ба истифода аз техникаҳои таҷзия ва таҳлил ва андозагир ва назорат барои маҳдуд кардани олӯдагиҳои мухталиф, моро ба истифода аз васоили амалии ҳатмии якшакл иҷро мекунад, бешак барои андозагирӣ, амалӣ, мизонии гарду хок ва газҳои химиявии тавлидшуда ба василаи корхонаҳо ва равишҳои мухталифе вуҷуд дорад, вале коршиносон ва мутахассисон метавонанд, техникаҳои худро ҳамоҳанг кунанд ва қавоиди яксониро дар сатҳи байналмилаӣ бипазиранд. Аз тариқи як забони амали муштарак имкони ҳамоҳанг шудани қонунгузориҳои миллӣ бештар хоҳад шуд. Барои ҳамин мебинем, ки дар заминаи техникаҳои пешрафта ва дар айни ҳол печида монанди радиоактив ё улуми фазоӣ роҳаттар метавон ба таҳияи қавоид ва ҳуқуқи яксон пардохт то дар мавзӯоте, ки танҳо бар равобити иҷтимоӣ такя дорад дар ҳуқуқи муҳити зист ниёзи ин воқеият, ки бисёре аз масоили техникаҳои ҷадид

вобастаанд, омиле аст, ки наздик шудани ҳуқуқҳои миллӣ ва иттиҳоди ононро осон мекунад. Дар ин бора совотияи яке аз ҳуқуқдонони фаронсавӣ мегӯяд: «Абзоре, ки ба василаи ин техникаҳо дар ихтиёри ҳуқуқдонон қарор мегирад, дар тамоми кишварҳо яке аст ва ба ин далел ҳуқуқҳои миллии дохилӣ ба иллати ҳидоят шудан тавассути ин иброз ба якдигар мутассил мешавад дар ҳар кишваре техникаи ҳуқуқӣ таҳти таъсири техникаҳои дигаре, ки равобити иҷтимоӣ падид меоянд қарор доранд ва натиҷа барои ба вуҷуд овардани иттиҳоди байналмилалӣ байни ҳамаи риштаҳои ҳуқуқӣ, ки бар техникаҳои ҷадид такя мекунанд, кӯшиш мекунанд»[2]. Бинобар ин ҳуқуқи муҳити зист заминаи муносиб барои яксон кардани ҳуқуқ аст ва дар ин замина руҷӯъ ба равиши муқоисавӣ бисёр судманд хоҳад буд.


**АДАБИЁТ**

1. Prier, Michel$ Droid de I, environnement p:14.
2. Sava tier, R; Les bases socials du droid compare et I, acceleration de I, histoire; p:379.



**ПРАВОВАЯ СИСТЕМА ОХРАНЫ ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЫ**

Охрана окружающей среды является одной из наиболее актуальных проблем современности. Научно-технический прогресс и усиление воздействия на окружающую среду приводят к обострению экологической ситуации. В данной статье автор вкратце рассматривает принципы и нормы права, которые регулируют действия субъектов по предотвращению, ограничению и устранению ущерба окружающей среде из различных источников и рациональное использование природных ресурсов.

**Ключевые слова:** охрана окружающей среды, воздействие на окружающую среду, устранению ущерба окружающей среде, правовые нормы, правовая система.

**THE LEGAL SYSTEM OF ENVIRONMENTAL PROTECTION**

Environmental protection is one of the most pressing problems of modernity. Scientific and technical progress and greater environmental impacts lead to aggravation of the ecological situation. The author of the article briefly considers the principles and rules of law that govern the actions of the subjects of prevention, control and elimination of damage to the environment from various sources and rational use of natural resources.

**Key words:** environmental protection, the impact on the environment, eliminate damage to the environment, legal norms, the legal system.



**Сведения об авторе:** ***Бутули Некуи*** - магистрант Университета Паёми Нур, Иран


# МАСЪУЛИЯТИ ОҚИЛА ДАР ПАРДОХТИ ДИЯ (ХУНБАҲО)


***Маҳмуд Дарвештуробӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Тардиде нест, ки инсонҳо дар зиндагии иҷтимоӣ вобастагиҳое ба якдигар доранд ва ҳар фард дар муқобили ҳамнавъи хеш масъулиятҳоеро ба уҳда дорад. Бархе аз ин масъулиятҳо аз назари ақл, урф, шариат ва ё қонунҳо мавзӯи илзомист, аммо бисёре аз онҳо ҷанбаи ахлоқӣ ва ё беҳтар бигӯйем, истиҳбобӣ дорад. Дар мақола мавриди баҳс яке аз мавзӯоте, ки бавижа пас аз вазъи қонуни муҷозоти исломии кишварамон дар маҳфилҳои фуқаҳо ва уламо ва ҳуқуқдонон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт ва дар бораи он нуктаи назариёти мутафовуте изҳор шудааст, мавзӯи оқила ва масъулияти он дар пардохти дия (хунбаҳо) аст. Бештари фуқаҳои ислом аз мазҳаби шиаю суннӣ ба масъул будани оқила, ҷиҳати пардохти дия дар қатл хатои маҳз фатво додаанд. Навъан ҳама фуқаҳо асли масъул донистани оқиларо дар садри ислом дар мавриди пардохти дия пазируфтаанд, аммо ҳама баҳс дар ин аст, ки чаро бояд оқила масъули пардохти дия ҷинояте бошад, ки дигаре анҷом додааст? Оё шароити ҳоким бар зиндагии иҷтимоӣ садри ислом, муҷиб нашуда, ки шореъ мавзӯеро имзо кунад, ки дар байни аъроб қабл аз ислом мутадовил будааст?

Масъулияти оқила чӣ навъ масъулиятест? Оё бар асоси дидгоҳи касоне, ки дияро муҷозот медонанд, дияе, ки оқила масъули пардохти он аст, метавонад муҷозот бошад? Агар муҷозот аст, асли ҳуқуқӣ (шахсӣ будани муҷозотҳо) чӣ мешавад? Оё маҳкум кардани хешовандони ҷонӣ, ки ҳеҷ гуна дахолате ва ё ҳатто иттилое аз вуқӯи ҷиноят надоштаанд, бо адолату ҳукми ақл созгор аст? Албатта, аз назари ахлоқӣ навъан вақте аз ҳар инсоне суол шавад, ки дар муқобили хешовандон ва ҳатто ҳамсоягон ва ё ҳамнавъон чӣ масъулияте доранд, бетардид посух хоҳанд дод, ки бояд мададгори якдигар бошанд. Аммо оё ин мададгорӣ илзоми шаръӣ ва қонунӣ ҳам дорад? Масъала ин ҷост, ки аввалан ҷинояте воқеъ шудааст. Сониян, ҳеҷ гуна қасд ва амде дар ҷинояти худ надоштааст. Солисан, бар асоси асли куллӣ «Хуни ҳеҷ мусулмоне дар ислом зоеъ намешавад» Аммо чӣ гуна аҳамият ва зарурати пардохтан ба ин мавзӯъ аз он рӯст, ки мавзӯи дия ва масъулияти оқила дар қонуни муҷозоти исломӣ омадааст ва ин қонун марҳилаҳои иҷрои озмоишии худро сипарӣ мекунад. Ва қувваи боиқтидор бояд, то пеш аз муҳлати поёни он, вазъияти иҷрои онро равшан намояд. Бинобар ин, баррасӣ, таҷзия ва таҳлили коршиносонаи мавзӯъ метавонад, барои қонунгузорони кишвар муфид бошад.

**Оқила дар луғат ва истилоҳ**. Оқила дар луғат ба маъноҳои зерин ба кор рафтаст:

1. Оқила аз вожаи ақл муштақ шуда, ба маънои бастан, маҳкум кардан аст. Ба ҳамин далел ба ресмоне, ки барои бастан аст уқул гӯянд ва аз ин рӯ, ба хешовандони ҷонӣ ҳам оқила гуфта мешавад, ки бо уқул, шутуронро (ба унвони дия) ба хонаи волӣ муҷнӣ алайҳа мебурданд ва мебастанд.

Шаҳиди Сонӣ дар ин бора менависад: «Ба ин далел ба онон оқила мегӯянд, ки бо пардохти дия ба авлиёи мақтул забони ононро мебанданд ва аз ҳар гуна таъризе боз медоранд».

2. Оқила аз ақл ба маънои манъ, нигаҳдоранда ва мувозибаткунанда аст. Шаҳиди Сонӣ дар баёни таносуби ин маънӣ бо оқила менависад: «Чун дар замони ҷоҳилият ашира ва хешони қотил ба василаи шамшер, қотилро аз газанди авлиёи мақтул манъ ва муҳофизат мегардонад ва сипас дар ислом ин мамониат бо пардохтани мол (дия) ҳосил гардид, ба ҳамин сабаб ба хешовандоне, ки бо ин пардохти омил манъ мешаванд оқила гуфтаанд».

Ақл дар арабӣ ба маънои дия аст ва ин ба дон сабаб аст, ки дия назди араби ҷоҳиле шутур будааст. Чаро ки амволу дороии онҳо шутур буд ва дияро аз ин ҷиҳат ақл номидаанд, ки қотил мукаллаф буд, ки дия (шутурон)-ро ба остонаи манзили авлиёи мақтул бибаранд ва онро бо таноб, ки дон укул гуфта мешавад, бибанданд ва ба ворисони мақтул бидиҳад. Бинобар ин, асли ақл масдар аст. Шутурро бо укул бастан, яъне онро укул кардан. Бо укул ду дасти шутур бо ду пояш баста мешуд, то ба василаи он маҳкум шавад.

**Оқила чӣ касонеанд**? Дар бораи ин ки оқила шомили чӣ афроде мешавад, се дидгоҳи умда вуҷуд дорад:

а). исбаи ҷонӣ: Шайх пас аз зикри мизони дия дар қатл хатои маҳз ва баёни ин нукта, ки дия дар ин сурат аз оқила ахз мешавад, дар таърифи оқила менависад. Доктор Алиризо Файз дар ин бора менависад: «Оқилаи ҷонӣ иборатанд аз падару модарони болиғ, оқил ва сарватманд аз хешони падарӣ ӯ, ки бояд дияи қатле, ки муртакиб шудааст ва дия бархе ҷароҳотро тибқи шариате, ки дар китоби фақеҳи мастур аст, бипардозанд».

Ин дидгоҳ ки машҳуртарин қавл аст, яке аз назариёти сегона байни фақеҳон дар бораи оқила аст. Мутобиқи ин назария оқила ҳамон исбаи ҷонӣ маҳсуб мешавад. Дар ин ривоят Ҳазрати Алӣ дар бораи зане, ки марди бандиеро озод кард ва волои вайро шарт намуд дар ҳоле ки писар дошт, фармудаст: «Волои марди озодшуда ба усбаи он зан, яъне онон, ки дияи ӯро мепардозанд тааллуқ мегирад». На фарзандашон дар ривояти мазкур усба ба маънои касоне, ки аз ҷониби зан дия мепардозанд, омадааст.

б). версияи ҷонӣ: дидгоҳи дигаре мегӯяд: Оқила ҳамон касонеанд, ки дар сурати марги ҷонӣ аз вай ирс мебаранд, аз ҳар табақа ва мартабае, ки бошанд. Шайх Тусӣ низ ирсбарони қотилро оқила маҳсуб мекунад.

в). версияи соҳибфарз. Қавли савум он аст, ки оқила ба версияе гуфта мешавад, ки дар «Қуръони карим» барои онон саҳме аз ирс мушаххас шудааст ва агар ин афрод ҳам набуданд, наздикони падарӣ ду сӯму наздикони модарӣ як сӯми дияро мепардозанд. Қоилан ба ин қавл низ ба ривояте тамассук карданд, ки аз Ҳазрати Алӣ нақл шудааст. Хулосаи ривоят ин аст, ки фарди муртакиби қатл хато шуд. Ӯро назди Ҳазрати Алӣ оварданд ва он ҳазрат аз бастагони вай суол кард. Қотил гуфт, ки дар ин шаҳр (Кӯфа) қавму хеше надорад ва хешонаш дар Муссал зиндагӣ мекунанд. Он ҳазрат пас аз таҳқиқ дар Кӯфа ва ҳусул итминон аз гуфтаи қотил ба омили худ дар Муссал навишт: «Ман ӯро бо фиристодаи худ назди шумо фиристодам, то дар мавриди вуҷуди ақвому бастагони вай таҳқиқ кунӣ. Пас, агар аз аҳли Мунссал касе буд, ки эшон аз онҳо мутаваллид шуда бошад (падару модар) ва қавму хеше барои вай ёфтӣ, онҳоро ҷамъ кун ва хешовандоне, яъне мардоне, ки аз ӯ ирс мебаранд ва дар «Қуръон» барои онҳо саҳме фарз шуда ва ҳоҷибу монеъ аз ирс бурдан ҳам барои онҳо нест, мулзам ва пардохти дия дар тайи се сол (се қаст) кун. Аммо, агар дар миёни онҳо фарде ёфт нашуд, ки дар «Қуръон» саҳме барояш муайян шудааст ва ҳама ба таври мусовӣ аз назари насаб аз хешовандони ӯ ҳастанд ва аз ҷониби падару модар ҳам, хешоне мусовӣ аз назари насаб дошт, дияро аз мардоне бигир, ки оқилу мусулмон ва аз бастагони падарӣ ва модарии ӯ ҳастанд ва муддати пардохти он се сол аст. Агар чунин наздиконе ҳам надошт, дияро аз аҳли шаҳри муссал бигиру бипардоз ва афроди дигарро дар он ворид макун. Муддати пардози он ҳам се сол аст. Дар ниҳоят, агар ҳеҷ кавму хеше барои ин мард наёфтӣ ва иддаои худро пас гирифт, ӯро назди ман бифирист, чун ман валии ӯ, ҳастам ва аз тарафи ӯ дияро пардохт мекунам. Чаро ки хуни ҳеҷ фарди мусулмоне набояд зоеъ шавад ва аз байн биравад.

**Зомини оқила дар қонун**. Қонуни муҷозоти исломӣ дар моддаи 307 дар таърифи оқила мегӯяд: «Оқила иборат аст аз бастагони зукур насаби падар ва модарӣ ба тартиби табақоти ирс ба тавре, ки ҳама касоне, ки метавонанд ирс бибаранд ба сурати мусовӣ уҳдадори пардохти дия хоҳанд буд».

Қонуни муҷозоти исломӣ тибқи фатвои машҳури фақеҳои шиа дар мавриди пардохти дия аз сӯйи оқила дар моддаи 305 ва 306 зомини оқиларо дар мавриди зер баён кардаст:

а). дар қатл хатои маҳз дар сурате ки қатл бо бинна ё қасома ё илми қозӣ собит шавад.

б). ҷинояти амдӣ ва шабеҳи амди ноболиғ ва девона ба манзалаи хатои маҳз ва дияи ҷинояти он ду бар уҳдаи оқила аст.

Мутобиқи маводи боло, аввалан, оқила фақат дар мавриде масъул аст, ки қатл хатои маҳз ва ё дар ҳукми хатои маҳз бошад. Албатта, на ҳар қатл хатои маҳзе, балки фақат дар хатои маҳзе, ки бо иқрор собит нашуда бошад, оқилаи дияро мепардозад ба таъбири дигар дар қатлҳои хатои маҳз, ки қатл бо иқрори қотил собит шуда бошад, оқила масъулияте дар пардохти дия надорад. Далели ин дидгоҳ дар бархе ривоёт аст. Аз ҷумла ин ривоёт:

а). Абумуҳаммади Абӯҷаъфар мефармояд: «Оқила зомини қатли амд ва иқрори қотилу мусолиҳаи қотил нест».

б). Ҳазрати Алӣ мефармояд: «Оқила зомини қатли амд ва иқрори қотилу мусолиҳаи ӯ нест».

в). Амралмуъминин мефармояд: «Оқила фақат дар ҷинояте масъул аст, ки аз тариқи байна собит шуда бошад. Аз ин рӯ, вақте шахсе назди Ҳазрат омад ва ба қатли худ эътироф кард Имом дияро дар моли ӯ қарор дод ва масъулиятеро мутаваҷҷеҳи оқилаи вай накард».

**Зомини оқила аз нигоҳи фақеҳон**. Дар ин масъала дар замони ҳозир чор дидгоҳ вуҷуд дорад.

**Дидгоҳи якум**: машҳуртарин назди фақеҳони пешин ва ҳатто муосир аст ва эътиқод дорад, ки монанди садри ислом оқила дар қатли хатои маҳз масъул аст. Аз ҷумла фақеҳоне, ки дар бораи масъул будан дар қатли хатои маҳз, ки аз тариқи байна собит шуда бошад, назар дода ва ҳатто тасвир кардаанд, ки хилофе дар ин масъала вуҷуд надорад. Се тан аз соҳибназарони муосир низ, ки тарафдори ин дидгоҳанд, иборатанд аз:

1. Доктор Абулқосими Гурҷӣ дар ин мавриди менависад: «Ба назари ин ҷониб мансубанд ин ҳукм ҳимоятест табиӣ, ки байни хешони мазкур дар миёни умуми ақвом вуҷуд дошта ва дорад, чунонки мумкин аст, ҳоким ба субути дия бар касе ҳимояти ихтиёри қарордоде бошад, бар ин мабност, ки шореи муқаддаси аҳкоме аз қабили зомини оқила, зомини ҷарира ва ғайраро муқаррар фармудааст, ки дар ҳақиқат навъи бима аст. Ниҳоят он ки баъзе бимаҳо қаҳрӣ аст, монанди ҳамин зомини оқила ва баъзе ихтиёрӣ (ақдӣ) аст монанди зомини ҷарира».

2. Оятуллоҳ Мазоҳирӣ дар ҷавоби истифроӣ дар бораи замони оқила менависад: «Ҳукми оқила аз аҳкоми авлиёи ислом аст ва то рӯзи қиёмат тағйир нахоҳад кард ва ин ҳукм дар ҳоле, ки ҳукми вазни илоҳист, ҳукми таклифӣ низ ҳаст ва таҳаллуф аз он ҳаром аст».

3. Оятуллоҳ Макорими Шеърозӣ яке аз фақеҳони муосир низ бо назарияи нахуст мувофиқ аст. Эшон чаҳор ҳикматро барои пардохти дияи қатли хатоӣ ё оқила бармешуморад, ки хулосаи он чунин аст:

- ҳамон тавре ки фалсафаи бима тазомини мутақобилу тақсими фишори мушкилот ва ҳаводис бар уҳдаи гурӯҳе аст, дар мавриди оқила низ ҳамин фалсафа мавҷуд аст. Эшон тааллуқи дияро бар оқила, навъе бима, бимаи хонаводагӣ медонад;

- ҳикмати дувум он аст, ки ин забон дар муқобил бо ирс аст. Хусусан он, ки бархе аз ривоёт ба ҷойи оқила таъбири вирсаро ба кор бурдаанд. Яъне, дия бар уҳдаи вирса ӯ (ҷоне) аст, ки ин ривоят замони оқиларо аз масодиқи қоидаи маъруф махсуб мекунад. Яъне кассе, ки фоидаро мебарад, бояд хисорот (дияро) низ бипазирад;

- пардохти дия аз сӯйи оқила, асари боздорандагӣ низ дорад, чаро ки вақте ақвом бидонанд, ки дар қатл хатои масъули пардохти дия ҳастанд, ҳамдигарро ба эҳтиёт даъват мекунанд;

- пардохти дия дар қатли хатоӣ аз сӯйи оқила, муҷиби ҳифзу эҳтиром ва зоеъ нашудани хуни мусалмон мешавад чунки, агар пардохти дия ба уҳдаи оқила набувад, мумкин аст дар бисёре маврид ҷони тавоние пардохти дияро надошта бошад ва ё ин ки фирор кунад ва дастраси ба ӯ муяссар набошад ва хуни мусулмон шоеъ шавад.

Аз байни ин ҳикматҳо ҳикмати дуюм, ки дия муқобили ирс талаққӣ шуд, дархури таомул ва таваҷҷуҳ аст. Ин ҳикмат ҳамоне аст, ки доктор Гурҷӣ низ ба он ишора доштааст.

Бинобар ин, аз нукоти қобили мулоҳиза он аст, ки аксар назари касоне, ки зомини оқиларо муқобили ирсе медонанд, ки аз ҷоне мебарад, саҳеҳ бошад, мунтафиқи он аст, ки ҳар фарде аз афроди оқила ба ҳамон андозаи саҳми худ аз ирс зомин бошад. Яъне, агар ҷоне бимирад, фарде, ки як шашум аз вай ирс мебарад, ин ҷо ҳам бояд зомини шашяки дия ҷоне бошад, дар ҳоле ки чунин нест.

**Дидгоҳи дуюм**. Ба назар мерасад, ки ин дидгоҳ ба Оятуллоҳ Сонеӣ мунҳасир бошад. Эшон дар посух моликияти дия бар оқила ҷоест, ки оқила дар масъулияти ҳифзи қотил аз қатл ва мусомиҳа бемуболоте намуда мисли сағире, ки мумаиз набуда ва аз назари уқало оқилааш масъули пешгирии ӯ аз қатлу зарбу ҷурм мебошад ва ё мисли девонаи занҷирӣ, ки дар ин гуна маврид зомини ҷиноятҳои онҳо аз боби ақвоият сабабу далолати ривоёт ба уҳдаи оқила аст, аммо ҳукм ба дия дар мутлақи қатли хатоӣ, қатъи назар аз он, ки аз ҷиҳати идда ва лисон, ахбори собит нест.

**Дидгоҳи сеюм**. Доктор Муҳаммад Содиқи Теҳронӣ дар мавриди хатои маҳз, қоилан бар пардохти дия аз сӯйи худ ҷонӣ аст ва оқиларо зомину масъули пардохти дия дар қатл хатои маҳз намедонад. Эшон дар китоби «Табсурат-ул-фақеҳо», ки ба шарҳ ва ё беҳтар бигӯем ба нақди китоби «Табсурат-ул- мутаъллимин» эълома пардохтаст, Дар ин бора менависад: «Яъне ояи Қуръони Карим, ки мефармояд ҳар кас муъминеро аз рӯйи хато бикушад, бояд бандиеро озод кунад, маъонӣ ҷуз ин надорад, ки озод кардани бандӣ ба уҳдаи худи қотил аст. На ғайри ӯ, сипас ин иборот уламо ҳам мегуяд, (илова бар озод кардани бандӣ дияеро ба хонаводааш бипардозад) боз ҳамин маъниро дорад. Яъне пардохти дия бар уҳдаи худи ҷоне аст, на ғайри ӯ. Бинобар ин, агар пардохти дия ва озод кардани бандӣ бар уҳдаи ғайри қотил бувад, лозим бувад, ки онро зикр кунад.Чаро ки ин ҳукм бар хилофи зобитаи адолат ва ақли солим аст.

**Дидгоҳи чаҳорум**. Яке аз тарафдорои ин назария Оятуллоҳ Муҳамадҳасани Мирашӣ аст, ки дар ин ҷо ибтидоӣ ишорае ба дидгоҳи эшон мекунем ва сипас ҷамъбандӣ аз баҳси ҳозир ироа мегардад. Эшон дар яке аз мақолоти худ ба унвони

«Зомини оқила» (масъулияти оқила дар пардохти дия) бо ишора ба ин, ки яке аз интиқодҳои ворид ба фақеҳо амри иҷтиҳод, истиноди онҳо фақат бар ривоят ва манобеи фақеҳи дигарон буданд, таваҷҷуҳ ба шароити замон ва маконе аст. Масъалаи пардохти дия аз тарафи оқиларо монанди масоили дигаре, чун масъалаи атқи рӯқба ҳукме медонад, ки доир ба мадор вуҷуди мавзӯъ ва шароити он бошад. Яъне ба унвони мисол, вақте шореъ мефармояд, барои кафорати ифтори рӯза як банда озод кунед. Ин ҳукм мутаваққуф бар вуҷуди мавзӯъ ва шароити хос аст.

Оятуллоҳ Маашӣ дар идомаи ҳамин бахш муътақид аст, ки лафзи оқила дар замони судури ривояти марбут дар маъно ва мавриде зуҳур дорад, ки ҳамбастагиҳои аширае байни афрод дар пардохти дия вуҷуд дошта бошад. Ӯ ҳатто муътақид аст ки агар дар чунин зуҳуре шак шадид ояд, лафзи оқила муҷмал мегардад. Ба иҷмоли мавзӯъ лозим аст, дар ҳукми мухолиф бо асл ба қадри мантиқан иктифо шавад ва дар ғайри қадр мантиқан ба асл ба риояти истинод кард. Вай дар ниҳоят менависад: «Ба ҳар ҳол далели муътабаре бар масъулияти оқила дар ҷомеаи мо вуҷуд надорад ва иҷмое асҳоб дар чунин мавриде муътабар нест, зеро ин иҷмоъ як иҷмои мударраке аст».

Агарчи натиҷаи илмии назарияи сеюму чаҳорум адами замони оқила дар пардохти дия аст, аммо тафовути ин ду дидгоҳ дар ин аст, ки Оятуллоҳи Маршӣ ва мувофиқони вай асли ташреи замони оқиларо дар пардохти дия қатли хатоӣ марбут намедонанд, балки бар асоси шароиту тақозои замон дигар мавзӯоти оқиларо мунтақӣ медонанд ва аз ин рӯ, онҳоро масъули пардохти дия надонистаанд. Аммо доктор Содиқи Теҳронӣ бештар бо истинод бар оёти «Қуръон» ва гӯё бидуни иноят бар ривояту суннати қатъӣ, асоси ташреҳи ҳукми замони оқиларо дар пардохти дия нишона гирифтааст ва онро мунтақӣ донистааст ва ба назар мерасад, ки вай чунин ташреъро дар ҳар шароити замону маконе нодилона медонад.

Бо таваҷҷуҳ ба он чи баён гардиддидгоҳе, ки бо шароит ва муқтазиёти кунунӣ мақбултар ба назар мерасад, ҳамон дидгоҳи чорум аст. Се дидгоҳи дигар ба асли вуҷуди ривояти саҳеҳ дар бораи замони оқила эътироф доранд. Истидлоли дидгоҳи аввал ин аст, ки аҳкоми шаръӣ ба таври куллӣ шомили ҳама ҷавомеъ ва маконҳову замонҳост ва аз ин рӯ, ҳукми замони оқила ба замон ё қабилаву мардуми хосе ихтисос надорад. Ин дидгоҳ ба зомин будани оқила ҳукм мекунад ва ҳатто мегӯяд, агар қоил ба ихтисос шавем, ин ақида бо хотамияти ислом ва ҷовидонӣ будани дини ҳаниф мунофот дорад.

Ҳатто дар ҳоли ҳозир низомҳои қабилавӣ, ки қабоил ҳамчун гузашта уҳдадори дия ҳастанд, ба гунае мутафовут бо гузашта амал мешавад. Авазаҳмади Идрис дар китоби «Дия» дар бораи касе, ки масъулияти дияро дар қабилаи Сомалӣ таҳаммул мекунад, чунин менависад: «Фард дар ҷомеаи Сомалӣ алорағми ин, ки ба ашира ва ё қабила маънние мансуб аст, дар айни ҳол ба гурӯҳе мансуб аст, ки гурӯҳи дия ва ё ҷамоати дия номида шудааст. Ин гурӯҳ бар асоси хешовандӣ ва ё интисоби аширае ва қабилае устувор нашуда, балки бар асоси гурӯҳҳои парокандае устувор шудааст, ки ба муҷиби тавофуқҳо ва иттифоқҳои вижае ваҳдат ёфтааст. Ва ин маҷмӯа воҳид дар одот ва урфи худ, аз чандсад ва ё чансадҳазор аз мардон ташкил ёфтааст. Ҳангоме ки яке аз афроди ин гурӯҳ муртакиби қатл шавад, гурӯҳ дияро ба ҷамоат мепардозад. Бинобар ин, афрод дар низоми қабилаи Сомалӣ ба танҳоӣ иқдом ба пардохти дия намекунанд. Балки ҷамоати дия ба ҷойи ӯ онро мепардозад. Урфи Сомалӣ ҳукм мекунад, ки ҳар фард вобаста ба ҷамъияте аз ин ҷамоят дияро аз роҳи ҷамояти худ бипардозад, ҷамоате ки ҳомии ҷону моли ӯст».

Ин ҷамоати дияи Сомалӣ ба ин маънӣ ки гуфта шуд, бо оқила, ки дар фиқҳи исломӣ мавриди баҳс аст, ба суратҳои гуногун фарқ дорад. Чун оқила дар фиқҳи исломӣ бори дияро дар бисёре аз анвои қатл муҳтамал намешавад. Аммо ҷамъияти дияи Сомалӣ бори дафъи дияро дар ҳама ҳолоти қатл бар дӯш мегирад ва мутааҳҳид ба пардохти он аст.

Дар канори ҷамоати дияи Сомалӣ ҷамоати кӯчаки дигаре вуҷуд дорад, ки Сайфу номида мешавад. Ин гурӯҳ аз наздиктарин наздикони ҷонӣ ташкил шудаст. Зоҳиран ин ҷамоатест, ки дар баробари оқилаи фиқҳи исломӣ қарор гирифтааст, дар ҳоле ки ҷамоти дия, ба муҷиби тавофиқҳои вижае дафъи дияро аз тарафи ҷонӣ ба уҳда мегирад, ҷамоати Сайфу бидуни ҳеҷ тафовуте бо ин афрод худ ҳам ёрӣ дорад, яъне Сайфу як ваҳдати дохилият барои ҷамоати бузурге, ки бори сангини пардохтани дияро дар ҷойе, ки ҷамоати дия вуҷуд надошта бошад, уҳдадор мешавад. Аз баёноти боло чанд нукта равшан мешавад:

1. Дар низоми қабилавӣ пардохти дия бар асоси тавофиқе аст, ки байни гурӯҳе аз афрод анҷом мепазирад.
2. Гурӯҳи пардохткунандаи дия илзоман аз хешовандон нестанд.
3. Ин гурӯҳ фақат дияи қатлҳои хатоиро ба уҳда надоранд, балки навъи қатл матраҳ нест.
4. Ҳамёрӣ байни хешовандон дар пардохти дия ва лағви он, ки ҷузъи гурӯҳи пардохткунандаи дия набошад, як урфи пазируфташуда дар қабоил маҳсуб мешавад.
5. Урфу одати зиндагии қабилае дар Сомалӣ ба таврест, ки ҳар фард худро ба яке аз гурӯҳҳои мавҷуд мансуб кунад.
6. Гурӯҳи мазкур як гурӯҳи ҳимоятиест, ки ҳимоятгари ҷону моли афроди таҳти пӯшиши хеш аст.

**Оё масъулияти оқила дар пардохти дия ҳукми таклифӣ аст ё вазъӣ**? Ин суол бар ин фарз устувор аст, ки оқиларо масъули пардохти дия бидонем. Масъулияти таклифӣ бидуни маъност, ки пардохти дия бар оқила воҷиби шаръист ва агар ин

феълро тарк кунад, воҷибтаре тарк карда, муртакиби ҳаромшуда аст. Аммо мадюн ба муҷнӣ алайҳи авлиёи вай маҳсуб намешавад ва худи ҷони мадюм хоҳад буд, аммо масъулияти вазъии оқила бидуни маъност, ки аз ибтидои дин (пардохти дия) бар зиммаи оқила мустақар мешавад.

Фақеҳон дар посух ба ин савол, ки ҳукми оқила таклифӣ аст, ё вазъӣ ихтилофи назар доранд. Бархе монанди Шайх Тӯсӣ эътиқод доранд, ки дия ибтидо бар заммаи ҷонӣ тааллуқ мегирад, вале оқила масъул ва ё маъмури пардохти он мешавад. Бархи дигар муътақиданд, ки дия ибтидо бар зиммаи оқила мустақар мешавад ва ҷони ҳеҷ гуна масъулияте дар пардохти он надорад.

Бо таваҷҷуҳ ба матолиби мазкур, ағлаби фақеҳони шиа бар ин ақидаанд, ки оқила ибтидо зомини пардохти дия аст. Бинобар ин, ҳам ҳукми вазъӣ ва ҳам таклифӣ шомили вай мешавад. Яъне, агар оқила напардозад, на танҳо шаръан ҳақеро адо накарда ва феъли ҳаромеро муртакиб шудааст, балки бар зиммаи ӯст, ки дияро бипардозад.Бо таваҷҷуҳ ба ривоёти замони оқила асли ташреи масъул будани оқила дар пардохти дия (хунбаҳо) инкорнопазир аст, аммо чи тавре ки аҳкоми иҷтимоӣ, ки аз тарафи Паёмбар (с) ва имомони маъсум (а) содир мешудааст, ба ҳукми ақл метавонад ва ё ҳатто бояд нозир ба шароити урфӣ ва иҷтимоӣ мувофиқ бошад, ба тавре ки агар шароит монанде тағйир кунад, ки мавзӯи ҳукме тағйир ёбад. Он ҳукм низ бояд ба табъи он тағйир намояд. Мақолаи мавриди баҳс низ аз ҳамин қарор аст, бинобар ин, асли ташреи дия ва пардохти ғиромат ба муҷни ё авлиёи вай дар шариати ислом ҳукми собит ва лоятултағйирест, аммо далеле вуҷуд надорад, ки мавриде мисли мизону кайфияти пардохт онро қобили тағйир надонем. Чунки ҳадафи аслӣ бар асоси ривояти он аст, ки хуни мусулмоне зоеъ нагардад, ки ин ҳадаф бо собит будани ҳукми дия дар ҳама замонҳо ва маконҳо ҳосил мешавад. Аммо чигунагии пардохти он метавонад тобеи шароити урфӣ ва иҷтимоӣ бошад. Аз тарафе, шахсӣ будани муҷозот беҳтар аст.

**АДАБИЁТ**


1. Муҳаммад Ҷаводи Машкур. Фарҳанги фиқҳи исломӣ. Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ Остони Қутс. - Теҳрон, 1368.
2. Муҳаммад Ҳасани Наҷфӣ. Ҷавоҳир -ул-калом. Чопи 6, 404.
3. Абулқосими Гурҷӣ. Мақолоти ҳуқуқӣ. Донишгоҳи Теҳрон. 1385.
4. Зикруллоҳ Аҳмадӣ. Ниҳоди оқила дар ҳуқуқи кайфарии ислом. -Теҳрон, 1381.
5. Оятуллоҳ Макорими Шерозӣ. Аҳком ва фалсафаи диёт дар ислом. Мақола соли 1364, № 8.
6. Муҳаммадсодиқи Теҳронӣ. Тафсират-ул-фақеҳо. Интишороти фарҳанги исломӣ, 1382.
7. Қуръони Карим. Тарҷимаи Муҳаммадсодиқи Теҳронӣ. Чопи Исломия,1381.
8. Шайх Тӯсӣ. Таҳсиб-ул-аҳком. –Теҳрон:Чопи исломия. 1368.
9. Алиризо Файз. Мабоди фақеҳ ва усул. Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, 1389.
10. Муҳаммадҷаъфар Ҷаъфари Лангурдӣ. Терминалогияи ҳуқуқӣ. –Теҳрон: Интишороти ганҷи дониш. 1368.


**КРОВНАЯ МЕСТЬ И ЕЕ ПРАВОВЫЕ И НРАВСТВЕННЫЕ АСПЕКТЫ: ОПЛАТА ВЫКУПА**


Мусульманское право – это одна из старейших и наиболее распространенных в мире религиозно-правовых систем. Обычай кровной мести является элементом правовой системы Исламской Республики Иран, За убийство семья жертвы наказывает семью преступника, чтобы восстановить семейную честь. В качестве семьи могут выступать, в зависимости от обычаев, не только биологические родственники, но и весь клан или группировка. Кровная месть отражает принцип равного воздаяния за преступление. В данной статье рассматриваются правовые и нравственные аспекты кровной мести в части оплаты выкупа за убийство.



**Ключевые слова:** кровная месть, родственники убитого, убийца, древнейший принцип судопроизводства, возмездии, понятие личной чести, честь всего родового объединения.


**BLOOD FEUDS AND ITS LEGAL AND MORAL ASPECTS: PAYMENT FOR REDEMPTION**


Muslim law is one of the oldest and most common in the world of religious and legal systems. The custom of blood feud is an element of the legal system of the Islamic Republic of Iran, For the murder of the victim's family punishes the family of the offender to restore the family honour. As a family can be, depending on customs, not only biological relatives, but also for the entire clan or group. Blood feud reflects the principle of equal retribution for the crime. This article discusses the legal and ethical aspects of a feud with the payment of ransom for the murder.



**Key words:** blood feud, relatives of the murdered, the assassin, the oldest principle of justice, retribution, the concept of personal honor, the honor of the whole generic associations.



**Сведения об авторе:** ***Махмуд Дарвештуроби*** – соискатель Таджикского национального университета


# ҲУҚУҚИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКИИ МУАЛЛИФИ АСАР: МОҲИЯТ ВА НАМУДҲО


***Фарзод Ҷалилиён***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Ҳуқуқҳои маънавӣ, ҳуқуқҳое ҳастанд, ки муртабит бо шахсияти (Droitla Personalite) падиоварандаи як асари фикрӣ аст ва ба таври мустақим дорои арзиши иқтисодӣ нестанд. Ҳуқуқи ифшои асар (Divulgation) ҳуқуқи ҳурмати ном ва унвони падидоваранда (Paterniti Right, Identification, Attribution Right) ва ҳуқуқи тамомияти асар ва ҳуқуқи пасгирифтан ва ҳуқуқи инсироф аз мавориди ҳуқуқи маънавӣ ба шумор меоянд.

Бар асоси назарияи шахсият, асари фикрӣ ҷузъе аз падидоваранда аст ва самараи фикрӣ чизе ҷуз хатти сайр ва идомаи шахсияти инсон дар олами хориҷ талаққӣ намегардад.

Бо таваҷҷуҳ ба таҳлили фавқ, мавориди ҳуқуқи маънавӣ ба хубӣ фаҳмида мешавад. Аз он ҷо ки ихтиёри калом ва хитоб дар ихтиёри муаллиф ва падидоваранда аст, ӯ тасмим мегирад дар чи замон ва маконе баёни худро ба умум арза кунад ва ҳеҷ касе наметавонад ӯро ба хитоб ба умум водор созад ва ин чизе ҷуз ҳуқуқи ифшои асар нест. Ин падидоваранда аст, ки ба ношир иҷозат медиҳад, то асари ӯро нашр кунад, ҳуқуқи нашр, ки дарвоқеъ ҳамон ҳуқуқи эълон ба умум аст, ба дасти ӯст. Чун осори фикрӣ аз падидоваранда содир шудааст ва ношир худ ба таври мустақим бо мардум сухан намегӯяд, бояд ном ва унвони ӯро маҳфуз бидорад ва касе ҳуқуқ надорад бидуни мувофиқати падидоваранда дар он асар тағйире эҷод кунад ва ё онро таҳриф намояд. Хитоб ба умум як ҳуқуқи доимӣ барои падидоваранда маҳсуб мегардад ва ҳуқуқи баргашт (инсироф) ношӣ аз ҳамин ҳуқуқи доимӣ аст.

Гарчи қабл аз Кант ва Гегел аҳкомеро метавон ёфт, ки дар ҳимоят аз мавориди ҳуқуқи маънавии муаллиф ба кор рафтаанд, вале назариёти Кант ва Гегел буд, ки ин аҳком ҷаставу гурехтаро табдил ба ҳуқуқи зотӣ ва бунёдин намуд ва ба он асолат бахшид. Ба дунболи эшон дигар ҳуқуқдонон ин назарияро таъйид намуданд. Дар соли 1928 мелодӣ барои нахустин бор конференсияи байналмилалии Рум ҳуқуқи маънавии муаллифро ба таври расмӣ мавриди шиносоӣ қарор дод ва ба давлатҳои узви Иттиҳодияи Берн тавсия намуд, ки қавонини ҳуқуқи муаллифро дар ин замина такмил намояд [1].

Авсофи ҳуқуқи маънавии муаллиф:

1. **Ғайри қобили интиқол будан.** Дар ин бора аз сӯи соҳибназарони илми ҳуқуқ дидгоҳҳои мутафовуте иброз шудааст. Яке аз асотид дар ин бора мегӯяд: Ҳимояти аз шахсияти падидоваранда иқтизо мекунад, ки ҳуқуқи маънавии ӯ баъд аз марг ба василаи касоне, ки ҷонишин ҳастанд эъмол гардад».

Ҳамчунин мутобиқи моддаи 19 қонуни мусаввабаи соли 1957 Фаронса муқаррар шудааст, ки ҳуқуқи маънавии падидоваранда пас аз марги ӯ ба касе, ки ба сабаби васият барои эъмоли ин ҳуқуқ ва дарвоқеъ барои ҳифзи ҳурмати муаллиф ва асари ӯ таъйин шудааст, мунтақил мегардад ва дар сурате ки касе ба сабаби васият таъйин нашуда бошад, ин ҳуқуқ ба варасаи падидоваранда мунтақил мешавад [2].

2. **Маҳдуд набудан ба замон ва макон.** Ҳуқуқи маънавӣ бар хилофи ҳуқуқи моддӣ ба замон ва давраи хосе маҳдуд намегардад ва барои ҳамеша, ҳатто, пас аз марги соҳиби асар ба номи ӯ ҷараён дорад. Ба ибораи дигар, доимӣ аст ва мурури замон аз эътибори он намекоҳад, аз сӯйи дигар, маҳдуд ба макон нест. Ба ин маъно, ки асар дар кадом кишваре интишор ёфта ё арза гардида бошад, тафовут намекунад.

Дар ҳуқуқи кишварҳои мухталиф, қонунгузор намудҳои қонунҳои ҳуқуқи маънавиро гуногун муайян мекунад. Иттифоқи назар вуҷуд дорад, ки ҳуқуқи маънавӣ ё ахлоқии муаллиф дорои чаҳор намод аст:

1. **Ҳуқуқи тасмимгирӣ дар мавриди интишори асар.** Бархе аз устодон аз ин ҳуқуқ ба унвони «ҳуқуқки интишор» ёд кардаанд, аммо ба далели парҳез аз шабоҳат ёфтан бо «ҳуқуқи нашр ва таксир», ки аз масодиқи ҳуқуқи моддӣ аст, ба назар меояд корбурди таркиби ёдшуда дар банди алиф гӯётар ба мақсуд бошад.

Тасмимгирӣ дар мавриди нахустин интишори асар, ё адами интишори он, ҳуқуқи инҳисорӣ ва вижаи шахси падидоваранда ё муаллиф аст. Ҳеҷ мақоме наметавонад ӯро маҷбур ба ин амал созад. Дар воқеъ танҳо ӯ дар ин ҷойгоҳ метавонад тасмим бигирад, ки оё осораш қобилияти эълон ба умум ва дар маърази қазовати умум қарор гирифтанро дорад, ё на? Ин асл ба ишколи гуногун, вале бо мафҳуми воҳид дар тамоми низомҳои ҳуқуқӣ ба чашм мехӯрад.

Пас аз марги соҳиби асар, чунончи вай дар замони ҳаёташ интишори асарро манъ нанамуда бошад, ҷонишинони қонунияш мубодират ба нашр хоҳанд намуд.

2. **Ҳуқуқи риояти ном ва унвон.** Ин ҳуқуқи ҳар муаллиф аст, ки офариниши фикрии ӯ ба худи ӯ нисбат дода шавад. Ба сабаби он муаллиф ҳуқуқ дорад, ки дарҷи ном ва унвонашро бар рӯйи асаре, ки халқ намудааст, хостор шавад. Муаллиф илова бар истифода аз мазоёи моддии асар метавонад аз подошҳои ифтихории он ҳам бархурдор шавад ба ҳамин иллат зарур аст, ки умум битавонад асарро ба шахсияти офаринанда иртибот диҳад. Ин ҳуқуқ ғолибан «ҳуқуқки падарӣ» номида мешавад. Ҳамчунин ӯ ҳуқуқ дорад, ки монеъ аз интишори асаре гардад, ки ба ҳар иллат номи ӯро ба унвони падидоваранда ҳазф намудааст. Ин ҳуқуқ ҷанбаи ҷаҳонӣ дорад.

Дар қавонине, ки ҳуқуқи маънавӣ дар қонуни ҳуқуқи муаллифон матраҳ шудааст, аксаран ибораи «ҳуқуқки падарӣ»-ро ба кор бурдаанд ва дигар қавонин истилоҳи «ҳуқуқки риояти ном»-ро ба кор мебаранд. Ба унвони мисол, Фаронса ва кишварҳое, ки қонуни Фаронсаро намуна қарор додаанд.

Дар кишварҳое, ки дорои муқарароти хосе дар мавриди ҳуқуқи маънавӣ нестанд, таклифи адами интисоби мутақаллибонаи номи як асар ғолибан ба унвони тааҳҳуд таъйид шудааст. Ба унвони мисол дар Англия, ки ҳуқуқки риояти ном вуҷуд дорад.Дар хусуси тарҷума низ бархе аз нависандагони фаронсавӣ эътиқод доранд ки, агар чунончи мутарҷим риояти вафодорӣ ва амонатро нанамояд, падидоваранда метавонад иддаои хисорати моддӣ намуда, зимни эъломи умумии мавзӯъ тайи иттилоия, интисоби асари тарҷумашуда ба номи худро мавриди тардид қарор диҳад.

3. **Ҳуқуқи ҳурмати асар.** Сарнавишти асари фикрӣ бояд тобеи назари офаринандаи он бошад ва на асири иродаи афрод ва замон. Гоҳе асари фикрии адабӣ метавонад тавассути дорандаи ҳуқуқи таксир дучори тағйироте шавад, дар ин сурат

асар ба унвони василаи фикрӣ матраҳ аст. Гоҳе асар, ки мавриди интиқол қарор гирифтааст, тавассути молики айн бо тавассул ба ҳуқуқи ихроҷ аз моликият метавонад дучори тағйирот ва ҳатто тахриб қарор гирад. Ба ин маънӣ, ки ҳурмати асар ё ҳуқуқи эҳтиром муштамил бар ду ваҷҳӣ эҷобӣ ва салбӣ аст.

Нахуст ин ки, мунҳасиран шахси падидоваранда ҳуқуқ дорад дар асари худ тағйироте диҳад, бар он матолибе бияфзояд, бахшҳое аз онро ҳазф кунад ё ҷо ба ҷо намояд ва ҳатто, назарияҳое комилан мухолифи назарияҳои пешин арза дорад. Пешрафтҳои илмӣ ва дастёбӣ ба иттилооти тоза ва пӯёии андеша дар гузари замон, имкони эҷоди дигаргунӣ ва таҳаввулро барои офаринишгари асар фароҳам месозад. Ислоҳоте, ки сардабири як нашрия ва вироишгар ё виростор низ дар осори мактуб анҷом медиҳад, он гоҳ бояд ҷомаи амал бипӯшад, ки мавриди мувофиқати падидоваранда қарор гирифта, аз ҳадди мутаориф таҷовуз нанамояд.

Бинобар ин, вирсотории як асар пас аз марги муаллиф, ё ҳар гуна изофот ва бознигарӣ дар матни аслӣ (ба ҷойи поваракӣ) аз он ҷо ки дар муҳтавои асар гоҳ тағйири ҷиддӣ медиҳад, латма ба ҳуқуқи маънавии холиқи асар ба ҳисоб меояд. Ҳамчунин ҳаққи эҳтиром ба асар дар қарордодҳои баҳрабардорӣ аз асар ҳам бояд мавриди таваҷҷуҳ ва эҳтиром қарор гирад. Интиқолгирандаи ҳаққи таксир ё ҳаққи намоиш муваззаф ба вафодории мутлақ ба асар буд ва бояд шакл ва рӯҳи асарро, ки падидоваранда ба ӯ додааст, ҳифз кунад. Интиқолгиранда наметавонад ҳеҷ гуна тағйире ҳарчанд хурд бошад, дар асар бидиҳад, магар ин ки мувофиқати қаблии падидоварандаро касб карда бошад. Ба унвони мисол, як ношир наметавонад ба ибтикори худ бахшҳое аз асареро, ки мунташир месозад, ҳазф кунад. Дар ин хусус тавҷеҳоте, монанди ҷанбаи бисёр бади асар қобили пазириш нест. Дар ҷараёни як даъво дар Фаронса, додгоҳи Сен дар раъй 31 декабри соли 1924 худи ин имконро ба Франсис Ҷеймс ( Francis Jammes) дод, то муаллифи як китоби дарсиро, ки баҳонаи бетарафӣ, калимоти мазҳабиро аз қитъаҳои мунтахаби осори ӯ ҳазф карда буд, маҳкум кунад [3].

Падидоваранда дорои ҳаққи дифоъ аз тамомияти асар мебошад. Қонунгузор барои ин ки соҳиби асар дар баробари ҳар гуна таадди ва таҷовуз абзори дифоъ лозимро дар ихтиёр дошта бошад, барои мутаҷовузон муҷозотҳое пешбинӣ кардааст. Бо ин ҳол равияи қазоии Фаронса ду шарт барои эъмоли ҳаққи эҳтироми асар қоил шудааст. Аз як сӯ, тағйироте дар асар вақте нақзи ҳуқуқи маънавӣ ба ин ном шинохта мешавад, ки қазовати як шунаванда ё бинандаро нисбат ба асар тағйир диҳад ва аз сӯйи дигар ин тағйир боиси таҳрифи асар шавад. Дар ҳуқуқи баъзе кишварҳо монанди Англия ва муқарраротӣ конвенсияи Берн (моддаи 6), ҳаққи эҳтиром ба асар бо лузуми эҳтиром ба ҳайсият ва шуҳрати падидоваранда тавҷеҳ мешавад, вале дар ҳуқуқи Фаронса риояи аслии эҳтиром ба асар бо меъёри зеҳнӣ ва ташхиси падидоваранда арзёбӣ мешавад. Раъйи додгоҳи мавриди ишора сароҳатан бар дидгоҳи ҳуқуқи Фаронса дар ин хусус таъкид мекунад, ки бар асоси он ҳаққи эҳтиром ба асар бояд ба сурате ки падидоваранда мехоҳад, риоят шавад ва ҳеҷ каси дигар наметавонад дар хусуси иродаи падидоваранда (муаллиф), ки соҳиби ҳуқуқи маънавӣ аст ва танҳо шахси солеҳ ба эъмоли он ҳуқуқ аст, қазоват намояд.

**Ҳуқуқи бозхонд ё истирдод** (Droit de repentir ou de retrait.) **(дар ҳуқуқи Фаронса).** Ин ҳуқуқ, ҳуқуқи руҷӯъ ё пушаймонӣ ва бозситонӣ низ номида шуда, истифода аз ин истилоҳот ба ҷуз дар Фаронса ва кишварҳое, ки қавонини онҳо мулҳам аз қонуни Фаронса аст, дар дигар кишварҳо нодир аст. Бар асоси он падидоваранда метавонад пас аз интиқоли ҳуқуқ баҳрабардории моддӣ аз асар ва ҳатто, пас аз интишор, онро пасгирифта ва монеи нашри муҷаддади он гардад. Ин ҳуқуқ мубтанӣ бар ин тафаккур аст, ки шахсияти соҳиби асар дар он чи падид оварда мутабалвир гардида, ҳангоме ки ба василаи масолеҳе моил ба интишори асараш нест, таҳмили қарордод бар ӯ дарвоқеъ иҷбори ӯ ба халқи асар аст, ки ба яқин амали ғайриқонунӣ ва ғайриахлоқӣ ба шумор меояд. Илова бар ин, гоҳо асар мактуб гардида, бар пардаи синамо нақш баста ва ё бар рӯйи навор забт мешавад ва барои солҳои тӯлонӣ вуҷудии моно ва ҷовидон ёфта, тавони фикрӣ ва илмии офаринандаи худро дар маърази афкори наслҳои оянда қарор медиҳад.

Албатта, дар ҳуқуқи Фаронса, падидоварандае, ки аз ин ҳуқуқ истифода мекунад аз озодии мутлақ бархурдор нест, балки эъмоли ҳуқуқи мазкур манут ба он аст ки хисороти тараф қарордодро ҷуброн намуда, агар дар оянда тасмим ба нашри асар бо вазъияти ҷадид бигирад, тарафи қарордоди наҳустинро дар авлавият қарор диҳад. Бархе аз нависандагони фаронсавӣ низ падидаи ёдшударо инҳироф аз қудрати илзомоварии қарордодҳо донистa, бар ин эътиқоданд, ки бояд аз он тафсири музайян ба амал ояд. Ҳатто, бар асоси як назарияи машҳур дар ҳуқуқи Фаронса истифода аз ин ҳуқуқ, ҳангоме ки падидоваранда шайъи моддиро, ки асар аз он сохта шудааст, вогузор карда бошад, мумкин нест. Ҳамчунин изҳори назар гардида, ки наметавон ҳуқуқи моликияти солис бар рӯйи шайъ ба таври мисол як асари наққошӣ ё муҷассамаро дар сурати фиқдони матни қонунӣ нодида нигошт ва бо унвони эъмоли ҳуқуқи руҷӯъ, ҳукм ба истирдоди дорои мазбур дод.

Аз сӯйи дигар, моддаи 32 қонуни ҳуқуқи муаллифи Фаронса, ки ҳуқуқи ё руҷӯъро пешбинӣ намудааст, фақат иҷрои онро тавассути худи падидоваранда ба расмият шинохтааст [4].

**АДАБИЁТ**

1. Мушириён Муҳаммад. Ҳаққи муаллиф ва ҳуқуқи татбиқӣ./ Мушириён Муҳаммад. Донишгоҳи Теҳрон. Мусавӣ, 1339. -С. 125.

2. Сайидҳусейн Сафоӣ. Ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи татбиқӣ. / Сайидҳусейн Сафоӣ. -Теҳрон: Мизон, 1375.-С. 85
3. Ripert (G), Boulanger (J) : Traite de Droit civil . T. II. Paris. 1957. Қонуни моликияти фикрӣ (муаллиф), (Ба нақл аз: Сайидҳусейни Сафоӣ. Ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи татбиқӣ. Теҳрон: Нашри Мизон, 1375, саҳ. 84)
4. Gerard Gavin, Le Droit Moral, Paris, 1960P:53 (ба нақл аз Аббоси Саъидфар,Ҳаққи муаллиф дар ҳуқуқи Эрон ва татбиқи байни системи ҳуқуқии Эрон ва Фаронса. //Поённомаи коршиносии аршади ҳуқуқи хусусӣ. –Теҳрон: Донишгоҳи Шаҳиди Биҳиштӣ, 1362, -С. 54 ва 66)

**ЛИЧНЫЕ НЕИМУЩЕСТВЕННЫЕ ПРАВА АВТОРА ПРОИЗВЕДЕНИЯ: ПРАВОВАЯ ПРИРОДА И ВИДЫ**

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению личные неимущественные права авторов произведений. Личные неимущественные права автора имеют определяющее значение для построения всей системы защиты прав авторов интеллектуальной собственности, так как интеллектуальная собственность представляет собой не менее продуктивный предмет, чем привычные объекты материальной собственности и разработка и углубленное изучение данной темы имеет важное значение для совершенствования правового регулирования в области авторского права.

**Ключевые слова:** интеллектуальная собственность, личные неимущественные права авторов произведений, имущественные права, правовое регулирование, использование имущественных правомочий.

**MORAL RIGHTS OF AUTHORS OF WORKS: LEGAL NATURE AND TYPES**

In this article the author subjected to review and study of the moral rights of creators. Author's moral rights are crucial for building the entire system of protection of intellectual property rights of authors, because intellectual property is the subject of no less productive than usual objects of material property and development and in-depth study of this topic is important for the improvement of legal regulation in the field of copyright right.

**Key words:** intellectual property, moral rights of authors of works, property rights, regulation, use of property entitlements.

**Сведения об авторе:** ***Фарзод Джалилиён*** – соискатель Таджикского национального университета

## БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ТАЪМИНОТИ ЗАВҶА ДАР ИДДАИ ВАФОТ

***Бахмани Насер Ширага***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зан пас аз вафоти шавҳар идда нигоҳ медорад, ки ба иддаи вафот машҳур аст, аз назари ахлоқи иҷтимоӣ ва эҳтиром ба мутаваффо (шахси вафот кардагӣ) барои зан лозим дониста шудааст. Аз ин ҷиҳат зане, ки пас аз фавти шавҳар билофосила вазъи ҳамл мекунад, бояд чаҳор моҳу даҳ рӯз аз замони фавти шавҳар идда нигоҳ дорад. Ҳамчунин, заноне ёиса (климкс) ва зане, ки шавҳар бо ӯ ҷимоъ накардааст ин вазифаро дорад. Аз тарафи дигар, иҷбори мард ба пардохтани таъминот то замоне идома дорад, ки битавон ӯро шавҳар ва сарпарасти хонавода номид, зеро бо фавти шавҳар зиндагии зану шавҳар поён меёбад ва усулан пардохти алимент мумкин нест. Аммо маҷлиси қонунгузории Эрон тасмиме доштааст, то махориҷи зане, ки шавҳараш фавт кардааст, ба уҳдаи бархе хешовандон ниҳода шудааст. Ин мақола ба баррасии алименти завҷа дар иддаи вафот бахшида шудааст.

**Нафақаи зани ғайриҳомила дар иддаи вафот.** Иддаи вафоти зани ғайниҳомила, чаҳор моҳу даҳ рӯз мебошад. Дар фиқҳи имомия иттифоқи назар вуҷуд дорад, ки зани ғайриҳомила дар иддаи вафот алимент надорад [1] ва ин ба иллати ривояти зайл дар китоби равоии шиа аст, ки уламо низ бар асоси он фатво додаанд: Муҳаммад ибни Муслим нақл кард яке аз имомон, ки гуфт: пурсида шуд ӯро аз зане, ки шавҳараш фавтида буд, оё он шавҳар ба зан нафақа медод? Гуфт «на». Нафақа карда шавад барои зан аз моли ӯ [2]. Ин ривоёт ба рӯшанӣ далолат бар адами истиҳқоқи завҷа бар алимент дар аёми иддаи вафот дорад. Бинобар ин, уламои имомия низ ба ин иттифоқ муътақиданд, ки зан мустаҳақ (ҳақ надоштан) ба алимент аз моли мутаваффо намебошад [3], балки нафақаи вай аз саҳмулирсаш таъмин мегардад [4]. Лозим ба зикр аст, ки тақрибан назари мухолифе дар ин замина вуҷуд надорад. Бинобар ин, комилан возеҳ аст, ки Қонуни мадании Эрон дар моддаи 1110, собиқ ба итоат аз фиқҳ завҷаро дар замони иддаи вафот мустаҳақи нафақа аз таракаи мутаваффо намедонист. Уламои аҳли тасаннун низ муддати иддаи вафот зани ғайриҳомиларо чаҳор моҳу даҳ рӯз дониста, занро мустаҳақи алимент ва сукно аз таракаи завҷ намедонанд [5] зеро никоҳ ва осори онро бо фавти мард мунҳал( аз байн бурдан) медонанд. [6] Илова бар ин, ҳаққи барои завҷа бар варасаи (меросхӯрони майит) низ қоил (тан) нестанд [7]. Аммо яке аз уламо бар ин назар аст, ки «Чунончи зан дар замони фавти мард дар хонаи меросии ӯ зиндагӣ мекардааст, дар замони идда сирфан ҳаққи сукунат дар он ҷоро дорад» [8]. Аммо дар иддаи вафоти зани ҳомила то замони вазъи ҳамл вобаста ба он ки фосилаи байни фавти шавҳар ва вазъи ҳамл аз чор моҳу даҳ рӯз бештар бошад, иддаи вафот ҳамон чор моҳу даҳ рӯз аст. Дар мавриди нафақаи зани ҳомила дар иддаи вафот ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад.

Ақидаи аввал. Ривоёти ҳокӣ бар адами истиҳқоқи завҷа бар таъминот дар аёми иддаи вафот. Аз Сабои Канонӣ аз Абдуллоҳ ривоят аст, ки аз зани ҳомилае, ки шавҳараш фавтида буд, пурсиданд, оё барои он зан нафақа воҷиб аст? Гуфт: «Не» [9]. Аз Ҳалбӣ аз қавли Абуабдулло гуфт, ривоят мекунад вай гуфт: зани ҳомилае, ки шаҳараш фавт кардааст, ҳеҷ таъминоте ба ӯ тааллуқ намегирад [10]. Зайд ибни Усома

гуфт, суол кардам, аз Абӯабдуллоҳ, оё занони ҳомилае, ки шавҳарашон фавтидааст, таъминот ба ӯ тааллуқ мегирад, гуфт: «На» [11]. Ин ривоёт, ки мазмуни воҳиде доранд, баёнгари он аст, ки зани ҳомилае, ки дар иддаи вафот ба сар мебарад, мустаҳақи нафақа аз шавҳараш намебошад. Ва иллат ин аст, ки мутаваффо таклифе надорад [12]. Уламое, ки ба ин даста аз ривоёт баҳра ҷустаанд, ривоёти мазкурро дололат бар адами сукути нафақа ба таври мутлақ ( аам аз моли шавҳар ва моли ҳамл) медонанд.

Ақидаи дувум. Ривоёт хокӣ бар истеҳқоқи завҷа бар таъминот дар аёми иддаи вафот. Ривоёти дастаи дувум иборатанд аз моли фарзанди шиками зан [13]. Ба сабаби ин ривоят завҷаи ҳомилае, ки дар иддаи вафот аст, мустаҳақи нафақа мебошад. Аммо ин нафақа аз саҳми фарзандаш пардохта мешавад, на аз моли шавҳар [14]. Ин ривоят мавриди нақди дастаи аввал қарор гирифта, лизо бо ворид намудани эродҳо онро рад намуда, ки ба чанд маврид аз эродҳо ишора мешавад. Ривоёте, ки аз Сабои Канонӣ нақл шудааст санади саҳеҳе надорад. Бо ривоёти дастаи аввал, ки аз Сабоҳ, Зурора ва Ҳалбӣ нақл шудааст, дар таориз мебошад (Сабоҳ ду ривоёти зидди ҳам нақл кардааст). Сукути нафақа бар уҳдаи ҳамл мутаваққиф бар хуруҷи зиндаи вай аст, чун саҳмулирс ду писар канор гузошта мешавад. Ва дар сурате ки вай зинда таваллуд шавад, мустаҳаққи ин саҳмулирс мегардад. Бо мавриди мутаваллид шудани ӯ алимент аз мол таҳаққуқ наёбад [15]. Эроди дигар ин аст, ки барои ҳамл қабл аз зинда таваллуд шудан, наметавон қоил ба тамаллук шуд [16]. Дар посух ба ин эродҳо метавон баён дошт, ки бо ҷустуҷӯйе, ки дар хусуси санади ривоёти Сабоҳ ба амал омад, санади ҳарду ривояте, ки аз ин рови нақл шудааст саҳеҳ мебошад [17]. Дар ривоёти дастаи дувум фақат аз Сабоҳ нақл нашудааст, балки аз Зурора низ дар китоби ривоёт нақл шудааст [18]. Дар боби таоризи далелҳо ин қазия машҳур аст, то он ҷо ки мумкин бошад, ҷамъ миёни ду ё чанд далели мутаориз ва ба кор бастани он беҳтар аст.

Дар ин ҷо низ метавон байни ривоёти дастаи аввал ва дувум ҷамъ кард, зеро манзури ривоёти дастаи аввал адами сукути нафақа бар зиммаи шавҳар аст, дар ҳоле ки мавзӯи ривоёти дастаи дувум сукути алимент аз ҳиссаи ҳамл аст. Дуруст аст, ки вақте яке аз вориса ҳамл бошад, ба андозаи фарзи ду писар барои вай ҷудо мешавад, ва ирс бурдан ва тамаллуки вай манут ба зинда мутаваллид шудан аст. Аммо ин мавзӯъ мунофот бо додани алименти модар аз он надорад, гарчи ин самт мутазалзил номаълум аст. Аз ин ҳисса, нафақаи модар пардохт мешавад. Ҳоло чунончи ҳамл зинда мутаваллид шавад, аз он чӣ ки ҳиссаи ӯст ва ба нафақаи модараш пардохт шудааст, кам мешавад. Аммо агар зинда мутаваллид нашавад, ин суол эҷод мешавад, ки таклифи он чи ба модар пардохт шудааст, чист? Ба ин пурсиш дар идомаи мақола бо таваҷҷуҳ ба назари уламо посӯх дода мешавад.

Сукунӣ аз Ҷаъфар, Ҷаъфар аз падараш, падараш аз Алӣ гуфт: «Нафақаи зани ҳомила, ки шавҳараш фавт кардааст аз тамоми молаш аст, то вақти таваллуди фарзандаш» [19]. Ҳарчанд ба назар мерасад, ки ин ривоят бо ривояти қабл таориз дорад, аммо ин як таоризи зоҳирист. Чаро ки дар воқеъ насиб ва саҳмулирси ҳамл, ба кулли мол доҳил аст, зеро вазъияти ҳамл мушаххас нест, ки духтар аст ё писар, яке аст ё бештар ба ҳамин далел пас аз вазъи ҳамл, ҳангоме ки воқеи вай мушаххас шуд, он чи ки ба модараш ба унвони алимент пардохт шудааст, аз насиби фарзанди мутаваллидшуда кам мегардад [20]. Уламо ривояти ахирро ҳамл ва насиби фарзанд қардаанд, зеро барои ӯ аз ҷамъи мол насибе аст [21]. Ривоёти дувум ба ривоёти аввал бозгардонида мешавад. Бинобар ин, ҳар ду ривоят баёнгари як матлаб аст. Албатта, аз уламо эътимоли ин, ки ривояти ахир ҳамл бар бақоли он дода шавад, яъне дар сурате, ки вараса ба ин амр ризоят бидиҳанд, аз ҷамъии мол пардохта мешавад [22].

Ривоёти дигаре вуҷуд дорад, ки муаяди ду ривояти охир аст. Муҳаммад ибни Муслим аз қавли яке аз имомон гуфт: «Зане, ки шавҳараш фавт кардааст, аз моли шавҳараш нафақа мегирад» [23]. Ин ривоят дар китоби «Ривояти муътабар» нақл шудааст ва мавриди истиноди уламо низ боқӣ гардидааст. Қоилин (қабул) бар истеҳқоқи завҷа бар нафақа, зимни таъйиди ривояти аввал ва дувум, муътақиданд, ки ҳеҷ фарқият байни ин ду ривоят ба ривояти қабл вуҷуд надорад. Ба ин далел, ки ривояти мазкур мутлақ мебошад (монанди ривояти дувум), яъне таъминоти ҳомил аз саҳми фарзанди дар раҳм (батни модар), ки ба мотараки шавҳар махлут мебошад, пардохт гардад [24].

Дарвоқеъ завҷаи ҳомилае, ки дар иддаи вафот аст, ба далели фарзанде, ки дар батн дорад, мустаҳаққи таъминот мебошад. Ва ҳамл нисбат ба соири вараса дар додани таъминоти ба модар бартарӣ дорад [25]. Чунончи зинда мутаваллид шавад, таъминот, ки ба модар аз мотарак (боқимонаи моли фавтида) пардохт шудааст, дар ниҳоят аз саҳмулирси фарзанди мутаваллидшуда кам мегардад. Чунончи ҳамл зинда мутаваллид нашавад, ин суол матраҳ мегардад, ки таклифи алименти пардохтшуда ба модар чист? Дар посух ба ин суол аз миёни назароти уламо дар хусуси ривоёти дастаи дувум метавон ба ду ҷавоб расид:

1. Агар ҳамл зинда мутавалид нашавад дар натиҷа насибе надорад. Дар ин сурат аз ҷанини моли вараса таъминот муҳосиба мегардад. [26]

2. Дар ин ҳолат он чи пардохт шудааст бар зиммаи модар қарор мегирад, то нисбат ба соири вараса пардохт гардад [27].

Аз маҷмӯи ин мабоҳис метавон истинбот кард, ки завҷа (ҳомила ва ғайриҳомила) дар иддаи вафот мустаҳақ ба нафақа аз завҷи мутаваффо намебошад. Аммо дар моддаи 1110 Қонуни мадании собиқи Эрон наметавон ин назарро пазируфт, ки ин модда завҷаи ҳомиларо шомил намегардад, зеро он чи дар фиқҳ

мавриди ихтилоф мебошад, ин аст ки оё ҳомила мустаҳақ ба алимент аз ҳиссаи ҳам мебошад ё на. Ба назар мерасад ки, бояд ба гурӯҳе пайваст, ки посухи мусбат медиҳанд, зеро дар ин хусус ривояти дастаи дувум, ки дорои санади мъътабар ҳастанд, баёнгари ин матлаб мебошанд. Ҳоло ин ки ривоёти дувум ва савум низ ба навъи муайяди ривояти аввал аз дастаи дувум мебошад. Аҳли тасанун дар мавриди иддаи вафоти зани ҳомил ҳамбастагии назар доранд ва онро то поёни муддати ҳамл медонанд, ҳатто, ин ки як лаҳза баъд аз фавти мутаваффо ҳамл ба дунё биёяд [28].

Дар ҳоле ки дар мавриди нафақаи байни онон ихтилофи назар вуҷуд дорад, баъзе муътақиданд чун зан аз шавҳараш (мутаваффо) ҳомила шудааст ва ҳамл аз они шавҳар аст, пас ҳаққи алимент аз таракаи вайро дорад, ки дар ояи Қуръон, ки мефармояд: «Нафақа кунед бар занҳоятон, то вақте ки фарзанд мутаваллид шавад». (сураи «Талоқ», ояти 6), истинод карда, онро дол бар вуҷуди нафақаи зани ҳомила аам аз он ки дар талоқи риҷъӣ (ҳаққи баргашти бевазан ба шавҳари аввалӣ) ё боин (бевазане, ки ҳамхоби накардааст) ё дар иддаи вафот бошанд, медонанд [29]. Аммо назари бештари фуқаҳои аҳли тасаннун бар ин аст, ки барои вай ҳаққи сукунат ва нафақа аз моли мутаваффо нест, зеро бо фавти мард «амвол мутааллиқ ба вараса мешавад ва нафақа ва сукнои ҳомила ба хотири ҳамл аст». Пас, вараса иҷбор ба пардохти алименти завҷа ба сурати ҷудо намебошанд. «Агар мутаваффо меросе ба ҷо нагузошта бошад, ворисӣ мутаваффо илзоми иҷборӣ ба пардохти нафақаи ҳамл надорад, ҳамон гуна ки баъд аз таваллуди ӯ иҷбор ба бахшиши вай нестанд» [30].

Зеро алименти хешовандон дар хати амудӣ мебошад, на дар хатти уфуқӣ. Дар натиҷа мӯҷиби барои иҷбори ворис ба пардохти алименти ҳамл дар фарзи ахир вуҷуд надорад.

**Алименти иддаи вафот аз нигоҳи Қуръон.** «Касоне, ки аз шумо фавт мекунанд ба ҳамсароне ба ҷо мегузоранд, занони онҳо бояд чаҳор моҳу даҳ рӯз идда нигаҳ доранд ва ҳар замон иддаи онон поён пазируфт, он чи онон дар бораи хеш шоиста аст, анҷом диҳанд, ба шумо ишколе нест. Худо аз корҳои шумо огоҳ аст». Ин оят баёнгари вазифаи занони бешавҳар дар нигаҳ доштани иддаи вафот мебошад. Ояти дигаре, ки он ҳам мухтаризи ҳукми ҳамаи мавзӯъ аст ва ба ояти «Метоҳ» шуҳрат дорад, дастур медиҳад, ки шавҳарон васият кунанд, ки занони онҳо пас аз марги онҳо «як сол дар хона бимонанд ва нафақаи онон тахмин шавад». Дар сураи «Бақара» ояти 234 омадааст: «Ва касоне аз шумо, ки дар остонаи марг қарор мегиранд ва ҳамсароне аз худ ба ҷо мегузоранд, барои ҳамсарони худ васият кунанд, ки то як сол онҳоро (бо пархохти ҳазинаи зиндагӣ) баҳраманд созанд ба шарти он ки (аз хонаи шавҳар) берун нараванд (иқдом ба издивоҷи муҷаддад нанамоянд), агар берун раванд (ҳаққе дар ҳазина надоранд, вале) гуноҳе бар шумо нест, нисбат ба он ки занон дар бораи худ иқдоми шоиста намоянд ва Худованд ҳаким ва тавоност [31]. Ҷойи шак нест, ки зоҳири ояти охир ҷузъе, нест ки шавҳарон (васият) кунанд, то занони онҳо дар хонаи онҳо бимонанд ва то поёни сол алимент ба онҳо дода шавад. Дар асл мутааллиқ ба васият ин аст, ки занон як соли тамом ҳаққи сукунат ва алимент аз моли шавҳар дошта бошанд [32].

**Нафақаи завҷа дар иддаи вафот дар Қонуни мадании Эрон**. Ба сабаби моддаи 956 Қонуни маданӣ бо вафот шахсияти ҳуқуқии мутаваффо (завҷ) поён мепазирад, Бинобар ин, издивоҷи вай мунҳал ва алимент, ки аз осор ва аҳкоми завҷият аст, мунтафӣ мешавад. Ба ҳамин иллат моддаи 1110 собиқ Қонуни мадании Эрон бо баҳрагирӣ аз фиқҳ занро мустаҳаққи алимент аз завҷ (мутаваффо) намедонист [33]. Дар ин хусус бархе аз муаллифон сирфан ба зикри вуҷуди ихтилофи назари фуқаҳои имомия дар мавриди пардохти алименти зани ҳомила аз ҳиссаи ҳамл иктифо намуданд [34]. Бархе дигар ба тарҳи дидгоҳҳо мубодират варзидаанд. Ҳуқуқдононе, ки дар хусуси моддаи 1110 собиқ Қонуни мадани изҳори назар намудаанд, ихтилоф доштаанд, ки оё модда итлоғ (мутлақ) аст ё на? Ба иборои дигар, баҳс бар сари ин аст, ки оё модда шомили зани ҳомила мешавад? Бархе аз олимони ҳуқуқшинос ба мутлақии модда таваҷҷуҳ карда, зани ҳомиларо низ дар иддаи вафот мустаҳаққи алимент намедонистанд. Ба ин истидлол, ки Қонуни маданӣ аз қавли машҳур дар назди уламо пайравӣ намудааст [35]. Аммо назари бархи дигар ин аст, ки ҳарчанд модда мутлақ аст, ба қавли машҳури уламои имомия зоҳиран мабнои модда аст, аммо қабул ин ки зани ҳомила дар иддаи вафот алимент надошта бошад, дур аз инсоф аст. Аз ин рӯ, бо таваҷҷуҳ ба адолати судӣ ва инсоф ва милоки моддаи 1109 Қонуни маданӣ вай мустаҳаққи нафақа аст [36]. Моддаи 1110 нозир ба зани ғайриҳомила аст ва зани ҳомилае, ки дар иддаи вафот аст, то вазъи ҳамл, ҳаққи нафақа аз таракаи шавҳарро дорад [37]. Бинобар ин, комилан равшан аст, ки манзури модда, адами истеҳқоқи завҷа аз шавҳар будааст. Моддаи 1110 Қонуни маданӣ аз 19. 08. 81 ба сурати зер тағйир ёфт: «дар аёми иддаи вафот, махориҷи зиндагии завҷа дар мутолиба аз амволи хешовандон, ки пардохти нафақа ба уҳдаи онон аст (дар сурати адами пардохт) таъмин мегардад». Барои фаҳми дарки беҳтари ин модда ба музокироти маҷлис ба назари шӯрои нигаҳбон дар таърихи тасвиби он ишора мегардад. Тарҳи ин модда дар давраи шашуми маҷлиси Шӯрои исломӣ бо имзои 78 намоянда ба маҷлис ироа гардид. Тасвиби аввалияи маҷлис дар таърихи 8.06. 81 чунин аст: «Дар аёми иддаи вафот, махориҷи зиндагии завҷа дар сурати ниёз аз саҳмулирси хешовандон, ки пардохти нафақа бар уҳдаи онҳост, таъмин хоҳад шуд». Яке аз тарроҳони ин тасвиб дар маҷлис мегӯяд: «Иттилоъ доред, ки тибқи шаръ завҷа дар аёми иддаи вафот мустаҳаққи нафақа нест, вале агар завҷа баъд аз фавти шавҳар камбағал буд ва чизе барои ҷуброни ҳазинаҳои зиндагӣ надошт, тарроҳон ин матлабро тарк карданд ва ҳайати комиссия ҳам ҳазинаҳои иддаи вафотро ба уҳдаи

хешовандони воҷибулнафақа гузоштаанд [38]. Шӯрои нигаҳбон дар хусуси ин модда дар таърихи 28.06.81 таҳти шумораи 1538/31/81 чунин назар додааст: «Чун мутобиқи мавозини шаръ наметавон нафақаро аз саҳми ирси хешовандон бидуни ризояти онон бардошт, балки онон метавонанд таъминотро аз ғайрулсаҳми ирс бипардозанд. Бинобар ин, ҳуқуқ ба таъмини алимент аз саҳми ирси хешовандон хилофи шаръ ташхис дода шудааст. Лекин агар хешовандон масуш аз пардохти алимент худдорӣ кунанд, завҷаи мутаваффо метавонад ба додгоҳ муроҷиат намояд [39].

Аксари уламои имомия муътақиданд, ки зан (ҳам ҳомила ва ҳам ғайриҳомила) дар муддати иддаи вафот мустаҳаққи нафақа аз шавҳари мутаваффояш намебошад ва ҳамин мабнои моддаи 1110 Қонуни мадании собиқ буд. Уламо дар хусуси адами таклифи мутаваффо ба пардохти нафақаи завҷа (хоҳ ҳомила ва хоҳ ғайриҳомила) дар иддаи вафот ихтилофе надоранд. Балки ихтилофи назар дар ин мебошад, ки оё ҳомила мустаҳаққи нафақа аз ҳиссаи ҳамл мешавад ё на? Ривоёт назареро тақвият мекунанд, ки зани ҳомиларо мустаҳақи нафақа аз ҳиссаи ҳамл медонанд.

Мутолиаи тасвиби моддаи ислоҳӣ дар гузоришоти маҷлис ва назарияи Шӯрои нигаҳбон ин мавзӯъро ошкор мекунад, ки қонунгузор ба баҳонае «Қонуни ислоҳи мавод аз қонуни маданӣ» ҳимоятҳои қобили таваҷҷуҳе аз ҷомеаи занони Эрон маъмул доштааст. Моддаи 1110 ислоҳ шудаи кунунӣ низ, ки дар ҳамин қонун ба тасвиб расид, таъмини махориҷи зиндагии занони бешавҳар ниёзманд дар иддаи вафотро, ки мамнӯият аз издивоҷ онҳо ба муддати чор моҳу даҳ рӯз сирфан ҷиҳати ҳифзи ҳурмати шавҳари мутаваффояшон аст, бар уҳдаи ворисӣ мутаваффо, ки ба ҳар ҳол аз вай насибе бурдаанд, қарор дод. Қонунгузор дар тасвиби аввалия ба навъе дар садад буд, ки махориҷи зиндагии завҷаро аз мероси мутаваффо таъмин намояд. Ба ҳамин далел аз вожаи «саҳмулирс» истифода намуд, ки ин мавзӯъ мавриди эроди Шӯрои нигаҳбон қарор гирифт. Назари шӯро бар ин буд, ки набояд варасаро маҷбур кард ин вазифаро сирфан аз саҳмулирси ахзшуда адо намоянд, балки онон озоданд, ки ҷиҳати таҳаққуқи ин таклиф, махориҷи зиндагии ҳамсари мутаваффоро аз саҳмулирс ё ғайрисаҳмулирс (соири амволи худ) бипардозанд.

**АДАБИЁТ**


1. Ҳиллӣ Ҳасан ибни Юсуф. Мухталиф-ул-шия. / Ҳиллӣ Ҳасан ибни Юсуф. Муассисаи Нашри исломии Қум, 1414. -Ҷ. 7. -С. 474.
2. Тусӣ Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. Истипсор/ Тусӣ Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. – Теҳрон: Дорулкитоб, 1390. -Ҷ.3. -С.346.
3. Муҳаммадҳасани Наҷафӣ Бито. Ҷавоҳир-ул калом / Муҳаммадҳасани Наҷафӣ Бито. – Бейрут: Дорулҳаё, 1393. -Ҷ.31. -С.362. 4. Муҳаммадбоқири ибни Муҳаммадтақи. Баҳоруланвор / Муҳаммадбоқири ибни Муҳаммадтақи. Маҷлиси Дувум. –Теҳрон: Беҷо, 1406. -Ҷ. 101. -С. 77.
5. Сарақси Муҳаммад. Ал-мабсуд. / Сарақси Муҳаммад.–Бейрут: Дорулфикр, 1421. -Ҷ.3. -С. 178.
6. Ибни Ғадома Абби ибни Аҳмад. Ал-метно / Ибни Ғадома Абби ибни Аҳмад. –Бейрут: Дорулҳаё, 1390. -Ҷ. 7. -С. 608.
7. Ибни Ҳизм Абии Муҳамадалӣ ибни Аҳмад. Ал-маҳаллӣ / Ибни Ҳизм Абии Муҳамадалӣ ибни Аҳмад. -Бейрут, 1352. -С. 282.
8. Алҷазоирӣ Абдурраҳмон. Ал-фиқҳ алал мазоҳиб арбаҳа/ Алҷазоирӣ Абдурраҳмон. -Бейрут, 1406. -Ҷ.4. -С. 574.
9. Келинӣ Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Яқуб. Ал-кофӣ / Келинӣ Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Яқуб. -Теҳрон: Дорулкитоб, 1407. -Ҷ.6. -С.115.
10. Тӯсӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. Таъзиб-ул-аҳком / Тӯсӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. –Теҳрон: Дорулкитоб, 1407. -Ҷ.8. -С.346.
11. Ҳури Омилӣ Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ. Васоил-ул-шиа / Ҳури Омилӣ Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ. –Қум, 1409. -Ҷ.15. -С.235.
12. Ҳумайнӣ Рӯҳулло. Таҳрир-ул-васила/ Ҳумайнӣ Рӯҳулло. -Қум Дорулилм, 1375. -Ҷ.2. -С.314.
13. Ҳурри Омилӣ Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ. Васоил-ул-шиа / Ҳурри Омилӣ Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ. –Қум: Нашри исломӣ, 1409. –Ҷ. 15. -С.235.
14. Саду Муҳаммад ибни Алии Бобӯӣ. Манлояҳзар-ал-фағи/ Саду Муҳаммад ибни Алии Бобӯӣ. – Қум: Интишороти исломӣ, 1413.-Ҷ.3. -С.510.
15. Фозили Ланкаронӣ Муҳаммад. Никоҳ. / Фозили Ланкаронӣ Муҳаммад. –Қум: Маркази фиқҳӣ, 1421. -С.583.
16. Наҷафӣ Муҳаммадҳасан. Ҷавоҳир-ул-калом / Наҷафӣ Муҳаммадҳасан. –Бейрут: Дорулҳаё, 1393. -Ҷ.31. -С. 363.
17. Хӯйӣ Абулқосим. Мубҳам-ул-риҷол / Хӯйӣ Абулқосим. –Қум: Бето, 1413. –Ҷ.2. -С.232.
18. Кулайнӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Яқуб. Кофӣ / Кулайнӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Яқуб. – Теҳрон: Дорулкитоб, 1407. -Ҷ.6. -С.115.
19. Тӯсӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. Истипсор/ Тӯсӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. – Теҳрон: Дорулкитоб, 1390. –Ҷ.3. -С.345.
20. Ҳурри Омилӣ Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ. Васоили шиа / Ҳурри Омилӣ Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ. –Қум, 1409. –Ҷ.15. -С.236.
21. Фозили Ҳиндӣ Муҳаммад ибни Ҳасан. Кашф-ул-саом / Фозили Ҳиндӣ Муҳаммад ибни Ҳасан. – Қум: Нашри исломӣ, 1420. -Ҷ.7. -С. 584.
22. Тӯсӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. Таъзиб-ул-аҳком / Тӯсӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. –Теҳрон: Дорулкитоб, 1407. –Ҷ.8. -С.152.
23. Тӯсӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. Таъзиб-ул-аҳком/ Тӯсӣ Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан. -Теҳрон: Дорулкитоб, 1407 -Ҷ.5. -С.152.
24. Шаҳиди Сонӣ Зайнуддин. Тафсири нур/ Шаҳиди Сонӣ Зайнуддин. –Қум: Исмоилиён, 1413. -С.339.
25. Наҷафӣ Муҳаммадҳасан. Ҷавоҳир-ул калом/ Наҷафӣ Муҳаммадҳасан. –Бейрут: Дорулҳаё, 1393. –Ҷ.31. -С. 327.
26. Наҷафӣ Муҳаммадҳасан. Ҷавоҳир-ул-калом/ Наҷафӣ Муҳаммадҳасан. –Бейрут: Дорулҳаё, 1393. –Ҷ. 31. -С. 327.
27. Ароки Муҳаммадалӣ. Нафақаи завҷа/ Ароки Муҳаммадалӣ. . –Қум: Роҳи ҳақ, 1413. -С.278.
28. Муғния Муҳаммадҷавод. Ал-фиқу алал мазоҳиб-ул-хамса / Муғния Муҳаммадҷавод. –Бейрут: Дороҷавод, 1421. -Ҷ.2. –С.434.
29. Муғния Муҳаммадҷавод. Ал-фиқу алал мазоҳибул хамса/ Муғния Муҳаммадҷавод. –Бейрут: Дороҷавод, 1414. -Ҷ.2. –С.238.

30. Ибни Ғадома Абд ибни Аҳмад. Ал-муғно/ Ибни Ғадома Абд ибни Аҳмад. – Бейрут: Дорулҳаё, 1390. -Ҷ.7. -С.608.
31. Макорими Шерозӣ Носир. Тафсири намуна/ Макорими Шерозӣ Носир. –Теҳрон: Дорулкитоб, 1380. -Ҷ.2. –С.212.
32. Субҳони Ҷаъфар. Тафсири саҳеҳ/ Субҳони Ҷаъфар. -Теҳрон, 1382. //Моҳномаи «Саҷод». -С.23.
33. Будоғӣ Фотима. Нақде бар қонуни ислоҳи маводе аз қонуни маданӣ/ Будоғӣ Фотима. Теҳрон, 1382. //Моҳнома. -С.23.
34. Ҷаъфарии Лангарудӣ Муҳаммадҷаъфар. Ҳуқуқи хонавода/ Ҷаъфарии Лангарудӣ Муҳаммадҷаъфар. –Теҳрон: Ганҷи дониш, 1368, -С.183.
35. Кутузиён Носир. Ҳуқуқи хонавода / Кутузиён Носир. -Теҳрон Ширкати интишор, 1371. -Ҷ.1. -С.197.
36. Имоми Ҳасан. Ҳуқуқи маданӣ / Имоми Ҳасан. -Теҳрон Исломия, 1373. -Ҷ.5. -С. 440.
37. Сафоӣ Ҳасан. Ҳуқуқи хонавода/ Сафоӣ Ҳасан. –Теҳрон: Мизон, 1386. -С.142.
38. Рӯзномаи расмӣ. Музокироти маҷлис,ҷаласаи 263,ш.16756,с-81.
39. Маҷмӯаи назароти шӯрои нигаҳбон дар мавриди тасвиботи маҷлис. Давраи 6. Маркази таҳқиқоти маҷлис. –Теҳрон: Додгустар, 1383.

## ИССЛЕДОВАНИЕ ВОПРОСОВ ПРАВА ВДОВЫ НА НАСЛЕДСТВО В ИРАНЕ

Одной из составных частей гражданского права является право наследственное. Наследственное право - один из самых древних институтов права и возникает только с появлением частной собственности. Вопрос о судьбе имущества после смерти его субъекта-хозяина имеет огромное как личное, так и общественное значение. В данной статье автором рассматриваются вопросы о правах вдовы на наследство после смерти мужа по законодательству Исламской Республики Иран.

**Ключевые слова:** наследство, наследственные отношения, нормы права, наследование, наследственное право, нормы семейного права, наследственное право.

## STUDY ON THE ISSUES OF THE RIGHTS OF THE WIDOW INHERITANCE IN IRAN

One of the components of the civil law is the right of inheritance. Inheritance law is one of the most ancient institutions of law and occurs only with the advent of private property. The question of the fate of the property after the death of his subject host is huge, both private and public significance. In this article the author considers the questions on the rights of the widow inheritance after the death of her husband on the law of the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** inheritance, inheritance relations, the rule of law, inheritance, inheritance law, family law, inheritance law.

**Сведения об авторе:** ***Бахмани Насер Ширага*** – соискатель Таджикского национального университета

# ТАОМУЛ ВА ТАЗОД МИЁНИ НИҲОДИ ШӮРОИ АМНИЯТИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ВА ДЕВОНИ КАЙФАРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ПАРТАВИ ҲУҚУҚИ КАЙФАРИИ БАЙНАЛМИЛАЛ

***Марями Шакурӣ, Бушро Муҳаммадифард***
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди улум ва таҳқиқоти Теҳрон,**
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Дамованд, Эрон**

Девони кайфарии байналмилалӣ салоҳияти расидагӣ ба муҳимтарин ҷиноятҳои байналмилалӣ, яъне наслкушӣ, ҷиноят алайҳи башарият, ҷиноятҳои ҷангӣ ва таҷовузро дорад. Иртибот миёни шӯрои амният ба унвони ҳофизи сулҳ, амнияти байналмилалӣ ва девони кайфарии байналмилалӣ ба унвони ҳофизи адолати байналмилалӣ дар мавридҳое печида мешавад, ки тасмимоти девон метавонад пайомадҳои бо хассосиятҳои сиёсии боло барои Шӯрои амният ва аъзояш дар бар дошта бошад. Дар ҳоле ки аз тарафи дигар девон, амалан, ниёзманди такя бар Шӯрои амният ба ҷиҳати тазмини муассири аҳкомаш мебошад. Бо ин ки барои давлатҳои ҳозир дар конференсияи Рим қобили қабул набуд, ки Шӯрои амният назорати сиёсӣ бар девон дошта бошад, ниҳоятан ин истидлол пазируфта шуд, ки дар мавридҳое мумкин аст расидагии девон бо қатномаи шӯрои амният дар мавриди як муқоиса дар ҳоли вуқӯъ муқобила дошта бошад. Дар чунин шароити маҳдуд аъзоёни девон пазируфтанд, ки шӯрои амният бар асоси фасли 7-уми маншури Созмони Милали Муттаҳид метавонад дархост кунад, ки шароити сулҳу амният бар иҷрои фаврии адолат муқаддам аст. Ҳамчунин дар мавридҳое чунин ба назар мерасад, ки ирҷооти шӯрои амният тавоноии дахолат дар хиттаи масъулияти қазоии девонро доро мебошад, ки ин амр метавонад муҷиби ихтилофот гардад. Дар ин мақола ба баррасии абъоди мухталифи байни девон ва шӯрои амният хоҳем пардохт.

Бе тардид ҷиҳати ҳифзи назми умумии байналмилалӣ дар робитаҳои кунунии ҷаҳон ду ниҳоди Шӯрои амнияти Созмони Милали Мутаҳҳид ва додгоҳи кайфарии байналмилалӣ бисёр таъсиргузор мебошанд.

Тибқи фасли 7-уми маншур дар сурати эҳрози таҳдид алайҳи сулҳ, нақзи сулҳ ё амали таҷовуз бар асоси моводи 41 ва 42-и маншур даст ба иқдомоти ғайринизомӣ ва низомӣ барои ҳифз ё баргашти сулҳ ва амнияти байналмилалӣ хоҳад зад. Ин дар ҳолест, ки Шӯрои амният фақат метавонист дар қолаби моддаи 39 маншури замонати иҷрои мазкурро дар муқобили кишварҳои мухталиф ба кор барад. Ҳол он ки ашхоси ҳақиқӣ, ки дар қолаби мавридҳои сарони кишварҳо буданд, бидуни муҷозот мемонданд. Ба ҷиҳати ниёзи ҷомеаи байналмилалӣ ба ниҳоди доимӣ ба манзури муҷозоти омилҳои ин тахаллуфот девони кайфарии байналмилалӣ дар охирҳои қарни XX ташкил гардид. Наҳваи иртиботи байни шӯрои амният ва девони кайфарии байналмилалӣ масъалаи муҳиммеро дар байни соҳибназарони ҳуқуқи кайфарии байналмилал ва аз тарафи намояндагони давлатҳо дар мабоҳисоти

кумитаи муқаддимотӣ таъсиси девон ва конференсияи дипломатии Рим ташкил шуд. Бархе кишварҳо тарафдори банди Д моддаи 13-и асосномаи девони кайфарии байналмилалӣ буданд, ки девони кайфарии байналмилалӣ бояд фақат замоне салоҳияташро эъмол кунад, ки он қазия аз ҷониби Шӯрои амният ирҷо шуда бошад. Ҷароки масъулияти аввалия ҳифзи сулҳ ва амнияти байналмилалӣ бо Шӯрои амният аст. Тарафдорони пешниҳоди мазкур таъкид доштанд:

Аввал ин ки, асосномаи девон бояд ба наҳве танзим шавад, ки ба таҳкими нақши шӯроҳо кӯмак кунад ва бахусус битавонад он шӯроро аз таъсиси девонҳои муваққатӣ ва ихтисосӣ бениёз созад. Шӯро дар даҳи гузашта ду бор иқдом ба ташкили девонҳои муваққатӣ барои Югославияи собиқ ва Руанда намуда ва агар ихтиёри ирҷои як вазъият ба девонро надошта бошад, боз метавонад ба ривоҷи гузашта ба таъсиси девони хосе мутавассил гардад.

Дуюм, вақте давлатҳо ба танҳоӣ ихтиёри ирҷои вазъият ба девонро дошта бошанд, далеле надорад, ки ба таври ҷамъӣ натавонанд ин корро анҷом диҳанд. Шӯрои амният ба унвони марҷаи бисёр таъсиргузор дар арсаи робитаҳои байналмилалӣ, ки аз 15 кишвар ташкил ёфта, ба тариқи аввалӣ бояд аз чунин ҳаққе бархурдор бошад.

Сеюм ин ки, Шӯрои амният сирфан як рукни сиёсӣ нест. Дар муқобил бисёре аз давлатҳо мухолифи додани чунин нақше ба Шӯрои амният буданд. Давлатҳо дар ҳимоят аз ин назар изҳор доштанд, ки аввалан эътои ихтиёроти фавқулода ба шӯрои амният ниёз ба ислоҳи маншури Созмони Милал дорад. Эътои ин ихтиёрот ба шӯро фаротар аз вазоиф ва ихтиёроте аст, ки маншур барои он пешбинӣ кардааст. Сониян, робитаи байни девон ва Созмони Милал набояд ба гунае тазмин шавад, ки истиқлол ва ҷомеияти девонро хатҷадор созад. Солисан, Шӯрои амният моҳиятан қурбони сиёсӣ аст ва тасмимоташ ба лиҳози шароиту авзоъ ва аҳволи сиёсии ҷаҳон иттихоз мешавад.

Ниҳоятан ин амр мавриди тавоқуфи кишварҳо қарор гирифт, ки шӯро ҳаққи ирҷои вазъиятеро, ки ҷароими байналмилалӣ дар он иттифоқ афтодаро ба девон дошта бошад. Ба ҷиҳати табъиини моҳияти ҳуқуқии ирҷооти шӯрои амният мебоист чандин мавзӯи мавриди баррасӣ қарор гирад. Нахуст он ки оё ихтиёри ирҷо аз ҷониби шӯро дар қолаби қоидаҳои маншур қарор гирифта ё хайр. Дар сурати ирҷои вазъият ба девон Шӯрои амният аз эъмоли моводи 41 ва 42-и маншур бениёз мегардад ё хайр. Дар посух бояд гуфт, ки шӯро дар баробари давлате, ки аз унвонҳои моддаи 39-и маншур хато намуда, сулҳу амнияти байналмилалро таҳдид намояд замонати иҷрои моводи 41-42-и маншурро эъмол мекунад. Ирҷои вазъият ба девон ба ҳеҷ ваҷҳ дар қолаби ихтиёроте, ки маншур ба шӯро дода намеғунҷад ва хориҷ аз маҳдудаи маншур аст. Ба гунае ки ҳатто эҷоди додгоҳҳои хоси Югославияи собиқ ва Руандо, ки ба навъи ирҷои вазъият аз ҷониби шӯро ба як додгоҳи кайфарии байналмилалӣ аст, хориҷ аз ҳудуди маншур талаққӣ шудааст. Зеро тавҷеҳи ҳуқуқии ташкили ин гуна додгоҳҳо тавассути шӯро бар асоси асли 7-уми маншур бидуни тардид ба лиҳози ҳуқуқи маншур як нав қонунгузорӣ ва хуруҷ аз ҳудуди салоҳиятҳои муқаррар бар ин рукн аст. Дар воқеъ асоснома ба маҳдудаи ихтиёроти шӯро ихтиёроти ҷадидеро афзудааст. Аммо ин ихтиёри ҷадид ихтиёроти пешини шӯроро дар иртибот бо эъмоли моддаи 41-42-и маншур нақз намекунад, матлаби баъдии баррасии ин мавзӯъ мебошад, ки оё ирҷои вазъият аз ҷониби шӯро як тавсеа мебошад ва ё ин ки аз қатъномаҳое, ки дорои хусусиятҳои илзомовар мебошад.

Яке аз мавридҳои таҳқиқ дар девон ирҷои вазъият аз тарафи Шӯрои амният мебошад. Пас аз ирҷо бинобар моддаи 53-и асоснома додситон ба баррасӣ ва арзёбии ирҷоот хоҳад пардохт. Аз ин рӯ, ки додситон пас аз ирҷо мулзам ба баррасӣ ва таҳқиқ мебошад. Ба ин ирҷо хусусияти илзомовар мебахшад, аммо ин ки девон мулзам ба риояти назарияҳои шӯро дар эҳрози интихоби ҷароим машмули салоҳияти худ бошад, саҳеҳ набуда ва бинобар ин, девон мустақилан дар ин маврид расидагӣ менамояд. Ин маврид дар банди 2-3-и моддаи 53 пешбинӣ шудааст. Агар додситон дар ҷараёни расидагӣ ба ин натиҷа бирасад, ки ба ҷиҳатҳои зер далелҳои кофӣ барои идомаи таҳқиқ вуҷуд надорад:

а) аз назари ҳуқуқӣ ва ё аз назари воқеияти мавҷуд мабное барои дархости судури эҳзория ва ё муҷавизи дастгирӣ вуҷуд надорад;

б) мавриди машмули моддаи 17-и ин асоснома набуда ва натиҷа қобили расидагӣ нест;

в) расидагӣ ба мавзӯъ аз лиҳози куллияи ҷонибҳои амр аз ҷумла аҳамияти ҷурми иртикобӣ ва манфиатҳои муҷнӣ алайҳи син ва нотавонии мутаҳаммин ва нақши онон дар иртикоби ҷурм иддаое дар ростои иҷрои адолат нест. Он гоҳ вай мувazzаф аст, ки ҳар се маврид шуъбаи муқаддимотӣ ва ё давлати ирҷодиҳандаи қазия ва ё Шӯрои амниятро аз тасмими худ ва низ ҷиҳатҳои тавҷеҳии он огоҳ намояд.

**Мафҳуми аслии салоҳияти такмилӣ нисбат ба ирҷооти Шӯрои амният.** Бар асоси моддаи 17-1 бо таваҷҷуҳ ба банди 4-и муқаддима ва моддаи 1-и девон тасмим хоҳад гирифт, ки дар мавридҳои зер мавзӯи ғайриқобили расидагӣ аст:

а) Он мавзӯъ тавассути давлате, ки бар он салоҳият дорад дар дасти таҳқиқ ё тарғиб аст. Магар он ки он давлат ҳақиқатан моил ё қодир ба иҷрои таҳқиқ ё тарғиб набошад;

б) дар мавриди он мавзӯъ тавассути давлате, ки бар он салоҳият дорад, таҳқиқ ба амал омада, он давлат тасмим гирифтааст, ки шахси мавриди назарро таҳти пайгард қарор надиҳад, магар он ки он тасмим ношӣ аз адами тамоюл ё адами тавоноии он давлат бар пайгард бошад.

в) шахси мавриди назар қаблан ба хотири рафторе, ки мавзӯи шикоят аст, муҳокима шудааст ва муҳокима тавассути девон ба муҷиби банди 3-и моддаи 20 муҷоз нест;

г) мавзӯъ аз чунон аҳамияте, ки иқдоми дигаре аз тарафи девонро тавҷеҳ кунад бархурдор нест. Дар ин модда монеаҳо ва меъёрҳои қобилияти пазириши даъво ба таври куллӣ ва мутлақ пешбинӣ шуда, ҳолати ирҷои Шӯрои амният дар ин модда аз вазъияти хосе бархурдор нест. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки ба таври саҳеҳ ва равшан эъмоли муқаррарот қобилияти пазириши даъво дар мавриди вазъиятҳои ирҷоӣ аз тарафи Шӯрои амният дар муқаррароти асосномa пешбинӣ нашудааст, сабаб гардида, ки муҷиботи ихтилофи назар дар мавриди эъмол ва ё адами эъмоли ин муқаррарот фароҳам шавад.

Бархе муътақиданд, ки асли салоҳияти такмилӣ ва меъёрҳои қобилияти пазириш нисбат ба вазъиятҳое, ки тавассути Шӯрои амният ирҷо дода мешавад, тасреҳ пайдо накарда, эъмол намешавад. Ин даста аз соҳибназарон ба муқаррароти моддаи 18-и асосномаи девон истиноб мекунанд, ки ба муҷиби он додситон ба ҳолати ирҷои шӯро таклифи ҷиҳати эъмоли маротиб ба давлатҳои салоҳиятдори маҳаллӣ надорад. Инон муқаррароти мазкурро ба суртаи талвеҳӣ далели адами эъмоли муқаррароти қобилияти пазириши даъво дар мавриди вазъиятҳои ирҷоӣ аз тарафи Шӯрои амният, Созмони Милал маҳсуб мекунанд.

Аммо ба эътиқоди мухолифон ҳамон тавре ки зикр шуд, муқаррароти моддаи 17 ва 19 мутлақ мебошад. Бинобар моддаи 19-1 девон бояд итминон ҳосил кунад, ки нисбат ба мавзӯе ки ба ӯ арза шудааст, салоҳият дорад. Девон метавонад шахсан нисбат ба қобили пазириш будани мавзӯе бар тибқи моддаи 17 тасмим бигирад.

Ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба моддаи 53-1-и асосномa додситон барои эҳрози ин ки далелҳои қонеъкунандае барои иқдом дар мавриди як мавзӯи хос вуҷуд дорад ё не. Бояд таҳқиқоте анҷом диҳад ва ниҳоятан тасмим бигирад, ки он мавзӯъ қобили пазириш ҳаст ё не. Ин модда ишорае ба марҷаҳои ирҷодиҳандаи мавзӯъ накарда, ба сурати мутлақ баён гардидааст. Дар натиҷа тафовуте надорад, ки як давлат узви тақозои шурури расидагӣ карда бошад ё додситон худ таҳқиқотро оғоз намуда ва ё шӯрои амният ирҷодиҳандаи вазъият бошад. Аз тарафи дигар, банди 2-и моддаи 53 гуфтаҳои назари болост. Чароки агар додситон дар ҷараёни расидагӣ ба ин натиҷа бирасад, ки мавриди машмули моддаи 17-и асосномa набуда, дар натиҷа қобили расидагӣ дар девон намебошад, мувазаф аст асли маврид шуъбаи муқаддимотӣ ва ё давлати ирҷодиҳандаи вазъият ё Шӯрои амниятро аз тасмими худ ва низ ҷиҳатҳои тавҷеҳии он муталеъ намояд.

**Таълиқи таҳқиқ ё таъқиб аз тарафи Шӯрои амният, яъне WETO-и муваққат.** Дар мавридҳое Шӯрои амният тасмим мегирад, ки дастёбӣ ба сулҳ ва амният мусталзами адами таҳқиқ ва таъқиби ашхос тавассути девон мебошад. Ба муҷиби матни аввалияи девон аз таъқиби ҳар парвандае, ки Шӯрои амният онро ба муҷиби фасли 7-и маншур таҳдиде алайҳи сулҳ ё нақзи сулҳ ва ё феъли таҷовузкорона талаққӣ кунад мамнӯъ буда, магар он ки Шӯрои амният ба наҳви дигаре тасмим бигирад. Ин муқаррарот ба як кишвари узви Шӯрои амният иҷозат медод то бо қарор додани мавзӯъ дар дастури кор монеае амали таъқиб шавад. Чизе ки танҳо метавонист бо тасмими худ шӯроро мулқо шавад ва як тасмими худ шӯро низ метавонист дар ҳар замон тавассути яке аз панҷ узви доим бо эъмоли ҳаққи WETO нигоҳ дошта шавад. Ин пешниҳоди комиссияи ҳуқуқи байналмилал ба далели мудохила дар истиқлол ва бетарафии девон бо интиқодоти шадиде мувоҷеҳа шуд. Ниҳоятан пас аз мабҳасҳои фаровон ихтиёри таълиқи таҳқиқот ва таъқиботи девон бо маҳдудиятҳои тахти моддаи 16-и асосномa ба Шӯрои амният дода шуд.

**Нақши Шӯрои амният дар эъмоли муҷозоти зиндон.** Танҳо роҳе, ки Шӯрои анмият метавонад бар тасмими девон таъсир бигузорад, ин аст ки тааҳҳудеро бар кишварҳо таҳмил кунад, ки мувофиқи тааҳҳудоташон бар пояи асосномa нест ва ба ин тартиб тасмими девонро дар як мавриди хос бенатиҷа кунад. Ин амр чандон дур аз зеҳн набуда, худро дар марҳалаи эъмоли муҷозоти зиндон ба хубӣ нишон медиҳад. Чароки эъмоли муҷозот дар охирин марҳила ба мушорикати кишварҳо вобастагии бисёре дорад. Чунин тасмимоте аз тарафи шӯро чолиши бузург эҷод хоҳад кард ва иқтидори девонро зери суол хоҳад кард.

**Ҳамкории девон ва Шӯрои амният.** Гузашта аз таноқузоти мавҷуд байни нақши девони кайфарии байналмилалӣ ва Шӯрои амнияти Созмони Милали Мутаҳҳид миёни ду ниҳоди мазкур дар мавридҳое низ иртиботи танготанг буда, ин иртибот дар ҷиҳати ҳамкорӣ ва тақвияти нақши якдигар мебошад. Бинобар моддаи 15-2-и асосномаи девон додситон дар ростои таҳқиқ ва таъқиби байналмилалӣ метавонад иттилооти изофиро аз шӯрои амният, ки яке аз аркони Созмони Миллал мебошад, касб намояд.

Нақши Шӯрои амният мунҳасир ба ирҷооти он ба девони кайфарии байналмилалӣ нест, балки метавонад дар мавридҳое ҳатто тасмимоти девонро илзомовар намуда, аҳроми фишорӣ бошад. Ҳам бар давлатҳои узв ва ҳам ғайриузв. Ин мавзӯъ боиси тақвияти ҳамкорӣ байни ин ду ниҳоди таъсиргузор дар арсаи байналмилалӣ буд. Аммо дар мавриде Шӯрои амният ба лиҳози бархурдорӣ аз ихтиёроти васеи сиёсӣ тавоноии таъсиргузорӣ бар тасмимоти девонро дорад, ки ин амр муҷиб ба таноқузоти байни адолат ва амнияти байналмилалӣ хоҳад шуд. Агарчи Шӯрои амният як маҷмӯаи сисёсӣ бо ихтиёроти сиёсӣ аст, валекин бо таваҷҷуҳ ба ин ки асли салоҳияти такмилии девон ва меъёрҳои қобилияти пазириши даъво дар зумраи хасисаҳои зотии девон мебошанд, Шӯрои амният ҳангоме ки бо эъмоли

ихтиёроти худ тибқи асоснома мубодират менамоянд, бояд ба мантиқи системаи қазоии девон, ки бо асоснома ва дигар аснoди зерработ эҷод шуда, мунтазам талаққӣ гардад. Дар натиҷа асли салоҳияти такмилӣ ва қобилияти пазириш бояд дар мавриди ирҷооти банди Д моддаи 13 низ эъмол гардад. Бинобар ин, дар ҷое ки риояти ташрифот қобилияти пазириш дар мавриди парвандаҳои хос зарурӣ мебошад, дар сурате ки Шӯрои амният вазъиятеро ба сурати куллӣ ирҷо менамояд, ин амр заруритар ҷилва менамояд. Бадеҳист, ки баъзе аз ҷурмҳои воқеъшуда дар як вазъият қобили пазириш бошанд ва бархе дигар, қобилияти пазириш надошта бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. A. Schabas William. “Complementarity in Practice: Some Uncomplementarity Thoughts”, Criminal Law Forum (2008) 19: 5-33.
2. A. Williams Sharon. “Commentary About Article 17, Issue of Admissibility”, Triffterer(ed.)otto, Commentary on the Rome Statute of the International Criminal Court, Observers ’Notes’Article by Article Astria’ Baden-Baden 1999.
3. Bassiouni M. Cherif. “Introduction to International Criminal Law”, 518(2003).
4. Burke-White William. Proactive Complementarity: The International Criminal Court and National Courts in the Rome System of Justice, University of Pennsylvania Law School, Public Law and Legal Theory Research Paper No. 07-08.
5. Burke-White William. 18 Implementing a Policy of Positive Complementarity in the Rome System of Justice, 18 Crim. L. Forum (2007).
6. El Zeidy Mohamed. ”The Principle of Complementarity: A New Machinery to Implement International Criminal Law”, 23 MICH. J. INT'L L. (2002).
7. Heller Jon Kevin. ”The Shadow Side of Complementarity: The Effect of Article 17 of the Rome Statute on National Due Process”, 17 CRIM. L.F. 255, 2006.
8. Kleffner Jann. “The Impact of Complementarity on National Implementation of Substantive International Criminal Law, 1 Journal of INT’L CRIM Justice. Oxford University Press(2003).
9. Ola´ solo, He´ Ctor. ”The Triggering Procedure of the International Criminal Court, Procedural Treatment of the Principle of Complementarity, and the Role of the Prosecutor”, 5 Int’l Crim. L. Rev. 121 (2005).
10. S. Ellis Mark. “The International Criminal Court and Its Implication for Domestic Law and National Capacity Building”, 15 FLA. J. INT’L L. 215, 241 (2002).
11. Sewall Sarah, Kaysen Carl. “The United States and the International Criminal Court: The Choices Ahead”, Am. Acad. Of Arts & Sci., 2002.
12. S. McNeal Gregory. ICC Inability Determinations In Light Of The Dujail Case, Pennsylvania University 2007.
13. Yang Lijun. “On the Principle of Complementarity in the Rome Statute of the International Criminal Court”, Published by Oxford University Press, 2005.


**ТЕНДЕНЦИИ И ПРОТИВОРЕЧИЯ МЕЖДУ СОВЕТОМ БЕЗОПАСНОСТИ ООН И МЕЖДУНАРОДНЫМ СУДОМ ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В ПРИНЯТИИ РЕШЕНИЙ С УЧЕТОМ МЕЖДУНАРОДНОГО УГОЛОВНОГО ПРАВА**


Уголовное право является предметом постоянного общественного внимания и определяется установками самых различных центров власти и влияния. В данной статье авторами подвергнуты изучению и рассмотрению тенденции и противоречия между Советом безопасности ООН и Международным судом по правам человека в принятии решений с учетом Международного уголовного права.



Ключевые слова: уголовное право, потерпевшие и правонарушители, тенденции развития уголовного права, соотношения декларируемых целей и реальных тенденций уголовного права, формирование видов наказания и санкции за конкретные преступления, противоречия уголовного закона.


**TENDENCIES AND CONTRADICTIONS BETWEEN THE UN SECURITY COUNCIL AND INTERNATIONAL COURT OF HUMAN RIGHTS IN DECISION-MAKING WITH REGARD TO INTERNATIONAL CRIMINAL LAW**


***Maryam Shakoori, Boshra Mohammadifard***

**Department of Law, Science and Research Branch, Islamic Azad University, Tehran, Iran**

**Department of Law, Damavand Branch, Islamic Azad University, Damavand, Iran**



Criminal law is the subject of constant public attention and is determined by the settings of various centers of power and influence. In this article the authors subjected to study and discuss the tendencies and contradictions between the UN security Council and International court of human rights in decision-making with regard to International criminal law.



**Key words:** criminal law, victims and offenders, development trends of criminal law, the ratio of the declared purposes and actual trends of criminal law, forming types of punishment and sanctions for specific crimes, the contradictions of the criminal law.



**Сведения об авторах:** ***Марям Шакури*** – соискатель Свободного исламского университета городаТегеран, ***Бушро Мухаммадифард*** – преподаватель Свободного исламского университета города Дамованд, ИРИ


# МУТОЛИАИ ТАТБИҚИИ УНСУРИ ЗАРАР ДАР ҶУРМИ ҶАЪЛ ДАР ҲУҚУҚИ КАЙФАРИИ ЭРОН ВА МИСР


***Наргиси Қосимифар, Фотимаи Фалоҳнажод***

**Коршиносии аршади ҳуқуқи ҷазо ва ҷурмшиносӣ,**

**Донишгоҳи Паёми Нури вилояти Теҳрон, Эрон**


Истеҳкоми робитаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ дар ҳама ҷомеаҳо манут ба он аст, ки афроди ҷомеа битавонанд ба сиҳат ва саломати навиштаҳо ва асноде, ки барои ҳадафҳои гуногун байни онҳо раду бадал шуда ва мавриди истиноб қарор мегиранд, итминон дошта бошанд. Чароки аснод ва навиштаҷот таҷаллии ирода ва хости афрод ва муҳтавои он бар асоси ишоаи ирода ва қасди ашхос мебошад. Ҷурми ҷаъл ва тазвир яке аз ҷурмҳо алайҳи осоиши умумӣ талаққӣ мешавад, ки нишонгари

таваҷҷуҳ ба абъоди ғайримолии он, яъне салби эътимоди умумӣ мебошад. Ин мақола бо рӯйкарди татбиқӣ, ҷойгоҳ ва аҳамияти унсури зарар дар ҷурми ҷаъл пардохтааст. Равиши таҳқиқ дар ин навиштор равиши тавсифии таҳлилӣ аст ва бо таваҷҷуҳ ба абзорҳои назири китобҳо ва шабакаи ҷаҳонӣ сурат пазируфтааст.

Натиҷаи ҳосил аз навиштор ҳокӣ аз он аст, ки дар қонунҳои кайфарии Эрон ва Мис ҷурми ҷаъли финафсӣ, ба таври мустамар дорои зарар аст. Лекин қонунгузор дар бархе мавридҳо марбут ба ин ҷурм бо овардани ибораҳое, ҳамчун илова бар ҷуброни хисорати ворида ё муҷиби зарари шахси солисе шавад, ба таври хос ба масъалаи зарар ишора кардааст.

Ҷурми ҷаъл дар асри кунунӣ яке аз масоили муҳим дар ҳуқуқи кайфарӣ аст, зеро дар робитаҳои рӯзонаи мардум шомили робитаҳои молӣ ва ғайримолӣ ба ҳар кайфият теъдоди бешумори навиштаҳо ва аснод ба анвои мухталиф мубодила мешавад, ки қисматҳои он бояд риоят гардад. Бидуни тардид, дар сурате ки аснод ва навиштаҳои давлатӣ ё расмӣ ва ё тиҷорӣ ба ҳар тарике, хоҳ ба сурати куллӣ ё ҷузъӣ дастхуши тасарруф ва тақаллуб қарор гирад, муҷиботи ихлол дар робитаҳои иҷтимоиро фароҳам оварда, боиси салби осоиши умумӣ ва низ сабаби эроди зарар ва зиён шомили моддӣ ё маънавӣ хоҳад шуд.

Аз сӯйи дигар, густариши рӯзафзуни технологияҳои пешрафта ва фановариҳои навин дар робитаҳои гуногун низ тасаррӣ ёфта, имкони таҳаққуқи ҷурмҳои муҳим дар ин робита монанди ҷаъли компютерӣ ва кулоҳбардории компютериро низ бояд дар назар дошт, ки метавонад осор ва пайомадҳои ҳуқуқии кайфарӣ ба маротиб шадидтаре дошта бошад, ки муҷиботи изрор ба фард ё ҷомеаро фароҳам хоҳад кард.

Он чи мусаллам аст, фалсафаи ҷурмингории ҷаъл ҳам барои ҳимоят аз асноду навиштаҷот ва ҳам барои ҳифзи манфиатҳои ашхос будааст. Аҳамияти ҳифзи эътимоди умумӣ дар чигунагии танзими аснод ба ҳадде муҳим аст, ки дар бархе кишварҳо, ҳатто, агар иқдоми муҷримона бо воқеият мунтабиқ бошад, боз ҷанбаи кайфарии он аз даст намеравад. Дар асри ҳозир назар ба аҳамияти унсури зарар дар ҷурм ҷаъл саъй шудааст, то ҷойгоҳи унсури зарар дар базеҳи ҷаъл дар кишварамон Эрон ва аз дидгоҳи татбиқӣ дар Миср мадди назар қарор гирифта, осор ва пайомадҳои он баррасӣ гардад. Дар идома мавзӯоти қобилияти изрор ва ҷаъл дар асноди ботил ба унвони мабҳасҳои муртабит хоҳад омад.

**Куллиёти ҷаъл дар ҳуқуқи кайфарии Эрон ва Миср.** Қонуни муҷозоти исломии Эрон дар хусуси ҷаъл ва тазвир таърифи хосе ироа накарда, танҳо ба шумориши шеваҳои гуногуни иртикоби он, зикри анвои мухталифи он ва саранҷом, мизони муҷозот иктифо намудаанд. Бидуни он ки аркони лозим барои таҳаққуқи ҷурми ҷаълро мавриди ишора қарор дода бошанд, шоиста аст бигӯем, ки ҷаъл иборат аст аз қалби мутақолибонаи ҳақиқат ба қасди изрор ва ғайр ба гунае, ки қобилияти интисоби дигареро дошта бошад. Бинобар ин, аркони омада дар ин таъриф иборатанд аз:

1. Вуҷуди як навишта ё шайъи дигар барои қалби ҳақиқат лозим аст.
2. Қалби ҳақиқат сурат бигирад.
3. Иртикоби ҷалб ба яке аз суратҳои мудавван дар қонун бошад.
4. Хисорати ворид шуда бошад ё қобилияти изрор вуҷуд дошта бошад.

Моддаи 523-и қонуни муҷозоти исломии Эрон ба зикри масодиқи қонунии базеҳи ҷаъл пардохтааст. Ҳарчанд ки ин масодиқ тасреъ набуда, танҳо ҷанбаи тамсилӣ дорад, иборат ва назоири инҳоро дар зери моддаи ин мафҳум ба хубӣ нишон медиҳад. Ин модда ҳам дарбардорандаи ҷаъли моддӣ ва ҳам ҷаъли маънавӣ аст. Аммо бештари рӯйкарди он дар ҷиҳати ҷаъли моддӣ аст. Дар қонуни ҷазои Миср, ки тахти унвони Қонуни ақубот мебошад, тазвири иқдом ба анҷом ё иттихози ҳар шевае итлоқ мешавад, ки ба воситаи он дигареро бифиребад. Ба ин тартиб, қонун сарфи дуруғгӯиро мавриди таъқиб қарор намедиҳад. Чунончи аъмолеро, ки дар ҷиҳати фиреби дигаре анҷом мешавад, қобили таъқиб намедонад, балки бархе аз аъмоли муайяне аз ин дастаро мавриди расидагии кайфарӣ ва сидқи унвони маҳрамона медонад, ки аз анҷоми он зарар ва хисорате ҳосил гардад. Лозим ба зикр аст, ки қонуни муҷозоти Миср таърифе аз ҷаъл дар аснод ва навиштаҷот ироа надода, балки ҳаммонанди Қонуни муҷозоти исломӣ дар Эрон танҳо ба баёни масодиқи он ишора кардааст. Бинобар ин, ба назари қонуни ҷазои Миср ва қозиёти додгоҳҳо ин амр як нуқсон маҳсуб шуда, бояд дар садади рафъи онҳо баромад. Аҳкоми содира аз сӯи маҳоким дар Миср ва назароти олимони ҳуқуқ барои ҷаъл ва тазвир дар аснод ва навиштаҷот се рукн дар назар гирифтааст:

1. Тағйири ҳақиқат дар навишта ё санад.
2. Эҷоди зарар ё эҳтимоли вуруди зарар ба воситаи ин тағйир.
3. Сӯйи нияти ҷиноӣ.

Қонунгузории мисрӣ дар моддаи 179-и Қонуни ҷазои Миср ба иртикоби базеҳи ҷаъли моддӣ аз сӯйи кормандон ва масъулини давлатӣ дар аснод ва варақаҳои ҳукуматӣ ва давлатӣ ишора дорад.

Дар ҳоле ки моддаи 180-и қонуни мазкур ба ҷаъли моддии иртикобе аз сӯйи афроди оддӣ дар варақаҳо ва асноди давлатӣ мепардозад.

Моддаи 183-и қонуни мавсуф низ аснод ва навиштаҷоти ғайрирасмиро мадди назар қарор додааст. Моддаи 179-и қонуни Миср масодиқи ҷаъли модиро ин гуна бармешуморад:

1. Сохтани имзо ё муҳр ба сурати мутақалибона.
2. Тағйир ва таъриф дар навиштаҷот ва аснод, ё муҳру имзо ё изофа намудани калимот.

3. Зикри асомии ашхоси дигар ба сурати мутақалибона.
4. Тақлид дар навишта ё санад.
5. Сохтани навишта ё санад ва нисбат додани он ба дигаре.

Бо диққати назар дар мабонии боло ба назар мерасад, ки барои вуқӯи ҷаъл дар ҳуқуқи Миср сирфи тағйири ҳақиқат бо яке аз масодиқи омада дар қонун кофӣ намебошад, балки боиси дар ин тағйир ҳақиқати зарурӣ мутарақиб шавад ё имкони вуруди зарар ба дигаре вуҷуд дошта бошад. Ба ибораи дигар, ё бояд зарари билфеъл муҳаққиқ шавад ё ба сурати билқувва, яъне қобилияти изрор дошта бошад.

**Ҷойгоҳи зарар дар базеҳи ҷаъл аз дидгоҳи ҳуқуқи Эрон.** Иддае аз ҳуқуқдонони эронӣ зарарро ҷузъе аз рукни моддии базеҳи ҷаъл медонанд ва мегӯянд, ки дар ағлаби ҷурмҳо зарар ба ҳамроҳи рукни моддӣ таъйин шудааст. Ба ибораи дигар, бо таквини унсури моддии зарар низ ҳосил мешавад ва дарвоқеъ зарар натиҷаи ҷурм маҳсуб мешавад. Бархе ба ин назар муътақиданд, ки манзури қонунгузор аз мубориза бо ҷаъл пешгирӣ аз тазалзули эътимоди умумӣ дар қиболи онҳост ва ин амр ҷанбаи моддӣ дорад ва сирфан ба қасд ва ният муртакиб намешавад. Иддаи дигар бар ин боваранд, ки зарар ҷузъе аз рукни маънавии ҷурми ҷалъи тазвир мебошад ва иқдоми олимонаи омидонаи шахс лозим аст ва қасди муртакиб низ бояд эҳроз шавад. Лизо, таҳаққуқи унсури равонии базеҳи ҷаъл ва тазвир илова бар амди муртакиби нозир ба илм ва огоҳии ӯ ба номашрӯъ будани таҳрифе, ки дар санад ё навишта ё соири ашё матраҳ дар қонун ба амал меояд, ниёз дорад. Лизо, мусталзами он аст, ки таҳриф ҳақиқати мағрум ба амди хоси муайяни таҳаққуқи зарар ё имкони изрори моддӣ ё маънавии шахсе ба дигаре ё ҷомеа низ бошад.

Гурӯҳи дигар зарарро ба унвони як унсури изофӣ ва ҷудогона дар таҳаққуқи ҷаъл ва тазвир медонанд. Бо ин тавсиф ки ин унсур аз соири аносир муҳимтар ва аз лиҳози ташхис ва таъйин аз ҳама мушкилтар аст. Зеро вуҷуди ин унсур шарти аввалияи таҳаққуқи соири унсурҳо ва маъмулан ҳадафи аслии ҷоил аст.

Аммо дар ин миён ҳарчанд ҷаъле қобили таъқиб аст, ки зарари моддӣ ё маънавӣ барои ашхос ва ё ҷомеа дошта бошад, лекин ба назари мо зарар як унсури изофии ташкилдиҳандаи ҷурми ҷаъл нест. Ба ибораи дигар, зарар ба таври мутлақ ва фақат дар ҷурми ҷаъл матраҳ намебошад, балки зарар ба унвони яке аз аҷзои ташкилдиҳандаи рукни моддии ҷурм ва ба унвони натиҷаи рукни моддӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳар ҳол бояд донист, ки зарари билқувва ба унвони ҳадди ақали зарар дар аснод ба унвони натиҷаи муҷримона қаламдод мешавад ва пазируфтани он тавассути аксари ҳуқуқдонон ношӣ аз арзиши ҳуқуқии он аст ва вақте сухан аз зарар ба миён меояд, набояд сирфан фаъолияти зарар тадовӣ шавад, балки қобилияти изрор, ки воҷиди арзиши қазоист, худ марҳилае аз зарар аст, ки ҳамвора ба унвони аввалия ва ҳадди ақал зарари мумкин дар базеҳи ҷаъл бояд мадди назар қарор гирад. Ихлол дар назми умумӣ ва қобилияти изрор дар ҳудуди моддии он нисбатан саҳл аст. Аммо тавзеҳ ва табйини қобилияти зарари маънавӣ дар ашхос ва хусусан дар ҷомеа нуктаи муҳим ва асосӣ мебошад ва лузуми баррасӣ дар он беш аз пеш мушоҳида мешавад. Ихлол дар назми умумӣ мунтасаб ба ҷурмҳо дар баъзе мавқеъҳо эътиборӣ аст. Дар ҳақиқат ҳамчун таҳти унвони ахлоқ дар назми умумӣ мавриди таваҷҷуҳи қонунгузор аст, на танҳо натиҷаи ҳосила аз таҳқиқи ҷаъл буда, балки мунтасаб ба ҳамаи ҷурмҳо мебошад ва вобаста аз он ки иртикоби ҷурм сабаби ихлол дар назми умумӣ бошад ё набошад, ин фарз собит ва қатъӣ талаққӣ шудааст.

**Ҷойгоҳи зарар дар ҷаъл аз дидгоҳи ҳуқуқи Миср.** Дар ин хусус ки оё зарар ба унвони рукни хос аз ҷаълу тазвир бошад ё ин ки сирфан яке аз шароити аркони моддӣ аст, байни ҳуқуқдонон ва соҳибназарони мисрӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Иддае зарарро ба унвони як шарт аз рукни моддии ҷаъл, яъне тағйири ҳақиқат дар назар мегиранд, дар ҳоле ки иддаи дигар онро ба сурати ҷудогона ҷузъи аркони хоси ҷаъл дониста, барои он нисбат ба рукни моддӣ истиқлол қоиланд. Бо вуҷуди ин ихтилоф ҳамаи онҳо бар ин амр, ки вуҷуди зарар барои таҳаққуқи ҷаъл зарурист, иттифоқи назар доранд. Ба назари аксарияти ҳуқуқдонони мисрӣ бинобар ин ки аз базеҳи ҷаъл зараре ҳодис шавад, тафовуте дар навъи зарар вуҷуд надорад, хоҳ зарар моддӣ ё маънавӣ бошад. Билфеъл ё мутаҳаммил бошад аз сӯйи дигар дар ин хусус лозим нест зарар ҳатман бар як фард ворид шавад, балки мумкин аст зарар иҷтимоӣ буда, назми умумӣ ва амнияти иҷтимоии ҷомеаро мавриди осеб қарор диҳад.

Яке аз бахшҳои додгоҳи таҷдиди назари Миср зимни баршумории шурути аслии таҳаққуқи ҷаъл шарти сеюмро эҳтимоли зарар расонидан ба дигар баён намуда, муқаррар медорад хоҳ зарар ба сурати билфеъл ҳосил шавад ё усулан билфеъл набошад, тафовут дар таҳаққуқи ҷаъл надорад, балки дар ҳарду сурат ин ҷурм таҳаққуқ меёбад. Ҳатто ин ки зарари моддӣ сирфи шарт намебошад, балки зарар ба сурати моддӣ ё маънавӣ ё ба сурати тавъам эҷод шавад.

Ҳамон гуна ки донистем, мутобиқи ҳуқуқи кайфарии Эрон ва Миср аз ҷумла шурӯъ ба таҳаққуқи ҷаъл эҷоди зарар ё қобилияти изрор мебошад, ба гунае ки ҳар гоҳ ин шарт муҳаққиқ нашавад, ҷаъл ва тазвир низ вуқӯъ намеёбад. Анвои зарар дар ҷурми ҷаъл дар ду ҳолати моддӣ ва маънавӣ хориҷ нест ва мутазаррар ё фард аст ё ҷомеа. Мақсуд аз зарар дар базеҳи ҷаъл фароянде ст, ки маҳдуд шудани санади асил шурӯъ ва бо таквини зарари билқувва ё билфеъл поён ёбад. Зарари билқувва аз он ҷо ки сабаб ва маншаи феълияти зарар қарор мегирад худ воҷиди бори ҳуқуқӣ буда, ба унвони ҳадди ақали зарар қобили таваҷҷуҳ аст. Аз ин рӯ, бо бурузи ҳадди ақали натиҷаи лозим дар таҳаққуқи ҷаъл ихлол дар назми умумӣ таҳаққуқ ёфта, ҷурми ҷаъл комил мешавад.

**АДАБИЁТ**
1. Алии Озмоиш. Ҳуқуқи кайфарии ихтисосӣ / Алии Озмоиш. Донишгоҳи Теҳрон, 1376.
2. Алии Наҷафии Тавоно. Ҳуқуқи ҷазои татбиқӣ / Алии Наҷафии Тавоно. Донишгоҳи улуми таҳқиқотии Теҳрон, 1387.
3. Муҳаммади Сулаймонпур. Ҷаъли аснод дар ҳуқуқи Эрон / Муҳаммади Сулаймонпур. –Теҳрон: Ганҷи дониш, 1341.
4. Муҳаммади Валидӣ. Ҳуқуқи ҷазои ихтисосӣ / Муҳаммади Валидӣ. –Теҳрон: Вожа, 1371.
5. Ҳасани Имомӣ. Ҳуқуқи маданӣ / Ҳасани Имомӣ. –Теҳрон: Исломия, 1377.
6. Амри Сипаҳванд. Таъзироти исломӣ / Амри Сипаҳванд. –Теҳрон, 1377.
7. [Захираи электронӣ] www/alazhar.org.15
8. [Захираи электронӣ] www/cgie.orh.16

**ИЗУЧЕНИЕ И РАССМОТРЕНИЕ НАНЕСЕНИЯ УЩЕРБА ПОСРЕДСТВОМ ПОДЛОГА ДОКУМЕНТОВ В УГОЛОВНОМ КОДЕКСЕ ИРАНА И ЕГИПТА**

В современных условиях правового регулирования субъектам часто приходится иметь дело с официальными документами, которые обеспечивают нормальную работу органов государственной власти и управления. Подлог документов представляет собой распространенное общественно опасное деяние. Данное понятие охватывает преступления, сущность которых заключается в фальсификации официальных документов или иных предметных носителей информации. Подлог документов также структурно входит в ряд законодательно определенных деяний, выступая в качестве способа совершения преступления, конституционного признака преступных действий. В данной статье автор рассматривает данный вид престкпления по уголовному законодательству Исламской Республики Иран и Египта.

**Ключевые слова:** подделка документов, опасное деяние, использование поддельных официальных документов, средство совершения опасных преступлений.

**EXAMINATION AND CONSIDERATION OF CAUSING DAMAGE BY MEANS OF FORGERY OF DOCUMENTS IN THE PENAL CODE OF IRAN-EGYPT**

In modern conditions of legal regulation of subjects often have to deal with the official documents, which ensure the normal functioning of state power and administration. Document fraud is a common socially dangerous act. This concept covers a crime, the essence of which is the falsification of official documents or other subject of media. Forgery of documents is also a structural part of a number of legislative acts, speaking as a way of committing a crime, the constitutional characteristic of criminal acts. In this article the author considers this type of престкпления under the criminal law of the Islamic Republic of Iran and Egypt.

**Key words:** forgery of documents, dangerous act, the use of forged official documents, means of committing dangerous crimes.

**Сведения об авторе:** ***Наргис Ќосимифар -*** магистрант юридического отделения Университета Паёми Нур города Тегеран, Иран
***Фотима Фалохнажод*** – член научно-преподавательского состава Университета Паёми Нур города Тегеран

# РӮЙКАРДЕ БАР НИГАҲДОРИИ ТИФЛОН ВА НАВҶАВОНОН ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНИИ ЭРОН, ФАРОНСА ВА ШВЕТСИЯ

***Рӯъё Фарзинрод***
**Донишгоҳи улуми интизомӣ, гурӯҳи маорифи исломӣ, Эрон**

Нигаҳдорӣ иборат аз сарпарастӣ ва тарбияти тифл аст ва аз дидгоҳи фақеҳони исломӣ ва низ қонуни мадании Эрон ҳарду ҷанбаи ҷисмӣ ва рӯҳии кӯдак мавриди таваҷҷуҳи қонунгузор қарор гирифтааст ва муҳимтарин масъала дар баҳси нигаҳдории ҳифзи маслиҳати тифл дар шароит ва мавкеиятҳои мухталиф аст, ки битавон ниёзмандиҳои отифӣ, ҷисмӣ ва ахлоқии тифлро ҳадалимкон бароварда сохт. Дар ҳуқуқи Фаронса ва Шветсия низ масъали нигаҳдорӣ аз кӯдак матраҳ шудааст. Ба таври мисол, дар Фаронса таҳти унвони вилояти Абуйни матраҳ гардидааст. Дар Шветсия низ соҳиби нигаҳдорӣ нисбат ба тифл вилоят низ дорад. Дар ин мақола ба матолибе аз қабили қаламрав ва моҳияти нигаҳдорӣ ҳақ ё таклиф будани он барои волидайн мухтасаран суҳбат шудааст. Ҳамчунин масоиле аз қабили ашхоси уҳдадори нигаҳдорӣ мавридҳои салби он аз дорандаи авлавияти нигаҳдории тифл дар сурати ҷудоӣ ё фавти волидайн, шароит, муддат, кӯмакпулӣ ва замонати иҷрои нигаҳдорӣ низ ҳаққи мулоқоти кӯдак ва дар сурати ҷудоии волидайн салоҳиятҳои ахлоқии волидайн ва пешниҳодот ҷиҳати тазмини ҳарҷи беҳтари нигаҳдорӣ ва тарбияти тифл дар ростои иҷрои ҳаққи нигаҳдории волидайн ба таври муҷазо мавриди ишора қарор гирифтааст.

Калимаи нигаҳдорӣ ба маънии сарпарастӣ аст. Қонуни маданӣ ин калимаро таъриф накарда, лекин баъзе аз фақеҳони имомия дар таърифи он гуфтаанд, ки сарпарастӣ иборат аст аз вилоят ва салтанат бар тарбият ва мутааллиқоти он аз қабили нигаҳдории кӯдак, гузоштани ӯ дар бистар, сурма кашидан, покиза кардан, шустани ҷомаҳои ӯ ва монанди он.

Ба таъбири дигар метавон гуфт, нигоҳ доштани тифл, муроқибат ва мувозибат аз ӯ ва танзими робитаҳои ӯ бо хориҷ аст. Бо риояти ҳаққи мулоқот, ки барои хешони наздики тифл шинохта шудааст, бинобар ин, нигаҳдорӣ бештар нозир ба ҳимояти ҷисмӣ аз кӯдак аст. Ҳарчанд ки ҳимояти рӯҳӣ ва ахлоқии тифл низ дар ин ниҳоди ҳуқуқӣ ҳам дар ҳуқуқи ислом ва ҳам дар ҳуқуқи ҷадиди Эрон манзур будааст. Бад-ин ҷиҳат дар ҳуқуқи ислом гуфтаанд: Шахсе, ки нигаҳдории тифл ба ӯ вогузор мешавад, бояд озод, мусулмон ва амин бошад.

Ҳамчунин баъзе аз фақеҳони имомия гуфтаанд: Модаре, ки уҳдадори нигаҳдорӣ аст, наметавон тифлро аз шаҳр ба русто бибарад, зеро таълиму тарбияти кӯдак дар шаҳр беҳтар аз русто таъмин мегардад.

Моддаи 1173-и қонуни мадани̅ низ ба ҷанбаи маънави̅ ва ахлоқии нигаҳдори̅ ишора мекунад, ки ин мода муқаррар медорад, ки ҳар гоҳ дар асари адами мувозибат ё инҳитоти ахолқи̅ падар ё модаре, ки тифле таҳти сарпарастии ӯст тарбияти ахлоқии тифл дар маъразй хатар бошад, суд метавонад ҳар тасмимеро, ки дар бораи сарпарастии тифл муқтазй бидонад, иттихоз кунад.

Ба ҳар ҳол парастори̅ ва таъмини ниёзҳои модди̅ ва маънавии кӯдак дар зумраи корҳои марбут ба нигаҳдори̅ аст, вале ҳидояти ӯ дар шиносоии муҳит, омӯхтани таҷрибаи зиндаги̅ ва одоту русуми он ва таъмини василаи таҳсил ва монанди инҳо, дар шумори таклифҳои марбут ба тарбияти кӯдак аст.

**Маънои сарпарасти̅ дар Фаронса.** Сарпарастии тифл ба маънои нигаҳдори̅, тарбияти тифл ва ҷузъе аз вилоят мебошад, ки дар моддаҳои 371 ва 378- қонуни мадании Фаронса зикр шудааст. Маънои вилоят дар ҳуқуқи Фаронса иборат аст аз маҷмӯаи ҳуқуқ ва имтиёзоте, ки қонун барои падару модар шинохтааст, то таҳти он битавонад ҳуқуқ ва таклифҳои худашонро дар қиболи тифли сағир ва амволи ӯ анҷом диҳанд ва ҳадафи онҳо чизе ҷуз нигаҳдори̅ ва тарбияти тифл нест.

**Маънии нигаҳдори̅ дар Шветсия.** Сарпарсти̅ амрест, ки ба худи худ бар уҳдаи падару модар аст ва иборат аз нигаҳдори̅ ва муроқибат дар рафъи ниёзҳои ҷисмиву равони̅, маънавии кӯдакон, то расидан ба синни рушд дар ду сурати истисноии зер, замони таклифи падару модар нисбат ба сарпарастии фарзанд тағйир мекунад:

1. Пайвастагии идомаи таҳсили фарзанд, ки муҷиби истимрори инфоқи волидайн ба онҳо то ба 21 солаги̅ мешавад.

2. Издивоҷи фарзанд бо муофият аз шарти син, ки муҷиби берун шудан аз сарпарасти̅ аст, ҳаққи сарпарастии падару модар аз фарзанд ҳамвора тавъам бо доштани вилоят бар ӯ низ мебошад. Ҳамвора соҳиби ҳаққи сарпарасти̅ аз кӯдак валии ӯ ҳам ба шумор меравад. Ӯ дар умуре дахолат мекунад, ки сағир шахсан муҷоз ба анҷоми онҳо нест, монанди бастани қарордод.

**Маънои сарпарасти̅ дар Эрон.** Нигаҳдории тифлон ҳам ҳақ ва ҳам таклиф мебошад ва қисмати аввали моддаи 1172 мегӯяд: «Ҳеҷ як аз волидайн ҳақ надоранд дар муддате, ки сарпарастии тифл ба уҳдаи онҳо аст, аз нигаҳдории ӯ имтино намоянд ва наметавонанд онро исқот ва ё вогузори ғайб кунанд. Балки бояд шахсан дар муддати муқаррар таклифи қонунии худро, ки аз назари ҳифзи назми иҷтимоӣ ба нафъи тифл барқарор шуда, анҷом диҳад. Бад-ин ҷиҳат онҳо наметавонанд мутолибаи уҷрат нисбат ба амали худ бинамоянд. Агарчи тифл аз худ дорои̅ дошта бошад, вале ҳар як аз падару модар метавонад ғайрро барои нигаҳдории тифл бигуморад, ки таҳти назари ӯ анҷоми вазифа намоянд». Бинобар ин сарпарастии тифл аз қонунҳои омира мебошад.

Назари иддаи дигаре аз фақеҳони имомия он аст, ки сарпарасти̅ ҳаққи падар аст ва метавонад соқит кунад, метавонад дар муқобили он ҳуҷрат бигирад. Моддаи 1168 муқаррар медорад, ки нигаҳдории тифлон ҳам ҳақ ва ҳам таклифи волидайн аст, ки ҳаққи авлавият дар нигаҳдориро дар писар то 2-сол ва дар духтар то 7-сол барои модар шинохта ва аз он пас барои падар. Истинбот мешавад, таклифи сарпарасти̅ барои ҳар як аз падару модар дар муддати муқаррар қоим ба шахси онон аст. Зеро ин авлавият ва бартарии ҳар як аз онҳо аз назари эҳтиёҷоти тифл ба наҳваи парвариш ва тарбияте аст, ки дар муддати модар ва дар муддати дигар падар шоистагии онро дорад ва дар сурати фасх ё инҳилоли никоҳ байни падару модар ҳеҷ як аз онон наметавонанд таклифи худро ба дигаре вогузор кунад.

**Ҳақ ва таклифи нигаҳдори̅ дар Фаронса, Шветсия ва Эрон.** Дар қонуни ҷадид сабтгашта дар соли 1970 қонуни Фаронса эълом шуда, ки вилоят марбут ба волидайн аст, ки ба манзури ҳимоят аз амният, саломат ва ахлоқи тифл барқарор шудааст. Волидайн дар қиболи муроқибат ва тарбияти тифл дорои ҳуқуқ ва таклифҳои муқаррар мебошанд. Бо ин тартиб, дар ҳуқуқи Фаронса нигаҳдори̅ маҷмӯае аз ҳуқуқ ва таклифҳои волидайн, ки ба нафъи волидайн ва ба манзури ҳимояти шахси тифл ва амволи ӯ барои падару модар дар назар гирифта шудааст, мебошад.

Дар ҳуқуқи Фаронса замонат ҳаққест, ки ба манзури ҳимоят аз манфиатҳои тифл эъто шудааст ва дар истиқрори он ирзои худхоҳи̅ ё ҳокимияти падару модар ҳадаф набудааст ва ба ҳамин далел наметавон қаламрави онро зиёд ё кам кард. Эъроз аз ин ҳақ ё мутаваққиф сохтани он ва вогузории он бо шароити хос ва он ҳам аз тариқи тафсили̅ имконпазир аст, то ҷое ки баъзе нависандагон гуфтаанд: Ин ҳақ барои анҷоми таклифи сарпарасти̅ шинохта шудааст.

Дар ҳуқуқи Шветсия дар китоби ҳуқуқи хонавода омадааст: То замоне ки падару модар бо ҳам ба сар мебаранд, сарпарастии фарзанд ба таври муштарак ҳақ ва таклифи ҳарду аст, аммо дар мавридҳое монанди ноҳамоҳангии онҳо дар мавриди нигаҳдории фарзанд дар даврони заношӯи̅ дар пайи ҷудо кардани маскани худ ё ҳамоҳангии онон дар нигаҳдории такнафара ва низ дар пайи талоқ ва адами созиш дар мавзӯи нигаҳдори̅, суд сарпараст ва нигаҳдорандаи тифлро муайян мекунад.

Чунончи пештар ҳам ишора шуд, дар ин сурат ӯ сарпарасти кӯдак ҳам ҳаст ва ин вилоят ба ҳукми суд аст ва дар баробари вилоят қаҳри̅ аст. Ин аҳком ҳам вуҷуд дорад, ки соҳиби сарпарасти̅ ғайр бошад, чароки вазифаҳои ин ду аз ҳам ҷудост. Бахусус, агар инон волидайни кӯдак набошанд, лузуме надорад, ки шахси воҳид ҳарду вазифаро уҳдадор шавад.

Дар қонуни Эрон нигаҳдории тифл модар то 2-сол аз таърихи таваллуди ӯ авлавият хоҳад дошта, пас аз инқизои ин муддат сарпарасти̅ бо падар аст, магар нисбат ба тифлони духтар, ки то соли 7-ум сарпарастии онҳо бо модар хоҳад буд.

Далели авлавияти модар дар сарпарастии духтар то 7-солагӣ ин аст, ки духтар барои омӯхтани ҳунарҳо ва умуре, ки хоси занон аст ба таври куллӣ барои тарбияте, ки дар шаъни ҷинси зан аст, эҳтиёҷи бештаре ба нигаҳдорӣ ва муроқибати модар дорад. Ин нукта мавриди таваҷҷуҳ аст, ки бо диққати назар ба воқеиятҳои имрӯзи ҷомеа, авлавияти модар то синни 2-солагӣ дар мавриди писар бо маслиҳати тифл созгор набуда, аз ин рӯ, тарҳе ба тасвиби маҷлис расид, ки ба муҷиби он барои сарпарастӣ ва нигаҳдории тифли писар модар то 7-солагӣ авлавият дорад ва пас аз он дар сурати эҷоди ихтилоф бо риояти маслиҳати кӯдак ва ба таҳқиқ ва таъйиди суд мебошад.

Барои нигаҳдории тифле, ки волидайни ӯ ҷудо аз якдигар зиндагӣ мекунанд, модар то 7-солагӣ авлавият дорад ва пас аз он бо падар аст. Баъд аз 7-солагӣ дар сурати эҷоди ихтилоф сарпарастии тифл бо риояти маслиҳати кӯдак ба ташхиси суд аст.

**Салби сарпарастӣ аз дорандаи авлавият.** Ҳар гоҳ дар асари адами мувозибат ва мушкилоти ахлоқӣ падар ё модареро, ки тифл таҳти сарпарастии ӯст, сиҳати ҷисмонӣ ва ё тарбияти ахлоқии тифл дар маърази хатар бошад, маҳкама метавонад ба тақозои наздикони тифл ё бо тақозои сарпарасти ӯ ё ба тақозои раиси ҳавзаи додситонӣ ҳар тасмимеро, ки барои сарпарастии тифл муқтазӣ бидонанд, иттихоз кунад. Мавридҳои зер аз масодиқи адами мувозибат ва ё инҳитоти ахлоқии ҳар як аз волидайн аст:

1. Эътиёди зиёновар ба машрубот ва маводи мухаддир ва қимор.
2. Иштиҳод ба фасоди ахлоқӣ ва фаҳшо.
3. Иттилоъ ба бемориҳои равонӣ бо ташхиси пизишкони қонунӣ.
4. Сӯистифода аз тифл бо иҷбори ӯ ба вуруд дар машғулиятҳои зиддиахлоқӣ, монанди фасоду фаҳшо, гадоӣ ва қочоқ.
5. Такрори лату кӯби хориҷ аз ҳадди мутаориф.

**Сарпарастии тифл дар сурати ҷудоии волидайн.** Дар сурате ки никоҳ байни волидайни тифл аз байн биравад ё дар асари носозгорӣ бидуни талоқ онон дар маҳалҳои ҷудогона сукунат намоянд, тифл назди касе мемонад, ки дар нигаҳдори ӯ будааст ва тарафи дигар наметавонад бихоҳад, ки тифл дар нигаҳдории ӯ қарор бигирад, агарчи падар бошад. Касе, ки нигаҳдориро уҳдадор аст бояд таклифҳои қонунии худро анҷом диҳад ва тарафи дигар ҳаққи мулоқоти тифлро доро мебошад.

**Сарпарастии тифл пас аз фавти падар ё модар.** Ҳар гоҳ падар ё модаре, ки сарпарастии тифл ба ӯ вогузор шудааст фавт кунад, сарпарастӣ соқит мешавад ва нигаҳдории тифл ба он дигаре, ки зиндааст хоҳад буд.

**Авлавияти падару модар барои нигаҳдорӣ дар Шветсия ва Фаронса.** Дар замони талоқи падару модар нигаҳдорӣ метавонад муштарак бошад, аммо дар сурати дархости падар ё модари тифл, яке аз онҳо ба унвони дорандаи сарпарастӣ баргузида мешавад. Дар фарзи ҷудоии волидайн аз он ҷо ки зинадгии ором ва мураттаби кӯдак дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад, ҳам суд ва ҳам падару модар бояд ниҳояти талош ва диққатро ба кор баранд, то беҳтарин вазъияти мумкин барои кӯдакон фароҳам шавад, яъне авзоъ ва аҳволе тартиб дода шавад, ки ба масолеҳи кӯдакон наздиктар аст. Барои мисол, агар масқани яке аз волидайн бо боғчаи кӯдакон ё мадраса маълуфи фарзанд фосилаи зиёде дорад, ҳамин амр яке аз ҷиҳоти тарҷеҳи нафари дигар, ки хонааш наздиктар аст, қарор мегирад.

**Шароити сарпарастӣ.** Шароите аст, ки бояд дар шахсе, ки нигаҳдории тифл ба ӯ вогузор мешавад, вуҷуд дошта бошад, ки иборат аст аз ақл, тавоноии амалӣ, шоистагии ахлоқӣ, адами издивоҷи модар бо шахси дигар ва ислом.

**Тавоноии амалӣ ва шоистагии ахлоқӣ дар Эрон.** Дар мавриди ин шарт дар қонун дида нашуда, вале ҳар гоҳ дар асари адами мувозибат ё инҳитоти ахлоқии падар ё модаре, ки тифл таҳти сарпарастии ӯст сиҳати ҷисмонӣ ё тарбияти ахлоқии тифл дар маърази хатар бошад, суд метавонад ба тақозои наздикони тифл ё ба тақозои валии ӯ ё ба тақозои суд ҳар тасмимеро, ки барои сарпарастии тифл муқтазӣ бидонад, иттихоз кунад.

**Тавоноии амалӣ ва шоистагии ахлоқӣ дар Шветсия.** Мумкин аст интиқоли сарпарастӣ ба сабаби аз даст рафтани шоистагии валӣ, ки ба танҳоӣ уҳдадори сарпарастӣ буда, зарурат пайдо кунад. Дар ин фарз волид вазъияти усвторе надорад, чун дар гузашта ҳангоми додани сарпарастӣ ӯ аз лиҳози салоҳият дар мартабаи дуюм истод. Пас ин ҳам эҳтимоли ин ки фоқиди шароит шинохта шавад, зиёд аст. Дар ин сурат додгоҳ нигаҳдориро ба як ё ду нафари дигар, бо таваҷҷуҳ ба кашиши кӯдак вогузор мекунад, ки мумкин аст аз дӯстон ё бастагон бошад, нисбат ба онҳо.

**Тавоноии амалӣ ва ахлоқии волидайн дар Фаронса.** Судя бояд бо таваҷҷуҳ бо маслиҳати тифл нигаҳдории ӯро ба падар ё модар вогузор кунад ва дар мавридҳои истисноӣ сарпарастӣ ба шахси солисе, ки тарҷеҳан аз миёни хешони тифл аст, интихоб хоҳад шуд ва дар сурати адами имкон ба як муассисаи тарбиятӣ муҳаввал хоҳад шуд.

**Замонати иҷрои сарпарстӣ.** Дар қонуни маданӣ замонати иҷрои кофӣ барои нигаҳдорӣ пешбинӣ нашудааст. Додгоҳ фақат метавонад падар ё модареро, ки қонуни сарпарстӣ ба уҳдаи ӯст, ба анҷоми вазифа илзом кунад. Лекин агар он шахс бар хилофи ҳукми судя ҳамчунон аз сарпарастӣ худдорӣ кунад, судя тибқи қонуни маданӣ ҷуз вогузор кардани нигаҳдории тифл ба дигарӣ бо ҳазинаи падар дар сурати фавти падар ё адами кифояти молии ӯ ба харҷи модар наметавонад замонати иҷрои дигаре муқаррар кунад. Вале қонунгузор дар муқаррароти дигаре монанди замонати

ичрои кайфарӣ завобити ҷадидтаре барои ҳимоят аз тифл ва тазмини ҳуқуқи ӯ пешбинӣ кардааст.

Дар баҳси сарпарастӣ дар ҳуқуқи маданӣ ба масоили мухталифе аз қабили авлавияти тарафайн дар сарпарастӣ, қаламрав, шароит, муддат, замонат ва ичро таваҷҷуҳ шудааст. Аз тарафе лозимаи масъалаи нигаҳдорӣ ва тарбияти кӯдак корҳо ва рафторҳои бисёр мутанаввеъ ва печидае аст, ки ҳуқуқи нотавон аз санҷиши арзиши тамоми аркони он ва ҳатто, фароҳам овардани замонати ичрои муассир барои он мебошад, зеро робитаи волидайн ва фарзанд робитаи хос ва аз ҳам ногусастанӣ аст ва танҳо дар мавридҳои нодир ва истисноӣ табиати тавони қатъӣ ин робитаро хоҳад дошт ва ҳуқуқ он гуна ки бояд натавониста дар ҳифзу нигаҳдорӣ, таълиму тарбият ва омодасозии тифл барои зинадагии иҷтимоӣ ба камоли матлуб бирасад. Мусаллам бо чанд моддаи қонун ва як идора ва суд наметавон ба тамоми мушкилоти кӯдакон дар зиндагии рӯзмарраи онон бо падару модари худ расидагӣ кард ва онҳоро таҳти интиқодоти ҳуқуқӣ қарор дод. Хусусан ин ки, ҳуқуқ ҳамеша ҳадди ақали мумкинро дар робитаҳои байни афрод дар назар мегирад ва қаламрави ахлоқ, мутаассифона, замонати ичрои ҳуқуқӣ надорад. Ҳарчанд ки дар масоили хонавода наметавон ҳуқуқ ва ахлоқро аз ҳам ҷудо сохт ва марзи байни ин дуро дақиқан тафкик кард ва бояд ин масъаларо ба виҷдони афрод супурд.


**АДАБИЁТ**

1. Саидҳасани Имомӣ. Ҳуқуқи маданӣ / Саидҳасани Имомӣ. Интишороти исломия. -1378. -Ҷ.5.
2. Муҳаммадбоқири Сабзаворӣ. Кифоят-ул-аҳком / Муҳаммадбоқири Сабзаворӣ. –Исфаҳон: Офест, 1380.
3. Саидҳусайни Сафоӣ. Мухтасари ҳуқуқи хонавода / Саидҳусайни Сафоӣ. –Теҳрон: Мизон, 1381.
4. Мирзои Қумӣ. Ҷомеъ-ул-шитот / Мирзои Қумӣ. Чопи сангӣ. 1303.
5. Мустафо Воҳидӣ. Ҳуқуқи хонавода дар Шветсия / Мустафо Воҳидӣ. –Теҳрон: Ганҷи дониш, 1386.
6. Марями Содиқӣ. Сарпарастии тифлон дар ҳуқуқи Эрон ва Фаронса / Марями Содиқӣ. Нашрияи донишгоҳи Эмом Содиқ. -1381.


**ВЗГЛЯД НА ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ДЕТЕЙ И ПОДРОСТКОВ В ГРАЖДАНСКОМ КОДЕКСЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН, ФРАНЦИИ И ШВЕЦИИ**


В связи с глобальными переменами, происходящими в современном мире важной задачей люого цивилизованного государства становится изучение и анализ государственного политического механизма зарубежных стран. В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучение правовое положение детей и подростков в Гражданском кодексе Исламской Республики Иран, Франции и Швеции.



**Ключевые слова:** расширение круга взаимных интересов, государственное право, институты конституционного права,вопросы гражданско-правового положения детей.


**LOOK AT THE CIVIL STATUS OF CHILDREN AND ADOLESCENTS IN THE CIVIL CODE OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN, FRANCE AND SWEDEN**


In connection with global changes taking place in the modern world, an important task of any civilized state is the study and analysis of the state of the political mechanism of foreign countries. In this article the author reviewed and study of the legal situation of children and adolescents in the Civil code of the Islamic Republic of Iran, France and Sweden.



**Key words:** the extension of the range of mutual interests, state law, institutions of constitutional law,issues of civil and legal situation of children.



**Сведения об авторе:** ***Руъё Фарзинрод*** – член научно-преподавательского состава Педагогического университета, Иран


# БАРРАСИИ ПЕШРАФТИ АДАМИ ТАВОНОӢ ДАР ҚОБИЛИЯТИ ПАЗИРИШИ ДАЪВОӢ ДАР ДЕВОНИ КАЙФАРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ


***Бушро Муҳаммадифард, Марями Шакурӣ***

**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Дамованд,**

**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди улум ва таҳқиқоти Теҳрон, Эрон**


Девони кайфарии байналмилалӣ ниҳоди навпадидест, ки истиқрори адолат дар ҷаҳонро дошта, мебояд ба муҳимтарин ҷиноятҳои байналмилалӣ, яъне наслкушӣ, ҷиноят алайҳи башарият, ҷинояти ҷангӣ ва таҷовуз расидагӣ намояд. Дар муқаддимаи асоснома кишварҳои узв баён медоранд, ки дар орзуи истиқрори як додгоҳи доимӣ ҷиҳати поён бахшидан ба пешгирӣ барои муртакибини ин ҷиноят мебошанд ва тазмини пайгирии муассири онҳо бо иттихози тадбирҳое дар сатҳи миллӣ ва низ тақвияти ҳамкории байналмилалӣ эъмол хоҳад шуд. Дар асоснома баён мегардад, ки ин додгоҳи доимӣ мебоист мукаммили ҳукмкунандаи миллӣ бошад. Девон дорои салоҳияти такмилӣ нисбат ба салоҳияти кайфарии миллӣ аст. Асли салоҳияти такмилии девон қабл аз ин ки илзом мебошад, барои расидагии ин марҷа аҳроми фишоре аст, ки давлатҳои зеррабт ё зинафъро ба расидагӣ ва ҷурм водор менамояд. Ҷаро ки дар мавридҳое салоҳияти додгоҳи миллӣ канор гузошта мешавад ва шикояти матруҳа дар девон мавриди пазириш қарор мегирад, девон эҳроз намояд, ки низоми қазоии миллӣ тамоюли воқеӣ ё тавоноии воқеӣ ба анҷоми як додрасии одилона дар мавриди мутаҳаммон ба ҷиноятҳои байналмилалиро надорад ва ё ба ҳангоми судури ғайриниҳоӣ дар гузашта чунин тамоюл ё тавоноӣ вуҷуд надоштааст. Мафҳуми адами тавоноӣ ба сурати густурда таъриф нашуда, мубҳам раҳо гардида, тафсирҳо ва таъбирҳои мутафовитеро дар бар доштааст.

Ба эътиқоди Филипп Криш раиси Девони кайфарии байналмилалӣ девон ба ҷиҳати анҷоми додрасиҳои воқеӣ маҷбур хоҳад шуд, то барои вожаи давлати нотавон таъриферо ибдоъ намояд. Ба ҷиҳати эъмоли салоҳияти девони кайфарии байналмилалӣ мебоист ду мавзӯи мустақил баррасӣ гардад. Нахуст салоҳият ва сипас қобилияти пазириш.

Бинобар ин, дар ибтидо салоҳияти девон мебояд аз назари усули салоҳият назирӣ салоҳияти мавзӯӣ, замонӣ ва маконӣ мавриди баррасӣ қарор гирад. Сипас, чунончи девон салоҳияти худро эҳроз намуд дар марҳилаи дуюм бояд баррасӣ кунад ки оё мавзӯе, ки ба он ирҷо гардида ва тақозои эъмоли салоҳият дар мавриди он шудааст, қобили пазириш мебошад ё на.

Моддаи 17 асоснома бо ишора бар параграфи 10-и муқаддима ва моддаи 1, ки моҳияти такмилӣ будани девонро дар канори додгоҳҳои миллӣ баршумурда дар мавриди қобилияти пазириш баҳс мекунад, бар асоси ин модда ҷиҳати пазириши мавзӯъ мебоист ибтидо чаҳор замина баррасӣ гардад, ки иборатанд аз:

а) он мавзӯъ тавассути давлате, ки бар он салоҳият дорад дар дасти таҳқиқ ё таъқиб аст, магар он ки он давлат ҳақиқатан моил ё қодир ба иҷрои таҳқиқ ё таъқиб набошад;

б) дар мавриди он мавзӯъ тавассути давлате, ки бар он салоҳият дорад, таҳқиқ ба амал омада, он давлат тасмим гирифтааст, ки шахси мавриди назарро таҳти пайгирӣ қарор надиҳад, магар он ки он тасмим ношӣ аз адами тамоюл ё адами тавоноии он давлат бар пайгирӣ бошад;

в) шахси мавриди назар қабл ба хотири рафторе, ки мавзӯи шикоят аст муҳокима шудааст ва муҳокима тавассути девон ба муҷиби банди 3-и моддаи 20 муҷоз нест;

г) мавзӯъ аз чунон аҳамияте, ки иқдоми дигаре аз тарафи девонро тавҷеҳ кунад, бархурдор нест.

Бо таваҷҷуҳ ба зарфият ва манобеи маҳдуди ICC комилан равшан аст, ки девони кайфарии байналмилалӣ, танҳо қодир ба расидагӣ ба мавзӯъҳои маҳдуде мебошад ва наметавонад ба таҳқиқ ва ё таъқиб дар бораи ҳамаи ҷаримаҳо бипардозад. Бинобар ин, девон бар иқдомот ва манобеъ ва имконоти кишварҳои узв бисёр такя дорад. Ин амр равшан аст, ки расидагиҳои миллӣ муассиртарин роҳи поён додан ба ин нав ҷиноятҳои байналмилалӣ мебошад. Ин мафҳум дар параграфи 6-и муқаддима ба ин сурат баён гардидааст, ки бо ёдоварии ин нукта, ки вазифаҳои ҳар як аз давлатҳо аст, ки салоҳияти кайфарии худро бар касоне, ки масъули иртикоби ҷиноятҳои байналмилалӣ ҳастанд, эъмол намоянд. Бо вуҷуди ин, асли салоҳияти такмилӣ ба ҷиҳати тазмини иҷрои бандҳои асоснома тавассути кишварҳо бар мабнои рӯйкарди ташвиқӣ танбеҳӣ ва бар асоси сиёсати эҳтиром ва меҳрубонӣ ва сипас танбеҳу муҷозот бино ниҳода шудааст.

Ба ин васила девони кайфарии байналмилалӣ ба ҷиҳати ташвиқи давлатҳо ба эъмоли салоҳияти миллии худ ҳокимияти ҳуқуқи миллиро дар ҷойгоҳи хос қарор медиҳад. Аммо, агар давлатҳои марбута дар анҷоми ин муҳим шикаст биҳӯранд ё нотавон бошанд, девон алорағми хости давлатҳо бар мабнои асли салоҳияти такмилӣ эъмоли салоҳият мекунанд. Бинобар ин, салоҳияти такмилӣ фақат ба ҳокимияти қазоии давлатҳои хоҳон ва қодир эҳтиром мегузорад. Дар ин мақола ба баррасии мафҳуми адами тавоноӣ дар банди А-и моддаи 17 хоҳем пардохт.

**Мафҳуми адами тавоноӣ.** Мафҳуми адами тавоноӣ ба далели таърифнашуда мондани тафсирҳои мутафовитеро дар бар доштааст. Асосномаи Девони кайфарии байналмилалӣ ба ҷиҳати эҳтиром ба салоҳияти маҳкамаҳои миллӣ ва тазмини ин ки вақте давлате худ қодир ба додрасӣ бошад, девон дахолате дар мавзӯъ наҳоҳад дошт. Шароитеро, ки бар асоси он давлате муттаҳам ба нотавонӣ хоҳад шуд, баён медорад. Фарз бар ин аст, ки кишварҳо худ қодир ба расидагӣ ба мавзӯот ва ҷиноятҳои дарҷшуда дар асоснома мебошанд ва ҷиҳати эъмоли салоҳияти девон додситон мебоист собит намояд, ки маҳокими миллӣ нотавон аз расидагӣ мебошанд.

Меъёрҳои адами тавоноӣ дар моддаи 17-3 баён шудаанд. Ба манзури тавоноӣ дар қазияи хос девон боиси бо таваҷҷуҳ ба фурӯпошии комил ё қобили мулоҳизаи низоми қазоии миллӣ ё дар дастрас намудани чунин низоми қазоӣ нисбат ба нотавонии он давлат дар мавриди ба даст овардани муттаҳам ё далел ва шоҳид ё усулан анҷоми додрасӣ назар диҳад.

Усулан ҷиҳати таъйин ва тасмим дар мавриди нотавонӣ девон бояд таъйин кунад, ки оё давлат дар он мавзӯъ тавоноии эҳқоқи ҳақ ва иҷрои адолатро дорад ё на.

Чунин арзёбӣ ниёз хоҳад шуд ба таъйини ин ки он давлат фоқиди механизмҳои муассир ҷиҳати дастёбӣ ба муттаҳам ё шоҳиди мавриди ниёз мебошад ва бар ин асос нотавон аз иҷрои додрасӣ ва расидагӣ хоҳад буд. Бинобар нашрияи расмии девон ин нотавонӣ метавонад дар натиҷаи фиқдони як ҳукумати марказӣ ва ҳараҷу мараҷи ношӣ аз мунозиот, бӯҳронҳои дохилӣ ва ё беназмии умумӣ, ки мунҷар ба фурӯпошии системаҳои миллӣ ва дохилӣ мегардад, бошад.

Бар асари назари девон ҷиҳати арзёбии меъёри нотавонии як давлат девон мебоист дар қадами нахуст таъйин кунад, ки оё системаи қазоии он давлат аз байн рафтааст ва дуҷори фурӯпошӣ гардида ва ё на. Сипас, дар қадами баъдӣ тавоноии он давлатро дар дастёбӣ ба муттаҳам ва ё шоҳид бисанҷад.

Бар асоси нашрияи мазкур факторҳое, ки метавонад дар таъйини нотавоноии як давлат ба кор равад иборатанд аз:

1. Фиқдони персоналии мавриди ниёз аз қабили қозиёт, бозпурс, додситон ва кадри идорӣ.
2. Фиқдони созмонҳо ва системаҳои қазоиву иҷроӣ.

3. Фиқдон ва ё дар дастрас намудани қонуни муҷозоти моҳавӣ ва ойини додрасии кайфарӣ.
4. Маъсумиятҳо ва авф.

Ҳарчанд нашрияи девон дар талош барои табйини ин мафҳум мебошад, аммо меъёрҳои мазкур ибҳом ва ихтилоф дар таъйини нотавониро бештар карда, девон ҳеҷ гуна кӯмак ва роҳнамоӣ дар ин ки ин меъёрҳо чӣ вазне доранд ва оё ҳамагӣ яксон мебошанд, ё бархе дар баъзе дигар бартарият доранд, нанамудааст. Ба унвони мисол, агар додгоҳе ба теъдоди кофӣ қозӣ, бозпурс ва додситон дошта бошад, вале персонали идории он кофӣ набошад, нотавон мешавад ё на. Ва оё тамоми шароит ва факторҳо мебоист ҷамъ бошанд, то додгоҳи нотавон хонда шавад.

Девон дар ин нашрияи ғайрирасмӣ эҳтимолотеро, ки метавонад мунҷар ба нотавонӣ гардад, баён намудааст. Ин ибҳом ва адами тавофуқ ва иҷмоъ дар мавриди нотавонӣ мунҷар ба таъбирҳо ва тафсирҳои густурдае гардида, то он ҷо ки бархе аз ҳуқуқдонон муътақид ба як тафсир аз салоҳияти девон мебошанд. Вақте ин мафҳум мубҳам бошад, кишварҳо намедонанд остонаи дахолати девон ва эъмоли салоҳияти девон куҷост.

Моддаи 17-3 меъёри нотавонии як давлатро бар асоси сенарияи давлати шикастхӯрда тарсим менамояд. Давлате, ки сохторҳои қазоӣ ва иҷроии он аз байн рафта, дарҳам шикастааст, ин зоҳири амр аст, аммо ин модда ба сурати талвеҳӣ адами риояти стандартҳои ҳуқуқи башари байналмилалиро аз мавридҳои нотавоноии давлатҳо ба ҳисоб меоварад.

Бархе аз ҳуқуқдонон, аз ҷумла профессор Кевин Ҷон Ҳелер дар назарияи ташрифоти саҳеҳи қонунии хеш муътақид аст, ки адами татобуқи ҳуқуқи кайфарӣ ва шаклии мавҷуди як давлат бо стандартҳои ҳуқуқи башари байналмилалӣ ва ё фиқдони чунин қонуне аз масодиқи нотавонӣ маҳсуб мегардад. Чунин эътиқод доманаи салоҳияти девонро барои бархе кишварҳо хатарнок мекунад.

**Девони кайфарии байналмилалӣ.** Дар сурате ки мутаваҷҷеҳ шавад, ки иқдомоти қазоии суратгирифта дар як кишвар ба самте пеш равад, ки дифоъ намуданро барои муттаҳам сахт ва дасти қозиро барои судури аҳкоми ғайриодилона боз мегузорад, он гоҳ ин додгоҳ муҷоз аст, ки салоҳият, тавоноӣ, адами тавоноии он кишварро зери суол бурда, дар мавридҳои он таҳқиқ намояд. Аммо чунончи он кишвар шароитро тавре фароҳам намояд, ки муттаҳам ба роҳатӣ битавонад аз худ дифоъ намояд. Девони кайфарии байналмилалӣ мувазаф аст он кишварро аз кишварҳое, ки аз назари системаи қазоӣ заъф доранд, ҷудо намояд. Ҳарчанд ки мумкин аст дар миён ҳукми ноодилонае ҳам содир шавад. Дар дифоъ аз ташрифоти саҳеҳи қонунӣ ва муҳокимаи одилона олимон ва бузургони ҳуқуқи байналмилал ин тавр истидлол мекунанд, ки анҷоми муҳокимаҳои ноодилона тавассути давлатҳои маҳаллӣ ҳокӣ аз адами тавоноӣ ва ё адами тамоюл дар таҳқиқоти муносиб ва ё таъқиби баъзе аз муҷримин ба лиҳози мақеияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ё тиҷорӣ мебошад.

Олимони додгоҳҳои ҷаҳонӣ дар мавриди дигаре хотирнишон месозанд ки, агар кишваре натавонад шароити одилонаи қазоиро фароҳам оварад, ба тавре ки муттаҳам натавонад аз худ дар камоли озодӣ дифоъ кунад, он кишвар аз назари қазоӣ нотавон маҳсуб мегардад.

Ҳарчанд назарияи мазкур таваҷҷуҳоти бисёреро ба худ маътуф дорад, лекин профессор Ҳелер худ муътақид аст, ки ин рӯйкард дар матни асоснома машрут намебошад, яъне қусур дар тазмини ҳуқуқи муттаҳамин бар асоси стандартҳои ҳуқуқи башари байналмилалӣ тавассути як давлат заминае барои қобилияти пазириши мавзӯъ тавассути девон намебошад. Лекин девон дар сурате вориди амал мешавад, ки додрасиҳои миллӣ боиси фирори муттаҳамин аз адолат ва бурузи бекайфарӣ бошад. Вай ин бахшро бахш дар соири салоҳияти такмилӣ меномад. Вай бар асоси моддаи 21-3 қобили тавҷеҳ мебошад, ки муқаррар медорад ҳар гуна тафсир ва корбурди қонунҳое, ки мутаоқиби ин модда меоянд, бояд бо қонунҳои шинохташуда ва байналмилалии ҳуқуқи башар ҳамсон гардад. Беҳтар ин аст, ки бигӯем дар ҷиҳати ислоҳи моддаи 17 омада ва ба тарзи зимнӣ ва оҳиста кишварҳоро мулзам менамояд, то бо баргузории додгоҳҳои одилона ҳуқуқи муттаҳаминро бар асоси мафоди шинохташуда ва ҷаҳонии ҳуқуқи башар риоят намоянд.

Бинобар ин, вазъияти адами тавоноӣ танҳо маҳдуд бар ҳаводиси муҳимми миллӣ монанди ҷанги дохилӣ ва ё ишғоли сарзамин тавассути нерӯҳои хориҷӣ, ки гоҳ то солҳо тӯл мекашад, монанди хараҷу мараҷ ва ҷанг дар сарзамини Югославияи собиқ ва Руанда дар даҳаи 90, ки боиси фурӯпошии комил ё қобили мулоҳизаи низоми қазоӣ ва зерсохтҳои миллӣ шуда буд, намегардад.

Як давлат мумкин аст нисбат ба мавзӯе нотавон ва нисбат ба мавзӯи дигар тавоно ташхис дода шавад. Бинобар ин, ҳар мавзӯъ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳо ва муқтазиёти худ бояд бо тавон, вазъият ва имконоти низоми қазоии марбута санҷида шавад. Маҳокими қазоии давлатӣ шояд дар дастрасӣ ба муттаҳам ва ҷамъоварии шоҳидон дар мавзӯе тавоно бошанд, валекин нисбат ба мавриди дигар нотавон бошанд. Бинобар ин, дар ҳар мавриди хос бояд ба сурати ҷудогона баррасӣ гардад, ки оё давлати миллӣ тавони расидагӣ дорад ё надорад.

Ба ҷиҳати эъмоли моводи асоснома се равиш дар равияи кишварҳо вуҷуд дорад:

1. Нигориши як қонуни ҷадид, ки ин равиш мутмаинтарин ва осонтарин роҳ мебошад.
2. Таъбири ҳуқуқи кайфарии мавҷуд мунтабиқ бо таърифҳои дарҷшуда дар асоснома.

3. Бакоргирии ҳуқуқи дохилӣ дар таъқиби ҷурмҳои байналмилалӣ ба унвони ҷурмҳои одӣ ва маъмулӣ.

Яке аз муҳимтарин таъсироти аслии салоҳияти такмилӣ ташвиқи кишварҳои узв ба эъмоли қонунҳои асоснома дар ҳуқуқи дохилии худ ба ҷиҳати тақвияти салоҳияти миллӣ бар рӯйи ҷиноятҳои дарҷшуда дар асоснома мебошад. Модоме, ки системаи ҳуқуқии як кишвар битавонад ба сурати муассир ба таҳқиқ ва таъқиби ҷурмҳои дарҷшуда дар асоснома бипардозад, ҳокимияти давлат бидуни хатча аз ҳар гуна дахолат боқӣ хоҳад монд. Ба эътиқоди Луис Мурну, додситони девони кайфарии байналмилалӣ, набуди муҳокимот дар девон дар натиҷаи амалкарди саҳеҳи дастгоҳҳои қазоии миллӣ муваффақияти бузурге хоҳад буд.

Девони қайфарии байналмилалӣ ба ҷиҳати рафъи таоруз ва ҳалли мунокишоти миллӣ ва байналмилалии асли салоҳияти такмилӣ ва аҳроми эъмоли он, яъне қобилияти пазириши даъворо матраҳ намуда, ба ин васила миёни эҷоди як девони муқтадир ва риояти ҳуқуқи ҳокимияти давлатҳо тавозуни мантиқӣ эҷод намояд. Лизо, қобилияти пазиришро метавон эъмоли асли такмилӣ будани салоҳияти девон номид. Фалсафаи эҷоди ин мафҳум аз як сӯ ба таорузи байни ҳокимияти миллӣ ва ҳокимияти байналмилалӣ дар судури аҳкоми муқодир ва талошҳои пароканда поён дода, аз сӯйи дигар ба ҳароси кишварҳо аз хатчадор шудани ҳокимияти кишварҳояшон хотима дода, кудрати девонро маҳор намудааст.

Девон ба ҷиҳати амалкарди саҳеҳ ниёзманди гузар аз ду марҳила ва таҳлили ду мафҳуми калидӣ мебошад: Дар марҳилаи аввал девон мебоист эҳроз намояд, ки оё усулан дар қиболи ҷиноятҳои матруҳа салоҳият дорад ё на. Ин амр бо таваҷҷуҳ ба шоҳисҳои салоҳияти девон, ки шомили салоҳияти зотӣ, замонӣ, маконӣ ва шахсӣ мебошад, баррасӣ мегардад. Дар марҳилаи баъд девон бояд эҳроз намояд, ки ҳеҷ низоми ҳуқуқии дохилӣ, ки солеҳ ба расидагӣ мебошад, иқдом ба таъқиб ва таҳқиқи муттаҳамон нанамуда ва агар иқдоме низ сурат гирифта бар асоси тамоюли воқеӣ ё тавоноии воқеӣ ба анҷоми як додрасии одилона дар мавриди муттаҳам ба ҷиноятҳои байналмилалӣ набудааст.

## АДАБИЁТ


1. Шариати Боқирӣ. Салоҳияти такмилии девони кайфарии байналмилалӣ / Шариати Боқирӣ. Вазорати умури хориҷӣ. –Теҳрон, 1378.
2. Клип Андрей. Салоҳияти такмилӣ ва салоҳияти мутақорин дар асосномаи девони байналмилалии кайфарӣ / Клип Андрей; Тарҷумаи Меҳдии Ҳадодӣ. –Теҳрон,1382.
3. A. Schabas, William. Complementarity in Practice: Some Uncomplementarity Thoughts. Criminal Law Forum (2008) 19: 5-33.
4. A. Williams Sharon. Commentary About Article 17, Issue of Admissibility. Triffterer(ed.)otto, Commentary on the Rome Statute of the International Criminal Court. Observers 'Notes'Article by Article Astria' Baden-Baden 1999.
5. Bassiouni M.cherif. Introduction to International Criminal Law. 518,2003.
6. Burke-White William. Proactive Complementarily: The International Criminal Court and National Courts in the Rome System of Justice, University of Pennsylvania Law School, Public Law and Legal Theory Research Paper No. 07-08.
7. Burke-White William. Implementing a Policy of Positive Complementarily in the Rome System of Justice, 18 Crim. L. Forums, 2007.
8. El Zeidy Mohamed. The Principle of Complementarily: A New Machinery to Implement International Criminal Law. 23 MICH. J. INT'L L. 2002.
9. Heller Jon Kevin. The Shadow Side of Complementarily: The Effect of Article 17 of the Rome Statute on National Due Process. 17 CRIM. L.F. 255, 2006.
10. Kleffner Jann. The Impact of Complementarily on National Implementation of Substantive International Criminal Law, 1 Journal of INT'L CRIM Justice. Oxford University Press, 2003.
11. Ola´ solo He´ ctor. The Triggering Procedure of the International Criminal Court, Procedural Treatment of the Principle of Complementarily, and the Role of the Prosecutor. 5 Int'l Crim. L. Rev. 121, 2005.
12. S. Ellis Mark. The International Criminal Court and Its Implication for Domestic Law and National Capacity Building. 15 FLA. J. INT'L L. 215, 241, 2002.
13. Sewall Sarah, Kaysen Carl. The United States and the International Criminal Court:The Choices Ahead. Am. Acad. Of Arts & Sci., 2002.
14. S. McNeal Gregory. ICC Inability Determinations In Light of the Dujail Case, Pennsylvania University 2007.
15. Yang Lijun. On the Principle of Complementarily in the Rome Statute of the International Criminal Court. Published by Oxford University Press, 2005.


## ИССЛЕДОВАНИЕ НЕСПОСОБНОСТИ МЕЖДУНАРОДНОГО СУДА В РЕШЕНИИ НЕКОТОРЫХ ИСКОВЫХ ЗАЯВЛЕНИЙ


Судебное решение - это процессуальный акт, которым завершается рассмотрение дела по существу. Судебное решение выносится судом при завершении судебного разбирательства по всем трем видам судопроизводства: исковому, особому производству и производству, возникающему из публичных правоотношений. Еще одним важным требованием, предъявляемым к судебному решению, является требование определенности. Оно означает, что в решении должен быть ясно выражен вывод суда об удовлетворении или неудовлетворении иска, определены права и обязанности сторон. В данной статье автор рассматривает неспособность Международного суда в решении некоторых исковых заявлений.



**Ключевые слова:** Международный суд, исковое заявление, судебное решение, удовлетворение или неудовлетворение иска, права и обязанности сторон, требование определенности.


## INVESTIGATION OF THE FAILURE OF THE INTERNATIONAL COURT IN THE DECISION OF SOME CLAIMS


***Boshra Mohammadifard, Maryam Shakoori***

**Department of Law, Science and Research Branch, Islamic Azad University, Tehran, Iran**

**Department of Law, Damavand Branch, Islamic Azad University, Damavand, Iran**



The court decision is a procedure act, which completes the consideration of the merits. Judgment is rendered by the court at the completion of the trial of all three types of proceedings: the claim, special production and the production arising from public relations. Another important requirement for a judicial decision, is the requirement of

certainty. It means that the resolution should be expressed clearly the conclusion of the court about satisfaction or dissatisfaction of the claim, defines the rights and obligations of the parties. In this paper the author examines the failure of the International court of justice in solving some of the claims.

**Key words:** international court of justice, writ, judgment, satisfaction or non-satisfaction of the claim, the rights and obligations of the parties, the requirement of certainty.

**Сведения об авторах:** ***Бушро Мухаммадифард*** – преподаватель Свободного исламского университета города Дамованд, ИРИ
***Марям Шакури*** – соискатель Свободного исламского университета городаТегеран,

# МУТОЛИАИ ТАТБИҚИИ АНВОИ БАЗЕҲКОРИИ ЗАНОН ДАР ҲУҚУҚИ КАЙФАРИИ ЭРОН ВА ЛУБНОН

***Фотимаи Фалоҳнажод, Наргиси Қосимифар***
**Донишгоҳи Паёми нури вилояти Теҳрон, Эрон**

Ҳузури фаъоли духтарон ва занон дар арсаҳои мухталифи иҷтимоӣ бад-ин маъно мебошад, ки занон илова бар вазифаҳои суннатӣ ва мутаориф, аз ин ба баъд масъулиятҳои фарҳангӣ, илмӣ ва иқтисодиро низ шомил мешаванд. Ҳар ҷо вазифае бошад, дар муқобил ҳам ҳақ ва ҳам масъулият ба вуҷуд меояд. Агарчи бо вуруди занон ба ҷомеа ва бар ухда гирифтани масъулият ва нақши бештари заминаи рушди истеъдодҳо ва шукуфоии онҳо фароҳам мешавад, аммо ба лиҳози кайфарӣ ногузир заминаҳои тозае барои анвои ҷадиди базеҳдидагии занон низ эҷод мегардад. Афзоиши ҷурм дар даҳаҳои охир ҳақиқати имконнопазир аст. Мутобиқи омори Созмони Милали Муттаҳид рушди ҷурм аз рушди ҷамъият ва низ рушди иқтисодии аксарияти кишварҳои ҷаҳон бештар аст ва табъан, занон ба далели осебпазир будани хатарҳои дугонаеро дар баробари ин падида таҷриба мекунанд.

Муқаррарот ва қонунҳо усулан бояд ба шакли осебшиносии иҷтимоӣ дароянд. Зеро падидаи ҷурм як бемориӣ аст, ки бояд дармон шавад. Зиёдаравӣ ё тафрик дар муҷозоти муҷримон ва доман задан ба эҳсосоти интиқомҷӯёнаи ҷомеа дар воқеъ метавонад тарвиҷи навъи хушунат ва интиқом бошад. Ин мулоҳизот дар мавриди занони муҷрим ва базеҳдида аҳамияти бештаре дорад,чароки занон дар ҷомеаи Эрон ба лиҳози таърихӣ ва фарҳангӣ дар маъразн ситами дугонае қарор доштанд. Баррасии ҷойгоҳи занон дар ҳуқуқи кайфарии умумӣ ва ҳуқуқи кайфарии ихтисосӣ ва ба таври куллӣ дар низоми кайфарӣ дар партави омӯзаҳои исломӣ, муқаррарот, асноди байналмилалӣ ва ҳамчунин овардаҳои ҳуқуқи татбиқӣ, бидуни тардид имкони тозаеро барои шинохтани холигиҳои низоми ҳуқуқи кайфарии кишварро фароҳам месозад.

Ҳамон тавр ки аз унвони мақола пайдост, мо қасд дорем мутолиаи татбиқӣ дар заминаи базеҳкории занон дар низоми ҷазоии Эрон ва Лубнон анҷом диҳем, Зеро мутолиаи қонунҳо ва муқаррароти кишварҳои дигар ва огоҳ шудан аз мавқеият ва ҷойгоҳе, ки қонунгузории ин кишварҳо ба зан дар ҳуқуқи кайфарӣ қоил шуда, аз назари ҳуқуқи татбиқӣ аҳамият дорад. Аз ин ҷиҳат, мутолиоти татбиқӣ миёни куниши ҳуқуқии кишвари мавриди мутолиаро барои мо равшан мекунад ва беш аз ҳар чиз ба мо иҷоза медиҳад, ки ҳуқуқи кишвари худро дар қаламрави баҳси мавриди баррасии беҳтаре қарор диҳем. Ҳамчунин метавон вуҷуди холигиҳои қонунӣ ва нуқоти мушоҳида дар ду ҳуқуқи кайфариро мушоҳида ва мавриди арзёбӣ қарор дод.

Бар ҳамин мабно, мо низ дар навиштаҳо саъй кардаем мутолиаи татбиқӣ дар заминаи базеҳкорӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳуқуқи кайфарии Эрон ва Лубнон дошта бошем ва матолиберо дар ин замина ироа кардаем. Сохтори шаклии ин мақола дар ду фасл танзим шудааст: Фасли аввал анвои ҷурмҳо алайҳи иффат ва ахлоқи умумӣ ва фасли дуюм анвои ҷароим алайҳи тамомияти ашхос.

**Анвои базеҳкории занон.** Дар ибтидо лозим аст барои табйин ва мафҳуми базеҳкорӣ ибтидо вожаи базеҳ ё ҷурмро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Базеҳ аз лиҳози луғавӣ иборат аст аз гуноҳ, тақсир, хато ва калимаи базеҳкор исми фаъол аз ин калима ба маънои осӣ, музаниб, табаҳкор, муҷрим ва гуноҳкунанда аст.

Лекин базеҳкорӣ як мафҳуми комилан ҷурмшиносӣ аст, ки дар ҳуқуқи кайфарӣ ҷое надорад ва дорои таърифи ом ва хос мебошад. Базеҳкории ом маҷмӯи ҷурмҳои иртикобиро базеҳкорӣ мегӯянд ва базеҳкории хос маҷмӯи ҷурмҳое, ки дар замон ва макони муайян ба вуқӯъ мепайванданд. Қонугузории эронӣ бидуни ироаи таъриф аз вожаи базеҳкорӣ вожаи муҷримро ба сурати ом ва мутлақ таъриф кардааст. Бо таваҷҷуҳ ба моддаи 2-и қонуни муҷозоти исломӣ ҳар феъл ё тарки феъле ки дар қонун барои он муҷозот таъйин шуда бошад, ҷурм маҳсуб мешавад.

**Фасли аввал. Ҷароим бар зидди иффат ва ахлоқи умумӣ,** мафҳуми нисбӣ ва эътибори буда, таърифи он ба иқтизои замон ва макон фарқ мекунад. Ба ин маънӣ ки як амале мумкин аст дар як кишвар муҷоз бошад, дар ҳоле ки ҳамон амал дар кишвари дигар ҷурм маҳсуб шуда, дорои муҷозот мебошад.

**Руспигарӣ.** Яке аз ғаризаҳое, ки Худованди мутаол аз рӯзи хилқат дар инсон қарор дода ғаризаи ҷинсӣ ё тамоюл ба ҷинси мухолиф аст. Ин ғариза аз аслитарин ғароиз маҳсуб мешавад, ки барои бақо ва тадовуми насл зарурӣ буда, ирзои саҳеҳ ва машрӯи он метавонад ба истимрор ва пойдории ҳаёти ҷомеаҳои башарӣ бар рӯйи курраи хокӣ мунтаҳӣ гардад. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки дар ҳамаи мактабҳо ва адёни илоҳӣ ҳудуд ва чаҳорчӯби мушаххасе барои ирзои саҳеҳ ва машрӯи ин ғариза муайян шуда, тахаллуф ва таҷовуз аз он ҳудуд мутахаллифро бо анвои замонати иҷрои

дунявӣ ё ухравӣ рӯ ба рӯ месозад. Яке аз падидаҳои иҷтимоӣ, ки саломатии ҳар ҷомеаро таҳдид мекунад, падидаи руспигарӣ аст, ки мутаассифона, дар тамоми ҷомеаҳо бо шиддат ва заъф вуҷуд дорад. Руспигарӣ ба унвони як ҷурм алайҳи кароматӣ инсонии фард матраҳ аст. Дар ин падида мақоми инсон ба як шайк, ки мо ба изои моддӣ дорад таназзул пайдо мекунад. Руспигарӣ ё ба иборои дигар танфурӯшӣ осебест, ки ҷомеаи Эрон ба шакли ғарибе ба он дасту панҷа нарм мекунанд. Дар китобе перомуни руспигарӣ дар шаҳри Теҳрон руспӣ чунин таъриф шудааст: «Руспӣ занест, ки аз роҳи худфурӯшӣ имрори маош мекунад ва ҷуз ин пешае надорад ва таҳти низомоти хос ба ин пеша ва кори худ идома медиҳад». Дар қонуни ҷазои Эрон таърифе аз ин падида нашуда ва бархӯрди қонунгузор бо он таҳти унвонҳои муҷримонаи дигар, назири зино ба амал меояд. Аммо дар эҷоди ин падидаи муҷримона омилҳо ва иллатҳои мутааддиде вуҷуд дорад. Фақри иқтисодӣ дар Эрон яке аз таъриххитарин амали бурузи падидаи руспигарӣ аст. Дар канори фақри иқтисодӣ табақотӣ будани ҷомеа ва нобаробариҳои иҷтимоӣ, фақри фарҳангӣ низ ҷойгоҳи хоси худро дорад. Фирори духтарон аз хонаро низ метавон ба навбате дар густариши ин, падида муассир донист. Илова бар ин вобастагӣ ба модар, фиқдони робитаҳои муҳаббатомез бо падар, ҷоҳталабӣ ва доштани рӯъёҳои шуҳрат ва сарват ва қудрату ишқ ба таҷаммул, хушунати волидайн, бадрафтории онон ва доро будани хонаводаҳои аз ҳам пошида ва адами муроқибати волидайн аз кӯдакон, муошират бо афроди нобоб, вуҷуди маҳаллаҳои фасод ва афроди фосид дар ҷомеа, ихтилофи синнии завҷайн ва адами таваҷҷуҳи шавҳар ба ниёзҳои ҷинсии зан ва Ғайра низ сабаби рӯ овардан ба ин падидаи номатлуб дошт, дар ин замина метавон ба оморе ишора кард, ки матолиби зикршуда тасдиқ мекунад.

Дар таҳқиқоте, ки ба рӯйи 116 зани руспӣ, ки дар зиндони Эвин ва ё дар конуни ислоҳу тарбият ба сар мебаранд, дар соли 1387-1388 сурат гирифтааст. Дар ниҳоят омилҳои зерро амали руспигарии онон бар асоси омори касбшуда аз мусоҳибаҳо ва пурсишномаҳо эълом гардидааст:

1. 90% занони руспӣ бо базеҳдидагӣ дар хонавода мувоҷеҳ будаанд. Омилҳое чун фақр, масрафи маводи мухаддири волидайн, заъфи мазҳаб, собиқаи зиндони волидайн ҳамчунин нақши маҳалла ва мувоҷеҳа шудан бо анвои ҳинҷоршиканӣ мукамили он будааст.

2. 83% аз занони руспӣ дар синни камтар аз 18 сол таҷрибаи ҷинсӣ доштанд. Муҳимтар ин ки 49% аз занон мавриди сӯистифодаи ҷинсӣ ва таҷовуз аз тарафи маҳорим, бародар, таго ё таҷовуз ба унф аз тарафи нопадарӣ, дӯстписар будаанд.

3. 44%-и занони руспӣ эътиёд доштанд, ки бештари онон бар асари иҷбори шавҳер ё пас аз вуруд шудан ба роҳи руспигарӣ ба маводи мухаддир рӯй овардаанд.

Фаҳшо ва руспигарӣ дар қонуни мо таъриф надорад ва қонуни муҷозоти исломӣ дар мавриди онҳо матлабе зикр накардааст. Моддаи 639-и қонуни муҷозот гуфта, ки маркази фасод ва фаҳшо доир кунанд. Моддаи 63-и ҳамон қонун зиноро таъриф карда, вале ба таърифи фаҳшо ҳеҷ ишорае накардааст. Дар моддаи 1-и Қонуни мубориза бо қочоқи инсон омадааст: «Ворид кардан, хориҷ кардан, транзит кардани афрод ба таври муҷоз ва ғайримуҷоз бо сӯистифода аз мавқеияти худ ба қасди фаҳшо, бардоштани аъзо ва бардагӣ ҷурм аст». Ин қонун фаҳшоро таъриф накардааст.

Руспигарӣ дар Лубнон қонунӣ аст. Занони руспӣ дар Лубнон бояд сабти ном кунанд ва таҳти баррасиҳои пизишкӣ қарор бигиранд. Барои ин ки амали ин занон қонунӣ бошад, набояд ин занон бокира бошанд ва синни онҳо бояд беш аз 21-сол бошад. Руспихонаҳо дар Лубнон муҷоз ҳастанд, машрут ба ин ки таҳти тамаллуки як зане, ки беш аз 25-сол син дошта бошад, қарор бигирад. Аммо руспигарии махфиёна ва фоҳишагарӣ дар хиёбон мамнӯъ аст.

Моддаи 523-и қонуни ҷазои Лубнон баён мекунад, ки анҷоми руспигарии махфиёна ва фароҳам кардани имкони он аз 1 моҳ то 1 сол ҳабс дар пай дорад. Агар як шахсе, ки ҳамвора дигареро таҳрик мекунад, то муртакиби аъмоли ғайриахлоқӣ бишавад ё шахсе ки анҷоми ин имконотро мумкин месозад, ҳамон муҷозотро дар пай хоҳад дошт. Ҳамчунин дар қонуни ҷазои Лубнон маҷбур кардани як зан ба василаи найранг, хушунат, таҳдид, нуфузи нораво ё иҷбор ва амалро манъ мекунад ва таҳрик кардани як зани аз 21 сола хурд муҷозоти нақдӣ ва зиндон ҳадди ақал 1 сол дар пай дорад.

**Зино.** Қонунгузори Эрон дар моддаи 63-и Қонуни муҷозоти исломӣ зиноро таъриф карда, аз моддаи 82 то моддаи 90-и қонуни фавқуззикр ба шароит ва анвои он пардохтааст. Дар таърифи қонунӣ зино иборат аст аз ҷимои мард бо зане, ки зотан бар ӯ ҳаром аст. Агарчи дар дабир бошад дар ғайри мавридҳои ватӣ ба шебҳа ва барои он ҳадди шаръӣ таъйин шудааст, ки дар сурати эҳрози шароити эҳсон сангсор ва дар ғайри он шаллоқ аст, ба истисони мавридҳои хосе назири зинои бо маҳорим, ки мустаҷиби қатл аст робитаи номашрӯъ ё зино ба барқарории робитаи ҷинсӣ бо қасе, ки бо инсон ҳалол набуда итлоқ мегардад ва муқоир бо руспигарӣ ва фаҳшо мебошад. Зино робитаи ҷинсии хориҷ аз алоқаи завҷият аст, ки аз китобҳои фиқҳӣ истихроҷ шудааст.

Руспигарӣ ва зино ҳарду аз назари ҳуқуқи Эрон робитаи номашрӯъ маҳсуб мешавад. Чароки ин робитаҳо хориҷ аз алоқаи завҷият сурат мегирад ва бар ҳамин мабно тафовутҳои байни фаҳшо ва зино вуҷуд дорад, ки мо бар он ҳастем, ки дар идома ба бархе аз ин тафовутҳо ишора кунем:

1. Дар зино робитаи ҷинсӣ машрут ба изои моддӣ нест ва мумкин аст робитаи дӯстона ва отифӣ бошад. Аммо дар фаҳшо ва руспигарӣ ин робита ба қасди дарёфти ваҷҳ ё мол мебошад ва дар вокеъ худфурӯшӣ талаққӣ мешавад.

2. Дар зино зонӣ ва зония бо ҳам робитаи мустамар доранд. Ончунон ки зония бо марди дигар намеравад, ҳол он ки зани руспӣ бо ҳар марде усулан робита барқарор мекунад.

3. Дар зино робитаи зонӣ ва зония робитаи мустақим ва бидуни восита аст. Солисе аз қабл он имрори маош ва касби даромад намекунад, дар ҳоле ки дар руспигарӣ илова бар зонӣ ва зония шахси дигаре ба номи қувод аз ин робита имрори маош мекунад.

**Мусоҳиқа.** Яке дигар аз ҷароим бар зидди иффат ва ахлоқи умумӣ мусоҳиқа мебошад. Ҳамҷинсгароии занон аз ҷумла масдиқи фасод буда, муҷиби эҷоди инҳирофоти иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Зану мард ончунон офарида шудаанд, ки оромиши равонӣ ва ишбои солими ғаризаи ҷинсиро дар илова ба ҷинси мухолиф бубинанд. Бинобар ин, ҳар гуна тамоюл ба ҳамҷинс дар ин замина инҳироф аз табақаи солим ва як навъ бемории равонӣ маҳсуб мешавад, ки агар ба он идома дода шавад, рӯз ба рӯз ташдид мегардад ва натиҷаи он бемайлӣ ба ҷинси мухолиф ва ишбои носолим аз тариқи ҷинси мувофиқ аст, ки ин гуна робитаҳои номашрӯъ дар организми бадан ва ҳатто дар силсилаи асабҳо ва равон бар рӯҳи одамӣ асароти вайронгаре эҷод мекунад.

**Фасли дуюм. Ҷароим алайҳи тамомияти ҷисмонӣ.** Ҷароиме аст, ки муҷиби латма, садама ва зарари ҷисмонӣ ё баданӣ мебошад, ки метавонад шомили қатл ва тамоми масодиқи он тибқи қонуни муҷозоти исломӣ гардад. Дар идома ба баёни исқоти ҷанин ва қатли амдӣ, ки шомили шавҳаркушӣ ва бачакушӣ мебошад, иктифо мекунем.

**Исқоти ҷанин.** Алал-вусул тасмимгирӣ дар мавриди доштан ё надоштани бача бояд қабл аз ҳомилагӣ анҷом шавад на баъд аз он маҳозо гоҳе ба ин амр таваҷҷуҳе нагардида, завҷайн ба ҷойи интихоби равиши муносиб барои пешгирӣ аз бачадор шудан баъд аз инъиқод мубодират ба исқоти ҷанини амдӣ менамоянд. Маъмулан, исқоти ҷанин, ки дар сатҳи ҷаҳон рӯ ба афзоиш аст, ба далелҳое чун танзими хонавода ва маҳдуд нигоҳ доштани теъдоди афроди хонавода, махфӣ намудани робитаҳои ҷинсии мамнӯъ ё номашрӯъ қабл аз издивоҷи расмӣ ва қонунӣ гурез аз бордории нохоста, зино ва ҳатки номус ба унф ва ҳатто дар мавридҳое дар асари тасодуфоти ношӣ аз ронандагӣ воқеъ мешавад.

**Қатл.** Қатл бо салби ҳаёт аз як инсони зинда, муҳимтарин ҷинояте аст, ки нисбат ба афроди инсонӣ иртикоб меёбад ва ин амал ҳамвора мавриди танаффур ва инзиҷори башар буда ва бо аксуламали шадид аз тарафи ҷомеа ва хонаводаи мақтул, ки ҳамон куштани қотил аст, ҳамроҳ будааст.

**Ҳамсаркушӣ.** Ин ҷурм агарчи аз қадимулайём дар миёни милал ва ҷомеаҳои гуногуни башарӣ вуҷуд доштааст, аммо имрӯз дар сатҳи ҷаҳон рӯ ба афзоиш мебошад. Доштани таассуботи беҷо ва ғайримаъқули баъзе аз мардон ва риоят накардани ҳуқуқи занон ва озору азият кардан ва бетаваҷҷуҳӣ ба шахсият ба озодиҳои шаръӣ ва қонунии он боис шуда, ки занон ҷиҳати раҳоӣ аз ин қайду бандҳо ва ба даст овардани ҳуқуқ ва озодиҳои худ даст ба иртикоби чунин ҷурме бизананд.

**Бачакушӣ.** Яке аз ҷароимест, ки дар ҷомеаҳои башарӣ пайваста ба он рӯ ба рӯ будаанд ва аз дер боз муқаррароти хосе барои пешгирӣ аз вуқӯи ин падида ва муҷозои муртакибини он тадвин шуда, ҷурми бачакушӣ ё куштани навзод аст. Дар қонуни ҷазои Эрон муҷозоти бачакушӣ монанди қатли афроди болиғ мебошад ва аз ин назар тафовуте байни навзод, кӯдак, ҷавон ё пир дар анвои қатлҳо вуҷуд надорад.

Дар мавриди фаҳшо ва руспигарӣ дар қонуни Эрон таърифе ироа нашудааст ва қонуни муҷозоти исломӣ дар мавриди онҳо матлабе зикр накардааст. Дар моддаи 639-и қонуни муҷозот омада, маркази фасод ва фаҳшо доир кунанд. Моддаи 63-и ҳамон қонун зиноро таъриф карда, вале ба таърифи фаҳшо ишорае накардааст. Ҳамчунин дар қонуни Лубнон зино аам аз ин ки миёни наздикон бошад ё ғайри наздикон дар сурате қобили пайгирӣ аст, ки шикояткунандаи хусусӣ шикоят намояд.

Дар ҳуқуқи Эрон исқоти ҷанин аз тарафи фақат зан муҷиби муҷозоти пардохти ҷарима аз тарафи зан ба падар мебошад. Вале дар қонуни Лубнон муҷозоти ҳабс аз 6-моҳ то 3-солро доро мебошад.


## АДАБИЁТ

1. Ифтихори Ҷаҳрумӣ. Зан ва ҳуқуқи кайфарӣ / Ифтихори Ҷаҳрумӣ. –Теҳрон: Салсабил,1384.
2. Оқоинией Ҳусейн. Ҳуқуқи кайфарии ихтисосӣ / Оқоинией Ҳусейн. –Теҳрон: Мизон, 1386.
3. Аббоси Зироат. Ҳуқуқи ҷазои ихтисосӣ / Аббоси Зироат. –Теҳрон: Шамшод, 1385.
4. Гударзӣ. Пизишкии қонунӣ / Гударзӣ.–Теҳрон: Самт,1385.
5. Шаҳло Муаззимӣ. Ҳамсаркушӣ / Шаҳло Муаззимӣ. –Теҳрон: Огаҳ, 1383.
6. Мирмуҳаммади Содиқӣ. Базеҳдидагии занон / Мирмуҳаммади Содиқӣ.–Теҳрон: Салсабил, 1384.
7. Эраҷи Гулдузиён. Ҳуқуқи ҷазои ихтисосӣ / Эраҷи Гулдузиён. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1382.
8. Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома / Алиакбари Деҳхудо. -Теҳрон. 1357.


## ИЗУЧЕНИЕ И РАССМОТРЕНИЕ ВИДОВ ПРАВОНАРУШЕНИЙ, СОВЕРШАЕМЫХ ЖЕНЩИНАМИ В УГОЛОВНОМ КОДЕКСЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН И ЛИВИЙСКОЙ АРАБСКОЙ РЕСПУБЛИКИ


В данной статье автором рассмотрены виды правонарушений, совершаемые женщинами и наказания, которые предусмотрены к данным преступлениям по Уголовному кодексу Исламской Республики Иран и Ливийской Аравбской Республики. Разрабатывая религиозную доктрину преступления, мусульманские

юристы исходят из того, что любой серьезный проступок рассматривается как наказуемое нарушение мусульманских запретов. Мусульманское уголовное право сохраняет неравный правовой статус мужчины и женщины как субъекта преступления и потерпевшего от преступления.

**Ключевые слова:** Уголовный кодекс, преступление, женские преступления, неравные права женщин и мужчин, аборт, убийство, супружеская измена, предусмотренные наказания.

**STUDY AND CONSIDERATION OF THE TYPES OF OFFENCES COMMITTED BY WOMEN IN THE CRIMINAL CODE OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN AND THE LIBYAN ARAB REPUBLIC**

In this article the author considers the types of offences committed by women and penalties provided for in these crimes by the Criminal code of the Islamic Republic of Iran and the Libyan Аравбской Republic. Developing a religious doctrine crime, Muslim lawyers assume that any serious misconduct is treated as a punishable violation of the Muslim prohibitions. Muslim criminal law retains the unequal legal status of men and women as a subject of the crime and the victim of the crime.

**Key words:** criminal code, the offence of female crime, unequal rights for women and men, abortion, murder, adultery, stipulated punishment.

**Сведения об авторе:** ***Фотима Фалохнажод*** - член научно-преподавательского совета Университета Паёми нур, Тегеран
***Наргис Косимифар*** – магистрант юридического отделения Университета Паёми нур, Тегеран

# МАФҲУМ ВА ГУНАҲОИ КӮДАКОЗОРӢ ДАР ПАРТАВИ ҲУҚУҚИ КАЙФАРИИ ЭРОН

***Бушро Муҳаммадифард***
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Дамованд, Эрон**

Мутаассифона, ахбори расмӣ ва ғайрирасмӣ ҳикоят аз он дорад, ки баъзан дар мавридҳое кӯдак тавассути наздиктарин касони худ мисли падар ё модар мавриди озор ва шиканҷа қарор гирифтааст. Падаре, ки қонунан сарпарасти тифл шинохта мешавад, рисолати сарпарасти тарбият ва эътилои тифлро бар ӯҳда дорад. Дар сояи ин сарпарастии қонунӣ аз ихтиёри худ сӯистифода мекунад ва ба озори ҷисмӣ, саркӯби отифӣ ва ҳатто дар баъзе мавридҳо сӯистифодаи ҷинсӣ аз кӯдак иқдом мекунад. Бо ин ҳама дар робитаҳои кӯдак ба далели адами таъйини ҳудуди дақиқ иқдомоти волидайн роҷеъ ба тарбият дар қонун имкони таъқиби қазоӣ, шоиста ва ҳимояти муқтазӣ аз кӯдак муйясар набуда, кӯдак аз назари ҷисмӣ ва равонӣ қурбонии иқдомоти ғайриинсонӣ аз тарафи атрофиёни худ мешавад. Бо тасвиби қонуни ҳимоят аз кӯдакон ва навҷавонон дар соли 1381 интизор мерафт, ки ин халои қонунӣ дар мавриди тифлон бартараф гардад. Аз тарафи дигар, ҳимояти хос аз кӯдак ба унвони мавҷуди ниёзманд дар ҷиҳати таолии моддиву маънавии насли оянда ва идоракунандаи фардои ҷомеа равшан аст. Бар ин асос дар солҳои охир кӯдакозорӣ ба унвони як мушкилоти иҷтимоӣ беш аз гузашта мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Аммо аз тарафи дигар, ширкати осори фардии иҷтимоӣ ва хонаводагии озори кӯдакон ва асароти густурда ва васеи он бар афкори умумӣ, ҳамчунин интишори ахбори ақидаи марбут ба мавридҳои кӯдакозорӣ бар раванди рӯ ба рушди он зарурати таваҷҷуҳ ба ин мавзӯъро ба унвони як мавзӯи муҳимми иҷтимоӣ мебояд дар дастури кори тасмимгирандагони иҷтимоии ҳуқуқи қонунгузорӣ ва соири масъулони кишвари Эрон қарор диҳад.

Имрӯз мафҳуми кӯдакозорӣ ба сурати ҷисмӣ ва равонӣ, дар фарҳангҳои мухталиф мутафовит аст, ба гунае ки бархе аз рафторҳо нисбат ба кӯдак дар баъзе фарҳангҳо амри табиӣ аст. Ҳол он ки ҳамон рафтор дар нигариши мардумони дигар метавонад навъи кӯдакозорӣ талаққӣ гардад.

Яке аз масоили муҳим дар робитаи ҳуқуқи хонавода адами вуҷуди меъёри мушаххасе дар баҳси таҳдиди тифлон аст. Бинобар ин, чӣ масоиле аз масодиқи кӯдакозорӣ аст ва мизони ташхис кадом аст, ба осонӣ қобили таъйин намебошад. Дар қонунҳои мавҷуд меъёри мушаххасе дар таъйини ҳудуди иқдомоти тарбиятии волидайн ва мафҳуми шеваи тарбиятии мутаориф вуҷуд надошта, ҳамин амр роҳҳоро бар кӯдакозорӣ тавассути волидайн дар мавридҳое ҳамвор месозад. Қонунҳо дар ҳимоят аз кӯдак ва ҳуқуқи бунёдини ӯ бахусус дар конуни хонавода кофӣ набуда, ҳатто қонуни ҳимоят аз кӯдакон ва навҷавонон низ натавонистааст халоҳои мавҷудро бипӯшонад.

**Таърифи кӯдакозорӣ.** Дар таъриф аз падидаҳои иҷтимоӣ бояд аз як сӯ мабно ва меъёр ва аз сӯйи дигар, ҳадаф ва ё ҳадафҳои мавриди назар ба равшанӣ тарсим шавад. Бадеҳист, ки бо тағйири меъёр ва ё ҳадафҳо шоҳиди тарҳи таориф ва табйини мутааддид ва мутафовите аз як падидаи воҳид хоҳем буд.

**Таъйини мабонӣ ва ҳадафҳо.** Дар боби кӯдакозорӣ ба унвони як осеби иҷтимоӣ, муносибтарин мабно таърифи осеби ёдшуда бар асоси моҳияти он бошад. Ба ибораи дигар, сарфи назар аз шароити хос ва бидуни лиҳози ҷойгоҳи ин мафҳум дар сатҳи сиёсатгузориҳои иҷтимоӣ ва ҷиноӣ, кӯдакозорӣ бар асоси аҷзои муташаккили он дар сатҳи як таҳлили илмӣ мавриди таъриф қарор гирад. Ба назар мерасад, ки моҳияти кӯдакозорӣ мубтанӣ бар вуруди ҳар гуна шакли ҷисмӣ ва равонии азият нисбат ба тифл баррасӣ мешавад. Эҷоди садама, азият ва озори ҷисмонӣ ё рӯҳии омидона ба сӯйи ният ва бо таваҷҷуҳи мавқеияти заиф ва нотавонии кӯдак ҷиҳати дифоъ аз худ ё муқобила, адами вуҷуди қобилиятҳои лозима дар тифл ҷиҳати иқомаи даъвои кайфарӣ ё маданӣ нисбат ба ҷурм меъёри айнии кӯдакозорӣ мебошад.

**Ҳадаф ё аҳдоф.** Пас аз таъйини мабнои шиносоии рафтори озордиҳанда акнун навбат ба тарсими ҳадафҳои система ва ироаи таъриф мерасад. Дар иртибот бо таъйини ҳадаф ё аҳдофи нозир ба ҳимояи таъриф аз кӯдакозорӣ бояд ду меҳвари калони назарӣ ва амалиро аз якдигар ҷудо намуд. Дар сатҳи назарӣ ҳадаф аз ҳимоя таърифи тарсими симои ҳақиқӣ падид ва мавриди назар аст. Ба ибораи дигар, хиттаи шумули мафҳуми кӯдакозорӣ дақиқан мунтабиқ бо густураи он дар сатҳи илмӣ ироа мегардад. Бар ин асос, ҳар гуна рафторе, ки садама ва ё латмаро ба кӯдак ворид оварда аст, ба унвони кӯдакозорӣ шиносоӣ мешавад.

Дар ин сатҳ бо таърифи кӯдакозорӣ бар мабнои меъёри илмӣ доманаи ин падида густарда мешавад. Ба гунае ки илова бар дар бар гирифтани заминаҳои сӯистифода аз тифлон, ки дорои унвонҳои ҳуқуқии мустақиле монанди кори кӯдак, сӯистифодаи ҷинсӣ аз кӯдак ҳастанд бисёре аз рафторҳоеро, ки воҷиди моҳияти озордиҳанда буда, лекин ба далели фиқдони шиддат ё адами истимрори иртикоби таҳти сиёсати посухдиҳии давлат ва ё ниҳодҳои маданӣ қарор намегиранд, низ дар ин хитта дар бар мегирад.

Дар сатҳи илмӣ ҳадаф аз ироаи таъриф доманаи шумули падидаи мавриди назар дар сатҳи сиёсатҳо ва барномаҳои мусавваб аст. Ба ибораи дигар, бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои хосе, ки низомҳои сиёсатгузор аз тарҳи баҳси кӯдакозорӣ таъқиб менамоянд, хитта ва густурдаи ин мафҳум ба абъоди хос маҳдуд гардидааст. Дар ин сатҳ сиёсатгузорон талош намудаанд, то ба манзури ҷалби таваҷҷуҳи мардум ва ниҳодҳои маданӣ ба вазъияти кӯдакон, даргири рафторҳои номутаориф ва озордиҳанда дар муҳити хонавода ва соири муҳитҳо ба унвони рафтори ғайриқонунӣ ва муҷримонаи волидайн, соири сарпарастони қонунии тифл таваҷҷуҳ намоянд. Ба ибораи дигар, кӯдакозорӣ мубтанӣ бар нақзи масъулият ва ё хиёнат бар кӯдак таҳти сиёсатгузории хосе қарор мегирад. Бадеҳист, ки натиҷаи мустақими иттихози сиёсатҳои ташдиди кайфарии муртакибин ҳосил шуда, тарсими завобити хоси расидагӣ, далели исботи ҷурм, таъйини буҷаи мутамоиз ва ё барномаи мухтас ба парвандаҳои кӯдакозорӣ хоҳад буд.

**Гунаҳои кӯдакозорӣ. Кӯдакозории ҷисмӣ ва отифӣ.** Озори ҷисмии кӯдак мунҷар ба осеби ҷисмии билфеъл ва ё билқувваи вай мегардад. Ин рафтор дар хиттаи масъулият ё эъмоли ихтиёроти фарди муртакиб сурат мепазирад. Ин рафтор ба суртаи амдӣ ва бо сӯйи нияти хос вуруди садама ба кӯдак ва ё дар натиҷаи эъмоли тарбияти ғайрисаҳеҳи волидайн ҷиҳати танбеҳи кӯдак сурат мепазирад. Аз назари мизони шуюъ озори ҷисмиро метавон баъд аз ғафлат ва бетаваҷҷуҳии яке аз шойеътарин шеваҳои озори кӯдакон ба шумор овард. Бархе аз масодиқи озори ҷисмӣ иборатанд аз: шаллоқ задан, зарба задан, лагад задан, сӯзондан, парт кардан, хафа кардан ва газ гирифтан мебошад.

Озори ҷисмӣ мумкин аст ба салби ҳаёт аз кӯдак ва ё маълулият ва нуқсонии доимии тифл мунҷар гардад. Аз сӯйи дигар, озори отифӣ ба маънои кӯтоҳӣ дар фароҳам намудани муҳити ҳимоятии муносиб барои рушди кӯдак мебошад. Чунин муҳите шомили маҷмӯаи тааллуқот ва вобастагиҳои ибтидоӣ мебошад, ки бар мабнои он кӯдак ин имконро касб менамояд, то шоистагиҳои отифӣ ва иҷтимоиашро мутаносиб бо истеъдодҳо ва тавоноиҳои билқувваи худ дар ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунад буруз диҳад. Рафторҳои тунд ва асабӣ, ки нисбат ба кӯдак сурат мегирад ва мунҷар ба вуруди осеб ба саломат ва рушди равонӣ, рӯҳӣ ва ахлоқӣ ё иҷтимоии ӯ мегардад ё эҳтимоли бурузи чунин осебҳоеро эҷод менамоянд, дар зумраи озори отифӣ қарор мегирад. Дар идома кӯдакозории ҷинсӣ низ қобили тарҳ аст, ки дорои ду буъд - ҷисмӣ ва рӯҳӣ тавъам аст. Кӯдакозории ҷинсӣ иборат аст аз даргир намудани кӯдак дар фаъолияти ҷинсӣ, ки вай ба таври комил онро дарк намекунад ва нотавон аз ибрози ризояти огоҳона аст. Ё кӯдак барои анҷоми он ба лиҳози рушди омода нест ва наметавонад ба он ризоият диҳад ё даргир кардани кӯдак дар фаъолиятҳои ҷинсӣ аст, ки қонун ва таблоҳои иҷтимоиро нақз мекунад. Озори ҷинсӣ тейфи густардае аз рафторҳоро дар бар мегирад. Бархе аз масодиқи ин амал ба шарҳи зер аст: иғво намудан ва ё иҷбори кӯдак ба ворид шудан дар ҳар гуна рафтори ҷинсии ғайриқонунӣ, истифода ва баҳракашӣ аз кӯдак дар фаҳшо ва дигар рафторҳои ҷинсии ғайриқонунӣ ва истифода дар ростои таҳияи матолиби ҳарзанигорӣ.

**Кӯдакозории мубтанӣ бар ғафлат ва бетаваҷҷуҳӣ.** Бетаваҷҷуҳӣ ба маънои кӯтоҳӣ дар фароҳам намудани лавозими рушди кӯдак дар куллияи ҳавзаҳои саломатӣ, беҳдошт, рушди отифӣ, тақзия ва шароити зиндагии амн дар ҳадди васеи волидайн, ки мунҷар ба бурузи осеб ба саломатӣ ё рушди ҷисмиву рӯҳию равонӣ, ахлоқӣ ё иҷтимоии кӯдак мебошад. Ҳамчунин усул дар нигаҳдорӣ ва мувозибати комил ва ҳимоят аз кӯдакон дар баробари осебҳо то ҷое ки имконпазир аст, кӯдакозорӣ мубтанӣ бар ғафлат ва бетаваҷҷуҳӣ маҳсуб мешавад. Бар хилофи соири мушкилоти кӯдакозорӣ, ки аз назари теория имкони иртикоби онҳо аз сӯйи соири ашхос, ғайр аз волидайн низ мутасаввир буд, ин гуна аз кӯдакозорӣ сирфан тавассути волидайн ва соири сарпарастони қонунӣ қобили иртикоб аст. Чароки усул дар нигаҳдории кӯдак ва таъмини ниёзҳои вай таҳти шароите имконпазир аст, ки ашхоси муртакиб масъулияти таъмини ниёзҳои тифлро бар уҳда дошта бошанд.

**Кӯдакозорӣ, иллат ва заминаҳои эҷодкунанда.** Ҷомеаҳои муосир дар фароянди таҳаввулоти густурдаи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мубаддал ба иҷтимоооти печида ва чандлоя гардиданд. Чунин амр мунҷар ба сайл шудани мушкилоти иҷтимоӣ ва ношинохта мондани бисёре аз абъоди нопайдои онҳо гардидааст.

**Омилҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ.** Яке аз муҳимтарин абъоди нопайдо ва пинҳони бурузи падидаи кӯдакозориро метавон дар амалкарди номатлуби низоми сиёсӣ ва сохтори ҳуқуқии ҷомеа мушоҳида намуд. Дар сатҳи амалкарди номатлуби низоми сиёсӣ ва сохтори ҳуқуқӣ, метавон заминаҳои эҷод ва ё ташдиди падидаи кӯдакозориро ба таври иҷмолӣ чунин ташреҳ намуд:

**Мусомеҳа дар пардохтан ба падидаи кӯдакозорӣ.** Давлатҳо муваззаф ба тадвини иҷро ва назорат бар амалиётӣ шудани тейфи густурдае аз сиёсатҳо ва барномаҳо дар посух ба осебҳо ва мушкилоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ҳастанд. Як сохтори сиёсатгузор мумкин аст бо адами тасвиби қонунҳо ва муқаррарот дар сатҳи қонунӣ ва адами бакоргирии неруҳои мутахассис ва коромад дар баданаи иҷроӣ ва қазоӣ, ниҳоятан бо адами назорати муассир бар фаъолият ва амалкарди ин гуна нерӯҳо дар анҷоми вазифаҳои муҳавала муртакиби мусоҳема шавад.

**Мусомеҳаи низоми қонунӣ.** Низомӣ сиёсӣ ва ба табаи он сохтори ҳуқуқии мутаваллии аслии посухгӯӣ ба осебҳо ва ҷаримаҳо дар сатҳи иҷтимоанд. Назар ба чунин амре сандуқи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар ҷиҳати муқобила бо абъоди гуногуни сӯистифода аз кӯдакон вазифаҳои мутааддиде, аз ҷумла тасвиб ва иҷрои қонунҳо бо мавзӯи ҳуқуқ ва ҳимоят аз кӯдак, муҷозоти муртакибини ҷиноят алайҳи кӯдак, фароҳам будани хадамоти иҷтимоии асосӣ бидуни табъийз барои ҳамаи кӯдакон, расидагӣ, гузоришдиҳӣ ва назорати шаффоф нисбат ба бадрафторӣ ва истисмори кӯдакро бар уҳдаи давлатҳо қарор додааст. Мутаассифона, бархе аз давлатҳо бо вуҷуди изъон бар номатлуб будани рафторҳои озордиҳанда алайҳи кӯдакон дар ростои назорат ва посухдиҳӣ ба осебҳои ёдшуда, сиёсатҳо ва барномаҳои коромад ва мунсаҷимеро ироа намедиҳанд. Ин саҳлангориро метавон таҳти ду меҳвар мавриди баррасӣ қарор дод:

**Фиқдони низоми ҷомеъ ва баҳампайваста ва сиёсатгузорӣ дар қиболи кӯдакозорӣ.** Кӯдакозорӣ аз ҷумлаи осебҳое аст, ки таҳти таъсири омилҳои мутааддиде шакл мегирад. Ба манзури муқобила бо абъоди ғайриинсонӣ ин осеби иҷтимоӣ низоми сиёсӣ ва ба дунболи он сохтори ҳуқуқӣ мебоист иқдом ба тарҳи хатҳои калони сиёсатгузорӣ мушаххас ва таърифшудае дар ҷиҳати расидан бар ҳадафҳои муайяне намуда ва бар мабнои он маҷмӯаи иқдомоти пешгиронаи ҳимоятӣ ва кайфариро танзим ва ба шакли мунсаҷим ва муртабит бо якдигар ба иҷро гузоранд. Бадеҳист, ки иқдомоти пароканда ва ё мунфариди марҷаҳои гуногун, агар нокоромад талаққӣ нагардад фоқиди кориии матлуб ва мунсоиб хоҳад буд.

**Фиқдон ва ё адами кифояти ҳар як аз меҳварҳои пешгирона, ҳимоятӣ, бозпарварона ва кайфарӣ.** Таҳия ва танзими низоми ҷомеи пешгирӣ аз кӯдакозорӣ яке аз ҳаётитарин марҳилаҳои посухдиҳӣ дар муқобили кӯдакозорӣ танзим ва тадвини иқдомоти муассири пешгирона аст. Дар ин робита ба давлатҳо тавсия шудааст, ки пешгирӣ аз хушунат алайҳи кӯдакро аз тариқи пардохтан ба иллатҳо ва решаҳои он дар болотарин авлавият қарор диҳанд. Ба ҳамон мизон ки манобеи тахсисёфта ба анҷоми мудохилот пас аз вуқӯи хушунат алайҳи тифл муҳим аст, давлатҳо бояд манобеи кофӣ ба амри пардохтан ба омилҳои хатарзо ихтисос диҳанд. Мутаассифона, дар сатҳи бархе аз кишварҳо бидуни таваҷҷуҳ ба аҳамияти ҳаётии мавзӯи пешгирӣ ва ба ҳам пайвастагии мабнои он бо соири марҳилаҳои муқобила ва посухдиҳӣ ба падидаи кӯдакозорӣ аз таваҷҷуҳи шоиста ба он худдорӣ мегардад.

**Мусомеҳаи баданаи иҷроӣ.** Баданаи иҷроӣ шомили мададкории иҷтимоӣ, нерӯи интизомӣ ва идораи полис ва кадри қазоӣ аз нақши таъйинкунандае дар иртибот бо сиёсатҳои назорат ва маҳори кӯдакозорӣ бархурдоранд. Сӯимудирият ва адами кориии ин ниҳодҳо метавонад зарбаҳои ҷубронношазиреро ба баданаи ҳавзаи посухдиҳӣ ба падидаи кӯдакозорӣ ворид оварад.

**Иттихози сиёсатҳои ташдидкунандаи вуқӯи кӯдакозорӣ.** Дар ҳавзаи осебҳои иҷтимоӣ, бахусус кӯдакозорӣ метавон бархе аз сиёсатҳо ва иқдомоти нодурусти давлатро мушоҳида намуд, ки на танҳо ба рафъи ин гуна осебҳо кӯмаке наменамоянд, балки ташдид ва раванди иртикоби онҳоро ба дунбол доранд. Яке аз мухарибтарин анвои чунин барномаҳоро метавон дар чорчӯби барномаҳое мулоҳиза намуд, ки бо ироаи талаққии амнияти аз осеби иҷтимоӣ дар садади посухгӯйӣ ба онҳо бароянд.

Агарчи баҳси кӯдакозорӣ дар солҳои охир мавриди таваҷҷуҳи соҳибназарони эронӣ қарор гирифта аст, лекин бо мулоҳизаи иҷмолӣ манобеи мавҷуд намоён мешавад, ки дар таҳқиқот ва таълифоти анҷомшуда, ки ба таври куллӣ аз буъди ҷомеашиносӣ, ҷурмшиносӣ ё равоншиносӣ ба таҳлили масъала пардохта шудааст, базеҳкорон афроди бегона ва ё ҳадди аксар хешовандони дури кӯдак ҳастанд ва базеҳдидагии кӯдак бештар дар муҳити ғайр аз конуни хонавода мавриди мутолиа қарор гирифтааст. Ин дар ҳолест ки кӯдак мумкин аст тавассути наздиктарин касони худ, яъне падару модар мавриди озор ва шиканҷа қарор гирад. Дар натиҷа на танҳо волидайн, балки ҳар кас метавонад бо сӯистифода аз синни онон муртакиби кӯдакозорӣ гардад ва сипас бо тавассул ба халои қонунии мавҷуд аз муҷозот раҳоӣ ёбад. Аз сӯйи дигар бо таъкид бар халоҳои қонунии феълӣ пешниҳоди ироаи тарҳи ҳимоят аз кӯдакон ва навҷавонон дар Эрон матраҳ гардид, ки интизор мерафт дар мавриди тифлон ва дар муҳити хонавода иҷро гардад. Ба назар мерасад, ки эътои ин муҷавиз кӯдаконро дар маърази анвои озор, азияти рӯҳӣ ва ҷисмӣ ба баҳонаи тарбият дар муҳити хонавода қарор медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Мирмуҳаммади Содиқӣ. Ҷароим алайҳи ашхос / Мирмуҳаммади Содиқӣ. –Теҳрон: Мизон, 1386.

2. Муҳаммадҳодии Содиқӣ. Садамаҳои ҷисмонӣ / Мирмуҳаммади Содиқӣ. –Теҳрон: Мизон, 1379.
3. Амири Ирвониён. Кӯдакозорӣ / Амири Ирвониён. -Теҳрон: Хурсандӣ, 1379.
4. Нафисаи Пурноҷӣ. Марги хомӯш / Нафисаи Пурноҷӣ. –Теҳрон: Ҳамшаҳрӣ, 1378.
5. Носири Котузиён. Ҳуқуқи мадании хонавода / Носири Котузиён. –Теҳрон: Нашр, 1367.
6. Алиҳусайни Наҷафӣ. Тағйироти дарси ҷурмшиносӣ. Донишгоҳи Шаҳид Биҳиштӣ. 1373.

**ПОНЯТИЕ И ВИДЫ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ПРОТИВ ДЕТЕЙ В УГОЛОВНОМ КОДЕКСЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН**

В данной статье рассмотрены понятие и виды преступлений против детей. Также указанны меры предупреждения совершения преступлений против детей. Преступления против детей представляют собой общественно опасные посягательства, которые непосредственно нарушают общественные отношения, обеспечивающие нормальное физическое, интеллектуальное и нравственное воспитание детей.

**Ключевые слова:** объекты посягательства, совершение преступлений нормальное развитие и воспитание детей, вовлечение детей в преступную деятельность.

**NOTION AND TYPES OF CRIME COMMITTED AGAINST CHILDREN IN THE CRIMINAL CODE THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN**

***Boshra Mohammadifard***
**Department of Law, Damavand Branch, Islamic Azad University, Damavand, Iran**

This article describes the concept and types of crimes against children. Also included measures to prevent the Commission of offences against children. Crimes against children are socially dangerous encroachments, which directly violate public relations, ensure the normal physical, intellectual and moral upbringing of children.

**Key words:** objects assault, crimes normal development and education of children, the involvement of children in criminal activities.

***Сведения об авторе: Бушро Мухаммадифард*** – преподаватель Свободного исламского университета города Дамованд, Иран

# САҲМИ МЕРОСИ ЗАНУ ШАВҲАР ВА МЕРОСБАРОН МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

***Хамид Аллохвардизода***
**Донишгоҳи давлатии шахри Боку**

Дар мавриди саҳми мероси зану шавҳар ва меросбарон ба табақаи аввали моддаи 913 қ.м. бояд мурочиат намуд. Моддаи 913 мегӯяд «Дар тамоми суратҳои зикршуда дар ин мабҳас ҳар як аз зану шавҳар, ки зинда бошанд, фарзи худро мебарад ва ин фарз иборат аст аз нисфи тарака барои шавҳар ва чоряки (0,25%) он барои зан дар сурате ки шахси вафоткарда фарзандон надошта бошад ва аз чоряки (0,25%) тарака барои шавҳар ва аз ҳашт як ҳиссаи он барои зан, дар сурате, ки шахси вафоткарда, ё фарзандон, ё фарзандони фарзандон дошта бошад ва аз он чи аз тарака боқӣ монд, тибқи муқаррарот маводи қабли мобайни дигар меросбарон тақсим мешавад». Бинобар ин чунончи шахси вафоткарда дорои падар ва модар ва зан ва чанд фарзанд бошад, падару модар ва зану фарзандон ҳар саҳми худро аз асли тарака мебаранд ва бақия байни фарзандони шахси вафоткарда тақсим мешавад. Яъне саҳми падар ¼ + саҳми модар ¼ + саҳми зан ¼ = маҷмӯъ мешавад 14/24 ва бақияи тарака ки 15/24 аст, байни фарзандони шахси вафоткарда тибқи муқарароти марбута тақсим мешавад. Ва ҳар гоҳ шахси вафоткарда дорои падару модар бошад, чунон ки гузашти соҳибони фарз, яъне модар 1/3 шавҳар ё зан ½ ё ¼ насиби худро мебаранд ва бақия ба унвони хешони наздики падар дода мешавад.

**Кам шудан ва зиёдатии тарака.** Гоҳе дар тақсими тарака байни соҳибони фарз таракаи шахси вафоткарда кифоят насиби ҷамъи фарзро наменамояд ва ё баръакс дар ҷамъ кардан, фарзи зиёдатӣ пайдо мешавад. Дар ин маворид таклиф чист ва чӣ гуна бояд костӣ ва зиёдатиро саршикан намуд, моддаи 914 қ.м.дар мақоми посух ба ин пурсиш мегӯяд: «Агар бавосита будани чандин нафар соҳибони фарз, таракаи шахси вафоткарда насиби тамоми онҳоро накунад, каме ба духтар ва ду духтар ворид мешавад ва агар пас аз мавзӯъ кардан, насиби соҳибони фарзи зиёдатӣ бошад ва меросбарон набошад, зиёдаро ба унвони хешу табори наздик, ин зиёда байни соҳибони фарз бар тибқи муқарраротӣ маводи фавқ тақсим мешавад, лекин зану шавҳар мутлақан ва модар агар ҳоҷиб дошта бошад, аз зиёда чизе намебарад». Муқаррароти моддаи фавқ ду мавзӯи аввал ва таъсибро баён мекунад.

**Аввали таракаи кофӣ ба саҳми меросбарон.** Чунончӣ дар варасаи табақаи аввал воҳиди таракаи кофӣ тамоми соҳибони саҳмро дар варасаи табақаи аввал дар ду мавриди пеш меояд, ки мавриди моддаи 908 ва мавриди моддаи 909 бошад.

А). Мавриди моддаи 908. Дар сурате ки шахси вафоткарда илова бар падар ва модар ва як духтар дорои шавҳар ҳам бошад, дар ин вазъ аст, ки воҳиди таракаи кифояти тамоми ҷаъми фарз онҳоро наменамояд, зеро насиби ҳар як аз падар ва модар ¼ аст ва насиби духтар ½ ва насиби шавҳар ¼ маҷмӯъ тамоми ин саҳҳом мешавад 26/24, яъне ба миқдори 2/24 беш аз воҳиди тарака аст. Дар ин хусус ба дастури моддаи 914 қ.м. нуқс бар духтар ворид мешавад, яъне ба ҷои ин ки ба духтар 12/24 (нисфи тарака) дода шавад, 10/ 24 дода мешавад, андаке камтар аз нисф.

Б). Дар сурате, ки шахси вафоткарда илова бар падар ва модар ва чанд духтар дорои шавҳар низ бошад. Дар ин вазъ аст, ки воҳиди таракаи кофӣ насиби тамоми меросбаронро наменамояд. Зеро насиби ҳар як аз падар ва модар 1/4 аст ва насиби духтарҳо 2/3 ва насиби шавҳар ¼ ҷамъи саҳгирандагон мешавад: 30/24 (1/6+ 1/6 +

2/3+ ¼) ва ба миқдори 6/24 беш аз воҳиди тарака аст. Дар ин ҷо ҳам каме ба духтарҳо ворид меояд. Яъне ба ҷои ин ки 16/24 ба духтарҳо дода шавад, 10/24 ба онҳо дода мешавад.

Ин тариқа, яъне вуруди кам шудан ба духтарҳо ё духтарон тариқе аст, ки фиқҳи имомия дар пеш гирифтааст. Тариқи дигаре ки аз он мутобиқат мекунанд, аввал мебошад. Аввал ба ин наҳв аст, ки таракаро бар маҷмӯи саҳмгирандагон тақсим менамоянд. Дар ин сурат камшавӣ бар тамомои саҳмгирандагон ворид мешавад. Масалан дар мисоли мазкур дар мавриди (А) таракаро ба ҷои он ки 24 саҳмгирандагон тақсим кунанд, ба 26 саҳми қисмат менамоянд ва дар мисоли мазкур дар (Б) таракаро ба ҷои ин ки ба 24 тақсим кунанд, бар 30 тақсим менамоянд ва ба ҳар кас насиби худро медиҳанд. Аввал дар луғат ба маънии зиёда аст ва марбут ба мавориде аст, ки саҳҳом варасае, ки ба фарз мерос мебаранд ва маҷмӯи ҷамъи фарзи онҳо беш аз воҳиди тарака мешавад, вале агар баъзе аз меросбарон ба унвони соҳиби фарз ва баъзе дигар ба унвони хешони наздик аз тарака саҳм бибаранд, қаблан насиби соҳибони ҷамъи фарз дода мешавад ва он чи мемонад мутааллиқ ба хешони наздик аст. Чунончи шахси вафоткарда дорои модар, падар ва шавҳар ё зан бошад ва шавҳар ё зан фарзи худро бибаранд, яъне модар 1/3 ва шавҳар ½ ва зан ¼ бақия ба падар ба унвони хеши наздик 2/3 ро мебарад. Ва наметавон вақте падар ва модари меросбарон танҳо ҳастанд, бигӯем падар 2/3 ва модар 1/3. Зеро агар шавҳар бо зан бо ҳам бошанд, падар камтар мебарад ва аз мавридҳои аз байн рафтани кифояти саҳҳом аст.

**Зиёдатии тарака аз саҳми меросбарон.** Баробари моддаи 205 Қонуни маданӣ ҳар гоҳ пас аз мавзӯъ кардан насиби соҳибони фарз зиёдати аз тарака бимонад ва ворисе набошад, ки он зиёдаро ба унвони хешони наздике бидиҳад, зиёда байни соҳибони фарз тақсим мешавад. Албатта, шавҳар ва зан ба таври мутлақ ва модар агар ҳоҷиб дошта бошад, аз он зиёда чизе намебаранд. Додани зиёдаро ба соҳибони фарз дар истилоҳ рад мегӯянд. Ҳолати зиёда ба ҷамъи фарз дар сурате пеш меояд, ки тамоми меросбарон аз соҳибони фарз бошанд ва меросбаре ба унвони аз хешони наздик мавҷуд набошад, то он зиёдаро бибарад ва ба ғайр пас аз он ки соҳибони ҷамъи фарз саҳмияи худро бурданд, бақия ба меросбароне, ки хешу табори наздиканд мерос мебаранд, дода мешавад.

Дар ду мавриди зайл меросбарон ба танҳоӣ соҳиби фарз ҳастанд ва миқдоре аз тарака пас аз бурдани соҳибони фарз боқӣ мемонад.

Як духтар танҳо меросбар аст. Ҳар гоҳ меросбари шахси вафоткарда фақат як духтар бошад, нисфи таракаро ӯ ба фарз мебарад ва чун касе аз хешони наздик дар табақаи ӯ нест, ки бақияро бибарад, он нисфи дигарро ба унвони рад ба ӯ медиҳанд. Гоҳе духтар танҳо бо шавҳар ё зани шахси вафоткарда зоҳир мешавад, ки дар ду шакли зер тақсим сурат мегирад.

1. Як духтар ва шавҳар ҳар гоҳ меросбари шахси вафоткардаи як духтар ва шавҳар бошад, саҳми шавҳар ¼ ва саҳми духтар ½ мебошад, ки дар маҷмӯъ мешавад ¾ ва бақия мемонад ¼ ки ба унвони рад ба духтар дода мешавад, шавҳар аз зиёда маҳрум аст.
2. Як духтар ва зан: дар ин сурат саҳми зан ба фарз 1/8 ва саҳми духтар ба фарз ½ мебошад. Маҷмӯъ он ду мешавад 5/8 тарака ва бақияи он мемонад ва ба унвони рад ба духтар дода мешавад ва зан аз зиёда маҳрум аст.

Б) Чанд духтари танҳо меросбаранд: Ҳар гоҳ меросбари шахси вафоткарда чанд духтари танҳо дошта бошад, ду се ҳисса аз тарака ба унвони фарз ба онон дода мешавад ва чун аз соҳибони хешони наздик касе дар табақаи онҳо нест, як сеи ҳиссаи он боқимонда ҳам ба унвони рад ба онон мерасад.

Гоҳе чанд духтари танҳо ҳамроҳ бо зани шахси вафоткарда ҳастанд, ки ба ду тариқи зер амалӣ мегардад:

1.Чанд духтар ва шавҳар: дар сурате, ки меросбарон чанд духтар ва шавҳар бошад, саҳми чанд духтар 2/3 ва саҳми шавҳар ¼ аст, ки дар маҷмӯъ мешавад 11/12 аз тарака он чӣ боқӣ мемонад 1/12 аст, ки ба унвони рад ба духтарҳо дода мешавад ва шавҳар аз зиёда маҳрум аст.

2.Чанд духтар ва зан дар сурате, ки меросбари шахси вафоткарда чанд духтар ва зан бошад, саҳми чанд духтар 2/3 ва саҳми зан 1/8 ҷамъи он мешавад 19/24 ва он чӣ боқӣ мемонад ва зиёда аз фарз аст 5/24, ки ба унвони рад ба духтарҳо дода мешавад ва зан аз ин зиёда маҳрум аст. Ин равиши махсуси имомия аст. Дар ҳуқуқи аҳли суннат қоидаи таъсиб амал мешавад, яъне зоид ба саҳмияи соҳибони фарз ба хешовандони падарони шахси вафоткарда, агарчи аз дараҷа ва ё табақаи баъдӣ бошанд, дода мешавад. Таъсиб, яъне додан ба асабаи ӯ, ки хешовандони падарии шахс аст, асаб дар луғат яъне иҳота кардан ва ба хешовандони падари аз он ҷиҳат асаба гӯянд, ки шахсро иҳотакарда ва аз ӯ ҳимоят менамоянд.

**Банди дуюм**

**Саҳми мероси зану шавҳар ва меросбарон дар табақаи дувум.** Тибқи моддаи 927 қонуни маданӣ «Дар тамоми мавридҳои мазкур дар ин баҳс ҳар як аз зану шавҳар, ки бошад фарзи худро аз асли тарака мебарад ва ин фарз иборат аст аз нисфи асли тарака барои шавҳар ва чоряки (0,25%) он барои зан. Наздикони модар ҳам, фарзи худро аз асли тарака мебаранд. Ҳар гоҳ ба воситаи вуруди шавҳар ё зан кам шудан мавҷуд гардад, камшавӣ ба гузаштагони падарӣ ё ба аҷдоди падарӣ ворид мешавад».

**Фарзи шавҳар ва зан дар табақаи дувум.** Моддаи 913 қ. м. насиби шавҳар ва занро бо фарзи меросбари табақаи аввал баён намуда буд, вале дар ин ҷо моддаи 927 бо фарзи меросбарон дар табақаи дуюм насиби шавҳар ва занро мушаххас сохтааст. Насиби щавҳар ва зан бо фарзи табақаи дувум мисли мавриде аст, ки фарзанде барои шахси вафоткарда нест ва он нисфи тарака барои шавҳар ва чоряки (0,25%) он барои зан аст. Вақте моддаи 927 дар баҳси меросбарони табақаи дуюм омада маълум аст, ки аз табақаи аввал касе мавҷуд нест ва бояд вазъи шавҳар ё занро дар ҳолате дар назар гирифт, ки шахси вафоткарда фарзанд надорад.

**Насиби шавҳар ё зан аз асли тарака.** Шавҳар ё зан саҳми мероси худро аз асли тарака мебаранд, яъне ибтидо нисф ё чоряки (0,25%) таракаро ба шавҳар ё зан медиҳанд ва боқимондаро ба меросбарони табақаи дуюм ба шарҳе, ки тавзеҳ дода шуд, тақсим менамоянд.

**Саҳми хешовандони модарӣ.** Хешовандони модарӣ фарзи худро аз асли тарака мебаранд. Бинобар ин дар хусуси моддаи 922, ки бародари падарӣ ва бародари модарӣ бо ҳам ҷамъ шудаанд. Чунончи бародарони модарӣ бисёр бошанд, сеяки асли тарака ва чунончи як нафар бошад шашяки асли таракаро мебаранд ва бақияи тарака ба хешовандони падарӣ дода мешавад. Масалан: ҳар гоҳ зани бевае бимирад ва чанд бародарзода ва хоҳарзодаи модарӣ ва чанд аҷдод ва бародарони падарӣ аз худ боқӣ гузорида бошад, қаблан насиби бародарони модарӣ, ки дар сурати теъдод 1/3 аз тарака аст, бардошта мешавад. Сипас 2/3, ки боқимонда аз тарака аст, ба хешовандони падарӣ дода мешавад, ки онро тибқи муқаррароти марбута, яъне ҳиссаи мардон ду баробари занҳо байни худ тақсим кунанд.

**Тақсими камшавӣ бар аҷдоди падарӣ.** Гоҳе мавориде пеш меояд, ки вақте фарзи ҳар кадом аз меросбарон дода мешавад, камшавӣ пеш меояд. Масалан: чунончи шахси вафоткардаи аҷдод ва аҷдоди падарӣ ва модари бо ҳам дошта бошад, ду сеяки тарака ба меросбарон мерасад, ки аз тарафи падар хешу табори наздик доранд ва як сеяк аз тарака ба меросбарон тааллуқ дорад, ки аз хешовандони модарӣ ҳастанд. Чунончи шахси вафоткарда шавҳар ё зан дошта бошад, дар тақсим камшавӣ ҳосил мегардад. Зеро маҷмӯи саҳми хешовандони падарӣ ва модарӣ болои ҳама таракаро дарбар мегирад ва чизе барои шавҳар ва зан агар бошад, боқӣ намегузорад, аммо тибқи қисмати охири моддаи 927 аввал саҳми хешовандони модарӣ, ки 1/3 аст, аз асли тарака бардошт мешавад, ки ҷамъи он мешавад 5/6 ва бақия, ки ¼ тарака аст, ба хешовандони падарӣ тааллуқ мегирад. Дар ҳоле ки агар шавҳар вуҷуд надошта бошад 4/6 ё 2/3- ро соҳиб мегардад. Ҳол агар шахси вафоткарда шавҳар бувад ва зан ҳам медошт, вазъ ба ин тартиб буд, ки 1/3 саҳми хештандорони модарӣ ва ¼ саҳми шавҳар, ки маҷмӯъ мешавад 7/12 ва боқимонда, ки 5/ 12 аст ба хештандорони падарӣ дода мешавад.

**Банди сеюм**

**Зану шавҳар ва меросбарон дар табақаи савум.** Баробари фарзи аввали моддаи 938 қ. м. «Дар тамоми мавридҳои мазкур буда, дар баҳси ҳар як аз зан ва шавҳар, ки бошад фарзи худро аз асли тарака мебаранд ва ин фарз иборат аст аз нисфи асли тарака барои мард ва чоряки (0,25%) он барои зан…».

Ҳамон гуна ки қаблан тавзеҳ дода шуд шавҳар ва зан аз соҳибони фарз шинохта шуда ва аз асли тарака саҳми худро мебаранд ва он дар сурате, ки бо меросбарони табақаи савум қарор гирад, чоряки (0,25%) барои зан ва нисф барои шавҳар аст.

Баробари қисмати охири моддаи 938 «Наздикони модар ҳам насиби худро аз асли тарака мебаранд, боқии тарака моли наздикони падар аст ва агар камшавӣ ҳам бошад, бар наздикони падар ворид мешавад».

Қонуни маданӣ ба пайравӣ аз назари машхури фуқаҳо хештандорони модариро монанди соҳибони фарз шинохта ва муқаррар дошта аст, ки қаблан дар радифи шавҳар ё зан насиби худро бибаранд ва сипас он чӣ мемонад ба хешовандони падарӣ дода шавад. Бинобар ин дар сурати иҷтимоъ соҳибони фарз ва чанде аз наздикони модар ва наздикони падар, соҳибони фарз ва наздикони модар саҳми худро мебаранд ва ҳар чӣ бимонад ба наздикони падар медиҳанд, агарчӣ аз саҳми муайяни онҳо камтар бошад. Масалан дар сурате ки ворисӣ шахси вафоткарда танҳо бошад ба чанд амак ва амма ва чанд доя ва хола ва шавҳар, меросбаранд, доя ва хола 1/3 тарака ва меросбари шавҳар ½ аз тарака, ки маҷмӯъ мешавад 1/3 + ½ =5/4 ва бақия, ки ¼ тарака аст, ба чанд амак ва амма, ки хештандори падарӣ мебошанд, дода мешаванд, яъне камшавӣ ба хештандорони падарӣ ворид омадааст. Зеро чунончӣ шахси вафоткарда шавҳар надошт, хештандорони падарӣ сеяки бақияи таракаро мебаранд ва чун шавҳар шарики меросбари дигари мутаваффӣ дар тарака шуда саҳми хештандорони падарӣ кам шуда ва аз ду сеяк ба як шашяк расида аст.

**Меросбарии зану шавҳар.** Танҳо зан ва шавҳар бо хештандории сабабӣ, ки василаи издивоҷ пайдо кардаанд дар табақоти сегонаи хештандорони насабӣ қарор надоранд ва мерос бурдани онон, бо вуҷуди ҳар табақаи меросбарон мумкин аст. Меросбарии зану шавҳар ба пайравӣ аз фиқҳи имомия аз якдигар вобаста ва бо шароит баробари насиби шавҳар аз таракаи зан ду баробар насиби зан аз таракаи шавҳар аст. Далели ихтилофи мерос бурдани зан ва камтар будани он аз мерос бурдани мард ин аст, ки ҳазинаи зиндагӣ ба уҳдаи мард гузошта шудааст. Моддаи 941 муқаррар дошта «Меросбарии зан ва шавҳар аз таракаи якдигар ба тавре аст, ки дар маводи 913 ва 937 зикр шудааст». Бинобар ин меросбарии ҳар як аз зану шавҳар ба тартиби зайл мебошад. Мо дар ин бахш дар асоси маводи ёдшуда тайи чанд банд масоиле, ки мавриди назари қонунгузор қарор гирифта, тавзеҳ хоҳем дод.

**Меросбарии зану шавҳар бо хешу табори насабӣ.**

1. Меросбарии шавҳар: чунончи зан бимирад ва фарзанд ё фарзанди фарзанд бошад шавҳар чоряки (0,25%) аз он чи аз таракаи ӯ мондааст, мебарад. Хоҳ фарзанди шавҳар аз зан бошад ё аз марди дигаре чунончи зан, фарзанд ё фарзанди фарзанд надошта бошад, зан нисфи аз он чӣ аз тарака мондааст хоҳад бурд.

2. Меросбарии зан: чунончи шавҳар бимирад ва фарзанд ё фарзанди фарзанд дошта бошад, зан ҳаштяки аз он чӣ аз тарака ҳаст, хоҳад бурд, хоҳ фарзанди зани дигар ё аз дигаре чунончи зани шахси вафоткарда фарзанд ё фарзанди фарзанд надошта бошад зан чоряк (0,25%) аз таракаро мебарад.

Чӣ гуна, ки қаблан тавзеҳ дода шуда, зану шавҳар бо ҳар як аз табақот, табақоти сегона, ки мавҷуд бошанд дар тарака ҳамроҳ хоҳанд буд ва ба дастури моводи зер меросбурдаи худро аз асли тарака мебаранд. Дар баҳси марбут ба меросбарон табақаи аввали моддаи 913 ва дар баҳси меросбурдаи худро, табақаи дувум моддаи 927 ва дар баҳси меросбарии табақаи сеюми моддаи 938 фарзи зан ва шавҳар баён шудааст. Дар ҳамаи маврид дар сурати вуҷуди фарзандони шахси вафоткарда барои зан ва ҳаштяк барои зан ва дар сурати набудани фарзанд барои шахси вафоткарда нисф, барои зан ва чоряк (0,25%) барои зан муқаррар шудааст. Манзур фарзанд доштани шахси вафоткарда дар мавориди боло фарзанде аст, ки аз никоҳ ё аз шубҳа таваллуд шуда бошад ва ба ҷуз аз зино мутаваллид шуда бошад монанди он аст, ки шахси вафоткарда фарзанд надорад. Зеро кам кардани меросбарии ҳар як зану шавҳар дар сурати будани фарзанд аз назари виросати ӯ аз шахси вафоткарда аст, вале ҳар гоҳ фарзанди мутаваллид аз зино бошад мерос намебарад ва боиси камшавии мерос ҳам намегардад.

**Меросбарии зану шавҳар бо набудани хешу табори насабӣ.**

1. Меросбарии завҷа: чунончи завҷа фавт кунад ва хешу табори насаби надошта бошад тамоми тарака ба шавҳар мерасад ва мегӯянд нисфи таракаро ба фарз ва нисфи дигарро ба рад мебарад.

2. Меросбарии зан: чунончи шавҳар фавт кунад ва хешу табори насаби надошта бошад зан фақат чоряки (0,25%) аз таракаро ба фарз мебарад ва бақиямондаи тарака ба ҷуз аз меросбарон ба хазонаи давлат дода мешавад. Баъзе аз фуқаҳои имомия бар онанд, ки чунончи шавҳар бимирад ва меросбаре аз худ боқӣ нагузорад магар ба зан тамоми тарака дода мешавад, як чоряки (0,25%) ба фарз ва се чоряки (0,75) дигар ба унвони рад ва байни фавти шавҳар ва зан дар варосат тарафи муқобил тафовуте қоил нестанд.

3. Меросбарии чанд зан доштани шавҳар. Масъалае, ки дар мавриди зану шавҳар матраҳ аст, меросбароии чанд зан мебошад. Тибқи моддаи 932 қонуни мадани «Дар сурати чанд зан доштани шавҳар, чоряки (0,25%) ё ҳаштяки тарака, ки таалluқ ба зан дорад, байни ҳамаи онон аз рӯи мақом тақсим мешавад». Масалан ҳар гоҳ шавҳаре фавт кунад ва дар замони марг чаҳор зан доим дошта бошад, дар сурати надоштани фарзанд чоряки (0,25%) аз тарака ва дар сурати доштани фарзанд ҳаштяки он ба таври мусовӣ байни чаҳор зани ӯ тақсим мегардад. Тасаввур нашавад, ки тақсими ҳаштяк ё чоряки (0,25%) байни беш аз чор зан тақсим намегардад. Дуруст аст, ки мард фақат метавонад то чор зан доим дошта бошад, вале мумкин аст ҷамъи фарз дигаре ҳам беш ояд, ки дар мақоми мерос бурдан ба 10 нафар ё ҳатто беш аз он ҳам бирасад. Масалан ҳар гоҳ чаҳор зан дошта бошад ва қабл аз издивоҷ бо онон занҳоро талоқ дода ва дар ҳамон беморӣ, ки талоқ анҷом гирифта, фавт кунад ва ба иловаи ҳамон занон мумкин аст ба талоқи раҷъи дароварда, ки мерос мебаранд ва ҳам занеро, ки дар бемории мунҷар ба фавт гирифта ва бо ӯ наздикӣ карда ва баъд аз он фавт намояд ки асбоби мерос бурдани он зан ҳам фароҳам мешавад. Ба ҳамин ҷиҳат моддаи 945 қонуни маданӣ мегӯяд: «Агар марде дар ҳоли беморӣ занеро ақд кунад ва дар ҳамон ҳолат қабл аз духул бимирад, зан аз ӯ мерос намебарад, лекин агар баъд аз дохил, ё баъд аз сиҳат ёфтан зан аз ӯ мерос мебарад». Бо ин тартиб занҳои шахси вафоткарда ва занҳое ки ӯ дар ҳоли беморӣ тибқи моддаи боло талоқ медиҳад ва ҳамчунин занҳое ки дар мудати беморӣ ба никоҳ дармеоварад ва бо онҳо наздикӣ мекунад дар меросбарандаи чоряки (0,25%) ё ҳаштяки бар ҳисоб мавриди шариканд.

**АДАБИЁТ**


1. Ҷаҳонгири Мансур. Қонуни маданӣ. Нашри Дидор. -Теҳрон, соли 1389.-С.16.
2. Доктор Саидҷалол Аллоддин Маданӣ. Мабоҳашороти интишороти пойдор, -Теҳрон, 1482.-С.172
3. Саид Алӣ Ҳоширӣ. Шореҳи қонуни маданӣ чопи «Офтоб». -Теҳрон, 1384. -С 214.
4. Доктор Маҳди Шаҳидӣ. Арши интишороти маҷид. –Теҳрон, 1384. -С 221.
5. Мансур Ибозри Фумши. Наҳваи Алӣ. Тақсими арш. Интишороти «Хурсандӣ».-Теҳрон, 1384. -С 100.


**РАЗДЕЛЕНИЕ НАСЛЕДСТВА МЕЖДУ СУПРУГАМИ И НАСЛЕДНИКАМИ В СООТВЕТСТВИИ С КОНСТИТУЦИЕЙ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН**


Автор в своей статье освещает проблему разделения наследства в соответствии с Конститутцией Исламской Республики Иран, а также разделение наследства среди получателей первых и вторых лиц.



**Ключевые слова**: наследство, разделение имущества, родственники, супруги, гражданское право, определение, обращение.


**THE DIVISION INHERITANCE BETWEEN SPOUSES AND SUCCESSORS THE ACCORDING TO CONSTITUTIONS OF ISLAMIK REPUBLIC IRAN**


The author in the article covers a problem division the inheritance the according to Constitutions of Islamik Republic Iran. And also division the inheritance among addressees of the first and second persons.

**Key words:** the inheritance, division, relatives, the spouse, civil the rights to define, the reference.

**Сведения об авторе:** ***Хамид Аллохвардизода*** – соискатель Государственного унитверситета города Баку (Республика Азербайджан)

# ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ САМАРАНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ВА БАРТАРАФСОЗИИ ИҚТИСОДИЁТӢ ПАСИПАРДАГӢ

***Ш.Қ.Ҳасанов***
**Донишкадаи молиявию иқтисодии Тоҷикистон**

Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳимми пешрафти ҷомеаи навин, дар тағйир ва ташаккули маърифати иқтисодию ҳуқуқии шахс эътибори хоса дорад. Зеро ҷаҳонбинии иқтисодӣ ба тарбияи ҳуқуқӣ алоқаи зич дорад.

Тарбияи ҳуқуқӣ ва афзунгардии нақши он дар ташаккули фарҳангӣ-ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирӣ аз ҳама гуна зуҳуроти номатлуби ҷомеа аз қабили қонуншиканиҳо оид ба бартарафсозии иқтисодиёти пасипардагӣ дар иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 9 апрели соли 1997 № 691 "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 1997 № 883 "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ" дарҷ гардидааст.[1]

Аз ҷониби дигар, тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи самараноки фаъолияти зиддикоррупсионӣ дар бартарафсозии иқтисодиёти пасипардагӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ маҳсуб аст, ки онро аз хастагӣ ор медорад. Ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ як шакли муайяни маърифат мутаалиқ ба дунёи маънавӣ-ҳуқуқии шахс аст. Ҳамзамон ҷаҳонбинӣ навъҳои худро дорад (иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ ва ғ.) ва ҳар яки он ба тарбияи ҳуқуқӣ робитаи зич дорад.

Дар навбати худ, ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ аз тарбия ва хусусан аз тарбияи ҳуқуқӣ ғизо мегирад. Зеро унсурҳои ташаккулёбии он, яъне мусоидат ба эҳтиром ва таъмини риояи Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда, ташаккул додани боварӣ ва эътиқод нисбат ба қонун ва мақомоти давлатӣ: ҳисси баланди ватандӯстӣ[2] бештар дар ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ ба назар мерасад.

Дар робита бо ин андеша бояд таъкид намуд, ки тарбияи ҳуқуқӣ - воситаи муташаккил, мунтазам ва мақсадноки таъсиррасонӣ ба шахс, ташаккулдиҳандаи шуур, малака ва маҳорати фаъоли рафтори ҳуқуқӣ маънидод мегардад.

Тарбияи ҳуқуқӣ бо самтҳои дигари тарбия (тарбияи ғоявӣ, миллӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ватанпарастӣ, ахлоқӣ, иқтисодӣ, таҳаммул ва тоқатпазирӣ ва ғайра) равобит ва алоқаи зич дорад.

Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи таркибии тарбияи ҷомеа ба шумор рафта, бо назардошти эҳтиёҷот ба ташаккули шуур ва фарҳанги иқтисодию ҳуқуқӣ, фаъолиятест муташаккил, мунтазам ва мақсаднок, ки маҷмӯи имконоти мусбатро аз қабили тасаввуроти арзишҳои маънавӣ ва ҳуқуқии ҷомеа бо мақсади ноил гардидан ба мақоми инсони комил дар рафтори шахс инъикос менамояд, афзалиятнок аст.

Аз ҷониби дигар, тарбияи ҳуқуқӣ аз самтҳои дигари тарбия ба куллӣ фарқ дорад. Сарфи назар аз ин, тарбияи ҳуқуқӣ-унсури таркибии низоми пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ маҳсуб гардидааст.[3]

Фаъолияти коррупсионӣ вобаста ба вуқӯъ пайвастан ҳамчун тамоюли зиддиҳуқуқӣ ном бурда мешавад. Аз ҷониби дигар, кирдори коррупсионӣ навъҳои худро дорад. Чунончи, ташаккули ҷаҳонбинии коррупсионӣ аз кирдори коррупсионӣ сарчашма мегирад ва қоидаҳои сар задани онро қонунгузории маъмурӣ ва ҷиноятӣ ҳамчун кирдори зиддиҷамъиятӣ баррасӣ намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҷаҳонбинӣ аз дониш, тасаввурот, малака, маҳорат, ҳиссиёт ва ғайра иборат аст. Яъне ҷаҳонбинӣ як шакли таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Аз ҷониби дигар, ҷаҳонбинӣ моҳияти инкишофи ҷомеа ва шахсро на танҳо мепазирад, балки дар пешрафти онҳо саҳмгузор мебошад. Дар биниши мақсад ҷаҳонбинӣ ба ташаккули инсони комил роҳнамоӣ менамояд. Аз ин ҷо, дар рӯҳияи эҳтиром ва садоқат ба Ватан, соҳибихтиёрӣ, демократия, анъана ва арзишҳои миллӣ, манфиатҳои кишвар, волоияти қонун, илму донишомӯзӣ, ташаббускорӣ бахри беҳбудии фаъолият ва ғайра унсурҳое, мебошад, ки ҷаҳонбинӣ аз онҳо ғизо мегирад.

Вале дар таркиби ҷаҳонбинӣ бештар ҷанбаи донишу малакаи фарҳангӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар назар дошта мешавад. Аз ин ҷо, гуфтан бамаврид аст, ки ҷаҳонбинии коррупсионӣ сифатан як шакли ношоям ё заифи ҷаҳонбинӣ маҳсуб аст, ки он аз ҳисоби кирдори зиддиҳуқуқӣ ғизо гирифта, сабабгори тағйир ва таҳаввули рафтори аслӣ мегардад. Дар таносуб аз ҷаҳонбинии солим онро бо сифатҳои ғаразноку мазмуну мундариҷаи мутақобилааш фарқ менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки ҷаҳонбинии коррупсионӣ ҳамчун «ҷаҳонбинии номатлуб» низ ном бурда мешавад ва таърихи тӯлонӣ дорад. Аз ин лиҳоз, падидаи номатлуби навбунёд номидани он нодуруст аст. Зеро ҷаҳонбинии коррупсионӣ аз ҷомеаи ибтидоӣ ба миён омада то ба имрӯз ташаккул ёфтааст. Аз ҷониби дигар, он як воситаи пастравии маърифати инсонӣ ба шумор рафта, барои хастагардонии

ҳаёти ҷомеа ва ҳатто аз миён бурдани давлат боис мегардад. Фасодкорӣ маншаи аслии ин ҷаҳонбинӣ ба ҳисоб меравад.

Мо дар боло нигилизми ҳуқуқӣ, рафтори девиантию деликвантӣ ва ҳуқуқвайронкуниро ҳамчун сабабҳои пастгардии устувории қонуният ва авҷ гирифтани ҳар гуна рафтори номатлуб маънидод намудем, ки ҷаҳонибинии коррупсионӣ ба унсурҳои зайл равобити зич дошта ба сар задании онҳо оғоз ва анҷом мебахшад.

Яъне, ҷаҳонибинии коррупсионӣ ба беэътиноии ҳуқуқ, шуури ҳуқуқии ҷиноятӣ ё шаклдигаркунии он (деформатсия), ҳуқуқвайрокуниҳо ва дигар кирдорҳои номатлуби хусусияти коррупсионидошта бо таркиби хос ва муншии печида истифода мегардад. Хусусияти иродавии ҷаҳонбинии коррупсионӣ аз рӯи ҳаракати (беҳаракатии) тарафҳои манфиатдор дар додан ва гирифтани ришва ё пора ба вуқӯъ мепайвандад. Натиҷаи ниҳоии ҷаҳонбинии коррупсионӣ бошад, дар додан ва гирифтани пора анҷом меёбад. Ҷаҳонбинии коррупсионӣ аз категорияҳои «талабот», «манфиат» ва «қонеъгардонӣ» зуҳур меёбад.

**«Талабот»** ҳамчун унсури муҳимми ба миёноӣ, ивазгардӣ ва қатъгардии муносибатҳои ҷамъиятӣ касб гардидааст. Вале талабот дар ҷаҳобинии коррупсионӣ бо маънои манфӣ истифода мешавад. Он як усули даст задан ё ҳавола сохтани фард бидуни истифодаи дигар воситаҳои қонунӣ ба амалҳои коррупсионӣ ҳисобида мешавад. Асосҳои пешгирии чунин талаботро қонун тариқи татбиқи раводидҳо пешбинӣ ва ба таври махсус муқаррар намудааст.

Сарфи назар аз ин, воситаи муҳимми пешгирӣ ва мубориза (бидуни дигар тарзу усулҳо) бо чунин падидаи номатлуб тарбия ҳисобида мешавад.

Ҳатто истифодаи усулҳои азнавтарбиякунӣ дар ҷараёни ресотсиализатсияи маҳкумшудагон (маҳкумшудагоне, ки дар асосии м. 319, 320, 324, КҶ ҶТ барои гирифтани пора ба маҳкама кашида шудаанд) дар муассисаҳои ислоҳи хоси масоили пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия маҳсуб мешавад. Бояд тазаккур дод, ки талоши «талаботи коррупсионӣ» заминаи субъективӣ дорад. Яъне созандаи он коррупсионер ё худ коррумпер мебошад. Бо ташаббуси яке аз ин тарафҳо «талабот» сар мезанад. Дарвоқеъ, ҳузури талабот ба маншаи «аферта» ва «аксепт», ки дар бастани созишномаҳои гражданӣ сар мезанад, монандӣ дорад. Вале муносибати аферта ва аксепт бештар мансуби амалҳои тозаи ҳуқуқӣ мебошад.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд шуд, талаботи коррупсионӣ хусусияти субъективӣ дорад. Вале паҳлӯҳои объективии онро олимон ва коршиносон истисно намесозанд. Зеро анҷом додани амалҳои коррупсионии порадиҳанда омилҳои объективиро тақозо менамояд ва ғ. Аз ҷониби дигар, «талабот» ҳамчун зинаи ибтидоӣ дар амалҳои коррупсионӣ боис гардад, пас «манфиат» комёб гаштани порадиҳандаро ба ҳадафҳои ғаразноки ғайриқонунӣ ошно месозад.

«Манфиат» якчанд паҳлӯ дорад(манфиати оддӣ, мураккаб, мутлақ, нисбӣ ва ғ.). Вале дар амалҳои коррупсионӣ «манфиат» ҳамчун воситаи комёбгардӣ ба ҳадафҳои чунин кирдод маънидод мегардад. «Манфиати коррупсионӣ» аз ҷаҳонибии коррупсионӣ ғизо мегирад.

Агар мо ба таҳлил ва андешаҳои коршиносон назар намоем, пас яке аз шаклҳои ифодаи манфиат, ки воситаи комёбгардии коррупсия ҳисобида мешавад, истифодаи порадиҳанда аз ибораҳои зайл мебошад (унсурҳои ҷаҳонбинии коррупсионӣ): «як пиёла чой кардан», «даҳонро ширин кардан», «доля додан», «меҳмонӣ даъват кардан» «доля» фасодӣ «лойша биёр», «ҳақи ақата буте» «шапка додан», «ставка», «мафия» ва ғ.[4] Комёб гаштан ба натиҷаи ниҳоӣ ба сар задани «ихтилофи манфиатҳо» боис мегардад. Феълан, ихтилофи манфиатҳо як шакли зоҳир намудани хунукназарии шахси мансабдор ба вазифаҳои мансабӣ ва хизматӣ ё ба сар задани чунин амал боис шудани порадиҳанда ҳисобида мешавад. Ҳатто ин мафҳум чун «низоми манофеъ (манфиатҳо) яъне дар ҷое зуҳур меёбад, ки шахси пешбарандаи масъулияти расмӣ, ба амале даст мазанад ва дар натиҷа ақидаи объективона ё касбию мустақилияти афкори ӯ нисбат ба ҳифзи манфиати халқ дар канор ё зери шубҳа мемонад».[5]

«Қонеъгардонӣ» бошад, дар заминаи «талабот» ва «манфиати коррупсионӣ» ба миён меояд. Ҳамчунин натиҷаи ниҳоии чунин амал бар ивази додани пора соҳиб гаштан ба бартариятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғайраро пешбинӣ менамояд, пиндошта мешавад.Қонеъгардонии фасодкорӣ тавассути пешниҳоди пора, яъне маблағ ё хизмате, ки ба хотири он, ки шахс амалеро анҷом медиҳад, фаҳмида мешавад. Воситаҳои қонеъгардонӣ гуногун мебошанд.Аз ҷумла, қонеъгардонӣ тавассути «шинособозӣ», «дуздӣ», «тамаъкорӣ», «ошнобозӣ, ҷӯрабозӣ, хешутаборчигӣ», «хатарӣ, фидусиарӣ», «фиребгарӣ, қаллобӣ» «пешкаш намудани ришва», ҳавасмандгардонӣ – додани мукофот, дастгирии моддӣ», «пешниҳоди пул барои хариди амал» ва ғайра анҷом дода мешавад.

Албатта, ҷаҳонбинии коррупсионӣ паҳлӯҳои дигар дорад, вале ҳамчун зуҳуроти номатлуб аз сар задани ихтилофи манфиатҳо рафтори касро истисно намесозад. Бо маънои дигар, фасодкор дар натиҷаи содир намудани амалҳои номатлуб ба“эҳтиёт” эҳтиёҷи зиёд дорад. Гарчанде, ҷаҳонбинии коррупсионӣ чунин эҳтиёҷотро пешбинӣ намояд ҳам, вале он мутлақ нест. Олимону муҳаққиқон ин ҳолатро чунин пазируфта навиштаанд: «иҷрои муваффақонаи нақшаҳои соҳаи тартибот ва мубориза алайҳи коррупсия аз бисёр ҷиҳат ба хоҳиши ашхоси ҷудогона, ки мехоҳад хабари зарурӣ ё далелеро пешниҳод намояд, вобастагӣ дорад». Дар ҳамин ҷо таъкид шудааст, ки «Хабаркашон ҳамон одамоне мебошанд, ки аҳли ҷомеа ё ҳокимиятро дар бораи доду

гирифти коррупсионие, ки худашон шоҳидаш буданд ё дарёфт кардаанд, огаҳ менамоянд. Ин одамон аксар вақт талаб мекунанд, ки аз таҳдиди ашхоси фош кардаашон ҳифз намоянд».[6] Бояд тазаккур дод, ки ҷаҳонбинии коррупсионӣ ба таври стихиявӣ амал мекунад. Дорандаи чунин ҷаҳонбинӣ аслан шахси ношоям, бефарҳанг (гарчанде соҳиби фарҳанги баланд бошад ҳам, вале чунин ҷаҳонбинӣ инимконотро инкор менамояд), бемаърифат, ахлоқаш коҳиш ёфта, соҳиби сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ, пешбарандаи манфиатҳои ғаразноки шахсӣ ба ивази умум ва ғайра шинохта мешавад. Вале ниёз ба тарбия дорад.

Аз ҷониби дигар, дорандаи ҷаҳонбинии коррупсионӣ шахси бофарҳанг, бомаърифат, хилофи қонуну – қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бемайлӣ надорад, вале вазъи иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ ӯро водор менамояд, ки даст ба коррупсия занад. Дар фикри ин, коршиносон мисолҳоеро далел намудаанд, ки тибқи он содир намудани амалҳои коррупсионӣ аз ҷониби баъзе мансабдорони баобрӯ имконпазир ва оқибат фош гаштаанд. Ё худ, аз ҷониби ҳуқуқшиносон содир кардани чунин ҷиноятҳо ҷой дорад. Гарчанде онҳо соҳиби сатҳи баланди шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ бошанд ҳам, вале даст ба коррупсия мезананд.[7]

Бояд тазаккур дод, ки ҷаҳонбинии коррупсионӣ ҳамчун як шакли хатар барои инсон ва ҷомеа маҳсуб мегардад. Зеро он новобаста аз сатҳи баланд ё пасти шуури ҳуқуқӣ касро метавонад ба коми худ кашад. Вале дар ҳама ҳолат дар ҷомеа эҳтирому эътибори хоса доштани волоияти қонун ҷаҳонбинии коррупсиониро оқибат решакан менамояд. Аз ин ҷо, эҳтиром ва эътиқод ба қонун бояд ҳақиқӣ ва содиқона бошад. Зеро зоҳир намудани муносибатирӯякӣ ё зӯракӣ ба қонун, мавқеъ ва манзалати ҷаҳонбинии коррупсиониро қавӣ менамояд. Вале ашхосе, ки дар содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ мутаҳам гаштаанд, аз кардаи худ изҳори нигаронӣ менамоянд. Ҷитавре дар боло зикр намудем: «Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад» (м.42).[8] «Ё худ пушаймонӣ суде надорад».

Аз ин ҷо, бо назардошти дигари воситаҳои махсуси пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия нақши тарбияи ҳуқуқӣ афзалиятнок мебошад. Зеро тарбияи ҳуқуқӣ аслан аз кӯдакистон оғоз ёфта дар тамоми ҳаёти инсон дар ривоҷу равнақ мебошад.Тарзу воситаҳои он гуногун аст. Тавассути таълим, ки доираи субъектони соҳаи маориф ва ба он алоқамандро фаро гирад, аз ҷониби дигар ба воситаи симою садо ва васоити ахбори омма дастраси мардум мегардад. Ҷитавре, ки дар боло қайд намудем, ҳатто барномаҳои мушаххаси давлатӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки самтҳои пурмӯҳтавои онро пешгирӣ ва решакан намудани унсурҳои номатлуби ҷомеа аз қабили коррупсия дар бар мегиранд. Дар ин ҷода, доираи субъектони тарбияи ҳуқуқӣ муқаррар ва муайян шудааст, ки тариқи пешбурди фаъолият бояд онҳо ба тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ машғул гарданд ва ҳатто аз натиҷааш ҳисобот омода намоянд.

Зеро низоми тарбияи ҳуқуқӣ аз ташкили механизми ягонаи таъсиррасонӣ мақсаднок ва мунтазам, ки ташаккули шуури ҳуқуқии шахсро пешбинӣ менамояд, ба шумор меравад. Унсури низоми тарбияи ҳуқуқӣ робитаи байниҳамдигарӣ ва ё ба ҳам мутааллиқи субъект, объект, усул ва шаклҳои таъсиррасонӣ онро пешбинӣ менамояд. Аз ин ҷо, гуфтан ба маврид аст, ки низоми тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи муҳими амалигардӣ ва идоракунии ҷараёни тарбиявӣ аз маҷмӯи унсурҳои сершумори ба ҳам зич ва алоқаманд иборат аст. Бе ҳузур доштани чунин унсурҳо ҷараён бахшидан ба тарбияи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Чунин тарзи муносибатхоси низоми тарбияи ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки низоми тарбияи ҳуқуқӣ мақсад ва вазифаҳо, фаъолияти тарбиявӣ-ҳуқуқии идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, тарзу усулҳои таъсиррасон, иддаи шаҳрвандон, гурӯҳҳои алоҳида, коллектив ва категорияи аҳолӣ, ки фаъолияти онҳо ба комёб гаштан ба сатҳи инкишофи шуур ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон нигаронида шудааст, зоҳир мегардад.

Вале унсури муҳими ва таркибии тарбияи ҳуқуқӣ субъект ва объекти он мебошад. Ба ҳайси субъекти тарбияи ҳуқуқӣ метавонад давлат баромад намояд. Зеродавлат вазифаҳои умумии тарбияи ҳуқуқиро вобаста ба ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иддаи (маҷмӯи) субъектон муайян менамояд. Давлат ҳамчун субъекти фаъол ва ташкилотчии асоси тарбияи ҳуқуқӣ, мазмуни ғоявӣ-сиёсии онро муайян намуда, тавассути қабули санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои мушаххаси давлатӣ амалӣ менамояд. Аз ҷониби дигар, дар пиёда намудани тарбияи ҳуқуқии гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ, оила ва шаҳрвандон бояд саҳмгузор бошанд. Зеро иштироки онҳо моҳият ва мақсаду ҳадафҳои тарбияи ҳуқуқиро пуробуранг намуда, мавқею манзалати онро дар фикри пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия осон менамояд. Ва то ҳадде имконият медиҳад, тавассути тасиррасонии воситаҳои тарбиявӣ барои сазовор гаштан ба сифатҳои инсони комил мушарраф гардад.

**Ҳуввияти миллӣ ва робитаи он бо забон.** Ҳар инсон дорои як худ “Self” мебошанд, ки иборат аст аз симои фард ба унвони як фарди мушаххас ва мустақил ва бо ҳуввияти хосе, ки дигарон нисбат ба ӯ вокуниш нишон медиҳанд. Тибқи назарияи Ҷорҷ Ҳерберт Мид «худ» дорои ду ҳуввият аст, яке ҳуввияти фардӣ ва дигаре ҳуввияти иҷтимоӣ. Ҳуввияти фардӣ муаррифии ҷанбаи шахсӣ ва мунҳасир ба фард аст. Дар ҳоле ки ҳуввияти иҷтимоӣ инъикос ва бурузи ҳинҷорҳо ва арзишҳои ҷомеа дар фард аст. Забони модарӣ нахустин ҳуввияти иктисобӣ ва решадортарин ҳуввияти иҷтимоии афрод аст. Ва аз ин дидгоҳ динпазирӣ дар рутбаи баъд аз он қарор мегирад (1,87).

Аз дидгоҳи тахассусии ҳуввияти иҷтимоӣ ба ду ҳуввияти фарҳангӣ ва миллӣ тақсим мешавад. Агар бихоҳем таърифи тасвирӣ аз робитаи ин ду ҳуввият ба зеҳн диҳем, бояд бигӯйем, ки ҳуввияти фарҳангӣ ва ҳуввияти миллӣ ду дарахти тануманд ва куҳансоланд, ки реша дар замини паҳновари фарҳанги миллӣ маъно меёбанд. Ҳуввияти миллӣ ҳуввиятест, ки қисмати азалии он ба забон мутаккӣ аст. Забони миллӣ қисмати аъзами як миллат ва ақвоми муташаккили миллатро чун тору пут ба ҳам метанад ва риштаи устувори ҳамдилӣ ва ҳамдамии афроди миллат ба шумор меравад. Бинобар ин, боиси ваҳдат ва якпорчагӣ аст (2).

Забон дар ин маврид ба василаи иртибот василаи иттиҳод аст (3). Пас метавон гуфт, ки фарҳанг ҷузъи аслитарини ҳуввияти миллии мо эрониён аст, ки иттиҳод ва инсиҷоми миллиро бо таваҷҷуҳ ба касрати ақвом ва забонҳои мутааддид барои мо ба ёдгор гузоштааст.

**Забон ва ҳуввияти фарҳангӣ.** Бе гумон ҳамаи авомил ва муҷиботи умдаи фарҳангӣ, ки барои эҷоди ваҳдати миллиро баршуморанд, аз қабили ваҳдати забон, дин ва доштани сарзамини модарӣ ва таърихи муштарак ва … лозим ва дар таҳкими ваҳдати миллӣ муассиранд, аммо кофӣ нестанд, гӯё чизи кам доранд. Дарвоқеъ мардуме, ки аз ақвоми мухталиф бо одот ва ахлоқ ва хӯроку пӯшоки гуногун фароҳам омаданд ва одобу русуми бумии гуногун доранд ва чанд забони модарӣ сухан мегӯянд. Бо кадом риштаи нодидае ба ҳам баста ва пайвастаанд, ки метавон номи миллати воҳид ва якпорча бар он ниҳод. Бегумон, забони миллии форсӣ, ки василаи тафҳим ва тафоҳуми ҳамагон аст ва иштирок дар таърихе, ки гарчи пора-пора аст, аммо комилан як даст ва яксон бар ҳамагон гузаштааст ва имон ба дине, ки бо вуҷуди дар бар гирифтани мазҳабҳои чанд, дар асл якест, ҳамагӣ пояҳои ваҳдати миллӣ ё ҳуввияти воҳиди фарҳангиро бунён ниҳодааст. Аммо чизе виҷдонитар ва отифитар аз инҳо муҷибот ва асбоби аслиро фароҳам намуда, боис шуда, ки эронӣ на танҳо худро бо ҳамватанаш, балки бо туркман, қирғиз, тоҷик ва озарбойҷонӣ ҳам хешованд бишиносад. Ин баҳрамандӣ аз ганҷинаи ҳамагонӣ ғолибан нохудогоҳ аст, яъне маъмулан мардум ба он ҳушёр нестанд. Агар асотир баёни тасвирӣ, тамсилӣ ва рамзии усул ҳастанд ва пайдоии ниҳодҳо ва русул ва урф ва одот муҷиботи онҳоро тавҷеҳ мекунад, бинобар ин, муносиботи поянда ва давомпазире ҳастанд ва ба сухани дигар намоишгари улгуҳои кор ва талоши умдаи башаранд. Инсон бо устурапардозӣ соҳиби ҳуввият, яъне дорои таборнома мешавад. Устура маърифати отифии ҷаҳон аст (1,113-114) .

Устура василаи иртибот ва муносиботи рамзӣ, яъне пайванди фарҳангии мардумон бо якдигар аст. Устура муҳимтарин омили таҳкими ваҳдати миллӣ ва бунёнгузори ҳуввияти фарҳангӣ аст ва ба ҳамин сабаб ҷустуҷӯ дар он барои шинохти асолати фарҳангии қавму миллатҳо зарурӣ аст. Ва бесабаб нест, ки имрӯза шинохти

асотир ва афсонаҳо ва қиссаҳои миллатҳо аз дидгоҳҳои мухталиф ба сурати шоҳае аз улуми инсонӣ даромадааст. Ҳосили он ҷустуҷӯйҳо ва пажӯҳишҳо, гоҳ баъзе хусусиёти фарҳангии порае аз ақвомро аён сохта, маълум доштааст, ки фалон қавм беш аз он, ки мазҳаб ё динмадор бошанд, эътиқоб ба олами дигар доранд.

Баҳрагирии ҳамагон аз ин ганҷинаи муштарак ё ҳамон устура муҷиби ҳамдилӣ ва ҳамдамии афроде аст, ки аз ин раҳгузар соҳиби ҳуввияти фарҳангии маълуме шудаанд ва ҷомеае ба номи миллатро ташкил медиҳанд, ки ҳуввияти фарҳангии мазбур, санги зербинои он ба шумор меравад. Ва маҳдуд ба ҳудуди ҷуғрофии хосе нест (4, 114-116) .

Агар оммаи мардум ба ҳуввияти фарҳангии худашон комилан ҳушёр нестанд, дар иваз надониста ва амалан ба он пайванд ҳастанд, ҳарчанд ки натавонанд дар бораи он баҳс ва истидлол кунанд. Мафҳуми ҳуввияти фарҳангӣ, ки ҳуввияти миллиро гоҳ бо истинод ба он таъриф мекунанд воқеиятест, ки дар жарфҳои рӯҳ ва ҷони миллат ва қавм реша давонда ва аз ҷунон суботе бархурдор аст, ки гуё хулқ ва хӯйи мардум ё табиати дувуми онҳо шудааст. Ҳуввияти фарҳангӣ ҳамчун оташи зери хокистар аст ва ғолибан низ нохудогоҳ аст (2,108-116).

Пас ба ин натиҷа мерасем, ки забони ҳуввияти фарҳангии мо қидмате бас деринатар аз забони ҳуввияти миллӣ ва забони ҳуввияти диннӣ дорад, зеро забони ҳуввияти фарҳангии мо ҳамон забони рамзии асотир аст, яъне забони безабонии нохудогоҳ табори анбошташуда ва дар ҳофизаи ҷамъӣ ба он бармехӯрем. Зикри ин нукта зарурӣ менамояд, ки ҳуввияти фарҳангӣ ва миллии мо эрониён қабл аз вуруди ислом ба Эрон низ осмонӣ будааст ва мо эрониён ба ахлоқиён пойбанд будем ва ба растохезу ҷаҳон муътақид будем ва ба Аҳриман ва Аҳурмаздо эътиқод доштем, зеро Зардушт Худоро ба мо муаррифӣ карда буд. Ҳамчунин, мо ба як мунҷии олами башарият низ эътиқод доштаем. Пас муҳимтарин далеле, ки ислом дар Эрон беҳтар аз ҳама ҷо посухи мусбат ёфт, дар шабоҳатҳои амиқи ҳуввияти фарҳангӣ ва миллии Эрон бо ҳуввияти диннии ислом нуҳуфтааст. Ногуфта пайдост, ки Эрон аз бартарин аркон ва поягузорони фарҳанги исломист (2, 111).

Дар гузари таърих Эрон чаҳор роҳи бархӯрди адён, тамаддунҳо ва ақвоми мухталиф будааст. Бо вуруди ҳуввияти дини ислом ба марзҳои Эрон дигаргунии фарҳангии бузурге дар аносири ғайримоддии фарҳанги миллии мо рӯх намуд. Ба баёни дигар, ду рақиби пурқудрат, яъне фарҳанги диннии араб бо фарҳанги динии Эрон бо якдигар даромехтанд ва аз он ҷо, ки ҳеҷ як натавонист дигариро аз майдон берун бубарад, ин даровехтагӣ ба даромехтагӣ мунтаҳӣ шуд. Дар натиҷа, аносир ва маҷмӯаҳои печидаи ҳуввияти миллӣ ва ҳуввияти динӣ пайванди наздике бо якдигар ёфтанд ва ҳуввияти фарҳангии такрибан якпорчаеро аз худ ба ҷой гузоштанд. Аз ҷумлаи иллатҳое, ки сабаб шуд, ки ин ҳуввият такрибан ба осонӣ ҷузъе аз рафтори миллии мо эрониён гардад, ин аст, ки эрониён мисли дигар миллатҳо дуҷори қавми марказии ифротӣ, мисли нажодпарастон набудем. Дар натиҷа бароҳатӣ ба мубодилаи фарҳангӣ ва ғанисозии фарҳанги худӣ даст пайдо кардем. Ҳар чанд ки бо ин амал эрониён фарҳангпазирии худро собит карданд, аммо ҳуввияти миллии мо, бахусус дар бахши унсури забонӣ мерафт, то бо гусасти васеъ ва ҷуброннопазире рӯ ба рӯ гардад ва иллати аслии ин гусастагӣ тафовути ду забон - миллӣ ва диннӣ (форсӣ ва арабӣ) ва ҳамчунин тафовуте дар устураҳои форсӣ ва арабӣ буд. Дар натиҷа, забони миллии мо дастхуши як парокандагӣ шуд. Дар ниҳоят бояд бигӯйем, ки ҳуввияти фарҳангӣ ва миллии эрониён ва ҳамчунин забон ва густураи онҳо дар тӯли давраҳои мутафовит вокуниши амалгароёна дар пеш гирифтааст. Зеро дар мавриди фарҳанги эронӣ метавон гуфт, ки хасисии аслӣ ё ҳуввияташ, ки дар тӯли солҳо собит монда, ҳифзи ҷавҳараш ва ба таҳлим бурдани унсури бегона будааст. Ба баёни дигар, зоти фарҳанги эронӣ ба ҳорӣ ва забунӣ тан дар надодааст. Ҳузури бегонагонро аз ҷумла араб, турк, салҷуқӣ ва муғулро ба зоҳир пазируфта аст, аммо андак-андак онро аз даруни худ хӯрда ва тарошидааст ва бо ин бурунсозӣ ва дарунсозӣ халлоқияте дошта ва куҳна ва нав дар он чунон ба ҳам баста ва пайвастаанд, ки ташхиси он гоҳе имконпазир нест (2, 110).

Решаҳои ҳуввияти фарҳангӣ ва миллӣ дар бахши устура бас қадимитар аз решаҳои ҳуввияти диннӣ аст, зеро замоне ки дар таърих дине матраҳ набуд, устураҳо матраҳ буданд. Аз ин рӯст, ки устурашиносӣ дар ривоёти миллӣ ва бостонӣ бисёр фаротар меравад ва дарвоқеъ саросари зиндагии инсонҳоро дар бар мегирад. Дар натиҷа асари устура дар иттиҳоди миллӣ басе бештар аз асари забони миллӣ аст ва мондагорӣ ва пойдорӣ ва умқи он зербиноитар аст.

Бинобар ин, ҳуввияти миллӣ фарҳангӣ ва диннӣ ба инсон маърифат ва шинохт мебахшад аммо, ҳавзаи коркарди ҳар кадом аз онҳо мутафовит мебошад. Ҳуввияти миллӣ маърифати айни нисбат ба миллат медиҳад. Ҳуввияти диннӣ маърифати қалбӣ, нисбат ба Худо медиҳад ва ҳуввияти фарҳангӣ маърифати отифӣ нисбат ба кулли ҷаҳони ҳастӣ медиҳад. Ва ин баҳрамандӣ аз шинохт ва маърифат аз ганҷинаи ҳамагонӣ нохудогоҳ аст, ки маъмулан афроди инсонӣ ба он ҳушёр нестанд, аммо дар тӯли рӯз ва зиндагии рӯзмарраи худ онро анҷом медиҳанд ва ба он сахт пойбанд мебошанд. Аз ин ҷост, ки байни забон ва устура ва ҳуввият иртиботи мутақобил ва танготанг барқарор аст, ки дар сурати набудани ҳар яке аз ин се унсур инсиҷом ва якпорчагии як ҷомеа ба хатар меафтад. Пас вазифаи афроди ҳар ҷомеае ин аст, ки дар ҳифз ва нигоҳдори ҳар яке аз ин се унсур талош намояд.

**АДАБИЁТ**

1. Садр Зиё. Касрати қавмӣ ва ҳуввияти миллии эрониён / Садр Зиё. –Теҳрон: Андешаи нав, 1377.
2. Сатторӣ Ҷалол. Ҳуввияти миллӣ ва ҳуввияти фарҳангӣ / Сатторӣ Ҷалол. –Теҳрон: Марказ, 1383.

3. Сортр Ҷон Пул. Адабиёт чист / Сортр Ҷон Пул; Тарҷумаи Абуҳасани Наҷафӣ ва Мустафо Раҳимӣ. –Теҳрон: Марказ, 2536.
4. Сатторӣ Ҷалол. Ҷаҳони устурашиносӣ / Сатторӣ Ҷалол. –Теҳрон: Марказ, 1384.

**ИЗУЧЕНИЕ РОЛИ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ ИРАНСКОГО НАРОДА И ЕГО СВЯЗИ С ЯЗЫКОМ И МИФОЛОГИЕЙ ИРАНА**

Данная статья посвящена изучению роли национального самосознания иранского народа и его связи с языком и мифологией Ирана. Национальное самосознание является одним из из основных компонентов социализации человека. Процесс формирования национального самосознания состоит из нескольких этапов и хранит массу традиционных элементов и переживаний. Чтобы воспитать у народа национальное самосознание нужно познать три основных компонента, на основе которых оно формируются. Это - история, культура и язык.
**Ключевые слова:** нация, культура, язык, самосознание, национальное самосознание, речь, письменность, мифология, цивилизация. Национальная культура исторические изменения.

**STUDY OF THE ROLE OF THE NATIONAL CONSCIOUSNESS OF THE IRANIAN PEOPLE AND ITS RELATIONSHIP WITH LANGUAGE AND MYTHOLOGY OF IRAN**

This article is devoted to the study of the role of the national consciousness of the Iranian people and its relationship with language and mythology of Iran. National identity is one of the fundamental components of human socialization. The process of formation of national identity consists of several stages and stores a lot of traditional elements and experiences. To educate the people's national self-consciousness is to know the three pillars on which it is formed. This is history, culture and language.
**Key words:** nation, culture, language, identity, national identity, it, literature, mythology, civilization. National culture historical changes.

**Сведения об авторе:** ***Зухра Ѓарибиён*** **-** соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

## РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ В РАЗВИТИИ ЧЕЛОВЕКА

***Фотима Рустами***
**Институт философии, политологии и права АН РТ**

Образование как социальный институт играет исключительно важную роль в процессе нормального функционирования и развития общества. Последовательное развитие общества невозможно без усвоения накопленных предшествующими поколениями материальных и духовных ценностей: знаний, опыта, традиций. Овладение культурным наследием прошлых веков решается в процессе социализации индивидов, задачей которого является приобщение человека к нормам и ценностям культуры и превращение его в полноправного члена общества. Существенным компонентом процесса социализации индивидов выступает образование – обучение человека с целью передачи накопленных знаний и культурных ценностей.

В социологии образование исследуется, во-первых, как система в ее взаимодействии с другими общественными системами, в особенности с социальной структурой общества (включая анализ проявлений социального неравенства в сфере образования, воздействия системы образования на социальную мобильность и т.д.); [1] во-вторых, система образования рассматривается как тип организации с присущей ей социальной структурой, совокупностью взаимосвязанных социальных позиций и ролей, посредством которых осуществляются различные типы деятельности: [2] в – третьих, образование рассматривается в качестве одного из важнейших воспроизводящих, стабилизирующих и развивающих общества институтов.

В своем историческом развитии образование прошло путь от неотделимой части социально-производственного процесса примитивных первобытных обществ до сложно организованной системы в индустриальных обществах, а способ выполняемой им функции - от передачи культурного наследия, опыта, знания, традиций в ходе непосредственного приобщения детей к практическим делам племени через постепенное обособление института образования под влиянием расширяющихся масштабов общественного разделения труда, появления властвующей элиты и сословного неравенства до сложной, структурированной системы в обществе индустриального типа. Образование из элитарного трансформируется в массовое, доступное для широких слоев населения. Такая трансформация была обусловлена потребностями экономики, научно-технического прогресса, изменениями в культуре и образе жизни людей [3].

В современных условиях путь молодых людей к включению в социальную структуру в силу необходимости лежит через систему образования. Такая необходимость определена уровнем развития производства, основанного на достижениях научно-технического прогресса и изменениями места и роли человека в социальной жизни. Требования совершенствования производства и повышения производительности труда сегодня реализуемы не только обеспеченностью современными средствами труда, но и качеством рабочей силы, предполагающим, в первую очередь, определенный уровень общего и профессионального образования. Не случайно, особенно бурный рост системы образования пришелся на послевоенное время, когда происходило техническое перевооружение ведущих индустриальных стран и совершился мощный скачок в развитии промышленности, науки и техники. Качественно новый этап научно-технического прогресса в промышленно-развитых странах мира сопровождался ускоренным ростом образовательного уровня рабочей силы, который в конце 80-х годов составил в США –

12,7 лет, в Японии и ФРГ – около 13 лет. В СССР средняя продолжительность обучения (в расчете на одного работающего) увеличилась с 6,9 лет в 1959 году, 8,1 – в 1970 году до 9,2 в 1975 году [4].

Обучение является одним из основных видов деятельности, в процессе которого человек старается учиться и научить последующие поколения. Обучение и получение образования являются процессом, развивающим знания и мышление человека, позволяющим ему успешно адаптироваться к меняющимся жизненным обстоятельствам. Важным условием жизни для каждого человека является его соответствие окружающей социальной среде. Умение приспосабливаться и адаптироваться к постоянно изменяющейся окружающей среде – это одно из необходимых свойств жизнедеятельности человека, его разностороннего развития, проявляющегося в изменении самого себя, своего характера, привычек, манер и поступков. Такое умение приспосабливаться и адаптироваться будет оправданным, если оно имеет положительное влияние и является созидательным.

Способности и потенциал, заложенные в человеке природой, должны развиваться в процессе обучения и воспитания, и как можно более эффективно и рационально использоваться, как на благо себе, так и общества. Человек тогда является свободным, когда он имеет возможность использовать свой потенциал, свои способности, свое умение и свои навыки и получить удовольствие от своей деятельности.

Для всестороннего развития человека образование, особенно высшее профессиональное, имеет особое значение. Если общество ориентировано на развитие, то оно должно создать разветвленную систему общего и профессионального образования и все большее число людей привлечь к получению высшего образования.

История становления и развития системы высшего образования в новейший период в Иране начинается с создания Дорулфунун. Прошло немного времени и с Дорулфунуном стали взаимодействовать высшие учебные заведения, в том числе, национальный университет (1888 г.), университет политических наук (1900 г.), а с 1933 г, американский колледж совместно с университетом штата Нью-Йорка [5]. Становление и развитие высшего образования сыграло важную роль в развитии основных направлений жизнедеятельности страны, в улучшении условий и повышения уровня жизни людей в иранском обществе.

Система высшего образования в Иране сегодня является сложной и многогранной системой и составляющие ее элементы, взаимодействуя между собой, параллельно с обучением занимаются воспитанием человека. В настоящее время в Иране действуют около четырехсот высших учебных заведений, готовящих высококвалифицированные кадры по различным специальностям, выдают дипломы специалиста, бакалавра, магистра и доктора наук. В системе высшего образования Ирана действуют государственные и частные учебные заведения. Обучение в вузах имеет очную и заочную формы.

Важнейшим достижением Ирана в сфере образования является привлечение женщин в систему общего и профессионального образования. Иранские женщины впервые стали обучаться в высших учебных заведениях, начиная с 1934 года. Сегодня более 60% студентов высших учебных заведений составляют женщины.

В деле обучения и воспитания подрастающего поколения все члены общества должны совместно действовать и чувствовать ответственность. Эта деятельность требует четкого определения основных направлений и запланированных действий. Когда человек с ранних лет проявляет свои способности, он может успешнее адаптироваться к социальным условиям. В процессе освоения знаний человек становится более самостоятельным, независимым и ответственным и будет особо цениться в обществе. Свободный, способный и знающий человек сумеет самостоятельно находить решения проблем и чувствовать при этом ответственность. Это сформировавшаяся личность, которая в состоянии размышлять, сравнивать, отличать хорошее от плохого, проверять, анализировать и оценивать. Человек образованный всегда находится в поиске, развивается и совершенствуется, имеет свое мнение, свои убеждения, свою точку зрения, свои цели и задачи в жизни [6].

Процесс обучения – это получать новые знания, воспитать умение выполнять задания, развивать мышление человека. Цель обучения также должна состоять в том, что обучающиеся и получившие образование будут использовать полученные знания, умения и навыки в своей практической деятельности. В современном мире задача обучения и получение образования состоит в том, чтобы обучить новым технологиям, прививать человеку навыки использования новой техники и технологии и не отставать в этом направлении от всего остального мира. Обучение и получение образования развивает человека как личность, формирует в человеке социальные качества, делает его социальным и культурным и, таким образом, играет огромную роль в его жизнедеятельности. Дальнейшее развитие человека зависит от полученных им новых знаний, от его информированности, от проявленных и получивших развитие его способностей.

Обучение и получение образования одно из первых и основных прав человека, обеспечивающих ему возможность получить профессию, лучше определить направления в жизни, самостоятельно решать возникшие проблемы, повышать свой жизненный уровень.

В нынешних условиях, наряду с системой образования, средства массовой информации (радио, телевидение, газеты и журналы, интернет и т.д.) имеют огромное

влияние на психологию, поведение и мышление детей, подростков и взрослых людей. Средства массовой информации имеют огромное влияние на экономическую деятельность людей, на социальную и политическую жизнь, а также на культуру их поведения. Средства массовой информации могут сегодня играть роль учителя в различных направлениях отдельно взятого человека и общества в целом.

Таким образом, обучение и воспитание являются важнейшими видами деятельности, при помощи которых каждое новое поколение готовится к вступлению в самостоятельную общественную жизнь. В условиях глобализации потребность в обучении и получении образования все больше возрастает.

### ЛИТЕРАТУРА

1. Франция глазами французских социологов. М.: 1990. - С. 234.
2. Колесниченко Л.Ф. и др. Эффективность образования. М.: 1991. – С.5.
3. Шоисматуллоев Ш. Поколение в системе образования. Душанбе, ТГНУ, 1999. –С. 33.
4. Ананьев М.А. Образование и научно-технический прогресс. М.: 1977. – С. 65
5. Рахимии Медис Мухаммад. Роль обучения и получения образования в развитии общества. www/Blogfo/com/
6. Санои Махмуд. Свобода и воспитание. Тегеран, изд-во Амир Кабир,1976.

### РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ И ОБУЧЕНИЯ В РАЗВИТИИ ЧЕЛОВЕКА

Статья посвящена изучению роли образования в развитии человека. Получение высшего образования играет огромную роль во всестороннем развитии, как отдельно взятого человека, так и общества в целом. Высшее образование является сложной системой, достижения которой обеспечивают развитие страны. Определяются также основные задачи высших учебных заведений, в том числе, такие как всесторонне поддерживать науку и ученых, рекламировать новые разработки и достижения, быть в постоянном поиске новых идей, способствовать внедрению научных достижений в практику.

**Ключевые слова:** обучение, воспитание, обучение высшему образованию.

### THE ROLE OF EDUCATION IN HUMAN DEVELOP NEWT

The article begins with and introduction about this fact that people can change world and they need training and education. First knowledge and technology were defending as the application of knowledge and action. Also, education was defined as action and learning and teaching in views, methods and interactions with coworkers were pointed out. History if knowledge was divided into three stages. In regarding education and human, education is divided into two potential talents appropriately and on time. In this article theory on social choice was used. The underlying principle of this theory has that "How people can follow the benefits and advantages."

**Key worlds:** Education, social choice, Knowledge and technology, achieved status.

**Сведения об авторе:** ***Фотима Рустами*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ТЕОРИИ ПОНЯТИЯ АБУ НАСРА ФАРАБИ

***Б.Сулаймонов***
**Таджикский национальный университет**

Средневековая арабофарсиязычная философия и логика, опираясь на наследие древнегреческих мыслителей, обозначила такие области, из которых сложились онтология, гносеология, эпистемология, логика, диалектика, риторика, поэтика и др. Безусловно, арабофарсиязычные мыслители эпохи Средневековья выдвинули ряд проблем логики, решение которых мыслителям Западной Европы, как средневекового периода, так и нового времени, было затруднительно. Некоторые из этих проблем, на наш взгляд, актуальны и сегодня. К их числу можно отнести отдельные вопросы теории понятия, затронутые мусульманскими философами.

Исходя из этого, в предлагаемой статье предпринимается попытка проанализировать некоторые аспекты теории понятий Абу Насра Фараби, который, рассматривая основные формы мышления как важнейшие методологические средства приобретения знания, особое внимание уделяет процессу развития человеческого знания. Как отмечает сам мыслитель, процесс этот начинается с формирования понятий, образуемых дефинициями. Последние, в свою очередь, систематизируют понятия так, что они входят одно в другое до тех пор, пока не приведут нас к самым общим понятиям, которые уже нельзя определить через род и видовое отличие. В ходе рассмотрения этого вопроса прослеживается влияние Платона, который считал, чтобы познать мир, человек должен пойти дальше восприятия вещей, данных ему в ощущениях, говоря иначе - отправиться на поиски общих понятий. Только освободившись от влияния чувственно воспринимаемого мира, можно познать сущность и смысл бытия. Однако, Фараби как один из основоположников восточного перипатетизма, больше был склонен к Аристотелю.

На самом деле, согласно средневековому мыслителю, понятие есть особый вид высказывания о подлежащем. Основным значением понятия являются реально существующие предметы, которые с точки зрения логики составляют объем понятия. При объяснении процесса образования понятий и их языкового выражения, Фараби исходил из неразрывной связи понятий с внешним миром, это созвучно с воззрением Аристотеля. Понятие, говорил Фараби «есть нечто, обладающее таким свойством, по которому ему уподобляются два или более [предмета], а индивид - это то, в чем не может быть никакого подобия между двумя [предметами]. Кроме того, универсалия (общее понятие – Б.С.) такова, что она может быть предикатом более, чем для одного (предмета), между тем как индивид таков, что он не может быть предикатом более чем для одного (предмета)»[1].

Заметим, что в приведенной цитате под термином «универсалия» подразумевается общее понятие, объем которого составляет два или более предметов, а термин «индивид» употребляется в смысле единичного понятия, в объем которого входит один единственный предмет. Как уже отмечалось, согласно Фараби, общие понятия или универсалия подразумевают несколько подлежащих, тогда как единичное понятие лишь один единственный предмет. Например, общее понятие «животное» применяется и к человеку, к лошади, к быку и т.п., а единичные понятия «Зейд», «Амр», «Халид», «Багдад» и т.п. к одному предмету. Таким образом, образуются следующие высказывания: «человек есть животное» и «Зейд есть индивид». Отсюда, заключает Фараби, познание мира на уровне абстрактного мышления невозможно без познания единичного, но вместе с тем оно не может осуществляться и без познания общего.

Аристотельское положение о том, что сущность не может находиться вне того, сущностью чего она является, в методологическом плане для Фараби является ничем иным, как признанием диалектического единства единичного и общего. Если взять Платона, то он, отталкиваясь от учения Сократа об общих понятиях как сущности вещей, рассматривает эти общие понятия как абсолютные вечные идеи, существующие сами по себе, вне мира вещей и независимо от человека.

Идея вещи, утверждал Платон, есть некая самостоятельная субстанция и основание каждой вещи. Впоследствии диалектический метод позволил ему перейти от идеи вещи к самой вещи и от идеи вещей к беспредпосылочному началу всего сущего. Возникало, таким образом, преувеличение, гипостазирование понятий. Да и сама философская система Платона родилась вследствие неустанного исследования диалектических взаимосвязей и взаимопереходов понятий друг к другу, что позволяет её рассматривать как понятийную диалектику. Истинное знание, согласно его учению, должно быть выражено в точных понятиях, а следовательно, важнейшая задача философии - изучить сущность понятий, их глубокую взаимосвязь и процесс их формирования. Установление единого и чисел отдельно от вещей, указывал Аристотель, и введение идей произошло вследствие исследования понятий.

Учение о понятиях - суть диалектики Платона, а само понятие образуется благодаря использованию диалектического метода, т.е. диалога, в процессе которого первоначально осуществляется переход от многообразия к единому, общему понятию, а затем от более общего к менее общему, от родового понятия к видовым. Такое логическое деление понятий создает предпосылки для поиска исчерпывающего объема родового понятия и построения системы, родственных между собой понятий. Как указывал Диоген Лаэртский, Платон «довел этот род до совершенства», в силу чего «по праву может почитаться здесь первым как в красоте, так и в изобретательности».[2] Высоко оценивая заслугу Платона в развитии диалектики как искусства спора, Диоген Лаэртский отмечал, что философия до Платона «поначалу знала только один род рассуждения - физический; Сократ ввел второй - этический, а Платон - третий - диалектический и тем завершил философию».[3]

Главная цель диалога - найти в потоке бытия нечто неделимое, незыблемое, сверхчувственное и находящееся вне вещей, что является истинной сущностью, идеей, беспредпосылочным началом и вместе с тем точным определением какой-либо вещи, отличающей ее от иного, и поданным знанием.[4]

Что касается Аристотеля, то он, впервые вычленив формы логического мышления в качестве предмета изучения специальной науки, которую ныне принято называть формальной логикой, в своих книгах изучение различных форм постоянно связывал с анализом их бытия и онтологического содержания. Те проблемы, которые ставил и пытался решить Аристотель, в частности, аналитическая многоплановая разработка определения как логической, гносеологической и методологической операции, теснейшим образом связанной с познанием сущности вещей, выходят за рамки формальной логики, смыкаясь с общефилософскими представлениями древнегреческого мыслителя. В соответствии с этим логическое учение Аристотеля вряд ли стоит отождествлять с формальной логикой, ибо оно охватывает гораздо более широкий круг анализируемых вопросов. Как показало последующее развитие логической науки, формального критерия в ее рамках для выделения сущности изучаемых предметов не существует. Для выработки этого критерия необходим был выход в сферу не формальных, а содержательных критериев, предусматривающих, прежде всего исторический подход к исследуемой действительности. Аристотель и его последователи, в том числе Фараби, Авиценна и др., в поиске таких критериев устанавливали, что в рамках чистого логического анализа нет убедительного и основательного разграничения между выделением класса предметов в понятиях по случайным и существенным признакам. Эта проблема была поставлена и в Новое время, особенно в философии Канта, а подходы к ее решению были разработаны позже в диалектико-материалистической философии.

Естественно, возникает вопрос, каким же образом необходимо находить то, что обнаруживается, в сущности, каким способом следует строить определение, чтобы уловить суть вещи?

Этот вопрос Аристотель рассматривает во «Второй Аналитике». «Из того, что всегда присуще каждой отдельной [вещи], - указывает он, - нечто простирается на большее, не выходя, однако, за пределы рода».[5] Это нечто как общее присуще не только данной вещи, но и другой. Например, если есть нечто (нечетное), присущее и тройке, и пятерке, но вместе с тем оно не выходит за пределы рода, в качестве которого выступает число, то оно является сущностью вещи. Так, сущность находит свое выражение в понятии.

Фараби, также как и Аристотель, считает, что для постижения сущности вещи необходимо осуществить деление рода по видовым отличиям. Например, всякому человеку присущи общие свойства - животность и **разумность,** по которым человека можно определить как разумное животное. В связи с этим, Фараби пишет, что «Род в сочетании с различающим признаком [даст] определение вида ... Первую часть определения любого вида образует его род, а вторую - его различающий признак, являющийся тем, что дополняет и устанавливает его определение, так как он обозначает, что выделяет его по его субстанции».[6] Когда Фараби утверждает, что «Определение есть сложная универсалия, состоящая из рода и различающего признака, например, когда мы говорим, что человек - это разумное животное»[7], то тем самым он точно воспроизводит мысль Аристотеля из его «Метафизики»: «В определение не входит ничего другого, кроме рода, обозначаемого как первый, и видовых отличий».[8] Таким образом, если определение состоит из двух членов, то один из них - видовое отличие, другой - род, как, например, «разумное» - видовое отличие, а «животное» - род. Необходимо отметить, что восточные перипатетики вместо категории сущности Аристотеля используют понятие субстанция.

Анализируя способ построения определений, Фараби делает вывод: когда исследуют какое-либо целое, то род надо делить на первые неделимые по виду. Опираясь на это деление, нужно попытаться дать их определение. После этого следует установить, что это за род, затем рассмотреть его отличительные свойства ... И так следует исследовать до тех пор, пока не дойдут до единичного понятия. Оно-то и будет определением вещи.[9]

Своим учением о категориях Фараби проложил путь к преодолению метафизического разрыва между человеческим сознанием и бытием в арабофарсиязычной философии. Он вскрыл их диалектику как отношение общего и единичного. Следует отметить, что основой теории понятий Абу Насра Фараби послужили учение Аристотеля о категориях и учение Порфирия об универсалиях. Поэтому для выявления природы понятия в логической концепции Фараби необходимо рассмотреть его учение о категориях и универсалиях. Его книга «Катагурийас» представляет собой комментарии к одноименной книге Аристотеля «Категории». Здесь Фараби, следуя Аристотелю, различает десять категорий: субстанцию (или сущность у Аристотеля), количество, качество, отношение, время, место, положение, состояние (или обладание), действие и претерпевание действия.[10] Этому перечислению Фараби предпосылает грамматическо-логические соображения по поводу омонимов, синонимов и структурных элементов высказывания, т.е. субъекта и предиката. В категориях Фараби усматривает и «высшие роды, объемлющие все чувственно-воспринимаемые предметы».[11] Таким образом, для него высшие роды являются самыми общими понятиями чувственно-воспринимаемых вещей.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аль-Фараби. Логические трактаты. / Аль-Фараби. Алма-Ата, 1975. -С. 123-124.
2. Диоген Лаэртский. О жизни, учениях и изречениях знаменитых философов. / Диоген Лаэртский. М., 1979. -С. 3, 48.
3. Там же. -С. 56.
4. Платон. Государство. Соч. в 3-х т., т. 3(1). / Платон. -М., 1971. С. 318-319.
5. Аристотель. Соч. в 4-х т. Т. 2. М., 1978. С. 334.
6. Аль-Фараби. Логические трактаты. / Аристотель.-С. 135.
7. Аль-Фараби. Указ. соч. / Аль-Фараби.-С. 148.
8. Аристотель. Метафизика. / Аристотель.VII, 12, 1037 в - 1038 а.
9. Ал-Фараби. Логические трактаты./ Ал-Фараби. -С. 135-151.
10. Там же. С. 158.
11. Там же. С. 210.
12. Аристотель. Сочинения в четырех томах. / Аристотель.Том 1. Метафизика. Москва: "Мысль", 1975.
13. Диоген Лаэртский. О жизни, учениях и изречениях знаменитых философов./ Диоген Лаэртский. Москва: "Мысль", 1986.
14. О логическом учении аль-Фараби. Алма-Ата: "Наука", 1982.
15. Сайфуллаев Н.М. Логика Ибн Сино. / Н.М. Сайфуллаев -Душанбе: "Дониш", 1991.


**НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ТЕОРИИ ПОНЯТИЯ АБУ НАСРА ФАРАБИ**


В данной статье автором рассмотрены некоторые аспекты теории понятия Абу Насра Фараби. Своим учением о категориях Фараби проложил путь к преодолению метафизического разрыва между человеческим сознанием и бытием в арабофарсиязычной философии. Он вскрыл их диалектику как отношение общего и единичного. Следует отметить, что основой теории понятий Абу Насра Фараби послужили учение Аристотеля о категориях и учение Порфирия об универсалиях. Поэтому для выявления природы понятия в логической концепции Фараби необходимо рассмотреть его учение о категориях и универсалиях.



**Ключевые слова**: философия, суждение, арабофарсиязычный, онтология**,** гносеология**,** эпистемология, логика, диалектика, риторика, понятие**,** перипатетизм, индивид, универсалия, единичный,


**SOME ASPECTS OF THE THEORY OF THE CONCEPT OF ABU NASR FARABI**


In the article the author considers some aspects of the theory of the concept of Abu Nasr Farabi. His doctrine of categories Farabi paved the way to overcome the metaphysical gap between human consciousness and being in арабофарсиязычной philosophy. He told them their dialectics as the ratio of the total and the individual. It should be noted that the basis of the theory of concepts Abu Nasr Farabi served as Aristotle's doctrine of the categories and teaching Porphyria of universals. Therefore, to determine the nature of the concepts in a logical concept Farabi should consider his teachings about categories and universalities.



**Key words:** philosophy, judgment, арабофарсиязычный, ontology, gnoseology, epistemology, logic, dialectics, rhetoric, concept, peripatetism, individual, universal, single, shared, essence, substance, dialectical.



**Сведения об авторе**: ***Сулаймонов Б.*** – ассистент кафедры истории философии ТНУ. Телефон: **93-838-43-45.**

# БАРРАСИИ МУШКИЛОТИ БУРҲОНИ ВУҶУДИИ ДЕКАРТ ВА ПОСУХҲО

***Парвиз Раҳмонӣ, Ғуломризо Раҳмонӣ***
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Токистон, Эрон**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Эътирози Котрус.** Котрус дар эътироз ба бурҳони вуҷудии Декарт нахуст эътирози Фомаи Аквини ба тақрири Анселмро мекунад, сипас бар асоси эътирози суннати Фома эътирози худро ба тақрири Декарт ироа медиҳад. Тақрири Анселм аз бурҳони вуҷудӣ он аст, ки Худованд мавҷуде аст, ки комилтар аз онро наметавон тасаввур кард ва мавҷуде, ки бузургтар аз онро натавон тасаввур кард на танҳо дар зеҳни одамӣ, балки бояд дар олами хориҷ аз зеҳни одамӣ низ вуҷуд дошта бошад. Пас Худованд мавҷуде аст, ки на танҳо дар зеҳни одамбалки дар олами хориҷ аз зеҳни одамӣ низ вуҷуд дорад. Эътирози суннати Фома ба тақрири Анселм аз бурҳони вуҷудӣ он аст, ки бар фарз, ки ҳар кас аз номи Худо зотеро, ки бузургтар аз он натавон тасаввур кард бифаҳмад, Маазолик аз сирф тасаввури зоте, ки бузургтар аз он наметавон тасаввур кард, мадлул ва мисдоқи айнӣ ва хориҷии он натиҷа намешавад, балки чунин натиҷагирӣ мешавад, ки ӯ сирфан ва мунҳасиран дар зеҳни одамӣ вуҷуд дорад, магар он ки бипазирем, ки дар хориҷ аз зеҳни одамӣ зоте вуҷуд дорад, ки бузургтар аз онро наметавон тасаввур кард.

Тақрири Декарт аз бурҳони вуҷудӣ он аст, ки ман дар зеҳни худ воҷиди мафҳуми мавҷуде мутлақо комил ҳастам ва ман ин мафҳумро бо вузӯҳ ва тамоизи тамом идрок менамоям ва ҳамин тавр ман вуҷуди билфеъл ва сармадиро бо вузӯҳ ва тамоизи тамоми мутлақ ба зоти ӯ медонам. Бинобар ин, Худованд чизе аст, ки бояд воҷиди ҳама камолот бошад ва вуҷуди айнӣ низ камол аст, пас Худованд дорои камоли вуҷуди айнӣ аст, вагарна наметавонад комилтарин мавҷуд бошад.

Эътирози Котрус ба тақрири Декарт аз бурҳони вуҷудӣ он аст ки, ҳатто агар бо Декарт мумосилат кунем ва бипазирем, ки номи комилтарин мавҷуд бар ҳастии айнӣ ва хориҷии он далолат мекунад, маазолика натиҷа намешавад, ки мадлули мисдоқи он дар олами хориҷ аз зеҳни одамӣ таҳаққуқ дорад, балки сирфан натиҷа мешавад, ки вуҷуд бо мафҳуми бузургтарин мавҷуд, яъне Худо муттаҳид аст ва ҳаргиз аз он мунфак нахоҳад шуд. Бинобар ин, сирф тасаввури бузургтарин мавҷуди ҳастии айнӣ ва хориҷии он натиҷа нахоҳад шуд, магар он ки вуҷуди Худо дар олами хориҷ мусаллам ангошта шавад ва танҳо дар сурати таҳаққуқ айни он аст, ки ӯ воҷиди ҳама камолот, минҷумла вуҷуд хоҳад буд.

**Посухи Декарт.** Посухи Декарт ба эътирози Котрус он аст, ки суннати Фома на бурҳони вуҷудиро ба унвони бурҳони худаш ба кор бурдааст ва на натиҷае, ки ман аз бурҳони мазбур гирифтаам мегирад. Бинобар ин, дар хусуси баҳс ҳеҷ ихтилофе бо вай надорам ва аммо бурҳонеро, ки ӯ бо он мухолифат мекунад метавон ба шарҳи зайл тақрир намуд: «Вақте ки мафҳуми Худоро тасаввур мекунам, дармеёбам, ки бузургтар аз онро наметавон тасаввур кард, аммо вуҷуд доштан ҳам дар олами хориҷ ва ҳам дар олами зеҳн бузургтар аз вуҷуд доштан фақат дар олами зеҳн аст. Бинобар ин, ҳар гоҳ мафҳуми Худоро тасаввур мекунам, дармеёбам, ки Худованд ҳам дар зеҳн ва ҳам дар як мафҳум бар чизе далели олами хориҷ вуҷуд дорад, аммо бояд мутазаккир шуд, ки далолат бар сиҳати он чиз нест». Декарт пас аз нақл ва ради тақрири мазбур тақрири худро аз бурҳони вуҷудӣ ба шарҳи зайл ироа медиҳад: «Чизеро, ки бо вузӯҳ ва тамоиз дармеёбам, ки ба моҳияти ҳақиқиву собити чизе тааллуқ дорад ба дурустӣ метавон дар бораи он тасдиқ ва бар он ҳамл намуд, ҳол вақте моҳияти Худоро баррасӣ мекунам бо вузӯҳ ва тамоиз мефаҳмам, ки вуҷуд ба моҳияти ҳақиқӣ ва собити он тааллуқ дорад. Бинобар ин, Худо вуҷуд дорад. Мазбур, яъне саҳеҳ будани ҳарчиро, ки бо вузӯҳ ва тамоиз идрок мекунам, қобили инкор нест. Пас ишколе мутаваҷҷеҳи он намешавад ва аммо дар суроғи он ишколе қобили тарҳ аст, зеро аввалан одамӣ одатан вуҷудро аз моҳияти ашё ҷудо мекунад ва аммо ба ин амр, ки тааллуқи вуҷуд ба моҳияти Худо аъло ва ашраф аз тааллуқи он ба моҳияти соири ашёст, иноятe намекунад. Сониян, одамӣ байни он чи ки ба моҳияти ҳақиқӣ ва собити чизе таалуқ дорад ва он чи ки бо ҷаъли зеҳн ба он нисбат медиҳад, фарқе қоил нашавад. Дар ин сурат, ҳатто, агар бо вузӯҳ ва тамоизи тамом дарк кунад, ки вуҷуд ба моҳияти Худо тааллуқ дорад, боз наметавонад натиҷа бигирад, ки Худованд дар олами хориҷ аз зеҳни одамӣ вуҷуд дорад, зеро ҳанӯз намедонад, ки моҳияти Худо собит ва ҳақиқӣ аст ва ё маҷъали зеҳни одамӣ аст».

Посухи Декарт ба бахши аввали ишколи мазбур он аст, бояд байни вуҷуди мумкин ва вуҷуди зарурӣ тафовут вуҷуд дорад ва он ин аст, ки дар ҳар чизе ки бо вузӯҳ ва тамоиз идрок мешавад вуҷуди мумкин дар мундариҷ аст, аммо вуҷуди зарурӣ мутлақан ва мунҳасиран дар мафҳуми Худо гунҷонида шудааст, зеро агар соири чизҳоро ба унвони мавҷуд тасаввур кунем, ҳаргиз натиҷа намешавад, ки онҳо дар олами хориҷ аз зеҳни одамӣ вуҷуд дошта бошанд, балки сирфан натиҷа мешавад, ки онҳо мумкин аст вуҷуд дошта бошанд.

Далели матлаби мазбур он аст, ки дар мафҳуми онҳо вуҷуд мумкини мундариҷ мебошад, аз ин рӯ, ҳеҷ зарурате барои талозими вуҷуди хориҷӣ бо соири сифоти онҳо вуҷуд дошта бошад ва аммо Худовандро ба унвони мавҷуд тасаввур кунем, натиҷа мешавад, ки ӯ дар олами хориҷ вуҷуд дорад,зеро дар мафҳуми Худо вуҷуди зарурӣ мундариҷ мебошад, аз ин рӯ, вуҷуди хориҷӣ биззарура бо соири сифоти Худо

талозим дорад. Бинобар ин, Худо биззарура дар олами хориҷ аз зеҳни одамӣ вуҷуд дорад.

Посухи Декарт ба бахши дувуми ишколи мазбур он аст, ки бархе мафоҳим ба василаи зеҳн таркиб шудаанд ва бархе дигар чунин нестанд. Ба ибораи дигар, бархе аз мафоҳим маҷъули зеҳни одамӣ ҳастанд ва бархе дигар маҷъул нестанд, мафоҳиме, ки маҷъули зеҳни одамӣ ҳастанд ба василаи зеҳн қобили таҷзия низ ҳастанд монанди аспи болдор, ки ҳам маҷъули зеҳн аст ва ҳам зеҳн метавонад онро ба асп ва бол таҷзия намояд, зеро аспи болдор моҳияти ҳақиқӣ ва собите надорад. Ва аммо мафоҳиме, ки маҷъули зеҳни одамӣ нестанд, қобили таҷзия бо зеҳн ҳам нахоҳад буд, монанди мафҳуми мусаллас, ки он чи дар он мундариҷ аст, монанди тасовии завоёи он бо ду қоимаи қобили инфикок аз он нест, зеро дорои моҳияти ҳақиқӣ ва собит мебошад. Холо суол ин аст, ки оё дар чизе, ки воҷиди ҳама камолот аст, метавон вуҷуд дар камолоти он чиз ғунҷонид? Посухи суоли мазбур он аст, ки шояд одамӣ дар ибтидо иттиҳод миёни камолотро идрок накунад, зеро одат кардааст, ки камолотро ба сурати ҷудо аз якдигар лиҳоз намояд, аммо агар бодиққат баррасӣ шавад, ки оё вуҷуд бо комилтарин зот созгор аст ё на, нахуст бо вузӯҳ ва тамоизи тамом дармеёбем, ки вуҷуди мумкин бар он қобили ҳамл аст, аммо вақте ба қудрати номаҳдуд ва беҳадду ҳасри ӯ таваҷҷуҳ мекунем, дигар наметавонем вуҷуди ӯро аз зумраи вуҷуди мумкин талаққӣ намоем, балки ба вузӯҳ ва тамоизи тамом дармеёбем, ки зарурӣ аст.

Бинобар ин, дар мафҳуми Худо вуҷуди зарурӣ ғунҷонида шудааст ва ҳаргиз аз он қобили инфикок нест, зеро мафҳуми Худо бо ҳама камолоте, ки дар он мундариҷ аст, маҷъул ва сохтаи зеҳни одамӣ нест, балки ҳамон тавре, ки гузашт, амре зотӣ, фитрӣ ва ҷаблӣ аст, ки Худованди мутаол дар оғози офариниши нафси ман дар он ба вадиа ниҳодааст, то одамӣ битвонад аз тариқи он ӯро бишносад. Пас Худованд воҷиди тамоми камолот аст, ки дар мафҳуми он мундариҷ мебошад, камолоте, ки дар зоти ӯ бо якдигар муттаҳид ва ягона мебошад.

**Эътирозоти манқул аз Марсен.** Эътирози шашум аз маҷмӯаи эътирозоти дастаи дувум он аст, ки Декарт дар натиҷагирие, ки дар истидлоли худ барои посух ба эътирози Котрус ироа намудааст, ба хато рафтааст. Эътирози мазбур дар ду бахш ба шарҳи зайл ироа мешавад:

1. Ба назари муътариз хато Декарт ба хатои дар наҳви истидлол ва тақрири бурҳон марбут мешавад. Тақрири Декарт аз бурҳон (ҳастишиношхтӣ) ба шарҳи зайл аст: ҳар хусусиятеро, ки бо вузӯҳ ва тамоизи тамом дарк кунам, ки ба моҳияти ҳақиқӣ ва собити чизе тааллуқ дорад ба дурустӣ метавонем тасдиқ кунам, ки он хусусият ба он чиз тааллуқ дорад. Ман пас аз баррасии дақиқ ва кофии зот ва чисти Худо бо вузӯҳ ва тамоиз мефаҳмам, ки вуҷуд доштан ба зот ва моҳияти Худо тааллуқ дорад, аз ин рӯ, ба дурустӣ метавонам тасдиқ кунам, ки Худо дар олами хориҷ аз зеҳни одамӣ вуҷуд дорад. Аз дидгоҳи муътариз натиҷаи мазбур дуруст нест, балки натиҷаи дуруст он аст, ки гуфта шавад: пас аз он, ки бо диққати кофӣ зот ва чисти Худоро баррасӣ кардам, ба дурустӣ метавонам тасдиқ кунам, ки вуҷуд доштан ба зот ва моҳияти Худованд тааллуқ дорад, аммо аз баёни мазбур натиҷа намешавад, ки Худо илова бар он, ки ба сурати мафҳуме дар зеҳни одамӣ вуҷуд дорад, дар олами хориҷ ҳам вуҷуд дошта бошад, балки сирфан ин натиҷа ҳосил мешавад ки, агар зот ва моҳияти Худованд мумкин бошад, на мутаноқиз, бояд вуҷуд дошта бошад, зеро зот ё моҳияти Худоро набояд ҷудо аз вуҷуди ӯ тасаввур кард.

Муътариз пас аз табйини эътирози худ тақрири Декарт аз бурҳони вуҷудиро ба тақрире, ки дигарон ироа додаанд ба шарҳи зайл бармегардонад: агар вуҷуд доштани Худо мутаноқиз набошад, яқинан ӯ вуҷуд дорад, аммо вуҷуди ӯ мутаноқиз нест, пас Худо вуҷуд дорад. Аз дидгоҳи муътариз дар суғрои қиёси мазбур ишколе вуҷуд дорад, зеро мунтақидони бурҳони мазбур ё дар сиҳати муқаддимаи мазбур шак доранд ва ё онро инкор менамоянд.

Посухи Декарт он аст, ки худи муътариз дар сурати истидлоли худ, ки барои интиқод аз ман тартиб додааст, дучори хато шудааст, аз ин рӯ муътариз бояд барои ахзи натиҷаи мавриди назари худ куброи қиёсро ба ин сурат танзим намояд: ончиро, ки ба рӯшанӣ дарк мекунем, ки ба моҳияти чизе тааллуқ дорад, ҳақиқатан метавон тасдиқ кард, ки ба моҳияти он тааллуқ дорад ва ин чизе ҷуз ҳамон гӯйи нест. Декарт бар он аст, ки куброи қиёс чунин буд: он чиро ба равшанӣ дарк мекунем, ки ба моҳияти чизе тааллуқ дорад, ҳақиқатан метавон дар бораи он тасдиқ кард. Масалан, агар ба равшанӣ дарк кунам, ки ҳайвон будан ба моҳияти одамӣ таалуқ дошта бошад, метавон тасдиқ кард, ки инсон ҳайвон аст ва ё агар ба равшанӣ дарк кунам, ки доштани се зовияи мусовӣ бо ду қоима ба мусаллас таалуқ дорад метавон тасдиқ кард, ки мусаллас се зовияи мусовӣ бо ду қоима дорад ва ҳамин тавр, агар ба равшанӣ дарк кунам, ки вуҷуд ба моҳият ва зоти Худованд тааллуқ дорад, метавон тасдиқ кард, ки Худованд вуҷуд дорад.

Декарт дар табйини куброи қиёс изҳор медорад, ки суғрои қиёси ман чунин буд, аммо вуҷуд ба табиати Худо тааллуқ дорад ва натиҷа аз куброи мазкур ва суғрои мазбур чунин аст. Бинобар ин, ҳақиқатан метавон дар бораи Худо тасдиқ кард, ки ӯ вуҷуд дорад. Бинобар ин, муътариз мебоист суғрои қиёсро инкор мекард ва мегуфт, ки он чиро ба рӯшанӣ дарк мекунам, ки ба моҳияти чизе тааллуқ дорад ва наметавон онро ба ин ҷиҳат ба он нисбат дод, магар он ки моҳияти он чиз мумкин бошад, яъне таноқузомез набошад. Ва аммо муроди муътариз аз мумкин ё чизе аст бо фикри одамӣ таоризе надорад ва ё чизе аст, ки зеҳн қодир ба шинохти он нест, дар сурати аввал, табиати Худо мумкин аст, ҳар чизеро ки ба ӯ нисбат додаам, бо вузӯҳ ва

тамоиз идрок кардам, ки ба моддият ва зоти ӯ тааллуқ дорад ва дар сурати дувум шинохти ҳар чизеро мунтафӣ месозад. Дар мавриди мафҳуми Худо ҳеҷ амри маҳоле вуҷуд надорад, балки тамоми чизҳое ки дар мафҳуми Худо мундариҷанд, чунон бо якдигар мулозиманд ки, агар гуфта шавад, ки зоти Худо тааллуқ надорад, таноқузомез бошад. Ҳоло, агар чизе иҷозаи инкори мумкин будани зоти Худоро бидиҳад, ҳамон чиз иҷозаи инкори мумкин будани се зовияи далелеро, ки муътариз бо бурҳони вай муқоиса намудааст, нақл ва сипас мусалласи мусовӣ бо ду қоимаро хоҳад дод. Декарт пас аз баёни матлаби мазбур рад мекунад. Далели манқул аз муътариз ба ин шарҳ аст: агар дар вуҷуди Худо таноқузе набошад, мусаллам аст, ки ӯ вуҷуд дорад, аммо ҳеҷ таноқузе дар вуҷуди Худо нест, пас Худо вуҷуд дорад.

Аз дидгоҳи Декарт бурҳони мазбур, гарчи аз лиҳози модда дуруст аст, аммо аз лиҳози сурат муғолата аст, зеро дар куброи қиёс иборати таноқуз иборати таноқуз вуҷуд дорад ба мафҳуми иллат марбут мешавад, ки ба хотири ҳамин мафҳум аст, ки вуҷуди Худованд мумкин аст. Аммо дар суғрои қиёс иборати мазбур ба мафҳуми вуҷуд ва табиати Худованд итлоқ мегардад. Ҳоло, агар куброи қиёс инкор шавад, бурҳони мазбур ба ин сурат хоҳад буд: агар Худо ҳанӯз мавҷуд нашудааст, вуҷуд ёфтани ӯ таноқуз аст, зеро барои ба вуҷуд овардани ӯ ҳеҷ иллати томе вуҷуд надорад, аммо бинобар ин, фарзи вуҷуди Худо таноқузомез аст. Бинобар ин, Худо вуҷуд дорад.

Агар суғрои қиёс инкор шавад бурҳон ба ин сурат тақрир хоҳад шуд: чизе, ки дар мафҳум сувари он ҳеҷ чиз мутазаммини таноқуз набошад, вуҷуд надошта бошад, он чиз як амри таноқузомез нест. Аммо дар мафҳуми суварӣ вуҷуд ё зоти илоҳӣ ҳеҷ чиз нест, ки мутазаммини таноқуз бошад. Бинобар ин, вуҷуд ё зоти илоҳӣ як амри таноқузомез нест. Аз дидгоҳи Декарт ду бурҳони мазбур тафовути зиёде бо якдигар доранд, зеро дарки вуҷуди хоси ҳеҷ чизро натавон тасаввур кард, ки монеи вуҷуди он шавад маазолик медонем, ки аз ҷониби иллат, чизе вуҷуд дорад, ки монеъ ба вуҷуд омадани он шудааст.

Муътариз дар бахши дигар аз эътирози худ изҳор медорад, ки ҳамагон иборати «пас аз он, ки моҳият ва зоти Худоро баррасӣ кардам»-ро қабул намекунанд, зеро ба эътирофи Декарт зоти номутаноҳӣ ва ҳамин тавр сифоти ӯро фақат метавон ба таври ноқис (Incomplete) идрок намуд, ҳол он ки аз тарафе зот ва сифоти Худо номутаноҳӣ ва мутлақ аст ва аз тарафи дигар, зеҳни одамӣ ноқис аст. Кадом зеҳни ноқис ва қосир метавонад зот ва сифоти мутлақ ва номутаноҳии Худоро ба таври комил идрок намояд. Бинобар ин, Декарт чӣ гуна иддао менамояд, ки метавонад зот ва чистии Худованд бо вузуҳ ва тамоизи тамом баррасӣ кунад.

Посухи Декарт ба эътирози мазбур он аст, ки гарчи зоти Худованд ноқис тасаввур мешавад, маазолик тасаввури ноқиси зоти Худо монеъ намешавад, то имкон ё таноқузомез набудани зоти ӯ яқинӣ бошад ва ҳамин тавр тасаввури ноқиси зоти Худо монеъ намешавад, ки бигуем моҳият ва зоти Худовандро бо диққати кофӣ баррасӣ намудаем, зеро аз тарафе фикр ба далели он, ки наметавонад мафоҳими мутаоризро бо якдигар таркиб намояд таноқиз ё имтиноъро месозад, аз тарафи дигар таноқиз дар мафоҳим сирфан аз ибҳомашон ношӣ мешавад ва аммо дар мафоҳими возеҳ ва мутамоиз ба далели вузӯҳ ва тамоиз ҳеҷ гуна таноқизе вуҷуд нахоҳад дошт. Ба ин тартиб, ҳарчанд бархе сифот ва камолоте, ки аз зоти Худованд дарк мекунем маърифати комилан ноқисе ироа медиҳанд, маазолик ба ҳамин миқдор, ки одамӣ дарки возеҳ ва мутамоизе аз онҳо дошта бошад кифоят мекунад ва барои он ки битавонем моҳияти Худовандро бо диққати кофӣ баррасӣ кунем ва ба таноқузомез набудани он ҳукм намоем, таваҷҷуҳ ба ин амр кофӣ хоҳад буд, ки вуҷуди зарурӣ,ҳар қадар ҳам мафҳуми Худо ва сифоти ӯ ноқис тасаввур шавад, яке аз аҷзои муқаввими мафҳуми Худост.

**Тарҳи интиқодот.** Дэвид Юм барои ибтоли ин бурҳон пеш аз ҳар чиз ба ёди мо меоварад, ки файласуфи таҷрибӣ Ҷон Лок қаблан нишон додааст, ки тасаввуроти фитрӣ аслан вуҷуд надорад. Мо фақат дорои тасаввуроте ҳастем, ки аз таҷрибаи таассуротамон ба мо мерасад. Агар таассуроте дар таҷриба набошад, тасаввур беарзиш ва бемаъност. Аммо метавон таассуроти ҳиссӣ аз як вуҷуди фаротабиӣ надошт ва ба ин гуна тасаввури вуҷуди Худо наметавонад озмуни таҷрибиро бигзаронад. Посухи интиқоди мазбур он аст, ки одамӣ бар хилофи дидгоҳи Ҷон Лок дорои мафоҳими фитрӣ, аз ҷумла мафҳуми Худованд аст, ки Худованд онҳоро ҳангоми хилқати инсон, ҳамон тавре ки гузашт,дар даруни ӯ ба вадиа мениҳад, то ношӣ аз сонеъ ва холиқи ӯ бошад, то аз тариқи он битавонад ба хохлиқи хеш илм ва маърифат пайдо кунад.

Эмануил Канти олмонӣ, тақрири Декарт аз бурҳони вуҷудиро мавриди танқид қарор додааст, аммо бар хилофи Лейбнитс пас аз танқиди бурҳони вуҷудӣ тақрире аз он ироа намедиҳад (нақди Кант бар бурҳони вуҷудии Декарт). Бар асоси тақрири Декарт аз бурҳони ҳастишинохтӣ, аввалан, ман дар зеҳни худ мафҳум ва тасаввури Худоро бо вузӯҳ ва тамоизи тамом меёбам. Сонияи: мафҳуми Худо на маҷъули зеҳни ман аст ва на маъруз аз ашёи хориҷӣ, балки аз ҷумлаи мафоҳими фитрӣ аст, ки ман онро бо худ ба дунё меоварам. Солисан, мафҳуми Худо, яъне ҳақиқитарин ва комилтарин мавҷуд бидуни вуҷуди мустаҳил аст, зеро аз тарафе Худо ҷомеи ҷамии камолот аст аз тарафи дигар, вуҷуди камол аст, бинобар ин, тасаввури Худо бидуни вуҷуд муҳол аст, ба иборан дигар, вуҷуд дар мафҳуми Худо мундариҷ аст ва инкори он мусталзами таноқуз аст, зеро аз тарафе мегӯем, ки тасаввури Худо бидуни вуҷуд муҳол аст, аз тарафи дигар, Худоро ибтидо тасаввур мекунем, он гоҳ вуҷудро аз ӯ салб менамоем ва ин чизе ҷуз таноқуз нест. Робиан, вуҷуд аз ҷумлаи маҳмулоте аст,

ки биззарура ба комилтарин мавҷуд тааллуқ дорад, зеро ман бо вузӯҳи тамом дар худ меёбам, ки вуҷуди билфеъл ва зарурӣ ба ин мафҳум тааллуқ дорад, пас вуҷуд биззарура ба он тааллуқ дошта бошад.

Кант дар интиқод аз бурҳони ҳастишинохтӣ бар он аст ки, агар дар қазияе мавзӯъ (Subject)-ро вазъ ва маҳмул (predicate)-ро рафъ намоем, таноқуз лозим меояд, дар чунин қазоёе маҳмул заруратан ба мавзӯъ тааллуқ дорад, аммо агар дар қазияе маҳмул ва мавзӯъро бо ҳам ва якҷо рафъ намоем, таноқуз лозим нахоҳад омад (The Encyclopedia of philosophy, vol.5, p.539)

Масалан, агар мусалласеро вазъ намоем, он гоҳ маҷмӯи завоёи онро рафъ менамоем, ки ин мусталзами таноқуз хоҳад буд. Аммо агар мусалласро ҳамроҳ бо се зовия якҷо рафъ намоем таноқузе лозим нахоҳад омад. Ҳукми фавқ дар мавриди мафҳуми мавҷуди мутлақан зарурӣ низ содиқ аст. Ба ин маъно ки, агар мафҳуми мавҷуди мутлақан зарурӣро исбот намоем, он гоҳ онро рафъ кунем таноқуз лозим меояд, аммо агар мафҳуми мавҷуди мутлақан зарурӣро ҳамроҳ бо вуҷуд рафъ намоем ҳеҷ гуна таноқузе лозим нахоҳад омад. Зеро дар хориҷ аз мавҷуди мутлақан зарурӣ чизе нест то нақизи он бошад ва ҳамин тавр дар даруни мавҷуди мутлақан зарурӣ чизе вуҷуд надорад, то нақизи он бошад, зеро бо рафъи он ҳар гуна унсури дарунӣ низ рафъ хоҳад шуд.

Ба ин тартиб, агар мавзӯъ ва маҳмул бо ҳам вазъ шаванд, он гоҳ гуфта мешавад: «Худо мавҷуд аст». Ҳаргиз наметавон гуфт «Худо қодири мутлақ нест», зеро аз мавҷуд будани Худо қодир будани У лозим меояд. Аммо агар гуфта шавад, ки «Худо мавҷуд нест» дар ин сурат қодири мутлақ будани У лозим нахоҳад омад ва ҳамин тавр ҳеҷ як аз маҳмулот, яъне сифоти Худоро наметавон вазъ намуд, зеро бо рафъи ҳастии Худо ҳама сифоти У низ рафъ хоҳад шуд. Бинобар ин, бо рафъи мафҳуми Худо ҳеҷ гуна таноқузе лозим нахоҳад омад.


**АДАБИЁТ**

1. Сайид Ҳусайн Шамс. Тавҳиди ноб/ Сайид Ҳусайн Шамс. –Қум, 1379.
2. Муҳаммад Ҳусайнзода. Фалсафаи дин/ Муҳаммад Ҳусайнзода. –Қум, 1376.
3. Абдуллоҳ Ҷавводи Омилӣ. Табйини бароҳини исботи вуҷуди Худо таоло шаънуҳу/ Абдуллоҳ Ҷавводи Омилӣ. –Қум, 1374.
4. Абдуррасули Убудият. Исботи вуҷуди Худо ба равиши аслии мавзӯӣ/ Абдуррасули Убудият. –Қум, 1382.


**ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОБЛЕМЫ СУЩНОСТИ БЫТИЯ ДЕКАРТА И ОТВЕТЫ К НИМ**


Бытие – это философская категория, которая обозначает реальность, существующую объективно и является одним из центральных понятий философии на протяжении ее истории. Декарт – видный французский философ и ученый математик, основоположник рационализма. Его заслуга состоит в том, что он обосновал ведущую роль разума в познании и стал автором теории дуализма, чем попытался примирить материалистическое и идеалистическое направление в философии.



**Ключевые слова:** бытие, критика, Бог, человек, протест, возражение, восприятие, сравнение, уподобление, сущность, доказательство, совершенство.


**STUDY OF THE PROBLEMS OF THE ESSENCE OF BEING DESCARTES AND ANSWERS TO THEM**


Genesis is a philosophical category, that indicates the reality that exists objectively and is one of the Central concepts of philosophy throughout its history. Descartes is a prominent French philosopher and scientist-mathematician, the founder of rationalism. Its merit is that he proved the leading role of the mind in the knowledge and became the author of the theory of dualism, than tried to reconcile the materialistic and idealistic direction in philosophy.



**Key words:** existance, critiques, God, man, person, human, objection, protest, perception, confrontation, nature, reason, proof, perfection



**Сведения об авторах:** ***Парвиз Рахмони*** – доцент Свободного исламского университета Токистона, Иран
***Гуломризо Рахмони*** – соискатель факультета философии Таджикского национального университета


## АҲАМИЯТИ ГЕОПОЛИТИКИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАРОИ ТУРКИЯ


***Масъуди Гударзӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Пас аз фурӯпошии Шӯравӣ ва эҷоди халои (набудани) қудрат дар Осиёи Марказӣ ин минтақа тавассути қудратҳои бузург ва мутавассит, ки тамоюл ба нуфуз дар ин минтақа доштанд муҳосира шуд. Гарчи Туркия бузургтарин, сарватмандтарин ё наздиктарин қудрат ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ набошад, аммо набояд аз назар дур дошт, ки иртибототи таърихӣ ва қавмии густардае бо Осиёи Марказӣ ва мардуми он аз гузаштаҳои дур дорад ва ин мавзӯъ метавонад заминаҳои муносибе барои пайгирии сиёсатҳои Туркия дар минтақа фароҳам оварад. Сиёсати аслии Туркия нисбат ба ҷумҳуриҳои тозаистиқлолёфтаи Осиёи Марказӣ ҳамвора бар эҷоди ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳифзи суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ, кӯмак ба раванди давлатсозӣ ва ҳимоят аз ҳамлу нақли бевақфаи манобеи азими энергетикии минтақа ба бозорҳои байналмилалӣ ва ироаи масирҳои ҷойгузин дар сурати лозим мутамарказ будааст. Аз охирҳои даҳаи 1990 Туркия ба воситаи афзоиши қудрати сиёсӣ ва иқтисодӣ ба нуфуз ва ҳузури худ дар Осиёи Марказӣ шитоб бахшид ва сиёсатгузорони давлатӣ ва бахши хусусӣ ба сармоягузорӣ дар минтақа иқдом карданд. Аз соли 1996 ба баъд сиёсатгузорони туркӣ сиёсати амалгароёнае дар қиболи Осиёи Марказӣ иттихоз карданд. Дар ин сиёсати ҷадид равобит миёни

Туркия ва Осиёи Марказӣ умдатан бар асоси манфиатҳои муштараки иқтисодӣ таъриф шуд. Бинобар ин, Туркия саъй кард дидгоҳи амалгароёнатаре дар қиболи Осиёи Марказӣ мубтанӣ бар афзоиши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва парҳез аз мулоҳизоти сирфан сиёсӣ дар минтақа иттихоз кунад.

Дар аввалҳои даҳаи 1990 милодӣ Туркия дигар хокрези аввали муқобила бо коммунизм аз нигоҳи Ғарб набуд. Аммо сиёсатгузорони Туркия нақши ҷадид барои он кишвар таъриф карданд, ки таваҷҷуҳ ба кишварҳои перомунии худ, хусусан Осиёи Марказӣ воқеъ шуд. Минтақаи Осиёи Марказӣ ба далоили мухталифе таваҷҷуҳи Туркияро ба худи ҷалб кард. Омилҳое аз қабили зуҳури давлатҳои турктабор дар Осиёи Марказӣ, ҳимояти Амрико, режими сионистии Исроил ва баъзе нерӯҳои хориҷии дигар, тамоюли бозигарони ғайридавлатии Туркия ва заъфи Русия дар солҳои аввали даҳаи 1990, боиси тасҳили ҳузури Туркия дар ин минтақа шуд. Ҳузур ва нақши Туркия дар авосити даҳаи 1990 дар Осиёи Марказӣ рӯ ба таназзул ниҳод, вале Туркия дар дастёбӣ ба ҳадафҳое, ки барои худ дар назар гирифта буд, ҳамчунон мусаммам буд. Аҳдофи Туркия дар минтақа ба таври хулоса иборатанд аз: афзоиши нақшофаринии геополитикӣ дар минтақа ва Осиёи Марказӣ, тақвияти роҳи иртиботи заминии биловосита ба минтақа, ба даст овардани саҳми боло дар бозорҳои минтақа, густариши ҳавзаи нуфузи худ аз тариқи тарвиҷи идеяи пантуркизм, саҳим шудан дар манобеи энергетикии минтақа ва хутути интиқоли он ба бозорҳои ҷаҳонӣ, бартараф сохтани ниёзҳои дохилии Туркия ба энергия ва ахзи манофеи иқтисодии ҳосил аз транзити энергия, иртиқои ҷойгоҳи Туркия дар низоми байналмилалӣ аз тариқи нақши иртиботии худ дар минтақа, коҳиши нуфузи суннатии Русия, ироаи модели скуларизм барои кишварҳои минтақа ва талош барои пазириши ин модел аз ҷониби онҳо, ифои нақши иртиботии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Ғарб ва қарор гирифтан ба унвони намунаи муносиби тавсеа аз ҷониби баъзе аз кишварҳои минтақа, рақобат бо Эрон ва пешгирӣ аз пиёда шудани намунаи ҳукумати он дар минтақа, қаламдод кардани минтақаи Осиёи Марказӣ ба унвони ҷузъе аз қаламрави фарҳангӣ ва таърихии худ, назорат ва таъсиргузорӣ бар муносибот ва назорат ва мудирият намудани қудратҳои дигаре, монанди Покистон, Ҳинд ва Эрон дар ин минтақа тайфи фикрии авроосиёгароён ва низомиён, миллатгароиҳои туркӣ (пантуркистҳо) ва сотсиалистҳо шадидан аз густариши нуфузи Туркия дар ин минтақа ҳимоят мекунанд. Муътақидин ба ин тайфи фикрӣ аз ҷойгузин кардани Авруосиё ба ҷойи иттиҳодияи аврупоӣ дар равобити хориҷии Туркия ҳимоят мекунанд.

**Аҳамияти геополитикии Осиёи Марказӣ барои Туркия.** Дар навиштаҳои таърихӣ Арасту дар Юнон ба нақши об ва ҳаво дар сиёсат ва ҳатто ҷуғрофидонони мусулмоне монанди Ибни Халдун ва Ибни Сино ба мавзӯи геополитикӣ ишора кардаанд, аммо ин вожа дар қарни XIX ба вуҷуд омад.

Рудолф Клиен географиядони шветсиявӣ (1864-1922) вожаи геополитикиро матраҳ кардааст ва муътақид буд, ки ҳукумат панҷ рукн дорад, ки ба тартиб иборатанд аз: кротополитика (мутолиаи вазъи ҳукуматии як кишвар), демополитика (мутолиаи ҷамъияти як кишвар), экономополитика (мутолиаи манобеи иқтисодии як кишвар), сотсиополитика (мутолиаи вазъи иҷтимоии як кишвар) ва муҳимтар аз ҳама геополитика (мутолеаи географияи сиёсии кишвар) аст. Дар охирҳои қарни XIX (1897) Фридрих Ротзел донишманди олмонӣ бар асоси таҳқиқоти Рудолф Клиен географияи сиёсӣ ва мутолиоти донишгоҳии геополитикиро бунёд ниҳод ва дар китоби «Географияи сиёсӣ» барои нахустин бор ҳукуматро аз диди ҷуғрофиёи мавриди мутолиа қарор дод.

Мафҳумҳои географияи сиёсӣ монанди марз, муҳоҷират ва ғайра мафҳуми ҳамешагӣ ва пояӣ ҳастанд ва дар тӯли фароянди таърихӣ дигаргун ва аз байн намераванд. Дар таъйиди матолиби фавқ «замони Олмони гитлерӣ, омӯзиши ҷуғрофиё ва геополитика ба унвони асоситарин дарс, иҷборӣ мешавад ва рӯзгоре дар Шӯравии сталинӣ тадриси он мамнӯъ мегардад.

Геополитика ба англисӣ (geopolitics), яъне тавҷеҳ ва тафҳими мавзӯоти марбут ба сиёсат бо таваҷҷуҳ ба додаҳои ҷуғрофиёӣ мебошад. Ҳамчунин, геополитик донише аст, ки инсониятро дар дохили равобити мутақобил бо омили макони мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Доктор Дура Мири Ҳайдар ҷадидтарин таърифе аз геополитика ироа кардааст: «Геополитика шеваи қироат ва нигориши сиёсати байналмилал тавассути соҳибони қудрат, андеша ва таъсири онҳо бар тасмимгириҳои сиёсӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ аст».

Яке аз мутағайирҳои таъсиргузор бар сиёсати хориҷии кишварҳо, хусусиятҳои геополитикии онҳост, зеро чунин хусусиятҳо дар тавон ва манофеи миллии кишварҳо асос қарор мегирад. Ин хусусиятҳоро метавон дар ду даста аз авомил матраҳ кард: яке аз авомили субот, ки мавқеияти ҷуғрофиёӣ ва шаклҳои он (дарёӣ ва ғайра), фазо ва тақсимоти он, вусъати кишвар, вазъи топографӣ (марзҳо, ноҳамвориҳо ва ғайра), шакли кишварҳо ва анвои он ва ғайраро шомил мешавад. Дуюм, авомили мутағайире, ки ҷамъият, манобеи табиӣ ва анвои он (қазоӣ, маъданӣ ва ғайра), энергия ва миқдори масрафи он дар кишвар ва ҷаҳон, ниҳодҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Суот Илҳон низ дар мавриди геополитика муътақид аст: «Геополитика робита миёни қудрат (кунунӣ ва оянда) ва ҳадафро дар майдони сиёсат бар мабнои ҷуғрофиёи табиӣ ва сиёсӣ баррасӣ мекунад. Геополитика конуни қудрати ҷаҳонӣ ва минтақавиро бар рӯйи ҷуғрофиёи табиӣ ва ба ибораи дигар, рӯйи паҳнои ҷуғрофиё

ба сурати мутақобил мавриди арзёбӣ қарор медиҳад ва дар майдони сиёсат, робитаи миёни қудрат ва ҳадафро барқарор мекунад. Ва заминаи сиёсати амниятӣ ва тараққии як давлат, гурӯҳе аз давлатҳо ва ё як минтақаро ташкил медиҳад».

Дар солҳои аввали қарни XX Кей Олан ва дигар андешмандон империалист, геополитикаро ба унвони бахше аз дониши империалистии ғарбӣ фаҳмиданд, ки аз иртибот бо замини физикӣ (ҷуғрофиё) ва сиёсат баҳс мекард. Дар тайи солҳои баъд аз ҷанги сард, геополитика барои тавсифи кашмакаш ва даргирии ҷаҳонӣ байни Шӯравӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бар сари назорати кишварҳо ва манобеи стратегии ҷаҳон истифода шуд.

Породайми марксизм кулли назариёти геополитикиро нақд мекунад ва бар матлаби зайл изъон дорад, ки «сиёсати мо бар назарияи табақоти марксистӣ муттакӣ аст ва назариёти геополитикиро ба унвони назарияи инҳисоргарона ва империалистӣ мавриди ҳамла қарор медиҳад». Бинобар ин, дар ради ин назария истидлолҳои марксистҳо ин аст, ки «вазъияти ҷуғрофиёӣ ағлаб дастхуши дигаргунии тӯлонӣ аст, ҳол он ки тағйири авзои сиёсӣ ва ҳатто тағйири як суратбандӣ ва низоми иҷтимоӣ ба низоми дигар дар муддати кӯтоҳ анҷом мегирад».

**Таърифи нигоранда аз геополитика**: «Геополитика (Geopolitics) ба назар мерасад мухаффафи Geographical Politics ва ба маънии сиёсати ҷуғрофиёӣ аст ва ба мутолиаи таъсири авомили муҳитӣ ва ҷуғрофиёӣ бар сиёсат ва тасмимоти сиёсӣ мепардозад. Ба ибораи дигар, геополитика, яъне сиёсати (ғолибан сиёсати хориҷӣ) баргирифта аз ҷуғрофиё дар маънои куллӣ ба робита миёни сиёсат ва сарзаминҳо дар миқёси маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ дар бахшҳои воковӣ (дубора ҷустуҷу кардан), нафй, пешбинӣ, истифода аз қудрати сиёсии фароноҳияии мушаххас мепардозад. Геополитика, ки ба таври суннатӣ бар асоси иттилоот, дидгоҳҳо ва техникҳои ҷуғрофиёӣ ба масоили сиёсати хориҷии кишварҳо мепардозад, як навъ ҷуғрофиёи сиёсии корбурдӣ қаламдод мешавад.

Геополитика ба унвони як роҳнамост, ки ба мо мегӯяд кадом маконҳо бо таваҷҷуҳ ба муқтазиёти замонӣ боаҳамияттар аст.

**Осиёи Марказӣ** сарзамини паҳновар дар қораи Осиё аст, ки ҳеҷ марзе бо обҳои озоди ҷаҳон надорад. Агарчи марзҳои дақиқе барои ин сарзамин таъриф нашудааст, аммо маъмулан онро дарбаргирандаи кишварҳои имрӯзаи Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Қазоқистон ва Қирғизистон медонанд. Ағлаб сарзаминҳои дигаре чун Афғонистон, шимоли шарқи Эрон, Муғулистон, Кашмир, шимол ва ғарби Покистон ва гоҳ Синзян (Туркистони шарқии қадим) дар ғарби Чин ва ҷануби Сибир дар Русияро низ ҷузъи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меоваранд.

Ба бахше аз Осиёи Марказӣ, ки дар миёни ду рӯд-Амӯдарё ва Сирдарё ҷой дорад дар манобеи қадими арабӣ ва форсӣ Мовароуннахр ва дар форсӣ Фарорӯд гуфта мешуд. Ба бахше аз шимол ва шарқи Осиёи Марказӣ дар давраҳое Туркистон ҳам мегуфтанд.

Осиёи Марказӣ дар тӯли таърих бо кӯчманчиён ва ҷодаи абрешим ёдоварӣ шудааст ва монанди ҷодае барои пайванди мардум, ҷобаҷоии маҳсулотҳо ва андешаҳо байни Аврупо, Ховари Миёна, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Шарқӣ будааст. Осиёи Марказӣ дар бостон ва аз оғози таърих аз панҷ сарзамин - Маргиёно (Марв), Бохтар (Бохтерио), Суғд, Хоразм ва Секостан ташкил шуда буд, ки мардумонашон эронитабор буданд ва ба забонҳои эронии миёна сухан мегуфтанд ва ин сарзаминҳо дар даврони бостон ба мурур бахше аз шоҳаншоҳии Эрон шуданд.

Идеяи номидани ин минтақаҳо ба унвони як минтақаи ягонаи ҷуғрофиёӣ бо номи Осиёи Марказӣ дар соли 1843 тавассути Александр Фон Ҳомблут ҷуғрофиёдони русӣ матраҳ шуд, ҳарчанд барои марзу буми ҷуғрофиёии ин минтақа ҳанӯз таърифи комил ва мушаххасе вуҷуд надошт. Дар соли 1924 пас аз барпошудаи ҳукумати болшевикҳо, Осиё аз назари сиёсӣ дар иртибот бо Москва ба се бахш: 1) Осиёи наздик - минтақаи Қафқоз; 2) Осиёи дурр - мутасаррифоти Сибир ва сарзаминҳои Ховар; 3) Осиёи Марказӣ - мобайни Осиёи дур ва Осиёи наздик тақсим гардид.

**Вижагиҳои геополитикии Осиёи Марказӣ.** Ба лиҳози мавқеияти ҷуғрофиёӣ, Осиёи Марказӣ дар мобайни Аврупо дар Ғарб, Осиё дар Шарқ, Русия дар Шимол ва ҷаҳони ислом дар Ҷануб қарор гирифтааст. Кишварҳои ин минтақа маҳсур дар хушкӣ ҳастанд ва танҳо ба воситаи хоки кишварҳои ҳамҷавор ба обҳои озод дастрасӣ доранд. Минтақаи Осиёи Марказӣ дуюмин захоири энергетикии дунё (нефт ва газ)-ро дорад. Илова бар ин, теъдоде аз маодани камёб мисли тилло, мис, уран ва фулуззоти сангин дар ин минтақа воқеъ шудаанд. Ин минтақа дар маҳалли бархӯрди фарҳангҳои Шарқ ва Ғарб, аз ҷумла фарҳанги туркӣ ва исломӣ ва аз назари таърихӣ дар масири ҷодаи абрешим қарор гирифтааст.

Манобеъ ва захираҳои зеризаминӣ, бузургтарин омил дар иқтисоди ин ҷумҳуриҳо аст. Ин ҷумҳуриҳо саршор аз захоир ва манобеи азим ва қимат ҳастанд, ки метавонад дар ҷиҳати рушд ва тавсеаи санъати онҳо нақши бузурге ифо намояд. Бо фурӯпошии ИҶШС ин ҷумҳуриҳо ба фикр афтоданд, ки бо истифода аз захоир ва манобее, ки дар хоки ҳар як аз ин ҷумҳуриҳо вуҷуд дорад, вазъияти иқтисодии худро беҳбуд бибахшанд.

Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти иқтисодӣ ба дунболи тасреъ дар баҳрабардорӣ аз манобеи худ ва арзаи он ба бозорҳои ҷаҳонӣ ҳастанд. Ба ҳамин далел қарордодҳои мутааддиде барои баҳрабардорӣ аз манобеи ин ҷумҳуриҳо бо сармоядорони хориҷӣ мунъақид шудааст. Вуҷуди сармоягузориҳои ширкатҳои аврупоӣ ва амрикоӣ дар кишварҳои минтақа метавонанд аз ҷойгоҳи хосе дар тавсеаи

иқтисодии ин ҷумҳуриҳо бархурдор бошанд. Туркия ба унвони кишваре бо имконоти азими иқтисодӣ ва таҷрибиёти фаровон бо мавқеияти стратегӣ дар минтақа, метавонад дар таъмини маҳсулотҳои масрафии ин ҷумҳуриҳо, истихроҷ ва тавлиди манобеъ ва маъданҳо, низ иртиботи минтақа бо ҷаҳони хориҷ, муассир бошад.

Осиёи Марказӣ аз назари геостратегӣ мавқеияти барҷастае дар нақшаи ҷаҳон дорад. Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон миёни Русия, Чин ва Ҳинд қарор дошта, аз ҷануб қисмати зиёде аз кишварҳои мусалмон, яъне Афғонистон, Эрон, Туркия ва Покистон онро иҳота кардаанд. Ин минтақа бо бозори масрафи 60 миллионӣ ва бо 4090900 км$^2$ масоҳат, маҷмӯан наздик ба 10% масоҳати қораи Осиё ва камтар аз 3% ҷамъияти ин қора мавқеияти хосеро ба худ ихтисос додааст.

Фурӯпошии Шӯравӣ таъсироти мутафовит ва пешбининашудае бар авзои сиёсии ҷаҳон ва бахусус бар манотиқи ҳамҷавори Шӯравӣ гузошт. Дар ин замина метавон аз фаъол шудани қудратҳои минтақавӣ, ки то он замон ба иллати ҳузури Шӯравӣ қодир ба ифои нақши асосӣ набуданд, ёд кард.

Халои қудрате, ки бо фурӯпошии Шӯравӣ падид омад, на танҳо қудратҳои ғарбиро таҳрик ба мудохилаи бештар дар Осиёи Марказӣ кард, балки кишварҳои Туркия, Эрон ва Покистонро ба фаъолият водошт ва Ҳинд ва Чин низ ба такопӯ афтоданд. Бо нигоҳи иҷмолӣ ба авзоъ ва шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои давраи баъд аз истиқлол, ба мушкилот ва норасоиҳои мутааддиде бармехӯрем, ки ба таври муштарак гиребонгири тамоми ҷумҳуриҳо будааст:

- фиқдони ниҳодҳои мавриди ниёз барои эҷоди давлат-миллатҳои навин ё зарурати бозсозии мавҷуд;
- ҳокимияти суннатҳо ва равияҳои ба ҷо монда аз режими гузашта;
- фиқдони фарҳанги сиёсии лозим дар мавриди давлатҳои модерн ва демократӣ;
- фиқдони коршиносон ва мутахассисини ботаҷриба дар ҳавзаҳои мухталиф;
- мушкилоти сохторҳои тавлидии таҳмилшуда ба васила русҳо;
- бархурдорӣ аз иқтисоди такмаҳсулӣ ва умдатан кишоварзии такмаҳсулӣ;
- афзоиши нархи бекорӣ ва таваррум, коҳиши тавлид ва вахомати шадиди стандартҳои зиндагӣ ба хотири халои ношӣ аз фурӯпошии ногаҳонии системаи барномарезии марказӣ;
- мушкилоти ношӣ аз гузар аз як модели иқтисодии мутамарказ ба иқтисоди мубтанӣ бар бозори озод;
- таркиботи қавмии печида дар натиҷаи тарсими худсарона ва нифоқафканонаи марзҳои мавҷуд, ҷобаҷоии гурӯҳҳои қавмӣ, табъидҳои дастаҷамъӣ.

Аммо муҳимтарин омили таваҷҷуҳ ба ин минтақа, илова бар мавқеияти геополитикӣ ва транзитӣ, вуҷуди захоири азими нефт ва газ дар ин минтақа аст.

Бо фурӯпошии Шӯравӣ ва поён ёфтани ҷанги сард шоҳиди таҳаввулоти шигарфе дар арсаи равобити байналмилалӣ будем, ки дар натиҷаи он сиёсатҳои кишварҳои мухталиф низ мутобиқ бо шароити ҷадид дигаргун шуд. Дар ин миён Туркия аз ҷумла кишварҳое ба шумор меравад, ки тағйироти эҷодшуда дар арсаи равобити байналмилалӣ ношӣ аз фурӯпошии Шӯравӣ ва поёни ҷанги сард таъсири умдае бар сиёсатҳо ва ҷиҳатгириҳои ин кишвар, бахусус дар заминаи сиёсатҳои минтақавии он бар ҷой гузоштааст. Фурӯпошии Шӯравӣ ва ба дунболи он зуҳури ҷумҳуриҳои тозаистиқлолёфтаи Осиёи Марказӣ дар авоили даҳаи 1990 таваҷҷуҳи Туркияро ба минтақаи ҷуғрофиёи васее, ки қаблан бахше аз ИҶШС собиқ буд, ҷалб кард. Туркия, ки дар даврaҳои гузашта пайвастан ба Иттиҳодияи Аврупоро ба унвони барномаи расмии худ ҳамвора мадди назар дошт, бо фурӯпошии Шӯравӣ васвасаи ормонҳои пантуркӣ бар сиёсати хориҷиаш соя афканд. Ин амр боис шуд, ки Туркия барномаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии худро барои наздикии бештар ба кишварҳои тозаистиқлолёфта дар пеш бигирад. Дар ин росто Анқара барномаҳои худро барои ифои нақши бештар дар минтақа бо баҳрабардорӣ аз равобити муштараки қавмӣ, забонӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон) тарҳрезӣ кард. Ин мавзӯъ то ҳудуде ёдоварии пантуркизм буд. Замоне ки ҷоҳталабиҳои геополитикии Анқара аз Босния ва Герсоговина то Чинро аз тариқи Қафқози Ҷанубӣ дар бар мегирифт, Вашингтон низ нисбат ба ин мавзӯъ дидгоҳи мусоиде дошт, зеро манофеи Туркияро ба унвони манофеи мутазоди Эрон ва Русия дар Осиёи Марказӣ медид. Дар ин миён ангезаҳои бартарияти қудрат ва ҳамчунин манофеи иқтисодӣ, монанди дастрасӣ ба бозорҳои ҷадид барои маҳсулотҳои Туркия ва тавсеаи потенсиалҳои азими энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ, Анқараро водор кард, то як «сиёсати турки»-и ҷадидро эълом кунад.

Туркия аввалин кишваре буд, ки истиқлоли кишварҳои тозаистиқлолёфтаро ба расмият шинохт ва сафоратхонаҳои худро дар Осиёи Марказӣ фаъол кард. Кишвари Туркия дар даврaи ҷанги сард ба унвони яке аз аъзои НАТО ба далели тасаллути Шӯравӣ бар ин минтақа аз қудрати манёври зиёде дар Осиёи Марказӣ бархурдор набуд. Аммо фурӯпошии Шӯравӣ ин мавқеиятро дар ихтиёри Туркия қарор дод, то бо муштаракоти таърихӣ, қавмӣ, забонӣ ва фарҳангӣ фаъолиятҳои худро дар Осиёи Марказӣ густариш диҳад ва битавонад нуфузи худро дар ин минтақаи стратегӣ афзоиш диҳад. Аммо дар тӯли даҳаи 1990 ба далели мушкилоти иқтисодӣ ва адами қудрати кофии Туркия, Русия ҳамчунон нуфузи худро дар ин минтақа ҳифз кард ва Туркия муваффақияти чандоне дар ин замина ба даст наовард.

Туркия дар ибтидо фаъолиятҳои худро бо рӯйкарди фарҳангӣ пайгирӣ намуд ва дар арсаҳои омӯзишӣ ва фарҳангӣ фаъолиятҳои худро оғоз кард. Барномаи Туркия

ин буд, ки ба канали аслии иртиботии ин кишвар бо Ғарб табдил шавад ва бо кӯмак гирифтан аз Ғарб ва мушорикат дар тавсеаи иқтисодии ин кишварҳо, заминаи нуфузи фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодии худро ҳамвор кунад. Ба ин далел, аз ҳамон оғози солҳои фурӯпошии Шӯравӣ қадамҳоеро дар ин замина бардошт ва ба ин тартиб, нигоҳи шарқиро ба сиёсати хориҷии Туркия ворид кард.

Дар авоили даҳаи 1990 милодӣ Туркия дигар «хокрези аввали муқобила бо коммунизм» аз нигоҳи Ғарб набуд, аммо сиёсатгузорони Туркия нақши ҷадид барои он кишвар таъриф карданд, ки таваҷҷуҳ ба кишварҳои перомунии худ, хусусан Осиёи Марказӣ воқеъ шуд. Осиёи Марказӣ ба далоили мухталиф таваҷҷуҳи Туркияро ба худ ҷалб кард. Омилҳое аз қабили зуҳури давлатҳои турктабор дар Осиёи Марказӣ, ҳимояти Амрико, режими сеонистии Исроил ва баъзе неруҳои хориҷии дигар, тамоюли бозигарони ғайридавлатии Туркия ва заъфи Русия дар солҳои аввали даҳаи 1990 боиси тасҳили ҳузури Туркия дар ин минтақа шуд ва нақши Туркия дар авосити даҳаи 1990 дар Осиёи Марказӣ рӯ ба таназзул ниҳод, вале Туркия дар дастёбӣ ба ҳадафҳое, ки барои худ дар назар гирифта буд, ҳамчунон мусаммам буд.

Ҳадафҳои Туркия дар минтақа ба таврӣ хулоса иборатанд аз:

- афзоиши нақшофаринии геополитикӣ дар минтақа ва Осиёи Марказӣ;
- тақвияти роҳи иртиботии заминии биловосита ба минтақа;
- ба даст овардани саҳми боло дар бозорҳои минтақа;
- густариши ҳавзаи нуфузи худ аз тариқи тарвиҷи идеяи пантуркизм;
- саҳим шудан дар манобеи энергетикии минтақа ва хутути интиқоли он ба бозорҳои ҷаҳонӣ;
- бартараф сохтани ниёзҳои дохилии Туркия ба энергия ва ахзи манофеи иқтисодии ҳосил аз транзити энергия;
- иртиқои ҷойгоҳи Туркия дар низоми байналмилалӣ аз тариқи нақши иртиботии худ дар минтақа;
- коҳиши нуфузи суннатии Русия;
- ироаи модели скуляризм барои кишварҳои минтақа ва талош барои пазириши ин модел аз ҷониби онҳо;
- ифои нақши иртиботӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Ғарб ва қарор гирифтан ба унвони намунаи муносиби тавсеа аз ҷониби баъзе аз кишварҳои минтақа;
- рақобат бо Эрон ва пешгирӣ аз пиёда шудани намунаи ҳукумати он дар минтақа;
- назорат ва таъсиргузорӣ дар муносибатҳо, назорат ва мудирият намудани қудратҳои дигаре, монанди Покистон, Ҳинд ва Эрон дар ин минтақа.

Ҳамон тавр ки гуфта шуд, пас аз фурӯпошии Шӯравӣ ва эҷоди халои қудрат дар Осиёи Марказӣ, ин минтақа тавассути қудратҳои бузург ва мутавассит, ки тамоюл ба нуфуз дар ин минтақа доштанд, муҳосира шуд. Гарчи мумкин аст, ки Туркия бузургтарин, сарватмандтарин ё наздиктарин қудрат ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ набошад, аммо набояд аз назар дур дошт, ки иртибототи таърихӣ ва қавмии густардае бо Осиёи Марказӣ ва мардуми он аз гузаштаҳои дур дорад ва ин мавзӯъ метавонад заминаҳои муносибе барои пайгирии сиёсатҳои Туркия дар минтақа фароҳам оварад. Сиёсати аслии Туркия нисбат ба ҷумҳуриҳои тозаистиқлолёфтаи Осиёи Марказӣ ҳамвора бар эҷоди ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳифзи суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ, кӯмак ба раванди давлатсозӣ ва ҳимоят аз ҳамлу нақли бевақфаи манобеи азими энергетикии минтақа ба бозорҳои байналмилалӣ ва ироаи масирҳои ҷойгузин дар сурати лузум мутамарказ будааст.

## АДАБИЁТ


1. Ошури Дорюш. Донишномаи сиёсӣ / Ошури Дорюш. –Теҳрон: Марворид, 1373. –С. 182.
2. Абулҳасани Шерозӣ Ҳабибуллоҳ. Сиёсат ва ҳукумат дар Осиёи Марказӣ / Абулҳасани Шерозӣ Ҳабибуллоҳ, Маҷиди Муҳаммадризо. - Теҳрон: Нашри Қумис, 1382. Чопи аввал.
3. Ансори Ҳусейн. Татбиқи геополитикаи Эрон қабл ва баъд аз инқилоби исломӣ/ Ансори Ҳусейн. –Теҳрон: Сиёсати рӯз, 1383. –С.1.
4. Ҷосими Муҳаммад. Фарҳанги улуми сиёсӣ / Ҷосими Муҳаммад, Ҷосимӣ Баҳром. -Готенберг, 1358. –С178.
5. Даррамир Ҳайдар. Геополитика - ироаи таърифи ҷадид/ Даррамир Ҳайдар. //Фаслномаи таҳқиқоти ҷуғрофиёӣ, 1377. Соли 13. -№4. –С. 22
6. Шербиёни Қавом. Амнияти Эрон ва рӯйкарди НАТО дар Осиёи Марказӣ / Шербиёни Қавом. –Теҳрон: Вазорати хориҷӣ, 1387. –С.93.
7. Фарҳехта Шамсуддин. Фарҳанги фарҳихта, вожаҳо ва истилоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ/ Фарҳехта Шамсуддин. –Теҳрон: Заррин, 1377. –С.472.
8. Муҷтаҳидзода Пирӯз. Ҷуғрофиё ва сиёсат дар дунёи воқеиятҳо, нигоҳи кӯтоҳ ба порае аз мафоҳими ҷуғрофиёи сиёсӣ ва геополитикӣ/ Муҷтаҳидзода Пирӯз // Моҳномаи иттилооти сиёсии иқтисодӣ. –Теҳрон, 1376. -№121-122.
9. Муҷтаҳидзода Пирӯз. Ҷуғрофияи сиёсӣ ва геополитика / Муҷтаҳидзода Пирӯз, Аскари Сӯҳроб. –Теҳрон: Донишгоҳи паёми нур, 1384. –С.68.
10. Нақдинажод Ҳасан. Баррасии сиёсатҳои Туркия дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз/ Нақдинажод Ҳасан, Пурибroҳими Носир. // Маҷаллаи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, 1388.
11. Воизи Маҳмуд. Геополитикаи буҳрон дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз (бунёдҳо ва бозигарон) / Воизи Маҳмуд. –Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалии Вазораити хориҷӣ, 1386. –С. 23.
12. Encyclopædia Iranica. "Central Asia: The Islamic period up to the Mongols", C. Edmund Bosworth
13. GÖNLÜBOL, Mehmet. "Uluslarası Politika İlkeler и Kavramlar и Kurumalar", A.Ü. Basimevi, Ankara, 1978.
14. İLHAN, SUAT. Avrasya Dosyası "Jeopolitik Özel" Cilt: 8. Sayı:4's. Kış, 2002.
15. O Tuathail Gearroid. "Critical Geopolitics (The Politics of Writing Global Space)" и London. Routledge, 1996.

**ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ДЛЯ ТУРЦИИ**

Центральная Азия занимает особое место в геополитической системе мира. Данный регион богат энергоресурсами, что делает ее привлекательным и на нем сконцентрированы интересы крупнейших государств мира. Турция занимает немаловажное место в системе международных отношений со странами Центральной Азии, так как эта страна одной из первых признала независимость бывших советских республик . В данной статье автором рассмотрено геополитическое значение Центральной Азии для Турции.

**Ключевые слова:** Турция, центральноазиатские страны, геополитическое расположение, внутренние проблемы, внешнее влияние, природно-ресурсный потенциал, международная безопасность.

**THE GEOPOLITICAL IMPORTANCE OF CENTRAL ASIA TO TURKEY**

Central Asia occupies a special place in the geopolitical system in the world. This region is rich in energy resources, which makes it attractive and concentrated interests of the major States of the world. Turkey occupies an important place in the system of international relations with the countries of Central Asia, as this country is one of the first countries recognized the independence of former Soviet republics . In this article the author considered the geopolitical importance of Central Asia to Turkey.

**Key words:** Turkey, Central Asian countries, geopolitical location, internal problems, external influences, natural resources, and international security.

**Сведения об авторе:** ***Масъуд Гударзи*** - аспирант (PHD) Института философии, политологии и права АН РТ

# БАРРАСИИ ХИРАД ВА ВИЖАГИҲОИ АҚЛИ ИНСОНӢ АЗ ДИДГОҲИ ИБНИ СИНО

***Зайнаби Сагванд***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Пеш аз баррасии суханони Ибни Сино зарурӣ мебошад, ба ин таваҷҷуҳ шавад, ки дар гуфтаҳои ин файласуф ақли назарӣ ва ақли амалӣ таъбирҳои дигаре аз қувваи олима (ақли назарӣ) ва қуввաи омила (ақли амалӣ) аст. Ӯ дар оғози баҳс аз қуввաи омила ва олима дар «Шифо» ва «Наҷот» ин ду қувваро ақл меномад. Мақсади ӯ ин аст, ки қуввաи омила, ақли одамӣ мебошад ва қуввաи олима ақли назарӣ мебошад. Ӯ дар таърифи ақли назарӣ ва амалӣ дар китоби равоншиносии «Шифо» чунин менависад: «Қувва нахустин нафси инсонӣ ба назар нисбат дода шуда ва ақли назарӣ хонда мешавад ва қуввաи дуюмин ба амал нисбат дода шуда ва ақли амалӣ ном дорад. Кори ақли назарӣ воҷиб ва мумтанеъ мебошад ва кори ақли амалӣ қабеҳ, ҷамил ва мубоҳ аст»[1]. Оғози ақли назарӣ муқаддамоти аввалия аст ва оғози ақли амалӣ аз машҳурот аст ва мақбулот, манзумот ва таҷрибаҳои воҳӣ ва сустӣ аст, ки аз манзумот ҳосил мешавад.

Ба ақидаи Ибни Сино ақли инсон дорои ду ҷанба аст: назарӣ ва амалӣ.

Ақли назарӣ ё қуввաи олима сарчашмаи дарёфт мебошад ва аз олами боло мунтақил мегардад.

Ақли амалӣ бар хилофи ақли назарӣ сарчашмаи феъл ва масдари феълҳои гуногун буда, дар бадан ва зиндагии инсонҳо таъсир дорад. Пас, ақли амалӣ дар ташхис додани мавридҳои лозимаи амал кардан, ки анҷоми он барои инсонҳо ҳатмӣ мебошад, ночор аз ақли назарӣ кӯмак мегирад ва таклифҳои худро бо мулоҳизаи муқаддимаи куллии ошкор ё машҳур ё таҷрибӣ ба воситаи ақли назарӣ муайян мекунад. Аз тариқи ақли назарӣ чунин истифода мекунад, ки ростгӯӣ амали шоиста аст. Сипас аз ақли амалӣ дар ҳолатҳои лозимаи амал кардан дар мавридҳои ҷузъӣ ба кӯмаки ақли назарӣ мегӯяд: «Ин амал ростгӯӣ мебошад ва ҳар амале, ки чунин бошад, иҷро намудани он лозим аст». Ва аз ин қиёс натиҷа мегирад, ки сарпечӣ ва мухолифат нисбат ба он раво нест ва анҷоми онро лозим медонад. Дар ҳолате ки, агар ин муқаддимаҳо ва кӯмаки ақли назарӣ набуд, ақли амалӣ аз кор мемонад ва дар асари ташхис надодани воҷиб аз ғайривоҷиб аз назари ақли амалӣ мухолифати он монеае надошт ва лозим ба анҷоми он набуд.

Ибни Сино дар ин бора чунин мегӯяд: «Ақли амалӣ он аст, ки ахлоқ аз он падид меояд ва истинботи саноатҳо кори ӯ мебошад, ҳар гоҳ ки ӯ қоҳир бошад мар қувват, шаҳват ва ғазаброаз вай ахлоқи бад ояд»[2].

Ӯ дар таърифи ақли назарӣ ва амалӣ дар китоби «Равоншиносии «Шифо» чунин менависад:

«... қуввաи нахустини нафси инсонӣ ба назар нисбат дода шуда ва ақли назарӣ хонда мешавад. Ва қуввաи дуюмин ба амал нисбат дода шуда ва ақли амалӣ ном дорад. Кори ақли назарӣ воҷиб ва мумтанеъ аст ва кори ақли амалӣ қабеҳ, ҷамил ва мубоҳ аст. Мабодии ақли назарӣ муқаддимоти аввалия аст ва мабодии ақли амалӣ аз машҳурот аст. Ва мақбулот, мазнунот, таҷрибиёт воҳӣ ва сустӣ аст, ки аз мазнунот ҳосил мешавад, ки ғайр аз таҷрибиёт васиқа аст ва барои ҳар як аз ин ду қувва раъй ва гумоне аст. Пас, раъй эътиқодест, ки шахс ба он ҷозим бошад ва гумон эътиқодест, ки бо таҷвизи вуқӯи тарафи мухолиф майле ба он пайдо шуда бошад»[3].

Ибни Сино барои ақли назарӣ чаҳор мартаба қоил мебошад, ки иборатанд аз:

1. Ақли ҳайюлоӣ.
2. Ақли билмалака.
3. Ақли билфеъл.
4. Ақли билмустафод.

Чун шинохти мартабаҳои ақли назарӣ бо донистани қувва ва феъл иртиботи наздик дорад, баёни иҷмолии Ибни Сино дар «Шифо» дар шарҳи қувва ва феъл ин аст, ки мегӯяд: «Қувва дар истилоҳи фалсафӣ иборат аст аз истеъдоди қабули чизе ва

феъл иборат аз қабули он чиз аст, масалан чӯб омодааст, ки миз шавад, ҳамин ки миз шудани он қувва феълият ёфта, яъне феъл шудааст»[4].

Қувваи ақли назарӣ ба эътибори шиддат ва заъфи он дорои чаҳор ҳолат ё чаҳор мартаба ба шарҳи зер мебошад:

Мартабаи якум ё ҳайюлоӣ: Яъне марҳалае, ки ҳанӯз ҳеҷ нақше дар он шакл нагирифтааст, вале истеъдоди қабул намудани ҳар маъқулеро дорад. Ва дар ҳақиқат метавон гуфт, ки ақли ҳайюлоӣ истеъдоди гирифтани маъқулоти нахустин мебошад ва аз ин ҷиҳат онро ақли ҳайюлоӣ мегӯянд, ки ба ҳайюлои нахустин, ки ба зоти худ дорои ҳеҷ сурате нест ва барои ҳар сурате мавзӯе ҳисоб мешавад, ташбеҳ шудааст ва монанди истеъдоди кӯдак ба нависандагӣ мебошад.

Мартабаи дуюм ё ақли билмалака: Ва он вақте мебошад, ки нафси нотиқа аз мартабаи ақли ҳайюлоӣ гузашта ва аз қобилият ва истеъдоди маҳз берун омада бошад ва бо дарёфти маъқулоти нахустин омодааст, ки маъқулоти дуюмро аз роҳи фикр ё ҳадс ба даст орад, монанди истеъдоди инсони уммӣ (бесавод) барои нависандагӣ.

Ин мартаба аз нафси нотиқаро ақли билмалака мегӯянд. Ба ин ҷиҳат, ки маъқулоти нахустин ҳосил шуда, истеъдоди интиқол аз онҳо ба маъқулоти дуюм дар нафс, малака шудааст. Пайдост, ки ин мартаба тамоми марҳилаҳоеро, ки инсон дар садади фаро гирифтани илмҳо аст, дар бар мегирад.

Мартабаи сеюм ё ақли билфеъл: Он замоне мебошад, ки ақл ба кӯмаки маъқулоти аввал ва ошкор маъқулоти дуюмро, ки иктисобӣ ҳастанд ба даст оварда, он маълумот дар нафси инсон захира шуда ва ӯ худ огоҳ аст ва медонад, ки онҳоро дарёфта ва ҳар вақт ки бихоҳад, метавонад онҳоро дар зеҳни худ ҳозир кунад ва ба мутолиа бипардозад. Ин мартаба аз ақли назариро аз он ҷиҳат ақли билфеъл меноманд, ки маъқулоти дуюми билфеъл дар он мавҷуданд ва ҳоҷате ба касби нави онҳо нест.

Ин марҳила ҳамон камоли қувва аст ва дар ҳақиқат метавон гуфт: «Ақли билфеъл истеъдоди ҳозир кардани маъқулоти дуюм аст, пас аз ҳосил кардани маъқулоти дуюм монанди шахсе, ки метавонад бинависад ва нависандагии ӯ комил шудааст ва ҳар вақт ки бихоҳад, онро анҷом хоҳад дод».

Мартабаи чаҳорум ё ақли билмустафод: Аз ин се марҳила, ки бигзарем ба ақли билмустафод мерасем ва он аз марҳилаҳои қувва гузаштааст ва худ он ҳусули маъқулоти дуюм мебошад ва он ҳангомест, ки нафс ба мушоҳидаи маъқулоти дуюм мепардозад ва медонад билфеъл онҳоро дарёфтааст.

Ақли назарӣ дар ин мартаба «ақли мутлақ» мешавад, чунонки дар мартабаи нахустин қувваи мутлақ аст. Ва иллати ин ки нафсро ақли билмустафод мегӯянд он аст, ки нафс дар ин марҳила илмҳоро аз ақли дигаре, ки берун аз нафси инсонӣ ва ақли фаъол номида мешавад, касб мекунад ва ба кӯмаки ақл фаъол мебошад, ки нафси одамӣ метавонад мартабаҳои чаҳоргонаи болоро паймуда, ба марҳилаи камол бирасад.

Аз таърифҳое, ки барои ҳар яке аз мартабаҳои чаҳоргонаи ақли назарӣ ба амал омад, маълум мешавад, ки мартабаи якум ва дуюм истеъдоди иктисобӣ аст ва мартабаи сеюм истеъдоди ҳозир кардани маъқулоти дуюм ва мартабаи чаҳорум ҳозир шудани маъқулоти дуюм аст.

Новобаста ба суханони Ибни Сино дар байни файласуфони исломӣ ду истилоҳ дар бораи ақли амалӣ дида мешавад. Яке аз ин ду истилоҳ аз шуҳрати бештаре бархурдор аст. Бинобар ин, онро истилоҳи машҳур меномем ва истилоҳи дигарро истилоҳи ғайримашҳур.

**А) Истилоҳи машҳури ақли амалӣ.** Бисёре аз файласуфони исломӣ бо пайрави аз Арасту ақли амалиро ҳамчун ақли назарӣ, қувваи дарккунандаи инсон муаррифӣ мекунанд ва фарқияти ин ду ақлро дар мудрикоти онҳо медонанд. Бар ин асос, ақли назарӣ қуввои дарккунандаи корҳои назарӣ мебошад ва ақли амалӣ қуввои дарккунандаи хуб ва бади амалҳо. Арасту бар ин назар буд, ки фарқи ақли назарӣ ва амалӣ дар ғояти онҳост. Ғояти ақли назарӣ назар аст ва ғояти ақли амалӣ амал мебошад.

Ақли амалӣ аҳкомеро дарк мекунад, ки дар роҳи амал ва ҳамчун муқаддима ва сарчашма барои амал қарор мегиранд, дар ҳоле ки ақли назарӣ дар ҷиҳати худи шинохт ва назар ба идрок мепардозад[5].

Форобӣ дар бораи ақли амалӣ мегӯяд: «Ақли амалӣ қуввaест, ки инсон ба воситаи он ва аз тариқи таҷрибаҳои зиёд ва мушоҳидаи ашёи ҳиссшаванда бар муқаддимоте даст меёбад, ки бар асоси он пай мебарад, ки чӣ кор бояд кард ва чӣ кор набояд кард. Албатта, дар бораи корҳое, ки анҷоми онҳо дар ихтиёри мост, ин муқаддимот низ баъзеашон куллӣ ва баъзе ҷузъӣ мебошанд»[6]. Бисёре аз донишмандони баъдӣ низ ҳамин тафсирро барои ақли амалӣ баён кардаанд[7].

Бар асоси ин истилоҳ фарқияти ақли назарӣ ва амалӣ дар ин нест, ки яке қуввaи идрокист ва дигаре қуввaи амалкунанда. Ва ҳамчунин фарқияти ин ду ақл дар куллӣ ва ҷузъӣ будани мудрикоти онҳо нест, балки тафовути ақли назарӣ ва амалӣ ин аст, ки нафси инсон бо кӯмаки ақли амалӣ ба дунболи шинохте меравад, ки дар тариқи амал воқеъ мешавад, аммо бо кӯмаки ақли назарӣ одамӣ шинохтро ба хотири худи шинохт меҳоҳад ва ба шинохтҳое даст меёбад, ки дар тариқи амал қарор намегиранд.

**Б) Истилоҳи ғайримашҳури ақли амалӣ.** Баъзе аз файласуфон ақли амалиро синоними ирода ва ба унвони қуввaи амалкунанда дар назар мегиранд. Қутбиддини Розӣ аз тарафдорони ин назария мебошад. Ӯ мегӯяд: «Қуввае, ки нафс, ашёро бо он дарк мекунад ақли назарӣ мебошад ва қуввае, ки масдари афъол аст, ақли амалӣ

мебошад». Пас аз ин мегӯяд: «Ақли назарӣ ҳам умуреро, ки ба амал марбут намешавад дарк мекунад ва ҳам умуреро, ки ба амал тааллуқ дорад. Дар натиҷа ҳикмати назарӣ ва амалӣ натиҷаи ақли назарӣ аст ва ақли амалӣ ба кӯмаки идрокоти ақли назарӣ масдари афъол аст» [8].

Аз зоҳири баъзе суханони Баҳманёр ва Мулло Садро ва баъзе муосирон низ ҳамин истилоҳро фаҳмидан мумкин мебошад. Бар асоси ин истилоҳ фарқи ақли назарӣ ва амалӣ ин аст, ки ақли назарӣ қувваи дарккунанда аст ва ақли амалӣ қувваи амалкунанда. Бинобар ин, дарки тамоми мудрикоти вобастаи инсон бар уҳдаи ақли назарӣ хоҳад буд ва ҳикмати назарӣ ва амалӣ ҳар ду натиҷаи ин ақл аст.

Дар охир ба таври хулоса метавон гуфт, ки далели ин ки Ибни Сино қувваи мавриди баҳсро ақли амалӣ ё қувваи омила меномад ин аст, ки амали қувваи зикршуда дар муқаддимаҳои амалии инсон воқеъ мешавад. Ба ин баён ки дар фасли инсонӣ аҳкоми ҳамин хирад сабаби шавқу ирода ва дар натиҷа амал мегардад. Ба ибораи дигар, танҳо сарчашмаи ҳаракатдиҳандаи бадан, ки махсуси инсон аст, ақли амалӣ аст. Дигар асосҳо байни инсонҳо ва чаҳорпоён муштарак мебошад. Ҳамин сухан сабаб шуд, ки Ибни Сино ақли амалӣ ё қувваи омила ва қувваи ҳаракатдиҳандаро аз якдигар ҷудо намояд ва ақли амалӣ ё қувваи омиларо махсуси инсон бидонад. Сарчашмаи ҳаракатдиҳандаи бадани инсон ва рафторҳои ҷузъӣ баромада аз андеша ва тафаккур аст. Аз гуфтаҳои Ибни Сино ба таври куллӣ ин натиҷа ба даст меояд, ки ақли амалӣ се функсия дорад. Яке аз он функсияҳо мустақиман иҷро мешавад ва ду функсияи дигар идрокӣ ва ба таври ғайримустақим амалӣ аст. Ин се функсия иборатанд аз: инфиолот, исбот намудани ихтироoти инсонӣ, дарки хуб ва бад будани амалҳо. Дар ин бора Ибни Сино низ чунин мегӯяд: «Ба ғайр аз ҷамодот тамоми мавҷудот дорои нафс мебошанд, тамоми мавҷудоти зинда чӣ аз гиёҳон, ҳайвонот, инсонҳо ва афлок аз нафс бархурдор мебошанд ва нафс сарчашмаи ҳаёт ва зиндагӣ мебошад».

### АДАБИЁТ


1. Ибни Сино. Табииёти Шифо. Ҷилди 2. С. 184-185.
2. Ибни Сино. Равоншиносии Шифо (ал-фанну-с-содис мин китоби-ш-Шифо). Тарҷумаи Акбари Доносиришт. -Теҳрон: Амир Кабир, 1361. Чопи панҷум. -С. 214-215.
3. Ибни Сино. Ҳамон асар.-С. 214-215.
4. Ҳамон ҷо.
5. Арасту. Дар бораи нафс. Тарҷумаи Алимурод Довудӣ. -Теҳрон: Интишороти Ҳикмат, 1366. - С. 26.
6. Абӯнасри Форобӣ. Фусули мунтазиа. Таҳқиқи Фавзӣ Метронажод. -Теҳрон: Интишороти ал-Заҳро, 1405. -С. 54-55.
7. Аллома Ҳиллӣ. Ҷавҳар-ул-назид. -Қум: Интишороти Бедор, 1363. С. 233. Муҳаммадризо Музаффар. Усули фиқҳ. -Қум: Исмоилиён. Ҷ. 1-2. -С. 222. Мутаҳҳарӣ Муртазо. Фалсафаи ахлоқ. -Теҳрон: Садро, 1374. -С. 64. Мисбоҳ, Муҳаммадтақӣ. Дуруси фалсафаи ахлоқ. -Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1367. -С. 48.
8. Қутбиддини Розӣ. Ишорот. Теҳрон: Нашри китоб, 1043 - С. 352-353.


### РАЗУМ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИБН СИНЫ


Автор в данной статье разделяет разум на практическом и теоретическом уровне и коротко их анализирует. Также в свете философии Ибн Сины о разуме автор относительно оценивает мысли других мусульманских философов о практическом и теоретическом разуме.



**Ключевые слова:** психология, практический разум, теоретический разум, существенний разум.


### THE MIND IN TERMS OF IBN SINA


The author in her article "Reason according Ibn Sina's poit of view" devides reason in practical and theoretical and gaves short analysis of them. Also in the light of Ibn Sino's philosophy of reason the author brought an idea of other Muslim philosophers about practical and theoretical reason.



**Key words:** psychology, practical reason, theoretical reason, essential reason.



**Сведения об авторе:** ***Зайнаби Сагванд – соискатель*** Института философии, политологии и права АН РТ


## ТАРҲИ МУШКИЛОТИ ИНСОН АЗ ДИДГОҲИ ИБНИ АРАБӢ ВА МУЛЛО САДРО


***Асадулло Муртазоӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Мушкилоти инсон ба ҳайси умдатарин масоили ҳастишиносиву маърифатшиносӣ дар аксари макотиб ва ҷараёнҳои фалсафӣ мавқеи марказиро ишғол намудааст. Ин мавзӯъ дар ҳар давру замон вобаста ба фаҳму дарк ва равиши андешаву тафаккури донишмандон матраҳ гардидааст ва имрӯз ҳам нисбат ба ин масъала назарҳои мухталиф вуҷуд доранд. Чун мавриди назари мо таҳқиқи назариёти мутафаккирони аҳли завқанд, масъалаи мазкурро аз дидгоҳи ирфон матраҳ хоҳем кард.

Дар тасаввуф инсон танҳо дараҷаи олии тараққиёти табиат набуда, андак баландтар низ, яъне «нусхаи ҳақ» маҳсуб мешавад. Инсон намунаи комили ҷаҳони офариниш ва пазирандаи оламӣ ҳастист. Ӯ ба фоилу мафъул, назиру манзур, баҳру бар, ҷисму ҷавҳар ва монанди инҳо тавсиф шуда, чун олами сағир тамоми ҷаҳони кабирро дар бар мегирад.

Тибқи назари муҳаққиқи тоҷик Ҳазратқулов М. «Зоҳиру ботини оламро аъёну ниҳони инсон медонанд ва вусъати ҷаҳону замири ҳолати кайҳонро ба хаёли ӯ шабоҳат медиҳанд, ки тавасути ақл онҳоро дарк мекунад».[1] Инсон ягона махлуқест,

ки дорои ҷавҳари ақл аст ва метавонад сирри ҳастиро кушояд. Ғояи офариниши олам инсон аст, ки ӯ қодир ба шинохти худост. Ин кудрати инсонро аҳли уррафои исломӣ дар ҷузъи худоӣ доштани он медонанд. Ҳамчунин, бо такя ба ҳадиси паёмбари ислом: «Инналлоҳа халақа одама ало суратиҳи (Худованд инсонро бар гунаи худ офарид)» инсонро дорои ду ҷанбаъ – яке носутӣ ва дигаре лоҳутӣ медонанд ва мӯътақиданд, ки танҳо инсон аст, ки дар миёни кулли мавҷудот дорои сурати илоҳист.

Аз миёни суфиёни исломӣ аввалин нафаре, ки ба ин масъала аҳамият дода, маншаи инсони комилро тарҳ рехт, Мансури Ҳаллоҷ буд. Ҳаллоҷ мӯътақид ба санавияти лоҳуту носут буда, ба ҳам омезиш ёфтани онҳоро қоил аст. Ҳамин буд, ки дар масъалаи ваҳдат ҳулулро таъкид карда, ба дараҷаи ифрот расид ва маҳкум ба қатл шуд.

Ибни Арабӣ ин фикри Ҳаллоҷро инкишоф дода, лоҳуту носутро ду сурати як ҳақиқат медонад ва таъкид бар он дорад, ки чун ба сурати хориҷии ин ҳақиқат бингарем «носут» аст ва чун ба ботини он бингарем «лоҳут» бувад. Пас на фақат дар инсон, балки дар ниҳоди тамоми мавҷудот ду сифати як мабдаъ воқеъ аст, ки гоҳ ӯро зоҳиру ботин, гоҳ ҷавҳару араз ном бурдаанд. Мутафаккир инсонро сурати илоҳӣ дониста, ду эҳтимолро матраҳ мекунад. «Яке ин ки замир ба одам бар мегардад ва дигар ин ки чун ҳақиқати инсон ҷомеи асмои илоҳӣ аст, замир ба Аллоҳ боз мегардад».[2] Аз ин ҷо бар меояд, ки инсон ҳақ аст ба хотири сурати ботин ва рӯҳи илоҳӣ ва халқ аст ба сабаби сурати зоҳиру ҷисмонӣ. Кулли ҳақиқатҳои олами акбар дар инсон ба сурати муҷмал вуҷуд дорад. Инсон ҳақиқати асмои илоҳӣ ва хулосаи кулли офаридаҳост. Ибни Арабӣ инсонро олами акбар ва ҷаҳонро, ки ба хотири ӯ офарида шудааст олами асғар медонад. Ҳарчанд, ки Худованд дар тамоми олам мутаҷаллӣ аст ва бе ӯ мавҷуде пайдо намешавад, лекин таҷаллии ҳақ дар шакли том, дар сурати инсон аст. Инсон нисбат ба Худованд абд ва нисбат ба мавҷудот рабб аст. Яъне байни Худованд ва инсон фосилаи наҷандон тӯлонист. Ҳам дар илм ва ҳам дар офариниш инсон қаробате ба Худо дорад. Инсон дар миёни мавҷудот шоистагии хилофати илоҳиро дарёфт кардааст. Ба ин далел инсон аз фариштагон бартар аст, зеро «вай ҳам мазҳари сифати ҷалол ва ҳам мазҳари сифати ҷамол аст».[3]

Ибни Арабӣ фазилату кароматӣ инсонро ба хотири ақлу андеша ва басирату дирояти ӯ алоқаманд медонад. Нафси нотиқаи инсонро мутафаккир манбаи тафаккур ва андешаи созанда медонад. Инсони созанда ва дарроку ҷӯянда намунаи инсони ҳақиқӣ аст, ки онро Ибни Арабӣ «инсони комил» гуфтааст. Инсонияти инсон, тибқи андешаи мутафаккир, ба сурати зоҳир ва ҷанбаи ҷисмони ӯ нест, балки инсонияти ӯ ҳақиқати инсон аст, ки мазҳар ва таҷаллигоҳи тамоми асмоъ ва сифоти илоҳӣ аст ва мутахаллиқ ба ҷомеи камолоти илоҳӣ гаштааст.

Ҳарчанд ки пеш аз Ибни Арабӣ мутасаввифин аз инсоне сухан гуфтаанд, ки Худо дар он ҳулул кардааст ва мазҳари комили сифати илоҳист. Ибни Арабӣ бошад, таъкид дорад, ки инсон мазҳари доиму қоими ҳақ буда, миёни лоҳуту носут ё худою инсон ё худ табиату ғайб фарқ намебинад. Яъне ӯ инсони комил ва робитаи ӯро бо худову халқ баён намуда, истилоҳи «Инсони комил»-ро вазъ кард. Инсон хоҳ худро ҳақ бидонад, хоҳ халқ фарқе надорад, зеро ӯ аз як ҷиҳат ҳақ асту аз дигар ҷиҳат халқ ва қалбаш ба аҳли кайҳоние айнтият дода мешавад, ки дорои ҳамаи сифати ҳастии олами моддист.

Инсони комил дар нигоштаҳои Ибни Арабӣ гоҳе бо таъбироте, ба мисли инсони ҳақиқӣ, ноибулҳақ, муаллимулмалак ва ғайраҳо низ ифода меёбад. Инсони комил, ки ҳақиқати муҳаммадия аст, воситаи миёни ҳақ ва халқ мебошад. Файзи илоҳӣ аз олами хақ бо воситаи инсони комил ба халқ мерасад. Манзур ва ҳадафи хилқат инсони коми ласт. Яъне олам ба хотири ӯ халқ шудааст. Бозгашти ҳама мавҷудот ба ӯст ва аз тариқи инсони комил ҳама мавҷудот ба ҳақ бозгашт мекунанд.

Инсони комил мазҳари исми аъзами илоҳӣ аст ва мисдоқи он ҳақиқати муҳаммадӣ, нур ва ё калимаи муҳаммадӣ аст, ки нахустин мавҷуд ва мабдаи зуҳури олам аст. Чун ҳақиқати муҳаммадия мабдаи хилқат аст ва тақаддум бар ҷомеи махлуқот дорад, аз азал то абад бо олам дар иртибот аст. Чун сурати ҳақиқӣ инсон аст, бо ҳама инсонҳо иртибот дорад ва ҳақиқати инсону камолоту фазоили ӯ ҳама ба ҳақиқати муҳаммадия боз мегардад. Зеро ҳама камолотро ӯ билфеъл дорад ва билохира масдари тамоми улуми илоҳӣ ва маориф аст. Ҳамчунин сарчашмаи ирфон ва улуми анбиёву авлиё ва орифон аст. Хама аз макбаи файзи ӯ бархурдор буда, камолоташон ба ӯ бастагӣ дорад.

Инсони комили матраҳнамудаи Ибни Арабӣ чашми дунёст ва холиқ махлуқоти худро аз ин чашм мебинад. Гӯё инсони ориф, яъне худро маърифаткунанда орифи Худост ва моҳияти ин худошиносӣ аз худшиносии инсон ва барқарории шахсияташ иборат мебошад. Тибқи ин таълимот ғояти офариниши олам инсон аст, ки ӯ қодир ба шинохти худост, аммо худошиносии инсон бе худшиносии ӯ муяссар нахоҳад шуд, ки ҳама ин андешаҳо аз мазмуни ҳадиси паёмбари ислом аст, ки фармуда: «Ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу (ҳар ки худро шинохт, парвардигори худро мешиносад)».

Дар ҳақиқат, ҳамаи ашё нисбат ба инсон бадан аст ва инсони комил ҷони ҳама ашё маҳсуб мешавад. Ба ақидаи Ибни Арабӣ ва соири урафои исломӣ мисли робитаи тану рӯҳ тамоми мавҷудот ба инсон робитаи маънавӣ доранд ва инсон дар навбати худ ҳар андоза ба олами нуронӣ наздикӣ пайдо кунад, ягонагии вай бо ҷаҳон ба ҳамон андоза меафзояд. Аз ин рӯ, бешак тани одамро ҳамчун олами сағир мӯҳтавои ҷаҳон метавон шуморид, ки ба унвони олами кабир ба он назар мешавад. Ҳатто

баъзе аз муҳаққиқон ҳамин сифатҳои инсониро ба назар гирифта, ӯро тоҷи ҷаҳон шуморидаанд. Инсон ба ҳайси тоҷи ҷаҳон ва ё чашми хираду нигини офариниш масъулиятҳои ҷиддиеро низ соҳиб аст. Ин масъулиятҳо дарки амиқи ҳастӣ ва сирри офариниш мебошанд. Тибқи назарриёти муҳаққиқон дар таълимоти мутасаввифин сарчашмаи дарёфти ҳақиқати кулл, ин дарки моҳияти вуҷуд, яъне асолати вуҷуд аст, ки аз ҷониби инсон дониста мешавад.

Бино ба таълимоти саромадони афкори ирфонӣ чизи аз ҳама қадим Худост ва он чи баъди ӯ ҳосил шудааст олам мебошад. Вуҷуд ҳамавқт воҳид аст ва он ба нестӣ мубадал мегардад. Пас вуҷуди ҳақиқӣ ҳамон ҳақиқати илоҳист, ки аз қадим вуҷуд дошт. Олами моддӣ, ки аз аввал вуҷуд надошту баъд ҳодис шуд, фақат аз таҷаллии зоти қадим дар сурати эшон иборат аст. Аз ин рӯ, ҳамаи мушкилоти ҳодисшуда мавҷудоти ҳақиқӣ набуда, онҳо танҳо ҳақиқати эътиборӣ ва хаёлӣ мебошанд.

Тибқи ин андеша инсон бояд камоли ҳақиқӣ пайдо кунад ва ҳамон тавре, ки аз маод ба мабдаъ омада буд, ҳамон хел аз мабдаъ ба маод биравад. Яъне аз ҳамин ҳақиқати эътиборӣ ё худ сояи ҳастӣ, ки тамоми махлуқоти оламро дар бар мегирад, ҷудо шуда, аз халқ ба ҳақ роҳи сафар пеш гирад. Ин гунаи сафарро Мулло Садро сафарҳои осмонии солик дониста, моҳияти аслии инсонро низ ба он алоқаманд медонад. Дар китоби «ал-Асфор-ул-аҳли-ал-арбаа» ӯ сафари соликро аз чаҳор марҳала ё сайри солик, ки мазҳари инсони комилро ташкил медиҳанд, иборат медонад: Сафар аз халқ ба сӯи Холиқ; сафар дар ҳақ бо ҳақ; сафар аз ҳақ ба сӯи халқ бо ҳақ; сафар бо ҳақ ба сӯи халқ.

Садруддини Шерозӣ масъалаҳои асолати вуҷуд, худшиносӣ, нафс, мабдаъ, сайри такомулӣ ва маоди онро ба тафсил мавриди таҳқиқ қарор дода, ба андешаҳои мутафаккирони пешин, бахусус Ибни Арабӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир кардааст. Ибни Арабӣ асолати вуҷуд ё худ мақоми ваҳдати вуҷудро танҳо ба тафаккури тӯлонӣ ва ҷӯяндаи инсони комил алоқаманд медонад. Мувофиқи таълимоти Ибни Арабӣ, ки баъдан Садруддини Шерозӣ низ онро пайгирӣ намуда, инкишоф додаст, суфӣ ё худ солики тариқат бояд ба воситаи тасфияи қалбӣ ба мақоме бирасад, ки ҳастии аразии вай ҳамчун парда байни ҷамоли илоҳӣ ва ӯ бардошта шавад. Ҳамин қисмати сайри такомулии инсонро дар тасаввуф кашф ё худ мукошифа мегӯянд, баъди он мушоҳида, муоина, фано, бақо ва ғайра меояд.

Бояд хотирнишон сохт, ки марҳилаҳои мушоҳида, мукошифа, муоина ва ғайра моҳияти асосии таълимоти «ваҳдати вуҷуд»-ро ташкил медиҳанд, зеро дар раванди он як шудани ориф бо ҳақ ё ошиқ бо маъшуқ ба амал меояд. Ин ҷараён ба таври аёнӣ нагузашта, балки дар натиҷаи тааммули амиқи ирфонии солики тариқат ба вуҷуд меояд. Фақат солике метавонад вуҷуди ягонаи махлуқотро дарк намояд, ки худ марҳалаи камолот ё мароҳили тасфияи қалб ва тазкияи нафсро гузашта бошад. Вуҷуди ягона ё худ ваҳдати вуҷуд дарки вуҷуди мутлақ ва ё ақли илоҳӣ дар ҳалли билқувва мебошад.

Назарияи «ваҳдати вуҷуд»-ро ки дар он сухан аз асолат ва моҳияти вуҷуд меравад, муҳаққиқон ба Ибни Арабӣ нисбат медиҳанд. Мутафаккир зимни баёни ин масъала, мақоми марказиро дар офариниши вуҷуд ба инсон додаст. Дар ин замина асолати моҳият ва асолати вуҷуд матраҳ мешавад ва ин масъала то замони Мулло Садро идома меёбад. Садруддини Шерозӣ афкори пешгузаштагони ғоявии худро омӯхта, ҳардуи ин назарияҳои мавҷударо оштӣ доданӣ шуд ва дар натиҷа таълимоти нави ҳаракати ҷавҳариро пеш овард. Мувофиқи ин назария ҳастӣ аз мартабаи аз ҳама пастарин сар карда, то олитарин нуқтаи маротиби вуҷуд аз як вуҷуди бузургу ҳамафарогирандае иборат мебошад, ки дар зинаҳои муайяни ҳастии худ, дар шаклу намудҳои гуногун зоҳир мегардад. Тибқи назарияёти Мулло Садро ҳақиқати вуҷуд асил буда, «нурест, ки воҳид аст ба ваҳдати ҳақиқӣ на ваҳдати ададия ва маротиби мутафаззила дорад дар шиддат ва заъф, мисли инсони воҳид, ки маротиби мутафозилаи мухталифа дорад».[4]

Баррасии қудрату қобилият ва тафаккуру андешаи инсонӣ дар таълимоти Ибни Арабӣ ва Мулло Садро дар фалсафаи исломӣ навгониҳои ҷиддиеро ба бор овард. Ҳамин буд, ки Ибни Арабиро дар таърихи тасаввуф ба ҳайси орифи ақлгаро ва муассиси назарияи «ваҳдати вуҷуд»-и илмӣ унвон доданд. Ҳамчунин, нақши ин орифи баркамолро дар роҳи банизомдарории назариёти мухталифи ирфонӣ баланд арзёбӣ кардаанд. Саҳми таълимот ва таъсирпазирии назариёти Ибни Арабӣ дар аксари макотиби баъдӣ, бахусус, таълимоти Садрудддини Шерозӣ ва мактаби ӯ хеле арзишманд аст.

Хизмати Садруддини Шерозӣ низ дар фалсафа ва адаби форс хеле назаррас аст. Бахусус, ақоид ва андешаи ӯ дар мавриди асолати вуҷуд ва мақоми инсон дар шинохти ин ҳақиқат бебаҳост. Инчунин, хизмати бузурги Мулло Садро дар он аст, ки барои дарёфти ҳақиқат роҳеро интихоб намуд, ки дар ваҳй, бурҳони ақлӣ ва таҳзиби нафс ба ҳам муттаҳид гаштаанд. Фалсафаи ӯ таркибе аз қазоёи мантиқӣ, шуҳуди ирфонӣ ва оёти қуръониву ҳадисҳои набавӣ мебошад. Ӯ баъзе масоили фалсафиро аз мактабҳои машшоъ ва ишроқ гирифта, бо баъзе назарияҳои мутасаввифа, хусусан назарияи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ ба ҳам пайваст. Мутафаккир назарияи ваҳдати вучуди Ибни Арабиро нахустин бор дар қолаби фалсафӣ ва баёни мантиқӣ ба фалсафа ворид намуд.

Хулоса, таърихи фалсафаи исломӣ бо таълимот ва назариёти Ибни Арабиву Мулло Садро хеле рангин аст. Агар яке назариёти парокандаи ирфониро кӯшиши ба танзим овардан карда бошад, дуюми кашфу завқ, далел ва бурҳони мантиқиро ворид сохт, ки дар натиҷа мактаби тозае аз ҳикмат бо номи ҳикмати мутаолия таъсис ёфт.

**АДАБИЁТ**
1. Ҳазраткулов М. Тасаввуф. Душанбе, 1988. саҳ.78
2. Ибни Арабӣ. Футуҳот-ул-макия. Теҳрон. 1372. саҳ 216.
3. Маҳдии Деҳбошӣ, Саийд Алиасғари Мирбоқирифард. Таърихи тасаввуф. Теҳрон, 1384. – с. 185.
4. С. Шерозӣ. Ашшавоҳид – ур-рубия фил маноҳиҷ– ис – сулукия.- Машҳад. 1360. Саҳ 126

**МОДЕЛЬ ПРОБЛЕМЫ ЧЕЛОВЕКА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИБН АРАБИ И МУЛЛА САДРА**

Автор статьи, рассматривая теории Ибн Араба и Мулло Садра о проблеме человека, показывает вклад этих ученых и великих философов в области ислама и влияние их обучения на развитие философии.

**Ключевые слова:** Мистицизм, исследование, открытие, суфизм, пантеизм, созерцание, дух, душа, высоконравственный человек, гносеология, бытие, онтология, философия озарения.

**MODEL OF THE PROBLEM OF MAN IN TERMS OF IBN ARABI AND MULLA SADR**

The author of the article, considering the theory of Ibn Arab and Mullo Sadr about the problem of the person shows the contribution of these scientists and great philosophers in the field of Islam and the impact of their training on the development of philosophy.

**Key words:** Mysticism, research, and discovery, Sufism, pantheism, contemplation, spirit, soul, moralist, gnoseology, Genesis, ontology, philosophy of the enlightenment.

**Сведения об авторе:** ***Асадулло Муртазои*** **–** соискатель Таджикского национального университета

## СИМОИ ИНСОН АЗ ДИДГОҲИ ФОРОБӢ, ИБНИ СИНО ВА МУЛЛО САДРО

***Ҷамшед Садрӣ, Ҷавод Тоҳирӣ, Ғуломризо Раҳмонӣ***
**Донишгоҳи Озоди исломии воҳиди Токистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Моҳияти нафс.** Аз дидгоҳи Ибни Сино нафс камоли аввал аст аммо на барои ҳар амре, балки сирфан камоли аввал барои ҷисм аст. Пас нафс камоли аввал барои ҷисм аст, аммо на ҷисми саноӣ, балки барои ҷисми табиӣ аст, аммо на ҳар ҷисми табиӣ, балки барои ҷисми табиие, ки камолоти сонӣ аз он содир мегардад. Ибни Сино нафсро яке аз ақсоми ҷавоҳир талаққӣ намуда, дар таҳсили он ҷавҳар, яъне мавҷуди мумкинро мавҷуд дар мавзӯъ ва ё ғайримавҷуд дар мавзӯъ тақсим мекунад. Мавҷуди мумкине, ки дар мавзӯъ бошад араз ва мавҷуди мумкине, ки дар мавзӯъ набошад ҷавҳар номида мешавад. Ҷавҳар ё ҷисм аст ва ё ҷисм нест, ҷавҳари ғайриҷисмонӣ ё ҷузъи ҷисм аст ва ё нест, ҷавҳари ғайриҷисмоние, ки ҷузъи ҷисм бошад ё сурати ҷисм аст ва ё моддаи он, ҷавҳари ғайри ҷисмоние, ки ҷузъи ҷисм нест ё феълан алоқаи тасарруф дар аҷсомро дорад ва ё надорад, ҷавҳари ғайриҷисмоние, ки феълан алоқаи тасарруф дар аҷсомро дорад, нафс ва ҷавҳаре, ки зотан ва феълан ҳеҷ алоқае ба тасарруф дар аҷсомро надорад, ақл номида мешавад. Бинобар ин, аз дидгоҳи Ибни Сино нафси одамӣ на айни ҷисм аст ва на ҷузъи ҷисм, балки ҷудо аз он мебошад ба тавре, ки метавонад бидуни мавзӯъ дар аъён таҳқиқ ёбад. Мулло Садро низ нафсро ҷавҳар талаққӣ мекунад, яъне нафс мавҷудест, ки зотан аз мавзӯъ мустағнӣ мебошад ва дар таҳқиқи айнӣ ҳеҷ ниёзе ба мавзӯъ надорад.

**Исботи вуҷуди нафс.** Аз дидгоҳи Ибни Сино барои исботи нафси инсонӣ ба ҳеҷ далеле ниёз нест ва ба ҳамин далел аст, ки баёни мазбурро далелу бурҳон надониста, балки онро ба унвони танбеҳ талаққӣ намудааст. Вай тамоми ҳолоти одамиро ба чаҳор қисм тақсим мекунад: ҳолати аввал бедорӣ аст, ки дар он ҳама ҳаввоси зоҳира ва ботинаи одамӣ фаъол ҳастанд; ҳолати дуюм хоб аст, ки дар он ҳаввоси зоҳира фаъол нестанд, аммо ҳаввоси ботина фаъол мебошанд; ҳолати сеюм мастӣ аст, ки дар он ҳеҷ як аз ҳаввоси зоҳира ва ботина фаъол нестанд ва ҳолати чаҳорум муаллақ дар фазо аст, ки дар он инсон аз ҳама чиз ҷуз худ ғофил аст. Се ҳолати аввал муҳаққақ аст, аммо ҳолати чаҳорум мафруз ва муқаддар мебошад.

Тақрири бурҳони Мулло Садро барои исботи вуҷуди нафс он аст, ки дар вуҷуди одамии инсон ҳақиқат ва қувваи ғайримоддӣ ва рӯҳонӣ вуҷуд дорад. Қувваи мазкур, ки ҳақиқати инсонро месозад, сурати моҳияти куллияти ҳар чизеро аз моддаву авориз ва лавоҳиқи он ҷудо месозад ва он чи мусаллам ва мубрам аст, он аст ки ҳар идроке ба василаи навъе таҷриди сурат мегирад. Ақли одамӣ сурати мудрикаро ба таври куллӣ ва ҷудо аз ҳар банду шарте идрок мекунад ва возеҳ аст, ки кори идроки ақл ва таҷриди сурат аз модда ва лавоҳиқи он ба мушорикати вазъи модда ва ё мушорикати он бо қувваи оқилаи одамӣ нест, зеро қувваи ҷисмонии афъол ва аъмоли хешро сирфан бо мушорикати вазъ анҷом медиҳанд.

Бинобар ин, қуввае, ки сурати куллиро таақул мекунад муҷаррад аз модда ва лавоҳиқ ва аворизи он мебошад ва қуввае, ки суратро бидуни мушорикати модда ва қувваи ҷисмонӣ интизоъ мекунад ва кори идрок ва таҷридро анҷом медиҳад, мустақил ва ҷудо аз ҷисми одамӣ вуҷуд дорад, вагарна одамӣ қодир ба таҷрид ва идрок набуд. Пас дар одамӣ ҳақиқате ба номи нафс вуҷуд дорад, ки кори таҷрид ва идрокро анҷом медиҳад.

**Ҳудуси нафси нотиқа.** Аз дидгоҳи Абӯнасри Форобӣ нахустин амре, ки дар оғози ҳудуси нафси нотиқа битабъ барои инсон ҳосил мешавад, ҳайате дар модда аст, ки омодаи қабули маъқулот аст, аммо пас аз он, ки ба сабаби ақл билфеъл аз ҳолати қувва хориҷ шуд ва ақл билфеъл гардид, рӯҳонӣ ва муҷаррад мегардад, зеро ақл билфеъл моддӣ нест, балки муҷаррад аз модда аст. Бинобар ин аз дидгоҳи Форобӣ ақли билқувваи одамӣ, ки аз қувваи нафси нотиқа аст, ҳайате дар модда аст. ҳайате, ки қувваи сирф аст, аммо бо феълияти он ва табдил ба ақл бо малака муҷаррад аз

модда мегардад ва моддӣ донистани нафси нотиқа дар оғози ҳудус ва ақл билфеъл шудани он дар сайри такомулӣ бар эътиқоди Форобӣ ба ҷисмонияти ҳудус ва рӯҳониятулбақо будани нафси нотиқаи инсонӣ аст.

Ибни Сино ба пайравӣ аз Арасту ва суннати машшоӣ ва дар мухолифат бо назарияи афлотунӣ қидмати нафс бар он аст, ки рӯҳ ва нафси нотиқаи инсонӣ қадим нест, балки ҳодис аст ва бо такмили мизоҷ ва ҳудуси бадани моддии инсонӣ аз тариқи ақли фаъол ва воҳиби сувари рӯҳ ва нафсӣ барои он эҷод ва ифоза мешавад, то дар он тасарруф тадбире намояд. Пас ҳар гоҳ истиқсот ва аносири арбаа бо якдигар таркиб шаванд ва мизоҷе ҳосил шавад аз наҳваи имтизоҷ ва дараҷоти қурб ва буъди мизоҷ ба эътидол, коинот ва махлуқот ба тартиби зайл падид меоянд: аз имтизоҷи унсурҳои нахуст осори улвӣ он гоҳ ҷамодоти маъданӣ падид меоянд. Ҳоло агар имтизоҷе, ки ба эътидол наздиктар аст воқеъ гардад ва мизоҷе беҳтар ҳосил шавад, ҷирми самовӣ таҳия ва омодагиро барои қабули нафси наботӣ ба он ато мекунад. Пас аз омодагии пазириши нафси наботӣ онро ё аз ҷирми самовӣ ва ё аз ақли фаъол дарёфт мекунад ва агар имтизоҷи унсурҳо бо якдигар ба эътидол шадидтар бошад барои қабули нафси ҳайвонӣ омода мешавад ва нафси ҳайвонӣ аз сӯйи ақли фаъол ва воҳиди сувар ба он ифоза мегардад ва саранҷом ин ки ҳар гоҳ аносир бо якдигар таркиб шавад ва мизоҷе падид ояд, ки воқеан дар ҳадди олӣ ба эътидол наздик бошад, барои қабули нафси инсонӣ омода мешавад ва аз сӯйи ақли фаъол нафси инсонӣ ба он ифоза мегардад.

Ба ин тартиб, пас аз таркиби аносир бо якдигар, мизоҷе падид меояд, ки мизоҷҳои поёнӣ ва дуртари онҳо ба эътидол хоҳад буд. Аз ин рӯ, сувари маъданӣ ба онҳо ифоза мегардад, ҳол агар мизоҷе шарифтар аз мизоҷи ҷисми маъданӣ, ки ба эътидол наздиктар аст эҷод гардад, нафси наботӣ ба он ифоза мешавад ва агар мизоҷе шарифтар аз мизоҷи ҷисми наботӣ ҳосил гардад, нафси ҳайвонӣ ба он ато мешавад ва саранҷом агар мизоҷе, ки аз мизоҷи ҳайвонӣ низ шарифтар ва ба эътидол наздиктар аст падид ояд, нафси нотиқаи инсонӣ ба он ифоза хоҳад шуд. Албатта, нафси ҳайвонӣ шомили ҳама қувваи нафси наботӣ ва нафси нотиқаи инсонӣ ҷомеи ҳама қуввои нафси наботӣ ва ҳайвонӣ мебошад.

Бурҳони Ибни Сино барои исботи ҳудуси нафси нотиқаи инсонӣ он аст, ки арвоҳ ва нуфуси нотиқаи инсонӣ аз лиҳози навъ муттафиқ мебошанд на мутакассир, аммо нисбат ба абдони худ мухталиф ва мутакассир мегарданд. Пас арвоҳи одамиён навъан яке, аммо нисбат ба абдон касиранд, ҳол агар арвоҳи инсонӣ-бар фарзи муҳол - қабл аз абдон ва дар олами дигаре мавҷуд бошанд зотан ё касир ва мухталифанд ва ё воҳиду муттафиқ.

Агар зотан кассир ва мухталиф бошанд такассур, мухолиф ва тағоюрашон ё аз ҷиҳати моҳият ва сураташон аст ва ё аз ҷиҳати нисбати моҳияташон бо абдон, шаққи аввал, яъне такассур ва тахофи моҳуви ва суварӣ мустаҳил аст, зеро арвоҳ ва нуфуси одамиён аз лиҳози моҳият ва сурат воҳид ва ягона аст, на касир ва мухталиф ва аммо шаққи дуюм, яъне такассур аз лиҳози абдон ботил нест, зеро такассур ва тахолуфи арвоҳ ва нуфуси инсонӣ –ҳамон тавре ки баён шуд, ба воситаи абдони моддӣ аст ва на ғайр. Пас муҳол аст, ки нуфус ва арвоҳи одамиён қабл аз духул дар абдони моддӣ ва пеш аз вуруди колбади ҷасадонӣ мутакассир ва мутағайир бошанд.

Ва аммо шаққи дуюм, яъне ваҳдат ва ягонагии арвоҳ ва нуфуси инсонӣ қабл аз духул дар абдони моддӣ низ ботил аст, зеро агар, масалан ду нафс дар ду бадан ҳосил шавад ё он ду нафс ду қисм аз нафси воҳиданд ва ё як нафси воҳид дар ду бадани мухталиф аст, агар он ду нафс ду қисм аз нафси воҳиде бошанд, лозим меояд, ки чизи воҳиде, ки бузургӣ ва ҳаҷме надорад билқувва тақсим ба ду чиз шавад ва тақсими билқувва амри воҳиде, ки бузургӣ ва ҳаҷме надорад мустаҳил аст.

Ва аммо шаққи дуюм фарзи мазбур, яъне агар як нафси воҳиде дар ду бадани мутағойир ва мутахолиф эҷод ва ҳосил шавад низ монанди фарзи аввал ботил мебошад ва бутлони он ниёзе ба иқомаи бурҳон ва ироаи адила надорад ва ироаи бурҳон чизе ҷуз талафи вақт ва такаллуф нест. Бинобар ин, ҳар гоҳ мизоҷе комил ва мустаид гардад ва бадане солеҳ ва омодаи қабули нафси мудаббире дар олами маҳсусот эҷод ва ҳодис шавад, ақли фаъол ва воҳиби сувар рӯҳ ва нафсеро барои тадбир дар тасарруф дар он бадан эҷод ва ҳосил мекунад, то онро ба кор барад ва дар он тасарруф тадбире намояд.

Аз дидгоҳи Мулло Садро нафси одамӣ ҳодис аст, аммо на рӯҳониятулҳудус, балки ҷисмониятулҳудус аст ва боқӣ аст аммо на ҷисмониятулбақо, балки рӯҳониятулбақо. Пас «бояд донист, ки нафси инсон мавҷуде аст ҷисмониюл удус (ба ин маъне, ки дар оғози амр ва ибтидои ҳудус ва таквин, аз ҳамин мавод ва аносири мавҷуд дар ин олам падид мегардад ва дар ин ҳангом сурате аст қоим ба бадан), вале пас аз истекмол ва хуруҷ аз қувва ба феъл ва тайи маротиби камоли мавҷудест рӯҳониюлбақо (ки дар бақои зоти хеш ниёзе ба бадан надорад, балки қоим ба зоти хеш ва фоили бидуни олот ва адавоти ҷисмонӣ аст)». Пас нафси одамӣ ҷисмониятулҳудус ва рӯҳониятулбақо аст.

**Бақои нафси нотиқа.** Ибни Сино барои исботи бақои нафси нотиқа пас аз фасод ва фанои бадани моддӣ бурҳонҳоеро иқома намудааст. Дар «аш-Шифо» ва «Наҷот» бурҳони муфассалеро барои исботи бақои нафс ироа кардааст, аммо дар соири осори худ бурҳонҳои мухтасареро баён мекунад. Яке аз бурҳонҳое, ки Ибни Сино барои исботи бақои нафси нотиқа пас аз фанои бадани моддӣ ва колбади ҷасадонӣ иқома намудааст он аст, ки нафси нотиқаи инсонӣ мавзӯи маориф ва сувари маъқула аст ва мавзӯи онҳо вақте фосид ва фонӣ мегардад, ки заъф ва нотавонӣ оризи он гардад, аммо вақте ки аз ҳолати қувва хориҷ ва ақл билфеъл шуд ва дорои сувари маъқула

гашт, ҳаргиз заиф ва нотавон намегардад, пас ҳаргиз нобудӣ, фасоду фано низ ба суроғи он нахоҳад омад.

Далели матлуби фавқ он аст, ки нафси нотиқаи инсонӣ – ҳамон тавре, ки хоҳад омад- дар мартабаи ақли ҳаюлотӣ, ки қувваи сирф ва истеъдоди маҳз аст. яъне қабл аз он, ки дорои улум ва сувари маъқула шавад мағлуб ва мақҳури бадани моддӣ аст ва чизе, ки дар мартабаи ақли ҳаюлонӣ, ки фоқиди маориф ва сувари маъқула аст фосид ва нобуд намешавад мусалламан ва ба тариқи авло ҳангоме дорои сувари маъқула ва соҳиби улуму маорифи ақлӣ мегардад, ҳаргиз нобуд, фосид ва фонӣ нахоҳад шуд. Бинобар ин, нафси нотиқаи инсонӣ пас аз нобудӣ, фасод ва фанои бадани моддии фосид, нобуд ва фонӣ нахоҳад шуд, балки дар олами дигар то абад боқӣ хоҳад монд.

**Қувваи нафси инсонӣ.** Аз дидгоҳи Ибни Сино нафси нотиқаи инсонӣ нисбат ба ду ҷанба ё тараф санҷида мешавад, яке нисбат ба ҷанбае, ки фавқи он аст ва дигаре нисбат ба ҷанбае, ки таҳти он мебошад, ҷанбае, ки таҳти он аст бадани моддӣ ва тадбиру тасарруф дар он ва ҷанбае, ки фавқи он аст уқул ва мабодии олия мебошанд аз ҷанбаи модуна ва ҷиҳати поёнӣ илми ахлоқ ҳосил мегардад ва аз ҷанбаи мофавқ ва ҷиҳати фавқия улуми мухталиф падид меоянд.

Нафси нотиқа нисбат ба ҳар ҷанбае, ки санҷида шавад қуввае дорад, ки ақл номида мешавад ва мурод аз он ин аст, ки нафси нотиқа ба воситаи он таақул мекунад. Қувваи мазкур алоқаи байни нафси нотиқа ва он ҷанбае, ки нисбат ба он санҷида мешавад танзим намояд, қуввае, ки ба қиёс бо фавқи нафс, яъне уқул ва мабодии олия санҷида мешавад ақли назарӣ ва қуввае, ки ба қиёс бо модуни нафс, яъне бадани моддӣ санҷида мешавад, ақли амалӣ номида мешавад.

Аз дидгоҳи Мулло Садро нафси нотиқаи инсонӣ ба эътибори қабул аз мофавқи худ ва феъл дар модуни худ дорои ду қувва аст: яке қувваи оқила аст, ки ақли назарӣ номида мешавад ва дигаре қувваи омила, ки ақли амалӣ номида мешавад. Нафс ҳангоми расидан ба мартабаи камоли ақлӣ ва бениёзӣ аз ҳаракоти фикрӣ (ба василаи тартиби қиёс барои интиқол аз маълумот ба маҷҳулот), ду қувваи мазкур, яъне ақли назарӣ ва амалӣ ба қувваи воҳиде мубаддал гашта ва дар ин ҳангом илми ӯ айни амал ва амали ӯ айни илм мегардад (ва ҳарчиро ирода кунад, бедиранг ба вуқӯъ мепайвандад ва ҳарчи дар хотири ӯ хутур кунад сурати амал ба худ мегирад) ҳамон тавр ки илм ва қудрат дар муфориқат нисбат ба ғайри худ яке ҳастанд.

**Ақли назарӣ.** Аз дидгоҳи Абӯнасри Форобӣ ақли назарӣ он қувва аз нафси нотиқа аст, ки одамӣ ба сабаби он улумеро идрок мекунад, ки ҳаргиз мавзӯъ ва мавриди амал қарор намегиранд, зеро улуми мазкур маонӣ ва сувари куллияе ҳастанд, ки аз олами барин ва тавассути ақли фаъол бар нафси инсонӣ ифоза мегарданд ва мусаллам аст, ки улуми куллӣ, яъне маъқулоти куллия ҳаргиз мавзӯи амали одамӣ қарор намегиранд.

Ибни Сино бар он аст, ки инсон аз тариқи ақли назарӣ, ки нисбат ба ҷанбаи фавқи нафс, яъне муфориқоти тома ва мабодии олия санҷида мешавад, маонӣ ва сувари куллияро идрок мекунад, аз ин рӯ, шаън ва феъли ақли назарӣ он аст, ки сувари куллияи муҷаррада аз модда новобаста аз муҷаррад би зотиҳи ва ё муҷаррад аз модда-дар он мунтабеъ гарданд. Пас кори ақли назарӣ идроки куллиёт аст ва нафси нотиқа барои такмил ва истекмоли ҷавҳар ва ҳақиқати хеш ба он муҳтоҷ ва муфтақар аст. Бинобар ин ақли назарӣ аввалан ба идроки куллиёти маҳз ихтисос дорад, сониян байни ҳақ ва ботил тамйиз медиҳад.

Аз дидгоҳи Мулло Садро ақли назарӣ он аст, ки одамӣ ба воситаи он сидқ ва кизби умур ва амри воҷиб, мумкин ва мумтанеъ, тасаввурот ва тасдиқотро идрок мекунад ва ҳаку ботили онҷиро ки меандешад ва ё идрок мекунад ташхис медиҳад, аммо чунин нест, ки дар ибтидои амр ва бидуни бадани моддӣ ва аъзои он қодир ба анҷоми феъл ва вазифаи худ бошад, балки баръакс ақли назарӣ дар ибтидои амр ва қабл аз расидан ба камоли шоистаи хеш ба бадан ва олоти он ва ҳамин тавр ба ақли амалӣ муҳтоҷ ва ниёзманд аст. Аммо пас аз расидан ба ҳадди камоли лоиқи хеш аз бадани ҷисмонӣ ва олоту аъзои он бениёзу мустағнӣ мегардад ва бидуни васотати онҳо аъмолу афъоли махсуси хешро, ки мунҳасир дар идроки куллиёт, аст анҷом медиҳад.

**Маротиби ақли назарӣ.** Абӯнасри Форобӣ бар он аст, ки ақли назарӣ назди қудамо аз ҳукамои илоҳӣ ба чаҳор навъ: ақли билқувва, ақли билфеъл, ақли билмустафод ва ақли фаъол тақсим мешудааст ва ба нақл аз вай Арасту чаҳор маъно бар ақл ба шарҳи зайл зикр мекунад:

А) ақли билқувва аст, ки Арасту онро «нафс» ё «бахше аз нафс» ё «қувваи нафс» таъриф кардааст. Ин ақл метавонад суратҳои мавҷудоти моддиро интизоъ кунад ва сипас бо онҳо як шавад. Ба ҳамин далел аст, ки чунин ақлеро дар манобеи арабӣ, ақли моддӣ ё ҳаюлонӣ мехонанд. Ҳамин, ки ақли билқувва суратҳои мавҷудоти моддиро дарк кард ва бо онҳо яке шуд, ақли билфеъл номида мешавад. Дар ин мартаба ақли билфеъл яке ва ҳаммонанд мешаванд. Ҳангоме ки ақли билфеъл ҳама суратҳои маъқул ва моддӣ ва умури дигаре, ҳамчун усули аввалияи истидлол ва низ худаш номида «**acquired reason**»-ро дарк кард, ақли муктасаб мешавад. Ин ақли муктасаб аз дидгоҳи Форобӣ ва навафлотуниёни мусалмон умуман нишонаи авҷи фароянди шинохте дар мартабаи инсонӣ аст. Аммо фаросӯи ин «ақли муктасаб», «ақли фаъол» қарор дорад, ки Форобӣ онро дар сурате ғайримоддӣ тавсиф мекунад, ки на мулозими модда аст ва наметавонад мулозими модда бошад ва ба воқеъ як фоили фаротабии ҳоким бар ҷаҳони таҳти қамар аст ва чунон ки пештар гуфтем,

«махзан»-и маъқулот аст ва аз тариқи пайвастагӣ ё иртибот бо он аст, ки фароянди шинохт комил мегардад.

Форобӣ ба ақл ё малака ишорае намекунад, аз ин рӯ, барои ақли назарӣ се мартаба: ҳаюлонӣ, билфеъл ва билфеъли силсилаи маротиби мартабаи ақл қоил мешавад. Пас, дар ин силсила маротиби мартабаи ақл билмалака дар тақсими Форобӣ роҳ надорад ва бо таорифе, ки ба анвои ақл медиҳад ба назар мерасад ӯ байни ақли билмалака аз анвоъ ва билфеъл тамоизе қоил намешавад. Аз дидгоҳи Абӯнасри Форобӣ нахустин амре, ки биттабъ барои нафси нотиқаи инсонӣ ҳосил мешавад ҳайате аст, ки муҳайё ва омодаи қабули русуми маъқулоти нахустин ва дувумин аст, аз ин рӯ, нафси нотиқа дар ин мартаба аз маротиби худ ақли билқувва, ақли ҳаюлонӣ ва низ маъқули билқувва аст, ба тавре ки фоқиди ҳар гуна феълияте аст, аммо қобили ҳар навъ сурати маъқуле аст ва метавонад сувари маъқулотро аз ақли фаъол дарёфт намояд ва аз ҳолати қувва ба сӯйи феълият хориҷ шавад ва ақли билфеъл гардад.

Форобӣ монанде, ки Искандари Афрудисӣ бар он аст, ки ақли билқувва ҳайате аст дар модда ва қувваи сирф ва истеъдоди маҳз аст ин ақли ҳаюлонӣ номида мешавад. Аммо бо феълияти он ва таҳаққуқи маъқулот дар он аз ҳолати  ҳаюлонӣ ва моддӣ хориҷ мешавад ва ақли билмалака ва мавҷуде муҷаррад мегардад ва ҳамин амр далел бар эътиқоди Форобӣ бар ҷисмониятулҳудус ва рӯҳониятулбақо будани нафси нотиқаи инсонӣ аст.

Аз дидгоҳи Ибни Сино нафси нотиқаи инсонӣ дар оғози ҳудус ва такаввунаш фоқиди тамоми маонии куллия ва сувари маъқула аст, аммо дар айни ҳол мустаид ва омодаи қабули ҳамаи онҳо мебошад. Аз ин рӯ, дар ин марҳила аз ҳастӣ ва ҳаёти худ ақли ҳаюлонӣ номида мешавад зеро монанди ҳаюлои увло аз тамоми сувари маъқула орӣ ва мубарро мебошад. Пас, ваҷҳи тасмияи ақли назарӣ дар марҳилаи нахуст истекмол ва рушди худ ба ҳаюлои увло ба далели он аст, ки аз тамоми маъқулот холӣ ва аз ҳама сувари ақлия орӣ шудааст, аз ин рӯ, нафси нотиқаи ҳамаи афроди навъи инсон дар ибтидои амр соҳиби ақли ҳаюлонӣ аст.

Мулло Садро монанди гузаштагони худ бар он ақида аст, ки нафси нотиқа дар оғози ҳудус аз ҳама маъқулот тиҳӣ аст, аммо истеъдоди пазириши ҳама маонии куллӣ ва сувари маъқуларо дорад, аз ин рӯ, ба хотири идроки куллиёти ақл ва ба далели шабоҳат бо ҳаюлои ҷисмонӣ дар хулувви сувар ва истеъдоди қабулашон ақли ҳаюлонӣ ва ба сабаби он, ки метавонад ақли билфеъл гардад, ақли билқувва номида шудааст.

Аз дидгоҳи Ибни Сино ақли билмалака, ки қувваи мумкина хонда мешавад, он аст, ки барои нафси нотиқа маъқулоти увло ҳосил шавад ва онро барои дарёфти маъқулоти сонияхоҳ аз тариқи фикр ва хоҳ ба воситаи ҳадс омода созад, ба ибораи дигар, ҳангоме ки нафси нотиқаи инсонӣ аввалиётро дарёбад, дар мартабаи ақли билмалака аст. Пас ақли билмалака иборат аст аз ҳусули маъқулоти увло барои нафси нотиқа ва таҳияи он барои касби маъқулоти сония.

Аз дидгоҳи Мулло Садро нахустин чизе, ки пас аз хуруҷи нафс аз мартабаи ҳаюлонӣ барои он ҳосил мегардад сувари маъқулае ҳастанд, ки ҳамаи афроди инсонӣ дар онҳо бо якдигар муштарак ва саҳиманд. Суваре, ки дар мартабаи ақли ҳаюлонӣ ба сурати билқувва дар нафси нотиқа вуҷуд доштаанд ва дар хазонаи хаёли онҳо маҳфуз буданд, аммо бо хуруҷ аз он мартаба, ки тавассути ақли фаъол сурат мегирад дар нафси нотиқа ҳосил мегарданд ва чун нахустин суваре ҳастанд, ки дар нафси нотиқа ҳосил мешавад ва барои ҳамаи инсонҳо равшану ошкор ва ниёзе ба иктисоб ва ё исбот надоранд, аввалиёт номида мешаванд. Пас, барои нафси нотиқа дар мартабаи ақли билмалака  маъқулоти аввалӣ  ё аввалиёт ҳосил мегардад. Бинобар ин, ҳусули маъқулоти аввалия назди нафси нотиқа ақли билмалака ба фикр ё ба ҳадс номида мешавад, зеро камоли аввал барои қувваи ақл аз он ҷиҳат, ки ақл билқувва аст, мебошад.

Аз дидгоҳи Абӯнасри Форобӣ ҳусули маъқулот дар нафси нотиқа ақли билфеъл номида мешавад.

Ибни Сино низ монанди вай мартабаи ақли билфеълро ҳусули суввари маъқулаи муктасиба дар нафси нотиқа пас аз сувари маъқулаи аввалия талаққӣ мекунад ва онро камоли қувва меҳонад, ҷуз ин ки нафси нотиқа наметавонад билфеъл онҳоро мутолиа намояд ва ба онҳо муроҷиа кунад, балки масали он аст, ки онҳо назди ӯ маҳзун мебошанд ва ҳар вақт биҳоҳад, метавонад билфеъл дар онҳо мутолиа намояд. Пас нафси нотиқа дар мартабаи савум аз маротиби арбаа ақли назари сувари куллия ва маонӣ ва маъқулоти назариро таақул менамояд ва низ таақул мекунад, ки таақул мекунад.

Мулло Садро ақли билфеълро камоли сонӣ талаққӣ мекунад ҳамчунон ки ақли билмалакаро ҳамон тавре ки баён шуд камоли аввал қаламдод намуд, зеро дар мартабаи дувум ҳусули аввалиёт аст ва дар мартабаи дувум ҳусули назариёт ва мусаллам аст, ки бо зуҳури мартабаи дуюм ҳаёти билфеъл барои нафси нотиқа ҳосил хоҳад шуд ва ҳусули камоли сонӣ саодати ҳақиқӣ барои нафси нотиқа хоҳад буд. Тариқи иродӣ, сабаби кашфи маъқулоти назарӣ ва ҳусулу ҳузури онҳо дар сафҳаи нафси нотиқа аст, аммо аз тариқи фаязони илоҳӣ осмон ва замин ва он чи дар онҳост аз қабили: уқул, нуфус, сувар ва қувво, ки дар онҳо ба вадиа супорида шудаанд барои он кашф хоҳад шуд. Аз ин рӯ, дар мартабаи сеюм аз маротиби арбаа ақли назарӣ ҳусул ва ҳузури маъқулоти сония ва назариёт дар нафси нотиқа лозим ва зарурӣ аст ва истеҳзорашон бидуни ниёз ба аъмол ва ҳаракоти фикрӣ анҷом мешавад.

Аз дидгоҳи Абӯнасри Форобӣ «Ақли мустафод - олитарин ҳолати инсонӣ аст, ҳолате ки дар он ақли инсонӣ метавонад бидуни васотати ҳаввос, суввареро ки ақли фаъол ба он ифоза мекунад ба шуҳуд ва ишроқ дар мутолеа ва маъқулот ёбад».

Аз дидгоҳи Ибни Сино ҳусули маъқулот ва мутолиаи онҳо ақли билфеъл ва мутолиаву мушоҳидаи онҳо ақли билмустафод аст. Зеро сувари маъқула назди нуфуси нотиқа ҳузур доранд ва билфеъл дар онҳо таақул мекунад ва низ ин амрро таақул мекунад, ки билфеъл машғули таақул аст ва нафсе, ки бо ин мартаба аз камол ноил ояд соҳиби ақли билмустафод хоҳад буд ва ваҷҳи тасмияи ин мартаба аз ақли назарӣ ба ақли билмустафод он аст, ки нафси нотиқа пас аз хуруҷ аз ақли билфеъл ба ақли фаъол муттасил шуда, аз он мустафид ва мустафиз мегардад ва маъқулотро аз он дарёфт мекунад.

Аз дидгоҳи Мулло Садро дараҷаи такомули баъдии ақл он аст, ки баъд аз ҳусули аввалиёт ва таҳсили назариёт ба мартабае расидааст, ки барои ҳузури ин маълумот ниёз ба таваҷҷуҳ ва илтифот надорад, балки тамоми назариёт билфеъл назди ӯ ҳосил мебошанд ва дар мушоҳидаи ӯ қарор доранд. Ин марҳила, марҳилаи комил ва томи ақл аст, ки дар асари иттисолаш ба ақли фаъол, суввари тамоми ашё ва мавҷудот барои ӯ ҳозир ва ҳосил аст.

Ақли амалӣ. Ақли инсонӣ дорои ду ҷанба: назарӣ ва амалӣ аст, бо ақли назарӣ куллиётро идрок ва ё аз олами маъқул ва уқули куллия ва ақли фаъол дарёфт мекунад ва бо ақли амалӣ ба анҷоми аъмоли фикрӣ мепардозад. Қуввае, ки нафси нотиқаи инсонӣ бо он ба идроки куллиёт ва дарёфти маъқулот аз ақли фаъол мепардозад, ақли назарӣ номида мешавад.

Аз дидгоҳи Мулло Садро одамӣ бо ҷанбаи ақли амалии нафси нотиқа аввалан аъмол ва афъолеро, ки мухтас ба инсон аст истинбот мекунад, то аз олами ҳайвоният ҷудо гардад, сонияи аъмоли неку бад ва анҷому тарки онҳоро ташхис медиҳад, то аъмоли некро анҷом ва аз аъмоли бад имтиноъ варзад. Солисан ба хубӣ ё бадии аъмол эътиқод пайдо мекунад ва дар ақли ӯ малака мегардад, ки кадом амал нек аст ва кадом амал бад  ва саранҷом бо ақли амалии аъмол ва рафторе, ки ва фи ҳадди зотиҳи хайру нек аст, интихоб менамояд ва анҷом медиҳад ва аз интихоби аъмолу рафтореро, ки воқеан ва фи нафсиҳи шарру бад аст иҷтиноб хоҳад кард.

Мулло Садро ақли амалиро дорои ду сифати мутақобилу мутаззоде ба номи ҷурбаза ва балоҳат медонад, ҷурбазаи аҷала ва суръати интиқол аз матлабе ба матлаби дигар ва тундравиву ифрот дар фаҳм ва дарки он аст, ки амр сабаби инҳироф аз масири ҳақ ва ҳақиқат ва фурур рафтан дар ботил мегардад ва балоҳат кунди ва ҳомушӣ дар тафаккур андеша ва тафрит дар он аст, ки ин амр сабаби ҷаҳли басит нисбат ба ҳама мегардад. Аммо ҳадди васат байни ҷурбаза ва булуҳот ҳикмат аст.

Албатта, мурод аз ҳикмат, ки ҳадди васати ҷурбаза ва булуҳот аст ғайр аз улум ва маорифе, ки ба ҳикмати назарӣ ва амалӣ тақсим мешавад, балки ҳикмат мазбур аз навъи ахлоқ ва авсофи нафси нотиқаи инсонӣ ва таҳзибу татҳири он аст ва фарқи он ду ҳикмат он аст, ки ифрот дар ҳикмати назарӣ афзал ва ашраф аз тафрит аст, аммо ҳикмате, ки ҳадди васат байни ҷурбаза ва булоҳот аст афзал аз ифрот ва тафрит дар он мебошад.

**Саодати нафс**. Аз дидгоҳи Абӯнасри Форобӣ ҳадаф ва ғояти ниҳоӣ аз вуҷуди инсон расидан ба саодат ва хушбахтӣ аст ва камоли ниҳоие, ки ба ӯ ато мешавад ҳамин саодат аст ва саодат иборат аст аз расидан ба камоли ахири инсон, ки аз тариқи маъқулоте, ки дар нафси ӯ ба вадиа гузошта шудааст ҳосил мегардад. Пас, камоли ахири инсон аз тариқи маъқулоти аввалӣ ба даст меояд ва саодати инсон ҳамон камоли ахири ӯст.

Аз дидгоҳи Ибни Сино лаззат ва хушӣ бар ду гуна аст: яке ақлӣ ва дигаре ҳиссӣ. Лаззати ақли махсуси малоика, уқул ва инсон аст, аз он ҷиҳат, ки инсон ҳеҷ ваҷҳи иштироки бо ҳайвонот надорад. Лаззати ҳиссӣ бошад, муштарак миёни инсон ва ҳайвонот аст, аз он ҷиҳат, ки инсон ҷуз дар ақл дар соири умур бо ҳайвонот мушоракат дорад. Ба ибораи дигар, чун инсон ҳайвони нотиқ аст ва аз он ҷиҳат, ки ҳайвони нотиқ ва оқил аст лаззати хосса, яъне лаззати ақлӣ дорад ва аз он ҷиҳат, ки ҳайвон аст лаззате муштарак, яъне лаззати ҳиссӣ бо дигар ҳайвонот дорад.

Аз дидгоҳи Ибни Сино лаззати ақлӣ, ки вежаи ҳайвони нотиқ, яъне инсон аст бар лаззати ҳиссӣ, ки муштарак миёни ҳайвоноти нотиқ ва ғайринотиқ аст, бартарӣ ва афзалият дорад. Лаззати ақлӣ аз ду ҷиҳат: камӣ ва кайфӣ бар лаззати ҳиссӣ бартарӣ дорад.

**Тақсими саодат**. Аз дидгоҳи Ибни Сино саодат ва некбахтӣ бар ду гуна аст: яке саодат ва хушбахтии ҳақиқӣ ва дигаре саодати маҷозӣ ва ғайриҳақиқӣ. Ба ибораи дигар, гунае аз умури биларз ва маҷоз саодат маҳсуб мешавад, аммо гунаи дигар биззот ва ҳақиқатан саодат ба ҳисоб меоянд. Саодати ғайриҳақиқӣ ва маҷозӣ сирфан дар ҳаёти дунявӣ қобили ҳусул ва вусул аст, аммо саодати ҳақиқӣ ва аслӣ мунҳасиран дар дорои охират насиби инсони комил хоҳад шуд.

Саодати ҳақиқӣ ва некбахтии аслӣ ғоятулғоёт ва ниҳоятулниҳоёти одамӣ аст ва кадом ғоят ва натиҷа дар миёни ғоёт аз саодат бартар ва болотар аст, ки боиси инсилох аз бадан ва тазаҳҳуди нафси нотиқа ва таҷарруди ӯ гардад. Мусаллам ва мубарҳан аст, ки чунин саодате ҳаргиз дар дори дунё ва будан дар колбади ҷасадонӣ насиби одамӣ нахоҳад шуд, балки расидан ба чунин ғояте сирфан ва мунҳасиран дар дори охират барои ӯ ҳосил хоҳад шуд.

Аз дидгоҳи Мулло Садро саодати ҳақиқӣ мусовӣ бо ҳастӣ ва вуҷуд аст, яъне ҳар ҷо ки вуҷуд бошад саодат низ дар он ҷо ҳузур дорад ва ҳар ҷо саодат ва сурури

ҳақиқӣ бошад ҳастӣ ва вуҷуд низ дар ҳамон ҷо вуҷуд дорад ва чун аз тарафе саодат ва вуҷуд мусовиқи ҳаманд ва аз тарафи дигар, ҳақиқат вуҷуди машкук аст, яъне мавҷудот аз лиҳози шиддат ва заъф ва камол ва нуқс бо якдигар тафовут ва тафозил мекунанд. Пас саодат низ монанди он машкук мебошад.

Ба ибораи дигар, ҳарчи ҳастӣ ва вуҷуди мавҷуде шадидтар ва қавитар бошад, саодати он низ ақво, афзал, акмал, аксар ва ашраф хоҳад буд ва ҳарчи заифтар ва ноқистар бошад, саодати он низ ахас, азъаф, анқас ва ақал хоҳад буд. Чун ҳастӣ ва вуҷуди воҷибул-ул-вуҷуд биллаззат афзал, аъзам, ақво, акмал, аттам ва ашрафи мавҷудот, балки ҳақиқати ҳастӣ ва муфизи ҳамаи ҳастӣ аст, пас зоти басити ӯ дар ниҳояти ибтиҳоҷи сурур ва айни роҳат ва оромиш аст, ки ҳеҷ дарду аламе бо ӯ нест.

Бинобар ин, аз дидгоҳи Мулло Садро ҳастӣ ва вуҷуд ҳамон хайр ва саодат ва хайру саодат ҳамон вуҷуд аст ба илова на танҳо худи ҳастӣ ва вуҷуд баҳҷат ва саодат аст, балки илм ва огоҳӣ ба ҳақиқати ҳастӣ ва вуҷуд низ баҳҷат ва саодат аст, пас саодат аз тарафи худ вуҷуд аст ва аз тарафи дигар идроки вуҷуд ва чун вуҷуди ҳар чизе назди ҳамон чиз ва барои ҳамон чиз лаззиз ва лаззатбахш аст.

Ба ин тартиб, камоли лаззат ба идроки вуҷуд аст ва ба ҳар мизон, ки идрок ва вуҷуд қавитар бошанд барои соҳибаш лаззатбахштар хоҳад буд, масалан, вуҷуди қуввои ақлӣ аз вуҷуди қуввои шаҳвӣ ва ғазабӣ қаввитар ва бартар аст, пас саодат ва баҳҷати онҳо низ, шариф, бартар ва лаззаташон низ атам, афзал, акмал ва ашраф хоҳад буд. Бинобар ин, ҳар қуввае аз аз қуввои нафсония, ки вуҷудаш қавитар ва камоли мулоим бо вай бартар ва лузум ва давомаш бештар бошад, лаззати ӯ дар идроки амри мулоим бо ӯ шадидтар аст. Пас, набояд ҳар лаззатеро дар олам ҳамонанд ва ё мунҳасир дар лаззати ҳарон аз хӯрдани обу алаф ва муқорибати онон бо ҷуфти хеш донист, то гуфти уқули қудсия ва мабодии олияи вуҷуд ва муқаррабони ҳазрати улуҳият, ки муҷаррад аз модда ва олоти ҷисмонианд фоқиди лаззат ва саодатанд.

Бар асоси дидгоҳи Мулло Садро саодати ақлӣ ва баҳҷат ва сурури рӯҳонӣ, ки саодати баҳҷати ҳақиқӣ аст иборат аз илтизоз, аз ҳаёти ақлӣ ва рӯҳонӣ аст. Ва ҳаёти ақлӣ иборат аз шуҳуд ва мушоҳидаи маъқулоти мавҷуд дар ақли фаъол аст. Ва иттисол ва ақли фаъол ва мушоҳидаи маъқулоти мавҷуд дар он лазизтар аз ҳар лаззат аст. Ва ҳеҷ суруру лаззате аттам, акмал, аъзам ва афзал аз баҳҷат ва лаззати ҳосила аз шуҳуди маъқулот нест, зеро мулоим ва мувофиқи ақл, абади лоятағайяр, муҷаррад ва нуронӣ мебошад.

Дар асоси дидгоҳи Мулло Садро саодати ақлӣ ва баҳҷат ва ба ин тартиб баҳҷату сурури рӯҳонӣ ва хайру содати ақлонӣ ҳамон илтизоз аз маъқулоти мавҷуд дар ақли фаъол аст ва муссаламу мубарҳан аст, ки ҳеҷ баҳҷат ва саодате афзал, ашраф ва аттам аз саодати ақлӣ ва баҳҷати рӯҳонӣ нест. Бинобар ин, суруру саодати ақли иборат аст аз иттисол ва ақли фаъол ва мушоҳидаи маъқулот ва илтизоз ба ҳаёти ақлӣ ва рӯҳонӣ.

Аз дидгоҳи Мулло Садрро саодат ва баҳҷате, ки вижаи нафси нотиқа аст ё аз ҳасби ақли назарӣ, яъне аз ҷиҳати зоти ақлии он аст ва ё аз ҳасби ақли амалӣ, яъне аз ҷиҳати мушорикати он бо бадан мебошад. Камоли нафси нотиқа ба ҳасби ақли назарӣ ва аз ҷиҳати зоти ақлии хеш найл ба ақлиёти сирф ва мавзӯъ шудан барои сувари илоҳӣ, низоми вуҷуд ва ҳайати кулли олами ҳастӣ аз мартабаи олӣ, яъне воҷибулвуҷуд биллазот то мартабаи поён, яъне ҳаюлои уло аст. Ва камоли нафси нотиқа ба ҳасби ақли амалӣ ва аз ҷиҳати мушорикат бо бадан ва вукуаш дар олами носут ва дорои бадани моддӣ ва колбади ҷисмонӣ ҳусули адолат байни куввои салосаи ғазабия, шаҳватия ва ақлияи нафси нотиқа аст.

## АДАБИЁТ


1. Абӯнасри Форобӣ. Андешаҳои аҳли мадинаи фозила. Тарҷума ва ҳошияи дуктур Сайидҷаъфари Саҷҷодӣ. Чопи 2. Теҳрон 1361.
2. Муҳаммад Тақии Фаъзолӣ. Идроки ҳиссӣ аз дидгоҳи Ибни Сино. Чопи1., Қум 1376.
3. Ҷавводи Муслиҳ. Тарҷума ва тафсири Ашшавоҳид-ур-руббубия. Чопт 1., Теҳрон 1366.
4. Ҳасани Маликшоҳӣ. Тарҷума ва шарҳи Ишорот ва танбиҳоти Ибни Сино. Теҳрон 1363.
5. Абӯнасри Форобӣ. Сиёсати мудун. Тарчима ва ҳошияи Ҷаъфар Саҷҷодӣ. Теҳрон 1358.
6. Расоили Ибни Сино. Тарҷимаи Зиёуддини Дурӣ. Теҳрон 1360.
7. Муҳаммад Хоҷуӣ. Тарҷимаи Асфори арбаъа. Теҳрон 1383.
8. Равоншиносии «Ашшифо». Тарҷимаи Акбари Доносиришт. Теҳрон 1363.
9. Садриддини Шерозӣ. Шарҳи ҳидоят-ул-асирия.
10. Садриддини Шерозӣ. Алҳикмат-ул-мутаъолия фи –ал-асфори-ал-ақлият-ил-арбаъа. Бейрут-Лубнон 1981.
11. Ибни Сино. Китоб-ун-наҷот. Бейрут 1985.
12. Алишорот ва танбиҳот ли Абуали ибни Сино маъа шархи Насриддини Тӯсӣ. Бейрут 1992.
13. Абӯали Ибни Сино. «Шифо». Қум 1404.
14. Абӯали Ибни Сино. Алмабдаъ ва маъод. Теҳрон 1363.
15. www.afarineshdaily
16. www.iptra.ir
17. www.f arsnews.com
18. www.lifeofthought.com


## ЧЕЛОВЕЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ФАРАБИ, ИБН СИНЫ И МУЛЛЫ САДРО


В статье рассматривается одна из важных и центральных проблем философии, а именно анализ и исследование проблемы человека. Авторами рассматриваются воззрения трех великих мыслителей Ибн Сины, Фараби и Муллы Садро о человеке, душе человека, ее сущности и видах; о разуме с точки зрения теории и практики; об удовлетворении души и ее другие стороны.



**Ключевые слова:** благополучие, счастье, разум, рассудок, ощущение, физический-материальный, духовный, душа-дух, субстанция, четыре первоэлемента природы, единство-единичность, множество

**THE HUMAN ESSENCE FROM THE POINT OF VIEW FARABI, IBN SINA AND THE MULLA SADRO**

In this paper main and important problem of the phylosophy will be considered, i.e. analysis and research of human. Authors analyze thoughts of three philosophers Ibn Sina, Farabi and Mulla Sadro about human, his soul, features of soul and its types; about intellect from the theoretical and practical point of view; about satisfactory of soul and another views of soul.

**Key words:** happiness, bliss, intellect, reason, sense, emotional, sensual, physical, manual, spiritual, ardent desire, passion, just, avidity, jewel, pearl, element, unanimity, unity, class, numerousity, addition.

**Сведения об авторах:** ***Джамшед Садри*** – доцент Свободного исламского университета города Токистон
***Джавод Тохири*** **-** доцент Свободного исламского университета города Токистон
***Гуломризо Рахмони*** – соискатель (Ph.D) Таджикского национального университета

# ИСЛЕДОВАНИЕ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАН ТРЕТЬЕГО МИРА

***Косим Сайёди***
**Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни**

Создание теории и исследований безопасности, касающихся стран третьего мира зародилось во времена холодной войны, основой для данной деятельности послужили исследования безопасности реалистов и их адаптация под проблемы стран третьего мира. Теоретики стран третьего мира, а также другие исследователи, в вопросах безопасности стран третьего мира, считали менее подходящим подход реалистов касательно безопасности, считая, что для изучения проблем стран третьего мира есть необходимость более тщательного и независимого исследования[1].

Исследования безопасности стран третьего мира на сегодняшний день уделяют внимание таким вопросам, как концепция безопасности в странах третьего мира, безопасность относительно стабильности режима, неэффективность методов Запада в изучении безопасности стран третьего мира.

Безопасность стран Запада, реализовывается через создание альянсов между странами, в то время, как возможность положительного и конструктивного создания альянса между странами третьего мира, а также между странами третьего мира и западными странами всегда имела напряжённый характер. Страны третьего мира не могут сочетать собственную безопасность с безопасностью в других странах.

Одним из аспектов, которому уделяется большое внимание теоретиков стран третьего мира, является реализация государственной безопасности либо безопасности правления, на месте национальной безопасности. В странах третьего мира имеются два пути к безопасности, которая является одним из важнейших аспектов -это безопасность режима и национальная безопасность. Существующие режимы в странах третьего мира, как правило, страдают от недостатка или отсутствия легитимности, но с другой стороны меньше проявляются национализм, отделение страны и выражения требований народа и больше начинают проявляться искренние классовые желания и потребности , определённых групп или общин[2].

**Концепция безопасности и нестабильности:**Нестабильность представляет из себя угрозу, которая приводит к опасным ситуациям. Безопасность является явлением, предотвращающим угрозы и опасности.

Опасность является вызывающим фактором,создающим основу для обеспечения безопасности, включающим в себя любые аспекты и состояния, которые вредят её наличию и совершенствованию, увеличивая потребности, недостатки, дефекты и нарушения. Рисками, создающими угрозу для жизни человека или даже ведущими к смерти, могут считаться голод, жажда, экстремальный холод и.т.д. Случайными рисками могут стать, нападения хищных животных, либо патогенные угрозы или же угрозы со стороны врагов.

Также угрозами, касающимися данной темы можно считать серьёзные травмы либо смерть или жизнь при наличии тяжёлых травм и расстройств, а также существование при наличии физиологических расстройств у человека.

Итак, небезопасность, представляет из себя явление, связанное с угрозами, а угроза представляет из себя фактор, нарушающий баланс в жизни, психике, социуме как для отдельной личности, так и для сообщества. Угроза является фактором, который лишает человека, либо группу лиц, либо общество в целом, определённых благ или возможностей, уничтожает целостность социума или, по крайней мере, уменьшает её.

**Социальный уровень безопасности и небезопасности:**Согласно тому, что было ранее сказано, как отдельное лицо, так и группа лиц, организации, а также общество, социальные структуры делятся на три уровня: микро, средний и макро, которые могут попасть под угрозу и, к сожалению, стать небезопасными или же наоборот повысить свою безопасность. Таким образом, дискуссии и исследования, касающиеся общественной безопасности, проводятся на трёх уровнях по очереди, так как необходимо сначала изучить проблемы начального уровня, для того, чтобы раскрыть вопросы уровня последующего[3].

Связь между социальными уровнями с социальной безопасностью каждого уровня:

Необходимо учитывать то, что факторы создающие угрозу для одного уровня, могут оказать негативное влияние и на другие уровни. Иными словами, социальная или

общественная система «макроуровень» может угрожать группе или организации «средний уровень», либо поставить под угрозу физическое лицо «микроуровень», либо негативно повлиять на другое общество «макроуровень»[4].

Социальная безопасность одной группы либо общественной организации может поставить под угрозу общество, либо социальную систему, связанную с ними «макроуровень», либо группу «средний уровень», либо определённые лица «микроуровень». Социальную безопасность может представлять из себя лицо, которое вероятно может нанести угрозу как другим лицам, так и группе лиц и обществу в целом. Таким образом, на каждом уровне социальная стабильность, постоянно находится под угрозой исчезновения. В таком случае, существует необходимость определения профилактических мер, с учётом реального социального положения, которое, к сожалению, приобрело незащищённость, в виде рассмотрения реального социального уровня и его идентификации.

После разговора об социальной безопасности людей, необходимо обсудить и рассмотреть все вопросы, касающиеся социальной безопасности организаций и учреждений, общества и социальной системы, а также угрозы для каждого из них. Например такие как, безработица, которая может на одном уровне, создать проблемы для определённого лица, нав другом уровне, может нарушить безопасность группы лиц и организаций и на третьем уровне, поставить под угрозу социальную систему и общество[5].

**Социальная безопасность отдельных лиц:** Социальная безопасность человека, не является определяющей общественную безопасность, так как она представляет из себя безопасность жизни, собственности, чести и социального статуса и является одним из социальных факторов. Таким образом, жизнь, собственность, честь и социальный статус защищаются от угроз, при помощи других людей, групп, правлений и законов[6].

**Социальная безопасность организаций и общественных групп:** Социальная безопасность организаций и общественных групп представляет из себя явление, при котором происходит реализация снижения угроз для существующих групп или организаций, их деятельности и возможностей, их активов и приемлемости их отдельными лицами, иных социальных внутренних организаций при помощи трёх инструментов, воспитание, обучение и культура собственного общества или других общин.

Необходимо отметить то, что политическая система в одном обществе не представляет из себя всё общество, так как с социологической точки зрения политическая система является частью общей системы и подчиняется всей общественной системе, и дискуссия по безопасности, либо угрозам политической системе и её организациям представляет из себя, необходимость анализа правительства и парламента на среднем уровне, так как государство и общество нельзя воспринимать одинаково. Можно отметить, что на первый взгляд распространение политической системы по сравнению со многими социальными учреждениями служит препятствием вышесказанному[7].

Национальная и общественная безопасность «безопасность на макроуровне»:

Всякий раз, когда государство подвергается атаке извне или жёсткой диктатуре, всё общество целого государства на всех уровнях, таких как экономика, культура и жизнь и.т.д. становятся под угрозой, вот тогда проблема небезопасности возникает и на макроуровне.

**Обсуждение последовательности и приоритетов:** В вышесказанной статье, была попытка сначала и главным образом, обратить внимание на общественную безопасность и угрозы на внутренние макро-и средний уровни. Далее будут обсуждаться безопасность и угрозы в политической системе и в правительственных организациях и учреждениях связанных с ней: правительство и парламент на макроуровне и на среднем уровне.

Многие концепции, созданные и распространённые людьми преобразованы изменениям, которые случайно происходят из-за человеческого фактора и окружающей среды. Также, иногда и два лица, которые далеки друг от друга, ввиду данных изменений, могут потерять взаимодействие друг с другом. Два данных лица, хотя и используют одинаковые слова и словарный запас, но из-за «семантики» наличия различных слов в языке друг у друга, между ними возникают недоразумения в понимании определённой концепции.

Что, многие слова, которые иногда используются, что многие значения одного и того же слова, могут разделиться и за исключением общих слов «словарное обобщение», могут не иметь никакого отношения друг с другом.

Если эти события произойдут в обычной жизни, может это и не вызовет особенного раздражения, но если это коснётся науки или же важных решений на политическом и национальном уровне, данное недоразумение может привести к разрушительным последствиям. Вопросы национальной безопасности, которые вызывают большой интерес и затрагивают национальные интересы, входят в категорию постоянного обсуждения среди политиков, чиновников и экспертов. По этой причине, злоупотребление данными концепциями или различиями в восприятии, даже в небольших количествах, может привести к серьёзным последствиям. Так, как реализация действий и восприятие понятия вопросов национальной безопасности, является, вероятно, основной задачей политики[8].

Целью данной работы не является дискуссия «юридическая концепция» о происхождении концепции национальной безопасности, которая содержится в социологической литературе. Так, как была произведена попытка давления, которая,

после Исламской революции, придала понятию «Национальная безопасность» глубокий смысл, и каждый из нас, находясь в зависимости от условий проживания, делает определённые выводы. Кроме того, если возможно данную эволюцию значимости, описать с учётом изменений окружающего мира, несомненно, автор может рассчитывать на большой успех.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Эфтохори Аскар. Основные идеи исследований национальной безопасности / Эфтохори Аскар. –Тегеран. //Научные, стратегические публикации, 1374. -С.59.
2. Ранджебар Сетуде Махмуд Хедаят. Антропология / Ранджебар Сетуде Махмуд Хедаят. –Тегеран: Данеш, 1380. -С. 212.
3. Эфтэхори Али Аскар. Основные идеи исследований в области безопасности Тегеран / Эфтэхори Али Аскар. –Тегеран. //Научные и стратегические публикации,1382, -С.36.
4. Квин Брус. Доход общества / Квин Брус; Перевод Мохсен Салеси. –Тегеран: Фарханг, 1370.-С. 352.
5. Малек Хасан. Социология и неравенство общества / Малек Хасан. –Тегеран: Паяме Нур, 1385. -С. 241.
6. Ахмад Ахмади. Подростковая психология / Ахмад Ахмади. //Публикации Университета Азад, 1382. -С.26.
7. Вусуги Ник Халг. Социологические основы / Вусуги Ник Халг. Али Акбар. –Тегеран: Бехине, 1385. -С. 264.
8. Гавем Абдол Аль Али. Решения политического развития/ Гавем Абдол Аль Али. – Тегеран: Гомс, 1382. -С.211.
9. Рейджерс Джордж. Теории социологии / Рейджерс Джордж; Перевод Мохсен Саласи. –Тегеран, 1374. -С. 829.


**ИСЛЕДОВАНИЕ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАН ТРЕТЬЕГО МИРА**


Исследования относительно безопасности стран третьего мира на сегодняшний день уделяют внимание таким вопросам, как концепция безопасности в странах третьего мира, безопасность относительно стабильности режима, неэффективность методов Запада в изучении безопасности стран третьего мира.

Создание теории и исследований безопасности, касающихся стран третьего мира зародилось во времена холодной войны, основой для данной деятельности послужили исследования безопасности реалистов и их адаптация под проблемы стран третьего мира. Статиья посвящена данной теме.



**Ключевые слова:** страны третьего мира, реализация государственной безопасности, национальная безопасность, безопасность режима, и национальная безопасность. Существующие режимы в странах третьего мира, как правило, вопросы безопасности стран третьего мира.


**PROBING THE SECURITY OF OTHER COUNTRIES OF THE THIRD WORLD**


A study on the safety of third world countries today pay attention to such issues as the concept of security in the third world countries, the security of the relative stability of the regime, inefficient methods of the West in the safety of third world countries.

Creation of the theory and security studies concerning the third world countries originated during the cold war, the basis for this activity served as a security research realists and their adaptation to the problems of the third world countries. Статиья devoted to this topic.



**Key words:** third-world countries, the implementation of state security, national security, security mode, and national security. Existing regimes in the third world countries, as a rule, the security issues of the third world countries.



**Сведения об авторе:** ***Косим Сайёди*** - соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


# ТАСВИРИ ЗЕҲНИИ КӮДАКОН ВА НАВҶАВОНОН АЗ ТЕЛЕВИЗИОН


***Илоҳӣ Космоӣ***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Коммуникативная компетенция определяется, как творческая способность студентов пользоваться инвентарем языковых средств, который складывается из знаний и готовности к их адекватному использованию [8].

Коммуникативный подход к изучению русского языка требует особого подхода к развитию связной устной и письменной речи, который состоит в том, что нельзя «развивать речь вообще», а следует сосредоточиться на определенных разновидностях устной и письменной речи. При этом необходимо:

знать: 1. понятие текста и его структуры; 2. понятие стиля, виды стилей и их особенности; 3. способы и средства связи предложений в тексте; 4. определение абзаца и знание его функций; 5. понятие стилистической окраски слова и его текстообразующей функции; 6. определение диалога и монолога; 7. способы передачи чужой речи; 8. определение прямой и косвенной речи; 9. особенности строения делового повествования.

уметь: 1. владеть продуктивными навыками различных видов устной и письменной речи; 2. читать тексты изучающим чтением, владеть отдельными приемами ознакомительного чтения; 3. выделять в тексте ключевые слова; ставить вопросы к тексту; 4. составлять план текста; 5. составлять устный развернутый ответ и пересказ текста; 6. делать сообщение на лингвистическую тему; 6. писать изложение научно-учебного текста; 7. писать сочинение-повествевание на лингвистическую тему; 8. отвечать на вопросы учебника; 9. вести диалог; 10. владеть этикетными средствами языка; 11. описывать речевую ситуацию на основе текста, рисунка; 12. определять свои коммуникативные удачи (неудачи); 13. формировать явно (вслух), неявно (про себя) коммуникативное намерение; 14. ориентироваться в ситуации общения, учитывая адресат; 14. анализировать, оценивать; аргументировать свой ответ; 15. создавать собственные тексты; 16. редактировать текст; 17. пересказывать текст; 18. определять художественный стиль речи; 19. различать широкие и узкие темы; 20. читать тексты изучающим чтением; 21. выполнять задания к свободным диктантам, к изложениям; 22. писать аннотацию и отзыв;

23. находить и устранять повторы - недочеты; 24. использовать в письменной речи особенности частей речи, синтаксических конструкций [254, с. 3].

Основными задачами формирования коммуникативной компетенции являются: формирование функциональной грамотности студентов, формирование продуктивных навыков и умений в различных видах устной и письменной речи, формирование у студентов «общелингвистической компетентности», что необходимо для успешного овладения другими предметами [254, с.4].

Компетентностный подход к обучению русскому языку в вузе предусматривает формирование не только лингвистической (языковой), но и коммуникативной (речевой) компетенции студентов-таджиков, связанной с овладением всеми видами речевой деятельности, а также с культурой устной и письменной речи, правилами и способами использования языка в разных сферах общения.

Социальный заказ современной системе высшего образования предполагает подготовку специалиста, стремящегося к максимальной реализации своих возможностей, открытой для восприятия нового опыта, способной на осознанный и ответственный выбор в жизненных различных ситуациях. Необходимо, прежде всего, научить студента решать языковыми средствами те или иные коммуникативные задачи в разных сферах и ситуациях общения, то есть сформировать у него коммуникативную компетенцию, и на ее основе обеспечить эффективное формирование профессиональных компетенций.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ремнёва М.Л. Примерная программа дисциплины «Русский язык и культура речи». // Университетская книга, 2000. № 7. - С. 28.
2. Александрова О.А. Проблема воспитания речевой (коммуникативной) культуры в процессе обучения русскому языку // Русский язык. - 2006. - №3. - С. 4-6.
3. Гальперин П.Я. Поэтапное формирование умственной деятельности. - М.: МГУ, 1965.
4. Александрова О.А. Проблема воспитания речевой (коммуникативной) культуры в процессе обучения русскому языку // Русский язык. - 2006. - №3. - С. 4-6.
5. Ладыженская Т.А., Ладыженская Н.В. Урок риторики // Образовательная система «Школа 2100». Педагогика здравого смысла. Сборник материалов. /Под научной редакцией А.А. Леонтьева. - М: Баласс, Издательский Дом РАО, 2003.


**ВЗАИМОСВЯЗЬ ПРОЦЕССА ФОРМИРОВАНИЯ НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ С ПРОФЕССИОНАЛЬНЫМИ КОМПЕТЕНЦИЯМИ СТУДЕНТОВ-ТАДЖИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ**


Современное развитие общества предъявляет новые требования к выпускникам вузов и соответственно к качеству образования, которые будут реализовываться через формирование у студентов ключевых компетенций. Благодатной почвой для формирования основных компетенций, к числу которых можно отнести и коммуникативную компетентность, является языковое образование, которое в настоящее время относится к числу наиболее актуальных вопросов образования. Поэтому так важно его содержание, тот научный багаж, фундамент знаний, который должен войти в мировоззрение нового поколения, стать основой его деятельности в современном информационном обществе, в основе которого лежит коммуникация.



**Ключевые слова:** коммуникативная компетентность, языковое образование, лингвистическое образование студентов, лингвистическое просвещение, развитие лингвистической культуры.


**CORRELATION BETWEEN THE PROCESS OF FORMATION OF THE SCIENTIFIC OUTLOOK WITH PROFESSIONAL COMPETENCES OF STUDENTS-TAJIKS IN THE PROCESS OF LEARNING THE RUSSIAN LANGUAGE**


Modern society imposes new requirements to graduates of universities and accordingly to the quality of education that will be implemented through the formation of competences. Fertile ground for the formation of key competencies, which may include and communicative competence, is language education, which currently belong to the most urgent issues of education. So the importance of its content, the scientific baggage, the Foundation of knowledge that needs to go into the worldview of the new generation, become the basis of its activities in the modern information society, which is based on communication.



**Key words:** communicative competence, language education, linguistic education of students linguistic education, the development of linguistic culture.



**Сведения об авторе:** ***И.Т.Касымова*** – кандидат педагогических наук, проректор по воспитательной работе ТГИЯ им.С.Улугзаде, Телефон: **918-50-63-19**


# ТАЪСИРИ ҲУШИ ҲАЯҶОНӢ БАР ПАРХОШГАРИИ КӮДАКОН


***Алии Шикориёни Язд***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Ҳаяҷонҳо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи инсон будааст, зеро дар ҳар талош ва дар ҳар иқдоми муҳимми башарӣ, ба тарикe нақш доранд. Пешрафтҳои ахир дар заминаи равоншиносии саломатӣ, беҳдошти равон ва тиббӣ рафтори нақши ҳаяҷонро дар саломатӣ ва бемории инсонҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст.

Ибораи ҳуши ҳаяҷонӣ ибтидо дар соли 1985 тавассути Вин Пин матраҳ ва тавассути Даниел Гулман дар соли 1995 маҳбубият ёфт. Бештарин пажӯҳишҳо дар ин замина тавассути Питер Соловей ва Ҷон Моер дар даҳаи 90 сурат гирифтааст. Модели Соловей-Моер, ҳуши ҳаяҷониро ба сурати зарфияти дарки иттилооти ҳаяҷонӣ ва вуҷуди истидлол ҳангоми ҳаяҷон таъриф мекунад. Дар ин замина аввалин бор аз истилоҳи ҳуши ҳаяҷонӣ дар поённомаи доктории Вин Пин дар борaи мутолиаи ҳаяҷон бо унвони рушди ҳуши ҳаяҷонӣ, истифода шуд. Пин ин назарияро

мунташир накард, бинобар ин, аз мақолаи мунташиршудаи Ҷон Моер ва Питер Соловей маъмулан ба унвони аввалин мақолаи мунташиршудае, ки ин истилоҳро ба кор бурдааст, ном мебаранд. Ҳамчунин китоби пурфурӯши Даниел Гулман дар бораи ҳуши ҳаяҷонӣ, аввалин ҷараёни алоқаи расонаӣ ба ҳуши ҳаяҷониро барангехт ва баъд аз он шоҳиди рушди мақолот дар ин замина дар маҳфилҳои илмӣ ва умумӣ мебошем.

Ёфтаҳо дар хусуси донишомӯзони осебзо, ҳамчун пархошҷӯй, осебпазир, ҳамчунин онҳое, ки тарки таҳсил мекунанд, нишон медиҳад, ки ҳарду гурӯҳ дар хусусияти ҳуши ҳаяҷонӣ амалкарди нокоромаде доранд ва баёнгари тавоноии поини онҳо дар муқобила бо стрессҳо ва созгорӣ дар робитаҳои байнифардӣ ва дарунфардӣ, ки аз муаллифаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ аст, мебошад. Ҳамчунин дар пажӯҳишҳои анҷомшуда тавассути Карамӣ дар соли 2001 ва Накдӣ ва ҳамкорон дар соли 2010 дар хусуси асарбахшии омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ бар пархошгарии кӯдакони писар нишон дод, ки омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ бар коҳиши пархошгарӣ таъсири мусбате дошта, дар муқоиса бо гурӯҳи гувоҳ пархошгаре дар онон коҳиши қобили таваҷҷуҳе пайдо намуд.

Ҳуши ҳаяҷонӣ маҷмӯаи густардае аз маҳоратҳо ва хусусиёти фардиро дар бар гирифта, маъмулан ба он даста маҳоратҳои дарунфардӣ ва байнифардӣ итлоқ мегардад, ки фаротар аз ҳавзаи мушаххас аз донишҳои пешин, ҳушбахр ва маҳоратҳои фаннӣ ё ҳирфаӣ аст. Ҳуши ҳаяҷонӣ аз охирин мабҳасҳои мутахассисин дар хусуси дарки тамоюзи байни мантиқ ва ҳаяҷон буда, фикру ҳаяҷон ба унвони мавзӯоте барои созгорӣ ва ҳушмандӣ талаққӣ шудааст. Имрӯз яке аз мабҳасҳои мавриди алоқаи умум ҳуши ҳаяҷонист ва аз назари илмӣ ҳам таҳқиқоти густардае дар ин хусус анҷом шудааст. Он чи аҳамияти ин мавзӯъро афзоиш медиҳад, таъсири ин маврид дар назорати мантиқии зиндагии ҳаяҷонӣ ва ҳидояти ҳаяҷонҳо дар масири муваффақият аст. Ибораи ҳуши ҳаяҷонӣ ибтидо дар соли 1985 тавассути Вин Пин матраҳ ва тавассути Даниел Гулман дар соли 1995 маҳбубият ёфт. Мунокишоти бисёре дар бораи таърифи ҳуши ҳаяҷонӣ ҳам аз назари мафҳумӣ ва ҳам аз назари амалиётӣ вуҷуд дорад. Аввалин кӯшиши баамаломада барои таърифи ҳуши ҳаяҷонӣ тавассути Соловей ва Моер ба ин сурат мебошад: «Тавоноии шиносоии эҳсосот ва ҳаяҷонҳои худ ва дигарон ва тамоюз байни онҳо, истифода аз ин иттилоот барои ҳидояти тафаккур ва рафтори фард».

Бар асоси тавофуқи бештари соҳибназарон хашм яке аз ҳаяҷонҳои инсон аст, ки дар ин замина мутолиоти зиёде сурат гирифтааст. Дар хусуси хашм таърифҳои гуногуне ироа шуда, ироаи таърифе, ки мавриди тавофуқи ҳамагон бошад, душвор аст. Зеро замону иллат ва наҳваи вокуниши афрод ба он комилан мутафовит аст. Аммо дар ҳамаи ин таърифҳо ва суҳбатҳо дар хусуси хашм ду нуктаи муштарак мушоҳида мегардад. Аввал ин ки, иллати аслии хашм таҳдидҳову нокомиҳо ва монеаҳои мавҷуд дар расидан ба ҳадафҳо аст. Дуюм ин ки, хашм ба дифоъ, ҷанг ва таъриб мунҷар мегардад ва мумкин аст оқибатҳои ногуворero дар ҷомеа ба вуҷуд оварад.

Дуруст аст, ки хашм як ҳаяҷони беҳинҷор аст, вале наҳваи канор омадан ва назорати он барои мо хеле муҳим аст. Мумкин аст иддае бо хашм аз сабки муқобилаи саркӯбгарона истифода кунанд, ки мунҷар ба мушкилоти ҷисмӣ ва иҷтимоӣ гардад. Стресси равоншиносӣ, пуртанишӣ ва нороҳатиҳои баданӣ аз мушкилоти ҷисмӣ ва эҳсоси дармондагӣ, танҳоӣ ва инзиво аз ҷумла пайомадҳои иҷтимоии хашм аст. Ҳамчунин хашм иртиботи байни афродро барҳам зада, бар намунаҳои рафторӣ ва тафаккур таъсир мегузорад.

Дар хусуси назорат ва маҳори хашм, мутахассисон ҳуши ҳаяҷониро ироа медиҳанд, ки дорои як намунаи мусбат дар равоншиносӣ аст, ва монанди сойири моделҳои мусбат дорои пайомадҳое аст, ки сабаб мешаванд, ки мо ба муроқибат аз саломатии ҷисмӣ ва равонии худ фаъолиятҳои пешгиронае анҷом диҳем ва мудохилаҳои муассир дар мадорису ҷомеаҳо ва созмонҳо дошта бошем. Бо таваҷҷуҳ ба асароти зиёнбори адами назорат ва маҳори мантиқии хашм ба саломатии ҷисмӣ ва равонии фард, робитаҳои иҷтимоӣ ба назар мерасад. Бо омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ кӯдакон ва навҷавонон метавонанд маҳорати назорати хашмро барои зиндагии худ касб намоянд ва дар ҷараёни зиндагӣ аз он ёрӣ гиранд.

**Омилҳои ташкилдиҳандаи ҳуши ҳаяҷонӣ.** Гулман дар ташреҳи ҳуши ҳаяҷонӣ ҷойгоҳи нисбатан васеътаре барои ҳуш қоил шуда, муътақид аст, ки ҳуши ҳаяҷонӣ аз панҷ омил ташкил шудааст:

1. Шинохти отифаҳо ва эҳсосоти худ. Худогоҳии ҳаяҷонӣ ва ташхиси ҳар эҳсос ба ҳамон сурате ки бурӯз мекунад, санги бинои ҳуши ҳаяҷонӣ аст ва тавоноии назорат бар эҳсосот дар ҳар лаҳза дар касби биниши равоншинохтӣ ва идроки хештан нақши таъйинкунанда дорад.

Нотавонӣ дар ташхиси эҳсосоти дуруст, моро дучори сардаргумӣ мекунад. Афроде, ки нисбат ба эҳсосоти худ итминони бештаре доранд, беҳтар метавонанд зиндагии худро ҳидоят кунанд.

2. Мудирияти отифаҳо ва эҳсосот. Тавоноии мудирияти эҳсосоти худ бар эҳсоси худогоҳӣ мубтанӣ аст. Афроде, ки дар ин тавоноӣ заиф ҳастанд, доиман бо эҳсоси ноумедӣ ва афсурдагӣ даст ба гиребонанд, дар сурате ки афроде, ки аз чунин тавоноӣ бархурдоранд, беҳтар метавонанд мушкилот пушти сар бигузаронанд.

3. Худангехтагӣ. Барои атфи таваҷҷуҳ худангехтагӣ, тасаллуте бар худ ва офаринандагӣ лозим аст, то фармони ҳидояти ҳаяҷонҳоро ба даст гиред. Хештандории отифӣ ба таъхир андохтани комравосозӣ ва фурӯ нишондани

таконишҳои зербинои ҳар пешрафте аст. Афроди дорои маҳорати худангехтагӣ воҷиди тавоноии ғарқа шудан дар кор ҳастанд, ки анҷоми ҳар нав фаъолияти чашмгирро муяссар мегардонад.

4. Шинохти отифаҳо ва эҳсосоти дигарон. Ҳамдилӣ тавоноии дигарест, ки мубтанӣ бар худогоҳии отифӣ аст. Афроде ки аз ҳамдилии бештаре бархурдор ҳастанд, ба аломатҳои иҷтимоии зарифе, ки баёнгари ниёзҳо ва тамоюлоти дигарон аст, бештар таваҷҷуҳ мекунанд. Ин тавоноӣ ба афрод кӯмак мекунад, ки дар зиндагии иҷтимоии худ муваффақтар бошанд ва дар ҳирфаҳое, ки ба ҳамдилӣ ва дарки мутақобили дигарон ниёз доранд, монанди муаллимон, фурӯшандагон ва мудирият муваффақтар бошанд.

5. Мудирияти иртиботот. Бахши муҳиме аз ҳунари барқарории иртибот, ба маҳорати мудирияти отифаҳои дигарон марбут мешавад. Инҳо маҳоратҳое ҳастанд, ки маҳбубияти роҳбарӣ ва асарбахшии байнифардиро тақвият мекунанд. Чунин афроде аз ҳар он чи ба куниши мутақобили хуб бо дигарон бозмегардад, бархурдоранд.

Албатта, афрод аз назари тавоноӣ дар ҳар як аз ин ҳиттаҳо бо якдигар тафовут доранд. Барои мисол мумкин аст мо дар канор омадан бо изтиробҳои худ комилан муваффақ бошем, вале дар таскини ноороми дигарон чандон коромад набошем. Бидуни шак зербинои аслии тавоноиҳои мо, асабист. Валекин мағз ба тарзи чашмгире шаклпазир аст ва ҳамвора дар ҳоли ёдгирист. Бинобар ин, заъфи афрод дар маҳоратҳои ҳаяҷониро метавон ҷуброн кард ва ин яке аз тафовутҳои аслии ҳуши ҳаяҷонӣ бо ҳушбахр аст ва яке аз имтиёзоти ҳуши ҳаяҷонӣ ҳамин иктисобӣ будани он аст. Аз ин рӯ, ба осонӣ қобили ёдгирӣ, такомул, беҳбуд ва ислоҳ аст.

**Ҳаяҷони хашм.** Таҳқиқоти равоншинохтӣ аз нимаи дуюми қарни XX ба баъд ҷаҳиши умдае доштааст. Аз соли 1980 ба баъд ҳаяҷонот ба унвони яке аз меҳварҳои асосӣ дар заминаҳои мухталиф чун ангезиш, таомулоти иҷтимоӣ, худтанзимгарӣ, саломати равонӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Аз диди суннатӣ ҳаяҷонот бештар ба унвони омили эҷодкунандаи ихтилол дар рафтори созишӣ маҳсуб мешуданд. Аммо аз соли 1980 ба баъд нигариш нисбат ба ҳаяҷонот тағйири асосӣ ёфтааст. Ҳарчанд нақши барангехтагии ҳаяҷонӣ дар ихтилолҳои рафторӣ ҳамчунон мадди назар аст, вале фаротар аз он ҳаяҷонот омил ва унсури асосии рафтори созишӣ маҳсуб мешавад. Ҳаяҷонот метавонанд рафторро фаъол сохта, онро ҳидоят кунанд ва ё мумкин аст бо рафтори бархоста аз ангезиш ҳамроҳ бошанд. Дар дунёе, ки башар дар он зиндагӣ мекунад, муҳаррикҳои зиёде аст, ки сабаби фарохонии ҳаяҷонот мешаванд. Ҳаяҷоноте монанди шодӣ, андӯҳ, тарс, тааҷҷуб ва хашмро дар инсонҳо ба равшанӣ дидаем. Агар мо хашмгин мешавем, дар мо ангезише ба вуҷуд меояд, ки ба сабки пархошгаронае амал кунем ва ҳатто дар шароити хашми шадид мумкин аст бархе аз аъмол низ фаро хонда шаванд ва мо ба таври мисол хашми худро бо лагад задан ба чизе ҷо ба ҷо кунем.

**Ҳушбахр ва ҳуши ҳаяҷонӣ.** Ҳуши ҳаяҷонӣ ва ҳушбахр қобилиятҳои мутаззод нестанд, балки бо ҳам тафовут доранд. Алорағми ақидаи роиҷ, афроде, ки дорои ҳушбахри боло ва ҳуши ҳаяҷонии поин ва ё баръакс бошанд, нисбатан нодиранд.

Ҷек Блэк равоншиноси Донишгоҳи Беркли бо истифода аз меъёре, ки комилан шабеҳи ҳушбахр ва шомили қобилиятҳои асосии ҳаяҷонӣ ва иҷтимоӣ аст, ба муқоисаи афроде, ки ҳушбахри боло доранд ва афроде, ки дорои ҳуши ҳаяҷонии болое ҳастанд, пардохта, тафовутҳои онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Фарде, ки сирфан аз назари ҳушбахр дар мартабаи болое қарор дорад, аммо фоқиди ҳуши ҳаяҷонӣ аст, дарвоқеъ крикатура аз як одами хирадманд аст, ҳамчун фарде, ки дар қаламрави зеҳн чира аст, вале дар дунёи шахсии хеш заиф аст. Афроде, ки аз ҳуши ҳаяҷонии қавӣ бархурдоранд, шоду сарзиндаанд ва ҳеҷ гироише ба тарс ё нигаронӣ надоранд. Эҳсосоти худро ба хубӣ баён мекунанд, аз назари иҷтимоӣ мутаодил мебошанд ва дар бораи худ мусбат меандешанд. Онон зарфияти чашмгире барои тааҳҳуд, пазириши масъулият ва қабули чаҳорчӯби ахлоқӣ доранд ва дар робитаҳои худ бо дигарон бисёр дилсӯз ва бомулоҳизаанд ва дар зиндагии отифӣ аз муҳити ғаниву муносиб бархурдоранд. Онон ҳамчунин бо худ, дигарон ва дунёи атрофи худ бисёр роҳат бархӯрд мекунанд.

Ҳар фард ҳар андоза дорои ҳуши ҳаяҷонӣ ё ҳушбахр бошад, ба ҳамон андоза аз хусусиёти муртабит бо он баҳраманд хоҳад буд. Бо ин ҳама аз миёни ин ду ҳуши отифӣ бисёр бештар аз ҳушбахр хусусиётеро дар ихтиёри мо қарор медиҳад, ки бо кӯмаки он метавонем чеҳраи инсониамонро комилтар кунем.

**Ҳуши ҳаяҷонӣ ва осебҳои иҷтимоӣ.** Яке аз омилҳои муассир дар осебҳои иҷтимоӣ ҳуши ҳаяҷонӣ аст. Таҳқиқот нишон додааст, афроде ки дорои ҳуши ҳаяҷонии болотаре ҳастанд, мизони инҳирофоти иҷтимоӣ монанди пархошгарӣ, эътиёд ба машрубот ва маводи мухаддир дар онон камтар аст. Илова бар ин, таҳқиқот нишон додаанд, ки омили аслии талоқ дар ҳамаи фарҳангҳо, аз ҷумла дар фарҳанги мо, набудани ҳамоҳангии эҳсосӣ ва отифаҳои муштарак байни зану шавҳар аст. Ва ин тафовут дар дидгоҳҳои эҳсосӣ, ҳаяҷонӣ ва отифӣ ағлаб реша дар кӯдакии афрод ва робитаҳои онон бо волидайни худ ва ҳамчунин навъи тарбияти эҳсосӣ ва отифӣ, ки ба сурати суннатӣ барои духтарон ва писарон эъмол мешавад, дорад. Бинобар ин, бо ироаи тадбирҳо ва роҳкорҳо дар заминаи афзоиши ҳуши ҳаяҷонӣ, метавон аз бисёре аз осебҳои иҷтимоӣ пешгирӣ кард. Шаклгирии аҷзои ҳуши ҳаяҷонӣ, ибтидо дар солҳои аввали зиндагии кӯдак анҷом мегирад, агарчи шаклгирии ин зарфиятҳо дар хилоли солҳои мадраса низ идома пайдо мекунад. Тавоноиҳои ҳаяҷоние, ки кӯдакон баъдҳо дар зиндагӣ касб мекунанд, дар пояи ин

омӯхтаҳои солҳои аввал қарор дорад ва ин тавоноиҳо мабнои эҳсосии тамоми ёдгириҳост.

Дар мавриди ин ки метавон ҳуши ҳаяҷониро афзоиш дод ё не, назарияҳои мухталифе вуҷуд дорад. Вале он чи ба сароҳат метавон бар он таъкид кард, ин аст ки ҳатто агар натавон ҳуши ҳаяҷонии афродро тағйир дод, шояд битавон ба афрод маҳоратҳои ҳаяҷониро омӯзиш дод ва ба маълумоти онҳо дар ин замина афзуд.

Таърифи амалиётии вожаҳо:

1. ***Ҳуши ҳаяҷонӣ.*** Шинохти эҳсосоту отифаҳои худ, мудирияти он ва шинохти отифаҳову эҳсосоти дигарон ба манзури мудирияти иртиботот.

2. ***Ҳушбахр.*** Нумрае, ки аз озмуданӣ бар асоси як озмуни ҳушии стандарт ба даст меоварад ва ҳосили он синни ақлии озмуданиро мушаххас карда, натиҷаи тақсими синни ақлӣ бар синни тақвимии фард ҳушбахри вайро месозад.

3. ***Пархошгарӣ.*** Амали огоҳона дар ҷиҳати осеб задан ба худ ё дигарон.

**Баҳсу натиҷагирӣ.** Бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои манфии адами назорат ва ибрози хашм, омӯзиши мудирияти назорат ва ибрози хашм ба сурати як ниёз барои беҳбуди равобити байнифардӣ ва осоиши башар табдил шуда, барои дурӣ аз осори зиёнбори хашм мутолиоти зиёде сурат гирифтааст, ки нишондиҳандаи осори мусбати ин мудохилаҳост. Акнун назорати хашм дар марказҳои ҳадамоти тавонбахшӣ, дармонӣ ва мадрасаҳо ба яке аз мавзӯоти дарҳурӣ таваҷҷуҳ табдил шудааст.

Дар пажӯҳише, ки тавассути Карамӣ ва ҳамкорон дар соли 2011 дар хусуси асарбахшии омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ бар пархошгарии навҷавонони писар сурат гирифт, нишон дод, ки гурӯҳи озмоиш, ки ба муддати 10 ҷаласаи яксоатаи таҳти омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ қарор гирифтанд, нисбат ба гурӯҳи назорат, ки омӯзише дарёфт накарда буданд, пархошгарӣ дар онон коҳиш дошт.

Ҳамчунин пажӯҳиши Накдӣ, Адиби Род ва Нуронипур дар соли 2010 нишон дод, ки омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ бар коҳиши пархошгарӣ таъсири мусбате дорад. Ҳамчунин додаҳо ҳокӣ (нишондиҳанда) аз он буд, ки омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ бар пархошгарии физикӣ, пархошгарии каломӣ ва хашм таъсир дошт, вале хусуматро дар донишомӯзон коҳиш надод. Ҳамчунин пажӯҳиши Садрӣ ва Акбарзода дар соли 2008 нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳоратҳои иҷтимоӣ-ҳаяҷонӣ бар хурдамикёсҳои худогоҳӣ, робитаҳои байнифардӣ, инъитофпазирӣ дар баробари тағйир, ҳалли масъала, тасмимигирӣ ва тавоноии ҳамдилӣ таъсири мусбат доштааст. Ҳамчунин натиҷаҳои пажӯҳиши Навидӣ ва Бурҷалӣ дар соли 2007 нишон медиҳанд, ки иҷрои як барномаи омӯзиши назорати хашм бар маҳоратҳои худназмдиҳии хашми писарони дабиристон таъсири мусбат дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба мутолиот ва таҳқиқоти анҷомёфта дар хусуси рушди ҳуши ҳаяҷонӣ ва талош дар ҷиҳати мудирияти ҳаяҷонҳо бештари таҳқиқот осори мусбати мудохилаҳо дар назорати хашмро нишон медиҳанд. Ҳамчунин натиҷаҳои арзишёбии барномаҳои омӯзиши мудирияти хашм ба василаи соири пажӯҳишгарон ва мутахассисон дар ҳавзаҳои мухталифи беҳдошту дармон ва таълиму тарбият умуман навидбахш ҳастанд.

Ҳарчанд марҳилаҳои рушд ва хусусиёти рушдӣ зиёд тағйир накардаанд, вале омилҳои фарҳангӣ, иҷтимоии муассир бар зиндагии кӯдакон ва навҷавонон хеле тағйир кардааст. Кӯдакон ва навҷавонон бояд бо пастубаландиҳои рушд, ки маъмул ҳастанд, канор биоянд. Илова бар он, мумкин аст кӯдакон ва навҷавононе бошанд, ки бо фақр, талоқ, издивоҷи муҷаддади волидайн, марги волидайн ва ҳаққкӯшӣ ва зулм даргир бошанд. Пас рушд ва тавсеаи ҳуши ҳаяҷонӣ метавонад кӯдакон ва навҷавононро дар мувоҷеҳа бо ин омилҳо ёрӣ диҳад. Муаллимону мушовирон ва дигар дастандаркорон бояд ҳатто аз давраи ибтидоӣ дар ин амр ҳиммат гуморанд ва онро ба давраҳои баъдӣ мавкул накунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба матолибе ки ироа гардид, иҷрои барномаҳои омӯзишӣ ҳамқадам бо талош барои рушди ҳамаҷонибаи фарзандони кишварамон эҷод мекунад, ки мо дар ҷиҳати рушди маҳоратҳои иҷтимоии онон барномарезии муназзаме дошта бошем. Рушд ва тавсеаи ҳуши ҳаяҷонӣ ва барномаҳои мудавван дар ин замина метавонад фарзандонамонро дар канори касби илм ба афроде табдил намояд, ки битавонанд дар канори ҳам бо осудагии хотир ва ба дур аз ҳар гуна ноороҳатии ҷисмӣ, рӯҳӣ ва равонӣ зиндагӣ кунанд ва бо таомулоти мантиқӣ ҷомеаи солим ва амн дошта бошанд.

## АДАБИЁТ


1. Даниел Гулман. Ҳуши ҳаяҷонӣ, худогоҳии ҳаяҷонӣ, хештандорӣ, ҳамдилӣ ва ёрӣ ба дигарон./ Даниел Гулман; Тарҷумаи Насрини Порсо. –Теҳрон: Рушд, 2004.
2. Меҳроби Алӣ. Таъсири омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ бар мизони созгорӣ дар духтарони фирорӣ./ Меҳроби Алӣ. //Маҷаллаи улуми тарбият ва равоншиносӣ. -№21. -2005. -С.32.
3. Кимиёӣ Саидалӣ. Омӯзиши ҳуши ҳаяҷонӣ ва асарбахшии он дар коҳиши пархошгарии навҷавонони пархошҷӯӣ. / Кимиёӣ Саидалӣ, Муҳаммадризо Рафтор, Отифаи Султонифар. Пажӯҳишҳои равоншиносии болинӣ ва мушовира, 2011.
4. Аҳадӣ Ҳасан. Ҳуши ҳаяҷонӣ. / Аҳадӣ Ҳасан, Зуҳраи Рофезӣ. Рӯзномаи «Офариниш». 03.10.2008.
5. Bar-On R. The Bar-On Emotional Quotient Inventory (EQ-i): Rationale, description and psychometric properties. In G. Geher (Ed.), *Measuring emotional intelligence: Common ground and controversy*. Hauppauge, NY: Nova Science. 2004.
6. Bar-On R. The Bar-On model of emotional-social intelligence (ESI). Psicothema, *18* , *supl.*, 13-25, 2006.
7. Butler C.J., & Chinowsky P.S. Emotional intelligence and leadership behavior in construction executives. *Journal of Management in Engineering, 22(3),* 119-125, 2006.
8. Abdullah C.A. Contribution of emotional intelligence, coping, social Adjustment, and academic achievement amongst Fresh students in the university. PHD thesis. Available at www. Yahoo. Com 2008.

9. Alegre A., & Benson M. Parental behaviors and adolescent adjustment mediation via adolescent trait emotional intelligence. Individual Differences Research, 8(2), pp 83- 96, 2010.
10. Animasahun R. Intelligence quotient, emotional intelligence and spiritual intelligence as correlates of prison adjustment among in mates in Nigeria prison. Journal of Social Sciences, 22 (2): 121- 128, 2010.

**ВЛИЯНИЕ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО ИНТЕЛЛЕКТА НА ДРАЧЛИВОСТЬ ДЕТЕЙ**

Эмоциональное благополучие является одним из базисных качеств жизни человека и его фундамент закладывается в детском возрасте, а следовательно, зависит от окружения ребенка и влияет на его поведение и успешность в жизни. Составляющие эмоционального интеллекта важны и необходимы для внутренней регуляции собственных эмоциональных состояний и для успешого воздействия на внешнюю среду, так как развитие его составляющих способствует личностному росту. В данной статье автор рассматривает влияние эмоционального интеллекта на драчливость детей.

**Ключевые слова:** эмоциональное благополучие, эмоциональный интеллект, влияние эмоционального интеллекта на драчливость детей.

**THE IMPACT OF EMOTIONAL INTELLIGENCE ON ДРАЧЛИВОСТЬ CHILDREN**

Emotional well-being is one of the basic qualities of human life and the Foundation is laid in childhood, and therefore, depends on the child's environment and affects his behavior and success in life. Components of emotional intelligence is important and necessary for the internal regulation of own emotional States and for the successful impact on the environment, since the development of its components contributes to personal growth. In this article the author examines the influence of emotional intelligence on драчливость children.

**Key words:** emotional well-being, emotional intelligence, the effect of emotional intelligence on драчливость children.

**Сведения об авторе:** ***Али Шикориёни Язд*** - соискатель Таджикского национального университета

# НАҚШИ АНГЕЗИШ ДАР ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛӢ

***Отифаи Кошифӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**Эҷоди ҳушёрӣ ва таваҷҷуҳ дар донишомӯзон** Муаллим бо истифода аз тадбирҳои омӯзишӣ метавонад баъд аз эҷоди таваҷҷуҳ ва диққат дар донишомӯзон онро дар сатҳи матлуб ҳифз намояд. Аз сӯи дигар, кам ё зиёд будани алоқаи донишомӯз нисбат ба ёдгирӣ ва омӯхтани мавзӯҳои мухталифи дарсӣ ба таҷрибаи онҳо дар бархӯрд бо ин мавзӯҳо иртибот дорад. Таҷрибаҳои ёдгирии донишомӯзон дар дарсҳои мухталиф вақте ба сурати муваффақиятҳо, ё шикастҳои пай дар пай бошад, сабаби эҷоди тасаввуроте нисбат ба тавоноиҳо дар робита бо ёдгирии мавзӯҳои мухталиф мешавад ва ҳатто ангезаи онҳоро дар робита бо мавзӯҳои мушобеҳ, таҳти таъсир қарор медиҳад.

Агар донишомӯз муътақид бошад, ки дар гузашта дар ёдгирии матолиби мушобеҳ бо матолиби ҷадид муваффақ будааст, бо алоқамандӣ ва диққат ба матолиби ҷадид гӯш фаро дода ва онҳоро меомӯзад. Аммо, агар ба ин эътиқод расида бошад, ки ёдгирии матолиби ҷадид низ монанди ёдгирии матолиби мушобеҳ дар гузашта мунҷар ва шикаст хоҳад шуд, нисбат ба ёдгирии он матолиб аз худ алоқа нишон нахоҳад дод.

Ин ангезаҳои мусбат ва манфӣ ибтидо мушаххас ва маҳдуд ба мавзӯҳои хос дар мактаб ҳастанд. Аммо, бо афзоиши таҷрибаҳои мусбат ё манфӣ, густариш меёбанд ва то он ҷо пеш мераванд, ки тамоми дарсҳоро фаро мегиранд. Агар таҷрибаҳои донишомӯзон аз муҳити мактаб хусусан дар солҳои аввали таҳсилӣ ҳокӣ аз вуҷуди шоистагӣ ва лаёқат дар мактаб бошад, таҷрибаҳои эҳсоси мавқеият ва афзоиши эътимод ба нафс дар солҳои отӣ низ такрор хоҳад шуд.

Чунин фарде қодир хоҳад буд, бо такя бар ин таҷрибаҳои муваффақиятомез дар вақти таҳсил онро ба зиндагии воқеии худ таъмим диҳад ва бе таҳаммули сахтӣ ба бӯҳронҳо, фишорҳо ва стресҳои шадид дар зиндагӣ ғалаба кунад. Ин эҳсос лаёқат ва шоистагӣ, ки дар мактаб омӯхта мешавад, вайро қодир месозад дар ҳалли масъалаҳо аз равишҳои воқеъбинонае истифода кунад. Аз сӯи дигар, таҷрибаҳои шикаст ва адами шоистагӣ тайи солиёни таҳсил дар мактаб дар донишомӯзон эҷоди алоиме аз эҳсоси ҳақорат ва худкамбинӣ ва парешонӣ мешавад ва бар иртибототи онҳо дар дунёи хориҷ аз мактаб низ таъсир мегузорад.

**Пешниҳодҳо барои барангехтан ва ҳифзи таваҷҷуҳ ва алоқа ба ёдгирӣ дар донишомӯзон:**

- Муаллимини гиромӣ ба донишомӯзони худ нишон диҳед, ки ба онҳо алоқа доред ва онҳо ба синфи шумо таалluқ доранд. Исмҳои ононро ёд бигиред.
- Ҳамкории миёни донишомӯзонро бо истифода аз навъҳои Шӯроҳои донишомӯзӣ (таҳсилӣ, беҳдоштӣ) ташвиқ кунед.
- Дар сурати лузум дар шеваи кори худ тағйирот диҳед ва миёни соатҳои дарсии тӯлонӣ ва сахт, фурсати истироҳати кӯтоҳе масалан, як ҳаракати варзишии содаро фароҳам кунед.
- Барои ташвиқи рӯҳи ҳамкорӣ, ҷаласоте барои дар миён гузоштани масъалаҳо ташкил диҳед.
- Арзиши ёдгириро ба донишомӯзон гӯшзад кунед ва маҳдудиятҳо ва зиёнҳои адами ёдгириро ёдовар шавед.

**Таъсири мушавакҳо дар ангеза.** Мушавак омилест, ки дастёбӣ ба он ангезаҳои афродро ирзом намояд. Барои донишомӯзон баҳои хуб ба расидан ба посухи саҳеҳ ҳарду як масъалаи мушавак ба ҳисоб меоянд. Дарвокеъ, мушавакҳо ҳамон тақвияткунандаҳои мусбат буда ва омиле ҳастанд, ки афрод барои дастёбӣ ба он кӯшиш менамоянд. Тақвияткунандаҳои мусбат ба чаҳор даста тақсим мешаванд:

1. Тақвияткунандаи нахустин монанди об ва ғизо, ки дар ҳақиқат ниёзҳои физиологии яке аз мавҷуди зиндаро ирзо мекунад.

2. Тақвияткунандаи шартӣ, монанди пул, баҳо, мақом, шуғл ва ғайра.

3. Тақвияткунандаи иҷтимоӣ монанди таваҷҷуҳ, муҳаббат, таъйид, лабханд задан ва навозиш кардан ва ғайра ҳастанд.

4. Тақвияткунандаи шахсӣ, ки ба он ангезиши дарунӣ низ гуфта мешавад, ки дар ҳақиқат ризоияти хотир ҳосил аз ёдгирӣ ва касбу дониш аз он мавридҳо мебошад.

Ин ангезаҳо ниёзе ба тақвияткунандаҳои мушаххаси хориҷӣ надошта, балки фаъолияти ёдгирӣ ва натиҷаҳои ҳосил аз он, худ асари тақвиятӣ доранд.

Бо таваҷҷуҳ ба тақвияткунандаҳои фавқулзикр ба муаллимин ва волидайн тавсия мешавад, ки дар донишомӯзон ба тадриҷ асари ангезаҳои беруниро кам карда ва мушаваки ангезиши дарунӣ бошанд, то бад-ин тартиб донишомӯзон ёдгириро ба хотири ёдгирӣ ва фаро гирифтани омӯхтаҳои ҷадид анҷом диҳанд, на ба хотири касби мушавакҳои моддӣ ва зудгузар. Ба муаллимин ва волидайни гиромӣ тавсия мешавад, ки ба мавридҳои зер таваҷҷуҳ кунанд:

- Муаллимон аз ироаи матолиби касалкунанда ва истифода аз равишҳои якнавохт, то ҳадди микон худдорӣ карда ва танаввӯъ дар шеваи дарсро риоят кунанд ва аз мутакаллум ва ҳидда будан парҳез намоед.
- Мизони таваҷҷуҳ ва диққати шогирдон ва маънидор будани матолиб, тозагӣ, печидагӣ, ва содагии матолиб нисбати мустақим дорад, бинобар ин, ин амр ҳамроҳ бо тағйир дар рафтори муаллим вақти дарс таваҷҷуҳ ва диққати донишомӯзонро афзоиш хоҳад дод.
- Истифода аз ташвиқҳои каломӣ монанди олӣ, марҳабо, аҳсан пас аз амалкарди дурусти шогирдон сабаби афзоиш ва тақвияти ёдгирӣ мегардад.
- Волидайн ва муаллимин аз баҳои донишомӯзон танҳо ба унвони василае барои додани бозхӯрд ва таваҷҷуҳи ҳарчи бештари онон ба нуқоти заъф ва қути худ ва мизони ёдгирии эшон истифода кунанд, ба унвони василае барои танбеҳ.
- Муаллимон матолиби омӯзишӣ ба сурати мутаволӣ аз сода ба мушкил ироа диҳанд, то дар ибтидо шогирдон дар ёдгирии матолиби сода муваффақият ба даст оваранд ва ангезаи онҳо дар касби ёдгириҳои баъдӣ афзоиш ёбад.
- Муаллимон аз эҷоди рақобат ва ҳам чашме дар байни донишомӯзон худдорӣ варзанд.
- Муаллимон бо истифода аз мисолҳо ва истилоҳоти ошно ва сода, заминаи афзоиши суръати ёдгириро эҷод кунанд.
- Истифода аз баҳсҳои гурӯҳӣ, бозиҳои омӯзишӣ, ифои нақши муроҷиат ба китобхона ва ҷамъоварии иттилоот ва огоҳӣ аз мизони пешрафти худ сабаби афзоиши алоқа ва таваҷҷуҳ дар донишомӯзон мегардад.

Дар интиҳо ёдоварии ин нуктаи муҳим ба назар мерасад, ки эҷоди фазо аз ёдгирӣ бе эҳсоси тарс ва изтироб аз адами муваффақият ва шикаст, ташвиқи донишомӯзон ба изҳори ақидаҳо ва андешаҳои худ ва дар натиҷа, афзоиши ҳисси масъулият ва қабули тавоноиҳо ва шоистагиҳои худ аз умури бисёр муҳим дар фарогирӣ сареътар ва муносибтар аст.

Вуҷуди диққат ва таваҷҷуҳ аз омилҳои муҳим дар фарогирии матолиби дарсӣ аст ва диққат ва таваҷҷуҳи кам сабаби ёдгирии заиф дар донишомӯзон мегардад. Бинобар ин, муаллимон ва мураббиён барои афзоиши сатҳи таваҷҷуҳ ва диққати донишомӯзон, бо тавассул ба тадбирҳо ва равишҳои мухталиф метавонанд таваҷҷуҳи донишомӯзро ба матолиби дарсӣ ҷалб намоянд. Дар ҳақиқат муаллим бояд дар соати дарсӣ нақши як муҳаррикро бозӣ кунад. Маънидод кардани матолиб, печидагӣ ва суҳулат ё сахтӣ ва осонии матолиб ва гуфтаҳо, рафторҳои муаллим аз қабили нигоҳ кардани яксон ва ҳамаро мухотаб қарор додан, кайфияти навиштаҳои муаллим бар рӯйи тахта, ҳама ба таври мустақим таваҷҷуҳ ва диққати донишомӯзонро таҳти таъсир қарор медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Сайф Алиакбар. Равоншиносии парваришӣ. Чопи аввал. –Теҳрон: Огоҳ, 1376.
2. Ритовик Нелсон. Алан Сӣ Изроил. Тарҷумаи Муҳаммадтақии Муншии Тусӣ. –Машҳад: Қудс. 1375.
3. Алберт Горден ва Диблер Ҷонс Эдворд. Равоншиносии иҷтимоӣ аз оғоз то кунун. Тарҷумаи Муҳаммадтақии Муншии Тусӣ. Остони Қутси Разавӣ. -Машҳад: Муовинати фарҳангӣ. 1371.
4. Афрӯз Ғуломалӣ. Чакидае аз равоншиносии тарбиятӣ. Анҷумани Авлиё ва мураббиён. -Теҳрон, 1373.
5. Эдворд Филипс. Тарҳи пурсишнома ва санҷиши нигаришҳо. Тарҷумаи Марзия Каримиён. Остони Қутси Разавӣ. -Машҳад, 1375.
6. Порсо Муҳаммад. Равоншиносии тарбиятӣ. –Теҳрон: Сухан.1374.



**РОЛЬ СТИМУЛИРОВАНИЯ В УЧЕБНО - ВОСПИТАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ**

В данной статье автор рассматривает роль стимулирования в учебно-воспитательном процессе. Так как обучение и воспитание совершаются в едином учебно-воспитательном процессе, для включения ребёнка в полезную для его развития деятельность надо вызвать у него желание к обучению и саморазвитию. Для этого нужна продуманная система стимулирования деятельности детей, которое имеет ключевое значение в успехе учебно-воспитательного процесса.

**Ключевые слова:** стимулирование, мотивация, личностные качества, процесс обучения и воспитания побуждение к деятельности, полезная деятельность, образование положительных качеств.

**THE ROLE OF INCENTIVES IN THE EDUCATIONAL PROCESS**

In this paper the author examines the role of incentives in the educational process. As the training and education performed in a single educational process, for inclusion of the children in useful for its development activities should cause him to desire to learning and self-development. This requires a sophisticated system of stimulation of the activities of children, which is crucial in the success of the educational process.

**Key words:** incentives, motivation, personal qualities, educational process urge to activity, useful activity, formation of positive qualities.

**Сведения об авторе:** ***Отифа Кошифи***- соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# БАРРАСИИ ПАҲЛӮҲОИ НАВОВАРӢ ДАР БАРНОМАИ ДАРСИ ЗАБОНОМӮЗИИ ДАВРАИ ИБТИДОИИ ЭРОН

***Беҳноми Маквандӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
**Донишгоҳи озоди исломии воҳихи Аҳвоз, Эрон**

Забони форсӣ калиди фаҳми матнҳои гуногуни дарсӣ ва ғайридарсӣ ва абзори муҳимми барқарории иртибот бо дигарон аст. Ҳар эронӣ бо ҳар гӯиши мантақаӣ ва хоси худ, аз тариқи забони форсӣ барои ҳифзи ҳувият ва миллияти худ кӯшиш мекунад. Қарнҳост барои ҳама эрониён аз ҳар қавму қабилае масаллам шудааст, ки барои муваффақият дар умури зиндагӣ бояд зимни нигаҳдорӣ ва эҳтиром ба забони модарӣ, барои ёдгирӣ ва тасаллут бар он кӯшиш кард. Бар ҳамин асос, барномаи дарси забономӯзӣ дар миёни дигар барномаҳои дарси давраҳои ибтидоӣ аз аҳамияти бесазое бархурдор аст ва на танҳо дар таҳким ва тасбияти равобити иҷтимоӣ муассир, аст балки ёдгирии ҳамаи мавридҳои дарсӣ ҳамчун риёзӣ, улум, динӣ ва мутолиоти иҷтимоиро осон карда, устуворӣ мебахшад. Низоми омӯзишӣ, бавижа, низоми барномарезии дарсии кишвар масъулияти бисёр сангине барои таҳаққуқи ин аҳдоф ва сиёсатҳои омӯзишӣ дорад. Ба ин манзур, лозим аст барномаи дарси забономӯзӣ ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи масъулон ва барномарезон ва муҷриёни омӯзишӣ қарор гирад. Аз манзари фароянди барномарезии дарсӣ[1].

Ҳамон тавре ки «Бушомб» дар китоби Назарияи барномаи дарсӣ» дар табийни сохтори мафҳуми барномаи дарсӣ гуфтааст, барномаи дарсӣ шомили се бахш, барномарезии дарсӣ, иҷрои барномаи дарсӣ ва арзишёбӣ мебошад. Барномарезии дарсӣ аз се унсур ташкил шудааст, ки дар посух ба саволҳои зер шакл мегирад.

1. Хостгоҳ ё ҷойгоҳи барномаи дарсӣ чист?
2. Кадом қишрҳо дар ҷараёни барномарезии дарсӣ ширкат мекунанд?
3. Дар барномаи дарсӣ то кадом андоза имкони дахолат кардан пешбинӣ шудааст? [2].

Шурт дар соли 1982 дар улгуи пешниҳоди худ, дар посух ба савол ду хостгоҳро мумкин медонад: а) Хостгоҳи ом барои кулли ҷомеа; б) Хостгоҳи хос барои як мактаб. Дар иртибот бо саволи дуюм се навъи мушорикатро мумкин медонад:

а) Мушорикати мутахассисони донишгоҳӣ; б) Мушорикати намояндагони ошно ба муҳит ва шароит; в) Мушорикати баробар ва ҳамоҳанг. Барои саволи сеюм низ се посух медиҳад: а) Устувор дар баробари муаллим; б) Муаллим ба унвони муҷрии фаъол; в) Муаллим ба унвони барномарезии дарсӣ [3].

**1.Ҷойгоҳи барномаи дарси забономӯзӣ.** Ҳарчанд ки барномаи дарси забономӯзӣ бинобар сиёсати ҳифзи ваҳдати миллӣ бояд воҳид ва дорои хостгоҳи хосса бошад, аммо дар барномаи дарсии ҷадид барнома ба гунае созмондеҳӣ шуда, ки манотиқи омӯзишӣ низ метавонанд худро дар он бубинанд, аз соли 1374 ҳ/ш «шӯрои барномарезии забономӯзӣ» бо дар назар гирифтани усули барномарезии дарсӣ саъй карда, то ҳамаи мароҳили тарроҳӣ, иҷро ва арзишёбиро ба таври мантиқӣ дар дастури кори худ қарор диҳад. Ба ҳамин манзур, дар оғоз бо баррасии назароти соҳибназарон, мутахассисон ва муҳаққиқони мухталиф дар заминаи ниёзҳо ва мушкилоти забономӯзӣ ва бо иноят ба марҳалаи ниёзсанҷӣ, заруратҳои тағйири барнома мушаххас гардид, то барои муроҷиаткунандагони қонуни дуруст, мустанад бошад. Ин барнома ба гунае тарроҳӣ ва созмондиҳӣ шудааст, ки бо шароит ва имконоти манотиқи дузабона ҳамхонӣ дошта бошад.

Дарвоқеъ яке аз намунаҳои навоварӣ дар ин барнома ҳидояти аносири барнома ба сӯи ом шудан ва мутобиқ сохтан ба шароити маҳаллӣ аст.

2**. Ширкат варзидани соҳибназарон ва муаллимон дар барномарезии дарсӣ.** Яке аз ҷилваҳои навоварӣ дар барномаи дарси забономӯзӣ истифода аз имконот ва ҳузури қишрҳои мухталиф дар барномарезӣ ва тавлиди маводомӯзӣ аст. Уламои илму тарбият эътироф доранд барномаҳое эътибор ва қобилияти иҷроӣ доранд, ки дар куллияи марҳалаҳои он аз тарроҳӣ то тавлид ва иҷро муаллимон ва ҳатто донишомӯзон низ мушорикат дошта бошанд. Барномаи дарси забономӯзӣ дар ин замина яке аз барномаҳои муваффақ аст, зеро дар тадвини он, наздиқ ба ҳафтод нафар аз равоншиносон, забоншиносон, мутахассисони адабиёти кӯдак, барномарезони дарсӣ, забономӯзон, мутахассисони забон ва адабиёти форсӣ, технологияи омӯзишӣ, наққошон, хушнависон, шоирони кӯдак ва навҷавонон,

навистандагон ва омӯзгорон ширкат доштаанд. Аз ҳама муҳимтар ин ки барои таълиф низ аз мушорикати муаллимон ва соҳибназарон баҳра гирифташуда аст. Ин амр на танҳо дар барномаи дарси забономӯзӣ, балки дар барномаҳои дарсии дигар ҳам собиқа надоштааст. Ҳузури ҳар чӣ бештари соҳибназарон ва муаллимон на танҳо паҳлӯҳои гуногуни барномаро қувват бахшидааст, балки санади муътабаре барои қазовати наслҳои оянда ба шумор меравад.

3. **Баргаштан ё имкони дахолат варзидан дар барномаи дарси забономӯзӣ.** Дар бархе аносири ин барнома роҳкорҳое барои инъитоф пешбинӣ шудааст. Равишҳои ёддиҳӣ ва ёдгирӣ ба гунае тарҳ шудааст, ки муаллимон метавонанд илова бар равишҳои пешниҳодӣ, аз равишҳои муносиби дигаре низ истифода намоянд; ё дар арзишёбӣ аз муаллимон хоста мешавад барои маҳоратҳои шифоҳии забон бо таваҷҷуҳ ба шароит ва имконоти минтақа ва тавонмандии донишомӯзон ва ба ташхиси худ, баҳои панҷро байни породуксҳои хондан, дарки матлаб мафоҳим, нуктаҳои забонӣ ва адабӣ, маънои калимот ва иборот ва … манзур намоянд [4].

Аз манзари сохтори барномаи дарси забономӯзӣ.

Дар чаҳорчӯби барномаи дарси забономӯзӣ теъдоди аносири монанд рӯйкардҳои барнома, усули ҳоким бар барнома, аҳдофи барнома, равишҳо ва фаъолиятҳои мавриди назари барнома, арзишёбӣ дар барнома, равишҳои нурафканӣ ва… пешбинӣ шудааст, ки барои нишон додани абъоди навоварӣ фақат ба чаҳор унсури аслӣ ишора мешавад:

**1.Рӯйкардҳои барномаи дарси забономӯзӣ.** Соҳибназарони таълим ва тарбият ба таври ом ва барномарезони дарс ба таври хос кӯшиш мекунанд, дар ҳар барномаи дарсӣ, бо дар назар гирифтани маҷмӯаи аз бунёдҳои назарӣ ва илмӣ марбут ба он барнома, нисбат ба фароянди ёддиҳӣ – ёдгирӣ ва паҳлӯҳои мухталифи барнома, ҷиҳатгирии хосе дошта бошанд, ки ба он, рӯйкард ё дидгоҳ мегӯянд[5]. Дар ин барнома чанд рӯйкарди асосӣ мадди назар буда монанди чатре ҳама аносири барнома ва тавлидоти онро таҳти пӯшиш қарор додааст.

- рӯйкарди тафаккурмадор: Дар ин рӯйкард бо такя ба ёфтаҳои мактуб «шинохтгарой» ба тафаккур аҳамияти зиёде дода мешавад. Бар ин асос, барномаи дарсӣ саъй дорад ҳолатҳо ва анвои гуногуни тавоноиҳои зеҳнӣ ва тафаккурро тақвият намояд. Ҳадафи асосии ин рӯйкард парвариши маҳоратҳои фикрӣ, аз қабили истинботи тафаккури интиқодӣ фарзиясозӣ тафаккури қиёсӣ, тафаккури таҳқиқ кардан тафаккури халлоқ ва ..... аст;

Аз он ҷо ки ҳадафи аслии забономӯзӣ, дар дараҷаи аввал, кӯмак ба тақвияти маҳоратҳои фикрӣ аст, ин рӯйкарди асосӣ бояд ҳамвора мадди назари барномарезон бошад. Ба ақидаи равоншиносон ва забоншиносон, тафаккури зеҳнӣ забон аст ва то замоне ки тафаккури одамӣ парвариш наёбад, наметавон иртизор дошт, ки маҳоратҳои айнии забон, яъне гӯш додан, сухан гуфтан, хондан ва навиштан низ парвариш пайдо намуда ва тақвият шавад. Дар ин рӯйкард забономӯз фарде аст, ки фаъолона иттилоотро дасткорӣ мекунад ва бо истифода аз онҳо, батафсир ва фаҳми маъно мепардозад. Нигоҳе ба китобҳои форсӣ «бихонем ва бинависем» ҳоккӣ аз он аст, ки дар ин китобҳо, зимни ташвиқи донишомӯзон ба корбурди амалии маҳоратҳои забонӣ, заминаҳои барои тақвияти маҳоратҳои зеҳнӣ низ фароҳам шудааст. Ин мавзӯъ ҳам дар нигораҳо ва ҳам мутуни фаъолиятҳои гуногуни китоб ба таври айнӣ ба намоиш гузошта шудааст. Дар ин рӯйкард муаллим касест, ки бо ташкили гурӯҳҳои фаъоли донишомӯзӣ дар дарси забономӯзӣ тафаккурро зери назар мегирад ва дар сурати лузум, ононро роҳнамоӣ ва ҳидоят мекунад. Фаъолиятҳои шифоҳии китоб бихонем ва фаъолиятҳои катбии «бинависем» ва аз ҷумла, машқҳои парвариши халлоқият дар навиштан ба ин амр кӯмак мекунад.

- рӯйкарди фаъолиятмадор: Дар ин рӯйкард бо такя бар ёфтаҳои мактаб «рафторгарой», ба иқтисоби қобилиятҳои хосси маҳорате дар абъоди гӯш додан, гуфтан, хондан ва навиштан дар се ҳитташинохтӣ, маҳоратӣ ва нигаришӣ, аҳамият дода мешавад. Барои парвариш амиқӣ тавоноии донишомӯзон дар маҳоратҳои забонӣ интизор меравад, онон дар баробари муҳаррикҳои дидорӣ ва шунидорӣ вокуниши лозимро нишон диҳанд, то ба дараҷаи муайян аз маҳоратҳои забон бирасанд. Масалан, гӯш додан ба суханони муаллим ва ҳамкелосиҳо, тавзеҳ дар бораи нигораҳо, хондани тасовири китоб, посух ба суолоти муаллим, хондани матни дарс, посух ба тамринҳои навишторӣ ва ғ... аз намунаҳое ҳастанд, ки иҳотаи ин рӯйкардро дар барномаи дарси забономӯзӣ нишон медиҳад. Бар асоси ин рӯйкард, забономӯз касест, ки метавонад дар касби қобилиятҳои забонӣ тавфиқ ёбад. Бинобар ин, барномаи дарсӣ ба гунае таррохӣ мешавад, ки аз тариқи машқ ва такрори ҳадафдор қобилиятҳои мавриди интизори барнома ба донишомӯзон мунтақил шавад. Муаллим аз тариқи таррохи омӯзишии хоси забономӯзӣ, донишомӯзонро барои дастёбӣ ба қобилиятҳои забонӣ ёрӣ диҳад. Дар арзишёбӣ аз омӯхтаҳо низ аз омӯхтаҳои мубтанӣ бар меъёр истифода мешавад. Ба ҳамин далел мебинем, ки бахше аз нумраи дарси форсӣ ба фароядҳои тафаккур дар қолаби сиёҳа (чек, лист) ва бахше ба қобилиятҳои забонӣ дар қолаби саволҳои шифоҳӣ ва катбӣ ихтисос ёфтааст;

- рӯйкарди куллимадор (куллӣ): Бо таваҷҷуҳ ба бунёнҳои равоншинохтии ин рӯйкард инсон ҳангоми бархӯрд бо умури ибтидо ба кулли онҳо таваҷҷуҳ мекунад ва сипас ба аҷзои созандаи он кул мепардозад. Бар асоси ин рӯйкард, дар фаъолиятҳои шифоҳии забон, яъне гӯш додан ва сухан гуфтан ва низ хондани матнҳо, чӣ тасвирхонӣ ва чӣ матнхонии ибтидои ҷумла, тасвир ва калима ба донишомӯз ироа

мешавад. Ӯ дар замони кӯтоҳе қодир хоҳад буд, аҷзои ташкилдиҳандаи воҳидҳои бузурги забониро ташхис диҳад ва онҳоро дар амал ба кор гирад.

Дар ин рӯйкард ду равиши асосӣ, ҷумла меҳвар ва вожа меҳвар вуҷуд дорад, ки осори он дар китоб бихонем дида мешавад, ки дар тарроҳӣ ва созмондиҳӣ барномаи дарси забономӯзӣ, барои тақвияи маҳоратҳои гӯш додан, сухан гуфтан ва хондан аз ин рӯйкард истифода шудааст. Ҳамон тавре ки дар китоби «бихонем» дида мешавад, сайри арзаи матолабҳо ҳам дар бахши нигораҳо ва ҳам дар бахши нишонаҳо аз кулл ба ҷуз аст. Дар нигораҳо тасвирҳо ва дар нишонаҳо ҳам тасвирҳо ва ҳам навиштаҳо, ба шакли куллӣ арза шудааст.

**2.Усули ҳоким дар барномаи дарси забономӯзӣ.** Дар куллияи марoҳили барномарезӣ аз тарроҳӣ то таълиди китоб ва маводи омӯзишӣ, маҷмӯаи аз боядҳо (боядҳо ин кор шавад) ва набоядҳо (набояд ин кор шавад) тадвин шудааст, ки ҳамвора роҳнамои барномарезон, муаллифон ва омӯзгорон хоҳад буд. Боядҳо ва набоядҳо, ки таҳти унвони усул матраҳ шудаанд, дар тадвини ҳадафҳо, созмондиҳии муҳтаво, интихоб ва созмондиҳии равишҳо ва шеваҳо, тадвини китобҳои форсӣ соягустар шудаанд, ки бархе аз онҳо ишора мешавад:

- дар барномаи дарси забономӯзии асл бояд бар маҳоратомӯзӣ бошад;
- забономӯзӣ бояд заминасози мутолиаи мустамар дар зиндагии кӯдак бошад;
- сайри омӯзиш бояд аз забони табиии кӯдак ба сӯи забони азхудкунӣ ва огоҳона бошад;
- забономӯзӣ бояд заминасози тақвият ва шукуфоии ҳаллоқият бошад;
- мавзӯот ва матолиб набояд ба як маҳдудаи ҷуғрофиёӣ мунҳасир шавад;
-муҳтавои китобҳои форсӣ бояд бар асоси охирин ёфтаҳои равоншиносӣ, забоншиносӣ ва адабиёти кӯдак бошад;
- дар тамоми сутуҳи омӯзишӣ, хононависӣ бояд мадди назари барнома-нависон, муаллифон ва муаллимон бошад [6].

**3. Ҳадафҳои барномаи дарси забономӯзӣ.** Ҳадафҳои барномаи забономӯзӣ дар ду бахш тадвин шудааст:

а) Ҳадафҳои кулли забономӯзӣ дар давраи ибтидоӣ.

б) Ҳадафҳои кулли забономӯзӣ дар пояҳои аввал то панҷум. Дар ҳар бахш ҳадафҳо дар се ҳавза донишӣ, маҳоратӣ ва нигаришӣ (арзишӣ) табақабандӣ шудаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки забономӯзӣ моҳияти комилан маҳоратӣ дорад, ба ҳавзаи маҳоратӣ беш аз ҳама пардохта шудааст. Маҳоратҳо низ дар чаҳор навъ гӯш додан, сухан гуфтан, хондан ва навиштан маълум шудаанд. Ҳар яке аз ин маҳоратҳо ба нисбати сатҳи донишомӯзон, ба теъдоди пораи маҳорат тақсим шудааст. Дар интихоб ва тадвин ҳадафҳо асли ниёзсанҷӣ, таваҷҷуҳ ба мабонии барномарезӣ (забономӯзӣ, донишомӯз ва ҷомеа) мадди назар будааст.

Илова бар инҳо усули таволӣ, вусъат ва ҷомеият низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, аз пояи ба пояи дигар тартиби мантиқӣ вуҷуд дошта бошад. Намои кулли ҳадафҳо ба тартиби зер аст:

Ҳадафҳои кулии забономӯзӣ дар давраи ибтидоӣ.

1.Маҳоратӣ: - сухан гуфтан; -гӯш додан; - хондан; - навиштан.

2. Отифӣ: -эҷоди алоқа ба баёни эҳсосот, меҳру шафқат; - эҷоди алоқа ва нигарии мусбат ба мутолиа.

**4. Сарфаслҳо ва мавзӯоти муҳтавои барномаи дарси забономӯзӣ.** Муҳтавои дарси омӯзиши забони форсӣ аз бахшҳо ва маводи гуногуне монанди китоби дарсӣ, китоби роҳнамои муаллим, китоби равиши тадрис, кортҳои омӯзишӣ, маводи омӯзиши давраҳои тарбиятии нерӯи инсонӣ, наворҳои савтӣ ва тасвири кӯмакомӯзишӣ ташкил шудааст. Китобҳои форсӣ аз аввал то панҷум, дар ду ҷилд «бихонем ва бинависем» тадвин гардидааст.

Аз вижагиҳои барномаи дарси забономӯзӣ бар хилофи гузашта, таваҷҷуҳи яксон ба ҳар чаҳор маҳорати гӯш додан, сухан гуфтан, хондан ва навиштан аст. Пеш аз ин дар китобҳои форсӣ фақат ба хондан ва навиштан аҳамият дода мешуд, он ҳам ба шакли комилан суннатӣ.

Яъне забономӯзӣ дар рӯхонӣ ва рӯнависӣ аз дарс, имлои суннатӣ ва иншои хориҷ аз дарс хулоса мешуд. Дар ҳоле ки дар ин барнома на танҳо ба тақвияти маҳоратҳои зеҳнӣ ва дарки матлаб аҳамият дода шуда, балки ба намудҳои айнии тафаккур (чаҳор маҳорати забонӣ) ба як мизон таваҷҷуҳ шудааст.

Аз тарафи дигар, медонем, ки инсон дар ҳар марҳала аз зиндагӣ бояд дар гӯш додан ва сухан гуфтан маҳорати кофӣ ба даст оварад, зеро бидуни тасаллут бар ин ду наметавон интизор дошт, ки донишомӯз дар хондан ва навиштан маҳорат пайдо кунад. Илова бар ин, маҳоратҳои гӯш додан ва сухан гуфтан дар ҳукми ду маҳорати шифоҳии забон кӯдакро барои ибрози вуҷуд назди дигарон ва барқарори тафоҳум ва дарки каломи дигарон омодатар месозад, зеро хондан ва навиштан бештар ҷанбаи инфиродӣ дорад ва илзоман мӯҷиби иртибототи рӯ дар рӯ нестанд.

## АДАБИЁТ


1. Қосимпур. Ҳусайн. Забони форсӣ калиди фаҳм ва абзори робита, вижаномаи омӯзиши ибтидоӣ. – Теҳрон: Кӯмакомӯзишӣ, нашри 4, 1381.
2. Меҳр Муҳаммадӣ Маҳмуд. Барномаи дарсӣ. Назаргоҳҳо, рӯйкардҳо ва чашмандозҳо. -Машҳад: Қудси Разавӣ , 1381. -С 240.
3. Дафтари барномарезӣ ва таълифи китоби дарсӣ. Роҳнамои барномаи дарси забономӯзӣ дар давраи ибтидоӣ. -Теҳрон, 1378.
4. Ҷипӣ Миллер. Дидгоҳҳои барномаи дарсӣ. Тарҷумаи доктор Маҳмудмеҳр Муҳаммадӣ. -Теҳрон, 1379, -С 190.

5. Арҷуманд, Заҳро ва дигарон. Китоби муаллим. Раҳнамои тадрис -Теҳрон: Вазорати омӯзиш ва парвариш, 1381, -С 177.
6. Short E): Curriculum Development and Organization. Encyclopedia of Educational research. V.L.- Лондон, 1982.

**РАССМОТРЕНИЕ НОВОВВЕДЕНИЙ В УЧЕБНОЙ ПРОГРАММЕ ПО ИЗУЧЕНИЮ ЯЗЫКА В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ ИРАНА**

В данной статье автор рассматривает учебную программу по изучению родного языка в начальной школе Ирана. Изучение родного языка в начальной школе направлено на развитие речи, мышления, воображения школьников, способности выбирать средства языка в соответствии с условиями общения, воспитания позитивного эмоционально-ценностного отношения к родному языку, его сохранения и совершенствования речи.

**Ключевые слова:** начальная школа, изучение родного языка в начальной школе, учебная программа по изучению родного языка, развитие речи, средства языка.

**CONSIDERATION OF INNOVATIONS IN CURRICULUM FOR THE STUDY OF LANGUAGE IN ELEMENTARY SCHOOL IRAN**

***Behnom Makvandi***

**Department of pedagogy, Ahvaz Branch, Islamic Azad University, Ahvaz, Iran**

In this paper the author examines the curriculum for learning the native language in primary school Iran. Learning the native language in primary school focused on the development of speech, thought, imagination of schoolchildren, the ability to choose language means in accordance with the terms of communication, upbringing positive emotional value attitude to the native language, conserve and improve speech.

**Key words:** primary school, learning the native language in primary school, the curriculum for the study of the native language, development of speech, language means.

**Сведения об авторе:** ***Бехном Макванди*** - соискатель ТГПУ имн. Садриддина Айни, преподаватель Свободного исламского университета города Ахвоз, Иран

# НАҚШИ АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФАИ ПИНДОРГАРОӢ (ИДЕАЛИЗМ) ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ДОНИШИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ

***Маҳмуди Манзарӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**Ҳастишиносӣ ва тарбият дар идеализм.** Иброҳимзода (1995) дар хусуси таъсири ҳастишиносии пиндоргароён дар таълим ва тарбият изҳор медорад, бо таваҷҷуҳ ба тарзи бардошти пиндоргароён аз моҳияти ҷаҳон ва инсон тарбият бояд, ба тадриҷи заминаҳои рушди табиат одамиро, ки рӯҳонӣ ва маънавист, барои расидан ба ҳадафи ҳастиаш, ки иборат аз вобастагии наздик миёни ӯ ва унсурҳои маънавии табиат аст, фароҳам созад.

Ин мавзӯъро Афлотун ба забони дигаре баён карда, мегӯяд, ки рӯҳи одамӣ муҳимтар ва волотар аз тан аст. Рӯҳ, бештар аз он ки ба қолаби тани инсон дарояд, дар ҷаҳони пойдор ва абадӣ, ки ҷаҳони пиндорҳо ё идеалҳо - «мусул» номида мешавад, мезист ва онҳоро мешинохт. Пиндорҳо дар воқеъ, тасвирҳои ростин ва ҳақиқии ҳастиянд.

Муаллими хуб бояд, битавонад дар як ҷараёни маънавӣ ва бо ҳидояти фаъолиятҳои зеҳнӣ шогирдонро ба навоварӣ водор кунад.

Омили муҳими дигар, ки дар тарбияти пиндоргароён аҳамият дорад, ин аст, чун инсонро мавҷуди рӯҳонӣ ва дар натиҷа озод ва дорои ирода бардошт мекунад, муътақиданд, ки тарбият ҷараёнест, ки дар фард рух медиҳад. Бинобар ин нақши асосӣ дар ин ҷараён ба уҳдаи худи фард аст, аммо ба ҳар ҳол ин муаллим аст, ки бояд ӯро парвариш диҳад.

**Маърифатшиносӣ ва тарбият дар идеализм.** Ҳақиқат дар назари пиндоргароён чизе ҷуз тасаввурот ва пиндорҳои мутлақ ва абадӣ нест, ки аз замони таваллуд дар инсон вуҷуд доранд. Ҳар як аз пиндоргароён (идеалистҳо) таъбири хосси худро аз он пиндорҳои мутлақ ё маъқул (таъбири Ҳегел), ё мисол (таъбири Афлотун) изҳор мекунанд. Инсон бар тибқи ин нигариши фалсафӣ, пеш аз омадан ба ҷаҳони моддӣ нисбат ба пиндорҳо ё тасаввуроти куллӣ, дониши ҳақиқӣ доштааст. Яъне инсон дар ҷаҳони пиндорҳо ё ақидаҳо ҳастиро ба таври фарогиранда ва ҷомеъ мешинохтааст, онро шинохти ҳақиқӣ гуфтаанд.

Тақвият ва муназзам кардани зеҳн ва нерӯҳои он бо ёдоварии донишҳо мумкин мешавад. Ин кор низ аз роҳи омӯзиш анҷом мегирад. Ҳамаи афрод бояд маълумоте касб кунанд, ки барои тақвияти нерӯҳо дар зеҳн ва дар натиҷа барои расидан ба камоли матлуб ва таҳаққуқи зот, зарурӣ ба шумор меравацд. Ҳама муҳтавои омӯзишӣ дар мактаб ин хусусиятро доранд, ки ба василаи онҳо маҳоратҳои дар афрод ба вуҷуд меояд. Масалан, вазифаи муҳим ин нест, ки шогирдони худро барои зиндагии хосе, монанди шаҳрнишинӣ ё деҳнишинӣ омода кунад. Балки ӯ бояд

онҳоро чунон тарбият кунад, ки битавонад ба таври куллӣ дар бораи зиндагӣ хоҳ дар шаҳр, хоҳ дар деҳ, хоҳ дар ҳар ҷойи дигаре баҳо бидиҳанд. Дар натиҷа, унвонҳои дарсӣ, муҳтавои дарсҳо ва равиши омӯзиши онҳо дар ин дидгоҳ мумкин аст, бештар шомили бахшҳои зер бошад:

1. Унвонҳо ва муҳтавои дуруст: а) забон ва адабиёт; б) риёзиёт; в) улуми таҷрибӣ; г) улуми иҷтимоӣ; ғ) таърих ва фалсафа; д) дарсҳои динӣ; е) тарбият баданӣ; ё).фаннӣ ва ҳирфаӣ.

2. Равишҳои тадрис: Аксари пиндоргароён монанди Конт ва Ҳегел ақида доранд, ки асоси маърифат (шинохт) иборат аз назм ва ваҳдат бахшидан ба иттилооте аст, ки аз роҳи ҳиссиёт гирдоварӣ мешаванд. Пас, манзури муаллим аз тадрис низ танҳо додани маълумот ба шогирд нест, балки бештар мақсуд аз он ёрӣ ба ӯ аст, то иттилооти мазкурро аз тариқи аъмоли назм ва тартиб куллият бахшида ва бомаъно созад.

Албатта, бояд ин огоҳиҳоро бо таҷрибаҳо ва иттилооти қаблии худ пайванд диҳад, то барояш дорои маъно бошад. Усулан, дар назари як муаллими пиндоргаро инсон чизеро ёд намегирад, балки онҳоро ба хотир меоварад, яъне ёдгирӣ дар назари ӯ фақат ёдоварӣ аст. Агар бихоҳад чизе ба шогирд биёмӯзад, бояд зеҳни ӯро барангезонад, то тасаввурот ва пиндорҳои мавҷуд дар зеҳни вай зинда шаванд. Барои ин манзур тақвияти нерӯи ба ёд супоридан ва ба ёд оварданро бисёр муфид медонад.

Ба ин далел, бар навиштани вазифаи шабона зиёд такрор дар бознависӣ, тақлиди хат ва ҳуруф ва ба хотир супурдани исмҳо ва таърихи рӯйдодҳоро таъкид мекунад. Тамоми фаъолиятҳои дарсӣ ва хориҷ аз дарс бар асоси қувваҳои зеҳнии шогирдон аст ва аксаран барои тамоми афроди синфи дарсӣ як навъ фаъолияти мушобеҳи омӯзишӣ пешбинӣ мешавад. Муаллим дар ин мактаб нақши зиёд ва фаъоле дорад ва маъмулан, фаъолияти ӯ дар синфи дарсӣ ошкортар аз фаъолияти шогирдон аст. Тасмимоти тарбияти (таъйини ҳадафҳо, равиш ва муҳтавои тарбият) бештар ба уҳдаи ӯст. Равиши тадрис комилан бар асоси таақул ва тафаккур аст. Бинобар ин, аз тамоми шеваҳои роҳ бурдани ақл барои касби маърифат, монанди суханронӣ, мубоҳиса ва истидлол истифода мекунанд. Конт дар ин маврид менависад: " Барои парвариши ақл бояд, тибқи равиши Суқротӣ амал кунем" (1).

Муаллим дар равишҳои тадрис илова бар ташвиқи шогирдон ба андешидан, бояд ононро дар интихоби мавзӯъҳои марбут ба тафаккур низ роҳнамоӣ ва ёрӣ диҳад ва ҳамчунин фурсатҳо фароҳам оварад, ки донишомӯзон маърифатҳои омӯхташудаи хешро дар ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мавриди истифода қарор диҳанд. Зимнан, фарогирон бояд ба гунае ташвиқ шаванд, ки арзишҳо ва тамаддуни инсониро бипазиранд (3).

Афлотун мегӯяд : «Бояд ба донишомӯзон омӯхт, ки он чиро шоиста аст, дӯст бидоранд ва аз он чӣ накӯҳида аст, мутанаффир бошанд».

Назариёти идеалистҳо дар мавриди таълим ва тарбият то ҳадди зиёде аз андешаҳои Конт ва Ҳегел мутаассир гардида ва бахусус фалсафаи Конт таъсири бисёр зиёде дар низоми тарбиятии мавриди назари идеалистҳо доштааст (5).

Равиши Суқротӣ ниёз ба тарроҳии суолоти моҳирона аз сӯйи муаллим барои ёдоварии ҳақиқатҳои олам аст. Муаллим намунаи доимӣ, мазҳари комиле аз олитарин арзишҳои фарҳангӣ аст. Донишомӯзон бояд дарсҳои арзишманде бар асоси намунаҳои шоиста баргирифта, аз таърих, адабиёт, дин ё зиндагинома ва фалсафа биёмӯзанд, то ба ҳақиқатҳои олами ҳастӣ наздик шаванд (2).

**Арзишшиносӣ ва тарбият дар идеализм.** Суқрот ва аксари пиндоргароён муътақиданд, фазоили ахлоқӣ дар вуҷуди фард нуҳуфта аст, ки муаллим метавонад ин арзишҳоро ба шуури огоҳии шогирд бирасонад. Бинобар ин, дар назари як муаллими пиндоргаро дар ҳеҷ низоми омӯзиши кӯдакони бадӣ вуҷуд надорад, балки онҳое ҳастанд, ки ё арзишҳои ахлоқиро комилан дарк намекунанд ва ё гумроҳ гаштаанд. Ин низоми тарбиятии ҷомеа бояд, ҳамеша фазилат ва зиндагии некӯро ҳимоят кунад, то афроди бофазилат парвариш ёфта, ҷомеаи хуб шакл бигирад.

Ҳегел чунин изҳори ақида мекунад, ки фаҳм ва амали фард дар бораи фазилат аз дӯстӣ бо фазилат гирифта мешавад. Афлотун илова бар таваҷҷуҳ ба тарбияти маънавӣ бар тақвияти ҷисмӣ низ аҳамият медиҳад. Афлотун муътақид буд, ки тарбият бояд чаҳор фазилати бунёди ахлоқӣ, яъне адолат, шуҷоат, хештандорӣ ва доноиро дар инсонҳо ба вуҷуд оварад. Дар миёни ин фазоили чаҳоргона доноиро болотарин фазоил медонист, ки сабаби наздикии инсон ба олами малакут мегардад.

Декорт ҳам ақида дошт, ки инсон дорои иродаи озод аст. Аммо ин озодии ирода чунон нест, ки ба ҳар чизе бе қайду шарт таллуқ гирад. Иродаи озод толиби

некӣ ва гурезон аз бадӣ аст. Ба назари ӯ нахустин дастури ахлоқӣ таслим ва ризо дар муқобили хости Худованд аст.

Конт низ усули ахлоқиро бар асоси ҳусни ният медонист. Вай муътақид аст, ки тарбият бояд ҳарчи зудтар кӯдаконро ба пайравӣ аз қонунҳои куллӣ омода кунад, то битавонад тасаввуре аз дуруст ё нодуруст ба даст оварад. Таъкиди Конт ба пайрави аз қонунҳои куллӣ ё ҳукми мутлақ дар тарбият аҳамияти зиёдеро бархӯрдор аст (1).

Конт мегӯяд, вақте рафтори баде аз шогирде сар мезанад, муаллим бояд аз вай бипурсад, агар ҳама ин гуна рафтор кунанд, ки ту кардӣ чӣ иттифоқе меафтад? Муаллим бояд ҳамеша нигаҳдори рафтори худ бошад, ки худи ӯ сармашқи хубе барои шогирдонаш бошад. Ба ҳамин манзур, муаллим бар ҷараёни тарбият назорати комил дорад ва роҳу равиши тарбияти омӯзиширо бо меъёрҳои инсони ормонӣ месанҷад, то мутмаин шавад, ки аз масири шоиста мунҳариф нашуда бошад. Рафтори бади шогирдон мисли туғёни ҳавасҳо ва эҷоди худхоҳиҳо мешавад, ки бояд мутобиқи усули ахлоқӣ мавриди муҳокима қарор гирад.

Пиндоргароён эътиқод доранд, ки инсон мавҷуди рӯҳонист ва рӯҳи ӯ ҷовидон хоҳад монд. Дар ин маврид Ҳермон Ҳурн менависад: Ҳеҷ инсоне дар ҳеҷ замоне он чи метавонад бошад, нест.... Мақсадҳои ӯ бо зиндагии вай поён намеёбад. Замон наметавонад ишқи файласуф ба ҳақиқат, ишқи ҳунарманд ба зебоӣ ва ишқи рӯҳонии муқаддас ба парҳезкориро пажмурда созад. Инсон иродаи худро бар донистан, бархурдор будан ва ба даст оварданро ба солҳои кӯтоҳи давраи ҳаёти худ маҳдуд намекунад. Дар аксар андешаҳои пиндоргароён ҳам саодати ҷомеа дар тарбият таъмин мегардад (1).

Пиндоргароён дар ҳастишиносӣ ба рӯҳ бештар аз тан аҳамият медиҳанд. Муаллими пиндоргаро эътиқод дорад, ки илм дар вуҷуди шогирдон аст, ки бояд парвариш ёбад. Муаллим барои расидан ба ин ҳадаф бояд аз равиши диолектикӣ истифода кунад. Албатта, аз равишҳои дигар, монанди равиши суханронӣ ва фаъолияти амалӣ (пружи) низ метавон истифода кард.

Идеалистон дар баҳси мавзуи маърифатшиносӣ эътиқод ва ҳақиқат дар тасаввурот ва пиндорҳои мутлақ ва абадӣ доранд. Пиндоргароён, ҷаҳони моддиро инкор намекунанд, вале изҳор медоранд, ки дар ниҳоят амри воқеӣ нестанд, балки нишонаҳои як воқеияти ғайримоддии асосие ҳастанд. Ба ҳамин сабаб аст, ки инсон аз тариқи ҳиссиёт наметавонад ба дониши куллӣ даст пайдо кунад. Инсон бояд талош кунад, ки аз тариқи фикр ва зеҳн дониши ҳақиқиро, ки дар ҷаҳони рӯҳ андохта шудааст, ба ёд оварад. Барои он ки қудрати ёдоварӣ дар шогирдон зиёд шавад, бояд онҳоро водор кунем, ки нерӯи ҳифзи матлабҳоро дар зеҳни худ тақвият диҳаанд.

Шариатмадорӣ (1988) дар китоби усул ва фалсафаи таълиму тарбия ба накл аз Ботлер (идеалисти ҷадид) чанд омилро дар ҷавраёни таълиму тарбия муҳим медонад. Ин омилҳо иборат ҳастанд аз муаллим, шогирд, тақлид, рағбат, кӯшиш, интизом ва барномаи омӯзишӣ (4).

Муаллим аз назари пиндоргароён нақши асосӣ дар ҷараёни таълиму тарбия дорад ва бояд аз хусусиятҳое бархурдор гардад, аз ҷумла мавридҳои зерин:

1. Доштани маълумоти кофӣ дар бораи шогирдон;
2. Водор кардани шогирдон ба навоварӣ;
3. Мавриди эҳтироми шогирдон қарор гирифтан;
4. Тавоно будан дар эҷоди тамоюл ба ёдгирӣ дар шогирдон;
5. Устоди фанни зиндагӣ будан;
6. Эҷоди як муҳити маънавӣ дар таълиму тарбия;
7. Доштани таамул ва якдигарфаҳмӣ, ҳамдилӣ, ва иртиботи хуб бо шогирдон;
8. Иҷрои нақши падари ё модари бомуҳаббат ва дилсӯз барои шогирдон.
9. Эътиқод ба арзишманд будани мавзӯи тадриси хеш;
10. Эҷоди рӯҳи демократӣ (озодӣ) дар шогирдон;
11. Кӯмак ба шукуфо кардани истеъдодҳои шогирдон.

Дар дидгоҳи идеалистҳо нақши муаллим дар ҷараёни таълиму тарбия бисёр муассир ва боаҳамият аст, аммо аз назари мутафаккирони мухолифи ин дидгоҳ ба нақши шогирд баҳои каме дода шудааст. Шогирд бояд, бечунучаро рафтори муаллим худ итоат кунад, ки ин вазъият (ҳолат) мантиқӣ ба назар намерасад.

Аз назари пиндоргароён шогирдон бояд, ба таври табиӣ тақлид кунанд ва аз тариқи одатҳо зиндагиро биомӯзанд. Ба эътиқоди онҳо тақлид, хусусан дар ахлоқ ва дин арзишманд аст, зеро бачаҳо аз тариқи тақлид метавонанд аз истеъдодҳои хеш иттилоъ пайдо кунанд.

Мухолифини пиндоргароён тақлидро бо таълиму тарбия созгор намедонанд. Онон ошкор месозанд, ки шогирдон бархе мавзӯеро, ки ёд мегиранд, боарзиш нестанд.

Бисёр аз одатҳо, фикрҳо ва ақидаҳои номатлуб аз тариқи тақлид дар шогирдон ба вуҷуд меояд.

Аз назари идеалистҳо рағбат, кӯшиш ва интизом дар ҷараёни таълиму тарбия муҳим бардошт мешавад, аммо мухолифини ин дидгоҳ иҷбор (маҷбур кардан) ё фишори хориҷӣ дар эҷоди интизомро дар таълиму тарбия беарзиш медонанд. Онон муътақиданд, ки фишори иҷборӣ як амали муваққатӣ аст ва бояд интизом тавассути худи шогирд эҷод шавад.

Аз назари идеалистон ҳади ақал 3 қаламрав дар зеҳни инсон вуҷуд доранд, ки иборатанд аз арзишҳои ахлоқӣ, арзишҳои зебошиносӣ ва арзишҳои динӣ. Суқрот ва бештари пиндоргароён эътиқод доранд, ки фазоили ахлоқӣ дар вуҷуди инсон пинҳон аст. Кори муаллими пиндоргаро ин аст, ки арзишҳои мавҷудро ошкор кунад. Онон муътақиданд, ки барномаҳои омӯзиши илмӣ аз барномаҳои омӯзиши фаннӣ ва ҳирфаӣ ҷудо нестанд. Аммо барномаҳои илмӣ дар дараҷаи аввали аҳамият ва барномаҳои фаннӣ дар дараҷаи дуюми аҳамият қарор доранд.

Мухолифони идеалистҳо дар ин ақида ҳастанд, ки пешрафт дар заминаи технологӣ сабаби пайдоиши ҷанбаҳои илмии ҷадид мешаванд. Бинобар ин, ҷудоӣ ва дараҷабандӣ байни ин 2 барнома мантиқӣ ба назар намерасад.

Он чи ба таври куллӣ метавон гуфт, ин аст, ки мавзӯъҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва арзишшиносӣ дар ҳар мактаб аз ҷумла идеалистҳо, асарҳои худро дар таълиму тарбия хоҳад гузошт. Муаллими пиндоргаро дар раванди омӯзиш ва парвариш нисбат ба ақидаҳои хеш аксуламал нишон хоҳад дод.

Хулоса: асоси ташаккулёбии ҳар коре аз фалсафа шурӯъ мешавад. Фалсафа манбаи равшангарӣ ва гавҳари арзишманде аст, ки инсонро ёрӣ медиҳад.

Назарияпардозони омӯзишу парвариш ҳамеша дар талош ҳастанд, ки бо ҷустуҷӯ дар дидгоҳҳои мактабҳои фалсафӣ назарияҳои тарбиятии онҳоро барои истифодаи муаллимон дар мактабҳо муҳайё кунанд.

Дар ин самтҳо кӯшиш шудааст, ки ба таъсироти ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва арзишшиносӣ дар таълиму тарбия аз дидгоҳи мактаби фалсафии пиндоргароён (идеалист) пардохта шавад.

## АДАБИЁТ


1. Иброҳимзода Исо. Фалсафаи тарбият (фалсафаи омӯзиш ва парвариш). / Иброҳимзода Исо. – Теҳрон: Паёми Нур, 1995. –С. 90-100, 102, 104.
2. Ҷеролд Ал Гутек. Макотиби фалсафӣ ва орои тарбиятӣ. / Ҷеролд Ал Гутек; Тарҷумаи Муҳаммадҷаъфари Поксиришт. –Теҳрон: Самт, 2007. -С. 34.
3. Шуоринажод Алиакбар. Фалсафаи омӯзиш ва паривариш. / Шуоринажод Алиакбар. –Теҳрон: Сипеҳр, 1991, -С. 27.
4. Шариатмадорӣ Алӣ. Усул ва фалсафаи таълим ва тарбият. / Шариатмадорӣ Алӣ. -Теҳрон: Амири кабир, 1988. -С. 170-175.
5. Некзод Маҳмуд. Куллиёти фалсафаи таълим ва тарбият. /Некзод Маҳмуд. –Теҳрон: Кайҳон, 1996. -С. 74.


## РОЛЬ ИДЕАЛИСТИЧЕСКОЙ ФИЛОСОФСКОЙ МЫСЛИ (ИДЕАЛИЗМА) В ФОРМИРОВАНИИ ЗНАНИЙ


С философии начинается организация любого типа работы. Философия это ценный ресурс и сокровище, которое служит людям. Образованные теократы пытаются найти способ, как при помощи учителей применить идеи и взгляды философов в школе. В этом отношении много усилий приложено в применении влияния таких наук как онтология, эпистемология и философия в образовании с перспективной идеалистической точки зрения.



**Ключевые слова:** философия, философия в образовании, ценный ресурс, образование, философская мысль, перспективная идеалистическая точка зрения.


## THE ROLE OF IDEALISTIC PHILOSOPHY THOUGHTS ON FORMATION OF EDUCATION KNOWLEDGES


***Mahmood Manzari***

**Department of pedagogy, Ahvaz Branch, Islamic Azad University, Ahvaz, Iran**



Organization of any type of the work begins with philosophy. Philosophy is a valuable resource and treasure that helps people. Educational theocracies are trying to find out the ways how to apply the philosophers «ideas and views in schools with the help of teachers. In this regard, a lot of efforts are put in work to apply the influence of ontology, epistemology and philosophy science into the education from the perspective idealist's point of view.



**Key words:** philosophy, philosophy of education, a valuable resource, education, philosophical thought, promising an idealistic point of view.



**Сведения об авторе:** ***Махмуд Манзари*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# РАЗЛИЧИЕ ПОЛОВ И ШКОЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ

*Н.М.Юнусова*
**Таджикский национальный университет**

Внимание к проблеме прав детей в последние годы резко возросло во всем мире. В 1989г. Генеральная Ассамблея ООН приняла Конвенцию по правам ребенка, цель которой – выработка общих стандартных положений, направленных на защиту детей.

В 1993г. Конвенция была ратифицирована Верховным Советом Республики Таджикистан. Положения Конвенции сводятся к основным требованиям, которые должны обеспечивать права детей на выживание, развитие, защиту и активное участие в жизни общества. Все решения согласно Конвенции должны исходить из интересов ребенка.

В соответствии со статьей 28 Конвенции: «Ребенок имеет право на образование, и обязанность государства состоит в обеспечении бесплатного и обязательного начального образования, в поощрении среднего образования, доступного для каждого ребенка и в обеспечении доступности высшего образования для всех на основе способностей»[1].

В начале строительства СССР стирание граней между малоквалифицированной по своему педагогическому составу начальной школой социальных низов и высококвалифицированной гимназией социальных верхов привело к созданию особого типа массовой унифицированной школы. Школа была максимально идеологизирована и регламентирована, что приводило к постепенному вымыванию педагогического творчества. К началу 50-х гг. школа превратилась во внеполовое, вненациональное, усредненное конвейерное «производство трудящихся».[1]

Сейчас в школе преобладает бесполая система обучения с элементами скрытой дискриминации в школьных программах, которые были выявлены в результате исследований, проведенных по заказу ЮНЕСКО.

Неравенство в шансах получения полного среднего и высшего образования отчасти порождается школьной системой на уровне обязательного образования. Определенным группам детей, например детям из семей с низким доходом, чаще, чем другим не удается завершить полный курс базового школьного обучения. Создание справедливых систем, представляющих возможности получить следующие за обязательным образование как можно большему числу детей, в значительной мере зависит от ситуации, складывающейся на более ранних ступенях учебы в школе.

Различия в возможности получения образования, наряду с другими факторами, связывают и с гендерным равноправием.

Влияние различия полов на школьное образование, не только в Таджикистане, но и в мировой социологической практике изучено мало, хотя последствия его далеко идущие.

Имеющиеся исследования обнаруживают, что причиной половых различий является культура, которая разными способами формирует их. Например, девочек гораздо сильнее контролируют чем мальчиков, живуч предрассудок, что девочкам образование не нужно и нередко семьи с низким доходом предпочитают держать девочек дома, чтобы дать возможность учиться сыновьям.

Индифферентность нашего образования к половым различиям выражается и в содержательной безадресности. Так, содержание учебных планов и учебных предметов имеет совершенно явную технократическую, естественнонаучную тенденцию и построено с расчетом (в идеале) на включение подготовленного ученика в технологический процесс. Таким образом, его можно рассматривать как преимущественно мужское. Формы же организации обучения построены таким образом, что требуют с самых первых шагов прилежания, сосредоточенного внимания, дисциплины, усидчивости. Эти требования по психофизиологическим параметрам ближе к женским. Это противоречие и несбалансированность с необходимостью содержат в себе механизмы формирования неспецифической для данного пола направленности умственного развития и социальных искажений.[2 ].

Все перечисленные гендерные различия в той или иной степени присущи всем странам и культурам и сегодня прилагаются усилия к тому, чтобы содержание образования, программа, стандарты и методология больше равных возможностей обоих полов в образовании. Но есть и другие проблемы, вызванные общественно-политической и социально-экономической ситуацией в той или иной стране. Многие дети, а большинство из них девочки, отягощены домашними обязанностями и заботами, страдают от традиций, когда семьи считают, что затраты на обучение девочек слишком велики.

Для Таджикистана особенно актуальна проблема образования среди женского населения (таблица 3).

Таблица 3.Число женщин в общем количестве учащихся (в %)

| Годы | Образование | | |
|---|---|---|---|
| | Начальное | Среднее | высшее |
| 2004/2005 | 48 | 39 | 26 |
| 2005/2006 | 48 | 39 | 27 |
| 2006/2007 | 48 | 39 | 27 |
| 2007/2008 | 48 | 42 | 28 |
| 2008/2009 | 48 | 43 | 29 |

**Источник: Статистический сборник «Женщины и мужчины»**

Как видно из таблицы, в начальной школе учатся практически все девочки, число которых составляет 48 % от общего числа учащихся, далее происходит падение числа девочек, получивших среднее образование, и, кроме того, менее трети девочек из общего количества учащихся имеют высшее образование. Это говорит об оттоке девочек из системы образования. При этом одним из факторов ограниченного доступа к образованию девочек и женщин является их загруженность по дому, ведь в многодетной семье старшие дочери становятся помощницами матери. Они заняты на работах по хозяйству, стирают, моют, готовят, следят за младшими - и пропускают учебу в школе, вырастают неграмотными.

В Таджикистане реально имеют место как общие характеристики гендерных различий в школьном образовании, так и те, которые обусловлены традициями и сложившейся за последние годы социально-экономической и духовно-нравственной ситуацией в обществе.[3]

Как для теории, так и для практики важно исследовать проявления всех форм гендерных различий в школьном образовании, выявить степень их выраженности, как на когнитивном, так и на поведенческом уровне, определить роль и место школы, семьи, окружающей социальной среды, социально-экономических условий и нравственной атмосферы в обществе на преодоление, смягчение, или наоборот, усиление дифференциации молодежи на гендерной основе в сфере образования.

Только путем гендерного воспитания молодежи, целью которого станет развитие новых представлений о границах личности, смягчение гендерных стереотипов и индивидуальный подход к каждому ученику, можно преодолеть проблему двойного стандарта и гендерного неравенства в современном обществе.

**ЛИТЕРАТУРА**

1.Конвенция о правах ребенка" (одобрена Генеральной Ассамблеей ООН 20.11.1989) (вступила в силу для СССР 15.09.1990) – ст.28.С.2.

2. Бреслав Г. М. Романтическая любовь и зрелая личность // Родник. 1987. № 2. С. 63- 66.

3.Образование девочек. По материалам социологического исследования в Таджикистане. - Сурушан.-2002.- С.6-7.

4. Статистический сборник «Женщины и мужчины». Государственное статистическое агентство при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2010. - 102 с.

**РАЗЛИЧИЕ ПОЛОВ И ШКОЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ**

В статье отражаются вопросы гендерного неравенства в школьном образовании. Автор статьи на основе анализа научно- исследовательских материалов, отмечает, что причиной половых различий является культура, которая разными способами формирует их. Влияние различия полов на школьное образование, не только в Таджикистане, но и в мировой социологической практике изучено мало, хотя последствия его далеко идущие.

**Ключевые слова:** школа, школьное образование, Конвенция о правах ребенка, половое различие, гендер, гендерное неравенство, гендерное образование, образование девочек.

**DISTINCTION OF FLOORS AND SCHOOL EDUCATION**

In article questions of a gender inequality are reflected in school education. The author of article on the basis of the analysis scientific research materials, notes that the culture which forms them in the different ways is the reason of sexual distinctions. Influence of distinction of floors on school education, not only in Tajikistan, but also in world sociological practice is studied a little, though consequences its far-reaching.

**Key words:** school, school education, Convention on the rights of the child, sexual distinction, gender, gender inequality, gender education, education of girls.

**Сведения об авторе:** ***Н.М. Юнусова*** **-** кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии Таджикского национального университета. Телефон: **907 97 48 07**

## КОРБУРДИ МУДИРИЯТ ВА БАРНОМАРЕЗИИ СТРАТЕГӢ ДАР БАРНОМАРЕЗИИ ДАРСИИ ОМӮЗИШИ ОЛӢ

***Бектош Хушбахтӣ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯза низомҳои омӯзиши олӣ бо масоилу дағдағаҳои ношӣ аз таҳаввулоти гуногуни илмӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва иртиботӣ мувоҳа ҳастанд, ки шиносоии онҳоро барои тарроҳӣ ва тағйири низомҳои омӯзиши олӣ зарурист. Яке аз аносири муҳими низоми омӯзиши олӣ ҷиҳати татбиқ бо таҳаввулоти барномаи дарсӣ аст. Барномаҳои дарсӣ дар донишгоҳҳо дар тавфиқ ё шикасти ин созмонҳо нақши бисёр муҳиме ифо мекунад. Ба тавре ки барномаи дарсӣ гӯёии пешрафт ва инъикосе аз посухгӯ будани донишгоҳҳо ба ниёзҳои дар ҳоли тағйири ҷомеа ҳастанд. Бознигарии паёпай нисбат ба барномаи дарсӣ метавонад зомини иртиқои кайфии фарояндии омӯзиш дар ҷавомеи мухталиф бошад, системаи омӯзиширо намоён сохта, заминаро барои ислоҳ, беҳбудии омӯзиш муяссар менамояд ва аз ин тариқ, бар паёпайии низоми омӯзишӣ ёрӣ мерасонад. Ҳар гуна тасмимгирӣ дар заминаи барномаи дарсӣ бояд бар асоси улгуи муносиб ва ҷомеъ анҷом пазирад.

Бо рӯйкарди барномарезии стратегӣ дар барномарезии дарсии омӯзиши олӣ метавон ба баррасии дақиқе аз шароити дарунӣ ва берунии созмони омӯзишӣ барои

шиносоии шароити мутағайири фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ пардохт ва аз ин тариқ, ниёзҳои омӯзишии фарогирон ва хадамоти мавриди интизори ҷомеаро бароварда сохт. Мақолаи мазкур зимни таърифи барномарезии стратегӣ ва баёни абъод он ба баррасии маҳосини корбурди барномарезии стратегӣ дар барномарезии дарсии омӯзиши олӣ мепардозад.

Низомҳои омӯзишӣ ба лиҳози ҷойгоҳ ва маъмуриятҳои худ аз печидагӣ бархурдор ҳастанд. Онҳо бояд битавонанд аҳдофи тарбиятии насли нав хоста, ҷомеаро таҳқиқ бахшида, шаҳрвандони огоҳ, масъуд ва посухгӯ ба ҷомеа таҳвил диҳанд. Бо оғози ҳазораи савум ва тарҳи масоиле, монанди дунёи маҷозӣ, фановарии иттилооту иртиботот, барномаҳои шиновариии омӯзишӣ, омӯзиши олии рисолатҳо ва вазоифи ҷадидеро тарроҳӣ ва бознигарӣ намудааст. Лазо, нақшу рисолати донишгоҳҳои бисёр мутанавеътару печидатар шудааст. Яке аз зарурияте, ки муассисоти омӯзишӣ бояд ба он бипардозанд, мушаххас кардани аҳдофест, ки ин муассисот барои дастёбӣ ба онҳо ба фаъолият машғуланд. Ин масъала дар омӯзиши олӣ аз лиҳози нақшӣ, ки дар ҷомеа ва таълиму тарбият афродбозӣ мекунад ва вазъи ҷомеа ба худ мегирад. Ҳадафҳо нуқта ё ҷиҳатеро, ки фаъолиятҳои омӯзишӣ ва таҳқиқотӣ бояд мутаваҷҷеҳи он бошанд ё дар он масир ҳаракаткунандаро мушаххас месозад. Ҳадафҳо дар таъсиси муассисот дар навъи фаъолияте, ки муассисоти омӯзишӣ бояд фаъолият дошта бошанд ва дар иттихози равишҳои муайяни омӯзишӣ ва ҳамчунин дар интихоби улгуҳои барномаҳои дарсӣ ва мӯҳтавиёти онҳо таъсири фаровон доранд (Шукуҳӣ, 1373).

Аҳдофи асосии барномаи дарсӣ дар омӯзиши олиро бо таваҷҷуҳ аҳдофи куллӣ омӯзиши олиро метавон дар ҳитаи омӯзиши умумӣ, рушду тавсиаи дониш, ҳитаи тахассусӣ ва ҳитаи рушди муаллимон ва мураббиён баён дошт. Аз сӯе, бо пешрафти шитобони улум ва фановарӣ дар соябони ахир омӯзиши олиро чолишҳое мувоҷеҳ сохтааст. Ба таври куллӣ, ин чолишҳоро метавон дар мавориде чун ановини зери табақабандӣ кард:

- фуқадони робитаи муносиб байни донишгоҳҳо ва марокизи санъатӣ ва таҳқиқӣ;
- тақозои фаровони фарогирон барои вуруд ба донишгоҳҳо;
- коҳиши буҷа ва манобеи молӣ;
- тасмимгирӣ ва пароканда;
- нотавонӣ дар тавлиди дониши бумӣ ва масрафгароӣ, бахусус дар улуми инсонӣ;
- маъзали бекорӣ бархе фориғуттаҳсилону корбурдӣ набудани бархе омӯзишҳо:
- густариши камии донишгоҳҳо будани таваҷҷуҳ лозим ба кайфияти омӯзиш;
- фановариҳои навини омӯзишӣ ва чолишҳои мутаассир аз он;
- ҷаҳонӣ шудан.

Устод мӯътақид аст, ки дар дунёи имрӯз марзҳои ҷуғрофиёӣ барои дониши азбайнрафта ва рӯкардҳои навинро барои омӯзиши олӣ мутасаввур аст. Бортон баён мекунад, ки бо ҳарёни бениҳоят қавӣ, ки нишот гирифта, аз микёсе бовар накарданӣ ва ғайри қобил тасаввур аз пажӯҳиш дар мавзӯоти мухталифи дарс дар ҷараён аст ва ҳеҷ низоми омӯзишӣ қодир ба назорати дониш намебошад. Аз сӯе бо таҳаввулоти технологӣ ва пешрафти шитобони улум дар асри ҳозир нигариши соҳибназарону коршиносони барномарезии омӯзишӣ ва дарсӣ низ дучори таҳаввулоте шуда, ки роҳи ҳал барои таомил бо тағйироти берунӣ ва дарунии низоми омӯзиши олиро дар барномаи дарсии матлуби донишгоҳ ёфтаанд. (Ҳодимӣ, 1388).

Ба таври куллӣ, яке аз авомили таҳаққуқ ҳадафҳои низоми омӯзиши олӣ бархурдор будани он аз мудирон ва барномарезони дарсии тавонманду огоҳ ба усул, назарияҳо ва сабкҳои мудирияту воҷиди маҳоратҳои инсонӣ, идрокӣ ва вақтист.

Барномарезии дарсии стратегӣ дар омӯзиши олӣ фарояндист барои кӯмак ба шиносоӣ ва ҳифзи ҳамсӯӣ матлуб бо муҳимтарин аносири муҳите, ки худ дар дар он воқеъ шудааст. Аҳдофи барномаи дарсӣ дар омӯзиши олӣ. Аҳдофи барномаи дарсӣ дар омӯзиши олӣ бо таваҷҷуҳ ба аҳдофи куллӣ ва классикӣ омӯзиши олиро дар 4 бахш метавон баён кард:

1. Омӯзиши умумӣ. Ин ҳадаф марбут ба парвариши тавоноиҳои фардӣ назир, тавоноии тафаккури халоқ ва масъулиятпазири халоқият, интиқоли арзишҳои мероси фарҳангист ва марбут ба як риштаи хоси илмӣ нест.
2. Омӯзиши тахассусӣ. Дар риштаҳои таҳсилии мухталифи мутафовут мебошад ва ҳадафи тарбияти афроди мутахассис мавриди ниёзи ҷомеа мебошад, то ниёзи ҷомеаро дар заминаи хосе, ки омӯзиш дидаанд, бартараф созанд.
3. Рушду густариши дониш ҳадафи тарбияти пажӯҳишгарон ва муҳаққиқоне аст, ки бо анҷоми пажӯҳиш ба рушди дониши башарӣ биафзоянд, шомили куллияи давраҳо ва риштаҳои донишгоҳӣ мешавад.
4. Тарбияти мураббиёну муаллимон аҳамияти босазое дар интиқоли дониш ва боландагии иҷтимоӣ дорад. Таърифи улгуи барномаи дарсӣ иборат аст аз сохтор, созмондихии аҳдоф, мӯҳтаво, фароянди таҳсилоти давраҳои омӯзишӣ ба гунае танзим шавад, ки боиси пешрафт дар сутӯҳи омӯзишӣ гардад. Вижагии улгуи барномаи дарсии умумӣ ва олӣ, улгуи барномаи дарсӣ дар мадориси ибтидоӣ ва то ҳадде дабиристонҳо ба манзури босавод кардани афрод, афзоиши огоҳии умумӣ ва эҷоди фурсати таълиму тарбият барои соҳибони истеъдод аст, аммо дар омӯзиши олӣ бештар ба амалу корбаст маътуф аст. Бештар амалгароёнатар ва бо таваҷҷуҳ ба мавқеиятҳои воқеӣ тадвин мешавад. (Ҷаъфарӣ, 1386).

Табақабандии улгуҳои барномаи дарсии омӯзиши олӣ, мафоҳими мухталифи барномаи дарсии омӯзиши олӣ ва улгуҳои марбут ба дидгоҳи фатҳӣ ва иҷорагоҳ (2006) чунин аст:

1. Барномаи дарсӣ ба унвони тарҳ, ки дар ин улгу барномаи дарсӣ бар мушобеҳи санадӣ навишторӣ дар бораи мавзӯи дарсӣ бо барномаи хос аст.

2. Барномаи дарсӣ ба унвони як низом, ки баён мекунад, улгуи барномаи дарсӣ бояд тавсифӣ бошад ва барномаи дарсӣ фароянди таъомилист.

3. Барномаи дарсӣ ба унвони таҷзия, ин улгу мубтанӣ бар истиораи рушди дарсист ва ба василаи барномаи дарсӣ тавони омӯзишии фарогирон рушд меёбад.

4. Барномаи дарсӣ ба мушобеҳи ҳавзаи пажӯҳишии дониши пажӯҳона, барномаи дарсӣ ҳавзаи дониши пажӯҳона мутолиаест, ки марзҳо, шохисҳо ва вижаҳое дорад. Он чи мусалламу зарурист, ин ки бо ҳар дидгоҳи тарбиятӣ, мудирони омӯзишӣ ва барномарезони дарсӣ бояд барномаи дарсиро бо диди сози иҷтимоӣ пазируфта, ки ба таври мудовим ниёзманди ислоҳу бознигарист.

***Барномарезии стратегӣ.*** Риштаи калимаи «стратегия» юнонӣ буда, ба маънои «сипаҳсолор» мебошад. Барномарезии стратегиро метавон талоши муназзаму созмонёфта барои тасмимгир ва мубодират ба иқдомоти бунёди ин таъриф кард, ки ба муҷиби он мушахассоте аз қабили моҳияти созмону навъи фаъолиятҳои он мушаххас хоҳад шуд.

Осборин ва Госпар барномарезии стратегиро дар мавриди ҳадафҳои баландмуддати созмон ва интихоби фаъолияти лозим барои таҳаққуқи он баён мекунанд. Олснанд барномарезии стратегиро фароянде дар таҷҳизи манобеи созмон ва ваҳдат бахшида, барои талошҳои он барои дастёбӣ ба аҳдоф ва расонаҳои баландмуддат бо таваҷҷуҳ ба имконоту маҳдудиятҳои дарунӣ ва берунӣ медонад.

Манзур аз фурсатҳо ва таҳдидҳои хориҷӣ, рӯйдодҳо ва равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва бумшиносӣ муҳити сиёсӣ, қонунӣ, давлатӣ фановарӣ ва рақобатист, ки метавонад ба мизони зиёде дар оянда ба созмон манфиат ё зиён бирасонад. Ин фурсатҳо ва таҳдидҳо ба мизони зиёде хориҷ аз назорати созмон аст. Аз ин рӯ, аз вожаи хориҷӣ истифода мешавад.

***Нуқоти заиф ва қуввати дохилӣ.*** Манзур аз нуқоти заиф ва қуввати дохилӣ дар зумраи фаъолиятҳои қобили назорати созмон қарор мегирад, ки созмон онро ба шеваи бисёр олӣ ё бисёр заиф анҷом медиҳад, ки дар сояи фаъолиятҳои мудириятӣ, буҷет, таҳқиқу тавсеа, системаҳои иттилоотии роёнаҳо ба вуҷуд меояд. Фароянди барномарезии стратегӣ шомили се марҳила мебошад: 1. Тадвини стратегӣ; 2. Иҷрои стратегӣ; 3. Арзёбии стратегӣ.

Мазияти барномарезии стратегӣ ба созмон имкон медиҳад, ки ба шеваи халоқу навоварона амал кунанд ва барои шакл додани оянда ба сурати инфиъолӣ амал накунад. Ин шева боис мешавад, ки созмон дорои ибтикори амал бошад ва фаъолиятҳояш ба гунае дарояд, ки аъмоли нуфуз намояд, на ин ки дар баробари кунишу вокунишнишон диҳад ва бад ин сурат,ояндаро таҳти назорат даровардад.

Улгуҳои барномарезии стратегӣ дар омӯзиши олӣ бархе аз корбурдитарин улгуҳои барномарезии стратегӣ иборатанд аз:

А) Улгуҳои С. Марк ва А. Квин, ки шомили панҷ марҳила аст ва бар мабнои мавқеияту масъала шакл мегирад:

1. Таҷзия ва таҳлили мавқеияти стратегӣ;
2. Тадвин ва таҳлили аҳдофи вижа;
3. Тадвин ва таҳлили рисолати вижа;
4. Интихоб ва исутуни стратег;
5. Арзёбӣ.

Б) Улгуи Ҳовал ба 4 фаъолият таваҷҷуҳ дорад, ки ҳар марҳила дорои фаъолиятҳои хосе аст, ки шомили: 1. Тарҳ, ки шомили баррасии муҳити таъйини рисолатҳои донишгоҳҳо, таъини сутуни роҳбурдӣ, мушаххас намудани аҳдофи баландмуддати донишгоҳ аст. 2. Иҷро, ки шомили таъйини аҳдофи мушаххас, таъини фаъолиятҳо, шохисҳо, равишҳо ва истифода аз натоиҷи арзишёбӣ барои беҳбуди барномаҳои донишгоҳӣ ва хадамоти ҳимоятии донишгоҳӣ ва фарояндҳои мудириятӣ дар омӯзиши олӣ аст. 3. Назорат, ки ба равандодҳо арзишёбӣ мешавад. 4. Ислоҳ ва иҷрои ниҳоӣ.

В) Улгуи Адквост шомили 7 марҳила аст: 1. Мушаххаси мазъияти мавҷуд ва моҳияти фаъолияти омӯзиши олӣ. 2. Шиносоии муҳити берунии донишгоҳ. 3. Пешбинии муҳити берунии донишгоҳ. 4. Таҳияи нақшаҳо. 5. Таҷзия ва таҳлили шуқуқи мухталиф. 6. Баррасии аҳдоф ва улвиятбандии онҳо. 7. Ҳамоҳангии стратегияҳо.

Г) Улгуи Ҷон Ам Бресон дорои 8 марҳила аст, ки шомили: 1. Оғози фароянди барномарезии стратегӣ ва тавофиқ дар бораи он. 2. Таъин ва шиносоии дастури созмонии донишгоҳ. 3. Равиши ба вуҷуд овардани сиёсатҳо ва арзиши созмони омӯзиши олӣ. 4. Арзёбии муҳити хориҷӣ шомили фурсатҳо ва таҳдидҳо. 5. Арзёбии муҳити дохилӣ шомили фурсатҳо ва таҳдидҳо. 6. Шиносоии масоили стратегӣ, ки донишгоҳ бо он мувоҷеҳ аст. 7. Танзими стратегияҳо барои мудирияти масоили стратегӣ. 8. Барқарории дидгоҳи созмони омӯзиши олии корсоз барои оянда. Ҳамаи ҳашт марҳила бояд ба иҷро, натиҷагирӣ ва арзёбӣ мунтаҳӣ шавад. Ҳамчунин натиҷагирӣ ва арзёбӣ дар ҳар марҳила фароянди зарурист.

Ҳарчанд мутахассисон ва барномарезони дарсӣ муҳити мутаносиб бо аҳдофи омӯзишӣ танзим менамоянд, лекин тағйироти сарӣъ ва мустамар ҷаҳонро аз ҳолати суббот хориҷ карда, ки ин амр тавоноии раҳбарони омӯзиширо ҷиҳати тавсеаи худ ва

созмони омӯзишиашон ба таври фароянди дучори махотира намудааст. Бар асоси рӯйкарди стратегӣ дар барномарезии дарсӣ яке аз пояҳои фаъолияти низомҳои донишгоҳӣ созгорӣ ба мутобиқ бо муҳити перомун аст ва созмони омӯзишӣ бояд ба таври мудовими муҳити дарунӣ ва берунии худ арзёбӣ намуда, бо таваҷҷуҳ ба шароити дарунӣ дар баробари он вокуниш нишон диҳад. Барномарезии стратегии дарсӣ муштамил бар маҷмӯаи тасмимоти асосӣ дар омӯзиши олист, ки аз ҷиҳати мухталиф пураҳмият аст ва замоне метавонад муваффақияти созмони омӯзиширо тазмин кунад, ки дастандаркоронро бар мубтанӣ, бар тафаккури стратегӣ тадвин ва иҷро намоянд.

Дарвоқеъ, барномарезии стратегии дарсӣ талошест, ҳамаҷониба дарростои таъйини аҳдоф ва расонаҳои омӯзиши олӣ, чигунагии анҷоми рисолат ва дастёбӣ ба аҳдофи омӯзиши олӣ мебошад. Муваффақ ва муассир воқеъ шудани барномарезии стратегияи дарсӣ марбут ба таҳаққуқи мавориде аз қабили омӯзиши олӣ ва муҳит, таъйини авлавиятҳои корӣ, боло бурдани сатҳи огоҳӣ ва майл ба мушорикат ва тақвияти ҳисси вафодории манобеи инсонӣ нисбат ба рисолату аҳдофи таъиншуда дар барнома аст.


**АДАБИЁТ**

1. Ҷаъфарӣ С. Нигариши фориғуттаҳсилони омӯзиш ва парвариши истисноӣ дар бораи аҳамият ва фоидаи дарсҳо. -Теҳрон, 1386.
2. Ходимӣ М. Усули барномарезии дарсӣ. – Шероз, 1388.
3. Шукӯҳӣ Ғ. Мабонӣ ва усули омӯзиш ва парвариш. - Машҳад, 1373.
4. Fathi Vajargah K. A model of experimental curriculum in higher education.Tehran,Beheshti university, 2006.
5. Ulrich Teichler. The role of the European union the internationalization of higher education, Buckingham, open university press, 1998.


**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СТРАТЕГИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ И ПЛАНИРОВАНИЯ В УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ВУЗОВ**


Одной из основных проблем управления высшим учебным заведением в современный период является то, что из научно-образовательного учреждения оно должно превратиться в коммерческо-финансово-научно-образовательную систему. В связи с этим, для нормального взаимодействия высшей школы необходимы особые механизмы путем применения экономических методов управления.В данной статье автором рассматривается использование стратегического управления и планирования в учебной деятельности выших учебных заведений.



**Ключевые слова:** управление высшим учебным заведением, анализ и планирование финансовых ресурсов высшей школы, современная система управления, выработка эффективной стратегии.


**THE USE OF STRATEGIC MANAGEMENT AND PLANNING IN THE EDUCATIONAL ACTIVITIES OF HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS**


One of the main problems of management of higher education in the modern period is that of the scientific and educational institutions it should become a commercial-financial and educational system. In this regard, for normal interaction of the higher school require special mechanisms through the application of economic methods of control this article the author examines the use of strategic management and planning of learning activities выших educational institutions.



**Key words:** governance of higher education institution, analysis and planning of financial resources of the higher school, a modern management system, development of an effective strategy.



**Сведения об авторе:** ***Бектош Хушбахти*** – соискатель Таджикского национального университета


## ТАЪСИРИ РАВИШИ ТАДРИСИ УЛГУИ ИСТИҚРОӢ БАР РОҲБУРДҲОИ ЁДДИҲӢ-ЁДДГИРӢ


***Ғуломризо Азизӣ***

**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**



Ин мақола тахти унвони таъсири равиши тадриси улгуи истиқроӣ, бар роҳбурдҳои ёддиҳӣ-ёдгирии донишомӯзону пешрафти таҳсили онон аст. Аз он ҷойе, ки дар мантиқ ва истилое, ки дар он ҳукм ба даст омада, аз баррасии чандин роҳ аз як маҷмӯа, ба ҳама афроди он маҷмӯа таъмим дода мешавад, истиддоли истиқроӣ гуфта мешавад. Як шеваи тадрис дар беҳбуди тавонии донишандӯзон дар гирдоварӣ, табақабандӣ ва пардозиши иттилоот ва таквини мафҳумҳост.


**Равишҳои ҷадиди тадрис**. Мадорис ва классҳои дарсро гурӯҳи шогирдоне ташкил медиҳанд, ки дар он барои иктишофи ҷаҳону ёдгирӣ ва чигунагии сайру саёҳати самарабахш гирд омадаанд ва аз ин воҳидҳои кӯчак ҷомеа худ, интизорот ва идаҳое бас фаровон доранд. Яке аз чолишҳо ва мушкилоти асри ҳозир, дар густураи омӯзиш ва парвариши адам, ошноии муаллимон ба равишҳои нави тадрис аст. Чун тасаллути муаллим ба равишҳо ва фунуни омӯзишӣ, аз як маслакҳои шоистагии муаллимон ба ҳисоб меравад. Дарвоқеъ бисёре аз соҳибназарон ин масоликро бар масоликҳои шоистагии муаллимон тарҷеҳ медиҳанд. Пайравони ин масолик муаллимро монанди фарди соҳибфанни дигаре медонанд, ки ҳар чи бар фавт ва фанни кораш мусаллат бошад, дар кораш мувофиқтар хоҳад буд. Дар як тадриси мувофиқ ва асарбахш, илова бар таҳсияту мақому манзалати маънавӣ ва эътибори муаллим дар назди шогирдон, шинохти анвои равишҳои тадрис ва тавоноӣ, ба коргирии онҳо дар синфхона аз аҳамияти қобили таваҷҷӯҳе бархурдор аст. Чароки, агар равишҳои тадриси ба коргирифташуда номуносиб бошад, бо муҳтавои давраи

якҷоя надошта бошад, дар ин сурат маълум нахоҳад буд, ки бар сари аҳдофи омӯзиши ҳама талошҳо ва имконот дар хидмати таҳқиқи онҳо ҳастанд, дар мадорис ва синфхонаҳо чӣ хоҳад омад. Тадрис метавонад зебо бошад, дилчаспу барангезанда, умедбахш бошад, асарбахшу пӯё бошад ва вақте, ки муаллимон дар бакоргирии равишҳои тадрис маҳорат дошта бошанд. Яке аз равишҳои тадрис улгуи истиқроӣ аст, ки дар равиши истиқроӣ маълум, донишомӯзонро аз пажӯҳиши баҳс ба шинохту усулу ҳақоиқ роҳнамоӣ мекунад. Ва дар ин равиш ибтидои баҳс аст ҷузъиёту мисолҳо ва шоҳиди қобили мушоҳида оғоз мешавад ва бо мутолеа ва баррасии онҳо бар усулу қоидаҳои куллӣ даст меёбад. Ин равишро метавон, дар бештари дарсҳои дақиқ, улуми риёзӣ, географӣ, улуми эҳтимолӣ ва таълимоти динӣ ба кор бурд.

**Аҳдофи равиши истиқроӣ**. Аз аҳдофи асосии равиши тадриси истиқроӣ беҳбуд ва афзоиши тафаккур, халлоқияту ёдгирии мафҳумҳои густурда ва таквину тафсири корбурди мафҳумҳо дар ҷараёни дарсҳои мухталиф, бахусус фанҳои дақиқ ва эҷодангеза ва руҳияву майли иштиёқ ба ёдгирии ҷаҳон пиромуни худ аз аҳдофи асосии равиши истиқроӣ аст.

**Мабонии назари улгуи истиқроӣ**. Муҳимтарин корбурди улгуи истиқроӣ беҳбуди зарфиёти тафаккур аст. Ин равиш дар ҷараёни беҳбуди зарфиёти тафаккур, донишомӯзонро ба касбу парвариши иттилооти бисёре дар даруни зеҳни худ нигоҳ медорад. Ҷараёноти истиқроӣ шомили халлоқият дар пардозиши иттилоот ва истифодаи ҳамгиро аз иттилоот дар ҳалли масоил аст.

**Марҳилаҳои равиши тадриси улгуи истиқроӣ**. Ҳелдо Тобо ақида дорад, ки метавон аз тариқи равишҳои тадрис маҳорати тафаккурро дар фарогирандагон афзоиш дод. Бинобар ин муаллимон бояд дар интихоби равишҳои тадрис мавзӯи маҳорати тафаккур ва тафаккури халлоқро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳанд. Тобо фароянди тафаккури истиқроиро ба се марҳилаи кулли тақсим мекунад ва барои ҳар як марҳила амалиёти иҷроӣ пешниҳодҳое ироа медиҳад.

**1. Таквини мафҳум**. Яке аз вазифаҳои барномарезону муаллимон, омӯзиши мафҳумҳои дарс ба фарогирандагон аст. Ба забони содатар, «омӯзиш медиҳем, то мафҳумҳо дарк шавад». Барои дарёфт ё таквини мафҳум ду рекорди асосӣ вуҷуд дорад: аввал мураббӣ ба интиқолу ирсоли як савияе мафҳумҳо ба фарогирандагон мепардозад. Дуюм дар ҷараёни омӯзиши мафҳумҳо заминасозӣ мешавад, то мафҳум бо мушокирати фаъоли донишомӯзон ва муаллим тавлид шавад. Дар марҳилаи таквини мафҳум тафаккур ва улгуи истиқроӣ рӯйкард, пайгирӣ ва тақвият мешавад.

**а). Гурӯҳбандӣ бар асоси вижагиҳои муштарак**. Пас аз ин, ки марҳилаи аввал иҷро шуд, донишомӯзон бояд ибтидо ба сурати инфиродӣ ва сипас бо назари бақияи аъзои гурӯҳ, феҳрасти бадастомадаро ба чанд бахш тақсим кунанд. Гурӯҳбандии унвонҳо бар асоси ташобеҳи онҳост. Ва ташхиси ин ташобеҳот ба уҳдаи донишомӯзон аст.

Табиист, ки агар мавзӯъ барои донишомӯзон фаҳмо нашуда бошад, муаллим бояд чанд дақиқае дар бораи куллиёти масъала суҳбат ва бо истифода аз равиши суханронӣ заминаҳои фикрии афродро тақвият кунад.

**б). Унвондиҳӣ ва табақабандӣ**. Дар ду марҳилаи қабл, ки фарогирандагон бо ҳамкорӣ ва ҳидояти муаллим феҳрести аз мавзӯъ таҳия карда ва ба гурӯҳбандии он иқдом намуданд, фикру андешаи онон ба сурати халлоқонае пешрафт кард ва бар густурае маълумоташон афзуда гардид. Бинобар ин, дар марҳилаи унвондиҳӣ интизор меравад, ки бо таваҷҷуҳ ба хусусиёт ва вижагиҳои муштараки аъзои ҳар гурӯҳ ному унвони муносибе интихоб кунанд, ва сардори гурӯҳ онро ироа диҳад. Гурӯҳҳо бояд ба сурати баҳс ва гуфтугӯи рӯ ба рӯ, ба дифоъ аз номгузории худ бипардозанд ва дар ниҳоят бо кӯмаки муаллим унвонҳои муносибе барои табақабандӣ интихоб кунанд ва ба тавфиқ бирасанд.

**Тафсири матолиб**. Ёдгирии муассир ва матлуб замоне иттифоқ меафтад, ки фарогирандагон битавонанд, дар хусуси масъала ва мавзӯи мавриди назар изҳори ақида ва онро тафсиру таҳлил кунанд.

**а). Ташхис ва таъини ҷанбаҳои шохис.** Табиист, ки ановини мавҷуд, дар табақаҳо хосу вижагиҳое ҳастанд, ки байни тамоми онҳо муштараку шохис аст ва фарогирандагон бояд онҳоро муайян кунад.

**б). Кашфи равобиту истинтоҷ.** Дар ин марҳила муаллим ва донишомӯзон равобити иллату малуле байни аҷзо ва табақотро баррасӣ ва натиҷагирӣ мекунанд, чунки баъзе аҷзо ва қарор гирифтани онҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад.

**в). Истинбот**. Ба таври табиӣ бо иҷрои мароҳили қабули истинбот донишомӯз аз мавзӯъ боло меравад ва далелҳои мавриди назар, бо дарки комил дар зеҳни ӯ сабт мегардад. Дар ин марҳила умқи маъно дарк мешавад.

**2. Корбурди усул**. Усуле, ки дар мароҳили таквин мафҳуму таъсири матолиб кашф ва тавлид шудааст, дар марҳилаи дигаре дар абъоди ҷадидтаре ба кор гирифта мешавад ва бар асоси мафҳуми усул, мавқеиятҳои ҷадид баррасӣ ва табайин мегардад. Муҳимтарин имтиёз ва аҳамияти илмомӯзи ҳам ҳамин аст, зеро дар он ба ҷанбаҳои корбурдӣ таваҷҷуҳ мешавад, иттилоот аз зеҳн берун меояд ва дар арсаҳои зиндагӣ ба амал мутассил мегардад. Барои марҳилаи корбурди усул се фаъолият пешбинӣ шудааст:

**а). Пешгӯйии натоиҷ**. Тавзеъи падидаҳои ҷадид, фарзиясозии муаллим, иттилооти ҷадид ва ноошноро матраҳ мекунад ва аз фарогирандагон мехоҳад, бар асосу мафҳумҳои тадрисшуда натоиҷи онро баён кунанд, ё ба фарзиясозӣ бипардозанд.

**б). Тавзеъ бо пуштибонӣ аз фарзиҳо**. Пас аз фарзиясозӣ, тадрис бояд ба сӯйи тоид ё ради фарзиҳо пеш равад. Дар ин замина, ибтидо аъзои ҳар гурӯҳ бояд ба таври ҷудогона баҳс кунанд ва сипас сардори гурӯҳ далелҳои ҳар гурӯҳро ба дигарон ироа медиҳад ва дар сурати имкон мухолифон ва мувофиқони ҳар як аз фарзияҳо ба баҳс мепардозанд.

**в). Тасдиқи пешгӯйӣ**. Баҳсу баррасии ниҳоии донишомӯзон ва муаллим ба тасдиқи пешгӯйӣ ва исботи фарзияҳо мунҷар мешавад.


**АДАБИЁТ**

1. Биёбонгард Исмоил. Равоншиносии навҷавонӣ. Дафтари нашри донишгоҳӣ, чопи сеюм, 1378.
2. Ҳиҷозӣ Саидҳасан. Таъсири корбурди истиқрой бар пешрафти таҳсили донишомӯзон. -Теҳрон, 1376.
3. Ҳусайнзода Довуд. Короmади равишҳои фаъол ва ғайрифаъол дар дарсҳои улуми давра. Донишгоҳи озоди Теҳрон, 1369.
4. Шаъоринаҷот Алиакбар. Мабонии равоншинохтии тарбиятӣ. Муассисаи мутолеоти таҳқиқотии фарҳанг. -Теҳрон, 1384.



**ВЛИЯНИЕ ИНДУКТИВНОГО МЕТОДА НА ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ ПРОЦЕСС**

В данной статье автор рассматривает влияние индуктивного метода на образовательный процесс. Методом обучения называют способ упорядоченной взаимосвязанной деятельности преподавателя и обучаемых, которая направлена на решение задач образования, воспитания и развития в процессе обучения. Методы обучения являются одним из важнейших компонентов учебного процесса, так как без соответствующих методов деятельности невозможно реализовать цели и задачи обучения и достичь усвоения учебного материала.



**Ключевые слова:** индуктивный метод обучения, применение индуктивных методов, индуктивное изучение темы, выполнение практических заданий. развитие мышления.



**THE INFLUENCE OF THE INDUCTIVE METHOD AT THE EDUCATIONAL PROCESS**

In this article the author examines the influence of inductive method at the educational process. The teaching method is called the method of ordered related activities of the teacher and learners, which is aimed at solution of problems of education, upbringing and development in the learning process. Teaching methods are one of the most important components of educational process, because without the corresponding methods of the activity is impossible to realize the goals and objectives of teaching and achieve learning.



**Key words:** inductive method of training, the use of inductive methods, inductive study topics, practical tasks. the development of thinking.



**Сведения об авторе:** ***Ѓуломризо Азизи*** – соискатель Академии образования Таджикистана


## ИРТИБОТ БАЙНИ САБКИ МУДИРИЯТИИ МУДИРОНИ МАДРАСАҲО БО СТРЕССИ ШУҒЛИИ МУАЛЛИМОН


***Заҳро Баҳорванди Эронниё***

**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Дар тайи даҳаи 1980 аз ҳар 160 муаллим байни синни 44 то 45 сол вуҷуд дошт, ки бознишастагии пеш аз муҳлат гирифта буданд. $\frac{1}{2}$ то $\frac{2}{3}$ ба иллати мушкилот ва бемории рӯҳӣ ва бештар аз $\frac{1}{10}$ марбут ба ихтилолоти қалбӣ ва уруқӣ будааст[1].

Муҳаққиқон нишон доданд, ки дар як мутолиаи 2138 нафарӣ аз посухдиҳандагон 10 то 20% парешонии равониро таҷриба карданд. Бештар аз 9% аз заҷри шадиди равонӣ ранҷ мебаранд. Дар ҳарду ҳолат ин мизон бештар аз ҳолати мардуми одӣ аст[2].

Дар таҳқиқоти унвоншуда, ки стресси мусбат ба худ метавонад ба унвони як омили эҷоди ангеза барои муваффақият амал кунад. Дар ҳадди мутавассити стресс, метавон як омили эҷоди ангеза барои муваффақияти фард бошад[3].

Аз тарафи дигар, ҷанбаи манфӣ ва муқарраби стресс боиси беморӣ ва ё нороҳатии ҷиддӣ дар фард мешавад. Ин асароти манфӣ бар созмон ва системаҳои физикӣ ва равонии фард асар мегузорад ва мумкин аст амалкарди фардро коҳиш диҳад[4].

Фурсатҳои маҳдуд барои пешрафт, бозхӯрди амалкарди нокофӣ, арзёбии амалкард, иқдомоти нокофӣ ва системаҳои назорат ва ғаразона будани фарҳанги дарунии созмон, ба унвони омилҳои билқувваи стресcзо нишон доданд[5].

**Баёни масъала.** Агарчи ҳар шуғле стрессҳои хоси худро дорад, аммо муаллимон фишорҳои вижаеро таҳаммул мекунанд, ки камтар ҳирфаи назири онро метавон ёфт. Барномарезии дурусти мутанаввеъ, ҳаҷми зиёди кор, фишори замон, арзишёбӣ, сохтори фазои омӯзишӣ, ояндаи мубҳами шуғлӣ, барқарории инзибот дар синф, вуҷуди фарогирони душвор, даромади нокофӣ, таоруз бо ҳамкорон, шароити номусоиди корӣ ва фишор барои иртиқо ба унвони бахше аз манобеи стресси муаллимон феҳрест шудааст[6]. Яке аз машоғили пурстресс ҳирфаи тадрис аст[7].

Дар солҳои охир баррасии вазъияти саломат ва абъоди ҳирфаи муаллимӣ дар пажӯҳишҳои мутааддид мавриди таваҷҷуҳ ва мутолиаи пажӯҳишгарони зиёде қарор гирифтааст. Ба таври ки ҳар як аз ин пажӯҳишгарон саъй дар баррасии мавқеият ва шароити кори муаллимон ба манзури шиносоии нуқоти осебпазир ва муртафаъ

кардани ин мушкилот барои расидан ба омӯзиш ва парвариши асарбахш доштаанд[8].

Ҳаммонанди шуғлҳои стресcзо дар муҳити омӯзишӣ низ мизони ғайримуваллиди стресс мумкин аст, ки ба муаллимон осеб бирасонанд ва бар тадрис зиндагии шахсӣ ва аз ҳама муҳимтар ба рӯйи донишомӯзони онҳо таъсири манфӣ ва ҷубронноназире ворид созад[9].

Ба назари Луҳ ба далели таомулоти рӯзона муаллимон бо донишомӯзон, ҳамкорон ва хостаҳои доим, пайваста ва аз ҳам гусехтаи тадрис ва фишорҳои тоқатфарсо, чолишҳое барои онҳо эҷод мешавад, ки ба тавли стресс меанҷомад[10].

Вақте стресси шуғлӣ бидуни вақфа бошад, мумкин аст бархе паёмадҳои физиологӣ, равоншинохтӣ ва рафторӣ эҷод кунад, ки шомили хастагӣ, афсурдагӣ ва бетафовутӣ нисбат ба кор аст. Ҳамин омилҳои таҳдидкунанда саломатии равонии муаллимонро на танҳо дар сатҳи фардӣ ба шакли нишонагони равонӣ худро нишон медиҳад, балки натиҷаҳо ва паёмадҳои он мутаваҷҷеҳи зиндагии хонаводагӣ ва муҳити кори онҳо низ мешавад[11].

Майрз эҳсоси беҳзистиро ин гуна таъриф мекунад: «Эҳсоси мусбат ва ризоиятмандии умумӣ аз зиндагӣ, ки шомили худ ва дигарон дар ҳавзаҳои мухталиф монанди хонавода, шуғл ва ғайра аст»[12].

Беҳзистии равоншинохтӣ низ ба сурати ҳолати зеҳнӣ аз зиндагӣ, ки бо рӯҳияи мусбат шомили шодӣ, иззати нафс ва ризоияти зиндагӣ аст, таъриф шудааст. Дармондагӣ истилоҳе буд, ки Селия барои тавсифи стресси номатлуб истифода мекард[13].

Таҳқиқот ва пажӯҳишҳои густардае дар заминаи стресс ва саломатии равонии муаллимон анҷом шудааст. Натиҷаҳо нишон медиҳад, ки бештари муаллимон ба миқдори зиёде аз хастагии равонӣ ранҷ мебаранд ва дармондагии равоншинохтӣ ва фарсудагии равонии зиёдеро таҷриба мекунанд[14].

Аз назари Пунч ва Тютман таҷрибаҳои мусбати муаллимон бо омилҳои стресcзои муаллимон робитаи манфӣ дорад ва воқеаҳои мусбат бо паёмадҳои равоншинохтии мусбат дар иртибот аст[15].

Иллати умдаи фишори равонӣ бар муаллимон метавонад ношӣ аз се омил бошад:

1. Рафтор ва беназмии донишомӯзон.
2. Ҳаҷми кори зиёд.
3. Фақри муҳитӣ.

Манзур аз фақри муҳитӣ: 1) назорати шуғлӣ; 2) дастраси ба иттилоот; 3) ҳимояти мудирон; 4) ибтикор ва навоварӣ дар фазои мадраса; 5) масоили иҷтимоӣ)[16].

Стресси шуғлии муаллимон оқибатҳои нохушоянде ба бор меоварад. Аз ҷумла коҳиши рӯҳияи муаллим, дилсардӣ, бадрафторӣ дар синф то ихтилол дар саломатӣ ва анвои фарсудагиҳоро ба думбол хоҳад дошт[17].

Стресси муаллимон на танҳо бар бархӯрди муаллимон таъсиргузор мебошад, мутмаинан бар иртиботи муаллим бар донишомӯз низ таъсир хоҳад гузошт. Бетаваҷҷуҳӣ бар беҳдошти равонии дабирон, таъсири сӯистифода бар донишомӯзон ва системаи омӯзишӣ ҷой мегузорад[18].

Афрӯз ва Солеҳ стресси шуғлиро ба панҷ табақа тақсим мекунанд:

1. Омилҳои муртабит бо шуғл (зарфият ва тавони корӣ, кори зиёд ё тавони кори кам).
2. Сохтор ва фазои созмонӣ (мушорикат ё адами мушорикат дар фароянд, тасмимгирӣ, сабки мудириятӣ, улгуҳои иртиботӣ).
3. Таҳаввули шуғлӣ (пешрафт ё адами пешрафт, амнияти шуғлӣ, фурсати шуғлӣ, ризоияти шуғлӣ).
4. Робитаҳои байни коркунон (сарпарастон, ҳамкорон ва зердастон).
5. Нақши созмонӣ (таорузи нақш, ибҳоми нақш, сатҳи масъулиятҳо)[19].

Стресси муаллимро ба сурати таҷрибаи номатлуби отифӣ, монанди таниш, маҳрумият, изтироб, хашм ва афсурдагӣ, ки дар натиҷаи ҷанбаҳои мухталифи корӣ эҷод мешавад, таъриф кардааст[20].

Рӯйкарди соҳибназарон нисбат ба стресс мутафовит буда, дар кулл метавон онҳоро дар се гурӯҳ табақабандӣ намуд:

а) Стресс ба унвони муҳаррик;
б) Стресс ба унвони посух;
в) Стресс ба унвони омили мутаассир аз таомули фард ва муҳит ё идроки фард аз мавқеият.

Таърифи Бейр ва Нюман 1993 аз стресси шуғлӣ дар гурӯҳи охир қарор мегирад, ки иборат аст аз таъсир ва таассури афрод ба машғили худ, ки мунҷар ба бурӯзи тағйироти дарунӣ ва дар ниҳоят инҳирофи онон аз куниши маъмули худ мебошад[21].

Потер ақида дорад, ки муаллимон ҷузъи касоне ҳастанд, ки таҳти шароити сахт ва душвор кор мекунанд, корашон ба таваҷҷуҳи дақиқ ниёз дорад, корашон такрор мебошад, сару корашон бо донишомӯзон мебошад. Лизо, бештар дар маърази фарсудагии шуғлӣ қарор доранд[22].

Бавижа, агар муаллимон эҳсос кунанд, ки талошҳояшон ба ҳадафҳои матлуб намерасад, бештар дучори мушкилоти рӯҳи хоҳанд шуд[23].

Дар мадрасаҳо ба унвони як системаи иҷтимоӣ, унсури инсонӣ ҷойгоҳи хос дорад ва дар байни афроди ҳозир дар мадраса, муаллимон муҳимтарин нақшро бар уҳда доранд. Муаллимон ба хотири нақши ҳассосе ки доранд, аз тарафи мудирон,

волидайн, донишомӯзон ниҳодҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои расмӣ ва ғайрирасмии мавҷуд дар мадраса таҳти фишор ҳастанд. Ба илова, онҳо бо мушкилоти мутааддиди дигаре хориҷ ва дохили мадраса рӯ ба рӯ ҳастанд[24].

Мудирон дар созмон вазифаҳое доранд, ки барои анҷоми он боиси нақшҳои созмонӣ ва робитаҳои байнифардӣ ва ҳадафҳои созмониро ба таври равшан дарк карда, дар ҷиҳати таъмини ниёзҳои коркунон ва муроҷиаткунандагон талош карда, созмонро қодир ба бархӯрди муваффақиятомез бо нерӯҳои дохилӣ ва хориҷӣ карда, то битавонад нерӯҳои мухарибро низ дар ҷиҳати ҳадафи аслии созмон ҳидоят ва таъмини ҳадафҳои созмон, судмандӣ ва идомаи ҳаёти онро тазмин кунанд[25].

Ҳеҷ кас ҷуз роҳбари як созмон наметавонад тандурустии созмонро ба он боз гардонад, дар ҳоле ки мудирон ғолибан масъулият, роҳбурдҳо, фановарӣ, бозёбӣ ва ё таъмини молиро бо муваффақият ба зердастони худ вогузор мекунанд, масъулияти саломатии фарҳангии созмонро наметавонанд ба ҳеҷ кас бисупоранд[26].

Бисёре аз назарияпардозон ба аҳамияти нақши мудир дар эҷоди ризоияти шуғлии зердастон ишора карданд ва ба таври куллӣ муътақиданд, ки зердастони як модели бохуши ҳаяҷонии поин бо бозхӯрди номуносибе, ки аз мудир дарёфт мекунанд, мумкин аст алоқаи худро нисбат ба кор батадриҷ аз даст бидиҳанд ва дар натиҷа, аз кори худ эҳсоси норизоятӣ кунанд. Дар сурате ки, агар мудир аз саломат ва нишот, бархӯрди муносиб бо зердастон ва тавоноии назорати ҳаяҷонот баҳраманд бошад, ангезаи зердастон ба ҳамкорӣ ва таовун ва дар натиҷа, ризоияти шуғлӣ афзоиш меёбад[27].

Темурӣ Донишвар дар соли 1380 ба ин натиҷа расид, ки байни рафтори ҳимоятӣ ва самимӣ будани мудир ва фазои созмонӣ ва мушорикати дабирон дар фароянди тасмимгирӣ робитаи қавӣ ва мустақим ва байни рафтори дастурии мудир ва мушорикати онон дар тасмимгирӣ робитаи қавӣ ва маъкус вуҷуд дорад[28].

Бо мутолиаи муаллимон дар минтақаҳое аз Вашингтон гузориш дода шудааст, ки яке аз шоеътарин иллати стресси муаллимон адами ҳимояти мудирон мебошад[29].

Аз тарафи дигар, коҳиши ризоияти муаллимон боиси поён рафтани кайфияти кории онон, сардаргумии равонӣ ва стресси муаллимон хоҳад шуд[30]. Ва ин ҷанбаҳо метавонад рӯҳия, ангеза ва тамоюлоти муаллимонро таҳти таъсир қарор диҳад ва рӯйи потенсиали кории онон асари манфӣ ба ҷой бигузорад[31].

Ловин сабкҳои мудириятиро дар се гурӯҳ тақсимбандӣ мекунад[32]. Сабки қудратталабона: Роҳбарони қудратталаб, интизороти мушаххасеро дар мавриди ин ки чӣ коре бояд анҷом шавад, чӣ мавқеъ бояд анҷом шавад ва чӣ гуна анҷом шавад, доранд ва ҳамчунин, тафкики мушаххаси байни роҳбар ва пайравон вуҷуд дорад. Роҳбарони қудратталаб мустақилан тасмимгирӣ мекунанд ва аз назароти дигарон ё аслан истифода намекунанд ва ё хеле кам истифода мекунанд. Ин навъ мудирият аз ибтикор ва навоварии камтаре бархурдор аст.

**Сабки демократӣ.** Роҳбарони демократӣ аъзои гурӯҳро роҳнамоӣ мекунанд, аммо худ низ дар кори гурӯҳ мушорикат менамоянд ва имкон медиҳанд, ки назароти дигарон низ матраҳ гардад. Дар мутолиаи Ловин донишомӯзоне, ки дар ин гурӯҳ буданд, ба нисбат ба онҳо ки дар гурӯҳи қудратталабона қарор доштанд, аз коройии камтаре бархурдор буданд. Аммо мушорикати онон аз назари кайфӣ бисёр болотар буд. Мутолиаи Ловин ба ин натиҷа расид, ки мудирияти мушорикатӣ (демократӣ) ба таври куллӣ асарбахштарин шеваи мудирият аст.

**Мудирияти озодманишона.** Роҳбарони озодманиш роҳнамоии андаке ба аъзои гурӯҳ мекунанд (ё аслан намекунанд) ва тасмимгириҳоро ба аъзои гурӯҳ вогузор менамоянд. Ҳарчанд ин шеваи роҳбарӣ дар шароите, ки аъзои гурӯҳ аз таҳассуси болое дар заминаи мавриди назар бархурдор бошанд, метавонад асарбахш бошад. Аммо ғолибан ба камбуди ангеза ва нақшҳои таърифнашуда меанҷомад. Пажӯҳишгарон дарёфтанд, ки донишомӯзоне, ки дар ин гурӯҳ қарор гирифта буданд, ба нисбати ду гурӯҳи дигар камтарин короиро доштанд. Онҳо ҳамчунин тақозои зиёде аз роҳбар доштанд, ҳамкории каме нишон медоданд ва қодир ба кори мустақил набуданд. Тафовут дар сабки роҳбарӣ таъсири муҳиме дар баҳравари афрод дорад[33].

Алмуҳноди ва ҳамкорон ба ин натиҷа расиданд, ки стресс ба далели омилҳои шахсӣ ё муҳитӣ афзоиш намеёбад, балки бештар ба далели таомули фард бо муҳити атрофаш эҷод мешавад. Онҳо омилҳои стрессзои муртабити муҳити корро созмони номатлуб, камбуди эҳтиром ба муаллимон, сабки мудирият, иртибот бо ҳамкорон, адами ҳимоят аз тарафи ҳамкорон, тазод ва ибҳоми нақш медонистанд[34].

Фазои созмонии мадраса, яке аз омилҳои муҳиме аст, ки бар робитаҳои коркунони омӯзишӣ- муаллимон ва донишомӯзон асари ғайри қобили инкоре дорад ва маҷмӯи ҳолот, хусусиёт, ё вижагии ҳоким бар мадраса ё муҳити омӯзиширо дар бар мегирад. Ин фазо мумкин аст муҳити мадрасаро гарм ё сард, қобили эътимод, тарсовар ё итминонбахш, таъсиркунанда ё боздоранда созад ва сабаби тамоюзи ду мадрасаи мушобеҳ аз якдигар шавад[35].

Аз назари Пунч ва Тютман мизони дармондагӣ, равоншинохтӣ дар миёни муаллимони давраи мутавассита ду баробари миқдоре аст, ки дар миёни ҷамъияти умумӣ мавриди интизор аст[36].

Таҳқиқот нишон дод, ки омӯзгорони мадрасаҳои ибтидоӣ дар муқоиса бо мақтаҳои болотар стресси бештареро таҷриба мекунанд ва дар ин байн стресси занон дар муқоиса бо мардон бештар аст[37].

Ва ҳамчунин заноне, ки дар мадрасаҳои дабиристони кор мекунанд, дар маърази хатари ибтило ба ихтилолҳои равоншинохтӣ қарор доранд ва омилҳои

созмонӣ, бавижа набудани ҳимоят аз ҳамкорон бо вуқӯи мушкилот дар заминаи равонӣ муртабит шудааст[38].

Байни мизони стресси шуғлӣ ва манобеи он бо саломатии равонии мудирони дабиристон робитаи маънодор ва маъкус вуҷуд дорад[39].

Бо таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти унвоншуда, ин муҳим ба исбот расида, ки муаллимоне, ки дарки ҳимояти бештари иҷтимоӣ дар муҳити кор дарёфт мекунанд, аз тарсу стресси камтаре нисбат ба муаллимоне, ки дарки иҷтимоӣ дарёфт намекунанд дар худ гузориш додаанд[40].

Ин гумон ки муаллим дар тасмимгирӣ дар масоили мадраса дахолат надорад, яке аз барҷастатарин манобеи стресс дар муаллим мешавад ва боис мешавад, ки эътимод ба нафс ва қудрати тасмимгирии поин дар муалим эҷод шавад[41].

Ба илова, таҳқиқот нишон медиҳад, ки омилҳое монанди ҳимояти иҷтимоӣ дар миёни ҳамкорон ва сабки мудириятӣ таъсир бар рӯйи сатҳҳои стресс дар миёни мураббиён дорад[42].

Бо шинохти омилҳои стресcзо дар маҳалли кор метавонем марҳилаҳои муносиберо барои коҳиши стресс анҷом бидиҳем. Як созмон метавонад, як ҳимояти ҳирфаиро ироа диҳад. Ба таври мисол, бо истиқдоми мушовири тамомвақт хадамоти мушовирай ба кормандони худ ироа диҳад[43].

Муалимон бо нақше, ки бар уҳда доранд, дорои табъи зарифу ҳассос ҳастанд ва таваққӯъ доранд мудирон ва масъулон бо онҳо бо- адолат рафтор кунанд ва мушкилоти ононро дарк карда, дар кул сабке, ки дар мудирият пеша мегиранд, боиси дилгармӣ ва асарбахшии бештари муаллимин дар кори тарбиятии худ шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Otto R. Teachers under stress. Melbourne: Hill of Content. 1986.
2. Louden L.W. Teacher stress: Summary report of the Joint Committee of Inquiry into Teacher Stress appointed by the minister for education and planning in W.A. Pert, W.A. Govt. Printers. 1987.
3. Fisher S. Stress in Academic Life. Buckingham: Open University Press. 1994.
4. Keiper R.W. & Buselle K. The Rural Educator and Stress. Rural Educator, 17:18, 1996.
5. Kahn R.L. & Cooper C.L. Stress in the Dealing Room: High performers under pressure. Routledge: London and New York. 1993.
6. Jarvis M. Teacher stress: a critical review of recent findings and suggestions for future research directions. Teacher Support Network, 14(1). Retrieved Nov. 13, 2003, from http//www.google.com/search?q=cache:Yat4BaS26loJ: ww.teachersupport.orq.uk/index.
7. Borg M.G., Riding R.J. "Stress in teaching: A study of occupational stress and its determinants, job satisfaction and career commitment among primary schoolteachers". Educational Psychology. 11, PP: 59-75, 1991.
8. Kovess-Masfety et al. "Teacher's mental health and teaching Levels", Teaching and Teacher Education, In press. 2006.
9. Adams E. "Vocational teacher stress and internal characteristics". Journal of Vocational and Technical Education. Vol. 16. No. 1. 1991.
10. Loh L.W.C. "Are EsUEfl teachers under high stress? A study of Secondary level school teachers in Hong Kong". International. JATEFL Conference in Brighton UK, April 1994.
11. Loh L.W.C. "Are EsUEfl teachers under high stress? A study of Secondary level school teachers in Hong Kong". International. JA TEFL Conference in Brighton UK, April. 1994.
12. Карамии Нурї, Ризо Муњаммадифар, Яздони Исмолї. Мутолиаи омилњои муассир бар эњсоси шодї ва бењзистї дар донишљўёни донишгоњи Тењрон. Маљаллаи равоншиносї ва улуми тарбиятии Донишгоњи Тењрон, шумораи 1, 1381.
13. Adams E. "Vocational teacher stress and internal characteristics". Journal of Vocational and Technical Education. Vol. 16. No. 1. 1990.
14. De Heus P. & Diekstra R. "Do the teachers burn out more easily? A comparison of teachers with other social professions on work stress and burnout symptoms". In R. Vandenberghe, & M. Huberman (Eds.), Understanding and preventing teacher burnout (PP: 269-291). Cambridge: Cambridge University press. 1999.
15. Hart P.M. "Teacher quality of work life: Integrating work experiences, Psychological distress and morale". Journal of Occupational and organizational psychology. 67. PP:109-132. 1994.
16. Friedman I.A. High- and low-burnout schools: School culture aspects of teacher burnout. Journal of Educational Research, 84, 325-333, 1991.
17. Креков Крис. Мањори стресс дар муаллимон. Тарљумаи Мансураи Вањдатии Ањмадзода. Интишороти Рушд. Тењрон, 1384.
18. Оѓои Асќар ва Оташпур Њамид. Стресс ва бењдошти равонї. Нашри Пардаж. Исфањон, 1380.
19. Analysis, model and a literature review. Personel psychology. 1978;31:665-99.
20. Kyriacou C. and Sutcliff J. Teacher stress:prevalence sources and symptoms,**british journal of educational psychology.** Vol.29, No.4 , PP159-167, 1978.
21. Beehr Terry A. Newman John E. Job Stress. Employee health and organizational effectiveness :A factor
22. Beverly A. Potter job burn out what it and what you con do a bout it?http:// ww.docpotter.com
23. Соросу Эрвин Љи, Соросу Барбара. Равоншиносии маразї. Мутарљим Бањмани Наљориён ва њамкорон. Љилди 1, чопи 1. Интишороти Рушд. Тењрон, 1371.
24. Johnson J. What school leader want. Educational leadership, 61(7)924-928, 2004.
25. Алоқабанд Алӣ. Саломатии созмонии мадраса. Фаслномаи мудирият дар омӯзиш ва парвариш. 1378.
26. Латифӣ Фарибо. Созмони фардо. Интишороти фаромудирияти фардо. -Теҳрон, 1385.
27. Johnson J. What school leader want. Educational leadership, 61(7)924-928, 2004.
28. Темурӣ Донишвар. Баррасии робитаи байни фазои созмонӣ ва мушорикати дабирон дар фароянди тасмимгирӣ дар дабиристонҳои шаҳои Нур ва Чамистон. Поённомаи коршиносии аршад донишгоҳи Теҳрон, 1380.
29. Bogler R. The influences of leadership style on teacher job satisfaction. Educa Adm Q 2001; 37(5): 662-84.
30. Keiper R.W. & Busselle K. The rural educator and stress. Rural Educator, 17(2),21-18, 1996.
31. Simon. "Teacher Stress and Burnout" in Organizing Systems to Support Competent Social Behavior in Children and Youth, Volume III. New York: Longman. 1978.
32. Borget M.G. & J.M. Fazlon. "Sources of Teachers Stress in Maltese Primary's School" in Research in Education, Vol.4, pp.44-49, 1991.
33. Lewin K., R. Lippit & R.K. White. "Pattern of Aggressive Behaviour in Experimentally Created Social Climates" in Aminuddin Mohd Yusof [ed]. Kepimpinan, Motivasi, dan Prestasi: Model Guru dan Tentera. Kuala Lumpur: Dewan Bahasa dan Pustaka, Kementerian Pendidikan Malaysia.1994.

34. Ainon Mohd. Teori dan Teknik Kepimpinan: Panduan Aplikasi di Tempat Kerja. Pahang: PTS Profesional 2005.
35. Миркамолӣ Саидмуҳаммад. Робитаҳои инсонӣ дар омӯзишгоҳ. Чопи аввал. Нашри Ястарун, 1378.
36. Al-Mohannadi A., Capel S. "Stress in physical education teachers in Qatar", Social Psychology of Education, 10(1): PP:55-75. 2007.
37. Punch K.F., Tuettemann E. "Correlats of psychological distress". British Educational research Journal. Vol. 16, Issue 4, 1990.
38. Romano J.L., Wahlstrom K. "Professional stress and well-being of K-12 teachers in alternative educational settings, a leadership agenda". International Journal of Leadership in Education. Vol 3, No. 2, PP: 121-135, 2000.
39. Ҷамшеднажод Алиризо. Баррасии робитаи стреси шуғлӣ ва саломатии равонӣ бо миёнҷигарии мутағайирҳои таорузи нақш, ибҳоми нақш, гаронбории нақш дар мудирони мадрасаи мутавасситаи устони Хузистон. Ёфтаҳои пажӯҳишии Шӯрои таҳқиқоти омӯзиш ва парвариши устони Хузистон. Тадвин Ғуломҳусайни Ободӣ. Нашри Кирдгор. 1383.
40. Kovess-Masfety et al. "Teacher's mental health and teaching Levels", Teaching and Teacher Education, In press. 2006.
41. Abbey D. & Esposito J. Social support and principal leadership style: A means to reduce teacher stress. Education. 105(3). 327-333, 1985.
42. Miller M.D., Brownwell M.T. & Smith S.W. Factors that predict teachers staying in. leaving or transferring from the special education classroom. Exceptional Children, 65(2), 201-218, 1999.
43. Jarvis M. Teacher stress: a critical review of recent findings and suggestions for future research directions. Teacher Support Network, 14(1). Retrieved Nov. 13, 2003, from http//www.google.com/search?q=cache:Yat4BaS26IoJ: Www.teachersupport.org.iik/index
44. Cooper C. & Bramwell R. A comparative analysis of occupational stress in managerial and shopfloor workers in the brewing industry: Mental health, job satisfaction and sickness. Work and Stress, 6, 127-138, 1992.

## СВЯЗЬ МЕЖДУ ФОРМАМИ УПРАВЛЕНИЯ ДИРЕКТОРОВ И ПРОФЕССИОНАЛЬНЫМ СТРЕССОМ УЧИТЕЛЕЙ ШКОЛ

В данной статье автором рассматривается проблема стресса в профессиональной деятельности учителей школ. Всевозрастающая интенсивность и напряженность современной жизни проявляются на психологическом состоянии людей и способствуют формированию стрессовых состояний особенно связанных с трудовой деятельностью. Профессиональные стрессы могут нарушить дееспособность организации и приводят к потере кадровых ресурсов.

**Ключевые слова**стрессы на работе, проблемы управления стрессами, продуктивность деятельности, психическое благополучие, состояние нервно-психической напряженности. информационные нагрузки

## THE CONNECTION BETWEEN THE FORMS OF GOVERNANCE DIRECTORS AND PROFESSIONAL STRESS TEACHERS, SCHOOLS

In this article the author considers the problem of stress in professional activity of teachers in schools. The increasing intensity and tension of the modern life are manifested on the psychological condition of people and contribute to the formation of the stress especially work-related. Professional stress can disrupt the organization's capacity and lead to the loss of human resources.

**Key words:** stress at work, problems stress management, productivity, mental well-being, the state of neuropsychic tension. load information.

**Сведения об авторе:** ***Захро Бахорванди Эронниё*** – соискатель Академии образования Таджикистана

# МУАЛЛИМИ КОРОМАД ВА БУРДБОР

***Мирарабшоҳӣ Сайид Рафиаддин***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Муаллимӣ шуғлест, ки зарурати он ба кас пӯшида нест. Ин зарурат аз назари муаллифин, умдатан, шаклдиҳии таҷрибавист, ки мунҷар ба тағйироти матлуби рафторӣ дар донишомӯхтагон мешавад. Ба хотири ҳамин зарурат ошкор аст, ки нақши муаллим ҷанбаи ниҳодӣ пайдо карда, бисёре аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ, афрод ва донишҷӯёну донишомӯхтагони мухталиф, интизороти куллии мушаххасе аз он чи ки як муаллим ҳаст ва бояд бошад, доранд.

Аммо ба назар мерасад, интизороти куллии мавриди назар дар амал дучори мушкил мегарданд. Зеро ҳамаи мо дар тӯли ҳаёти таҳсилӣ ё ҳирфаии худ бо муаллимон ва асотиде мувоҷеҳ шудаем, ки аз онҳо бо калимоти хуб ё бад ёд кардаем. Бинобар ин як саволи асосӣ пеш меояд, ки оё ин ду муаллим бо якдигар усулан яксонанд ё ин ки тафовуте байни онҳо вуҷуд дорад? Оё ҳамаи муаллимон боҳушу коромад ҳастанд? Оё метавон малокаҳое барои шоистагии як муаллим тасаввур кард ё ин ки муаллимон ҳама яксону малаки мушаххасе барои шоистагии яке бар дигаре вуҷуд надорад? Оё зотан бархе аз афрод муаллим ба дунё меоянд, ё муаллимӣ ҳирфаест, ки баъзеҳо онро беҳтар ёд мегиранд? Ин саволот матолиби муҳим ва ҳаётӣ мебошанд, ки мебоист ба онҳо посухҳои дақиқ дод?

Ба таври куллӣ, таҳқиқоти ахир нишон дод, ки ҳуш ва шахсияти муаллим дар муқоиса бо тавони амалӣ ва корбурдии ӯ дар утоқи дарс аз аҳамияти камтаре бархӯрдор аст. Ба ақидаи Брунинг ва Гловар (1375 ҳ.ш.), ин таҳқиқот бисёре аз маҳоратҳоеро, ки муҷиби тафовути кайфи тадрис мешавад, мушаххас сохтаанд. Ба ақидаи Макдоналд, муаллимони хуб қодиранд ёдгирии донишомӯзонро афзоиш дода, аз тариқи подош додан ба донишомӯзон ва додани имконоти бештари омӯхтан, сатҳи ангезаи онҳоро боло баранд.

Ба ақидаи Брунинг ва Гловар, дар канори нақшҳои мавриди назар, муаллимони хуб, ки аз онҳо ба номи муаллимони коромад ва бурдбор ном мебарем, қодиранд қудрати тафаккури донишомӯзонро парвариш дода, рушди ӯро **тасҳил** созанд ва ба хубӣ аз уҳдаи идораи синф бароянд. Ба манзури баррасии вижагиҳои мавриди назар, шояд салоҳ бошад онҳоро бо тааммуқи бештаре бингарем. Зеро, чунончи, Фонтано

тасреҳ намуда, алларағми пажӯҳишҳои анҷомшуда дар хусуси вижагиҳои муаллимони коромад ва бурдбору муваффақ, ҳанӯз ёфтаҳо ва иттилооти андаке мавҷуд аст. Ин масъала, албатта, тааҷҷубовар нест, зеро авомили зиёде дар берун аз муаллим вуҷуд доранд, ки вазъиятро печида месозанд, монанди: син(н), тавоноӣ ва заминаҳои иҷтимоӣ, иқтисодии донишомӯзон, мавзӯи тадрис, муҳити мадраса (мактаб) ва ғайра. Ба ақидаи Фонтано, он чи барои як муаллим ба сурати маҷмӯае аз шароит амал мекунад, метавонад барои илми дигар ё ҳамон муаллим дар шароити дигар, коройӣ надошта бошад. Бо ин ҳол, хусусиёту кайфияти муҳим ва мушаххасе вуҷуд дорад, ки метавонем дар мавриди онҳо баҳсу андеша намуда, ба таъмимҳое (воридкунӣ) даст бизанем. Ин кайфиет иборатанд аз:

*1. Тавоноии ҷазби донишомӯзону донишҷӯён:* Ба ақидаи доктар Сайф, яке аз вижагиҳои муаллимони коромад ва бурдбор, ҷазби шогирдон ба ҷаласоти дарс ва идомаи ширкати онон дар фаъолиятҳои ёдгирӣ мебошад. Ба ақидаи Брунинг ва Гловар, муаллимони коромад ва бурдбор қодиранд он чиро донишомӯзони эшон фарогиранд, ба онҳо мунтақил созанд. Онҳо созмонёфтатар амал карда, шогирдони худро хеле равшан тавҷеҳ намуда, ба наҳве, ки шогирдони онҳо медонанд, чӣ кореро бояд анҷом диҳанд. Тавоноии интиқоли аҳдофи дарс ба донишомӯзон, таъсироти амиқе бар омодагии донишомӯзон барои ширкат дар синф, бар кори эшон дар синф ва низ мутолиоте, ки бояд анҷом диҳанд, дорад. Муаллимон бо кифоят медонанд, ки барои донишомӯзӣ дарсро бояд аз куҷо шурӯъ кард ва ҳар ҷо, ки лозим ояд ба омӯзиши инфиродӣ рӯй меоваранд ва суръати тадрисро мутаносиб бо пешрафти донишомӯзон танзим мекунанд. Ба ҳамин далел, ҳама донишомӯзон чун матолиби бо маҳоратҳои мутафовути эшон таносуб дорад, ба фаъолият барангехта мешаванд.

2. *Пажӯҳиши маҳоратҳои фикрӣ:* Ба ақидаи Брунинг ва Гловар, шояд битавон ҳадафи таълим ва тарбиятро парвариши қуввai тафаккури донишомӯзон донист ва чун ёдгирии маънодор ба вижа, барои рушди қуввai фикрии донишомӯзон бо аҳамият мебошад, муаллимони муваффақ метавонанд фаъолиятҳои омӯзиширо маънодор созанд. Бад ин манзур, як муаллими коромад ва бурдбор ёдгирии ҷадиди донишомӯзонро тавре ҳидоят мекунад, ки бо дониши қаблии онҳо ҳамсоне дошта бошад, то донишомӯзон битавонанд дониши ҷадидро ба наҳви мантиқӣ дар ҳофизаи худ созмон диҳанд, зеро ёдгирии мудовим муҳтоҷи созмондиҳии мантиқӣ матолиб бо якдигар аст.

*3. Ёдгирӣ ва арзёбии он:* яке дигар аз хусусиёти як муаллими коромад ва бурдбор таваҷҷуҳ ба пешрафти таҳсилии шогирдон ва арзёбии ёдгирии онҳо мебошад. Мутобиқ бо он чи гуфта шуд, тадриси хуб, бодиққату васвосӣ дархӯри таваҷҷуҳ арзёбӣ мешавад, ба шакле, ки доимо метавон тағйироти лозимиро дар он сурат дод. Дар ин вазъият донишомӯзон дар мавриди ёдгирии худ федбуки сареъ ва матлубе дарёфт мекунанд. Ба ақидаи Брунинг ва Гловар, муаллимони коромад ва бурдбор аз маҳоратҳои лозим барои арзёбии донишомӯзон бархӯрдор буда, қодиранд, мизони ёдгирии эшонро таъйин кунанд ва васоили андозагирӣ ва арзёбӣ ба таври умда иборатанд аз имтиҳоноти дарсӣ, таколифи дарсӣ, пурӯжаҳои (проект) таҳқиқотӣ ва озмунҳои стандартишуда, иттилооти бадастомада, аз абзорҳо ва васоили боло муаллимони хубро кӯмак мекунад то равиши тадриси худро танзим кунанд. Ёдгирии донишомӯзон бо дарёфти пасхӯронд (федбук) ношӣ аз арзёбии дақиқ тасҳил мегардад.

4. Ё*дгирии мудовим:* Ба назар мерасад, метавон беҳтарин муаллимонро касоне донист, ки вақти худро сарфи ёдгирӣ мекунад. Ба назар мерасад, мутаассифона, бархе аз муаллимон бо шурӯи тадрис ёдгириро мутаваққуф месозанд ва ба ҷузвҳое, ки рӯзгоре таҳия кардаанд, басанда месозанд. ба ҳамин далел, ҷаҳон дар ҳоли тағйир аз канори онҳо мегузарад ва ба суръат эшонро дар вазъияте қарор медиҳад, ки дигар омодагии тадриси коромад ва бурдборро надоранд. Як муаллими коромад ва бурдбор маъмулан, таҳаввулоти марбут ба риштаи худро таъқиб мекунад ва доимо маҳоратҳои хешро беҳбуд мебахшад. Онҳо ҳамвора дар ҳоли омӯхтан ҳастанд. Ба ибораи дигар, онҳо доимо дар ҳоли шогирдӣ кардан ҳастанд.

5. *Идораи дарс:* Муаллимони коромад ва бурдбор, маъмулан, дорои дарси матлуб, мунсаҷим ва пурбор ҳастанд. Муаллимони коромад ва бурдбор нисбат ба он чи дар дарси эшон иттифоқ меафтад, бисёр ҳассос ҳастанд ва қодиранд мушкилотро рафъ кунанд. Ин муаллимон ағлаби таваҷҷуҳи кофӣ ба шогирдон дошта, ҳассосанд, ки ба ҳама афрод фурсатҳо ба кӯмаки мусовӣ дода шавад. Аз ин назар, муаллимони хуб, роҳат ва қобил, эътимоду итминон ҷилва мекунанд. Инҳо муаллимони сабур ва бурдборанд ва улгӯи олӣ аз иҷрои нақши худанд. Онҳо ба мавқеияти донишомӯзон таваҷҷуҳ карда, ба ақидаи Генот, нисбат ба донишомӯзон таваҷҷӯҳ ва муроқибат нишон дода, ба шогирдон кӯмак мекунанд, то фарогиранд, ки чи гуна метавон бо дигарон ҳамкории ҷамъӣ дошт, дар айни ҳол, хушҳолу муфид буд. Онҳо муҳите эҷод мекунанд, лаззатбахш, шодиофарин, ки дар он шӯхӣ ва тафреҳи муштарак марзҳои миёни муаллим ва синфро таҳлил (ихтисоркунӣ )дода ва ба шарте ки дар он зиёдаравӣ нашавад. Ба дарс кӯмак мекунад, ки муаллимро бештар ба сурати як дӯст ва ҳамроҳ тасаввур кунанд. Ҳамин наҳв омодагии ҳамкорӣ бо дӯстон дар дарс афзоиш ёфта, бад ин тартиб теъдоди ҳаводисе, ки ба мушкилоти мавҷуд дар назорати синф меанҷомад , таҳлил меёбад.

6. Рафторҳои дарсӣ: вижагии дигари муаллимони коромад ва бурдбор, ки дар эҷод мавриди баҳс қарор мегирад, рафторҳои дарсии муаллимон аст. Ба ақидаи бисёре аз пажӯҳишгарони омӯзишӣ, ҳамбастагии маънодоре байни баъзе аз рафторҳои муаллимон ва пешрафти таҳсилии шогирдони онҳо вуҷуд дорад. Доктар

Сайф, ба нақле аз Розеншайн ва Фурст (Rasenshine & Furst), ҳашт мутағаййири омӯзишӣ ё рафтори дарсии муаллимонро, ки бо ёдгирии шогирдон робита ва ҳамбастагии маънодор нишон додаанд, муаррифӣ кардаанд. Ин мутағаййирҳо иборатанд аз:

а) равшании тавзеҳоти муаллим дар дарс;
б) инъитофпазирӣ (нармӣ) дар равиши омӯзиш;
в) иштиёқ дар кор, шомили таҳрик дар дарс, ҳаракоти сару даст ва навсони садо;
г) эҳсоси масъулият дар амал, шомили таъкид бар ёдгирӣ ва фаъолияти шогирдон;
д) фурсати ёдгирӣ додан ба шогирдон барои ёдгирии матолиб то сарҳади тасаллут;
е) истифода аз ақоиди шогирдон, шомили ташвиқи шогирдон ба изҳори назар ва таъйиди назариёти онҳо;
ж) истифода аз матолиби созмондиҳанда шомили мурур кардани матолибу эҷод аз иртиботи матолиби дарсӣ бо якдигар;
з) тарҳи саволҳои дорои сутӯҳи мухталиф, аз ҷумла саволҳое, ки бо чӣ, куҷо, чаро ва чигуна шурӯъ мешаванд. Мутобиқи таҳқиқоти бааммаломада, ба назар мерасад, ки муҳимтарин мутағаййири омӯзишии муаллим, ки бештарин ҳамбастагиро бо якдигарии шогирдон дорад, равшании тавзеҳоту матолибест, ки муаллим дар омӯзиши худ дар ихтиёри шогирдон медиҳад.

Дар солҳои охир бо таваҷҷуҳ ба рушди рӯзафзун ва вусъати тағйироти равишҳои омӯзишӣ, созгор намудани бистари ёдгирӣ бо тамомии ҷавониби ниёзҳои ёдгиранда, дар конуни таваҷҷӯҳи мутахассисини омӯзиш қарор гирифтааст, чаро ки муҳити дарс бо сабаби сохтори худ метавонад таъомулот ва дар пайи он фароянди ёдгириро тақвият ва ё тазъиф намояд. Аз он ҷо, ки таъомулоти инсонҳо бо якдигар ва бо манобеи муҳитӣ ва «улгӯии ёдгиранда-меҳварӣ», ҷавҳари низомҳои омӯзишии ҷаҳони имрӯз ва фардоро шакл мебахшад. Ин эътиқод вуҷуд дорад, ки рӯйкардҳои ҷадид, ниёзманди ҳаракат, кори гурӯҳӣ ва пӯёҳои донишомӯзон аст.

Аз ин рӯ, таърифи ниёзҳо ва чигунагии созмонҳои бастарӣ, ки чунин наҳваи ёдгирӣ дар он қобилияти зуҳур дошта бошад, аз аҳамияти вижагӣ бархӯрдор аст. Навиштори ҳозир бо такя бар зоти ҷустуҷӯгар ва таҷрибапазири ҷаҳони инсон ва ба манзури посухгӯӣ ба таҳаввулоти густурда равишҳои омӯзишӣ, зарурати бахрагирӣ аз омилҳои бурдборӣ дар муҳитҳое якдигарро мавриди таъкид қарор дода, дар ин робита, бархе аз роҳкориҳои инъитофпазир (ӯҳдаборӣ) намудани як муҳити ёдгирӣ, қобилиятҳо ва мазиятҳои (афзалият) ин омил ироя мегардад.


**АДАБИЁТ**

1. Оташпур С.Х. Кадом муаллим коромад аст? // Ҳамшаҳрӣ, -№9, -1377.
2. Офозода А. Равишҳои дарсдории муаллимон дар се мақтаи ибтидоӣ. //Андешаи муаллим, -№1, -1375.
3. Иброҳимӣ С. Нақши тарбияти муаллим аз дидгоҳи назарияпардозони равоншинос. //Моҳномаи тарбият, -№3, -1372.
4. Биёбонгард И. Иҷтимолӣ шудани у рушди шахсият //Тарбият, -№7, -1376.
5. Муфидӣ Ф. Нақши улгӯдиҳии муаллим дар раванди таълиму тарбияти кӯдакони дабистонӣ. - Теҳрон, 1371.
6. www. Fekreno.org



**ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ КОМПЕТЕНТНОСТЬ ПЕДАГОГА**

Данная статья посвящена изучению и рассмотрению роли учителя в современном обществе. Проблема профессиональной подготовки учителя является одной из наиболее важных в педагогическом образовании. С возрастанием роли учителя в современном обществе возрастают и требования к нему, так как учитель несет ответственность за воспитание'и обучение будущего поколения.

**Ключевые слова:** осуществление педагогической деятельности, совершенствование знаний, формирование профессиональных умений и навыков, улучшение подготовки учителей, профессионализм учителя.

**PROFESSIONAL COMPETENCE OF THE TEACHER**

This article is devoted to studying and consideration of a role of the teacher in modern society. The problem of vocational training of the teacher is one of the most important in pedagogical education. With increase of a role of the teacher requirements to it as the teacher bears responsibility for воспитание'и training of future generation increase in modern society also.

**Key words:** implementation of pedagogical activity, improvement of knowledge, formation of professional skills, improvement of training of teachers, professionalism of the teacher.



**Сведения об авторе:** ***Мирарабшохи Сайид Рафиаддин*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


## БАРРАСИИ РОБИТАИ ИСТИФОДА АЗ ИНТЕРНЕТ ВА ВАЗЪИЯТИ ОМӮЗИШӢ, ХОНАВОДАГӢ, ИҶТИМОӢ ВА ФАРДИИ ДОНИШОМӮЗОН


***Шаҳидулло Муҳсинӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Дар сапедадами ҳазораи сеюми мелодӣ шоҳиди таҳаввулоти шигарфи фановарӣ, таъсироти фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ҳирфаии ношӣ аз он ҳастем, ки инқилоби электронӣ, инфиҷори иттилоотӣ ва инқилоби роёнаӣ, тафовутҳои камӣ ва кайфии бисёре дар ҷаҳон нисбат ба ду даҳаи пеш бо худ ба ҳамроҳ овардааст ва он табдили ҷаҳон ба як кулбаи воҳид аст. Чолиши ангезатарин ва муҳимтарин

таҳаввулот таҳаввулоте аст, ки дар заминаи роёнаӣ ва иттилои расонаӣ сурат гирифтааст. Муҳимтарин фаъолияти фановарии ҷадид барқарории иртиботӣ, интиқол ва табодули иттилоот дар тайфе густурда аст, ки маҳдудияте ҳам наметавон барои он тасаввур кард (Бунободӣ, 1376). Аз он ҷо ки интернет шеваи иртиботии ояндаи моро дигаргун кардааст, як чолиши умумӣ ҳам барои ашхос ва ҳам барои давлат маҳсуб мешавад. Яке аз дағдағаҳои аслии ҳар ҷомеа ҳифзи асолати фарҳангии ҷомеа аст.

Бидуни шак, бо истиҳолаи фарҳангии ношӣ аз таҳоҷуми фарҳангӣ, афкор, омол, орзуҳо, арзишҳо, ҳинҷорҳо ва рафторҳои аъзои як низ дигар мешавад ва имрӯза васоили иртиботи ҷамъӣ нақши асосӣ дар табодул ва таҳоҷуми фарҳангӣ ифо мекунад.

Истифодаи беш аз ҳад аз интернет бар рӯйи равобити заношӯйӣ, волидайн, дӯстони наздик ва монанди онҳо таъсири ҷиддӣ мегузорад.

Интернет ба худии худ абзоре бетараф аст, ки дар ибтидо барои таҳсили таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ ва фановарӣ мавриди истифода қарор мегирифт. Аммо ин ки мардум аз он чӣ гуна истифода мекунанд, чӣ гуна саломатии равонии ҷомеаро таҳти таъсир қарор дода аст, мушкилии асосӣ ва ҷиддӣ барои мардум эҷод кардааст. Эътиёд ба интернет ё вобастагии рафторӣ ба интернет сарфи назар аз ин, ки онро бемор ё осебравонӣ ё мушкилии сирфан иҷтимоӣ бидонем, падидае аст музмин, фарогир ва удкунанда, ки бо садамоти ҷиддии ҷисмонӣ, молӣ, хонаводагӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ ҳамроҳ аст.

Шахси вобаста мутаоқиби вобастагӣ ба он дучори офати ҷиддӣ дар коркардҳои фардӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Гироиш ба интернет дар беши ҷавонон ва наврасон бештар аз волидайни онҳо шуюъ (паҳншавӣ) дорад.

Фазои серверӣ ба ҳуввияти иҷтимоӣ дар се сатҳ-хонавода, гурӯҳи ҳамсолон ва ҷомеа тавассути Беҳзоди Даврон (1382) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, натоиҷи ин пажӯҳиш робитаи маънодореро миёни фазои сервери ва ҳар як аз се сатҳ ҳуввияти иҷтимоӣ (ҳуввияти хонаводагӣ, ҳувввияти ҳамсолон, ҳуввияти миллӣ) посухгӯёнро мушаххас насохт ва нишон медиҳад, ки интернет бар ҳуввияти иҷтимоӣ таъсире надорад. Дар ин таҳқиқ истифода аз интернет ва мизони истифода аз интернет мутағайирҳои мустақиле буданд, ки аз аҳмияти фаровоне бархурдор будааст, вале мизони анвои истифода аз дигарон мадди назар қарор нагирифтааст.

Ҷонатан Ҷи (2001) таъсири интернетро дар заминаи иҷтимоӣ баъди коркарди хонавода, фаъолиятҳои авқоти фароғат, озодиҳои фардӣ ва пинҳонкорӣ мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар мавриди коркарди хонавода фаъолият бо аъзои хонавода аст, ки байни истифодакунандагон ва адами истифодакунандагон тафовути маънодоре ба вуҷуд меоварад. Дар мавриди авқоти фароғатии се мутағайир аз панҷ мутағайир, ки мардум ба рӯзнома хондан, гӯш додан ба радио ва тамошои телевизион, иртибот бо дӯстон, дар байни истифодакунандагон ва касоне, ки аз интернет истифода мекунанд, тафовути маънодоре вуҷуд дорад. Таъсир бар озодиҳои мадании марбут ба хушунат  ва муҳтавои воқеъ ва ба даст овардани навъи дӯстон аст, ки дар байни истифодакунандагон ва адами истифодакунандагон тафовути маънидоре вуҷуд дорад. Натоиҷи пажӯҳиши С. Амониём (2001) нишон медиҳад, ки кӯдакон бештар аз навҷавонон аз компютер истифода мекунанд ва ин истифода  дар байни писарон бештар аз духтарон аст. Сафедпустон бештар аз сиёҳпустон аз компютер истифода мекунанд. Замони зиёде сипарӣ кардан барои истифода кардан аз интернет  бар меъмориҳои шинохтӣ асари манфӣ надорад, балки мумкин аст мукотиботи электронӣ бар равобит байни шахс ва ҳифзи равобити иҷтимоӣ кӯмак кунад, ки муҳаққиқ дар ин таҳқиқ муътақид аст, ки интернет ба афзоиши равобити иҷтимоӣ кӯмак кунад.

Бар асоси натиҷаи таҳқиқи Роберт Кровет истифодаи бештар аз интернет бо паёмадҳои коҳиши иртиботи хонаводагӣ ҳамроҳ бувад, ҳамчунин гузориш шудааст, афроде, ки аз интернет бештар истифода кардаанд, танҳоии онҳо афзоиш ёфтааст.

**Тафовути интернет ва дигар васоили иртибототи ҷамъӣ**

Интернет се мавқеияти таомулии Томсон -таомули рӯ дар рӯ, таомули расонаӣ, шибҳи таомули расонаиро (Томсон, 1380, 103) тағйир додааст. Интернет ҳамаи ин се мавқеияти таомулиро ба вуҷуд оварда, вижагиҳои созмонӣ ва таомулии онро тағйир додааст, (дар мавриди таомули чеҳра ба чеҳра) Ҷеймс Эслвин бо Арҷалаъ ба назари шаррии Туркал таваҷҷуҳи худро ба зиндагӣ дар ҳавзаи чандбаҳраи Гирё андаке бар рӯйи сафҳаи намоишгар баён мекунад, ки масъалаи мушкил аст, ду нафар дар як утоқ дар ҳоли суҳбат бошанд ва ба таври ҳамзамон бо дӯсте, ки дар макони дурӣ қарор дорад, дар ҳоли гапи интернетӣ бошанд ва барои ӯ паём бифиристанд.

Дар мавриди таомули воситаӣ ё расонаӣ дар интернет муҳитҳое мисли почтаи электронӣ ё гапи интернетиро дар назар гирифт, ки метавон иртиботи дутарафа барқарор намуд ва шибҳи таомули воситаӣ дар интернет, анвои саҳфоти веб бо ин навъи иртибот интибоқи бештаре дорад (Эслвин, 1380, 74-72).

**Вижагиҳои муҳити таомулии интернет**

Элизабет Рей сохторшикании марзҳои иҷтимоиро аз тариқи интернет мавриди баҳсу баррасӣ қарор медиҳад. Вай бо ишора ба назариёти Кайзлар ва Мак Гавоюр мегӯяд, ки дар ҷаҳон унсури мутафовит барои кӯшиши мутақобил дар интернет нисбат ба муҳити воқеӣ вуҷуд дорад:

1. Як қоидаи бозхӯрд ғайб аст;
2. Заъфи намоишӣ;
3. Камбури нишонаҳои пойгоҳи иҷтимоӣ.
4. Гумномии иҷтимоӣ.

Ба ҳамин далел онҳо ба дунболи як таърифи ҷадид аз кунеши мутақобил ҳастанд, ҷаро ки истифодакунандагон марзҳо ва қарордодҳоро сохторшиканӣ кардаанд (Рай, 1991).

Райнгвалд иртиботи интернетиро муодили ҷавомеи маҷозӣ медонад ва ӯ мегӯяд, вақте дар фазои фаъолияти маҷозии афродӣ ба ҳадди кифоят бо эҳсосе басанда ва баҷо барои муддати кофӣ ба ин навъ иртибот кунанд, ҷавомеи маҷозӣ, ки фақат аз тариқи сиҳҳаи намоишгари роёнаӣ қобили баррасӣ аст, зуҳур меёбад. Ӯ меафзояд, дар иҷтимоотии маҷозӣ афрод барои баҳсу латифа, мушорикат ва баҳсҳои равшанфикрӣ, анҷом додани муомила, мубодилаи дониш, аҳамиятҳои эҳсосӣ, барномарезӣ, суханчинӣ, адоват, муошиқа, дӯстӣ ва қаҳрбозӣ, тавлиди ҳунари ҳаллоқона ва бисёре аз умури дигар аз саҳфаи намоишгар истифода мекунанд (Эслвин, 1380, 83).

Бо таваҷҷуҳ ба вижагиҳое, ки дар муҳитҳои интернетӣ вуҷуд дорад, муҳитҳои интернетиро ба ду даста метавон тақсим кард:

1. Муҳитҳои таомулӣ дар интернет муҳитҳоеро мегӯем, ки дар он корбарон метавонанд иртиботи дутарафа барқарор намоянд, мисли чату эмайл, ки ҷиҳати таъсири ин муҳитҳо бар арзишҳои хонавода аз теории кунеши иртиботӣ, ҳобармос ва ба ҷиҳати ташкили гурӯҳ дар муҳитҳои таомулии интернет аз теории куллӣ ва дар заминаи таъсири гурӯҳ истифода мекунем.

2. Муҳитҳои шибҳи таомулӣ ба муҳитҳое мегӯем, ки корбурд наметавонад дар он муҳитҳо иртиботи дутарафа барқарор кунад, мисли анвои саҳфоти веб дар интернет, ки ҷиҳати таъсири ин муҳитҳо бар арзишҳои хонавода аз назарияҳои иртиботи ҷамъӣ истифода мешавад, ки албатта, мумкин аст, барои муҳитҳои таомулӣ низ ба кор равад.

**Осебшиносии васоили иртиботи ҷамъӣ.** Васоили иртиботи ҷамъӣ ба абзоре гуфта мешавад, ки дар як ҷомеа аз он барои иблоғи паёмадҳо ва баёни афкор ва интиқоли мафоҳим ба дигарон истифода мешавад.

Баррасии асароти ин васоил яке аз печидатарин мубоҳисот дар осебшиносии иҷтимоӣ аст.

Ба ҳамин далел, бисёре аз ҷомеашиносон дар дурустии натоиҷи пажӯҳишҳое аз ин дасти тардид нишон медиҳад. Имрӯз густариш ва тавсеаи васоили иртиботи ҷамъӣ ба ҳадде аст, ки даврони ҳозираро асри иртиботот номидаанд.

Мак Луҳон дунёро ба мафҳуми деҳкадаи ҷаҳонӣ мешиносад, вале мегӯяд, васоили иртиботи ҷамъӣ дорои чунон қудрате ҳастанд, ки метавонад насле тоза дар таърихи инсон падид оварад, наслаш, ки бо наслҳои пешин бисёр мутафовит аст.

Аз асароти манфии васоили иртиботи ҷамъӣ муътод шудан ба маънии оммии калима аст. Дар бисёр мавридиинсонҳо чунон ба расонаҳо муътод мешаванд ва бад-он эътимод меварзанд, ки дар соати муайян бад-он ниёз меёбанд. Таърих ё фуқдон (отсутствие, нехватка), муҷиботи аз байн рафтани таодули ононро фароҳам месозад ва замоне ки бад-он мерасанд, (масалан, дастёбӣ) ба рӯзномаи мавриди алоқа, қудрати андеша аз он сулб мешавад. Онон бидуни ҳеҷ тардид ё андешаи нав ё омӯза онро мепазиранд. Бешубҳа, ин фароянд, ки бо хислати вижаи инсони андешаманд мутабоин аст, муҷиб мешавад, ки зеҳн дучори карахтӣ шавад ва фард дар ҷараёни ҳаводис ҳамчу пар бар рӯйи селоби хурушон, нохоста ва беирода ба ин сӯ ва он сӯ кашида гардад (Сутуда, 1383, саҳ.58). Ду мавзӯъ дар иртибот бо васоили иртиботи ҷамъӣаз аҳамияти вижае бархурдор аст:

**1. Умури ҷинсӣ**. Дар мавриди масоили иртиботи ҷамъӣ дар умури ҷисмӣ ҳанӯз таҳқиқи ҷомеъ сурат нагирифтааст, зеро таъсири он қобили мушоҳида ва болотар аз он, қобили назорат нест.

**2. Хушунат ва пархошгарӣ**. Дар бораи рафтори хушунатомези ношӣ аз васоили иртиботи ҷамъӣ пажӯҳишҳои зиёдтаре анҷом шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба фузунии пархошгарӣ дар ҷомеаи санъатӣ ва шаҳрии имрӯзӣ бархе барои тавҷиҳи ин падида васоили иртиботи ҷамъиро масъул медонанд, зеро филм, маҷалла, рӯзнома, китоб, телевизион, видио, моҳвора, ҳовии тасовир ва матолибе аст, ки дар он ишора ба хушунат, таҳоҷум ва хиёнат бисёр дида мешавад.

Рушди фароянди хушунат ва хиёнат ва таҷовузи ҷинсӣ дар Амрико ва падидаи навзуҳури қотилони одамхӯр бори дигар таъсири адабиёт, мусиқӣ, филм ва соири мақолаҳои ҳунариро, ки ба наҳве густурда тағйир ёфта ва равони мухотибони амрикоиро дучори бемори мекунад, матраҳ кардааст.

Расонаҳои гурӯҳӣ ҳар рӯз беш аз беш филмҳои хашен ва ваҳшиёнаро ба намоиш дармеоваранд, китоб ва наворе аз ҳамин мавзӯъ мақоларо мунташир месозанд.

Ёфтаҳои пажӯҳишӣ нишон медиҳанд, ки филмҳои синамоӣ, телевизионӣ ва видиоӣ аз авомили бисёр муассир дар каҷрафтории навҷавонон ва ҷавонон ҳастанд.

Намоиши аъмоли хушунатбор, куштор, ҷиноят, хуношомӣ ва дигари саҳнаҳои ҳаяҷонангез дар фузунии ташдиди каҷравиҳо асари босазое дорад.

Ҷавонон ва ҳатто солмандон алоқамандии шадиде ба тамошои саҳнаҳои шаҳватронӣ нишон медиҳад, ки нишони бемории назарбозӣ аст (Шейховандӣ, 1353, саҳ. 171).

Филмсозон дар ҳама ҷойи ҷаҳон бо дар назар гирифтани ин ниёз мекӯшанд, рӯз ба рӯз саҳнаҳои бепардатареро аз ҷулӯи диди онон бигзаронанд.

**Пайомадҳои гароиш ба интернет.**

<u>1.Пайомадҳои зисти ҷисмонӣ.</u> Мушаххасан пайомадҳои вобастагӣ ба мавод тағйироти ҷисмонии бисёр ҳамчун илтиҳоби кабед дар мавриди акдлисм ё афзоиши ҳамлаи қалбӣ дар мавриди кокоин ва монанди он аст. Аммо хатарпазирии ҷисмии эътиёдот ба интернет ҷузъитар ва дар айни ҳол қобили мулоҳиза аст. Агар замон танҳо омили тағйиркунанда дар таърифи эътиёд ба интернет нест, умуман мӯътоён байни 40 то 80 соат аз вақти худро бо ҷалосоте, ки мумкин аст, ҳар кадом то 20 соат тӯл бикашад, сарф мекунанд ва ин кор боис мешавад, ихтилототе дар мизон ва замони хоб корбурд ба вуҷуд ояд, дар мавриди шадид ҳатто қурсҳои кофеин барои таҳсили замони тӯлонитаре дар интернет будан масраф мешавад. Ин ихтилол хастагии беш аз андоза дар бадан эҷод мекунад, ки коркарди дарсӣ ва шуғлиро таҳти таъсир қарор медиҳад ва мумкин аст, низоми амалии баданро заиф кунад ва фард осебпазириҳои бештаре ба бемориҳо пайдо кунад. Афзун бар ин, ба иллати адами варзиш ва ҳаракоти муносиб мушкилоти асабҳои муч ва дарди пушт, чашмдард ва монанди он ба вуҷуд ояд. Бинобар ин, агарчӣ асароти ҷонибии ҷисмии истифода аз интернет дар муқоиса бо эътиёд ба мавод ҷузъӣ аст, ихтилототи хонаводагӣ, дарсӣ ва шуғлии он мушобеҳи эътиёд ба мавод аст (Ёнг, 1999).

Болорд ва Вист (1996) дарёфтанд, ки анҷоми бозиҳои пархошгарона, афзоиши фишори қалбӣ-уруқӣ, ташдиди зарабони қалб ва эҳсоси хусуматро дар кул дорад. Миёт ва ҳамкорон (1997) муътақиданд, бозиҳои роёнаӣ, видиоӣ, интернетӣ ба мушобеҳи фотосинтез аст. Вақте фард ба мизони зиёде ба саҳфаи намоишгар нигоҳ кунад, амвоҷе, ки аз саҳнаи намоишгар сотеъ мешавад, бар амвоҷи мағзии фард ғалаба ёфта, ӯро дучори ҳолати саръ мекунад.

Броктон (1986) дар баррасие, ки мавриди таҷрибиёти равонӣ-ҳаракатӣ дар ҷараёни бозиҳои рақобатҷӯёнаи видеоӣ дар намунаи донишҷӯйи донишгоҳ анҷом доданд, ҳамбастагии мусбат байни бозиҳои рақобатомез ва изтироби бозингарон ёфтанд.

**Асароти манфии васоили иртиботи ҷамъӣ:** боздоштан аз корҳои таҳсилӣ ва ихтисос, вақти навҷавонон ва ҷавонон ба худ; ироаи саҳнаҳои хушунатомез ва ривоҷи хушунат; ҷариҳадор кардани авотифи навҷавонон ва ҷавонон; савқ додани зудрас ба тарафи зиндагии бузургсолӣ; хулқи ниёзҳои козиб; робита бо ҷурм ва ҷиноят; барангехтани ҳолати таҳоҷумӣ; маҳдуд кардани қудрати ибтикор ва халоқиёт; бегона сохтани ҷавонон ва навҷавонон бо мутолиа; тасхири зеҳни навҷавонон ва ҷавонон; таҳдиди саломатии ҷисмӣ, равонӣ ва рафтори кӯдакон ,ҷавонон ва навҷавонон; афзоиши ҳолати инфиолӣ ва бетавофутӣ; ривоҷи рафторҳои зиддииҷтимоӣ аз тариқи мушоҳида ва ёдгирӣ тавассути навҷавонон ва ҷавонон.

**Пайомадҳои хонаводагии ношӣ аз эътиёд ба интернет:** ихтилоф ва низоъҳои мустамар дар равобити заношӯйӣ; ихтилоф дар анҷоми вазифаи хонаводагӣ ба иллати гароиши беш аз ҳад ба интернет; афзоиши талоқ ва ҷидоли ношӣ аз ихтилоф ва даргириҳои байни завҷайн бар асари истифодаи беравия аз интернет; гӯшагирӣ ва инзевоъ дар хонавода; мушкилот ва ихтилоф байни волидайн ва фарзандон.

**Пайомадҳои омӯзиши ношӣ аз интернет:** коҳиши чашмгир дар мизони мутолиа; афти наморати дарсӣ; ғоиб шудан аз клосҳо; коҳиши равобит байни донишомӯзон ва муаллимон; ихтилол дар равобит байни дӯстон ва ҳамклосиҳо; гушагирӣ ва инзевоъ дар муҳити мадраса.

Имрӯз сухан аз хубию бадӣ ва муфид будани интернет матраҳ нест. Ҳама ҷо аз интернет ва муваффақиятҳои муртабит бо он сухан мегӯянд. Мардуми кӯча ва бозор ҳамчун нухбагон ба «ҷодуи ҷоми ҷаҳоннамои ҳазораи сеюм» чашм дӯхтаанд ва интизор доранд, ояндаи тиллоӣ барои башарият бисозанд.

Чаро ки шабакаи ҷаҳонии ВЕБ машруоте биломаориз ёфтааст ва меравад ба сатҳе аз тақаддус даст ёбад, ки маншаи мақбулияти мавзӯот дар ҳавзаҳои мухталиф шавад. Мавзӯи ахир худ ҷойи тааммул, мутолиа ва баррасиҳои ҷиддӣ дорад ва бетаваҷҷуҳӣ ба он аз манзари осебшиносӣ хатароти ҷиддӣ барои оядаи фарҳанги эронӣ дар ҷаҳони веб ба ҳамроҳ хоҳад дошт.

### АДАБИЁТ


1. Аҳмади Ҳусайн. Тиҷорати электроник. / Аҳмади Ҳусайн. – Теҳрон: Амири Кабир, 1382.
2. Панобори Аъзам. Иртиботи мустақим ва тарвиҷи масрафгароӣ./ Панобори Аъзам. //Фаслномаи фарҳанги умумӣ. -№ 10-11, 1376.
3. Ҷаббория Алимирзо. Интернет дар дунёи модерн. / Ҷаббория Алимирзо. –Теҳрон: Ҷаҳони нав, 1379.
4. Муҳаммаднажоди Козим. Мақом ва масъулияти рӯзноманигорон дар пешрафти ҷомеаи Эрон. / Муҳаммаднажоди Козим. Фаслномаи расонаи вижаномаи омӯзишӣ,1373.
5. Ш. Виндол. Корбурди назарияҳои иртибот. / Ш. Виндол, Суи Сайгнайзр Бену, Авлуин Ҷайн; Тарҷумаи Алиризо Деҳқон. –Теҳрон: Маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1376.
6. Робертсонен. Даромаде бар ҷомеа. / Робертсонен; Тарҷумаи Ҳусайн Баҳрдон. Интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1372.
7. Раҷабзода Аҳмад. Арзишҳо ва заъфи виҷдонкорӣ дар Эрон. / Раҷабзода Аҳмад. Таҳқиқоти фарҳангии соли 2-юм. -№ 5. 1376.
8. Сорухонии Боқир. Ҷомеашиносии иртиботот. / Сорухонии Боқир. –Теҳрон: Иттилоот, 1378. Чопи дуюм.
9. Сутуда Ҳидоятуллоҳ Осебшиносии иҷтимоӣ, ҷомеашиносии инҳирофот. / Сутуда Ҳидоятуллоҳ. – Теҳрон: Овои нур, 1381.
10. Шейховандӣ Довуд. Ҷомеашиносии инҳирофот ва осебшиносии иҷтимоӣ./ Шейховандӣ Довуд. – Теҳрон: Нашр ва пахши китоб, 1383. Чопи дуюм.


### ВЛИЯНИЕ ИНТЕРНЕТА НА ОБРАЗОВАНИЕ, СЕМЬЮ И СОЦИАЛИЗАЦИЮ В ОБЩЕСТВЕ


С развитием компьютерных технологий растет и число людей, активно использующих компьютер и интернет. Интернет является принципиально новым средством телекоммуникаций, отличающихся высокой скоростью обмена информацией. В связи с этим возникает новый уровень отношений человека и компьютера, человека и человека посредством компьютера. В данной статье автор рассматривает влияние Интернета на образование, отношения в семье и в обществе.



**Ключевые слова:** Интернет, использование Интернета, зависимые пользователи социальные факторы, средства массовой информации, социальная среда.


### INFLUENCE OF THE INTERNET ON EDUCATION, FAMILY AND SOCIALIZATION IN SOCIETY


With development of computer technologies the number of the people who are actively using the computer and the Internet grows also. The Internet is essentially new means of the telecommunications, differing the high speed of exchange of information. In this regard there is a new level of the relations of the person and the computer, the person and the person by means of the computer. In this article the author considers influence of the Internet on education, the relations in a family and in society.



**Key words:** Internet, Internet use, dependent users social factors, mass media, social environment



**Сведения об авторе:** ***Шахидулло Мухсини*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


## БАРРАСИИ НИШОНАҲОИ ЭЪТИЁД БА ИНТЕРНЕТ ВА ТАЪСИРИ ОН БАР НАВҶАВОНОН


***Зӯҳре Афшорниё***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонба номи Садриддин Айнӣ**


**Инсон ва иртиботи интернетӣ.** Инсон зотан мавҷуде аст, ки муҳаббати дигаронро металабад ва хеҷ инсоне бидуни муҳаббат наметавонад зиндагии солиме дошта бошад. Инсоне, ки муҳаббат надидааст, зиндагии ӯ дар парешонӣ ва талотуми рӯҳию равонӣ хоҳад буд. Камбудии муҳаббат метавонад табақоти сангинеро мутаваҷҷеҳи инсон кунад. Инсоне, ки тибқи ниёзҳои мазлу бояд шукуфо шавад. Дар зиндагии худ бидуни шукуфо шудан энержии худро сарфи таъмини ниёзҳои аввалияи худ мекунад. Чунин инсоне чи гуна метавонад шод бошад ва чи гуна метавонад иззати нафс ва эътимод ба нафс дошта бошад.

Ба назар мерасад, ки теъдоди зиёде аз корбарони духтар ва писар дунболи арзаи муҳаббат ҳастанд. Барои пай бурдан ба ин масъала кофӣ аст бо онҳо сӯҳбат дошта бошем ва ё формҳое, ки ҷиҳати дӯстёбӣ пур мекунанд бихонем. Ё ин ки ҳарфҳои онҳоро дар утоқҳои чат бишнавем.

Мо дар утоқҳои чат гиряи духтаронро дидаем. Гиряе, ки ба таври заминӣ ба мо паёмҳои бемуҳаббатӣ ва бетаваҷҷӯҳӣ ба ӯро медиҳад. Ҳамчунин писароне, ки дар сайтҳои дӯстёбӣ аз танҳоии худ ҳарф мезананд ва дунболи ҳамдаме мегарданд.

Ба назари нависандаи инҳо ташнаи таваҷҷӯҳ ва муҳаббатанд, ки аз онон дареғ шудааст. Дар ибтидо лозим ҳам набуд, ки ҳатман ин муҳаббат аз тарафи ҷинси мухолиф сурат гирад. Шояд иртиботи отифии инҳо бо волидайни худ кам будааст. Падар ва модар натавонистанд ва ё нахостанд бо фарзандони худ иртиботи муҳаббатомез дошта бошанд. Гарчи бархе аз волидайн аз назари моддӣ фарзандони худро ба хубӣ таъмин мекунанд. Аммо иртиботи отифӣ наздикӣ бо онҳо надоранд. Мо бояд ба маънии воқеии иртибот таваҷҷӯҳ кунем.

Камбудии муҳаббат метавонад инсонро дучори осебҳое кунад, ки осори он то охири умр боқӣ бимонад. Доштани эҳсоси ҳақорат, иззати нафси пойин, ақидавӣ рафтор кардан, хушунат, эҳсоси бадбахтӣ, аҷз ва нотавонӣ аз осори камбудии муҳаббат аст.

Мо инсонҳо дар бархе маворид маҷбур ҳастем дар зиндагии худ товони иштибоҳоти дигаронро пардохт кунем. Монанди товони иштибоҳоти падар ва модари худ. Агар мо ин гуна ҳастем, метавонистем ин гуна набошем. Аз тарафе мо қодир ҳастем ба бозсозии рӯҳӣ ва равонии худ бипардозем ва худро инсоне дигар кунем ва маҳкум нестем, ки бар асоси гароишҳо ва номулоиматии дарунии худ рафтор кунем. Зоҳиран мо худ метавонем ҳама чиз бошем ва сарнавишти худро ба даст гирем (рӯзномаи «Рисолат»).

**Чат – ангезаҳо.** Замоне, ки аз иртибот ва дӯстии мард ва зан сухан мегӯем, дӯст дорем фикр кунем, ки чунин талошҳои бештар ангезаҳои ҷинсӣ дорад. Аммо чунин бардоште мумкин аст, гумроҳона бошад. Чун аҳдоф ва ангезаҳои чат зиёд ҳастанд, аммо баррасиҳо ва таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки вазъияти қолаб ба масоили ҷинсӣ марбут мешавад. Таҷриба ба мо нишон медиҳад, ки бештари корбарон аз замоне, ки бо интернет ошно шудаанд, сӯроғи чат рафтаанд. Чат барои онҳо лаззатбахш ва ҳаяҷонангез будаст. Аммо бо чӣ касе дӯст доштем чат кунем? Ва чӣ чизе ҷаззобияти онро пеши мо дучанд карда буд?

Донишманди рус Бурлаков муътақид аст, ки бозиҳои компютерӣ роҳе аст барои фирори инсон аз мушкилот ба дунёи дигар, ё як мавқеияти зиндагии дигар, ки дар онҳо инсон ҳаргиз дар воқеият набуда ва нахоҳад буд ва ин танҳо роҳи осон барои зиндагӣ дар дунёи дигар аст, ҷое ки ҳеҷ мушкиле вуҷуд надорад. Бархе аз таҳқиқот ҳокӣ аз онанд, ки бозиҳои компютерӣ, ки ба сурати гурӯҳӣ ва муштарак бо кӯмаки шабакаҳои интернетӣ тавассути навҷавонон анҷом мешаванд, таъсири камтаре рӯйи афрод мегузоранд ва зарари камтаре бар рӯйи навҷавон нисбат ба навъи фардгароёна доранд. Дар ин гуна мавориди шахс аз иҷтимоъ дурӣ мекунад [4].

Натоиҷи ин таҳқиқ дар хусуси таъсири бозиҳои компютерии хушунатомез бар рафторҳои хайрхоҳонаи навҷавонон нишон дод, ки кӯдакон баъд аз анҷоми бозиҳои хушунатомез дар муқоиса бо касоне, ки ба бозиҳои навъи дигар пардохта буданд, бо эҳтимоли камтаре ба суроғи сандуқи хайрия мерафтанд. Анҷоми бозиҳои компютерӣ бо муҳтавои ҷомеаёвар низ бар мизони рафторҳои ёварона ё хайрхоҳонаи онҳо наафзуд, вале пардохтан ба бозиҳои компютерии хушунатомез боиси коҳиши рафторҳои ёварона ё хайрхоҳона шуд. Дидани саҳнаҳои таҷовузи ҷинсӣ ва хушунати ҷинсӣ ва рафторҳои ғайриодии ҷинсӣ, боиси одӣ шудани ин масоил барои фард ва коҳиши ҳассосияти вай ба онҳо мешавад [5]. Муҳаққиқон таъсироти шаклҳо ва тарҳҳои графикии хушунатомезро бавижа бар рӯйи навҷавонони радаҳои синнии 10 то 20 сола мавриди мутолиа қарор додаанд. Тибқи ин таҳқиқ тамошои мукаррари филмҳои хушунатомез, бавижа филмҳо бо муҳтавои ҷинсӣ, ки дар он занон қурбонӣ мешаванд, худ ба тағйири дидгоҳҳои навҷавонон дар ростои афзоиши ҳарчи бештари онон дар хусуси қазоватҳояшон нисбат ба мутаҷовизин мунҷар мегардад. Намоиши мукаррари тасовири графикии хушунатомез мумкин аст мушоҳидакунандагон ё бозикунонро ба татбиқи вокунишҳои эҳсосиашон бо он савқ диҳад. Ин навъ қазоватҳо тағйир ёфта, вокунишҳои эҳсосӣ мумкин аст дар қазоватҳои бозикунон

нисбат ба қурбониёни хушунат дар муҳитҳои воқеитар низ интиқол дода шавад. Бозиҳои компютерӣ ҳисси ҳамдилиро дар афрод коҳиш медиҳад [6].

Натоиҷи ин таҳқиқ дар хусуси таъсири бозиҳои компютерӣ бар рафторҳои изтироб ва дилхураовар дар навҷавонон нишон дод, ки афроде, ки дар хонаҳо ё клубҳо ба бозиҳои компютерӣ мепардозанд, ҳикоят аз изтироби онҳо, махсусан дар бозиҳои пурзадухӯрд ва пурҳаяҷон дорад. Бруктван ва Пралструм дар пажӯҳише дар мавриди бозиҳои рақобатҷӯёнаи компютерӣ, ки рӯйи 81 донишҷӯйи донишгоҳ анҷом доданд, ҳамбастагии мусбат байни бозиҳои рақобатомез ва изтироби бозингарон ёфтанд. Дар баррасии дигар Андерсон ва Фруд (1986) бозиҳои видеоӣ бо пархошгарии мутавассит ва зиёдро ба 55 донишҷӯйи донишгоҳ ироа карданд ва асароти онҳоро рӯйи озмуданиҳояшон мавриди мутолиа қарор доданд. Натоиҷ нишон дод, ки изтироби афроди машғул ба бозиҳо бо пархошгарии зиёд бештар аз изтироби афроде буд, ки ба анҷоми бозиҳои компютерӣ бо пархошгарии мутавассит пардохта буданд. Ҳамчунин таҳқиқот нишон доданд, ки бархе бозиҳои тарснок боиси эҷоди ихтилолоти изтиробӣ ва алоими тарс дар кӯдакон мешавад. Добро Видво муътақид аст, ки навҷавонони алоқаманд ба компютер бештар аз ҳамсолони худ хашм, ғам ва тарсро таҷриба мекунанд ва бештар аз ҳамсолони худ музтариб мешаванд [7].

Натоиҷи таҳқиқоти зиёд нишон медиҳанд, ки бозиҳои компютерӣ бар уфти таҳсилии навҷавонон таъсир дорад. Яке аз вазифаҳои аслии башарият дар тамоми даврон, тавоно сохтани насли оянда дар идораи умури хеш ва супурдани мероси фарҳангӣ будааст. Қисмати азими ин вазифа дар ибтидо тавассути хонавода анҷом мешавад. Ҳар замон бо густариши ҷомеа ва тақсими кори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вазифаи таълим ва тарбият ба ниҳоди омӯзиш ва парвариш муҳаввил гардид. Ин ниҳод ба таври расмӣ ӯҳдадори ин амр гашт, то бар асоси усул ва аҳдофи мавриди қабули ҷомеа, тавоноиҳо ва истеъдодҳои кӯдакон ва навҷавононро шиносоӣ намояд ва ба манзури иҷтимоӣ шудан ва ба ӯҳда гирифтани масъулиятҳои отӣ таолими лозимро ба онон биомӯзад. Имрӯз дидгоҳи мардум дар мавриди омӯзиш ва парвариш ба гунае аст, ки истифода аз имконоти тарбиятӣ ҷомеаро ҳаққи табиӣ ва мусалламӣ худ медонанд. Далели ин он аст, ки таълиму тарбият бо сарнавишти инсон дар зиндагии оянда пайванд хӯрдааст.

Дар асри ҳозир бисёре аз имконоти моддӣ ва ниёзҳои инсонӣ дар хизмати таълим ва тарбият қарор гирифтааст. Ҳамчунин таълим ва тарбият дар бисёре аз ҷомеаҳо як сармоягузории баландмуддат маҳсуб мешавад. Бинобар ин, агар таълим ва тарбият натавонад нерӯҳои инсонии таҳти таъсири худро дар қолаби анвои тахассусҳо ва маҳоратҳои мукаммал ва мавриди лозими ҷомеа дароварад ва бидуни тарбият натавонад ба ифои нақши худ дар заминаи шукуфоии ҷомеа бипардозад, бояд гуфт, ки ин имконот ва нерӯҳо бар ҳадар рафтааст. Бинобар ин, тафаккури оқилона ҳукм мекунад, ки сармояҳо ва нерӯҳо ба кор гирифта шуда, дар таълим ва тарбият ба гунае барномарезӣ ва созмондиҳӣ шавад, то битавонад ба аҳдофи мавриди назари хеш даст пайдо кунад.

Кӯдакон ва навҷавонон дар даврони таҳсил нигариши мусбат ё манфӣ нисбат ба худ ва муҳити перомун ба даст меоваранд. Ин масъала ба миқдори зиёд ба таҷруби муваффақ ё номуваффақи донишомӯзон дар даврони таҳсил вобастагӣ дорад. Онҳо дар мадраса дар масири рушд ва боландагӣ қарор мегиранд. Дар ҳақиқат дар ҳавли беҳтарин солҳои умри худ бо авомили мухталифи муассир бар таҳаввули шинохтӣ, отифӣ ва иҷтимоӣ ба куниши мутақобил мепардозанд. Онҳо дар пешрафт дар таҳсилот ва афзоиши мизони ёдгирӣ, илова бар рушди илмӣ ба саломатии равонӣ низ даст пайдо мекунанд. Баръакс, дар сурати адами муваффақияти таҳсилӣ ва фишорҳои равонии ношӣ аз он, беҳдошти равониашон бархам мехӯрд. Ба ҳамин далел бояд ба мақулаи уфти таҳсилӣ таваҷҷуҳи бештар намуд, то битавон бо шинохти он тавоноиҳо ва шоистагиҳои кӯдакон ва навҷавононро борвар кард.

Натиҷаи ин мутолиа нишон медиҳад, ки бозиҳои компютерӣ мумкин аст ниёзҳои табииро, ки дар таомилоти иҷтимоӣ бароварда мешаванд, ирзо кунад, бинобар ин, ба инзивои иҷтимоӣ мунтаҳӣ мегарданд, зимни он метавонад боиси кам шудани таомили иҷтимоии навҷавонон бо хонавода ва таназзули маҳоратҳои иҷтимоӣ гардад. Ба ибораи дигар, бозиҳои компютерӣ боиси дур шудани навҷавонон аз зиндагии иҷтимоӣ, танҳоӣ, афсурдагӣ ва инзивоталабии вай мешавад. Натоиҷи ин таҳқиқ нишон дод, ки бозиҳои компютерӣ мизони навъи дӯстии навҷавононро коҳиш дода, арзишҳои мубтанӣ бар ҳамкорӣ ва ҳамёриро назди онон беранг месозад. Зимни ин ки пардохтан ба бозиҳои компютерии хушунатомез боиси коҳиши рафторҳои хайрхоҳона ва уфти таҳсилӣ мешавад, мушоҳидаи афроде, ки дар хонаҳо ё клубҳо ба бозиҳои компютерӣ мепардозанд, ҳикоят аз изтироби онҳо махсусан дар бозиҳои хашн ва пурҳаяҷон дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Zimbardo, P. G. (1982). Understanding psychological man: A start of scince report; psycholog Today. 58-59, May.
2. Волкова Е.Н. Психологические факторы формирования игровой компьютерной зависимости в младшем подростковом возрасте / А.В. Гришина - Известия, 2008. - lib.herzen.spb.ru
3. Funk. J.B. and D.D Buchman 1995. Video games controversies. 1996. Playing violent video and computer games and Adolescent self- concept.
4. Edmonson, B. & Han, s.s. (1983). Effect of socialization game on proximity and prosocial behavior of aggressive mental retarded institutionalized woman. American journal of mental dejeciency.Jan. Vol. 87 (4). 435-440.

5. Dill, K. E., Brown, B. P., & Collins, M. A. (2008). Effects of exposure to sex-stereotyped video game charecters on tolerance of sexual harassment. Journal of Experimental Social Pschology, 44(5), 1402-1408.
6. Oliver, K. The Effect of violent Internet games on children and Juveniles/ 87 (4). -2000. - 435-440.
7. Van den Bulck, J. Media use and dreaming: The rela-tionship among television viewing, computer game play, and nightmares or pleasant dreams. Dreaming.- 2004. 14 (1).- 43-49.

**ВЛИЯНИЕ КОМПЬЮТЕРНЫХ ИГР НА СОЦИАЛЬНЫЕ СПОСОБНОСТИ ПОДРОСТКОВ**

В данной статье автор рассматривает влияние Инетернета на социальные способности подростков. В настоящее время к Интернету подключены сотни миллионов компьютеров, привлекая и подчиняя к себе все новых и новых желающих. Эти ряды стремительно пополняется все новыми и новыми фанатами, основу которых составляют подростки, основной деятельностью которых является игра на компьютере. Они не замечают сами как попадают в зависимость от этих игр.

Ключевые слова: компьютерные игры, Интернет, зависимость от Интернета, воспитание молодого поколения, средства массовой информации, общество, воспитание.

**EFFECTS OF COMPUTER GAMES ON SOCIAL SKILLS TEENS**

In this article the author examines the influence Инетернета on the social skills of adolescents. Currently the Internet are connected to hundreds of millions of computers, attracting and subordinating to itself all the new comers. These ranks rapidly replenished with new and new fans, which are based on adolescents whose main activity is the game on the computer. They do not see themselves as becoming dependent on these games.

**Key words:** computer games, the Internet, Internet addiction, education of young generation, media, society, education.

**Сведения об авторе:** ***Амир Ахмади*** – соискатель Академии образования Таджикистана

# НАҚШИ ҲОЛАТҲОИ ХУЛҚӢ БАР ШЕВАИ АРЗЁБИИ ТОЛИБОН АЗ ТАВОНОИИ МУШКИЛКУШОИИ ХУД

***Марями Рафъатӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ба манзури баррасии робита байни хулқ ва хударзёбии афрод аз тавоноии онҳо барои мушкилкушоӣ дар давраи навҷавонӣ, теъдоди 150 донишомӯз, духтарони пояи сеюми роҳнамоии шаҳри Теҳрон дар ду гурӯҳи озмоишӣ (ҳар гурӯҳ аз 50-нафар) ва як гурӯҳи гувоҳ (n=50) ба кӯмаки як пурсишномаи хулқӣ ва пурсишномаи мушкилкушоии Ҳепнер мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Озмуданиҳо, ки аз назари син ва ҷинс ҳамто буданд, ба тасодуф дар се гурӯҳ ҷой дода шудаанд. Ба гурӯҳи аввал як филми шод, ба гурӯҳи дуввум як филми ғамгин ва ба гурӯҳи сеюм (гурӯҳи гувоҳ) як филми мустанад (хунсо) нишон дода шуд. Бефосила пас аз намоиши филм аз озмуданиҳо хоста шуд, ки нахуст пурсишномаи хулқиро такмил карда ва сипас ба пурсишномаи худ арзёбӣ дар мушкилкушоӣ посух диҳанд. Додаҳои пажӯҳиш ба кӯмаки таҳлили Вариант, озмуни таъкибӣ ва озмуни вобаста мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирад. Натиҷаҳо нишон дод, ки гурӯҳи хулқии шод арзёбии болотаре аз тавоноии мушкилкушоӣ нисбат ба афроди ғамгин ва хунсо доранд. Ҳамчунин, гурӯҳи хулқии шод эҳсоси кифояти бештар дар мушкилкушоӣ ва назорати бештаре дар рафторҳо ва ҳаяҷонноташон нисбат ба ду гурӯҳи дигар («ғамгин» ва «хунсо») доранд. Гуфтанист, ки баҳои гурӯҳи ғамгин дар ин ду омил камтар аз гурӯҳи хунсо аст.

Ин баррасӣ нишон дод, ки вазъияти хулқӣ бар фарояндҳои шинохта таъсир мегузоранд ва муҷиби содагии ҷазб ва ёдоварии иттилооти ҳамоҳанг бо он мешавад.

Чигунагии иртиботи отифӣ ва шинохт яке аз ҳавзаҳои муҳимми забоншиносии шинохтӣ ва иҷтимоӣ аст. Арасту нахустин донишманде буд, ки ба иртиботи байни тафаккур ва ҳаяҷон ишора намуд. Пеш аз се қарн Декарт (1649-1691) ба вобастагии даруниӣ эҳсос ва тафаккур ишора намуд ва Вилям Ҷеймс дар китоби «Усули равоншиносӣ» низ ин вобастагии дарунииро мавриди таъкид қарор дод. Ёфтаҳои Тулман, Сурндойк ва Фруйт нуфуз ва таъсири отифиро ба мавриде, ки аз ҳофиза ба хотир оварда мешаванд, нишон медиҳанд.

Ба ҳар ҳол, ин пурсиш, ки чӣ гуна отифа бар тафаккур таъсир мегузорад аз замонҳои хеле қадим зеҳни мардони оммӣ, донишмандон, нависандагон ва файласуфонро ба худ ҷалб намудааст. Таъсири ҳолатҳои отифӣ бар анвои фарояндҳои шинохтӣ мавзӯи мавриди алоқаи равоншиносони озмоишӣ, иҷтимоӣ болинӣ ва шинохтӣ будааст.

Дар ҳоли ҳозир назарияҳои гуногуне дар заминаи иртиботи отифӣ ва тафаккур ироа гардидааст. Бронскумб (1988) назарияҳои мавҷударо дар се табақа ва Абел (1992) онҳоро бар ҳасби таъсири хулқ ва коркардҳои шинохта дар ду табақа қарор додаанд.

Аз дидгоҳи дигаре ин назарияҳоро метавон дар ду гурӯҳ ҷой дод: назарияҳое, ки шинохт ва ҳаяҷонро механизмҳои ҷудо аз ҳам ва мустақил медонанд ва назарияҳое, ки ҳаяҷонҳоро ба унвони аҷзои пардозиши иттилоот ва низомҳои бозёбӣ дар назар гирифта ва шинохт ва ҳаяҷонро як низоми воҳид талаққӣ мекунанд.

Нахустин дидгоҳ, ки таърихи он ба замони Афлотун мерасад, авотифро ҷараёни равонии ҷудо аз шинохтҳо медонад ва ҳар кадомро ба бахше аз мағз марбут медонад. Ҷозонк (1980) бар ин бовар аст, ки отифа ҷудо аз фарояндҳои шинохта ва муқаддаме бар он аст. Вай ҳамчунин бовар дорад, ки ибрози ҳаяҷон ҷудо аз шинохт рух медиҳад.

Гурӯҳи дуюми отифӣ ва шинохтро фароядҳои ҷудо ва мустақил аз ҳам намедонанд, балки онҳоро дорои як иртиботи наздик ба ҳам дар назар мегиранд ва якеро бар дигаре муқаддам мешуморанд.

Назарияҳое чун назарияи Бек, Шохтер, Мандлер, Войнер, Лозоруст, Иллес, Бовер, Шуворз, Келер, ва Ойзенро метавон дар ин гурӯҳ қарор дод.

Бек шинохтро пеш аз отифӣ ва Бовер, Шуворз ва Келер отифиро муқаддам бар шинохт медонанд. Бовер мӯътақид аст, ки ҳаяҷонҳо бо соддагии дастрасӣ ба муҳтавоҳои шинохт ба сурати ғайримустақим бар шинохтҳо ва қазоватҳои иҷтимоӣ таъсир мегузоранд. Шуворз ва Келер бар хилофи Бовер барои хулқ амалкарди иттилооти мустақим қоил ҳастанд.

Афроде чун Ойзен барои авотиф паёмадҳои пардозиш низ қоил ҳастанд ва бар ин боваранд, ки афрод тамоюл доранд дар ҳолати хулқии мусбат бимонанд, чаро ки хулқи мусбат муҷиби сода ва иктишоф шудани пардозишҳо мешаванд.

Аз диди Олис ҳамон гуна, ки мағз дорои маҳдудиятҳои вижагӣ аст, шинохт низ маҳдудиятҳое дорад. Фаъолиятҳои шинохти тафовутдор ба зарфиятҳои шинохти тафовутдор ниёзманданд. Таъсири ҳолатҳои ҳаяҷонӣ бар фаъолиятҳои шинохт ба василаи мизони муайян аз зарфияти шинохт, ки ба иҷрои таклифи мавриди назар ихтисос дода мешавад, мушаххас мегардад. Барои намуна, дар афсурдагӣ фард бахше аз зарфияти шинохтаи худро барои фикр кардан дар бораи ҳолатҳои хулқии худ ба кор мебаранд ва дар натиҷа, зарфияти шинохта боқимонда «дар дастрас» барои анҷоми таклифи мавриди назар коҳиш меёбад. Дар чанд соли гузашта пажӯҳишҳои зиёде дар бораи нақш ва асари хулқ ба фароядҳои гуногуни шинохта чун ҳофиза, қазовати иҷтимоӣ ва тарғибӣ сурат гирифта, аммо дар робита бо хулқ ва мушкилкушоии «ҳалли масъала», бавижа, дар кӯдакон ва навҷавонон пажӯҳишҳои каме анҷом шудааст.

Ҳепнер (1988) вуҷуди се сохторро дар фароянди мушкилкушоӣ матраҳ сохтааст, ки иборатанд аз эҳсоси кифоят дар мушкилкушоӣ, назорати шахсӣ бар ҳаяҷонҳо ва рафторҳо ва сабкҳои гироишӣ- иҷтинобӣ. Дар ин замина низ шоҳидҳои пажӯҳишӣ ва назарияи гуногуне дар бораи тағйирёбиҳои фарошинохтӣ бавижа, арзёбии худ ба унвони як тағйирёбандаи муассир дар мушкилкушоӣ ироа гардидааст. Фарз бар ин аст, ки шеваи арзёбии фард аз худ бар чӣ гунагии тафаккур, эҳсос ва рафтори ӯ дар фароянди мушкилкушоӣ таъсир дорад.

Ҳепнер (1995) ба ин бовар аст, ки арзёбӣ худ шомили идроки тавоноиҳои фардии мушкилкушоӣ, идроки навъи бархӯрд дар мавқеиятҳои душвор «гароиш ба ҳалли мушкил ва ё дурӣ аз он» ва ҳамчунин идроки мизони назорати фардӣ бар мавқеияти душвор ва эҳсосот ва рафтори шахсӣ аст. Баррасиҳои анҷомшуда нишон доданд, ки ҳолатҳои хулқӣ дар мавриди мусбат беш аз мавориди манфӣ таъсир мегузоранд. Хулқи мусбат бар мавриде, ки ниёз бар пардозишҳои шуҳуди иктишофӣ ва инъитофпазирӣ доранд, бештар аз хулқи манфӣ таъсир мегузорад ва хулқи манфӣ низ бар мавриде, ки ниёз ба пардозиши таҳлилӣ, муназзам ва ғайри қобили инъитоф доранд, бештар аз хулқи мусбат муассир аст. Аз сӯи дигар, бо шиддат ёфтани ҳолати хулқ ва душвор шудани таклиф, норасоиҳое дар амалкард мушоҳида мегардад.

Аз дидгоҳи Бовер ҳангоме, ки афрод дорои хулқи мусбат ҳастанд, вақти бештареро барои ҷустуҷӯи иттилооти мусбат сарф мекунанд, то барои иттилооти манфӣ, ҷузъиётро бештар мегиранд, эҳтимол ин, ки иттилооти мубҳам мутобиқ бо хулқашон «мусбат» таъсир ва рамзгардонӣ бештар кунанд ва баррасиҳои зиёди ин шоҳидро таъйид кардаанд.

Аз сӯи дигар, шабоҳати мавҷуд нишон медиҳад, ки афроде, ки авотифи манфиро бо шиддати зиёд таҷриба мекунанд, нисбат ба касоне, ки ин отифаро бо шиддати кам таҷриба мекунанд мафҳуми худманфитар ва интиқоди бештареро гузориш мекунанд.

Аз он дидгоҳ сутӯҳи болои ҳолати отифии манфӣ ва сутӯҳи манфии ҳолати отифии шод дар тамоми арзёбиҳои аз худ нуфуз карда ва бо арзёбиҳои бадбинона аз маҳоратҳои мушкилкушоӣ мунҷал мегарданд. Бинобар ин, гироиш ба таҷрибаи хулқи мусбат ё манфӣ фароянди арзёбиро таҳти таъсир қарор медиҳанд.

Кортрон ва ҳамкорон (1993 аз ҳамон манбаъ). Гузориш намуданд, ки авомиле ҳамчун мафҳуми худ ва интиқод аз худ бо ҳолати отифии манфӣ ҳамбастагӣ доранд, ки ин робита нишонгарӣ таъсири ҳолати хулқии манфӣ аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба он чӣ гуфта шуд, дар ин пажӯҳиш фарзияҳои зер мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт:

1. Афрод дар ҳолати хулқи шод дар муқоиса бо ҳолати хулқи ғамгин ва хунсо, арзёбии болотар аз тавоноии худ ва эҳсоси худкифои дар мушкилкушоӣ доранд.

2. Афрод дар ҳолатҳои хулқи ғамгин, дар муқоиса бо ҳолати хулқи хунсо, арзёбии поинтаре аз тавоноии худ ва эҳсоси тавоноияти худ ва эҳсоси кифояти шахсӣ дар мушкилкушоӣ доранд.

3. Афрод дар ҳолати хулқии шод баҳоҳои бештаре дар назорати шахсӣ ва омили гароишӣ- иҷтинобӣ дар мушкилкушоӣ ба даст меоваранд, то дар ҳолати хулқии ғамгин ва хунсо.

4. Афрод дар ҳолати хулқи ғамгин баҳоҳои пасттар дар назорати шахсӣ ва омили гароишӣ – иҷтинобӣ дар мушкилкушоӣ ба даст меоваранд, то дар ҳолати хулқи хунсо.

5. Дар ҳолати хулқи шод, тафовути маънидоре миёни омилҳои кифоят дар мушкилкушоӣ ва назорати шахсӣ бо омили гироишӣ – иҷтинобӣ дар мушкилкушоӣ вуҷуд дорад.

6. Дар ҳолати хулқи ғамгин, тафовути маънидоре миёни омилҳои кифоят дар мушкилкушоӣ ва назорати шахсӣ бо омили гироишӣ – иҷтинобӣ дар мушкилкушоӣ вуҷуд дорад.

7. Дар ҳолати хулқи хунсо, тафовути маънидоре миёни омилҳои кифоят дар мушкилкушоӣ ва назорати шахсӣ бо омили гароишӣ – иҷтинобӣ дар мушкилкушоӣ вуҷуд надорад.

Пажӯҳиши ҳозир аз навъи пажӯҳишҳои озмоишӣ аст. Тағйирёбандаи мустақил дар ин пажӯҳиш иборат аст, аз ҳолатҳои хулқӣ дар се сатҳ: шод, ғамгин ва хунсо.Тағйирёбандаҳои вобаста иборатанд аз хударзёбӣ аз тавонии мушкилкушоӣ ва омили гароишӣ – иҷтинобӣ. Гурӯҳҳои мавриди баррасӣ дар ин пажӯҳиш аз назари тағйирёбандаҳое чун таҳсилот ва шуғли падар ва модар, тақсими баҳои донишомӯзон ҳамтосозӣ шудаанд.

Абзорҳои мавриди истифода дар пажӯҳиши ҳозир иборатанд аз:

1. Фил чиҳати илғои хулқ.

2. Пурсишномаи хулқӣ- пурсишнома дорои нӯҳ пурсиш аст, ки вазъияти хулқи фардро нишон медиҳанд.

3. Пурсишномаи мушкилкушоии Ҳепнер – пурсишномаи мушкилкушоии Ҳепнер, идрокоти фард аз рафтор ва гароишҳои мушкилкушоии фардиро арзёбӣ мекунанд. Ба баёни дигар, ба андозагирии худ арзёбӣ дар мушкилкушоӣ мепардозад. Ин пурсишнома шомили 32 модда аст ва се фактури умдаро месанҷад «кифояти мушкилкушоӣ, назорати шахсӣ ва сабки гароишӣ - иҷтинобӣ». Баррасиҳои анҷомшуда бо истифода аз зариби Олфой Кронбох ва озмуни такрорӣ, сатҳи эътибори пурсишномаро аз 83/0 то 89/0 нишон додааст.

4. Ин пурсишнома баъд аз тарҷума дар як пажӯҳиш ва понздаҳ донишомӯзи мактаби миёна мавриди баррасӣ қарор гирифт. Пурсишҳое, ки дорои идҳом буданд, ба сурати равонтар дубораנависӣ шудаанд. Сипас ба рӯи 150 толиба иҷро шуд ва равоии пурсишнома аз тариқи муҳосибаи Олфой Кронбох 68/0 ба даст омад, ки дар ҳадди қобили қабул аст.

Барои анҷоми пажӯҳиши ҳозир 115 – нафар аз толибилмони духтар ба тавр – тасодуфӣ интихоб ва дар се гурӯҳ қарор гирифтанд. Барои гурӯҳи якум филми ғамгин «чиҳати илқои хулқи афсурда», барои гурӯҳи дуюм филми шод «чиҳати илқои хулқи шод» ва барои гурӯҳи сеюм филми мустанад «чиҳати илқои хулқи хунсо» ба намоиш даромад ва бефосила пурсишномаи хулқӣ ва мушкилкушоӣ дар ихтиёри онҳо қарор гирифт, барои таҷзия ва таҳлили додаҳои пажӯҳиш, таҳлили варианти як омиле ва озмуни «Шефа» (номи озмун), ҳамчунин озмоиши «т» ба кор бурда шуд.

Натиҷаҳои таҳлили вариант миёнгини баҳоҳои пурсишномаи хулқи се гурӯҳи мавриди баррасӣ нишон дод, ки тафовутҳои мушоҳидашуда, дар афрод пас аз илқои хулқ аз назари оморӣ маънидор аст (ҷадвали 1). Барои муқоисаи тақсими баҳоҳо аз озмуни пайравии «Шефа» истифода гардид. Натиҷа нишон дод, ки тақсими баҳоҳои гурӯҳе, ки дар ҳолатҳои хулқи шод қарор доштанд, ба таври маънидор бештар аз ду гурӯҳи дигар буд (P<0/05) тақсими баҳоҳои гурӯҳе, ки дар ҳолати хулқи ғамгин қарор доштанд, ба таври маънидор камтар аз гурӯҳе буд, ки дар ҳолати хулқи таҳлили вариант тақсими баҳоҳои се гурӯҳи хунсо қарор доштанд.

**Ҷадвали 1**

| Манбаи тағйирот | дараҷаи озодӣ | маҷмӯи маҷзурот | тақсими баҳоҳои маҷзурот | нисбати омори F | сатҳи маънидор будани омори F |
|---|---|---|---|---|---|
| Байнигурӯҳӣ | 2 | 735/47 | 367/7 | 289/4 | 0/0001 |
| Дарунгурӯҳӣ | 112 | 142/3 | $\frac{1}{2}$ | | |
| Ҷамъ | 114 | 877/7 | | | |

Дар ҳар як омилҳои сегонаи мушкилкушоӣ ба шарҳи зер буд:

а) Таҳлили вариант омили кифоят дар мушкилкушоӣ дар се гурӯҳ нишон дод, ки тафовутҳои дидашуда, байни тақсими баҳоҳои гурӯҳҳо маънидор аст (ҷадвали 2).

Озмуни «Шефа» низ фарзи маънидор будани тафовути мавҷуд байни тақсими баҳоҳои гурӯҳи ҳолати хулқи шод ва гурӯҳи дорои ҳолати хулқи ғамгинро таъйид намуд (P<0/05).

**Ҷадвали 2**

| Манбаи тағйирот | дараҷаи озодӣ | маҷмӯи маҷзурот | тақсими баҳоҳои маҷзурот | нисбати омори F | сатҳи маънидор будани омори F |
|---|---|---|---|---|---|
| Байнигурӯҳӣ | 2 | 84/12 | 42/06 | 4/22 | 0/05 |
| Дарунгурӯҳӣ | 112 | 115/40 | 9/95 | | |
| Ҷамъ | 114 | 1199/53 | | | |

б) Таҳлили вариант омили назорати шахсӣ дар мушкилкушоӣ дар се гурӯҳ нишон дод, ки тафовутҳои мушоҳида шуда, байни тақсими баҳоҳои гурӯҳҳо маънидор аст (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3**

| Манбаи тағйирот | дараҷаи озодӣ | маҷмӯи маҷзурот | тақсими баҳоҳои маҷзурот | нисбати омори F | сатҳи маънидор будани омори F |
|---|---|---|---|---|---|
| Байнигурӯҳӣ | 2 | 41/11 | 20/55 | 3/31 | 0/05 |
| Дарунгурӯҳӣ | 112 | 112 | 693/53 | 6/19 | |

| Ҷамъ | 114 | 734/64 | | | |
|---|---|---|---|---|---|

в) Таҳлили вариант тақсими баҳоҳои се гурӯҳ дар омили гироишӣ – иҷтинобӣ тафовути маънидор байни онҳоро нишон надод. Бо истифода аз озмуни «т» вобаста тақсими баҳоҳои се омили мушкилкушоӣ дар ҳар гурӯҳ ду ба ду муқоиса шуданд. Ҷадвали 4 тақсими баҳоҳо ва инҳирофи меъёри баҳоҳои се омили мушкилкушоӣ дар ҳар гурӯҳро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 4**

| **Гурӯҳи хулқӣ** | **Ғамгин** | | **Шод** | | **Хунсо** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Омилҳои мушкилкушоӣ | Тақсими баҳо | инҳирофӣ | Тақсими баҳо | инҳирофӣ | Тақсими баҳо | инҳирофӣ |
| Кифоят | 10,45 | 3,15 | 12,21 | 3,04 | 10,78 | 3,83 |
| Назорати шахсӣ | 3,89 | 2,46 | 5,11 | 2,49 | 4,11 | 2,67 |
| Гароиш ва иҷтиноб | 21,79 | 4,79 | 22,17 | 4,89 | 19,89 | 4,54 |

Озмуни «Шефа» низ маънидор будани тафовути тақсими баҳоҳои гурӯҳе, ки дар ҳолати хулқи шод қарор дорад бо гурӯҳе, ки дар ҳолати хулқии ғамгин қарор доранд таъйид намуд (Р <0/05).

Озмуни «т» вобаста дар гурӯҳи ғамгин нишон дод, ки:
тафовути байни тақсими баҳоҳои омили кифоят дар мушкилкушоӣ омили назорати шахсӣ маънидор аст, ҳамон тавр, ки ҷадвали 4 нишон медиҳад, тақсими баҳоҳои омили кифоят бештар аз омили кифояти шахсӣ аст;
тафовути тақсими баҳоҳои назорати шахсӣ ва улгӯи гироишӣ – иҷтинобӣ маънидор аст, ҳамчунин тақсими баҳоҳои сабки гироишӣ – иҷтинобӣ бештар аз тақсими баҳоҳои назорати шахсӣ дар мушкилкушоӣ аст;
озмуни «т» вобаста дар гурӯҳи шод низ нишон дод, ки: тафовути байни тақсими баҳоҳои омили кифоят ва омили назорати шахсӣ маънидор аст ва тақсими баҳоҳои омили кифоят бештар аз омили назорати шахсӣ аст. Ҳамчунин тафовути байни тақсими баҳоҳои омили кифоят ва омили гироиши – иҷтинобӣ низ маънидор аст ва тақсими баҳоҳои омили гироиши – иҷтинобӣ бештар аз баҳои омили кифоят аст. Тафовути байни тақсими баҳоҳои омили назорати шахсӣ ва омили гароиши – иҷтинобӣ бештар аз тақсими баҳоҳои омили кифоят аст. Фарқият байни тақсими баҳоҳои омили назорати шахсӣ ва омили гаройши – иҷтинобӣ маънидор аст ва тақсими баҳоҳои омили гароиши – иҷтинобӣ бештар аз тақсими баҳоҳои омили назорати шахсӣ аст (ҷадвали 4).

Озмуни «т» вобаста дар гурӯҳи хунсо нишон дод, ки фарқиятҳои мушоҳидашуда байни тақсими баҳоҳои ба сурати ду ба ду дар ҳеҷ яке аз ҳолатҳо маънидор нест.

Ҳамон тавре ки баён шуд, натиҷаи баррасии ҳозира нишондиҳандаи он аст, ки арзёбии афрод аз тавоноии худ барои мушкилкушоӣ дар ҳолати хулқи шод болотар аст, аз ҳолати ғамгин ва хунсо ва дар ҳолати хулқи ғамгин ва хунсо тафовути маънидоре бо як дигар надоранд. Дар шарҳи ин ёфта бояд гуфт, ки бахши аввали ёфта бо падидаи хулқ ҳамхун ва ҳамоҳанг аст, яъне ҳолати хулқи мусбат, пардозиши интихоби иттилооти мусбатро фароҳам ва хулқи манфӣ аз рамзгардонии мусбат пешгирӣ мекунад ва рамзгардонии манфиро осон месозад. Дар натиҷа фард дар ҳолати хулқи манфӣ муваффақияти худро дар муқобили мушкилот, камтар аз он чизе, ки воқеан вуҷуд дорад, баровард мекунад.

Дар ҳолати хулқи шод, ба далели таваҷҷӯҳи мутамарказ бар хориҷ, ҳолати хулқи манбаъҳои шинохтаи камтареро ишғол мекунад. Яъне, фард камтар ба ҳолати хулқи худ меандешад ва дар натиҷа имкони фаъолият барои фарояндҳои назорати худкор фароҳам мегардад. Бинобар ин, фаъолияти фарояндӣ назорат, рамзгардонӣ ва бозёбии иттилооти манфии боздоришуда ва маводи мусбати бештар ба хотир оварда мешавад.

Лекин дар афсурдагӣ ба тибқи моддаҳои таъсиси манбаъ, таваҷҷӯҳи мутамарказ бар худ, муҷиби ишғоли зарфияти шинохта гардида, ва дар натиҷа зарфияти шинохтаи каме барои фаъолияти фароянди назорат боқӣ мемонад ва аз ин рӯ, фароянди худкор фаъол мегардад, ки аз паёмадҳои он падидаи хулқи ҳамхун ва пешгири аз фароҳонии иттилоот мусбат мебошад.

Аз сӯи дигар, хулқ дар фарояндҳои худтанзими таъсир гузошта ва сабаби эҷоди ангезаи илқои хулқ дар ҳолати хулқии мусбат ва ангезаи ислоҳи хулқ дар ҳолати хулқии манфӣ мегардад. Пордусӣ (1968), ба нақл аз Фиске ва Тейлор, 1991» бар ин боваранд, ки дар идрокот ва интизорот мардум тамоюлоти мусбате бар арзёбии нисбатан мусбати дигарон ва худашон вуҷуд дорад. Аз сӯи дигар, ҳамон тавр ки гуфта шуд, бахши дуюми ёфтаи аввал дар пажӯҳиш нишон дод, ки арзёбии афрод аз тавоноиҳояшон дар мушкилкушоӣ дар ҳолати хулқи ғамгин ва хунсо тафовути маънидоре надорад. Аз он ҷо, ки дар ҳолати хулқи манфӣ фард аз фарояндҳои назорат ҷиҳати ислоҳи хулқ баҳра мебарад, фароянди назорат, таъсири қавии хулқҳои манфии илқоиро боздорӣ мекунад. Замоне, ки мардум дар пайи ислоҳи хулқи манфии худ ҳастанд, таъсири хулқи манфӣ бо асароти хулқи хунсо тафовут надорад ва ба баёни дигар, хулқи манфӣ ба далели вуҷуди фароянди назорат ба хати поя наздик аст.

Аз сӯи дигар, мумкин аст ҳолати хулқи хунсо дар ин пажӯҳиш дар воқеъ хунсо набуда ва филми мустанад барои кӯдакон номувофиқ ба табъи онҳо бошад, аз он ҷо, ки хулқи манфӣ зермаҷмӯаҳои мухталифи монанди эҳсоси хашм, номувофиқӣ (касолатовар) ва мавриди мушовири дигареро дорад ва умуман аз хулқҳои мусбат

гуногунтар аст, номувофиқӣ, худ навъи ғамро эҷод намуда, ба ин ду ҳолат ба ҳам наздик шудаанд.

Ёфтаҳои баррасиҳои гузашта нишон медиҳанд, ки афроди афсурда дар муқоиса бо гурӯҳи гувоҳ мизони муваффақияти худро камтар аз ҳадди воқеии он ба ҳисоб меоваранд. Ноҳамхонии ёфтаҳои пажӯҳишҳои гузашта, бо ёфтаҳои пажӯҳиши ҳозираро ин гуна баён кард, ки афроди афсурда мумкин аст дар зиндагӣ таҷрибаҳои нохушояндӣ зиёде дошта бошанд ва бар асоси модели Бек мумкин аст, тарҳвораҳои манфӣ дар сохтори шинохтаи онҳо шакл гирифта бошад ва ба ҳамин далел тавоноиҳои худро камтар аз мизони воқеии он ба ҳисоб меоварад.

Аз он ҷо ки дар пажӯҳиши ҳозира озмуданиҳо аз афроди беҳанҷор (маъмулӣ, табиӣ) ҳастанд, ҳолати хулқи илқоӣ бо асароти хулқи ғамгин дар афсурдагӣ тафовут дорад, дар як ҷамъбандии куллӣ метавон гуфт, ки асароти хулқи мусбат возеҳтар, қобили пешбинитар, созгортар ва қобили тафсиртар аз хулқи манфӣ аст.

Дар шарҳи ёфтаи дигари пажӯҳиши ҳозира мабни бар вуҷуди тафовути маънидор дар арзёбии афрод аз кифояташон ва назорат бар рафторҳо ва ҳаяҷоноташон дар ҳолатҳои хулқи шод, ғамгин ва хунсо метавон гуфт, ки ин натиҷа аз назарияи шабакаи тадоибовар ва падидаи хулқи ҳамхун пайравӣ мекунанд. Ба баёни дигар, дар ҳолати хулқи мусбат дастрасӣ ба тамоми маводе, ки ба таври мусбат арзишгузорӣ шуданро осон месозад ва хулқи манфӣ эҳтимоли бозхонии мӯҳтавоҳои шинохтаро, ки ба таври манфӣ арзишгузорӣ шудаанд, афзоиш медиҳад ва фард дар ин ҳолати хулқӣ, қазоватҳои манфитаре дар бораи мизони назорати худ бар рафтор ва умури пиромуни хеш дорад. Баррасиҳо нишон доданд, ки афроди муваффақ дар мушкилкушоӣ, роҳбурдҳои бештаре барои назорати рафтори худ доранд. Баррасиҳои Ковоно ва Бовер (1981) нишон дод, ки ҳолати хулқи бар коройии мавриди интизори ҳар фард аз худаш таъсир дорад, мардум дар ҳолати хулқи шод мизони болотаре аз иззати нафсро дар муқоиса бо ҳолати афсурдагӣ таҷриба мекунанд, ин баррасӣ нишон дод, ки байни се гурӯҳ аз назари улгӯи гироиши – иҷтинобӣ нисбат ба мавқеиятҳои душвор тафовути маънидор вуҷуд надорад. Ҳамон гуна, ки Лорсун, Пийерсел ва Олен (1990) нишон додаанд, ҳолатҳои отифӣ наметавонанд ба таври комил дар тамоми арзёбиҳо аз тавонии мушкилкушоӣ таъсир дошта бошанд. Ба назар мерасад, ки улгӯи гироиши – иҷтинобӣ бештар марбут ба роҳбурдҳои рафтори шинохтаи мушкилкушоӣ аст. Бар хилофи микёсҳои кифоят ва назорати шахсӣ, ки бар ҷанбаъҳои ангезишии мушкилкушоӣ ва тавоноиҳое, ки фард барои танзми вокунишҳои ҳаяҷонӣ дар худ суроғ дорад, марбут аст. Дар баёни ин ёфта метавон гуфт, ки хулқи гузаро ҳастанд, таъсири нопойдоре доранд ва бештар аз он, ки битавонанд роҳбурдҳои шинохтиро тахти таъсир қарор диҳанд, ҷанбаҳои ангезиширо тахти таъсир қарор медиҳанд. Бинобар ин, дар фароянди мушкилкушоӣ, ки шомили абзоршиносӣ, ҳаяҷонӣ ва рафторӣ аст, ҳамонгуна, ки Ҳепнер ва Кероскуф баён кардаанд, улгӯи гироиши – иҷтинобӣ камтар тахти таъсири ҳолатҳои хулқи кутоҳмуддат қарор мегирад. Дар ҳоле, ки ҳолати ангезиш тахти таъсири фароянди худкор аст ва асароти ҳамоҳанг бо хулқро пойдор мекунад ва аз ин рӯ, дар микёсҳои кифоят ва назорат дар ҳолатҳои хулқи гуногун фарқият дида мешавад, мумкин аст дар микёси гироиши – иҷтинобӣ нисбат ба ҳолатҳои хулқи шод ва хунсо тафовутҳо мушоҳида гардад. Барои равшан шудани ин мавзӯъ, ниёз ба пажӯҳишҳои бештар дар намунаҳои афсурда, дар муқоиса бо намунаҳои маъмулӣ мебошад.

Ёфтаи дигари пажӯҳиш баёнгари он аст, ки баёни се микёси кифояти назорати шахсӣ ва гироиш ва иҷтиноб дар ҳолати хулқи шод ва ғамгин тафовути маънидор вуҷуд дорад, дар сурате, ки дар ҳолати хулқи хунсо тафовут маънидор нест. Метавон гуфт, ҳолатҳои хулқи шод ва ғамгин бар абъоди гуногуни мушкилкушоӣ таъсир мегузоранд ва ба баёни дигар аҷзои ангезишӣ ва шинохти фароянди мушкилкушоӣ дорои тафовутҳои маънидор ҳастанд. Дар хулқи шод ва ғамгин ҷанбаҳои ангезиши фароянди мушкилкушоӣ тахти таъсир қарор гирифта ва фароянди худкор фаъол мегардад. Пайомади он ба вуҷуд омадани хулқи ҳамхон аст, ки дар хулқи шод мунҷар ба роҳатии дастрасӣ ба мавод, ба мусбат ва дар хулқи ғамгин аз фарохонии иттилооти мусбат пешгирӣ мекунад. Аз сӯи дигар, микёси гироиши – иҷтинобӣ камтар тахти таъсири хулқҳои нопойдор қарор мегирад ва дар натиҷа, тафовути маънидор миёни ин се микёс мушоҳида мегардад.

Ба назар мерасад, ки дар ҳолати хулқи хунсо, омили барои таъсир дар аҷзои гуногуни фароянди шинохт вуҷуд надошта ва тафовути миёни абъоди сегонаи фароянди мушкилкушоӣ маънидор набошад.

Дар як ҷамъбандӣ метавон гуфт, ки хулқ бар фаройндҳои шинохта таъсир мегузорад ва муҷиби саҳл шудани ҷазб ва ёдоварии иттилооти ҳамоҳанг бо худ мешавад. Таъсири хулқи мусбат, возеҳтар ва бо давомтар аст, дар ҳоле, ки таъсири хулқи манфӣ нопойдор ва дорои шиддатҳои гуногун аст, иллати он метавонад фароядҳои назорат ё анбори маводи манфӣ дар ҳофиза бошад.

Ҳолатҳои хулқӣ ба далели гузаро будан бештар ба ҳолатҳои ангезишӣ таъсир мегузоранд, то ба роҳбурдҳои шинохта. Ёфтаҳои пажӯҳиш бо дар назар доштани таъсири назарияи Бовер бар сохтори хулқӣ ҳамхон таъкид карда, модели ихтисоси манбаи олист ва модели ангезаи Ойзенро дар тавзеҳ ва баёни асароти хулқ бар абъоди асосии фароянди мушкилкушоӣ ба унвони такмили назарияи Бовер нишон медиҳад.

## АДАБИЁТ

1. Abele A. Positive Versus negative mood influences on problem solving: A Review Polish Psychological Bulletin, 23,187-202. (1992).

2. Beck A.T. Depression: clinical, experimental, and theoretical aspects. New york: Harper and Row. (1967).
3. Beck A.T. Cognitive therapy and emotional disorders, New york: International University press. (1976).
4. Blaney P.H. Affect and memory: American Psychological Bulletin. 99,229-246, (1986).
5. Bower G.H. Mood and memory. American Psychologist.36,129-148. (1984).
6. Bower G.H. Emotion and social judgments.in J Forgas (Ed.). University of N.S.W., Australia, Pergamon press. (1990).
7. Bower G.H. Moodcongruity of social judgments.in J. Forgas (Ed.). Emotion and social judgments.Sydney: Pergamon press. (1991).
8. Bower G.H.,Gilligan, S. G., & Monteiron,K. P. (1981). Selectivity in learning caused by affective states.
9. Branscombe N.R. Conscious and unconscious processing of affective and cognitive information. In K. Fieldler and J. Forgas (Eds.), Affect, cognition and social Behaviour. Torento : Hogrefe. (1998).
10. Clark D.M. & lsen A.M. lsen (Eds.), Cognitive social Psychology (pp 73-308). New york: Elsevier.
11. Clark D.M. A decision making parading for local guidance research. Personnel and Guidance Journal. 14, 40-5J. (1985).
12. D'zunlla T.J. & Goldfried M.R. Problem solving and behavior modification. Journal of Abnormal Psychology. 78, 707-726. (1971).
13. Elliot T.R. Problem solving Appraisal and Psychological adjustment following spinal injury. Cognitive Tlierapy and Research 15, 387-398. (1991).
14. Elliot T.R., Sherwin E., SHarkins S.W. Self-aooraised Problem solving ability, affective states, and Psychologica distress. Journal of counseling Psychology. 42. 105-115. (1995).
15. Esses V.M. & Zonha M.P. Mood and expression of ethnic stereotypes. Journal of Personnelity and Social Psychology.69.1052-1068(1995).
16. Fiedler K.T., Forgas J. Affect - cognition and social behavior Torento:. CJ. Hografe. (1988).
17. Fisk S.T. & Toylor S.E. Social cognition. Newyork:McGraw-Hill. (1991).
18. Forgas J. Affect and Social judgements: an introductory review. In J. Forgas (Ed.) JImotion and Social judgements. Sydney: pergamon press. (1992 a).
19. Forgas J. Affect and Social perception: research evidence and an integrative theory. In W. storebe and M. Hewstone (Eds.), European review of Social Psycholog, 3, 185-223. (1992 b).
20. Forgas J. Mood Affect on intergroup discrimination. Journal of Personnelity and Social Psychology, 70, 28-40. (1992).
21. Forgas R.H. & Melameal L.E. Perception a Cognitive-stage approach. New york:McGraw-Hill. Haoga D.A. F.,& Fine J.A. Social problem- solving deficits, depevdency and depressive symptoms. Cognitive Therapt and Reserch, 19 ,147,158. (1976). (1995).
22. Heppner P.P. & Cook S.W. Progress in resolving problems: A problem focused style of coping. Journal of counseling Psychology. 42, 279-293. (1995).
23. Heppner P. & Peterson. The development and implication of a personal problem-solving inventory. Journal of counseling Psychology.29,66-75. (1982).
24. Heppner P. Hibel. Neal Weinstein. Personal problem-solving: A descriptive study on individual differences. Journal of counseling. 29,280-290. (1982).
25. Heppner P. et al. Progress in resolving problems A problem focused style of coping. Journal of counseling Psychology. 42, 279-293. (1995).
26. Hilgard E.R. The triology of mind: cognition, affection and conation, Journal of history of the Behavioral Sciences, 16,107-117. (1989).
27. Karanagh D.J. Mood persistences and success. Australian Journal of counseling Psychology.39,307-318. (1987).
28. Kavanagh D. & Bower G.H. Mood effects on self-efficacy judgements, unpublished manuscript, Stanford University. (1981).
29. Kendal F. & Braswell L. Cognitive-behavioral therapy for impulsion. New york: Guilford press. (1985).
30. Khosravt Z. The role of cognitive bias in encoding and recalling information by depressd and happy children, unpublished thesis. (1994).
31. Knapp & clar. Same detrimental effects of negative mood on individuals ability to solve resource dilemmas. Personality and social Psychology Bulletin, 17,678-688. (1987).
32. Larson L.M. Potenza M.T. & Wennstedt: L.W. personal problem-solving in a simulated, setting; Do perceptions accurately reflect behavior? Cognitive Therapy and Research. 19, 241-257. (1995).
33. Larson L.M., Piersel W.C. Allen S.J. Significant predictor of problem solving appraisal. Journal of counseling Psychology,37,482-490. (1990).
34. Mischel W. & Shoda Y. A cognitive-affective system theory of personality structure. Psychology Review, 102, 246-268. (1995).
35. Newell A. & Simon H. Human problem solving. Englewood Cliffs N.J: prentice Hall. (1972).
36. Odebukola P.A. Can good concept mappers be good problem solving in science Educational Psychology. 1,113-128. (1992).
37. Robert j.E. & Kassel J.D. Mood state dependence. Cognitive Therapy and Research, 20(1) (1996).
38. Sedikides C. Changes in the valence of self as a function of mood Review of personality and social Psychology, 14, 271-311. (1992)
39. Shrout P.E. Witly. Problem - solving appraisal, self reported study habits, and performance of academically at risk college student. Journal of counseling Psychology, 37,203-207. (1990).
40. Zajonc R.B. Feelings and thinking: preferences need no inferences need no inferences. American Psychologist, 35, 151-175. (1980).

## РОЛЬ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО СОСТОЯНИЯ УЧАЩИХСЯ В ОЦЕНКЕ И РАЗРЕШЕНИИ ПРОБЛЕМ

Преобразования в обществе, повышение требований к интеллектуальным, психоэмоциональным и физическим возможностям, динамика и эмоциональная наполненность в жизни современного общества приводят к высоким психологическим нагрузкам. Наименее защищенными в этих условиях оказываются дети, поскольку их организм и психика еще неустойчивы и очень восприимчивы к воздействию среды. В данной статье автор рассматривает эмоциональное состояние учащихся в оценке и разрешении проблем, возникающих в их повседневной жизни.

**Ключевые слова:** учебный процесс, социальные и эмоциональные аспекты, отношения в классе, воздействие среды, эмоциональное состояние, оценка и разрешение проблем.

## THE ROLE OF THE EMOTIONAL STATUS OF STUDENTS IN THE ASSESSMENT AND RESOLUTION OF PROBLEMS

Changes in the society, increasing of requirements to the intellectual, mental and physical ability, dynamics and emotional fulfillment in the life of modern society lead to high psychological stress. The least protected in these conditions are children because their body and mind still unstable and very susceptible to the effects of the environment. In this article the author considers the emotional state of students in the assessment and resolution of problems arising in their everyday life.

**Key words:** educational process, social and emotional relationships in the classroom, the effects of

environment, emotional state, evaluation and authorization issues.

**Сведения об авторе:** ***Марям Рафъати*** – аспирантка ТГПУ им. Садриддина Айни

# НАЗОРАТИ ҲАЯҶОНИ ИЗТИРОБ ДАР ЗИНДАГИИ КӮДАКОН ВА НАВҶАВОНОН

***Алии Шикориёни Язд***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таъсири тағйироти сареи фарҳанги иҷтимоӣ ва афзоиши ихтилолоти асабӣ-равонӣ дар дунё, ин ихтилолотро ба дуюмин омили нотавон то соли 2020 табдил намудааст. Ихтилолоти асабӣ-равонӣ, бахусус ҳаяҷони изтироб дар кӯдакон ва навҷавонон, омили муҳимме дар коҳиши саломатӣ, уфти таҳсилӣ ва иқдом ба рафторҳои мухотираомез аст.

Ҳамчунин ин тағйироти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, танаввӯи иртиботот ва густардагии ниёзҳои инсони имрӯзаро бо фишорҳои равонии бисёр мувоҷеҳ намуда, ки муқобила бо он ниёзманди шинохт ва касби маҳорат ва тавонмандсозӣ аст. Ин пажӯҳиш аз навъи мутолиоти тавсифӣ-китобхонаӣ аст ва ҳадаф аз он баррасии иллатҳо, аломатҳо, авҷ гирифтан, анвоъ ва шеваҳои дармони изтироб дар кӯдакон ва навҷавонон мебошад, ки ба унвони шоеътарин ихтилол дар байни ихтилолоти равонӣ маҳсуб мешавад. Сохтори пажӯҳиш муқоисаи охирин дастовардҳои илмӣ ва пажӯҳишӣ дар заминаи изтироб буда, бо ҳадафи ҷамъбандӣ ва ироаи роҳкорҳои амалӣ дар заминаи пешгирӣ ва дармони изтироб таҳия шудааст.

Яке аз мабҳасҳое, ки имрӯз ба унвони омили муассир дар назорату пешрафт аз бурузи мушкилоти байнифардӣ ва эҷоди шароити лозим барои беҳдошти равонии беҳтар матраҳ мешавад, шинохти дақиқи фард аз ҳаяҷоноти худ ва назорати он ба наҳви шоиста мебошад. Ҳамвора ҳаяҷонот нақши асосӣ дар мутолиаи рушди кӯдак ва навҷавон ифо мекунад. Ба тавре ки бисёре аз рафторҳо ва таҷрибаҳои кӯдакро созмондиҳӣ карда, марказ барои аксари робитаҳои фард мебошад. Ланглуз дар соли 2004 мегӯяд, ки бисёре аз мавзӯот дар равоншиносии таҳаввулӣ дорои поя ва асоси ҳаяҷонӣ ё ҳадди ақал инъикосе аз он ҳастанд. Монанди алоқа, иктишоф, мизоҷ, парҳошгарӣ, дилбастагӣ, робитаҳои дӯстӣ бо ҳамсолон, кунҷковӣ, ҳалли масъала, арзёбӣ ва ғайра.

Ҳаяҷонот илова бар ин ки нақши муҳимме дар зиндагии инсон ифо мекушад, ба афрод барои посух додани созгорона ба малзумот ва фурсатҳои муҳитӣ ва муқобила бо чолишҳои пеши рӯ, гузорҳои стресcзо ва буҳронҳои шадид кӯмак мекунанд.

Ҳаяҷонҳо падидаҳои зеҳнӣ, зистӣ, ҳадафманд ва иҷтимоӣ ҳастанд. Падидаҳои фитрӣ, ки дар афроди мухталиф дар шароити яксон буруз мекунанд ва таъсирпазирии зиёде аз шароити фарҳангӣ ва ёдгирӣ надоранд, посухҳои физиологии мушаххасеро фаро меҳонанд. Ин ҳаяҷонот маъмулан ба ду сурат - мусбат ва манфӣ намоёнгар мешаванд. Ҳаяҷоноти манфӣ шомили: хашм, тарс, изтироб, шарм, эҳсоси гуноҳ, ғамгинӣ, рашку ҳасад ва ҳаяҷоноти мусбат аз қабили: шодӣ, ишқ ва ғайра мебошад.

Ҷонбузургӣ (2010) мегӯяд, ки таҷриба нишон медиҳанд, ки мушаххас кардан ва ибрози ҳаяҷонҳо таъсири оромбахше бар системаи асаб дошта, ба кӯдакон кӯмак мекунад, то зудтар аз афсурдагӣ наҷот ёбанд.

Гервин дар соли 1999 муътақид аст, мудирияти ҳаяҷонҳо нақши муҳимме дар созгории мо бо воқеаҳои стресcзои зиндагӣ дорад. Натиҷаҳои пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки зарфияти афрод дар мудирияти муассири ҳаяҷонҳо бар шодкомии равонӣ, шинохтӣ, ҷисмонӣ ва байнифардӣ таъсир мегузорад. Ҳамчунин шоҳидҳои пажӯҳишӣ нишон медиҳанд, ки мудирияти мушкилдори ҳаяҷоноти манфӣ назири хашм, изтироб дар бурузи мушкилоти ҷисмонӣ, монанди бемориҳои қалбӣ-рагӣ, меъдаӣ-рӯдаӣ, нақш доранд.

Бинобар ин, аз он ҷо ки камбуди маҳоратҳо дар танзим ва мудирияти ҳаяҷонҳо, бахусус ҳаяҷоноти манфӣ бо бисёре аз осебҳои равонӣ монанди изтироб, афсурдагӣ, носозгории ҳаяҷонӣ ва ғайра дар иртибот аст, бинобар ин, шинохти дақиқи иллатҳо ва омилҳои заминасози ҳаяҷонот, бахусус изтироб ва истифода аз методҳои пешгирона ва дармон метавон шароити назорати ҳаяҷоноти манфӣ дар кӯдакон ва навҷавононро фароҳам намуд.

**Таърифи изтироб.** Изтироб иборат аст аз як эҳсоси мунташир, нохушоянд, мубҳами ҳарос ва дилвопасӣ бо маншаи ношинохтӣ, ки ба фард даст медиҳад ва шомили адами итминон, дармондагӣ ва барангехтагии физиологӣ аст. Вукӯи муҷаддади мавқеиятҳое, ки қаблан стресcзо будаанд, ё тайи онҳо ба фард осеб расидааст, боиси изтироб дар афрод мешавад. Ҳамаи инсонҳо дар зиндагии худ дучори изтироб мешаванд, вале изтироби дарозмуддат ва шадид, ғайриодӣ ва мушкилсоз аст. Стресс ва изтироб калимаҳое ҳастанд, ки дар зиндагии рӯзмарра, барои тавсифи ҳолот ва эҳсосот бисёр истифода мешаванд. Ба таври мисол ба ҳангоми суханронӣ дар баробари ҷамъ, ба ҳангоми имтиҳон, ба ҳангоми мушкилоти модӣ, таъхири сари як қарор ва ғайра. Ҳангоме ки дар шароити ҳамчун шароти боло, дар суханони худ аз ин ду калима истифода мекунем, таваҷҷуҳи чандоне ба тафовути мавҷуд миёни он ду надорем. Вале ба таври мисол ҳангоми сухан гуфтан аз мушкилоти рӯҳии шоеъ дар кӯдакон ва навҷавонон, бояд дақиқтар буд ва тафовути

миёни стресс ва изтиробро ба хубӣ дарк кард. Дар равоншиносӣ, изтироб марҳилаи пешрафтаи стресси музмин (дарозмуддат) аст, ки ҳангоме ба сурати як мушкили беҳдошти равонӣ дармеояд, ки барои фард ё атрофиёнаш ранҷ ва нороҳатӣ ба вуҷуд оварад ё монеи расидани ӯ ба ҳадафҳояш шавад ва ё дар анҷоми корҳои рӯзона ва одии ӯ ихтилол эҷод кунад.

**Аломатҳои шоеи изтироб.** Аз аломатҳои изтироб метавон мавридҳои зерро ном бурд:

**Эҳсоси хастагӣ**. Асабӣ будан ва беқарорӣ, тарсу нигаронӣ, бехобӣ ё бадхобӣ, тапиши қалб ва танаффуси номуназзам ва сареъ, арақ кардан, сардарду саргиҷа, мушкилӣ дар тамаркуз ва ҳофиза, ларзиш ё париши азулот ва такрруриидрор.

**Иллатҳои изтироб**. Ба таври куллӣ иллатҳои изтироб ба се омили зер бармегардад:

- омилҳои зистшинохтӣ ва ҷисмонӣ: дар афроди музтариб, мизони баъзе аз гармонҳои мавҷуд дар хун ғайриоддӣ аст. Бинобар ин, ҳар он чӣ ки боиси ихтилол дар системаи гармонӣ шавад, барои бадан хатар маҳсуб мешавад;
- омилҳои муҳитӣ ва иҷтимоӣ: омилҳои иҷтимоӣ ва иртиботии бисёре боиси ба вуҷуд омадани изтироб дар афрод мешавад, монанди мушкилоти хонаводагӣ, эҳсоси ҷудоӣ ва тардшудагӣ ва ғ. Аз омилҳои муҳитӣ метавон тағйироти ногаҳонӣ ва ғайримунтазираро ҳамчун зилзила, беморӣ ва марги яке аз наздиконро ном бурд;
- омилҳои генетикӣ ва ирсӣ: яке аз муҳимтарин омилҳои изтироб генетика аст ва эҳтимоли изтироб дар фарзандони афроди музтариб бисёр болост. Муҳаққиқон муътақиданд, ки наметавон бовар кард, ки гене ба гене ба хусусе дар ин ихтилол нақш дошта бошад, балки таркиби баъзе аз генҳо чунин пайомадеро ба думбол дорад. Тибқи охирин таҳқиқот ба назар мерасад, ки омилҳои генетикӣ дар баъзе анвои изтироб монанди ихтилоли ҳарос ва тарс нақши зиёде дорад.

Шоеътарин ихтилоли изтиробӣ дар кӯдакон ва навҷавонон иборатанд аз:

**Изтироби ҷудоӣ.** Изтироб ба худии худ падидаи солим ва табиист, ки дар раванди рушди ҳамаи мо иттифоқ меафтад ва фақат замоне аз он ба унвони ихтилол ёд мекунем, ки дар як синни номутаносиб ва низ шадид бошад. Болби (1988) муътақид аст, ки мушаххасаи аслии ихтилоли изтироби ҷудоӣ, зоҳир шудани изтироби беш аз ҳад дар мавриди ҷудоӣ аз хона ё касонест, ки шахс ба онон дилбастагӣ дорад. Кӯдакони мубтало ба он ихтилол, вақте ашхосе, ки бисёр ба онҳо вобастаанд (маъмулан модар) дар канорашон набошанд, ё дар маконҳои ноошно ба сар бибаранд, дучори изтироби шадид ё ҳатто ҳарос мешаванд.

Кӯдак ҳангоми ҷудоӣ, нигарони осеб дидани волидайн ё худаш, аз даст додани волидайн ва ё рӯй додани ҳодисаи ногувор ва иттифоқи нохоста, монанди тасодуф, қатл, гум кардани роҳи хона ва дуздида шудан аст. Бинобар ин, чунин кӯдаке дар муқобили ҳар воқеае монанди танҳо хобидан, танҳо мондан дар манзил, рафтан ба маҳди кӯдак ва мадраса ва берун рафтан аз манзил, ки мунҷар ба ҷудоии ӯ аз волидайн мешавад, муқовимат нишон медиҳад. Ин кӯдакон бисёре аз вақтҳо аз ҳолати монанди истифроқ, тапиши сареи қалб, ҳолати инзибоъ, ғамгинӣ ранҷ мебаранд. Ҳамчунин мизони интишори ин беморӣ ҳудуди 4% кӯдакон ва навҷавононро дар бар дорад. Имкон дорад шурӯи ихтилол бисёр зудҳангом ва дар синни пешдабистонӣ бошад ва мумкин аст дар ҳар замоне то қабл аз 18-солагӣ буруз кунад. Вале маъмулан шӯюи он дар навҷавонӣ номаъмул аст.

**Изтироби имтиҳон.** Изтироби имтиҳон навъи худиштиғолии зеҳнӣ аст, ки бо худкамнигорӣ ва тардид дар бораи тавоноиҳои худ, мушаххас мешавад ва ғолибан ба арзёбии шинохти манфӣ, адами тамаркузи хавос, вокунишҳои ҷисмонии номатлуб ва уфти амалкарди таҳсилии фард мунҷар мешавад.

Бо таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти анҷомшуда, ошуфтагии меъда, ба ҳам хӯрдани соатҳои хоб ва оромиш, тағйироте дар майл ба озуқа, заъф, саргиҷа, тағйир дар фишори хун, мизони набз ва тарашшуҳи формулаҳои адреналин ва нурадреналин дар афроди дорои изтироби имтиҳон ва ё дар айёми имтиҳонот ва дар натиҷа ҳангоми имтиҳон дар афроди мустаид ба изтироб, афзоиш меёбад.

**Тарс аз мадраса.** Тарси ғайримантиқӣ аз мадраса дарвоқеъ муодили имтиное аз мадраса рафтан аст ва яке аз нишонаҳои изтироби ҷудоӣ аз волидайн, хона, хонавода ё шароите аст, ки ба он дилбаста ва вобаста шуда буд.

Имтиноъ аз мадраса рафтан дар ҳар синне дида мешавад, аммо маъмулан дар ибтидои ҳар давраи таҳсилӣ ба сурати равшантар ва айнитар худро нишон медиҳад. Тақрибан ин масъала дар байни писарҳо ва духтарҳо дар синни оғози мадраса ба сурати яксон дида мешавад. Аммо дар сатҳҳои болотар бо андак тафовут аз якдигар сабқат мегиранд. Дар хонаводаҳое, ки бачаҳо бо фосилаҳои зиёд аз якдигар мутаваллид мешаванд, шоеътар буда, ҳамон тавре, ки гуфта шуд, шоеътарин далели тарс аз мадраса дар байни кӯдакон ва дар бадви вуруд ба мадраса ношӣ аз изтироби ҷудоӣ аз волидайн, бахусус модар аст.

**Ихтилоли изтироби иҷтимоӣ.** Ин навъ тарс дар охирҳои кӯдакӣ ё аввалҳои навҷавонӣ шурӯъ мешавад ва мавзӯест, ки иддаи зиёде аз мардум ба он даргиранд ва маъмулан ба сурати тарс ва шармсорӣ аз иштибоҳ кардан, суҳбат кардан дар ҷамъ, хӯрок хӯрдан, сурх шудан ё ларзиши садо ва ғайра дар баробари ҷамъ аст ва бо ҳиҷолати сода тафовут дорад. Ин ҳолати изтироб монеи шинохти афроди ҷадид мешавад ва фардро ба инзибоъ ва гӯшагирӣ мекашонад.

Фарде, ки ба ин беморӣ мубталост, бо мушкилоти гуногуне рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Ҷароки изтироби иҷтимоӣ бар ҷанбаҳои мутафовите аз зиндагӣ соя меафканад. Ҳузури муваффақ дар мусоҳибаҳои истиқдомӣ бо вуҷуди чунин изтироб номумкин

хоҳад шуд. Суханронӣ кардан, ошноӣ ва мулоқот бо дӯстон ва ҳамсоягон ё ҳамкорони нав, либос харидан ва гирифтани гувоҳиномаи ронандагӣ умуре ҳастанд, ки шахси мубтало ба ихтилоли изтироби иҷтимоӣ наметавонад ба осонӣ аз уҳдаяшон барояд ва ҳатто мумкин аст аз ҳузур дар баъзе маконҳо иҷтиноб кунад.

**Омилҳои муассир дар изтироби навҷавонон ва муқобила бо он.** Сарчашмаи бисёре аз нороҳатиҳои зоҳиран ғайримантиқии навҷавонон, изтиробе аст, ки аз омилҳои гуногун аз ҷумла омилҳои зер ношӣ мешавад: тағйироти ҷисмонӣ аз қабили нигаронӣ, аз деррасии булуғ, бахусус дар писарҳо, нигаронӣ аз зудрасии булуғ, бахусус дар духтарҳо, тарс ва эҳсоси хиҷолат аз тағйири ҷисмонӣ ва ранҷи ношӣ аз адами пазириши тағйироти ҷисмонӣ, адами пазириш аз ҷониби ҳамсолон, мустақил шудан, бурузи рафтори пархошгарона, ғайримантиқӣ будан, надоштани маҳоратҳои лозим барои зиндагӣ, тамоюлоти ҷинсӣ ва ошуфтагӣ дар нақш. Дар ин ҷо ба таври мухтасар яке аз мавридҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Наҳваи рӯёрӯӣ бо ранҷи ношӣ аз тағйироти ҷисмонӣ.** Тағйироти ношӣ аз даврони булуғро навҷавон батадриҷ мепазиранд. Иллати аслии нигаронӣ дар мавриди нукоти дигаре ҳамчун зудрасӣ ва деррасии булуғ ва эҳсоси хиҷолат дар мувоҷеҳа бо тағйироти ҷисмонӣ, адами огоҳӣ, огоҳии ноқис ё маҳдуд ва ё иттилооти нодурусти навҷавон дар заминаҳои мухталифи булуғ ва тағйироти ҷисмонӣ ношӣ аз он аст, ки беҳтарин роҳи пешгирӣ низ фароҳам овардани огоҳӣ ва биниши дақиқ, саҳеҳ ва бамавқеъ аст. Волидайн бояд қабл аз пайдоиши аломатҳои сонавияи булуғӣ фардро ба таври муносиб дар ҷараёни масоил, аз ҷумла синни булуғ, омилҳои муассир дар пайдоиши булуғ ва тағйироти ҷисмонӣ ва осори равонии он бигузоранд. Волидайн ва мураббиён бо фароҳам овардани шароити озод ва солим бояд ин имконро ба навҷавон бидиҳад, ки суолот, афкор, эҳсосот ва аҳёнан нигарониҳои худро содиқона матраҳ ва ҷавобҳои муносиб дарёфт кунад ва набояд бигузоранд, то навҷавонон барои ёфтани посухи суолоти худ касоне, ки салоҳият надоранд, аз ҷумла ҳамсолон мурoҷиат ва дучори инҳироф ва изтироб шаванд.

Ташхиси изтироб ва дармони он дар кӯдакон ва навҷавонон бисёр муҳим аст. Чун шахсияти онон тайи ин давра шакл мегирад, бисёре аз кӯдакон ва навҷавонон замоне, ки дар шароити ҷадиде қарор мегиранд, дучори изтироб мешаванд ва вокунишҳои мутааддидеро аз худ буруз медиҳанд. Ба таври мисол, натиҷаҳои пажӯҳише нишон додааст, ки ноамнӣ, вобастагии шадид ва носолими навҷавон ба волидайн, нотавонӣ ва надоштани маҳоратҳои лозим дар барқарор кардани робитаҳои отифӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии солим, тафовут дар фарҳанги хонаводаҳо ва бахусус адами пазириши арзишҳо ва одобу русуми гуногун, муҷиби изтироби бисёре аз навҷавонон мешавад. Ҳамчунин мутолиот нишон дода, ки изтироб дар касоне бештар дида мешавад, ки дучори ноамнии шадид, адами эътимод ба нафс, вобастагии носолим ба волидайн, бахусус модар ҳастанд. Касби истиқлол дар бисёре аз навҷавонон изтироб эҷод мекунад. Аз ҷумла ҳолатҳое, ки дар заминаи мустақил шудан дида мешавад, тазод ва дугонагӣ аст. Барои ин ки навҷавоне дучори изтироби шадид нашавад ва ё изтироби ӯ идома пайдо накунад, иқдомоти зер муфид аст:

- Волидайн бояд гироиши фарзанди худ ва ҳамсолонро ба дурустӣ дарк кунанд, зеро ин як ниёзи табиӣ аст, ки бихоҳад мавриди таваҷҷуҳ ва ҳимояти ҳамсолон қарор гирад.
- Волидайн бо навҷавон дар мавриди пайдо кардани дӯст тавофуқ намояд, то дучори таоруз нашавад ва пинҳонкорӣ низ накунанд.
- Бояд саъй кунанд ба таври мантиқӣ бо навҷавон рӯ ба рӯ шаванд ва дар вақти муносиб, бо гуфтугӯйи мулоим ва истидлол, ӯро мутаваҷҷеҳи натиҷаҳои номатлуби баъзе аз муоширатҳо кунанд.
- Волидайн ва мураббиён барои дӯстони навҷавон бояд эътибор ва эҳтимол қоил бошанд.
- Волидайн ва мураббиён бояд дар ҳамаи мавқеъҳо, бахусус дар баробари ҳамсолон, эҳтиром ва шахсияти навҷавонро ҳифз кунанд.
- Волидайн ва дигарон бояд то ҳадди мумкин аз амру наҳйҳои зиёд, бемаврид ва ғайриусулӣ худдорӣ кунанд.
- Аз эҷоди мамнӯият ва маҳдудиятҳои бемаврид, ки муқоир бо ниёзи навҷавон ба касби озодӣ ва истиқлол аст, худдорӣ кард.
- Бо тақвияти рӯҳии навҷавон, бахусус такя бар маҳоратҳо ва тавоноиҳои мусбати ӯ, бояд равишҳои муносиби мувоҷеҳа бо нокомиро ба ӯ омухт.
- Ба навҷавон бояд омӯхт, ки дар муқобила бо хашм ба ҷойи ин ки бидуни тафаккур хашми назоратнашуда иброз доранд, мантиқӣ бархӯрд кунанд ва бидуни тавҳин ва таҳқир ба дигарон ибрози вуҷуд кунанд ва отифаҳои худро баён кунанд.
- Бояд ба ӯ фаҳмонд, ки наҳваи бархӯрди дигарон бо ӯ то ҳадде натиҷаи рафтори худи ӯст.
- Дар баробари пархошгарии навҷавон набояд аз танбеҳ ё таҳқир истифода кард, зеро ин рафторҳо худ боиси ташдиди пархошгарӣ мешаванд, беҳтар аст ба амали пархошгаронаи ӯ посух надод. Балки бояд ба навҷавон фаҳмонд, ки беэътиноии зоҳирӣ ба пархошгарии ӯ далеле бар таъйид ё қабули он нест.

**АДАБИЁТ**


1. Абулқосими Аббос. Изтироби ҳамкорон, иллатҳо, санҷиш ва дармон. / Абулқосими Аббос ва ҳамкорон. Пажӯҳишҳои равоншинохтӣ. Давраи панҷум. -№3 ва 4. -2009.
2. Heimberg RG. Social anxiety. Journal of Cognitive Psychotherapy: An International Quarterly 2004; 15(4): 325-339.
3. Fortinash Holoday, Warret. Psychiatric mental heath. 2nd ed, Mosby: New York 2000. p. 801.

4. Liebowitz MR. Social phobia. Mod Probl Pharmacopsychiatry 1978; 22: 141-173.
5. Heimberg RG. Social anxiety. Journal of Cognitive Psychotherapy: An International Quarterly, 2004; 15(4): 325-339.
6. Fortinash Holoday, Warret. Psychiatric mental heath. 2nd ed, Mosby: New York 2000. p. 801.
7. Liebowitz MR. Social phobia. Mod Probl Pharmacopsychiatry 1978; 22: 141-173.

**КОНТРОЛЬ ЗА СОХРАНЕНИЕМ ПСИХОЭМОЦИОНАЛЬНОГО БЛАГОПОЛУЧИЯ У ДЕТЕЙ И ПОДРОСТКОВ**

Данная статья посвящена изучению причин формирования и следствия тревожности у детей и подростков. Изучение данной проблемы важно в связи с проблемой эмоционально-личностного развития детей, сохранением их здоровья. Детский и подростковый возраст является определяющим в становлении личности ребенка, так как в этот период жизни складываются и развиваются основные свойства и личностные качества ребенка. Смена социальных отношений может представить для ребенка значительные трудности и они начинают испытывать тревожное состояние, эмоциональную напряженность.

**Ключевые слова:** эмоциональное состояние, контроль, эмоциональное благополучие, социальные отношения, адаптация, отрицательный эмоциональный опыт, формирование тревожности

**CONTROL OVER PRESERVATION OF EMOTIONAL WELL-BEING IN CHILDREN AND ADOLESCENTS**

This article is devoted to studying of the reasons of formation and investigation of anxiety in children and adolescents. The study of this problem is important in connection with the problem of emotional-personal development of children, preservation of their health. Childhood and adolescence is the determining factor in the child's personality, as during this period the bad life and develop basic properties and personal qualities of the child. Change in the social relations can present significant difficulties for the child and they start to experience anxiety, emotional tension.

**Key words:** emotional state, control, emotional well-being, social relations, adaptation, negative emotional experience, formation of anxiety

**Сведения об авторе:** ***Алии Шикориёни Язд*** – соискатель Таджикского национального университета

# РОҲКОРИҲОИ МУДИРИЯТИ ДАРС ВА БУРДБОРИИ МУАЛЛИМ

***Мирарабшоҳӣ Сайид Рафиаддин***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Муаллимӣ шуғли муҳимест, ки зарурати он бар касе пӯшида нест. Ин зарурат аз назари муаллифин умдатан, шаклдиҳии таҷриботест, ки мунҷар ба тағйироти матлуб, рафторе дар донишомӯхтагон мешавад. ба хотири ҳамин зарурат ошкор аст, ки нақши муаллим ҷанбаи ниҳодӣ пайдо карда, бисёре аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва афрод ва донишҷӯёну донишомӯхтагони мухталиф интизороти куллии мушаххасе аз он чи ки як муаллим ҳаст ва бояд бошад, доранд, аммо ба назар мерасад, ки интизороти куллии мавриди назар дар амал дучори мушкил мегардад. зеро ҳамаи мо дар тӯли ҳаёти таҳсилӣ ё ҳирфаии худ бо муаллимону асотиде мувоҷеҳ шудаем, ки аз онҳо бо калимоти хуб ё бад ёд кардаем. бинобар ин як саволи асосӣ пеш меояд, ки оё ин ду муаллим бо якдигар усулан яксон ҳастанд ё ин ки тафовуте байни онҳо вуҷуд дорад? Оё ҳамаи муаллимон бо ҳушу коромад ҳастанд? Метавон малокҳое барои шоистагии як муаллим тасаввур кард ё ин ки муаллим ва малок мушаххасе барои шоистагии яке бар дигаре вуҷуд надорад? Оё зотан бархе аз афрод муаллим ба дунё меоянд ё муаллимӣ ҳирфаест, ки баъзеҳо онро беҳтар ёд мегиранд? Ин саволот матолиби муҳим ва ҷаҳонӣ мебошанд, ки мебоист ба онҳо посуххои дақиқ дод?

*Роҳҳои афзоиши сабр чист?* Сабру истиқомат асораи фазилатҳо ва хамирмояи ҳамами саодатҳо ва абзори вусул ба ҳар гуна хушбахтист. Инсон бидуни сабр ҳам дар ҷиҳоти мусбат ба ҷое намерасад ва ҳам дар баробари авомили манфӣ шикаст мехӯрад, чаро ки собир набудан мусовӣ бо шикаст аст. Ба ҳамин далел, калиди аслии пирӯзиҳо сабр аст. Ба таври куллӣ, барои тақвияти сабру бурдборӣ роҳҳои мухталифе вуҷуд дорад, ки дар зайл бархе аз он ишора мешавад:

1. Робита бо Худо. Инсон дар партави ёди Худо ва намоз иродаи нерӯманд ва имони устувор пайдо мекунад ва ҳама мушкилот барои ӯ осон мегардад. Қуръони маҷид мефармояд: «Дар зиндагӣ аз сабру намоз кӯмак бигиред, ҳарчанд ин кор ҷуз барои хошеъон сангину гарон аст».

2. Шинохти розу рамзи мушкилот. Агар касе бидонад, ки вуҷуди балову мусибат дар зиндагии башар чӣ асаре дорад, онро бо оғӯши боз мепазирад.

3. Таваҷҷуҳ ба гузаро будани буҳронҳо. Мушкил ва меҳнати рӯзгор ҳар чи бошад, муқтеъ ва гузарост. Қуръони маҷид ба ҳама афрод навид медиҳад, ки ҳамеша канори сахт осонӣ вуҷуд дорад: «Пас (бидон, ки) бо ҳар сахтӣ осонист».

4. Таваҷҷуҳ ба афроди пойиндаст. Назар афкандан ба касоне, ки мушкилоти бузургтаре даст ба гиребон ҳастанд, таҳаммули шаддоидро осонтар месозад.

5. Омодагии рӯҳӣ. Агар касе дунёро он тавре ки ҳаст, бишносад, дар пешомадҳои ногувори зиндагӣ худро намебозад, чун медонад ҷаҳон табиати сарои дигаргунӣ ва таҳаввул аст ва фарозу нишеби фаровоне дорад. Ҳама афрод, хоҳ ноҳоҳ бо ҳаводис мувоҷеҳ мешавад.

6. Таваҷҷуҳ ба осори ҷисмонии сабр. Сабру шикебоӣ дар баробари ҳаводиси зиндагӣ танҳо ҷанбаи ахлоқӣ надорад, балки аз назари беҳдошту саломатии ҷисм низ фавқулодда муассир аст. Афроди ношикебо умри кӯтоҳ ва тавом бо анвои бемориҳо, аз ҷумла, бемориҳои қалбӣ ва асабӣ доранд, дар ҳоле ки собирон аз умри тӯлонӣ бархӯрдоранд.

*Равишҳои илмӣ:* Ба манзури таҳсил, сиаи садру афзоиши таҳаммул ва сабр бояд ҳаммонанди дигар барномаҳои тағйири рафтор ба сурати ҷиддӣ, дақиқ ва комил ба дастури амалҳои зер амал кунед.

– ба манзури тақвияти ирода ва ҳифзи сиаи садр, аз тафреҳот, ҳаммонанди саҳронавардӣ, кӯҳнавардӣ, шино аспсаворӣ, пиёдаравӣ дар субҳи зуд баҳра гиред;

– пеш аз анҷоми ҳар коре ба ҷанбаҳо ва осори мусбату манфии он таваҷҷуҳ кунед, зеро бо огоҳӣ аз зиёнҳо ё манофеи корӣ, ангеза барои тарк ё анҷоми кор бештар мешавад ва ба таври табиӣ, иродаи қавӣ ва сабр мегардад;

– ҳамвора саъй кунед, бо хостаҳои нафсонӣ ва одатҳои нописанд мубориза кунед;

– ҳамвора дар муқобили сахтиҳо ва номулоимоти зиндагӣ бурдбор бошед ва истиқомат ба харҷ диҳед.

– пайваста ба худ талқин кун, ки ман иродаи қавӣ дорам ва тавони мубориза бо хостаҳои нафсонии хеш ва ҳам чунин ғалаба бар мушкилот ва мусоибро дорам. Аз шикаст хӯрдан намеҳаросам. Агар муваффақ нашудам, бо касби таҷриба, энергия ва нишот бештар муҷаддадан иқдом мекунам, то ба ҳадаф ва мақсади худ бирасам. Ман тавоноии расидан ба ҳадаф ва бартараф кардани мавонеъ ва мушкилотро дорам.

– кореро, ки шурӯъ кардед, бо ҳавсала ва диққат ба поён бирасонед. Аз раҳо кардан ё сари ҳамбандии он бипарҳезед.

– фикри худро ҳамзамон ба чанд кор машғул накунед. Саъй кунед, ҳамвора таваҷҷуҳи шумо ба як кор маътуф гардад.

– тадбир, назму инзиботро дар ҳама умури зиндагии худ ҷорӣ созед. Бо барномарезии дақиқ ва мантиқӣ корҳои худро пеш бубаред. Дар барномарезӣ ҷое барои инъитоф ва ҷойгузин кардани умури ғайр, қобили пешбинӣ бигзоред.

– ҳамеша фазои зеҳнӣ ва равонии худро барои шунидану дарёфти рафторҳои нобаҷо ва хилофи интизор омода созед. Ба ин маъно, ки ҳамеша интизор дошта бошед, дигарон бо шумо ба бадтарин шакл бархӯрд дошта бошанд, худро барои таҳаммули он омода кунед. Аксарияти донишомӯзон дар мадраса соати ҳунарро дӯст доранд, зеро аз озодии амали бештаре дар дарс бархӯрдор ҳастанд. Онҳо ҳам бо ҳам дар ин соат суҳбат мекунанд ва ҳам механданд, ҳазл мекунанд ва аз ин ки дар канори ҳам, ба анҷоми як кори ҳунарӣ ва дилхоҳи худашон машғул ҳастанд. Бачаҳо вақте кореро бо алоқа ва дилгармӣ анҷом медиҳанд, натиҷаи кор хеле беҳтар ва хушояндатар хоҳад шуд ва самарии кори онҳо беҳтару арзиштар хоҳад шуд ва аз соати ҳунар бо ин ки як соли таҳсилиро бо ҳадаф кор карданд, эҳсоси ризоият мекунанд ва ҳамин ризоятмандии онҳоро тарғиб ба кори бузургтаре мекунад. Иншаоллоҳ, ки бо эҳсоси масъулияти муаллимин ҳамон тавре ки ба дарси риёзиву форсиву улуми… аҳамият медиҳанд, ба ин соати омӯзишиву ҳунарӣ баҳо бидиҳанд.

Роҳкориҳои мудирияти дарс ба ҳангоми рӯёрӯӣ бо мушкилоти рафтории донишомӯзон:

- аз навиштаҳои ғайримулкӣ истифода кунед;
- ҷараёни фаъолиятҳои дарсиро мутавақуф накунед;
- ба донишомӯзон наздик шавед;
- ба рафторҳои онон ҷиҳат бидиҳед;
- омӯзишҳои лозимро ироа диҳед
- бо сароҳат ва қотеъона аз донишомӯз бихоҳед, ки ба рафтори худ поён бидиҳад;
- ба донишомӯз фурсати интихоб бидиҳед.

Ҳадафи ҳар низоми таълиму тарбият, омодасозӣ ва сохтани инсонҳо аз ибтидои тавлид дар партави малакаҳоест, ки даст андар кори он таълиму тарбият барои таъйини вижагиҳои шахсияти вай, тибқи равиши муайяне, ки бо фалсафаи он гурӯҳ ва таҳқиқи аҳдофи зиндагии онҳо созгор бошад, вазъ кардаанд. Муҳаббат ва сабр аз малзумоти (зарурӣ) кори муаллимон аст ва муаллим бояд хуб биёмӯзад ва хуб омӯзиш диҳад.

## АДАБИЁТ


1. Иброҳимӣ Қ.С. Мудирияти стресс ва назорати хашм. - Теҳрон, 1386
2. Иброҳимӣ Қ.С. Равоншиносӣ дар хидмати муаллимин. Ҷ.2. - Теҳрон, 1384.
3. Абдулвоҳид М.Т. Ғурурул-ҳикам ва дуррул-калом, Мактабул аъломул исломия. - Қум, 1366.
4. Алипур А. Роҳнамоии волидайн ва муаллимин дар тарбияту омӯзиши кӯдакон. - Теҳрон, 1385.
5. Қуръони Карим.
6. Қумӣ. Муҳадиси сафинатул-баҳор. – Теҳрон, 1422.


## МЕТОДЫ УПРАВЛЕНИЯ КЛАССОМ ПОСРЕДСТВОМ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ


В современный период с учетом требований современной школы в общеобразовательных школах важно создать условия для профессиональной деятельности и становления педагога–профессионала, способного к исследованию и управлению педагогической деятельностью, Для решения задач повышения эффективности педагогического процесса в школе предполагается наличие соответствующей научной, организационно-управленческой и психолого-педагогической компетентности.



**Ключевые слова:** учитель, школа, профессиональная деятельность, становление педагога, система управления, эффективность педагогического процесса.


## METHODS OF CLASS BY MANAGEMENT SYSTEM


In the modern period to meet the requirements of modern schools in secondary schools, it is important to create the conditions for a professional activity and the formation of a professional educator, capable of research and management of educational activities to improve the efficiency of solving educational process at school assumes the existence of relevant scientific, managerial and psychological pedagogical competence.



**Key words:** teacher, school, professional activity, becoming a teacher, a control system, the effectiveness of the pedagogical process.



**Сведения об авторе:** ***Мирарабшохи Сайид Рафиаддин*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# МАРОҲИЛИ ШАКЛГИРИИ РАФТОРИ ҒАЙРИМАСЪУЛОНА ДАР НАВҶАВОНОН

*Хусрав Иброҳими Такизода*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Марҳилаи навҷавонӣ аз ҳудуди ёздаҳсолагӣ оғоз мешавад. Нишонаҳои нахустини навҷавонӣ бо рушди баданӣ, фикрӣ ва отифӣ зоҳир мешавад. Навҷавон бар асари рушди сари бадани як ҳолати ошуфтагиро дар даруни худ эҳсос мекунад. Навҷавон дар ин син ба марҳилаи тафаккури шинохтаи интизоӣ ҳам расидааст. Ӯ қудрати фикрӣ ва зеҳнии фаровоне дорад ва монанди калонсолон истидлол мекунад, аммо навҷавон таҷриба надорад. Навҷавон бар асари тағйироти хулқи ва отифии дучори ҳассосияти шадиде шуд. Навҷавон мехоҳад мустақил бошад. Ин маҷмӯаи хусусиёт, яъне ошуфтагиҳои баданӣ, рушди фикрӣ, ҳассосиятҳои отифӣ ва истиқлолхоҳии навҷавонро дар тахот ва муқобили хонавода қарор медиҳад ва заминаро барои муқовимат дар навҷавон фароҳам мекунад. Дар ин ҳолат навҷавон аз волидайн итоат намекунад.

***Марҳилаи аввали шаклгирии рафтори ғайримасъулона дар навҷавонон.*** Тағйирот дар рафторҳои навҷавонон ба суратҳои гуногун зоҳир мегардад. Алоқаҳо ва заминаҳои ҷадиде дар навҷавонон дида мешавад, монанди таваҷҷуҳи навҷавонон ба қаҳрамонони варзишӣ, ҳунарпешаҳои дохилӣ ва хориҷӣ, алоқамандӣ ба гурӯҳҳо ва дӯстони ҷадид, таваҷҷуҳи навҷавон ба шуғлҳои мухталиф, монанди ҳунарпешагӣ, риштаҳои мухталифи варзишӣ, ҷаҳонгардӣ, навозандагӣ ва хеле аз шуғлҳое, ки ғолибан бо арзишҳо ва қоидаҳои хонаводагӣ, қавмҳо, фарҳангӣ муқорибат дорад. Ин тамойюлоти навҷавонон заминаи нигаронӣ ва изтиробро барои волидайне, ки бо таҳаввулоти навҷавонӣ ошноӣ надоранд, фароҳам мекунад. Навҷавон бо зери суол бурдани хеле аз фаъолиятҳои қаблии худ ва хонаводааш дар мизони нигаронии волидайн меафзояд. Гоҳе ҳатто навҷавон бо беэтиқодотии волидайн ва баъзе бо фаъолиятҳои худаш эътироз мекунад ва бо рафторҳои беодобонаи худ фароянди ботарбият буданро зери суол мебаранд. Он кӯдаки мутеи дирӯз ҳоло чунон густоху беадаб шудааст, ки бо баъзе рафтору кирдори беодобонаи худ нигарон месозад. Навҷавон батадриҷ дар анҷоми таклифи дарсии худ кӯтоҳӣ мекунад, яъне анҷом намедиҳад ва кам кам аз дарсу мадраса безор мегардад. Бештари бачаҳое, ки аз мактабхона фирор мекунанд дар ин марҳалаи синнӣ мебошанд. Ин рафторҳо худи навҷавонро ҳам нороҳат мекунанд, аммо навҷавон наметавонад нороҳатии худро нишон бидиҳад. Навҷавон аз ин тағйироти бавуҷудомада, дар воқеъ аз шахсияти худ дифоъ мекунад. Ин ҳолат дар даруни ҳар одам вуҷуд дорад. Ҳамаи одамҳо аз шахсияти худ дифоъ мекунанд, ҳарчанд ки онро напазиранд. Ин дифои навҷавон ба шакли рафторҳое нишон дода мешавад, ки равоншиносон он рафторҳоро механизми дифоӣ меноманд, шомили фарофаканӣ, далелтарошӣ, инкор, вокуниши макус ва ғайраҳо. Сарзанишҳои мукаррари волидайн навҷавонро ба сӯйи танҳоӣ мебарад. Навҷавон аз атрофиёни худ канорагирӣ мекунад, гоҳе хашмгин мешавад. Ӯ бо ин кори худ мехоҳад фишорҳоро таҳлия кунад. Навҷавон мехоҳад бо ин кори худ хонаводаро ба ақибнишинӣ водор намояд. Ин рафторҳои ошуфта боис мешавад, ки навҷавон дар корҳои мухталиф ифрот намояд, масалан, ифрот дар тамошои телевизион, саргарм шудан бо компютер, суҳбат кардан бо телефон, қадам задан дар хиёбон, мондан дар берун аз манзил. Навҷавон аз ин рафторҳо ҳамчун паноҳгоҳ истифода мекунад. Ӯ бо ин корҳо мехоҳад, изтироби худро кам кунад, аммо бо сарзанишҳои волидайн рӯ ба рӯ мешавад.

***Марҳилаи дувуми шаклгирии рафтори ғайримасъулона дар навҷавонон.*** Дар ин марҳила нишонаҳои рафтории навҷавон шиддат меёбад, навҷавон бо афзоиши мурoқибатҳои волидайн рафторҳои ҷадиде аз худ нишон медиҳад. Ӯ дар муқобили волидайн муқовимат ва сарсахтӣ нишон медиҳад, навҷавон гоҳе бо сукут кардан ва ҳарф назадан ва ё гоҳе бо додани посуххои хеле хеле кӯтох (монанди бале, хайр, эй, ҳей,берун бо рафиқон ва ғ.) муқовимати худро нишон медиҳанд. Ин вокунишҳои навҷавон нишондиҳандаи ин аст, ки волидайн ва навҷавон аз ҳамдигар хеле дур шудаанд, ҳатто бархе аз навҷавонон вокунишҳои манфӣ аз худ нишон медиҳанд (таъхир дар анҷоми дастуроти падару модар, анҷоми ноқиси дастуроти волидайн, тазоҳур ба нашнидани дастуроти волидайн, анҷом додани дастурот ба гузаштани хеле-хеле вакте). Ин рафторҳо ҳамагӣ барои нишон додани эътироз ба хонавода мебошад.

***Марҳилаи сеюми шаклгирии рафтори ғайримасъулона дар навҷавонон.*** Шароити таомул миёни навҷавон ва хонавода аз вақти ба шакли бuҳронӣ дармеояд, ки шеваи тарк кардани навҷавон аз сӯйи волидайн бо эҳсоси қудратмандӣ дар навҷавон ҳамроҳ шавад. Навҷавон дар ин марҳала худро ончунон қудратманд мебинад, ки барои муқобилият бо волидайн омода мебошад ва волидайн бо дидани ин ҳолати фарзанд хеле нигарон мешаванд. Навҷавон бо канорагирӣ кардан аз хонавода мехоҳад ҳолати истиқлол ва бениёзии худро аз волидайн нишон бидиҳад. Навҷавон бештари вақтҳо бидуни иртибот бо волидайн ба сурати танҳо дар утоқи хона мемонад. Ин канорагирӣ дар ибтидо ба сурати ҳамон рафторҳоест, ки қаблан доштааст, яъне вакте ки ҳамаи афроди хонавода ба тамошои телевизион нишастаанд ва ё ҳамаи афроди хонавода машғули хӯрдани ғизо ҳастанд, навҷавон таку танҳо дар утоқи худ нишастааст, аммо вакте ки ҳамаи афроди хона ба утоқҳои худ рафтанд ва ё

хобиданд, навҷавон ба ошхона рафта, ғазо мехӯрад ва ё танҳо телевизион тамошо мекунад. Ин рафторҳои навҷавонҳо нишондиҳандаи адами тамоюли ӯ ба хонавода мебошад.

***Марҳилаи чоруми шаклгирии рафтори ғайримасъулона дар навҷавонон.*** Навҷавон дар шонздаҳ ё ҳабдаҳсолагӣ аз ҳолати ошуфтагиҳои шадид берун омада ва ба ҳолати таодули аввалия дар рафтор наздик мешавад, аммо аз тарафи дигар, навҷавон як силсила таҷрибаҳои ҷадид касб карда, ки он таҷрибаҳоро дар амал ба кор мебарад. Масалан, навҷавон аз рафторҳои дуқутбӣ ва мутаноқизи волидайн дар марҳилаҳои қаблӣ дарёфт, ки ӯ метавонад ба кӯмаки рафторҳои созгорона ба мақсадҳои беҳтаре бирасад. Ҳамчунин ӯ аз рафторҳои дуқутбӣ ва мутаноқизи волидайн ин масъаларо дарёфта (боҷдиҳӣ ва маҳрумият), ки метавонад навҷавон бо нишон додани миқдори созгорӣ ба он чи ки мехоҳад бирасад ва аз падару модар бигирад (боҷ). Дубора навҷавон бо нишон додани рафторҳои носозгорона идома медиҳад. Идома ёфтани ин равиш кам-кам дар хонавода ба сурати як одат табдил мешавад. Ба тавре ки бо камтарин нишонаи аз тағйир дар рафтори навҷавон падару модарон хеле зуд фиреб мехӯранд ва дархости фарзандро иҷобат мекунанд. Идомаи ин ҳолат муҷиби эҳсоси хастагӣ ва фарсудагӣ дар волидайн мегардад, ба тавре, ки волидайн бар шиддати вокунишҳои худ меафзоянд, ки бо ин кори онҳо робитаи волидайну навҷавон комилан қатъ мешавад.

Аз ҷумлаи вокунишҳои навҷавон дар ин марҳила шикастани ҳаримҳои арзишии хонавода мебошад. Дар ин марҳила он дӯстони самимӣ дирӯз монанди душманони қасамхӯрда дар рӯ ба рӯи якдигар истодаанд, ки ба шакли комилан ноҷавонмардона бо якдигар меҷанганд. Аз дигар вокунишҳои навҷавонон қатъ кардани робитаи тӯлонӣ бо хонавода мебошад. Қисме аз писарон ва иддае аз духтарон, бахусус дар шаҳрҳои калон вақте ки фазои хонаро ғайри қобили таҳаммул мебинанд, ба берун аз хона таваҷҷӯҳ намуда, ба барқарории дӯстиҳои хиёбонӣ ба шакли инфиродӣ мепардозанд (дӯстписару дӯстдухтар). Ин навҷавонон дар сояи ин дӯстиҳо ба баҳонаҳои мухталиф вақти худро ба хориҷ аз манзил мегузаронанд. Дар ин марҳила робитаи навҷавон бо хонавода ба камтарин ҳадди худ расидааст ва дар муқобил робитаи навҷавон бо ҳамсолон ва дӯстони хиёбонӣ ба болотарин сатҳи худ расидааст.

Навҷавон дар ин марҳила бештарин сармоягузории равонии худро рӯйи дӯстонаш ҳисоб мекунад ва ба волидайн камтарин таваҷҷуҳе надоранд. Масалан, навҷавон ба модаре, ки бо асари бемори қалбӣ ниёз ба пизишки ногаҳонӣ дорад, навҷавон таваҷҷуҳе надорад.Вале дар иваз бо шунидани занги дари хона тавассути дӯсташ сар аз по намешиносад ва давон-давон бо ӯ ба гардиш меравад. Ин рафтори навҷавон навъи вобастагист, ки ин вобастагӣ худ натиҷаи рафторҳои носанҷидаи волидайн будааст, ки пайомадҳои бисёри дигаре ҳам дорад, мисли фирор аз хона, гароишҳои манфӣ, монанди фаҳшо, нашакашӣ, ҷи машрубот, ва ғайра.

Волидайн вақте ин рафторҳои навҷавонро мушоҳида мекунанд ва муқовимати сарсахтонаи навҷавонро мебинанд, ба ночор таслим мешаванд ва дар рафтори худ бо навҷавон таҷдиди назар мекунанд. Волидайн вақте равишҳои рафтори собиқи худро бефоида дидаанд тағйири рафтори худро воҷиб медонанд. Падарону модарон аз мавзеъ ва мақоми худ ақибнишинӣ мекунанд. Ин ақибнишинии волидайн натиҷаи пайдо кардани роҳи дурусте нест, балки ақибнишинии волдайн ба хотири шикасташон дар муқобили фарзандашон аст. Ба ҳамин далел аст, ки ҳатто бо ақибнишинии волидайн ҳам чизе иваз намешавад, яъне бачаҳо рафтори дуруст дар пеш намегиранд. Волидайн дар ин раванд бештар аз рафтори дуқутбӣ истифода мекунанд, гоҳе дар муқобили навҷавон муқовимат мекунанд ва замоне ақибнишинӣ мекунанд ва дар баробари фарзанд кӯтоҳ меоянд. Хулоса гоҳе боҷ медиҳанд ва замоне маҳрум мекунанд. Ин рафторҳои дуқутбии волидайн дар назари навҷавонон ба зоҳир дилнишин аст, аммо ношӣ аз сафо ва самимият нест.

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадӣ Алиаскар. Мадрасаи нодиданӣ./ Аҳмадӣ Алиаскар – Теҳрон: Мактаб.
2. Пиёже Жан. Тарбият ба куҷо роҳ месупорад. Тарҷумаи Мансур- Маҳмуд, Дотсетон- Парирух. / Пиёже Жан. –Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1992.
3. Додситон Парирух. Равоншиносии маърази таҳавуллӣ аз кӯдакӣ то калонсолӣ . / Додситон Парирух. –Теҳрон: Самт, 2000.


**ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ У ПОДРОСТКОВ**


Девиантное поведение — один из видов отклоняющегося поведения, связанный с нарушением соответствующих возрасту норм и правил поведения, характерных для и малых половозрастных социальных групп. Вопрос о предупреждении девиантного поведения подростков – один из ведущих факторов образовательного учреждения. В данной статье автор рассматривает этпаы формирования девиантного поведения у подростков.



**Ключевые слова:** негативные тенденции, самоопределение и стабильность личности, девиантное поведение, проблема девиантного поведения подростков, предупреждение девиантного поведения подростков,: предупреждение причин формирования девиантного поведения подростков.


**STAGES OF FORMATION OF DEVIANT BEHAVIOR OF TEENAGERS**


Deviant behavior is one of the types of deviant behaviour, associated with the violation of age-appropriate norms and rules of behavior typical for the age and gender and small social groups. The question of prevention of deviant behavior of teenagers is one of the leading factors of an educational institution. In this paper the author examines этпаы formation of deviant behavior of teenagers.

**Key words:** negative trends, self-determination and stability of the self, deviant behavior, the problem of deviant behavior of teenagers, prevention of deviant behavior of teenagers,: warning causes of deviant behavior of teenagers.

**Сведения об авторе:** ***Хусрав Иброхим Такизода*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

## БАРРАСИИ НАҚШИ МУАЛЛИМОН ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ РАФТОРӢ, ИҶТИМОӢ ВА ОТИФИИ ДОНИШОМӮЗОН

***Шаҳноз Муродӣ Қарақишлоқӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз вазифаҳои муҳимми низоми таълиму тарбияти имрӯз парвариши афроди шоиста, кордон, уҳдадор ва рушдёфта аст. Ба манзури таҳаққуқи чунин ҳадафе нақшҳои гуногуне барои муаллимон дар назар гирифта шудааст. Муаллимон барои кӯмак ба донишомӯзон ҷиҳати рушди иҷтимоӣ ва отифии онҳо беҳтарин мақеиятро доранд. Аз он ҷое ки онҳо тайи як давраи тӯлонӣ бо донишомӯзон рӯбарӯ ҳастанд ва таҷрибаҳои густурдае дар заминаи рушди донишомӯзон доранд, бинобар ин ба шиносоии донишомӯзоне, ки мушкилотеро таҷриба мекунанд, қодир мебошанд. Онҳо метавонанд барномаҳои ҳидоятӣ ва роҳнамоӣ дар мадрасаро басиҷ кунанд ва бо ҳалли мушкилоти донишомӯзон ба кӯмаки худи онҳо, ирҷои донишомӯзон ба дигарон ё кӯмак хостан аз коркунони мадраса ва истифода аз барномаи таълимӣ ва тарбияти иҷтимоии муфид воқеъ шаванд. Муаллимон ба манзури беҳинасозии кӯмакҳое, ки метавонанд барои донишомӯзон ва волидайнашон фароҳам кунанд, ниёзманди густариши дониш ва маҳоратҳои худ дар ҳавзаи мушовира ва машаварт низ ҳастанд.

Воқеияти бузургтаре, ки дар мадрасаҳо ба он рӯбарӯ ҳастем, вуҷуди теъдоди нисбатан зиёде аз донишомӯзони осебдида ва мушкилдор мебошад, ки лозим аст, ниёзҳои онон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Рӯйдодҳое монанди танбеҳи шадиди бархе аз навҷавонони мадрасаҳо ва рафторҳои ғайриахлоқии бархе дигар, аҳамияти нақши мадрасаро дар иртиқои рушди солими отифӣ ва иҷтимоии донишомӯзон мавриди таъкид қарор медиҳад. Барои истеҳкоми илмии муаллимон ниёз ба тавсеаи доноӣ ва афзоиши маҳоратҳои ҳирфаӣ мебошад. Умед аст муаллимон барои кайфияти мустамари омӯзишу парвариши донишомӯзон қадамҳои муассиреро бардоранд, чун муаллимон калиди мушовираи асарбахш дар мадрасаҳо ҳастанд.

**Нақши муаллимон ва мадраса дар саломатии рушди отифӣ ва иҷтимоии донишомӯзон.** Саломатии отифии мадраса ба унвони як ҷомеаи кӯчак метавонад дар мавқеиятҳои мухталиф дар синф аз тариқи таълиму тарбияти фардӣ ва иҷтимоӣ таъмин шавад. Тамаркузи умдаи барномарезии фард ва иҷтимоӣ дар мадрасаҳо бар таваҷҷуҳи донишомӯзон ба сӯйи роҳҳое аст, ки аз тариқи онҳо қодир шаванд, бо худ, соири ҳамсолон, муаллимон, хонавода ва дигарон робитаи муносибтар барқарор намоянд. Тамаркузи муаллим, дар ин ҷараён бар ҳидоят ва тасҳили фаъолиятҳои гурӯҳии тарроҳишуда дар ҷиҳати тақвияти ҳуши иҷтимоӣ ва ҳаяҷонии донишомӯзон мебошад ва барои ин барнома марҳилаҳои зикршудаи зер бояд тай шавад:

Дар ибтидо бояд шароитеро эҷод кард, ки донишомӯзон ба кашфи масоили худ ва шинохти хубе аз ниёзҳои шахсӣ бирасанд.

Дар марҳилаи дувум бояд донишомӯзонро ба навъе омода кард, ки рӯҳияи ҷустуҷӯгарӣ дошта, талош барои ёдгирӣ ва омӯхтанро ба таври табиӣ дунбол намоянд.

Дар шароити зикршуда муаллимон пайваста донишомӯзонро ҳамроҳӣ мекунанд, ки ба ҷойи таваҷҷуҳ ба мушкилот ба рушди отифӣ ва иҷтимоӣ бирасанд (Роҷерз, 1980). Ҳолатҳои отифии манфӣ монанди дармондагӣ, ноумедӣ, хашм ва айбҷӯйӣ, ҳангоме ки бо шиддати зиёд ба сурати каломӣ ва ғайрикаломӣ ба гурӯҳ иброз шаванд, метавонанд ба суръат пеши роҳи фаъолиятҳои гурӯҳиро бигирад. Муаллим бояд нисбат ба ҳуқуқи донишомӯзон барои доштани чунин эҳсосоте огоҳ буда, зимни эҳтиром ба он дар гурӯҳ шароитеро барои баёни ин эҳсосот ва ҷиҳат додан ба онҳо барои ҳаракат ба сӯйи рушд фароҳам созад. Ҳамчунин, дар кори гурӯҳӣ донишомӯзон ёд мегиранд, ки мушкилоташон паёмади ғайри қобили иҷтинобӣ робитаҳои иҷтимоианд. Бинобар ин, зарурӣ аст, ки эътимод ба нафси лозимро барои муқобила бо чолишҳои зиндагӣ пайдо кунанд.

**Нигоҳе ба равишҳои эҷоди тағйироти мусбат дар рафтори донишомӯзон.** Ифои нақши тарбиятӣ тавассути муаллим ба пешниёзҳое эҳтиёҷ дорад, ки агар мавриди таваҷҷуҳ қарор нагиранд, нақши тарбиятӣ муассир нахоҳад шуд. Бинобар ин, чаҳор марҳилаи асосии ин рӯйкард ба шарҳи зер аст: пешниёзҳо, роҳбурдҳо, роҳкорҳо, осебшиносӣ.

**Пешниёзҳо**

1. Муаллим барои расидан ба мақбулият назди донишомӯз талош мекунад;
2. Муаллим бо муҳаббат, садоқат ва такрим нисбат ба донишомӯз назди ӯ ба мақбулият ва маҳбубият мерасад;
3. Муаллим муроқибат мекунад, ки ба мақбулияташ осеб ворид нашавад;
4. Муаллим худ омил аст ва тарҷумони омӯзаҳои динӣ, хусусан агар муаллими дарси динӣ бошад;

5. Муаллим агар аз маърифати нисбӣ дар мавриди инсоншиносӣ ва роҳҳои иқболи қалбҳо ва эҷоди рағбат дар донишомӯз бархурдор бошад, ё мухотабшиносӣ саҳеҳ нисбат ба худ, эътимодсозӣ менамояд.
6. Муаллим ба заминасозӣ барои варзидагии самъӣ, басарӣ ва афзоиши диққат дар ҳавос дарёфткунандаи паём (донишомӯзон) ҳиммат мегуморад;
7. Муаллим ба так-таки донишомӯзон эътино мекунад ва ба шахсиятталабии онон ва ҳифзи кароматашон таваҷҷуҳ дорад.

**Роҳбурдҳо**

1. Дарки саҳеҳи муаллим нисбат ба фалсафаи таълиму тарбият ва парҳез аз ҳалли фаврии масъала барои донишомӯз, тавлиди илм аз роҳи талоши донишомӯз барои кашфи номушаххас, на арзаи маълумоти муаллим ба донишомӯзон;
2. Фурсатсозӣ ва фазосозӣ барои рӯйиши тавонмандиҳои донишомӯз аз тариқи қарор додани вай дар шароити ниёз, истирор ва сипас, тафаккур бо қабули заҳмат ва талош барои гиреҳкушоӣ ва кашфи номушаххас;

**Роҳкорҳо**

1. Тақлиди равишҳои дорои мухотаби он ва баҳрагирӣ аз иртиботи чеҳра ба чеҳра бо донишомӯзон;
2. Таваҷҷуҳ ба равишҳои ғайримустақим дар ирсоли паём барои донишомӯз, мисли нигоҳ, рафтор ва дигар равишҳои ғайригуфторӣ;
3. Баҳрагирӣ аз зарфият, тавонмандӣ ва энергияи донишомӯзон барои пешбурди дастаҷамъии корҳои синфӣ ва дарс;
4. Ташкили гурӯҳҳои мубоҳисаи дарс ва риояти мулоҳизоти тарбиятӣ дар таъйини таркиби ин гурӯҳҳо ва баҳрагирӣ аз аршадҳои мақбули донишомӯзон барои варзиши фикрӣ ва истидлолӣ;
5. Ҳаракат ба сӯйи нуқтаи ҳайрат ва шигифтӣ дар офариниш ба таносуби мавзӯи ҳар як аз дарсҳо ва таваққуф, тааммул ва эътои маҷоли тафаккур дар нуқтаи ҳайрат ба донишомӯзон;
6. Таъйини чанд дақиқаи фурсати ғайрирасмӣ дар ҳар як аз синфҳои дарс барои он, ки донишомӯзон соати расмиро ҷиддӣ бигиранд ва муаллим низ аз соатҳои расмӣ баҳраи бештар бибарад;
7. Истифода аз равиши тарҳи суол ё муаррифии номушаххас ва ташвиқи донишомӯзон ба талош ва заҳмати фардӣ ва гурӯҳӣ барои кашфи номушаххас ё таҳияи посухи суол;
8. Баҳрагирӣ аз фурсатҳои боздид ва мушоҳида тавассути донишомӯзон ва ҳузури онҳо дар муҳитҳои озмоишгоҳии марбут ба мавзӯи дарс ва таҳқиқҳои китобхонаӣ ё майдонӣ барои парвариши фикрӣ ва кашфи асрори офариниш;
9. Такрими донишомӯз дар муқобили саъйи таҳсилӣ, ҳамчунин дар қиболи пешрафтҳои илмӣ;
10. Чашмпӯшӣ кардан аз бархе рафторҳои донишомӯз, ки ба иқтизои сини ӯ сурат мегирад ва аз назари бархе бузургсолон ғайримутаориф ба назар мерасад;
11. Ироаи фурсати ифои нақши муаллим ба донишомӯзони барҷастаи илмӣ дар синфҳои тақвиятӣ ё дар синфи поинтар аз пояи таҳсилии вай бо ҳадафи такрим ва заминасозии шукуфоии истеъдодҳо.
12. Падид овардани шароити ниёз ва истирор (маҷозӣ) ва ташвиқи донишомӯзон ба талош ва тафаккур барои рафъи ниёз ва хуруҷ аз шароити истирор (худ ё дигарон), хусусан дар фурсатҳои бурунмадрасаӣ.
13. Рӯҳия додан ва ёдоварии мустамар ба тавоноии дастёбии донишомӯз ба муваффақият ва дурахшиш.

**Осебшиносӣ.** Умури салбӣ дар ифои нақши тарбиятии муаллим.
1. Муқоисаи донишомӯз бо донишомӯзи ғайри ҳамтароз;
2. Маломат ва сарзаниши донишомӯз дар ҳузури дигарон.
3. Тавлиди изтироб ва афсурдагӣ дар донишомӯз ба хотири имтиҳон ё нумра ва ғайра;
4. Таҳқири донишомӯз;
5. Табъиз дар муҳаббат ба донишомӯзон;
6. Омӯзиш ва аҳамият додан ба нумар дар нигариши муаллим ва ғафлат аз дигар зарфиятҳои вуҷудии муассир дар шахсияти донишомӯз;
7. Омӯзиш ва аҳамият додан ба нумра дар нигариши мудири мадраса нисбат ба арзёбии муаллим.
8. Зиёд будани теъдоди донишомӯзони синф ва маҳрум шудани баъзе аз онон аз таваҷҷуҳ ба эътинои муаллим;
9. Фиқдони виқор ва матонат дар пӯшиш ё рафтор ва каломи бархе аз муаллимон;
10. Кам будани остонаи таҳаммули бархе муаллимон ва вокуниши шитобзада дар баробари порае аз рафторҳои донишомӯз, ки ба ихтизои синни ӯ сурат мегирад;
11. Бетаваҷҷуҳи ба зарфияти донишомӯз;
12. Ғафлат аз тафовутҳои фардии донишомӯз.

Дар поён, муаллимон бояд ба донишомӯзон бархӯрди мухтарамона, муносиб ва тавъамро садоқат дошта бошанд ва ҳар гоҳ лозим шуд, аз тариқи роҳнамоӣ огоҳиҳои лозимро ба донишомӯзонаш бидиҳад. Муаллимон барои ифои ин нақш аввалан, бояд аз фунун ва маҳоратҳои хос баҳраманд бошанд, сониян бояд бо фарҳанг ва табақаи иҷтимоии хонаводаи донишомӯз ошно шаванд ва солисан, бояд вазифаҳои ҳар як аз аъзои хонаводаро бишносад. Илова бар ҳамаи ин мавридҳо дар робита бо донишомӯзони мушкилдор аз қабили онҳое, ки маҳрумиятҳое доранд, ё дучори

ноҳинҷориҳое ҳастанд ва ҳамчунин донишомӯзони маълул ва … иттилооти кофӣ дар мавриди наҳваи кор бо волидайни ин навъ донишомӯзон дошта бошанд.

**АДАБИЁТ**

1. Шариатмадорӣ Алӣ. Ҷомеа ва таълиму тарбият. / Шариатмадорӣ Алӣ. –Теҳрон: Амир Кабир, 1967.
2. Аскарипур Ҳамид. Мушовира бо донишомӯзон дар мадрасаҳо. / Аскарипур Ҳамид.- Теҳрон: Теҳрон барои дониш, 1387.
3. Суле Морижон. Сарзамини ҷовид. / Суле Морижон, Филуҳердз Килидишман. –Теҳрон: Заррин, 1375.-Ҷ.1.
4. Қодирӣ Саидтоҳир. Нақшофаринони роҳнамоӣ ва мушовира дар мадраса. / Қодирӣ Саидтоҳир. –Теҳрон: Барои дониш, 1388.
5. Кунз Артур Райт. Омӯзиши тахассусии муаллимон. / Кунз Артур Райт; Тарҷумаи Фурушзода Ҷавоҳир. –Теҳрон: Рушд, 1370.
6. Ҳурби Грей. Мушовира бо донишомӯзон дар мадрасаҳо, маҳоратҳо ва корбурдҳо барои муаллимон./ Ҳурби Грей, Ҳурби Корул, Ҳол Эрик. –Теҳрон: Барои дониш, 1951.

**РАССМОТРЕНИЕ РОЛИ УЧИТЕЛЯ В РЕШЕНИИ ПОВЕДЕНЧЕСКИХ РАССТРОЙСТВ И СОЦИАЛЬНО - НРАВСТВЕННЫХ ПРОБЛЕМ У УЧАЩИХСЯ**

В современный период разрушаются социальные и нравственные устои общества, духовная опустошенность нередко толкает подростков на различные непристойные для общества действия. Современная система образования не в состоянии ответить на все вызовы времени, удовлетворить интеллектуальные и духовные потребности учащихся. В данной статье автором рассматривается роль учителя в решении поведенческих расстройств и социально-нравственных проблем у учащихся.

**Ключевые слова:** система образования, учитель, учение, поведенческие расстройства, проблема возникновения расстройств поведения у детей и подростков, социально-нравственные проблемы.

**CONSIDERATION OF THE ROLE OF TEACHERS IN ADDRESSING BEHAVIOURAL DISORDERS AND SOCIO - MORAL PROBLEMS OF STUDENTS**

In the modern period, destroyed social and moral fabric of society, spiritual emptiness often pushes adolescents at various obscene actions for society. The modern education system is unable to respond to the challenges of our time, to satisfy the intellectual and spiritual needs of the students. In this article the author examines the role of teachers in addressing behavioural disorders and socio-moral problems of the students.

**Key words:** education system, teacher, teaching, behavioral disorders, the problem of behavioral disorders in children and adolescents, socio-ethical issues.

**Сведения об авторе:** ***Шахноз Муроди Каракишлоки*** – соискатель Таджикского национального университета

# БАРРАСИИ РОБИТА БАЙНИ АНДОЗАҲОИ АНТРОПОМЕТРИИ АНДОМИ БОЛОӢ БО АМАЛКАРДИ ҲАРАКАТИИ ДОНИШҶӮЁН

***Алиризо Роҳбари Каҳхо Жола***

**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Зоҳидон, Эрон**

Антропометрия илмест, ки бо истифода аз равишҳо ва абзорҳои дақиқ ва муътабари хусусиёти ҷисмонии инсон андозагирӣ шуда ва аз ин тариқ андозаҳои сохтори баданӣ муайян мегардад. Аз ҷумла боризтарин тафовутҳои ошкор миёни инсонҳо сохтори баданӣ ва ҷинсияти онҳост. Сохтори баданӣ ва ҷинсият танҳо намунае аз маҷмӯи омилҳоест, ки бо вокуниши бадан нисбат ба варзиш ва тамрин иртибот дорад. Соири омилҳо чун нажод, хусусият ва андозаи андомҳо низ мумкин аст, ки нақши муҳиме дар ин иртибот ифо намояд. Омилҳои муассир бар кориои инсон дар фаъолиятҳои мухталифи баданӣ аз ҷумла омилҳоест, ки таваҷҷӯҳи муҳаққиқони мухталиф, бахусус муҳаққиқини тарбият баданӣ ва илмҳои варзиширо ба худ маътуф намудааст. Баррасӣ ва шинохти дақиқи ин омилҳо ба мураббиён ва варзишгарон имкон медиҳад то барномаҳои худро бар асоси воқеиёт ва ёфтаҳои илмӣ тарҳрезӣ намуда ва шеваҳои ҷадиди тамрин бо таъсироти матлуби физиологиро мавриди истифода қарор диҳанд.

Бегумон беҳбуди маҳоратҳои ҳаракатӣ аз ҷумла орзуҳои ҳар фард мебошад ва яке аз заминаҳое ки имрӯз мутахассисини варзишро ба худ машғул дошта ва сабаби пажӯҳишҳои мутааддид гардидааст ёфтани иртибот байни хусусиёти антропометрикӣ ва маҳоратҳои ҳаракатӣ аст. Хушбахтона бархе аз хусусиятҳои генетикӣ монанди шакли бадан қобили руият ва ошкор аст. Хусусиятҳое ки анвои пайкарҳоро ба худ меоваранд иборатанд аз абъод ва андозаҳои бадан, фоизи чарбӣ, тулии устухон ва аз ин қабил эътиқод бар он аст танаввӯъ ва навъи пайкарӣ набояд монеи ширкати афрод дар фаъолиятҳои хос шавад. Ба ҳар ҳол пешниҳод он аст, ки андозагирӣ ва ташхиси навъи бадан ҷиҳати таъйини шакли мавриди интизор боиси анҷом гирад. Зеро ин андозагириҳо ба эҳтимоли зиёд метавонад омиле ҷиҳати беҳбуди фаъолиятҳои фард аз назари зеҳнӣ ва дастёбӣ ба вазъи матлуб гардад.

Аз шохаҳои илмие, ки иртиботи бисёр танготанги бо тарбият баданӣ дорад, тибшиносӣ аст, ки таҳқиқоти зиёде дар ин замина сурат гирифтааст. Соҳибаназарон ва мураббиёни илмҳои варзишӣ ҷиҳати интихоби афрод ба манзури касби маҳоратҳои қаҳрамонӣ бахусус дар риштаҳои инфиродӣ ки қудрат, суръат ва истиқомати азулонӣ ва қалбию рагӣ ифои нақш мекунад. Факторҳои бадании хосеро мадди назар қарор медиҳанд. Аз ҷамъбандии назарияҳои донишмандони генетикӣ метавон чунин натиҷа гирифт, ки зарфияти анҷоми маҳоратҳои ҳаракатӣ дар ибтидои амр ва низ тавоноиҳои фикрӣ ва ҷисмонии варзишгарон дар ниҳоят ба

ҷанбаҳои варосатии онон боз мегардад. Аз сӯи дигар таҷрибаҳои муҳитӣ бар кайфияти анҷоми маҳоратҳо таъсир дорад. Аз он ҷумла афзоиши тавон дар варзишҳо ба сохтмони баданӣ ва тамриноти фард бастагӣ дорад.

Лизо, ба таври хулоса метавон изҳор дошт, ки хусусиёти анатомикии бадан ирсӣ буда ва дар ҳадди қобили таваҷҷӯҳе чигунагии амалкардҳои физикиро таъйин менамояд. Лизо, огоҳӣ аз ин тавоноиҳо ва хусусиёти анотомӣ метавонад дар шинохти мизони қудрат, суръат, истиқомати азулонӣ ва ниҳоятан интихоби шоистаи истеъдодҳои ҷавонон бисёр муассир мебошад. Аз дер боз инсон ба баррасии робитаи сохтмони бадан ва шакли зоҳири он бо амалкардҳои ҳаракатӣ пардохта, тало шва таҳқиқоти илмии фаровоне ҷиҳати шинохти бештари он идома хоҳад дошт.

Нахустин таҳқиқот ва баррасиҳои инсоншиносӣ дар давраҳои 1650-1750 милодӣ оғоз гардида ва ҳамчунон идома дорад. Таҳқиқоти фаровони амалкардҳои физики ҷавононро бо истифода аз тафовутҳои мутанавеъ миёни онҳо аз қабили син, ҷинс, мизони таҳсилот, қадр, таркиботи баданӣ, мушахасоти антропометрикӣ, типии баданӣ ва қудрати азулонӣ баррасӣ намудааст. Аз натиҷаҳои ин таҳқиқот чунин бар меояд, ки иртибототи байни амалкардии ҳаракати ҷавонон бо хусусиётҳои физикии онон вуҷуд дорад.

Аз ҷумла мавридҳое ки дар солҳои охир фаъолиятҳои бисёре дар он хусус анҷом гирифтааст, таҳқиқоте ас тки дар ҳудуди андозаҳо ва таркиботи бадан ва иртиботи он бо риштаҳои мухталифи варзишӣ ва амалкардҳои ҳаракатӣ анҷом шудааст. Аз он ҷумла Кологер изҳор медорад, ки дар байни навҷавонон зариби ҳамбастагӣ байни қобилияти иҷрои тамриноти сахт ва андозаҳои ҷуссаи онон вуҷуд дорад. Смит иртиботи қад бо тули даст ва пои мардонро як иртиботи қавӣ ва маънодор тавсиф намудааст.

**Равоншиносӣ**. Таҳқиқи ҳозир аз навъи ҳамбастагии тавсифӣ мебошад. Ҷомеаи таҳқиқи ҳозир тамоми донишҷӯёни писари Донишгоҳи озоди исломии Зоҳидон буда ки маҷмӯан 6500 нафар мебошанд, ки дар 8 донишкада дар ҳоли таҳсил мебошанд ва аз миёни онҳо маҷмӯан 130 нафар бо миёнгин ва инҳирофи стандарти синни 23-40 сол, баландии қад 175 см, вазни 40-63 кг, ки дорои собиқаи варзишии ҳирфаӣ набудаанд ба сурати хушаии тасодуфӣ интихоб гардиданд. Пурсишномаи пажӯҳиш шомили мушахассоти намунаҳои таҳқиқ , қад, вазн, син ва собиқаи фаъолияти варзишӣ буда ва андозаҳои антропометикии андоми фавқонӣ ва сипас амалкардҳои ҳаракатӣ ва натиҷаҳои тестҳои ҳар намуна ба таври джақиқ сабт гардид ва ҷиҳати эҷоди ангеза, ба манзури ҳамкории бештари донишҷӯён дар поёни анҷоми озмун аз онон пазироӣ ва сипас ёдбуде ба нафарот тақдим гардид.

Қобили зикр аст пеш аз иҷрои ҳар озмун тавзеҳоти кофӣ дар хусуси наҳваи иҷро пешниҳод гардид, то озмунҳо бо диққат ва кайфияти беҳтаре анҷом пазирад. Ба манзуни коҳиши маҳдудиятҳои ғайри қобили назорат дар муҳит саъй дар эҷоди муҳити яксон ҷиҳати тамоми намунаҳо гардид ва ҳамин далел аз салони тарбият бадани донишгоҳ ҷиҳати андозагириҳо ва низ анҷоми озмунҳои амалкардҳои истифода ва бархе масоили мавриди ниёз андозагирии антропометикӣ бо ҳамкороии бархе созмонҳо ба донишгоҳ интиқол дода шуд.

Ҷамъоварии иттилоот бо истифодаи дақиқ ва стандартҳои озмоишгоҳӣ дар ду бахш анҷом гирифт. Ҷиҳати андозагирии андозаҳои антропометрикӣ аз ду нав васила истифода ба амал омад:

Кулис бо диққати миллиметр ба манзури адозагирии арзи оранҷ, тулии камарбанди шонаӣ ва арзи банди даст. Метрии антропометрӣ ба манзури андозагирии тулди кафи даст, тулии даст, арзи бозу ва муҳити бозӯ. Наҳваи санҷиши амалкардҳои ҳаракатӣ монанди кашиши борфикс ва шинои суедӣ бар ҳазфи теъдоди онҳо ва масофати партоби вазнини омӯзишӣ бар ҳазфи метр ва бо метрии наворӣ ва низ озмуни ҳаракати дасти Нелсон бар ҳазфи теъдоди андозагирӣ шуда. Ин тест бо истифода аз тактиши Нелсон анҷом пазируфт. Ҷиҳати андозагирии андозаҳои антропометрикӣ мавриди назар тамоми намунаҳо дар толори тарбият бадании Донишгоҳи улум пизишкии Бақиятуллоҳ дар ҳоле ки либоси остини рикобӣ ва шалвори гармком ва кафши варзишӣ бар тан доштанд, ибтидо аз назари қаду вазн маварйди андозагирӣ қарор дошта ва дар форуми марбута сабт гардид. Сипас андозагириҳои лозим ба амал омад, додаҳои тулӣ ибтидо бо миллиметр табдил шуданд, то аз як тараф воҳиди яксоне барои тамоми камиятҳои тулӣ ба кор гирифта шуда бошад ва тарафи дигар тамоми мутағайирҳо аз ҳолати ашорӣ будан ба адади саҳеҳ табдил шаванд. Барои ин манзур аз як барномаи кӯчак ба забони Путин истифода шуд.

**Ёфтаҳо**. Байни андозаи тули бозӯ ва иҷрои озмунҳои борфикс, шинои суедӣ ва партови туби Медисин Бол иртиботи маънодоре мушоҳида гардид. Дар ҳоле ки байни андозаи тулии бозу ва суръати дасти Нелсон робитаи маънодоре мушоҳда нагардид. Байни андозаи тулии камарбани шонаӣ ва озмуни партоби туби Медисен Бол иртиботи маънодоре мушоҳида гардид. Дар ҳоле ки байни андозаи тулии камарбани шонаӣ ва озмунҳои шинои суедӣ, борфикс ва суръати дасти Нелсон робитаи маънодоре мушоҳида нагардид. Байни андозаи муҳити бозу ва озмуни партоби туби Медисен Бол иртиботи маънодоре мушоҳида гардид дар ҳоле ки байни андозаи муҳити бозу ва озмуни шинои суедӣ, борфик ва суръати дасти Нелсон робитаи маънодоре мушоҳида нагардид. Байни андозаи тулии кафи даст ва озмунҳои шинои суедӣ, борфикс, суръати дасти Нелсон ва партоби туби Медисен Бол робитаи маънодоре мушоҳида нагардид. Байни андозаи тулии соит ва озмуни борфикс иртиботи маънодоре мушоҳида гардид. Дар ҳоле ки байни андозаи тулии соит ва

озмунҳои шинои суедӣ, суръати дасти Нелсон в апартоби туби Медисен бол робитаи маънодоре мушоҳида нагардид. Байни арзи банди даст ва озмунҳои шинои суедӣ ва партоби туби Медисен Бол иртиботи маънодоре мушоҳида гардид. Дар ҳоле ки байни арзи банди даст ва озмунҳои борфикс ва суръати дасти Нелсон робитаи маънодоре мушоида нагардид. Байни арзи оринҷ ва озмунҳои борфикс, сруъати дасти Нелсон ва партоби туби Медисен Бол робитаи маънодоре мушоҳида нагардид. Байни арзи банди даст ва озмунҳои шинои суедӣ ва партоби туби Медисен Бол иртиботи маънодоре имушоҳида гардид. Дар ҳоле ки байни арзи банди даст ва озмунҳои борфикс ва суръати дасти Нелсон робитаи маънодоре мушоҳида нагардид. Байни арзи оринҷ ва озмунҳои борфикс суръати дасти Нелсон ва партоби туби Медисен Бол иртиботи маънодоре мушоида гардид. Дар ҳоле ки байни арзи оринҷ в аозмуни шинои суедӣ тавассути озмуданиҳо робитаи маънодоре мушоҳида нагардид. Байни муҳити соит ва озмунҳои шинои суедӣ борфик ва партоби туби Медисен Бол иртиботи маънодоре мушоҳида гардид. Дар ҳоле ки байни муҳити соит ва озмуни суръати дасти Нелсон робитаи маънодоре мушоҳида нагардид.

**Ҷадвали 1. Ҳамбастагии байни андозаҳои антропометрикӣ ва озмунҳои амалкардӣ**

| Арзиши P | Арзиши r | Озмунҳои амалкардӣ | Андозагириҳои антропометрикӣ |
|---|---|---|---|
| 0/000 | -0/289 | Борфикс | **Тулби бозӯ** |
| 0/002 | -0/219 | Шиноси суедӣ | |
| 0/080 | -0/122 | Партоби туби Медисен Бол | |
| 0/293 | -0/074 | Суръати дасти Нелсон | |
| 0/250 | 0/080 | Борфикс | **Тулии камарбанди шонаӣ** |
| 0/983 | -0/001 | Шиноси суедӣ | |
| 0/000 | 0/277 | Партоби туби Медисен Бол | |
| 0/584 | -0/083 | Суръати дасти Нелсон | |
| 0/477 | 0/050 | Борфикс | **Муҳити бозӯ** |
| 0/070 | 0/126 | Шиноси суедӣ | |
| 0/028 | 0/153 | Партоби туби Медисен Бол | |
| 0/540 | 0/043 | Суръати дасти Нелсон | |
| 0/172 | -0/096 | Борфикс | **Тулии кафи даст** |
| 0/687 | -0/028 | Шиноси суедӣ | |
| 0/984 | -0/001 | Партоби туби Медисен Бол | |
| 0/286 | -0/075 | Суръати дасти Нелсон | |
| 0/003 | -0/207 | Борфикс | **Тулии соит** |
| 0/053 | -0/135 | Шиноси суедӣ | |
| 0/860 | 0/012 | Партоби туби Медисен Бол | |
| 0/234 | -0/083 | Суръати дасти Нелсон | |
| 0/221 | -0/086 | Борфикс | **Арзи банди даст** |
| 0/002 | 0/214 | Шиноси суедӣ | |
| 0/001 | 0/231 | Партоби туби Медисен Бол | |
| 0/635 | 0/033 | Суръати дасти Нелсон | |
| 0/000 | 0/319 | Борфикс | **Арзи оринҷ** |
| 0/710 | 0/026 | Шиноси суедӣ | |
| 0/005 | 0/407 | Партоби туби Медисен Бол | |
| 0/031 | 0/151 | Суръати дасти Нелсон | |
| 0/048 | 0/138 | Борфикс | **Муҳити соит** |
| 0/015 | 0/017 | Шиноси суедӣ | |
| 0/005 | 0/290 | Партоби туби Медисен Бол | |
| 0/640 | -0/330 | Суръати дасти Нелсон | |

Бо таваҷҷӯҳ ба ёфтаҳои таҳқиқ шщояд битавон гуфт ки бархе аз андозагириҳои антропометрикӣ бар амалкарди ҳаракатии донишҷӯён таъсир дорад ва огоҳи додан ба донишҷӯён в аистифода аз андозагириҳои антропометрикӣ дар истеъдодёбӣ аҳамияти зиёде дорад.

**АДАБИЁТ**
1. Atwater A.E. Biomechanics of overarm throwing movements and of throwing injuries. Exercise and sport science review, №7 p. 43-85, 2009.
2. Bale-P. Anthropometric, body composition and performance variables of young elite female basketball players. J-Sports-JJL; piper-Fitness-2011. Jun; 31(2): 173-7.
3. Bolonhuk-www;Lukasaki-H,Siders-WA.The structural, functional, and nutritional of college basketball players over a season.J.Sports-Med-Phys-Fitness,2001. Jun, 31(2); 165-172.
4. Carlson R. and Carter L. Physique and motor performance characteristics of US national rugby players. Jurnal of sports sciences, Aug 2004, 403: 412.
5. Carter J.E.L. The somatotype of athletes. A review, Human biology, 42 P, 533-569, 2000.
6. Casgarande Giovanni and Viviani Franco. Somatotype of Italian rugby players. Vol 33 No. 1 March 2003, 65:69.
7. Charke H. David/ Research process in ph. E.R.H. 2000, P.395.
8. Clearn M.C. Motor learning and human performance. Robertn Singer 2005 P. 321
9. Emonuale Galdi. Russo Ivan Craziani/ Anthropometric somatotype of Italyan sport participant. J-Spots-Fitness. Vol 33 september 2003 P.282-91.
10. Fleishman Edwin A., The structure and measurement of physical fitness-by Prentice Hall. Inc Englewood cliffs. N.J 2006.
11. Fry-Ac; Ryan At; Schwood-RJ; Powell-DR; Kramer-WJ. Anthropometric characteristics as discriminators of body building success. J-Sports-sci 2001;9(1):23-32.
12. Hinrich R.N. Regression equation to predict segmental movements of interia form anthropometric measurements. An extension of data of chandler et al. Jurnal of biomechanics, 18:621-24, 2005.
13. Igboke NU/ Somatotypes of Nigerian power athlets, J-Sports –Med-Phsy-Fitness2001 sept 31(3), 439: 441.
14. Internation Society for the KIN abthropometry, Intrnational standards for the anthropometry assessment, 2001.
15. Kuba-K; Novake-A. The effect of breast feeding on anthropometric indicators in very young children-cesk-pediator.2002 cot' 47(10): 581-91

